МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
2021. №4

МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
2021.№4

YOUNG RESEARCHER
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
2021. No4

МАРКАЗИ ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2021

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2019 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Кобилчон Хушвахт	*Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорматулло Бадридинович	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Шерматов Нурмаҳмад	*Доктори илмҳои техникӣ, профессор*
Солиҳов Давлат Қуватович	*Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*
Сатторов Абдуманон	*Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*
Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич	*Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия*
Валиев Шариф Файзуллоевич	*Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор, декани факултети геологии ДМТ*
Расулиён Қаҳҳор	*Доктори илмҳои таърих, профессор*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ*
Низомова Туҳфамо Давлатовна	*Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор*
Одинаев Фурқат Фарҳодович	*Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
Сотиволдиев Рустам Шарофович	*Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Сафарализода Хучамурод Қуддус	*Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
Рачабов Имомиддин Ширинович	*Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
НуриддиновРаймалихон Шаҳбозович	*Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
Шарипов Фаридун Файзуллоевич	*Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
Устоев Мирзо Бобоҷонович	*Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ*

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2021©

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2019 г. Издается 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт	*Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Кароматулло Бадридинович	*Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Шерматов Нурмахмад	*Доктор технических наук, профессор*
Солихов Давлат Кувватович	*Доктор физико-математических наук, профессор*
Сатторов Абдуманнон	*Доктор физико-математических наук, профессор*
Валиев Шариф Нарзуллоевич	*Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора*
Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич	*Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ*
Расулиён Қаххор	*Доктор исторических наук, профессор*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор*
Дустов Хамрохон	*Кандидат филологических наук, доцент*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор*
Одинаев Фуркат Фарходович	*Кандидат экономических наук, доцент*
Сотиволдиев Рустам Шарофович	*Доктор юридических наук, профессор*
Сафарзода Бахтовар Амирали	*Доктор юридических наук, профессор*
Раджабов Имомиддин Ширинович	*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Сафарализода Хучамурод Куддус	*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Нуриддинов Раймалихон Шахбозович	*Доктор политических наук, профессор*
Шарипов Фаридун Файзуллоевич	*Доктор педагогических наук, доцент*
Устоев Мирзо Бободжонович	*Доктор биологических наук, профессор*

Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2021

TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SCIENTIFIC JOURNAL "YOUNG RESEARCHER"
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal was founded in 2019. It is published 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	*Doctor of Economics, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo Badridinovich	*Candidate of philological sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Shermatov Nurmahmad	*Doctor of technical sciences,* Professor
Solihov Davlat Quvatovich	*Doctor of physical and mathematical sciences*
Sattorov Abdumannon	*Doctor of physical and mathematical sciences*
Fayzulloev Erkin Fathulloevich	*Candidate of chemical sciences, dean of the chemical faculty*
Valiev Sharif Fayzulloevich	*Doctor of geological and mineralogical sciences, Professor*
Rasuliyon Qahhor	*Doctor of historical Sciences, Professor*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Dustov Hamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of philological sciences,*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Nizomova Tuhfamo Davlatovna	*Doctor of Economics, Professor*
Odinaev Furqar Farhodovich	*Candidate of Economics, assistant professor*
Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science*
Sotivoldiev Rustam Sharofovich	*Doctor of law, Professor*
Safarzoda Bakhtovar Amirali	*Doctor of law, Professor*
Rajabov Imomiddin Shirinovich	*Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science*
Nuriddinov Raymalikhon Shahbozovich	*Doctor of politics, Professor*
Sharipov Faridun Fayzulloevich	*Doctor of pedagogical sciences, Professor*
Ustoev Mirzo Bobojonovich	*Doctor of Biological sciences, Professor*

Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Phone: (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2021

ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ- ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

МАСОИЛИ “ АНКЛАВ”-ҲО ДАР РАВАНДҲОИ МИНТАҚАВИИ ВОДИИ ФАРҒОНА

Абдуҷалилов С.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Анклав чист ва он аз эксклав чи фарқ дорад? Дар луғатҳо менависанд: **Анклав** (аз калимаи фаронсави enclave ва лотинӣ inclavere – ман бо як калид маҳкам мекунам гирифта шудааст) дар ҳуқуқи байналхаҚӣ анклав қисми ҳудуди давлати дигар мебошад, ки ҳудуди давлати худро иҳота кардааст.

Эксклав қисми ҳудудии ҷуғрофие мебошад, ки аз қисми асосии давлати худ ҳудуди давлати дигарро иҳота намудааст. Тафовут байни анклавҳо ва эксклавҳо вуҷуд дорад танҳо аз онҷое ки аз куҷо назорат мекунанд, чунки барои шумо анклав барои сокинони дигар давлат эксклав мебошад ва ё бараъкс. Аксарияти мутахасисон чунин ақида доранд, ки эксклав ин ҳама истилоҳи касби мебошад, чунки дар нутқи гуфтор ва адабиёти иҷтимоӣ ва сиёси шумо метавонед ба анклав шинос шавед.Водии Фарғона дар худ ҷанбаи мураккаби нажодӣ ва фарҳангӣ дорад, зеро дар байни кишварҳо тақсим шудааст: Тоҷикистон, Қирғизистон ва Узбекистон ки минтақаи иқтидори низоъ мебошад. Масоили асосии водии Фарғона: баҳсҳои минтақавии наздисарҳадӣ, шиддатнокӣ байни нажодӣ ва экстремизи радикалӣ мебошад. Тавре маълум аст, мушкилоти марзии водии Фарғонаро кишварҳои минтақа аз рӯзи Истиқлолияти худ ба мерос гирифтаанд ва он яке аз масъалаҳои ҳ алталаб то ба имрӯз боқӣ мемонад. Дар се даҳаи истиқлол дар минтақаи водии Фарғона ин мушкилӣ ба таври васеъ ба назар мерасад. Таҳлили сиёсати минтақавии қудратҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ нисбат ба водии Фарғона хеле душвор ба назар мерасид. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалисти сиёсатшиносӣ ба таҳқиқи мафҳумҳои нави фазоӣ шурӯъ кард. Тамоюлҳои геополитикии водии Фарғона аз афзоиши таваҷҷӯҳи кишварҳои бузург ба вазъи минтақа, бинобар афзоиши интиқоли нерӯи барқ аз Осиёи Марказӣ ба бозори ҷаҳонӣ ва аз тарафи дигар, аз мушкилоти амнияти байналмилалӣ шаҳодат медиҳанд.

Омили этнополитикӣ дар водии Фарғона яке аз мураккабтарин ва таъхирнопазиртарин дар маҷмааи геополитикии имрӯза ба шумор меравад, ки ба ҳам омезиш ёфтани мушкилоти минтақавӣ дараҷаи шиддати этнополитикии минтақаро муайян мекунад. Ҳазорон нафар одамон дар давлатҳои нави Осиёи Марказӣ пас аз пошхӯрии Шӯравӣ ба ҷустуҷӯи << ватани таърихӣ >> шитофтанд, ки ин вазъи муҳоҷиратро дар минтақа ба куллӣ тағйир дод, мушкилоти диаспораҳо, ифротгароии динӣ, муноқишаҳои захиравӣ, экологӣ ва дохили этнополитикӣ метавонанд ихтилофи ҷиддии байнидавлатиро ба вуҷуд оранд, ки омили анклавӣ дар муносибатҳои дуҷонибаи минтақавӣ нақши муҳим мебозад.Арзёбии аҳамият ва миқёси хушунат ва потенсиали низоъ дар водии муосири Фарғона яке аз мавзӯъҳои маъмултарин дар омӯзиши Осиёи Марказии пасошӯравӣ мебошад. Ин минтақаи сераҳолӣ аз қадим ҳамчун макони муноқишаҳои пинҳонии байни миллатҳо тавсиф карда мешавад. Аз нуқтаи назар, минтақаи водии Фарғона натанҳо макони зисти наздики се гурӯҳи этникии калон – қирғизҳо, ӯзбекҳо ва тоҷикон мебошад, ки дар шабакаи ҷомеаҳо ба ҳам вобастагӣ доранд, балки ҷойҳое мебошанд, ки аксар вақт гурӯҳҳои қавмӣ бо ҳам мепайванданд. Ҳудуди сиёсӣ пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ водии Фарғона ҳамчун минтақаи ноустувор ва бӯҳрон, ки аз ҷиҳати даргириҳои байни динҳо ва миллатҳо хатарнок аст, номгузорӣ карда шуд. Чунин суханронӣ Осиёи Марказиро ҳамчун макони дахолати доимӣ тавсиф карда, ҷомеъаи ҷаҳонро даъват намуд, ки барои таҳкими ваҳдати иҷтимоӣ ва паст кардани шиддати низоъ чораҳои зарурӣ бинанд. Аммо, чунин амалҳо ба ҳамоҳангӣ дар ҷомеаъҳо парокандагӣ оварда нарасонанд, зеро онҳо аз шароити маҳаллӣ ҷудо шуданд ва равишро ба сулҳсозӣ таҳия карданд, дар ҳоле ки онҳо аз ҷиҳати техникӣ ва расмиёт аз ҳад зиёд пур карда шуданд. Гузашта аз ин, ба ҷуз аз нодуруст муайян кардани сабабҳои муноқишаҳо созмонҳои байналмилалии кӯмакрасон аз афзоиши авторитаризм дар Осиёи Марказӣ норозигӣ ва ноустуворӣ дар минтақа пуштибонӣ

карданд. Тааҷҷубовар аст, ки дар бисёре аз корҳои таълимию сиёсӣ зарурати тағирот, ки бояд аз берун аз ҷомеаи байналмилалӣ бидуни назардошти воқеиятҳои маҳаллӣ таъкид карда мешуд идома ёфт, ки дар навбати худ ба афзоиши минъбада мусоидат кардааст. Бинобар ин, ҳадафи таҳқиқоти мазкур фаҳмидани муноқишаҳо дар минтақаҳои наздисарҳадии Қирғизистон ва Тоҷикистон тавассути усули далелӣ мебошад. Қисми ҷанубии Қирғизистон, ки як қисми водии Фарғона аст, ба саҳнаи ду муноқишаи хунини байни миллатҳо мубаддал гаштааст, ки сабабҳояш ҳанӯз бартараф карда нашудаанд. Дар ин фазо тамоми мушкилоти асосии амният, инчунин мушкилоти ҳалношудаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ мутамарказ шудаанд. Ғайр аз ин, бо назардошти ҳолатҳои муайян, андозаи фаромарзии минтақавӣ ба миён омада истодааст.Дар асарҳои илмии муосир, ки ба ин минтақаи стратегии Осиёи Марказӣ бахшида шудаанд низоъҳо ҳамчун муҳимтарин хусусияти хоси он нишон дода шудаанд: Води ҳамчун макони эҳтимоли ноустувори манбаи муноқишаҳо байни миллатҳо баррасӣ мешавад.Водӣ ба се давлати Осиёи Марказӣ алоқамандӣ дорад. Низоъҳо дар қисми аввали водиҳо ва дигар қисми водиҳо паҳн шудаанд. Бинобар ин устувории водии Фарғона аз устувории Осиёи Марказӣ муайян карда шудааст.Дар натиҷаи ҷудо шудани Иттиҳоди Шуравӣ тақсимоти тарафҳо байни ҷумҳуриҳо хусусияти маъмурӣ дошт, зеро аз рӯи ҳисоби зиёд дар сифати байналхалқӣ қабул шудааст. Давлати нави мустақил ва ҳудудҳои сарҳадии давлатҳо муайян карда шудаанд. Дар ҳамон лаҳза (соли 1991- 1997) дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ оғоз шуд, ки дараҷаи фавтидагон зиёда аз 60 ҳазор одам мерасид ва тақрибан миллион нафар маҷбур шуданд то зодгоҳи худро тарк кунанд. Тақрибан 100 ҳазор одамон ба Афғонистон ва дигар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Россия фирор кардаанд. Вазъияти бесуботии водии Фарғона мумкин ба шумораҳои дар поён баёншуда иборат мебошад.

1) **Омили нажодӣ.** Дар тамоми мамлакатҳои Осиёи Марказӣ аҳолиҳои гуногуни ҳамсоя давлат зиндаги мекунанд ва дорои забони худ фарҳанг ва дини худ мебошанд;

2) **Масъалаҳои ҳудудӣ.** Мавҷуд будани баҳсҳои ҳудуди ва масъалаи муайян намудани тақсимшавии сарҳади давлати ва масъалаҳое,ки алақаманд аст ба бурида гузаштани сарҳад

3) **Муносибатҳои тарафҳо.** Муносибатҳои дутарафаи иҷтимои маъданӣ ва шидатнокии байнинажоди;

Дар солҳои охир зуд зуд низоъҳо байни сокинон ба амал меояд, ки омили нажодиро касб намудааст. Ба ақидаи бисёри нажодшиносон ва сиёсатшиносон тамоми низоъҳои Осиёи Марказӣ аз ду сабаб вобаста аст; баҳси замин ва об. Масъалаҳои ҳудудӣ дар ноҳияҳо аз солҳои 30-уми асри 20 монда буданд, вақте ки бе ҳисоботи нажодӣ сарҳадҳоро байни ҷумҳуриҳо барқарор карданд.

АДАБИЁТ:

1. Азимов Н. Параметрҳои этнотериториявии амният дар Осиёи Марказӣ. 10.06.2004.Душанбе, с.290.
2. Бобоҷонов А.Я. Хавфҳои муҳоҷирати кишварҳои Осиёи Марказӣ. МГИМО,2007,с.19.
3. Ҷалилов К. Мушкилоти амният дар маҷмааи геополитикии Осиёи Марказӣ, Душанбе 2004. С.52.
4. Джекиенкулов А. Дипломатияи Қирғизистон дар давраи чолишхо. 6.01.2006.с 98.

МАСОИЛИ “АНКЛАВ”-ҲО ДАР РАВАНДҲОИ МИНТАҚАВИИ ВОДИИ ФАРҒОНА

Дар мақола аҳамияти геополитикии водии Фарғона мисли омили бесуботӣ дар муносибатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ мешавад. Аз ин рӯ, таҳлили мушкилоти асосии водии Фарғона дар фаҳмиши вазъи умумии Осиёи Марказӣ нақши муҳим дорад. Инчунин, мушкилоти кишварҳои наздисарҳадии Осиёи Марказӣ, ки дар водии Фарғона мутамарказ шудаанд таҳлил карда мешавад.

Калидвожаҳо: масъалаи сарҳадӣ, низоъҳои нажодӣ, дипломатия, анклав.

< АНКЛАВЫ>> В РЕГИОНАЛЬНЫХ ПРОЦЕССАХ ФЕРГАНСКОЙ ДОЛИНЫ

В статье рассматривается геополитическое значение Ферганской долины как фактор нестабильности во взаимоотнашениях стран Центральной Азии. Поэтому анализ основных проблем Ферганской долины играет важную роль в паниминии общей обстановки в Центральной Азии и вокруг нее.Так же анализируются проблемы приграничных государств Центральной Азии,которые сосредоточенны в Ферганские долины.

Ключевые слова: проблема границ, этнический конфликт, дипломатия, анклав.

<< ENCLAVES>> IN REGIONAL PROCESSES OF THE FERGANA VALLEY

The article analyzed the geopolitical importance of the Fergana Valley as a factor of instability in the interstate relations of Central Asian countries. Therefore, analysis of the main problems in the Fergana Volley plays a big role

in understanding of the situation in Central Asia and outside the region. The problems of the border states of Central Asia, which are concentrated in the Fergana Volley, are also analyzed.
Keywords: boundaries problems, diplomacy, enclave, ethnic conflicts.

Сведения об авторе: ***Шарипов Амриддин Нуридинович***- Таджикиский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.
Абдуджалилов Сайёд – Таджикиский национальный университет, магистр кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан, **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.

Information about the authors: ***Sharipov Amriddin Nuridinovich*** - Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor of department of diplomacy and foreign policy Republic of Tajikistan. **Address:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17.
Abdujalilov Sayod **–** Tajik National University, master of the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan,. **Address:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17.

НАҚШ ВА МАҚОМИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ ДАР МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ПАДИДАҲОИ НОМАТЛУБИ ЗАМОНИ МУОСИР

Иброҳимов Алишер
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оғози ҳазораи нав дар муносибатҳои байналхалқӣ тағйиротҳои бунёдиеро фароҳам овард, ки хусусияти равобити кишварҳои ҷомеаи ҷаҳониро ба куллӣ дигаргун намуд. Марҳилаи муосир бори дигар исбот намуд, ки ҳеҷ як кишвар наметавонад, ки аз кулли таҳдиду зуҳуроти номатлуби муосир барканор бошад. Дар ин самт танҳо талоши дастаҷамъонаи кишварҳо метавонад инсониятро аз масоили муосири умумибашарӣ раҳоӣ бахшад. Дар чунин шароит аҳамияти ҳамкориҳои мутақобила баръало возеҳ мешавад. Ҷаҳони араб, ки дар оғози асри навин яке аз манотиқи геостратегӣ ва дорои захираҳои бои табиӣ мебошад, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Баъди воқеоти маълуми 11-уми сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико вазъи сиёсӣ ва геополитикии ҷаҳон таъғир ёфт. Дар Осиё низ вазъият таъғир ёфта, таҳаввули навъҳои равобити мутақобилаи байни кишварҳо мазмуни нав ва мураккабтарро касб менамояд.Имрӯз барои ҳамагон возеҳ аст, ки омили муассири сиёсати ҷаҳонӣ дар оғози асри XXI вобастагии мутақобилаи кишварҳои ҷаҳон мебошад. Ба сохтори сиёсати ҷаҳонӣ дар қатори кишварҳо субектҳои нави ғайридавлатӣ, ширкатҳои фаромиллӣ фаъолона ворид шуданд. Ин раванд номи ҷаҳонишавиро дорад. Хусусияти ин раванд дар он ифода меёбад, ки таъсиси ниҳоду механизмҳои сабти сиёсии равандҳое, ки кайҳо аз чаҳорчӯбаи кишварҳои ҷудогона баромадааст, зарурати таъхирнопазир касб намудааст. Дар чунин шароит таҳким ва густариши муносибатҳо бо кишварҳои ҷахони араб ҷавобгӯи манофеи миллӣ буда, дорои хусусиятҳои хосе, аз қабили субот, муколамаи мунтазам, ҳусни тафоҳум ва таъмини ҳамкории бунёдӣ ва мутақобилан судманд аз даврахои пешин фарқ мекунад.Яке аз вокунишҳои олами ислом ва ба хусус Созмони ҳамкории исломӣ ба раванди зуҳур ва ташаккули терроризм ва хатари он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ин қабули 3 апрели соли 2002 дар шаҳри Куала-Лумпури Малайзия Эъломияи Куала-лумпурии Созмони конфронси исломӣ оид ба терроризми байналхалқӣ ба хотири ваҳдати исломӣ, мо, Вазирони корҳои хориҷии Созмони конфронси исломӣ дар Куала-Лумпур ҷамъ омада қатъияти дастаҷамъонаи худро оид ба мубориза бо терроризм ва вокуниш ба ҳаводисе, ки ба мусулмонон ва кишварҳои исломӣ баъди амалҳои 11 сентябри соли 2001 таъсир мерасонанд, изҳор менамоем;

Мо боз ба иҷрои чораҳое даъват мекунем, ки пештар дар доираи Созмони конфронси исломӣ дар мубориза бо терроризми байналхалқӣ қабул шуданд; аз ҷумла Кодекси рафтор оид ба мубориза бо терроризми байналхалқӣ, Эъломияи Созмони конфронси исломӣ дар бораи мубориза бо терроризми байналхалқӣ, ки ҳамзамон мафҳуми терроризмро тавзеҳ медиҳад, Эъломияи Ҷаласаи Фавқуллодаи 9-уми Вазирони корҳои хориҷии Созмони конфронси исломӣ, инчунин қатъномаҳои мутаносиби Созмони конфронси исломӣ оид ба мубориза бо терроризми байналхалқӣ;

Мо изҳороти пешакии сарвазири Малайзия Моҳатҳир Муҳаммадро ба инобат гирифтем, ки санади асосии ин Ҷаласаи Фавқуллода мебошад; Мо боз пайгирии худро аз принсип ва таълимоти аслии Ислом таъкид мекунем, ки таҷовузро намеписанданд, сулҳ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтиромро арзиш медорад, инчунин қатли одамони бегуноҳро маҳкум менамоянд;

Мо тамоми талоши алоқамандсозии Ислом ва мусулмононро бо терроризм маҳкум менамоем, зеро терроризм бо ягон дин, тамаддун ё халқият алоқамандӣ надорад;

Мо боз такрор менамоем, ки амалҳои пешгирикунанда дар мубориза бо терроризм набояд натиҷаи ҷудо намудани қавмӣ ё динӣ бошанд ва ё ба ҷомеаи муайян равона гарданд;

Мо якдилона амалҳои терроризми байналхалқиро дар тамоми шаклу зуҳуроташ, аз ҷумла терроризми давлатӣ, новобаста аз сабаби ҷиноятқорон ё қурбониён маҳкум менамоем, зеро терроризм ба ҳаёт, сулҳ ва амнияти байналхалқӣ таҳдиди ҷиддӣ намуда, вайронанамоии даҳалонаи ҳуқуқи инсон мебошад.

Мо боз мавқеи принсипиалиро дар асоси ҳуқуқи байналхалқӣ, Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи қонунӣ будани муқобилият алайҳи таҷовузи хориҷӣ ва муборизаи мардуми зери роҳбарии мустамликавӣ ё бегона қарордошта ва истилои хориҷӣ барои озодии миллӣ ва худмуайяннамоӣ такрор менамоем;

Инчунин мо афзалияти эҳтиромии ҳуқуқи гуманитарии байналхалқиро оид ба ҳифзи аҳолии осоишта таъкид менамоем;

Мо тамоми талоши алоқамандсозии терроризмро бо муборизаи мардуми Фаластин дар татбиқи ҳуқуқи истиқрори давлат дар Ал-Қудс Ал Шариф (Байтулмуқаддас) ба сифати пойтахти худ маҳкум менамоем;

Мо тамоми талоши алоқамандсозии кишварҳои исломӣ ё ҳаракати муқовимати фаластинӣ ва лубнониро бо терроризм маҳкум менамоем, ки монеаи муборизаи ҷаҳонӣ бо терроризм ба шумор меравад;

Мо Исроилро барои ташаннуҷи амалҳои ҳарбӣ бар зидди халқи Фаластин, ба шумули зулми ҳаррӯза ва таҳкир нисбати шаҳрвандон маҳкум менамоем, ки ба афзоиши қурбониҳо, буғӣ кардани иқтисоди Фаластин, вайроннамоии муназзам ва таҳқиромези хонаҳо ва манзилҳои истиқоматӣ, инчунин, инфрасохтор, ниҳодҳо ва сохтори идораи Мухторияти милли Фаластин оварда мерасонад;

Мо муҳимияти муроҷиат ба решаҳои терроризми байналхалқиро таъкид менамоем, боварӣ дорем, ки ҷанг ба муқобили терроризм ғолиб намегардад, то он замоне, ки муҳити парваришменамудаи терроризм, аз ҷумла истилои хориҷӣ, ноадолатӣ ва беҷазо мондани гунаҳкорон шукуфо бошанд.

Мо боз пайгирии худро ба амалҳои байналхалқии мубориза бо терроризми байналхалқӣ таъкид менамоем, ки дар асоси принсипҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла принсипи дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, эҳтиромии истиқлолият ва ягонагии ҳудудӣ, инчунин ҳуқуқи байналхалқӣ ва эъломияҳои мутаносиби байналхалқӣ ва механизмҳо амалӣ гардад;

Мо тамоми амалҳои яктарафаро ба муқобили кишвари мусулмонӣ дар қаринаи мубориза терроризми байналхалқӣ маҳкум менамоем, зеро он ҳамкории байналхалқиро ба муқобили терроризм коҳиш медиҳад;

Мо даъвати худро оид ба гузаронидани конфронси байналхалқӣ таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид барои таҳияи вокуниши дастаҷамъонаи ҷомеаи байналхалқӣ ба терроризм дар тамоми шаклу зуҳуроташ.Ҳамин тариқ, мо пайгирии худро ба амалҳо дар сатҳи миллӣ тавассути ҳамкории байналхалқӣ дар мубориза бо терроризми байналхалқӣ такрор менамоем ва нисбати чунин Барномаи амал ризоият медиҳем:

Барномаи амал:Бо ин мақсад мо Комитет оид ба терроризми Созмони конфронси исломӣ аз 13 кишвар бо рӯйхати кушод дар сатҳи вазорат бунёд менамоем, ки салоҳияти пешниҳоди тавсияҳо оид ба масъалаҳои зеринро дорад:

- чораҳо оид ба таҳкими ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии Созмони конфронси исломӣ дар мубориза бо терроризми байналхалқӣ;
- омӯзиши роҳҳои ҷараёни иҷроиши Кодекси рафтори Созмони конфронси исломӣ ва Эъломияи мубориза бо терроризми байналхалқӣ;
- чораҳо оид ба инъикоси имиҷи аслии ислом. Ин ҳолат гузаронидани семинарҳоро оид ба мусоидати дарки беҳтари Ислом ва принсипҳои онро дар назар дорад;

- чораҳо оид ба таҳкими муколама ва дарки миёни тамаддунҳои мухталиф, фарҳанг ва ақидаҳо, масалан, инкишофи чунин ташаббусҳо, аз қабили Муколамаи тамаддунҳои Созмони Милали Муттаҳид, Ҷамъомади муштараки Созмони конфронси исломӣ – Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳамоҳангӣ ва тамаддун.

Чораҳои дигар, дар асоси Оинномаи Созмони конфронси исломӣ, инчунин Мулоқот ва қатъномаҳои Созмони конфронси исломӣ, дар ҷавоб ба ҳодисаҳое, ки ба мусулмонон ва Ислом дар радифи мубориза бо терроризм дахл доранд.Мо розием, ки Комитет тавсияҳои худро ба кишварҳои аъзо ва вохӯрии вазирони Созмони конфронси исломӣ баҳри баррасӣ ва амал пешниҳод менамояд. Комитет салоҳияти омӯзиши кори дигар созмонҳои байналхалқиро дар масъалаи вобаста ба терроризми байналхалқӣ ба даст меорад. Кишварҳои узви Комитет дорои мандати гузоштани ҳиссаи худ дар кори гурӯҳи Созмони конфронси исломӣ дар Ню-Йорк оид ба масъалаи терроризми байналхалқӣ соҳиб мешаванд.Мо дар самти ақди пешакии Эъломияи ҳамаҷониба оид ба терроризми байналхалқӣ кор хоҳем намуд. Дар ин радиф мо дастгирии мавқеи худро такрор менамоем, ки аз ҷониби кишварҳои аъзои Созмони конфронси исломӣ дар музокироти пешбар оид ба ин Эъломия қабул шудааст.Мо дар самти ҳамоҳангии байналхалқии муайяннамоии терроризм ва амалҳои террористӣ кор хоҳем намуд, ки аз муборизаи қонунӣ ва муқовимати мардум бар зидди роҳбарии мустамликадорон ва бегонагон, истилои ҳарбӣ баҳри озодии миллӣ ва худмуайяннамоӣ ҷудо буда, Эъломияи ҳамаҷониба оид ба терроризми байналхалқӣ ворид мегардад. Мо дар самти баргузории конфронси байналхалқӣ таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҷавоби муштарак ва муназзами ҷомеаи байналхалқӣ ба терроризм дар тамоми шакли зухуроташ кор хоҳем намуд.

Мо дар тамоми ҷамъомадҳои бисёрҷониба самти ягонаи изҳори мавқеи аслии қонунии муборизаи мардумро бар зидди роҳбарии мустамликадорон ва бегонагон, истилои ҳарбӣ баҳри озодии миллӣ ва худмуайяннамоӣ пайгирӣ менамоем.Мо корро бо кишварҳои дигар давом дода талоши ҷомеаи байналхалқиро дар мубориза бо терроризми байналхалқӣ дастгирӣ хоҳем намуд, ки таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид бо тариқи шафоф ва дар асоси принсипҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, ҳуқуқи байналхалқӣ ва эъломияҳои мутаносиби байналхалқӣ ва механизмҳои он қабул мешаванд.

Мо тамоми талошро дар сатҳи байналхалқӣ барои мусоидат ба режими дастаҷамъонаи амниятӣ амалӣ хоҳем намуд, ки ҷавобгӯйи эҳтиёҷоти тамоми кишварҳо, инчунин мусоидат ба рушди муҳити мувофиқи сиёӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, баҳри пахши фаъолнокии террористӣ ва рафъи сабабҳои он равона шудааст.

Сабабҳои муттаҳидшавии ҷаҳони араб хеле зиёд ва мухталифанд, онҳо на танҳо қонуниятҳои умумиҷаҳонӣ, балки бисёр хусусиятҳои инкишофи ҷомеаи арабиро низ инъикос менамоянд. Имрӯз бояд халқи араб проблемаҳои зиёди иқтисодӣ, маданиро ҳал намуда, дар баробари ин ба таҳдидҳо зиёд ҷавоб гӯяд, зарурияти мустаҳкамшавии кишварҳои араб, ҷустуҷӯи шаклҳои нави ҳамкорӣ, ки ба ҳалли ин масъалаҳо мусоидат намоянд, зарурияти таърихист. Аз ин рӯ, дар иҷлосияи IX мулоқоти сарони кишварҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ, ки 13 ноябри соли 2000 дар Давҳа (Қатар) баргузор гардида, ба ин масъала бештар диққат додаанд. Аз ҷумла, бо пешниҳоди аксари баромадкунандагон доир ба масъалаи тероризми байналмиллалӣ, низоъҳои минтақавӣ, ки барои кишварҳои Осиёи Миёна хавфу хатари зиёд дорад пешниҳодҳо ва андешаҳо баён гардиданд. Махсусан баромади Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҳалли қазияи Афғонистон, ки дар он Созмони Конфронси Исломӣ алоқаи бевосита дорад, ҷалб карда шуд.Набудани сулҳу ороми дар Афғонистон, дар кишваре, ки имрӯз амалан маркази терроризми байналмиллалӣ ва истеҳсоли маводҳои мухаддир тадбил ёфтааст, ҳалли ин қазия вазифаи ҳар як давлати аъзои Созмони Конфронси Исломӣ ба шумор меравад. [6] Чуноне ки худи Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд; "Созмони Конфронси Исломӣ истифодаи бо фишангҳои таъсир, ки дар ихтиёри худ дорад, ба қувваҳои мухолифи дигар махсусан ба Толибон ва гурӯҳҳои дигари он дар ҳаққи Афғонистон метавонад саҳм гирад.Мулоқоти ғайринавбатии Созмони конфронси исломӣ 7 декабри соли 2005 дар шаҳри Макка се гурӯҳи масъалаҳоро баррасӣ намуд - мубориза бо терроризми байналхалқӣ, низоъҳо дар ҷаҳони ислом ва ислоҳот дар ин созмон, ки 57 кишварро муттаҳид намудааст.Ҳадафи конфронс "барқарор намудани имичи ислом, ки бо ҳамлаҳои террористӣ таҳти шиорҳои динӣ сурат гирифтанд" мебошад. [10]

Ҳамзамон, қабули Эъломияи Макка – санаде дар назар аст, ки "асоси самти муътадили муқобилияткунанда бо ифротгарӣ чи дар дохили ислом ва чи бар зидди онро дар бар мегирад. Эъломия даъвати додани ҷавоби қатъӣ ва сахт буда, ҷонибдори эъломи душманӣ алайҳи тамоми зуҳуроти терроризм мебошад".Дия Равшан, таҳлилгари маркази тадқиқоти стратегии "Ал-Аҳром" ишора намуд, ки мулоқот "ба таҳкими ягонагӣ ва якдилии олами ислом мусоидат намуда, боварии онро ба худ эҳё месозад, кӯмак месозад, то дар корҳои ҷаҳонӣ нақши самаранок бозида, ба муқобили таҳдидҳои асри XXI истодагарӣ намояд". Ба ин ҳадаф аъзоёни Созмони конфронси исломӣ ба он талош доранд, ки ин созмон узви доимии Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид бошад, ин амр ба кишварҳои исломӣ имкони бозидани нақши фаъол дар умури ҷаҳониро медиҳад. Аҳмад Зард, сиёсатшиноси Созмони конфронси исломӣ байналхалқӣ чунин меҳисобад, ки ислоҳот ва азнавсозии Созмони конфронси исломӣ имкони боло бурдани нақши сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии онро дар саҳнаи ҷаҳонӣ фароҳам меорад. Асоси азнавсозӣ мебояд тағйири оиннома, бунёди сохторҳои назорати ичроиши қарор, танзими низоъ байни мусулмонон, муборизa бо ифротгарӣ, иртиҷоъгарӣ ва терроризм мебошад"[8].Маҳз ин зарурат ивази номи созмонро аз Созмони конфронси исломӣ ба Созмони ҳамкории исломӣ амалӣ намуд.Дар чаҳорчӯбаи сафари худ ба Москва котиби генералии Созмони конфронси исломӣ Акмалиддин Эҳсоноғлу аз 6-уми сентябри соли 2006 изҳор дошт, ки мо зидди ифротгарӣ, терроризм ва иртиҷоъгарӣ дар тамоми шакл ва зуҳуроташ мебошем. Мо терроризме, ки шахси алоҳида, гурӯҳҳо ё кишварҳо амалӣ менамоянд, маҳкум месозем. Терроризмро маҳкум намуда, мо изҳор менамоем, ки он ба ислом ягон муносибат надорад.

Ҳамзамон мо муҳокимаронихои вобаста ба бархӯрди тамаддунҳоро, ки аввалин маротиба дар китоби Самюэл Хантингтон таъкид гашта буд, беасос медонем. Ягон бархӯрди тамаддунҳо сурат намегирад. Ҳар як нафаре, ки бо таърихи башарият ва фарҳанг ошност, медонад, ки тамаддунҳо бархӯрд намекунанд. Бархӯрд натиҷаи низои манфиатҳо буда, онҳо ба хотири рақобати сиёсӣ сар мезананд. Ҳадафи онҳо барқарор намудани ҳокимияти худ аз болои дигарон, ғасби заминҳои дигарон, тавсеаи ҳудуд, истилои он, истифодаи боигарӣ ва захираҳои табии он мебошад. [6]Дар ин самт баррасии масъалаи Афғонистон, хамчун кишвари нооромкунандаи минтақа ва яке аз пойгоҳҳои пайдоиши терроризм дар доираи Созмон хеле муҳим мебошад. Мавқеи асосии созмон нисбати қазияи Афғонистон номумкин будани ҳалли зӯрии масъала мебошад. Дар ин самт зарурати ҳамкории амиқи Созмони ҳамкории исломӣ ва Созмони Милали Муттаҳид баҳри бунёди шароитҳои мусоиди дастёбӣ ба сулҳ миёни халқҳои Афғонистон мебошад [5]. Оиди масъалаи Фаластин ва аҳамияти он дар бобҳои боло зикр намудем. Яке аз омилҳои пайдоиши Созмони ҳамкории исломӣ низ маҳз мушкилоти марбут ба Фаластин ва мавқеи Исроил мебошад. Айни замон зиёда аз 4 млн. фаластиниҳо дар ҳоли фирорӣ қарор доранд. Баҳсҳои тӯлонӣ, мавқеи яктарафи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва иттифоқчиёни ғарбии Исроил масъалаи Фаластинро ба яке аз мушкилоти мубрами сайёра табдил додааст. [4]Ба ҷойи дарёфти ҳалли мусолиматомези масъала Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 6 декабри соли 2017 қарореро ба тасвиб расонид, ки Байтулмуқаддасро пойтахти Исроил эътироф менамуд.Дар ҷавоб ба амали Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз 6 декабр соли 2017 оид ба эътирофи Байтулмуқаддас ҳамчун пойтахти Исроил роҳбарони кишварҳои мусулмон қисмати шарқии онро пойтахти Фаластин донистанд. Мулоқоти ғайринавбатии Созмони ҳамкории исломӣ дар Анқара ба мақсади таҳияи вокуниши ягонаи ҷаҳони мусулмонӣ ба қарори маъмурияти президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Доналд Трамп аз 6 декабр оид ба эътирофи Байтулмуқаддас ҳамчун пойтахти Исроил ва интиқоли сафорати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба он ҷо даъват гардид. Конгресси Амрикоӣ чунин қонунро аллакай соли 1995 қабул намуда буд, вале президентон маъмулан ҳукми қонунӣ гирифтани онро ба таъхир меандохтанд. Дар навбати худ, фаластиниҳо қисмати шарқии Байтулмуқаддасро ҳамчун пойтахти давлати ояндаи худ меҳисобанд.Айни замон Фаластин давлати қисман эътирофшуда ба шумор меравад: 136 кишварҳои — узви Созмони Милали Муттаҳид (такрибан 70% ҳайати Ассамблеяи генералии созмон) истиқлолияти онро эътироф менамоянд. Фаластинро асосан кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Амрикои Шимолӣ эътироф намесозанд. Миёни онҳо панҷ аъзои Шӯрои Амният мебошад: Британияи Кабир, Фаронса, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико. Истиқлолияти Исроилро 161 кишвари — узви

Созмони Милали Муттаҳид (ба ғайр аз аксарияти кишварҳои мусулмон) эътироф менамоянд [2].

Дар маҷмӯъ, мубориза бар зидди терроризм, ифротгарой, хушунат ва масъалаҳои актуалии муосир яке аз самтҳои асосии фаъолияти Созмони ҳамкории исломӣ ба шумор меравад, ки дар эъломия ва ҳуҷҷатҳои қабулнамудаи он инъикос мегардад. Зиёда аз он мубориза бар зидди хатарҳо яке аз принсипҳои базавии ташкил, фаъолият ва дурнамои созмонро дар бар мегирад. Дар анҷом ба чунин хулоса омадан мумкин аст, дар ҷаҳони муосир мутаҳид гардидани тамаддунҳо дар асоси айниятҳои фарҳангӣ ба вуҷуд меояд. Бояд як нуқтаро таъкид намоям, ки нақши Таҷадудди Ислом дар низоми муосири сиёсати байналхалқӣ барҷало намудор аст. Дар хулосабарории умумӣ гуфта метавонам, ки ислом дар замони муосири ҷойгоҳи хеле бузургро соҳиб гаштааст. Ин ҷойгоҳ дар низоми ташаккулёфтаи муносибатҳои байналхалқӣ, сохтори сиёсии низоми ҷаҳон нақши муассир мебозад. Бо боварии комил гуфта метавонам, ки хонандаи мӯҳтарам метавонанд дар натиҷаи мутолиаи мақолаи банда оиди тафовути тамаддуни Ислом нисбат ба дигар тамаддунҳо, нақши ҷойгоҳи Ислом дар муносибатҳои байналхалқӣ ва назарияи исломии равобити байналмилалӣ фаҳмиши мушаххас оиди ҷудо будани ислом аз терроризм пайдо намоянд

АДАБИЁТ

1. Абу Йусуф ал-Куфи Китаб ал-харадж //Пер. с араб. и коммент. А. Э. Шмидта М. , 2001г.
2. Абу Хамид ал-Газали Воскрешение наук о вере //Пер. с араб. Исслед. и коммент . В. В. Наумкина М. , 1980г.
3. Бартольд В. В. Работы по истории ислама и Арабского халифата Соп. IV М., 1966г.
4. Джа-лал ад-Дин ас-Суйути Совершенство в коранических науках //Пер. с араб. и коммент. Д. В. Фролова.
5. Ибн Хаджар ал-Аскалани Булуг ал-марам //Пер. с араб. и коммент. Э. Р. Кулиева.
6. Исламский фактор в международных отношениях в Азии.Сборник статей. Москва.1987г.
7. Крачковский И. Ю. Избранные сочинения .-Т 1-6 М.–Л. , 1955-1960гг.
8. Мухйи-д-Дии ан-Навави Сады праведных //Пер. с араб. примеч. и указ В. М. Нирша М. , 2002г.
9. Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалии Раҳмон, 2014. www.prezident.tj
10. Хрестоматия по исламу// Сост. С. М. Прозоров, М., 1994г.

НАҚШ ВА МАҚОМИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ ДАР МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ПАДИДАҲОИ НОМАТЛУБИ ЗАМОНИ МУОСИР.

Дар нимаи дуюми асри ХХ нақши «омили Исломӣ» дар фазои ҳамаи кишварҳои мусулмон ва саҳнаи муносибатҳои байналхалқи возеҳ падидор гашт. Дар раванди фаъолшавӣ он нишон дод, ки метавонад дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии бисёр кишварҳои дунё таъсири ҷидди дошта бошад. Таҳлили нақш ва ҷойгоҳи «омили Исломӣ» дар ҷаҳони Ислом ва сиёсати байналхалқии муосир хеле муҳим аст. Худи «омил» ифодагари калимаи «амалкунанда» мебошад, яъне ҳамаи амалиётҳое, ки аз лиҳози исломӣ дар кишварҳои мусулмонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ чашмрасу аҷлрас буда, нуфузу манзалати исломро нисбат ба динҳои дигар дар ҷаҳони муосир нишон медиҳанд.

Калидвожаҳо: омили исломӣ, тамаддуни ислом, чашмрас, ғояи исломӣ, амалкунанда, муносибатҳои байналхалқӣ, манзалат, муосир, кишварҳои амалкунанда, сиёсати дохилӣ, нуфуз.

РОЛЬ И СТАТУС ОРГАНИЗАЦИИ ИСЛАМСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА В БОРЬБЕ С НЕГАТИВНЫМИ ЯВЛЕНИЯМИ СОВРЕМЕННОГО МИРА

Во второй половине XX века роль «исламского фактора» проявилась в атмосфере всех мусульманских стран и на международной арене. В процессе активации он показал, что может оказать значительное влияние на внутреннюю и внешнюю политику многих стран мира. Роль и место «исламского фактора» в исламском мире и в современной международной политике очень важны. Само слово «фактор» относится к слову «действующий», то есть ко всем действиям, которые видны с исламской точки зрения в мусульманских странах и в международных отношениях и отражают авторитет ислама над другими религиями в современном мире.

Ключевые слова: исламский фактор, исламская цивилизация, видимый, исламская идеология, практика, международные отношения, позиция, современность, действующие страны, внутренняя политика, влияние.

THE ROLE AND STATUS OF ORGANIZATION OF ISLAMIC COOPERATION AGAINST NEGATIVE PHENOMENA OF TODAY`S WORLD

In the second half of XX century the role of “Islamic factor” appeared in the atmosphere of all Muslim countries in the international arena. During the process of activation it showed that can have an impact on the domestic and foreign policies of many countries. The role and tha status of Islamic factor is very important in Islamic world and in modern international politic. The word “factor” refers to the word “acting” that is, to all actions, which are visible from the Islamic point of view in Muslim countries and international relations and reflects the authority of Islam over other religions in today`s world.

Keywords: Islamic factor, Islamic civilization, visible, Islamic ideology, practice, international relations, position, acting countries, domestic policy, impact.

Сведения об авторе: ***Иброхимов Алишер*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса, специальности зарубежнего регионоведения, **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17

Information about the author: ***Ibrohimov Alisher*** - Tajik National University, second-year graduate student, specialty foreign regional studies, **Address:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17.

РОЛЬ ИСЛАМСКОГО ФАКТОРА В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АРАБСКОГО МИРА

Исроилова Н.З.
Таджикский национальный университет

Ислам считается одной из трех основных монотеистических религий мира и общее население его верующих, более 1,2 миллиарда. Как правило, страны, где мусульмане составляют большинство местного населения или ислам оказывает исторически глубокое влияние, классифицируются как исламские страны. Движимые историческими традициями и структурными факторами, Ислам по-прежнему оказывает основополагающее и решающее влияние на социальную жизнь и политику этих так называемых исламских стран, формируя их внутренние дела, а также их дипломатию и внешнюю политику. В области внешней политики ислам оказывает свое влияние через три основных каналов. Исходя из истории, религия ислам и образование Арабского Халифата объединили все Арабские племена, которые ранее жили в отдаленных местах, рассеянных на обширной территории, в единый народ и единую страну. В этот исторический процесс ислам был наделен некоторыми постоянными характеристиками. «Ислам» относится не только к божественной религии, но и представляет собой социальную группу, общество, нацию и государство, которое может быть рассматривается как фактическое политическое образование. В средние века традиционная практика теократических государств, которые интегрировали в религию с политической властью, была инициирована Арабскими лидерами, это остаётся в основном без изменений до современной истории, с некоторыми незначительными изменениями. Традиционная доктрина ислама утверждает, что режим государства, применяющего принципы и правила Аллаха должны поддерживаться и уважаться как законный режим, которому принадлежит власть управлять страной и обществом от имени Аллаха. [11]На протяжении всей истории Арабские страны объединялись и распадались, к примеру, может послужить образование Арабского Халифата в период которого были огромные завоевания земель и укрепление позиции на мировой арене. Османская Империя - реализованная идея Панарабизма и Панисламизма, когда все государства, которые сейчас суверенные были объединены в одну империю. Ислам должен быть объединен в единую политическую сущность, которую можно рассматривать как единственная родина для всех мусульман. В то время как трансцендентность используется для описания высшего статуса ислама, который превосходит статусы этнических групп и государств и неограниченные любыми барьерами связанных с языками, этническими группами или географическими подразделениями. Очень долгое время с раннего средневековья, основная идеология Исламской империи, как правило, делят людей на мусульман и не мусульман, и отдельной «исламской территорией» от «неисламской территорией» в соответствии с верованиями людей живущих на земле, из-за сильного влияния Ислама. Хотя они неспособны фактически устранить этническую дивергенцию внутри много этнических и трансконтинентальных исламских империй и неспособность создать национальное государство, которое предоставило полностью равные права для разных народов, панамская идеология считалась основной религиозной мыслью в средние века, идея солидарности, встроенная в лозунг «Все мусульмане мира - братья», на самом деле создали сильные религиозные эмоции, которые основывались на общей вере и пользовались широким распространением и влиянием на мусульман всего мира. В конце XX-го века, в Османской империи, последней исламской империи в истории, постоянно ослабевала власть над всеми завоеванными территориями и многие земли были аннексированы агрессивными Европейскими державами, которые постоянно расширяли свои территории путем применения вооруженных

сил. Столкнувшись с такой напряженной ситуацией, однажды османские монархи инициировал движение за исламское движение, призывая к солидарности всех Мусульмане мира, которые могли бы мобилизовать новый джихад, чтобы победить Европейские державы и защитить Османскую империю. Тем не менее, Панамское движение не смогло спасти Османскую империю. Но идеология Пан-ислама по-прежнему поклоняется, восхваляется и даже поддерживается в качестве части ценных исламских традиций некоторыми религиозными исламскими странами. Однако современные светские национальные государства, появившиеся в начале современной истории, точнее после Второй мировой войны, которая вызвала очевидные изменения в политико-религиозных отношениях многих Исламских стран. Тем не менее, большинство стран четко не заявили разделение политики с религией, а некоторые страны по-прежнему продвигают традицию теократии. [1] Примером может здесь послужить Египет. Одна из идей Анавра Садата в период правления Египтом – это перенять основные идеи Пан-арабизма от Османской империи где основополагающим фактором был Ислам. Анвар Садат пытался имплементировать, но она была провальной. Сегодня страны в Ближневосточном регионе можно разделить на три основные категории в соответствии с отношениями между политикой и религией.

Первый тип - те страны, которые четко заявили о разделении политики от религии, это Турция и Тунис. Второй тип те страны, которые все еще сохраняются в сложной системе теократии, на примере Саудовской Аравий. Одна из самых выдающихся характеристик государственной системы Саудовской Аравии - это очень тесная интеграция королевской власти, религии и правящей семьи, которые являются тремя ветвями своей сложной государственной системы которые совместно контролируют государственную власть. Иран считает себя республикой установленный во имя ислама, номинально следуя принципу сдержек и противовесов и функционирования политической системы на основе разделение трех ветвей политической власти. Однако существует Исламская конституция, контролирующая вышеупомянутые три ветви политической власти и «имама», ответственного за три ветви, как единственный верховный духовный лидер. Между тем некоторые страны, такие как Исламская Республика Пакистан, были созданы во имя ислама, даже если они отделяют свою политическую систему от религии. Под такие обстоятельства, внутренняя и внешняя политика этих стран неустойчивы и уязвимы, часто полны взлетов и падений и легко вмешиваются или даже влияют на их внутренних религиозных консерваторов. [10]. Третий тип состоит из тех стран, которые молчаливо отделяют политику от религии без четкой декларации. В этих странах, религии не разрешается вмешиваться в общественные дела, такие как политика, судебные дела, культура и образования, но их конституция не предусматривает какой-либо принцип, связанный с отделением политики от религии. Большинство исламских стран, таких как Египет, Сирия и Индонезия, относятся к этой категории. Саудовская Аравия - государство монархии, действующее в системе, которая объединяет политику с религией, где нет конституции, нет политической партии и без светской правовой системы, только с Коран и Хадисы пророка Мухаммеда считают важнейшими принципами государственной нормы над обществом и людьми, и только исламские религиозные законы, и правила, применяются в качестве юридического руководства для рассмотрения гражданских судебных процессов и споров. Его религиозный сектор, как правило, является частью его общего режим государства, потому что высший класс Саудовской Аравии разделяет общие основные интересы со своей королевской семьей и аристократическими кланами. Поэтому основная цель Саудовской Аравии Арабская внешняя политика - продвигать ислам и достижение своих национальных интересов через ислам. и даже укрепить свой статус лидера веры в исламский мир. [5 стр 349] После революции 1979 года Иран осуществил внешней политики «экспорта своей модели исламской революции» для определенный период, который был особенно консервативные исламские страны, такие как Саудовская Аравия. Таким образом, отношения с арабскими странами в регионе Персидского залива ухудшилось. Сохранение бдительности в отношении Ирана против его намерения «Экспорт революции» в течение 1980-х и 1990-х годов, арабские страны региона Персидского залива создали и поддержали Совет сотрудничества арабских государств Персидского залива.[9] Идея Панарабизма и Панисламизма прошла долгий путь, но при этом, учитывая, современные

реалии и глобализацию она не может быть имплементирована, потому что существуют определенные проблемы, которые появляются с развитием истории и развитием мира.

Международно-политические связи арабских стран и исламский фактор. С появлением ислама, систематическая и исключительная исламская философия, состоящая из взглядов на мир, на человеческую жизнь и на ценности были построены в соответствии с исламской верой, которая стали основой традиционной исламской культуры, которая обширно и постоянно влияет на восприятие и практику различных народов мусульман во всем мире. Единообразие относится к «признанию единственного Господа мир ", что означает, что все народы мира, вернее после распада Османской империи в 1924 году турецкий националисты свергли династический режим в своих демократических революциях и отменили устаревшие системы монархии и универсальный халифат. С тех пор политический и духовный центр Исламский мир больше не существовал, и исламские священнослужители стали получать занимающиеся проблемы, которая решена: какую систему можно использовать для поддержания единства исламского мира при новых обстоятельствах.[8 стр-671]. Образование организации «Лига Арабских государств» (ЛАГ) Лига арабских государств является региональной организацией арабских государств в Северной Америке и вокруг нее Африки, Африканского Рога и Аравии. Он был сформирован в Каире 22 марта 1945 года с шестью членами: Королевство Египет, Королевство Ирак, Трансиордан (переименованное в Иорданию в 1949 году), Ливан, Саудовскую Аравию и Сирию. Йемен присоединился к нему в качестве члена 5 мая 1945 года. В настоящее время Лига насчитывает 22 члена, но участие Сирии было приостановлено с ноября 2011 года в результате правительственных репрессий во время гражданской войны в Сирии.[6 стр-327] В 1962 году известные исламские муллы и представители собрались в Мекке. Во время их паломничества они учредили Панамскую международную религиозную организацию, озаглавленную «Рабтия аль-Алам аль-Ислами» (Лига исламского мира), которая была сознательно пропагандировали и организовывали Саудовскую Аравию, а затем расширился и включил более 60 организаций-членов и делегатов, штаб-квартира которого расположена в Мекке. В дополнение к этому чистый религиозной организации, Пан-Ислам также встроен в международную политическую организацию под названием «Организация Исламской конференции», Первоначально учрежденный в 1971 году и состоящий из 57 государств-членов. Его штаб-квартира была образована в Джидде. Эта организация также управляется и контролируется Саудовской Аравией. Позже Саудовская Аравия и Египет наконец, примирились друг с другом, потому что Египет потерпел фиаско в третьей арабо-израильской войне 1967 года и была необходима поддержка Саудовской Аравии и экономическая помощь для восстановления после войны. С тех пор Саудовская Аравия неоднократно подчеркивала значение своего руководства в религиозных делах во время его работы «Рабтия аль-Алам» аль-Ислами ", который был преобразован в свой собственный дипломатический инструмент для расширения своего влияния в исламском мире. В то же время Саудовская Аравия тратила все больше энергии и ресурсов на продвижение исламских ценностей, защищать права и свободу исламской веры и защищать интересы мусульманских меньшинств в разных частях мира, которые были включены в его дипломатию как важные и неотъемлемые части. Содержащие типичные характеристики панисламской международно-религиозной организации, «Рабтия аль-Алам аль-Ислами» имеет тенденцию подчеркнуть религиозные факторы в решении некоторых проблем и даже делает частичные или крайние выводы. Была учреждена «Организация Исламской конференции» на фоне арабо-израильских конфликтов с целью укрепления солидарности, взаимопомощи, сотрудничества и координация всех исламских стран в их международных отношений, чтобы они «могли говорить одним голосом». В его уставе инкорпорации подчеркивается общая религиозная вера всех исламских стран, которые можно рассматривать как прочную связь, связывающую народы Исламского мира, и призывает к широкому сотрудничеству между всеми членами государств в сферах экономики, социальных вопросов, культуры, образования и науки и техники, на основе солидарности.[2] Все резолюции, принятые этой организацией склонны достичь общего консенсуса среди исламских стран по некоторым общепринятым международным проблемам через консультации и переговоры, которые могут быть достигнуты стремясь найти общий язык на основе Устава Организация Объединенных Наций и общепризнанные принципы международного права. Поэтому это организация учредила подчиненный совет министров

иностранных дел действовать как канал и механизм для государств-членов для координации друг с другом по важнейшим вопросам международных отношений. Следует отметить что «Организация Исламской конференции», играет очень важную роль в международных делах, особенно в делах, связанные с арабо-израильскими конфликтами, Палестина-Израильской конфронтации и мирного процесса на Ближнем Востоке, а также вопросы, связанные с эндогенными конфликтами и общими интересами Исламских стран. Между тем она также формирует внешнюю политику государств-членов в значительной степени. Но идеология и практика Пан-Ислам не может принципиально исключить разногласия, споры и конфликты между исламскими странами для их собственных национальных интересов. «Иракско-иракская война», которая длилась 10 лет, может доказать этот момент как наиболее убедительный случай. Как одна из самых влиятельных фракций социальной мысли и идеологии в современное время.

Исламский фактор также проявляется и при обсуждении региональных проблем. Ярким примером здесь является палестино-израильский конфликт. «Этот конфликт не является ни антимодернистским, ни фундаменталистским, а сосредоточен главным образом на территориальном вопросе, который, в свою очередь, связан с некоторым религиозными и культурными вопросами, такими, например, как контроль над святыми местами с их иудаистскими и исламскими святынями».[3 стр-207] Это в первую очередь связано с Иерусалимом и его важным значением для мусульман в связи с нахождением там мечети Аль-Акса и Купола скалы. Поскольку в некоторых регионах мира религия играет особенную роль, то, естественно, она используется религиозными организациями, участвующими в общественной и политической жизни. Так, арабо-израильская война 1967 г. стала основным объединительным фактором всего исламского мира. В борьбе с Израилем и Западом мусульманские государства решили создать собственную промышленную и продовольственную базу на основе межарабской экономической интеграции, используя для достижения этой цели доходы от продажи нефти. В качестве примера здесь можно упомянуть проект Арабского Фонда Экономического и Социального Развития, предусматривающий программу развития агропромышленного комплекса Судана и превращения его в межарабскую продовольственную базу как альтернативу продовольственным поставкам западных стран. В рамках этого проекта предусматривались масштабные инвестиции в экономику Судана для строительства около 100 различных объектов, половина из которых непосредственно были связаны с сельскохозяйственным сектором. Однако в связи с падением цен на нефть в 80-х годах большинство из этих проектов были заморожены или переориентированы на финансирование через различные исламские банки. [1 стр-5]

ЛИТЕРАТУРА

1. Даньшин А.Ю. Экономические реформы и экономическая программа исламизма / Арабский восток: ислам и реформы (сборник статей) // Институт Африки РАН. – М., типография ГНЦ РФ «НИОПИК». – 2000. – с. 5
2. Игнатенко А.А. Ислам и политика: сборник статей / А.А. Игнатенко // Изд.: новое издательство, 2004. – С. 60
3. Левин З.И. Развитие основных течений общественно-политической мысли в Сирии и Египте / З.И. Левин // М.: Наука, 1972. – 207 с.
4. Лукичев Г.А. Развитие высшего образования в арабских странах (аналитический обзор) / Г.А. Лукичев // Alma mater: Вестн. высш. шк., 2008. – № 4. – 48-52 с.
5. Мирский Г.И. Ислам: история и современность / Г.И. Мирский // Новая и новейшая история, 2010. – № 1. – 349 с.
6. Поляков К.И. Хасан ат-Тураби: во главе исламских фундаменталистов в Судане / К.И. Поляков // Ближний Восток и современность. – М., 1999. – Вып. 7. – 327 с.
7. Сусоколов А. Принципы экономических отношений в традиционном исламе и ценности предпринимательства / А. Сусоколов // Истоки.
8. Социокультурная среда экономической деятельности и экономического познания. – М.: Издательский дом Высшей школы экономики, 2011. – 671 с
9. Journal of Middle Eastern and Islamic Studies (in Asia) Vol. 5, No. 3, 2011
10. Liu, Z. (2011: April). Commentary on the "Islamic state" ideology of Islamist, West Asia and North Africa. No.4.
11. Cordesman, A. (2003). Saudi Arabia enters the twenty-first century: The political, foreign policy, economic, and energy dimensions, Westport, CT: Greenwood Publishing Group.

НАҚШИ ОМИЛИ ИСЛОМӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СИЁСИИ КИШВАРҲОИ АРАБ

Нақш ва аҳамияти принсипҳои исломӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳои араб бештар аз потенсиали иқтисодии як давлати мушаххас ва аз сатҳи нуфузи сиёсии он дар ҷаҳон вобаста аст. Аз ин ҷиҳат, кишварҳои тавлидкунандаи нафт дар Халиҷи Форс дар муқоиса бо дигар кишварҳои арабӣ барои бунёди иқтисодиёт ва сиёсат дар чаҳорчӯбаи меъёрҳои исломӣ дар мавқеи муносибтаре қарор доранд.

Инчунин, барои ҳар кадом кишвари араб ҳамгироии иқтисодии байни исломӣ аҳамияти калон дорад. Гарчанде ки сатҳи гуногуни иҷтимоию иқтисодии рушди ҳар як кишвар вуҷуд дорад, бархӯрди манфиатҳои давлатҳои араб дар ҳамкорӣ бо кишварҳои ғайримусулмон, рақобат дар ҳуқуқи роҳбарии сиёсӣ ва динӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, дар ҳоли ҳозир дурнамои воқеии рушди ҳамгироии байни исломӣ вуҷуд надорад. Дар мавриди иқтисоди исломӣ гуфтан мумкин аст, ки он аз рӯи принсипҳои ахлоқӣ ва молиявии худ аҳамияти калон дорад. Модели иқтисодии исломӣ баробарии даромадҳо ва принсипи адолати иҷтимоиро муқаррар мекунад, аммо он инчунин чандирӣ ва қобилияти ислоҳоти меъёрҳо ва догматҳои исломро надорад, ки монеаи пешрафт аст.

Калидвожаҳо: дипломатия, дипломатияи араби, терроризм, сиёсати хориҷӣ, манфиатҳои миллӣ, ташкилоти сиёсии байналмилалӣ, ҳамгирой.

РОЛЬ ИСЛАМСКОГО ФАКТОРА В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АРАБСКОГО МИРА

Роль и значение исламских принципов в социально-экономической и политической жизни арабских государств во многом зависят от экономического потенциала отдельной страны и от степени ее политического влияния в мире. В этом смысле нефтедобывающие страны Персидского залива находились и продолжают находиться в более удобном положении для построения экономики и политики в рамках исламских норм, чем другие арабские страны. Также большое значение для каждой из арабских стран имеет межисламская экономическая интеграция. Хотя здесь имеет место различный социально-экономический уровень развития каждой страны, происходит столкновение интересов арабских государств в вопросах сотрудничества с немусульманскими странами, соперничество в праве на политическое и религиозное лидерство. Поэтому реальные перспективы развития межисламской интеграции в настоящее время отсутствуют. Что касается исламской экономики, можно сказать, что она имеет большое значение благодаря своим этическим и финансовым принципам. Исламская экономическая модель предписывает равенство доходов и принцип социальной справедливости, однако ей также свойственно отсутствие гибкости и возможности для реформирования норм и догм ислама, что является препятствием на пути прогресса.

Ключевые слова: дипломатия, арабская дипломатия, терроризм, внешняя политика, национальный интерес, международная политическая организация, интеграция.

THE ROLE OF THE ISLAMIC FACTOR IN THE POLITICAL ACTIVITY OF THE ARAB WORLD

The role and importance of Islamic principles in the socio-economic and political life of the Arab states largely depend on the economic potential of a particular country and on the degree of its political influence in the world. In this sense, the oil-producing countries of the Persian Gulf are in a more convenient position for building economies and politics within the framework of Islamic norms than other Arab countries. Also of great importance for each of the Arab countries is inter-Islamic economic integration. Although there is a different socio-economic level of development of each country, there is a clash of interests of Arab states in cooperation with non-Muslim countries, rivalry in the right to political and religious leadership. Therefore, there are currently no real prospects for the development of inter-Islamic integration. As for the Islamic economy, we can say that it is of great importance due to its ethical and financial principles. The Islamic economic model prescribes income equality and the principle of social justice, but it also lacks flexibility and the ability to reform the norms and dogmas of Islam, which is an obstacle to progress.

Keywords: diplomacy, Arab diplomacy, terrorism, foreign policy, national interests, international political organization, integration.

Сведения об авторе: ***Исроилова Нилуфар Зафарҷоновна*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **888.26.80.08**

About the autor: ***Isroilova Nilufar Zafarjonovna*** - Tajik National University, Master second course of the Department of International Relations, Tajik National University. Pone: **888.26.80.08 Address:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17.

ҲАДАФҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ КИШВАРҲОИ АБАРҚУДРАТ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Камолов Раҳматшо
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Минтақаи Осиёи Марказӣ ҳанӯз дар асри XIX-ум ба саҳнаи рақобатҳои густурдае, ки русҳо ва англисҳоро ба унвони ду бозингари асосӣ рӯ ба рӯи якдигар карор дода буд, табдил ёфт [7]. Россияи подшоҳӣ барои муқобила бо рақиби қудратманди аврупоии худ, ҳаракат ба сӯи Ҳиндустонро, ки Афғонистон ва Осиёи Марказӣ дар роҳи он мавқеъ дошта, мустамликаи арзишманди Британиё маҳсуб меёфт, ҳадаф қарор дод. Рақобати ду абарқудрати бузурги истисморгар дар ин минтақа маҳдуд намонд ва Эрон низ дар оғози

асри XX дучори пайомадҳои ин рақобати истисморӣ шуд. Қарордодҳои тақсими Эрон ба ҳавзаҳои нуфузи ду абарқудрати Аврупоӣ дар солҳои 1907 ва соли 1915 то Инқилоби Октябри соли 1917 бенатиҷа монд. Ридуард Киплинг ин руёруйро, ки ду бозингари бузурги Аврупоӣ даргири он буданд, ва арсаи он дар Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ғарбӣ қарор дошт, « Бозии бузург» номид [8]. Пас аз фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ, ташкили 15 ҷумҳурии мустақил ва дар пайи он эҷоди фазои холии геополитикӣ дар перомунии Россия [9], таваҷҷуҳи рохбарони Маскав ба масоили дохилии Федератсияи Россия ба унвони мубоҳисаи меҳварӣ ва асосии худ, бори дигар бо ҳузури бозингарони минтақавӣ ва байналмилалӣ «Бозии бузурги ҷадид» [10] аз нав вусъат гирифт. Аммо ин бор на ду бозингар, балки чандин бозингари минтақавӣ ва байналмилалӣ «Бозии бузурги нав»-ро дар Осиёи Марказӣ ва дар перомуни Баҳри Хазар шакл доданд [11]. Натиҷаи ин рақобатҳо бар раванди шаклгирии низоми ҳуқуқии ин баҳр (Баҳри Хазар) ошкор шуд [12]. Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ пас аз истиқлол бо таҳдидҳои гуногуни дохилӣ ва хориҷӣ рӯ ба рӯ шуданд. Мушкилоти рӯзафзуни миллатсозӣ, давлатсозӣ, гузариш аз иқтисодҳои баста ба иқтисоди сармоядорӣ ва якпорча шудан бо иқтисоди ҷаҳонӣ, мушкилоти муҳити зист, буҳронҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва ихтилофхои арзию марзӣ танҳо ҷилваҳои аз бесуботӣ ва нооромӣ дар ин минтақаро ташкил додааанд [13]. Раванди дигаргуниҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ, бо таҳаввулоти сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ин ҷумҳуриҳо пайванди қавӣ ёфта аст. Аз миён рафтани низоми коммунистӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, ҷомеаи минтақаро бо чолишхое чун интиқол ба низомҳои демократӣ дар шароити ҳузури пойдории боқимондаҳои замони коммунистӣ дучор сохта аст [14]. Ҳамҷавории ин ҷумҳуриҳо бо Афғонистон ва пайвандҳои қавмии миёни ин ҷумҳуриҳо ба вижа Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қирғизистон бо Афғонистон, интиқоли пайёмадҳои ҷанги дохилӣ дар Афғонистон ва ҳузури миллион тоҷик ва ӯзбек дар Афғонистон ин равандро шиддат мебахшад. Ҷанг бо терроризм ва сақвати режими толибон дар Афғонистон сабаб шуд, ки «Бозии бузурги нав» дар минтақа рушантар шавад [2]. Муҳимтарин бозингарони ин майдон иборатанд аз Россия, ИМА, ҶМЧ, Туркия, Покистон, Ҷопон, Эрон ва дигарон.

Дар охири асри XX тағйир ёфтани муносибати абарқудратҳо дар саҳнаи сиёсии ҷаҳон ва бархӯрди манфиатҳои геостратегии онҳо ҷиҳати дастёбӣ ба захираҳои фаровони кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба марҳилаи нав ворид мешавад. Дастгирии ошкоро ва ё пардапшонаи инқилобҳои ранга ва табаддулоти сиёсӣ бори дигар зиддияти шадиди манфиатҳои сиёсии қудратҳои ҷаҳониро собит менамояд. Чунин бархӯрди манфиатҳоро метавон дар вазъияти Афғонистон, Сурия, Ироқ, Яман ва Либия мушоҳида намуд. Дар чунин вазъи пешомада тарҳрезии заминаҳои интиқоли чунин рафторҳо ба минтақаи Осиёи Марказӣ низ аз эҳтимол дур нест.Таваҷҷуҳ ба Осиёи Марказӣ дар оғози асри XXI якбора зиёд гашт, ки ин қабл аз ҳама дар вусъат пайдо кардани диққати кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ба монанди ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамчун кишвари ҳамсоя ё Россия ҳамчун собиқ мустамликадори минтақа ва ИМА ҳамчун лидери эътилофи антитеррористӣ инъикос мегардад. Дар маркази таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрат қарор гирифтани минтақаи Осиёи Марказӣ ба се омили муҳим асос ёфтааст:

-омили иқтисодӣ-тиҷоратӣ – бо пешниҳоди лоиҳаи камарбанди иқтисодии шоҳроҳи Абрешим, ки Ҷумҳурии Мардумии Чин мехоҳад ҳузури худро дар минтақа мустаҳкам намояд;

-омили низомӣ-амниятӣ - ҳузури амниятиву иқтисодии Россия тавассути СААД ва ИИАО мустаҳкам мегардад;

-омили сиёсӣ-геополитикӣ – ИМА дар доираи НАТО ва эътилофи зиддитеррористӣ тавассути Афғонистон ба минтақа ворид мегардад [1]. Таъсири кишварҳои абарқудрат дар равандҳои минтақавӣ, қабл аз ҳама ба манофеи онҳо дар минтақа вобастагӣ дорад:

а) Чин дар Осиёи Марказӣ чунин ҳадафҳоро пайгирӣ менамояд:

1.Назорати қувваҳои ҷудоихоҳи “Туркистони Шарқӣ” (Уйғуристон). Аз соли 1990-ум инҷониб дар баробари зуҳури терроризми байналхалқӣ фаъолияти ҷудоихоҳӣ дар қисмати ғарбии Чин фаъол гашта, тадричан он ба яке аз гуруҳҳои бузурги террористӣ, сепаратистӣ ва экстремистӣ табдил ёфт, ки ба ягонагии давлати Чин ва устувории иҷтимоии ин минтақаи кишвар таҳдидзо арзёбӣ мегардад. Ҳаракати “Туркистони Шарқӣ” бо омилҳои таърихӣ, миллӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва динӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ алоқамандии зич

дорад. Дар робита ба ин, ҳадафҳои асосии самти минтақавии сиёсати хориҷии Чин - ин роҳ надодан ба фаъолияти ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва ифротӣ дар минтақа, пешгирӣ намудани хатарҳои ғайрианъанавӣ ба шумор меравад.

2. Чин тавассути таъмини амнияти боэътимоди стратегии худ суботи Осиёи Марказиро кафолат медиҳад. Минтақаи Осиёи Марказӣ бо ҳудудҳои Шимолу Ғарбии Чин пайванди марзӣ дорад. Ҷумҳурии Мардумии Чин дар самти амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ ва пешгирии сарҳади онҳо аз интиқоли ҳаракату ҷараёнҳои иртиҷоӣ ва ифротии Афғонистон манфиатдор аст ва ба таҳкими он талош меварзад.

3. Рушду тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва табдили он ба яке аз сарчашмаҳои асосии воридоти энергия ба Чин. Энергия-қисми асосии ҳамкориҳои иқтисодии Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Кафолати боэътимоди таъмини энергия ба иқтисодиёти рушдёфтаистодаи Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳадаф ва вазифаи дарозмуддати дорои аҳамияти стратегидоштаи Чин ба шумор меравад. Баъд аз таъмини устувори расонидани нафт аз Россия ба кишварҳои Осиёи Марказӣ Чин метавонад вобастагии худро аз ноустувории ҳолати байналмилалӣ кам созад [3].

б) Ҳадафҳои стратегии Россия дар Осиёи Марказӣ.

Федератсияи Россия кӯшиши ҳифзи муносибатҳои вижаро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаҳои низомӣ-амниятӣ, сиёсӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳатто забонӣ дорад. Мақсади ниҳоии сиёсати Россия дар минтақа иборат аз ҳамгироии сиёсӣ, иқтисодӣ ва таъмини амниятӣ мебошад. Асосан, воридшавии Россия ба минтақаи Осиёи Марказӣ аз се марҳила иборат мебошанд: - солҳои 1990-1997;- солҳои 1997-2001;-аз соли 2001 то имрӯз.

Манофеи сиёсӣ ва сиёсати Россия дар Осиёи Марказӣ аз ҷанбаҳои зерин иборат мебошанд:

1. Қисмати асосии манфиатҳои кунунии Россияро масоили амниятӣ ташкил медиҳад. Он махсусан дар шароити ҳозираи Россия хеле мубрам мебошад. Ин мубрамият пеш аз ҳама дар нуқтаҳои зерин дида мешавад: а) таҳдид ба Россия аз тарафи терроризми байналхалқӣ ва экстремизми динӣ; б) қочоқи маводи мухаддир ба Осиёи Марказӣ аз Афғонистон, ки асосан ҳамчун сарчашмаи истеҳсолоти маводи мухаддир дар ҷаҳон ва таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти минтақа шинохта шудааст;

в) сатҳи сеюми манфиатҳои давлатии Россия дар Осиёи Марказӣ ба проблемаи амниятӣ ва устувории минтақа алоқамандӣ дорад. Ниҳоят, дар самти амниятӣ Россия назораткунандаи Осиёи Марказӣ ҳамчун “дарвозаи қафо” шинохта мешавад, ки эҳтимолияти воридшавии назорати кишварҳои абарқудратро ба минтақа пешгирӣ менамояд [4].

2. Яке аз манфиатҳои иқтисодии Россия дар Осиёи Марказӣ афзудани ҳаҷми гардиши молҳо ва густариши иқтисодиёти кишвар дар минтақа вобаста ба низоми иқтисодӣ ва алоқамандии ҳамгироии онҳо бо Россия ба ҳисоб меравад. Бархи дигари манфиатҳои иқтисодии Россия дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба манобеъи энергия вобастагӣ дорад. Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати захираҳои табиӣ, аз ҷумла нафт ва газ хеле бой мебошад. Ҳадафи Федератсияи Россия таҳти назорати худ гирифтани сарчашмаҳои асосӣ ва хатҳои интиқоли маводи сӯхт ва энергия маҳсуб меёбад.

Илова бар ин, дар Осиёи Марказӣ шумораи зиёди русзабонҳо умр ба сар мебаранд, ки ҳифзи амнияти ва ҳуқуқҳои онҳо аз манфиатҳои хосаи Россия ба ҳисоб меравад. Пас аз фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар собиқ кишварҳои шӯравӣ тақрибан 20 млн. рустаборон боқӣ монданд, ки сеяки онҳо дар ҳудудҳои Осиёи Марказӣ зиндагӣ мекарданд. Яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии Россия таъмини ҳуқуқ ва баробарии иҷтимоии рустаборон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад.

3. Манфиати дигари Россия нигоҳ доштани мавкеъ ва нуфузи геополитикии худ дар минтақа ба ҳисоб меравад.

в) Ҳадафҳои ИМА дар Осиёи Марказӣ. Манфиатҳои Иёлоти Мутаҳидаи Амрико дар Осиёи Марказӣ дар солҳои аввали баъд аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҳанӯз шакл нагирифта буданд. Нақши Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии ИМА танҳо баъд аз

воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 ба таври возеҳ муайян гардид. Ҳадафҳои ИМА дар Осиёи Марказӣ метавон бо нуқтаҳои зерин арзёбӣ намуд:

1. Ҳадафи асосии ИМА дар Осиёи Марказӣ мубориза бар зидди терроризми байналхалқӣ мебошад. Консепсияи амрикоӣ ва стратегияи амниятии Амрикоро воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 рух дода иваз намуданд. Терроризми байналхалқӣ ба яке аз таҳдидҳои амнияти миллии ИМА табдил ёфт ва мубориза алайҳи он яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ба ҳисоб мерафт. Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳои муҳими муборизаи глобалии терроризми байналхалқӣ мебошад. Минтақаро ҳудудҳое иҳота кардааст, ки дар онҳо террористони байналхалқӣ фаъолияти бештар доранд. [5]

2. Ҳадафи дигари ИМА дар Осиёи Марказӣ таҳти назорат гирифтани захираҳои энергетикии баҳри Хазар маҳсуб меёбад. Самти муҳими стратегияи ИМА ин зери назорат гирифтани захираҳои энергетикии ҷаҳонӣ мебошад, ки ҳавзаи баҳри Хазар дар он нақши калидиро мебозад. Минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҳавзаи баҳри Хазар аз ҷиҳати захираҳои нафтӣ баъд аз Шарқи Наздик дар ҷойи дуюм қарор дорад. Аз ин лиҳоз, ИМА назорати ин захираҳоро яке аз ҳадафҳои асосии хеш қарор додааст.

3. Роҳандозии стратегияи геополитикии ИМА дар Осиёи Марказӣ ҳадафи навбатии ИМА ба ҳисоб меравад. Пас аз воқеоти террористии 11 сентябри соли 2001 Амрико зери ливои мубориза бар зидди терроризм қушунҳои худро вориди Осиёи Марказӣ кард, ки ин амал ба фазои таъсири анъанавии Россия дар минтақа монеа эҷод кард. Пойгоҳҳои ҳарбӣ, ки Амрико дар Осиёи Марказӣ таъсис дод, ба ин кишвар имкон доданд, ки рушди таъсири Чин ва Россияро дар минтақа маҳдуд созад. Аз ҷониби дигар ин падида ба истиқлолияти сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ нисбатан мусоидат намуд. Ҳамзамон воридшавии ИМА ба минтақа дар ташкили иттифоқи зиддиамрикоии Россия ва Чин монеа эҷод намуд.

Дар ҳоли имрӯз, Осиёи Марказӣ дар саҳнаи геополитикии ҷаҳони муосир мақом ва нақши муҳим дошта, дар бораи паёмад ва дурнамои он дар доираҳои илмии ҷаҳон баҳсҳои зиёде мавҷуданд. Бояд қайд кард, ки ин масъала баъд аз пошхӯрии Иттиҳодияи Шӯравӣ ба миён наомадааст, зеро бархӯрди Британияи Кабир ва Русия барои нуфузи сиёсӣ дар минтақа ҳанӯз қабл аз таъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ сар шуда буд ва то ҳол масъалаи актуалӣ ба шумор меравад. Осиёи Марказӣ минтақаи муҳими ҳамкориҳои бисёрсамта ба ҳисоб меравад. Мавқеи ҷуғрофии мусоид, сарватҳои табиӣ, нафти хом, газ ва дигар захираҳои табии минтақа диққати қудратҳои ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст. Осиёи Марказӣ аз нигоҳи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ минтақаи бузург ба шумор рафта, ба ду қисм тақсим мегардад – аз шимол (Қазоқистон ва Қирғизистон), аз ҷануб (Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон) [6]. Раванди таҳаввулоти Осиёи Марказӣ баёнгари он аст, ки минтақаро ба тадриҷ вориди бозии хатарнок карда истодаанд. Дар вазъияти нави геополитикии ҷаҳон муносибати Россия ва Ғарб (хоса ИМА) тезутунд шуда истодаасту кишварҳои Осиёи Марказиро зарур аст, то дар раванди амалигардонии стратегияи сиёсати хориҷии хеш ин омилро ба эътибор гиранд. Қудратҳои манфиатдор баҳсҳои ҳассоси марзии миёни кишварҳои минтақаро тақвият дода, бо ин роҳ мехоҳанд вазъи сиёсиро ноустувор карда, барои низоъҳои дохили минтақа замина омода намоянд. Ҳар яке аз абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ барномаҳои мушаххаси стратегии дарозмуддати худро барои таъмини нуфуз дар Осиёи Марказӣ тарҳрезӣ кардаанд. Дар айни замон, се барномаи иқтисодии бузургҳаҷм: «Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё» аз ҷониби Россия, «Камарбанди иқтисодии Роҳи абрешим» аз ҷониби Чин ва «Осиёи Марказии Бузург» аз тарафи Амрико тарҳрезӣ ва амалӣ шуда истодаанд. Рақобат байни ин қудратҳо барои касб кардани нақши калидӣ дар минтақа ба омили таҳдидкунанда ба амнияти минтақа табдил ёфтааст. Дар аксари лоиҳаҳо манфиатҳои миллию давлатии худи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар дараҷаи дувум қарор дорад. Барномаи «Камарбанди иқтисодии роҳи абрешим» равобити иқтисодии Чинро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самтҳои мухталиф тақвият медиҳад. Лоиҳаи мазкур аз ҷумлаи барномаҳои бузурги иқтисодии Чин маҳсуб ёфта, амалӣ шудани он нақши иқтисодии Чинро дар Осиёи Марказӣ ва Аврупо куллан тағйир медиҳад. Тибқи назари коршиносон сармоягузорӣ ва таваҷҷуҳи зиёди Чин ба минтақа ояндаи наздик метавонад барои Россия монеаи ҷиддӣ шавад. «Ҳадафи Чин, пеш аз ҳама, пайдо кардани нақши калидӣ

дар рушди иқтисодӣ ва баъдан, таҳти таъсири сиёсӣ қарор додани Осиёи Марказӣ мебошад. Чин мехоҳад дар чорчӯбаи СҲШ сохтори ҳамгироии иқтисодии минтақавиро таъсис дода, бо ин роҳ кишварҳои ҳамсояро бештар ҷалб кунад, зеро қарзҳои имтиёзноки Чин дар рушди минтақа нақши муҳим касб карда истодаанд». Дар айни ҳол ҳамкориҳои бисёрсамтаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо Чин ва Россия хеле назаррас буда, таъсиси Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё онро собит мекунад. Россия, ки ташаббускори аслии ин барномаҳост, мехоҳад тавассути ин созмонҳо на танҳо амнияти ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро ҳифз намояд, балки дар навбати аввал манфиатҳои сиёсӣ ва геополитикии худро пайгирӣ кунад. Аммо, муаммои минтақа дар чист? Амрико ва шариконаш барои касб кардани нақши сиёсӣ дар минтақа лоиҳаи «Осиёи Марказии Бузург»-ро тарҳрезӣ кардаанд, ки куллан хилофи ҳадафҳои Чину Россия мебошад. Азбаски ИМА роҳбарии эътилофи СҲААШ- ро ба уҳда дорад, бояд дар назар дошт, ки ҳама гуна ҳамкориҳои ИМА бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба хотири танг кардани нуфузи рақибонаш дар минтақа мебошад. Ҳарчанд кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ ба барномаи «Ҳамкорӣ барои сулҳ»-и Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ имзо намудаанд, вале дар татбиқи барномаҳои сиёсӣ ин санад ягон нақши меҳварӣ надорад. Амрико барномаи мушаххаси ворид шудан ба минтақаи Кафқоз ва Осиёи Марказиро ҳанӯз соли 1997 тарҳрезӣ карда буд. Он то имрӯз моҳияти геосиёсияшро гум накарда, баръакс бештар дастгирӣ пайдо карда истодааст. Дар шароити бархӯрди қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи сиёсию иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба як муаммои сарбаста табдил ёфтааст. Дар ин бозиҳо ҳар як рафтори сиёсии ноҷо аз ҷониби ин ё он абарқудрат метавонад сабаби аз байн рафтани амнияти минтақа гардад. Зеро бархӯрди манофеъи қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ омили асосии таҳдидкунанда ба амнияти кишварҳои минтақа гардида, ба раванди сиёсӣ ва идеологии онҳо таъсир расонда, метавонад боиси ба таҳрик даровардани низоҳои дохилӣ гардад. Вобаста ба вазъи кунунии Осиёи Марказӣ метавон чунин ибрози назар кард: Ҷумҳурии Казоқистон аз лиҳози ҷуғрофӣ тарзе ҷойгир шудааст, ки бо ду давлати дорои силоҳи ҳастаӣ ҳамсарҳад аст. Бинобар ин, қудратҳо то андозае кафили таъмини амнияти Қазоқистон буда метавонанд. Ин кишвар бо ягон давлати аз лиҳози сиёсӣ ноустувор ҳамсарҳад намебошад. Чунин мавқеи ҷуғрофӣ ба суботи сиёсию иҷтимоии кишвар таъсири мусбӣ мерасонад. Аммо, яке аз мушкилоте, ки давлатҳои Осиёи Марказиро бо ташвиш овардааст, паҳн гардидани ақидаҳои ифротгароист. Амалҳои террористии дар Қазоқистон ва Қирғизистон рухдода инро собит намуд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон мисли дигар давлатҳои ҳамсоя аз нигоҳи ҷуғрофӣ нақши хосро дорост. Ӯзбекистон худро ҳамчун лидери Осиёи Марказӣ муаррифӣ намуда, иддаои мустақилонаи таъмини амнияти худро дорад. Ин кишвар бо Ҷумҳурии Афғонистон ҳамсарҳад бошад ҳам, хати сарҳади хеле кӯтоҳ дошта, он бо истифода аз тамоми имкониятҳои мавҷуда ва таҷҳизоти пешрафта назорат мешавад. Ҳамчунин, дар ҳамкорӣ бо минтақаҳои ӯзбекнишини Афғонистон барои худ минтақаи буферӣ сохтааст. Бинобар ин, Ӯзбекистон омилҳои таҳдидкунандаи худро берун аз сарҳад, дар ҳамин минтақа ҳаллу фасл мекунад. Давлатҳои дигари ҳамсарҳад барои он ҳеҷ хатаре эҷод намекунанд, зеро дар сурати рух додани ягон муноқиша метавонад сарҳади худро куллан бандад. Чунин амалро Ӯзбекистон чанд бор такрор карда аст. Ҷумҳурии Қирғизистон мавқеи ҷуғрофии хеле мувофиқ дорад. Аввалан, ҳамсарҳад будан бо Чин кафолати амнияти ин кишварро таъмин месозад ва аз тарафи дигар, Россия ва Қазоқистон низ дар таъмини амнияти он саҳми калон доранд. Лекин дар воситаҳои ахбори омма айни замон водии Фарғона ҳамчун манбаи таҳдид барои амнияти ин кишварҳо (Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон) муаррифӣ мешавад. Водии Фарғона ҳамчун нуқтае, ки кишварҳои дигар метавонанд онро ба манфиати худ истифода баранд, вале бо баҳонаи нишон додани «вазъи ногувори идеологӣ» заминаи дохил шудани худ ба минтақаро омода мекунанд. Дар асл, водии Фарғона мушкилот дорад, вале на дар миқёсе, ки васоити ахбори хориҷӣ онро нишон медиҳад. Туркманистон дар сиёсати хориҷии худ мақоми бетарафиро ихтиёр намудааст. Ҳарчанд ки аз нигоҳи сиёсӣ ором ба назар расад, вале ҳамчун давлати калидӣ ҳама вақт дар мадди

назари бозиҳои ҷаҳонию минтақавӣ қарор дорад. Хусусан, агар дар минтақа нақши Эронро ба назар гирем, Туркманистон ягона кишвари минтақа мебошад, ки бо Эрон 992 км марзи муштарак дорад. Ҳанӯз барномаи интиқоли гази Туркманистон аз тариқи Афғонистон ба Покистон ва Ҳиндустон лоиҳаи ТАРІ сабаби пайдо шудани «Ҳаракати Толибон» ва ба зери назорат қарор додани ин масир гардид. Аз лиҳози ҷуғрофӣ низ Туркманистон дар маркази минтақа ҷойгир аст ва ноором кардани ин кишвар метавонад тамоми кишварҳои ҳамсоя ва ҳатто Эрон ва минтақаи Қавқозро низ ноором кунад. Зеро Туркманистон баъди Россия аз ҷиҳати захираҳои табии газ ҷои дувумро мегирад ва захираи гази он 22 трлн. м3 (ҷои 5 – ум дар ҷаҳон) мебошад. Тоҷикистон низ мавқеи ҷуғрофии муносиб дорад, чун аксари манбаҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ аз ин ҷо сарчашма мегиранд ва ин омили муҳим сабаби таваҷҷуҳи кишварҳои бузурги минтақа, давлатҳои ҳамсоя ва абарқудратҳои ҷаҳонӣ чун ИМА, Россия ва Чин ба Тоҷикистон гардидааст. Инчунин, Тоҷикистон нисбат ба давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сарҳади тӯлонитар дорад. Азбаски вазъи сиёсии Афғонистонро пешбинӣ кардан ғайриимкон аст, он ҳамчун манбаи таҳдиди минтақавӣ боқӣ мемонад. Кишварҳои Ғарбӣ ва Амрико новобаста аз эълони таъмини сулҳу субот дар Афғонистон, ягон кори ҷиддие дар ин самт анҷом надода истодаанд. Дар умум, Тоҷикистон ба дастгирии ҳамаҷониба дар доираи ҳамкориҳои созмонҳои мазкур оиди масъалаи Афғонистон бештар эҳтиёҷ дорад. Бо дарназардошти вазъи кунунӣ дар минтақа бояд сиёсати аз нигоҳи таҳлилӣ асоснокгардида амалӣ карда шавад. Нигоҳ доштани мувозинати сиёсӣ ва геополитикӣ бо абарқудратҳои ҷаҳонӣ хеле муҳим аст, зеро ноором гардидани вазъи сиёсии яке аз ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ боиси ноамнии кишварҳои дигари минтақа ва ҷаҳон шуда метавонад. Айни ҳол, абарқудратҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ бевосита манфиатҳои стратегии худро пайгирӣ менамоянд ва ба масъалаҳои ҳамгироӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ он қадар аҳамият намедиҳанд, баръакс, онҳо сабаби ба вуҷуд омадани нуқтаҳои даргир дар минтақа гаштаанд. Дар айни замон, аксари кишварҳои минтақа дар муқобили падидаи нави хатарнок терроризм ва экстремизм қарор дошта, хатари ба ҳудуди минтақа паҳн гаштани терроризми байналмилалӣ вуҷуд дорад. Зеро иштироки шаҳрвандон дар ҷангҳои дар Сурия ва Ироқ дар сафи ДИИШ вазъи амниятӣ ва идеологиро боз ҳам печидатар кардааст.Бинобар ин, сохторҳои қудратии салоҳиятдори давлатҳои Осиёи Марказиро лозим аст, ки дар муборизa бо экстремизм ва терроризм ҳамкориҳои тарафайнро таҳким бахшанд. Аз омилҳои бесуботӣ дар ҳудуди минтақа муштаракан пешгирӣ намоянд, зеро таҳдид ба яке аз ин кишварҳо маънои таҳдид ба тамоми давлатҳои Осиёи Марказиро дорад. Дар чунин вазъият барои таҳкими амнияти минтақавӣ ва коҳиши осебпазирии давлатҳои Осиёи Марказӣ аз бархӯрди манфиати қудратҳои ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ ба нуқтаҳои зерин муҳим аст: тақвият бахшидани равандҳои ҳамгироӣ дар минтақа аз тариқи таъсис додани барномаҳои муштарак дар соҳаҳои гуногун; роҳандозии сиёсати ҳамоҳангшуда дар баробари хатарҳои мавҷуда аз тариқи мубодилаи иттилоотии таъҷилӣ ва ҳамоҳангии фаолияти мақомоти марбута зарур аст; кишварҳои Осиёи Марказиро лозим ки дар муносибат бо абарқудратҳои ҷаҳонӣ тавозуни манфиатҳои сиёсӣ ва геополитикии кишварҳои ҳамсояро бояд ба назар гиранд; ҷиҳати таъмини амнияти дар минтақа ҳамкориҳои кишварҳои минтақа дар чаҳорчӯбаи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Созмони Ҳамкориҳои Шанхай зарур мебошад.

АДАБИЁТ

1. Маҳмадов А. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ / А. Маҳмадов. – Душанбе, 2013. - 400 с.
2. Малышева Д.Б. Центральноазиатский узел мировой политики. – М.: ИМЭМО, 2012. – 256 с.
3. Назарбаев Н. Казахстанский Путь; Евразийский союз: идеи, практика, перспективы / Н. Назарбаев. – Астана. 1994—1997. – 564 с.
4. Обытов А. Конфликты в Центральной Азии / А. Обитов // Ҷунбиш. – 1998. - № 18.
5. Папов В.И. Современная дипломатия. Теория и практика / В.И. Папов. - М. 2006. – 340 с.
6. Петров М. П. Пустыни Центральной Азии. Том 1—2 / М.П.Петров. - Москва— Ленинград, 1966—67.
7. Раҳмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4-х томах.- Душанбе: Шарки озод, 2001;
8. Раҳмонов Э. Ҷиноятро бояд решакан кунем / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Авасто, 1999. - 125 с.

9. Раҳнамо А. Афғонистон ва Осиёи Марказӣ: хусусиятҳо ва дурнамои таъсирпазирӣ / А.Раҳнамо. - Душанбе: Бухоро, 2014. - 330с.
10. Синицын В. М. Центральняя Азия / В.М. Синицын. – М., 1959. – 320 с.
11. Тройицкий Е.Ф. Политика США в Центральной Азии (1992 – 2004 гг.) / Е.Ф. Тройицкий. – М., 2006. – 234 с.
12. Хопкирк П. Большая Игра против России. Азиатский синдром / П. Хопкирк. - Лондон, 1990. – 230 с.
13. Центральная Азия: геополитика, геоэкономика, безопасность / Редакционная коллегия: Р.М. Алимов, Ш.Р. Арифханов, С.Р. Ризаев, Ф.Ф.Толипов. – Ташкент, 2002. – 435 с.
14. Шарипов А. Масъалаҳои мубрами Шарқи Наздик / А. Шарипов. - Душанбе, 2016.13.

ҲАДАФҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ КИШВАРҲОИ АБАРҚУДРАТ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар замони муосир вобаста ба омилҳои амниятӣ, геополитикӣ ва иқтисодии олам, махсусан баъд аз ивазшавии роҳбарони Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, тарҳрезӣ гаштааст. Зеро Осиёи Марказӣ худ дар низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ яке аз минтақаҳои муҳим ва назаррас ба шумор рафта, дар ҳалли проблемаҳои муҳими байналхалқӣ ба монанди масоили амниятӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, махсусан дар муносибат ба Афғонистон, нақши арзанда дорад. Осиёи Марказӣ гиреҳи асосии нақлиётӣ ба шумор рафта, таърихан ҳамчун купруки байни фарҳангҳо ва бозорҳо хизмат мерасонад, ки минтақаро хислати геополитикӣ додааст.

Калидвожаҳо: Муносибатҳои байналхалқӣ, амният, Осиёи Марказӣ, минтақаи геополитикӣ, абарқудрат, боиси таваҷҷуҳ, замони муосир, кишварҳои абарқудрат, иқтисодӣ, фарҳангӣ, назаррас.

ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ ЦЕЛИ СИЬЛНЫХ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Основные направления внешней политики стран Центральной Азии в современное время основаны на безопасности, геополитических и экономических факторах мира, особенно после смены руководства Республики Узбекистан и Кыргызской Республики. Потому что сама Центральная Азия является одним из наиболее важных и значимых регионов в новой системе международных отношений и играет важную роль в решении важных международных проблем, таких как безопасность, экологические, экономические и политические вопросы, особенно в отношениях с Афганистаном. Центральная Азия является крупным транспортным узлом и исторически служила мостом между культурами и рынками, придавая региону геополитический характер. В наше время существует очень небольшая область, называемая геополитической зоной.

Ключевые слова: международные отношения, безопасность, Центральная Азия, геополитический регион, сверхдержава, внимание, современность, сверхдержавы, экономика, культура, значимость.

GEOPOLITICAL OBJECTIVES OF THE STRONG COUNTRIES OF CENTRAL ASIA

The main directions of foreign policy of the Central Asian countries are based on security, geopolitical and economic factors of the world, especially after the change of leadership of the Republic of Uzbekistan and the Kyrgyz Republic. Because Central Asia is one of the most important and significant regions in the new system of international relations and plays an important role in solving important international problems such as security, environmental, economic and political issues, especially in relations with Afghanistan. Central Asia is a major transport hub and has historically served as a bridge between cultures and markets, giving the region a geopolitical character. Nowadays, there is a very small area called the geopolitical zone.

Keywords: international relations, security, Central Asia, geopolitical region, superpower, attention, modernity, superpowers, economy, culture, significance.

Сведения об авторе: ***Камолов Рахматшо*** **–** магистр второго курса специальности зарубежнего регионоведения
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.

Information about the author: ***Kamolov Rahmatsho*** – second-year graduate student specialty Foreign Regional studies
Address:73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17.

СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АТЛАНТИКАИ ШИМОЛӢ (НАТО) СОХТОР ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

Каримов П.М
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар даврони Шӯравӣ баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон Аврупоиҳо дар як вазъи сиёсие қарор доштанд, ки ин ба таҳдидҳо ба истиқлолияти Норвегия, Юнон, Туркия, табаддулоти соли 1948 дар Чехословакия ва муҳосираи Берлини Ғарбӣ мувофиқ меомад. Байни кишварҳои Белгия, Британияи Кабир, Люксембург, Нидерландия ва Фаронса Шартномаи Брюссел ба имзо расида буд, ки он баъдтар асоси “ Иттиҳоди Аврупои Ғарбӣ “-ро ташкил дод. Пас аз он гуфтушунидҳо бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Канада дар бораи таъсиси Эътилофи

ягона сурат гирифт. Ин музокирот бо имзои Шартномаи Вашингтон дар бораи ташкили созмони ҳарбӣ ва сиёсии (НАТО) дар моҳи апрели соли 1949 ба анҷом расид. Кишварҳое, ки амнияти худро нигоҳ медоштанд, барои ҳимояи дастаҷамъона ба ин созмони ҳарбӣ ва сиёсӣ шартнома ба имзо расонданд. Дар ин созмони мудофиавӣ дувоздаҳ кишвар: Белгия, Британиёи Кабир, Дания, Исландия, Италия, Канада, Люксембург, Нидерланд, Норвегия, Португалия, ИМА, ва Фаронса аввалин аъзоёни он буданд [1; 84]. Таъсиси НАТО бо як қатор созишномаҳои иловагӣ соли 1952 этибор пайдо намуд ва ба расмият дароварда шуд. Пас аз ин кишварҳои дигар низ аъзои ин созмон шуданд. Юнон ва Туркия соли 1952 ба НАТО аъзо шуд. Соли 1954 СССР барои аъзо шудан ба НАТО ариза пешниҳод намуд, ки рад карда шуд. Аввалин густариши НАТО Германияи Ғарбӣ буд, ки соли 1955 ба узвият қабул шуд. Соли 1966 ба ҷузъ аз мақомоти олии НАТО, Шӯрои НАТО ва Кумитаи банақшагирии мудофиа таъсис дода шуд, ки он аз вазирони мудофиаи кишварҳои узви блок иборат буд ва соле ду маротиба ҷамъ меомад. Дар ҳамин сол Фаронса аз аъзои НАТО баромада, соли 2009 дубора аъзо мешавад. Инчунин Юнон ҳам соли 1974 аз узвияти НАТО баромада ва соли 1981 дубора ба узвияти НАТО дохил мешавад. Испания соли 1982 ба узвияти НАТО имзо намуд. Пас аз Ҷанги Сард соли 1999 Венгрия, Полша ва Чехия, соли 2004 Булғория, Латвия, Литва, Руминия, Словакия, Словения ва Эстония, соли 2009 Хорватия ва Албания, соли 2017 Черногория, ва дар соли 2020 Македонияи Шимолӣ ба ин Созмон аъзо шуданд[2; 76]. Имрӯз дар ин Созмон 30 давлат аъзо мебошад. Ҳамаи кишварҳои аъзо ваъда дода буданд, ки ҳамаи тарафҳои аҳдшиканеро, ки мавриди ҳамла қарор мегиранд, ба таври дастаҷамъона ҳимоя мекунанд. Яке аз ҳадафҳои асосии НАТО тибқи принсипҳои СММ таъмини озодӣ ва амнияти ҳама аъзоён бо роҳҳои сиёсӣ ва низомӣ мебошад. НАТО барои таъмини сулҳ ва нигоҳ доштани вазъи стратегӣ дар тамоми Аврупо мебошад. НАТО барои ҳадафҳои худ нуфузи сиёсӣ ва қобилиятҳои ҳарбии худро мутобиқи хусусияти амниятие, ки кишварҳои узви он дучор меоянд, истифода мебарад. Сохтори байниҳукуматии он шумораи зиёди низомиён ва тақрибан дувоздаҳ ҳазор шаҳрванди ғайринизомиро дар ихтиёри худ дорад. Дар назди НАТО ин аз шумораи умумии кормандони дипломатии намояндагиҳои миллӣ камтар мебошад. Барои муқоиса намудан дар мақомоти марказии Иттиҳоди Аврупо танҳо шумораи тарҷумонҳо тақрибан даҳ ҳазор нафарро ташкил медиҳанд. Қарорҳои асосии НАТО аз ҷониби кумитаҳое, ки аз аъзои ҳайатҳои миллӣ иборатанд, таҳия ва қабул карда мешаванд [3; 39]. Фаъолияти кумитаҳои байналмилалиро кормандони ғайринизомӣ (мансабдорони байналмилалӣ), ки таҳти роҳбарии Котиби Генералӣ ва Кумитаи низомии НАТО сохтори муттаҳидшудаи гурӯҳро ташкил медиҳад, идора мекунанд. Яъне, аз ин бармеояд, ки худи НАТО ин як маҳфили байналмилалии хусусиятҳои ҳарбӣ дошта мебошад. Дар ин замони сулҳу осоишта ҳиссаи қувваҳои низомӣ, дар раванди ҷанг бояд таҳти фармондеҳи умумӣ интиқол дода шаванд [4; 93]. Унсурҳои асосии сохтори НАТО Шурои Атлантикаи Шимолӣ ҳуқуқ дорад, масъалаҳои сиёсиро ҳал намояд. Он аз намояндагони доимии ҳамаи давлатҳои аъзо иборат буда, ҳафтае як маротиба ҷамъ меоянд. Иҷлосияи Шурои НАТО дар сатҳи баланд баргузор мегардад, ки он аз вазирони корҳои хориҷӣ, мудофиа ё сарварони ҳукуматҳо иборат аст, аммо салоҳиятҳо ва ҳуқуқҳои қабули қарорҳояшон бетағйир мемонад ва қарорҳо новобаста аз сатҳи намояндагӣ мақом ва эътибори ҳуқуқӣ доранд. Ҳар як намоянда дар Шӯрои Атлантикаи Шимолӣ доимӣ буда бо рутбаи сафир фаъолият мекунад. Ҳамаи намояндагони доими дар кори худ ба кадрҳои сиёсӣ ва ҳарбии ки кормандони намояндагии НАТО мебошанд. Шумораи намояндагии онҳо метавонанд аз ҳар як кишвар фарқ кунанд[5; 46]. Ҷаласаи Шӯрои НАТО бо намояндагони доими аксар вақт сессияи доимии Шӯрои Атлантикаи Шимолӣ номида мешавад ва соле ду маротиба дар сатҳи вазирон аз ҷониби вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои НАТО буда баргузор мегардад. Бо иштироки сарони кишварҳо ва ҳукуматҳо (саммитҳо) вохуриҳо барои масъалаҳои муҳим баргузор мегардад. Намояндагони доими тибқи дастурҳои худ амал намуда, ҳангоми шарҳ додан ба кормандони НАТО қарорҳои сиёсии ҳукуматҳои худро гузориш медиҳанд[6; 82]. Онҳо ғайр аз ин ба роҳбарияти кишварҳои худ дар бораи мавқеи ҳукуматҳо, дар бораи руйдодҳои нав,

раванди ташаккули рақобат дар баъзе масъалаҳои муҳим ё ихтилофи мавқеи кишварҳои алоҳида ва ғайра гузориш медиҳанд.

НАТО созмони байниҳукуматӣ мебошад ва ягон вазифаҳои миллиро надорад. Он вазифаҳоеро иҷро мекунад, ки ҳеҷ як аъзои худ ба он зид набошад[7; 54]. Вазифаҳои аввалиндараҷаи НАТО дар Консепсиияи амалкунандаи Стратегӣ, ки дар соли 1999 нашр шуда буд чунинанд:

- Пешгирӣ ва муҳофизат намудани кишварҳои аъзои НАТО аз ҳама гуна таҳдид;
- Ҳамчун заминаи субот дар минтақаи Евроатлантика амал намудан;
- Хидмат намудани форум барои машварат намудани масъалаи камбудиҳои амниятӣ;
- Мусоидат намудани пешгирии самараноки муноқишаҳо ва дар идораи бӯҳрон (кризис) фаъолона ширкат намудан;
- Мусоидат ба рушди шарикии ҳамаҷониба ва ҳамкори дар минтақаи Евроатлантика.

Дар Консепсияи Стратегӣ таъмини амнияти давлатҳои аъзо ҳамчун ҳадафи асосии НАТО муайн мешавад.

АДАБИЁТ

1. Александров В.В. «Новейшая история стран Европы и Америки 1945-1986 гг. » Москва: Высшая школа, 1988.
2. Качалова Т.Г. Невоенные аспекты деятельности НАТО/ДА МИД России, М., 2003.
3. Штоль В.В. НАТО: динамика эволюции. –М .: Научная книга. –2002.
4. Мюллер Х. «50 лет НАТО –гаранту мира и свободы в Европе»; Германия 1999 №2
5. Черепахин В. «Восток для НАТО дело прибыльное», Российские вести -2000 – 22-28 ноября
6. Алексеев А.Н. «Совет Североатлантического сотрудничества ив будущее Европе»; Международная жизнь -1992 №3/4
7. Котляр В.С. Эволюция стратегической доктрины НАТО//Современная Европа. -2004 №2.

СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АТЛАНТИКАИ ШИМОЛӢ (НАТО) ВАЗИФА ВА СОХТОРИ ОН.

Дар мақола сабабҳои таъсисёбии НАТО вазифа ва сохтори он мебошад. Кишварҳое, ки ба ин созмон шартнома имзо намуда буданд, вазифадоранд, ки барои ҳимояи дастаҷамъона нерӯҳои ҳарбии худро муттаҳид кунанд. Тибқи принсипҳои СММ барои ҳимояи сулҳу субот, рушд намудани ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҳимоя намудани мерос, маданияти мардум, озодии шахсӣ, ҳокимияти ҳуқуқӣ ва принсипҳои демократӣ мебошанд. Мувофиқи моддаи 5-уми шартномаи Атлантикаи Шимолӣ “ба як ё якчанд кишварҳои аъзои НАТО ҳамлаи мусаллаҳона намудан, ин ҳамла ба тамоми кишварҳои аъзои он ҳисобида мешавад ”.Асоси вазифаҳои амниятии НАТО дар Консепсияи Стратегии Иттиҳоди Атлантикаи Шимолӣ муайян шудааст. Дар он ҳуҷҷатҳое, ки ҳадафҳои Иттиҳоди Атлантикаи Шимолӣ ва дорои нишонаҳои баланди рутбаҳои сиёсӣ ва низомӣ мебошад, истифодаи он барои муваффақияти онҳо лозим аст. Консепсияи Стратегӣ асоси қабули онҳо мебошад ва ба таъмини ҳимояи сиёсӣ, хусусиятҳои низомӣ ва иқтидори низомӣ барои пайдоиши таҳдидҳои муосири амниятӣ зарур аст.

Калидвожаҳо: НАТО, Иттиҳоди Атлантикаи Шимолӣ, Консепсия Стратегӣ, сохтори НАТО, вазифаҳо.

ОРГАНИЗАЦИЯ СЕВЕРОАТЛАНТИЧЕСКОГО ДОГОВОРА, СЕВЕРОАТЛАНТИЧЕСКИЙ АЛЬЯНС

В тезисе характеризуется причины создания НАТО, и основные задачи и структуры. Страны который подписали договор обязались объединит свои усилия для коллективной обороны, сохранения мира и безопасность соблюдая верность Уставу ООН, развивать экономическое сотрудничество, охранять свободу общее наследие и цивилизацию своих народов, основанные на принципах демократии, свободы личности и господства права. Согласно ст. 5 Североатлантического договора, «вооруженное нападение против одной или нескольких из стран – член НАТО будет рассматриваться как нападение против всех». Основополагающие задачи безопасности НАТО определены в Стратегической концепции Североатлантического союза. Она является директивным документом, в котором заявлены цели Североатлантического союза и содержатся руководящие указания высшего уровня относительно политических и военных средств, которые надлежит использовать для достижения этих целей. Стратегическая концепция остается основной позах и их восприятии требуют непрерывной адаптации этой стратегии, что позволяет обеспечить сохранение политической основы, военных структур и военного потенциала, необходимых для отражения современных вызовов безопасности.

Ключевые слова: НАТО, Североатлантический Союз, Стратегическая концепция, структуры НАТО, задачи.

NORTH ATLANTIC TREATY ORGANIZATION, NORTH ATLANTIC ALLIANCE.

The thesis describes the reasons for the creation of NATO, and the main tasks and structures. The countries that have signed the treaty have pledged to unite their efforts for collective defense, preservation of peace and security, observing loyalty to the Charter Organization of the United Nations, to develop economic cooperation, to protect the freedom of the common heritage and civilization of their peoples of democracy, individual freedom and the rule of law. According to Article 5 of the North Atlantic Treaty, “An armed attack against one or more of the NATO member countries it considered an attack

against all ”. NATO’s fundamental security objectives are defined in the Alliance’s objectives and provides top level guidance on the political and military means to be used to achieve those objectives. The strategic concept remains the main posture and their perception requires continuous adaptation of this strategy, which allows ensuring the preservation of the political framework, military structures and military capabilities necessary to meet modern security challenges.
Keywords: NATO, North Atlantic Alliance, Strategic Concept, NATO structures, tasks.

Сведение об авторе: ***Каримов Парвиз Мухибуллоевич*** Таджикский национальный университет, магистр кафедры международного отношения Республики Таджикистан, **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17 Телефон: **+992 888801405** E-mail: **1997muhib@gmail.com**

Information about the author: ***Karimov Parviz Muhibulloevich***-Tajik National University, Master degree of Department of International Relations of the Republic of Tajikistan,. **Address:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Ph: **+992 888801405** E-mail**: 1997muhib@gmail.com**

ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРОСТРАНСТВО И ЗАЩИТА ГОСУДАРСТВЕННЫХ ИНТЕРЕСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Лутфуллоев Хусрав
Таджикский национальный университет

Одна из реалий сегодняшнего дня - освещение в СМИ государственной политики и дипломатии. Помня об этом, каждая страна пытается адаптировать свою информационную политику к сегодняшней жизни. В зависимости от своего положения в глобальной и региональной политике, а также своих национальных интересов, государства проводят свою политику в информационном пространстве, распространяя необходимую информацию о себе, своих друзьях и соперниках. Для достижения этой цели круглосуточно работают разные учреждения. Основная цель информационной деятельности в Таджикистане - обеспечение защиты национальных интересов, «в первую очередь, защита и укрепление государственной независимости, обеспечение национальной безопасности, создание благоприятных условий для устойчивого экономического развития и постепенное повышение уровня жизни людей. обеспечение энергетической независимости страны, достижение продовольственной безопасности и выход из коммуникативного тупика, защита прав и свобод, достоинства и интересов граждан Таджикистана в стране и за рубежом». Если мы посмотрим на текущую ситуацию в Республике Таджикистан, то ясно, что в этом направлении необходимо проделать большую работу, и этот процесс, безусловно, требует участия всех государственных структур. Руководство страны предприняло много шагов для развития демократии, демократических институтов и прозрачности государственных институтов, доступа общественности к информации и СМИ. Следует отметить, что наряду с реализацией информационной политики внутри страны она должна быть комплексной и обширной и даже стать частью внешней политики. Учитывая эту необходимость, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своем выступлении на встрече с дипломатами страны по случаю открытия 15 марта 2013 года нового здания Министерства иностранных дел подчеркнул, что Мы хотим использовать этот фактор как один из основных инструментов для создания положительного имиджа страны на мировой арене». [1]. С учетом этого Президент поручил Министерству иностранных дел «... улучшить сотрудничество с иностранными СМИ и значительно усилить свое влияние в Интернете и социальных сетях». [2] Для сравнения было решено взглянуть на информационную деятельность различных государственных структур - министерств, ведомств и отдельных ведомств, многие из которых по разным причинам не извлекают выгоду из практики целевой информационной политики, и по мере возможности заняться этим вопросом. Следует отметить, что наряду с позицией государства по информационной политике, при ее реализации остается много нерешенных вопросов, основной причиной которых является отсутствие опыта организации деятельности в этой сфере и специалистов в соответствующей инфраструктуре министерства и ведомства страны. Когда речь идет об информационной политике государства и защите национальных интересов, ее реализация требует очень серьезного подхода. Важно принять необходимые меры для оптимизации этого процесса, а также наладить сотрудничество между правительственными учреждениями и гражданским обществом для проведения политики,

отражающей стабильные национальные интересы. Сегодня в Таджикистане это основные институты и круги, влияющие на информационное пространство.

1. Государственные учреждения - учреждения, относящиеся к трем ветвям власти, которые хранят и распространяют официальную информацию;
2. Отечественные и зарубежные СМИ, получающие и распространяющие информацию из различных источников;
3. Широкий круг экспертов из государственных и частных институтов, партий, движений и общественных организаций, которые выражают свое мнение по различным вопросам через прессу и различные встречи;
4. Исследовательские центры, занимающиеся изучением и анализом вопросов государственной политики, разработкой и изданием книг и других публикаций, проведением научных и практических мероприятий, таких как семинары и конференции;
5. Высшие учебные заведения, занимающиеся разработкой учебников, учебных программ и подготовкой специалистов;
6. Общественные организации, работающие в сфере информации;
7. Отдельные веб-сайты и блоги внутри и за пределами страны, социальные сети, такие как Facebook, Twitter и т. Д., Которые находят и распространяют различные материалы.

Каждый из этих институтов в зависимости от своих целей и интересов выполняет свои задачи в информационном пространстве. Поэтому задача государственных органов в этой сфере - не только распространять информацию о своей деятельности, но и помогать другим организациям понимать политику государства и распространять объективную информацию о ней. Чтобы эффективно использовать возможности и потенциал этих институтов, необходимо разработать и реализовать конкретные меры по обеспечению целевого распространения информации в СМИ, особенно в области материалов, предвзятых против государственной политики. Информация о деятельности государства институты должны быть полностью в их руках, и это направление должно быть включено в список приоритетов управления.

Важно, чтобы в каждом офисе была сильная пресс-служба (центр) с необходимым количеством компетентных сотрудников и необходимым техническим оборудованием (компьютеры, фотоаппараты, видеокамеры и т.д.), А его руководитель подчинялся непосредственно руководителю офиса или в случаях, когда необходимо иметь возможность связаться с ним. Руководитель пресс-службы должен иметь доступ к имеющейся информации ведомства и знать стратегию и тактику целевой публикации каждого отчета. Логично, что вся информация, связанная с деятельностью структур, распространяется через пресс-службу. Таким образом, его целенаправленная публикация на высоком профессиональном уровне, наряду с обеспечением прозрачности управления, которая является важной опорой государственной политики, позволяет защитить интересы государства и администрации, а также предотвратить ложную или искаженную информацию. У некоторых агентств есть собственные газеты или журналы, которые издаются в определенном количестве и распространяются по всей стране. В то же время властям необходимо своевременно обновлять сайт и пытаться сделать новости и события, связанные с ними, в качестве основного первичного источника и сделать их доступными для общественности. Кроме того, они должны ограничить свою информационную деятельность вокруг средств массовой информации для эффективного использования других средств массовой информации, а также информационных возможностей Интернета, особенно социальных сетей и внешних сайтов. Для проведения систематической и целенаправленной информационной деятельности государственным органам необходимо проводить регулярные консультации для координации своей информационной деятельности и получения опыта, а также для выработки единой согласованной позиции по конкретным темам и новостям. Важную роль в этом процессе играет налаживание регулярного сотрудничества с влиятельными информационными кругами, о которых пойдет речь ниже. Известно, что основной задачей отечественных и зарубежных СМИ является получение и распространение информации, а они, независимо от желания государственных органов, получают ее из различных источников и публикуют в информационном пространстве. При этом следует учитывать, что СМИ отличаются и соответственно используют информацию.Например, государственные СМИ публикуют информацию, которая часто выражает официальную точку зрения, в то время как частные СМИ,

как правило, распространяют спорные новости в интересах своих товаров или заказов, чтобы расширить число покупателей своей продукции, в то время как иностранные СМИ по логике , если в случае необходимости запрашиваемая информация о событии или проблеме не предоставляется своевременно государством, неизбежны следующие ситуации:

(А) Соответствующая информация не должна распространяться государственными СМИ;

Б) Иностранные СМИ (как в Таджикистане, так и за рубежом) будут обязаны сообщать о проблеме с использованием неправительственных источников, которые часто отражают официальную точку зрения;

В) Частные СМИ республики также получают сообщения либо из зарубежных СМИ, либо из других источников, которые также не совместимы с официальной точкой зрения.

В сегодняшних условиях, когда границы удалены с помощью новых информационных технологий, мобильной связи и Интернета, пути распространение информации трудно предотвратить. Если встреча проходит за закрытыми дверями - это одно, но когда что-то происходит в Душанбе или любой другой части страны и есть много свидетелей, это может привести к слухам. В этом случае единственный способ предотвратить распространение искаженных новостей - это вовремя опубликовать официальную информацию. Потому что сегодня любой случайный человек, прохожий, турист и т. Д. Имеет возможность записать что-то об инциденте, получить доступ к этому в СМИ или опубликовать в социальных сетях с помощью мобильного телефона или других доступных технических средств. Информация, распространяемая между общественностью и иностранцами, может стать реальностью. Другая сторона вопроса - это постоянное сотрудничество со СМИ в целом. Регистрация отдельных представителей СМИ для сотрудничества, проведение с ними неформальных встреч, предоставление необходимой информации, организация экскурсий в нужные места (например, подчиненные предприятия или строящиеся объекты), проведение пресс-брифингов и десятков других мероприятий могут улучшить уровень отношений. Учитывая необходимость такого сотрудничества, Департамент информации, печати, анализа и планирования Министерства иностранных дел Республики Таджикистан неоднократно проводил обучающие семинары для независимых СМИ в Таджикистане с участием пресс-служб министерств и ведомств агентств и журналистов в Душанбе и областных центрах. При этом следует иметь в виду, что каждое СМИ имеет свою аудиторию и воспользуется именно этой возможностью, чтобы повлиять на этот круг. При этом такая ситуация не только внутри республики, но и за ее пределами. Поэтому, независимо от СМИ, нужно бороться за влияние каждого из них. Как сказал Президент Республики Таджикистан в своем выступлении на торжественном собрании, посвященном 100-летию таджикской прессы 10 марта 2012 года: «Две взаимосвязанные ветви таджикской прессы выполняют свою профессиональную миссию, которая заключается в верном служении и сознательно на благо народа и страны ». Как было отмечено, широкий круг экспертов из различных государственных структур, включая исследовательские и образовательные, политические партии, движения и общественные организации республики выражают свои взгляды по различным вопросам общественной жизни через прессу и различные встречи. Их взгляды не следует принимать во внимание, потому что их выражение в определенной аудитории средств массовой информации и других средств публикации в конечном итоге затронет национальные интересы. Анализ прессы показывает, что в Таджикистане есть определенный круг специалистов, у которых есть свое мнение по различным вопросам, в том числе по актуальным темам Международного дня, и это, конечно, хорошо. Однако иногда встречаются люди, которые не обладают исчерпывающей информацией и анализом предмета, и их взгляды являются результатом плохих знаний и продуктом их собственного воображения. В то же время следует иметь в виду, что высказывание мнений экспертов в качестве экспертов в СМИ или приглашение их на различные международные мероприятия, такие как конференции, семинары, круглые столы и т. Д., является обычным явлением и никогда не должно игнорироваться. Это также основной способ работы с такими экспертами. Экспертам может быть предоставлена информация по многим обсуждаемым вопросам, чтобы они имели необходимую информацию и были знакомы с официальной позицией. Регулярные встречи с экспертами, выступления по наиболее важным вопросам дня могут положительно сказаться на информационном

пространстве, кроме того, эксперты могут очень активно отстаивать национальные интересы в различных аудиториях, что очень важно для государственных структур.

В настоящее время в стране существует несколько институтов, таких как Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, Академия наук, университеты, которые изучают и анализируют государственную политику, разрабатывают и публикуют публикации, проводят научно-практические мероприятия, такие как семинары и конференции, симпозиумы и другие научно-практические конференции. Влияние этих учреждений также существенно в информационном пространстве, поскольку они нанимают ученых и исследователей, деятельность которых связана с речами и выступлениями перед различными аудиториями. Сотрудничество между государственными учреждениями и этими учреждениями и их персоналом необходимо по ряду причин, однако важно принимать официальные решения и информировать аудиторию о влиянии на среду обмена информацией, чтобы быть в курсе происходящего. Для этого необходимо проводить регулярные переговоры и вопросы и ответы по текущим вопросам и дискуссиям, представлять различные материалы и налаживать другие пути сотрудничества. В Таджикистане образовательные учреждения, особенно университеты, которые занимаются подготовкой специалистов, разработкой учебников, учебных программ и т. д. играют важную роль в формировании общественного мнения. В этих учреждениях учится молодежь, и на это обращают внимание все политические силы, которые являются наиболее активными и креативным классом и ищут среди них своих сторонников и последователей. Поэтому, помимо получения квалификации, студенты должны иметь широкий кругозор. Президент Республики Таджикистан на встрече с молодежью республики отметил, что «повышение уровня политико-правового воспитания и самосознания подрастающего поколения должно быть одним из главных направлений национальной государственности». «Национальные ценности свободного и независимого Таджикистана и защита интересов страны должны быть превыше всех других интересов и основой патриотического воспитания молодежи» Молодые специалисты, получившие знания в учебных заведениях, идут работать в министерства, ведомства, учреждения и предприятия, и основной поддержкой для них является информация, которую они получают от учителей. В свою очередь, они становятся распространителями информации для новой аудитории. С другой стороны, университеты (например, журналисты, политологи, социологи и т. Д.) готовят специалистов, будущая карьера которых будет связана с информационной политикой и общественным мнением. Следовательно, государственные учреждения должны тесно сотрудничать с университетами, чтобы вносить свой вклад и влиять на подготовку будущих специалистов. СМИ Республики Таджикистан должны налаживать отношения с общественными организациями. В стране действует ряд общественных организаций, деятельность которых зависит от СМИ, сотрудничества со СМИ, формирования общественного мнения. Поэтому важно наладить с ними сотрудничество для эффективной реализации ведомственной информационной политики и государства в целом. Организации журналистов - Союз журналистов Таджикистана, Национальная ассоциация независимых средств массовой информации Таджикистана, Медиа-альянс Таджикистана и Совет СМИ республики - работают в тесном сотрудничестве со своими членами - журналистами и средствами массовой информации, поэтому государственные органы, налаживая с ними отношения, могут решать множество задач и совместно проводить отдельные мероприятия. Например, Министерство иностранных дел в сотрудничестве с Национальной ассоциацией независимых СМИ Таджикистана неоднократно проводило обучающие семинары для сотрудников правительства и СМИ. Пора распространить эту практику на другие госструктуры и поднять ее до организационного уровня. Сегодняшняя реальность такова, что в каждом уголке земного шара, когда люди хотят найти информацию о стране или народе, они обращаются к Интернету, и информация, которую они получают, носит творческий характер. Поэтому необходимо серьезно отнестись к этой реальности. В этом случае госорганам необходимо сделать что-то, что может дать хорошие результаты. Прежде всего, было отмечено, что наличие официального сайта (желательно на государственном, русском и английском языках) и регулярное обновление его содержания - важнейшая мера. Его новостная лента должна обновляться ежедневно.Во-вторых, использование страниц с других сайтов, таких как энциклопедии, такие как Википедия, для ввода необходимой информации о жизни республики,

истории и культуре, экономике, природных ресурсах, городах и районах, достопримечательностях, знаменитостях и др. темы имеют возможность и свободу. В-третьих, это использование отдельных сайтов для ведения блогов внутри страны и за ее пределами для поиска и распространения разнообразного контента. В-четвертых, при использовании социальных сетей, таких как Facebook, Twitter, количество пользователей растет день ото дня и их охват расширяется.

Наконец, следует отметить, что невозможно охватить все аспекты темы в одной статье. В то же время следует учитывать, что темпы развития СМИ, особенно его электронного сегмента, постоянно создают новые инструменты и формы развития и распространения информации. Поэтому задачи информационных служб государственных органов в этой связи постоянно меняются, что требует от чиновников постоянного изучения специфики отрасли и перенимания международного опыта в этой сфере. Тем не менее, меры, описанные в этой статье в целом для определения областей пользователей, важны для эффективной реализации информационной политики.

АДАБИЁТ

1. Выступление Президента Республики Таджикистан Э. Рахмона на встрече с дипломатическим персоналом страны в честь открытия нового здания Министерства иностранных дел Республики Таджикистан http://www.prezident.tj/ node/ 4113 /
2. Латифова Д.Л (Превентивные меры по предотвращению подрывных действий электронных средств массовой инфоромации.Вестник ТНУ 2019 № 3 часть вторая.)
3. А.Н Федорова(Информационная безопасность в мировом политическом процессе.МГИМО – Университет2006 г)), «Информация, дипломатия, психология»4Москва «Известия» 2002г)· И.С
4. Алексеева(«Искусство Дипломатии» Москва. Изд-во «Дашков и К» 2008),
5. Х.Н Худоберди(«Республика Таджикистан в борьбе против терроризма и религиозного экстремизма в период становления государственной независимости, «Ирфон»2016)
6. П.Махмадова(Политика информационной безопасности в системе национальной безопасности.Ж-л Сиесати хоричи» 2016, с.112-124),
7. Х Зарифи (Таджикистан в системе региональной безопасности. Душанбе «Ирфон» 2011г).

ФАЗОИ ИТТИЛООТӢ ВА ҲИМОЯИ МАНФИАТҲОИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур фазои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ мекунад. Яке аз воқеиятҳои имрӯз инъикоси васоити ахбори омма дар бораи сиёсати давлатӣ ва дипломатия мебошад. Бо назардошти ин, ҳар як кишвар кӯшиш мекунад, ки сиёсати иттилоотии худро ба ҳаёти имрӯза мутобиқ созад. Вобаста аз мавқеи худ дар сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ва инчунин манфиатҳои миллии худ, давлатҳо сиёсати худро дар фазои иттилоотӣ пеш мебаранд, дар бораи худ, дӯстон ва рақибони худ маълумоти заруриро паҳн мекунанд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф муассисаҳои гуногун шабонарӯзӣ фаъолият мекунанд. Муаллиф қайд мекунад, ки ҳадафи асосии фаъолияти иттилоотӣ дар Тоҷикистон таъмини ҳимояи манфиатҳои миллӣ, пеш аз ҳама, ҳимоя ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ, таъмини амнияти миллӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми мардум.

Калидвожаҳо: сиёсати минтақавӣ, фазои иттилоотӣ, сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, манфиатҳои миллӣ.

ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРОСТРАНСТВО И ЗАЩИТА ГОСУДАРСТВЕННЫХ ИНТЕРЕСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В настоящей статье рассматривается информационное пространство и защита государственных интересов Республики Таджикистан. Одна из реалий сегодняшнего дня – освещение в СМИ государственной политики и дипломатии. Помня об этом, каждая страна пытается адаптировать свою информационную политику к сегодняшней жизни. В зависимости от своего положения в глобальной и региональной политике, а также своих национальных интересов, государства проводят свою политику в информационном пространстве, распространяя необходимую информацию о себе, своих друзьях и соперниках. Для достижения этой цели круглосуточно работают разные учреждения. Автор отмечает, что основная цель информационной деятельности в Таджикистане – обеспечение защиты национальных интересов, в первую очередь, защита и укрепление государственной независимости, обеспечение национальной безопасности, создание благоприятных условий для устойчивого экономического развития и постепенное повышение уровня жизни людей.

Ключевые слова: региональная политика, информационное пространство, глобальная и региональная политика, национальный интерес.

INFORMATION SPACE AND PROTECTION OF STATE INTERESTS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the information space and protection of the state interests of the Republic of Tajikistan. Media coverage of public policy and diplomacy is a reality today. With this in mind, each country is trying to adapt its information policy to today's life. Depending on their position in global and regional politics, as well as their national interests, states

pursue their policies in the information space, disseminating the necessary information about themselves, their friends and rivals. Various institutions operate around the clock to achieve this goal. The author notes that the main goal of information activities in Tajikistan is to ensure the protection of national interests, first of all, to protect and strengthen state independence, ensure national security, create favorable conditions for sustainable economic development and gradually improve the living standards of people.

Keywords: re gional policy, information space, global and regional policy, national interest.

Сведения об авторе: ***Лутфуллоев Хусрав*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета международных отношений **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон : **553-11-11-12**

Information about the author: ***Lutfulloev Khusrav*** – Tajik National University, second year undergraduate student of the Faculty of International Relations.. **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17.
Phone: **553-11-11-12**

ТАШАББУСИ “ЯК КАМАРБАНД ВА ЯК РОҲ”-И ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

Малика Нарзуллозода
Донишгохи миллии Точикистон

“Як камарбанд ва як роҳ” ташаббуси Ҷумҳурии Мардумии Чин ба ҳисоб рафта, маҷмуъи иншоотҳои камарбанди иқтисодии шоҳроҳи Абрешим ва шоҳроҳи баҳрии Абрешими асри XXI- ро дар бар мегирад. Консепсия аввалин маротиба дар рафти сафари раиси ҶМЧ Си Ҷинпин ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Индонезия тирамоҳи соли 2013 изҳор гардид. Дар чунин санадҳои сиёсӣ ба монанди “ Нақшаи рушди соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ дар соли 2015 ” ва “ Маъруза оиди фаъолияти ҳукумат” бунёди “ Як камарбанд ва як роҳ”, ба руйхати корҳои муҳими дар назди роҳбарияти нави Чин гузошта, шомил карда шуд. Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ван И таъкид намуд, ки дар амал татбиқ намудани ин ташаббус “фокус”- и фаъолияти сиёсати хориҷии Чин дар соли 2015 мегардад. Тасдиқ шудааст, ки ин пируҷа ба нақшаи панҷсолаи 13-ум, ки соли 2016 бояд қабул гардад, дохил шудааст. Моҳияти ин ташаббуси Чин дар ҷустуҷу, ташаккул ва пешбарии амсилаи нави равобити байналхалқӣ ва рушд ба воситаи таҳкими механизмҳои амаликунандаи минтақавии дуҷонибаву бисёрҷониба ва сохтори ҳамкорӣ бо мушорикати Чин, ифода меёбад. Дар асоси давомёбӣ ва рушди руҳияи шоҳроҳи қадими Абрешим, нақшаи “ Як камарбанд ва як роҳ” кишварҳоро ба амалҳои зерин даъват мекунад:

-коркарди механизмҳои нави шарикии иқтисодии минтақавӣ;

-ҳавасмандгардонии гулгулшукуфонии иқтисодии кишварҳои ҷалбшуда;

-таҳкими табодули фарҳангӣ ва робита дар тамоми соҳаҳо миёни тамаддунҳои мухталиф;

-мусоидат ба сулҳ ва рушди устувор.

Мувофиқи маълумотҳои расмии Чин ин пируҷа қисми зиёди Авруосиёро дар бар гирифта, кишварҳои рушдкунандаро мепайвандад, аз он ҷумла иқтисодҳои ҷадид ва давлатҳои мутараққиро. Дар ҳудуди ин лоиҳаи азим захоири бойи сарватҳо ҷамъ шуда, 63% аҳолии ҷаҳон сукунат мекунанд ва андозаи иқтисодии тахминшуда ба 21 триллион доллари амрикоӣ баробар мебошад. Дар шароити барқароршавии заифи иқтисоди ҷаҳонӣ баъди буҳрони молиявию иқтисодии сайёра, ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд амсилаи ҳамкории мутақобиларо пайдо карда, механизмҳои нави рушди иқтисодиро бунёд намояд. Чин омода аст, масъулият ва уҳдадории зиёди байналхалқиро мувофиқи тавони худ, гузоштани саҳми бузург дар пуштибонии сулҳ ва рушди умумибашариро, ба душ гирад. Ташаббуси бунёди муштараки лоиҳаи “ Як камарбанд ва як роҳ” ба мусоидати ҳаракати озод ва боназми авомили иқтисодӣ, тақсими босамари сарватҳо ва тақвияти ҳамгироии бозорӣ, тавсеаи ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодии кишварҳои дар радифи роҳи лоиҳа воқеъбуда, тавсеа ва тақвияти равобити минтақавӣ бо талоши муштараки меъмории равобити минтақавии озод, инклюзивӣ ва тавозун (дар чаҳорчубаи ин меъмории шарикӣ ҳамаи кишварҳо аз манфиат ва имконияти рушди устувор ноил мегарданд), равона шудааст.

Чӣ гунае, ки раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин дар маросими ифтитоҳи ҷаласаи ҳарсолаи форуми осиёии Баос 2015 “ Як камарбанд ва як роҳ” ин соло ё яковозии Чин набуда, балки хори ҳақиқии кулли мамолики қадқади роҳи лоиҳа, ба ҳисоб меравад. Ташаббуси “ Як камарбанд ва як роҳ” дар натиҷаи таъкидҳои роҳбарияти нави Чин дар мавриди сиёсати калидии хориҷии ҶМЧ нисбат ба кишварҳои ҳамсоя дар амалигардии аҳдофи Чин ба монанди “Ду садсола” ва “Орзуи Чин” оиди эҳёи миллати чинӣ, тавлид гардид. Аз нигоҳи Си Ҷинпин пешбарии сиёсати муваффақи хориҷӣ нисбат ба ҳамсоякишварҳо шароити мусоид барои рушди Чин, рушди мусолиматомези ҶМЧ-ро бунёд месозад ва дар навбати худ ба давлатҳои ҳамсоя низ манфиати зиёде оварда, имконият пайдо мегардад, ки гулгулшукуфоии муштарак амалӣ бигардад. Ин ташаббуси Чин ба ҳавасмандгардонии рушди навоҳии ғарбии кишвар кумак мекунад, масоили номутаносибӣ дар рушди навоҳии ғарбӣ ва шарқии Чинро бартараф месозад, қазияи иқтидори барзиёд дар кишварро бо роҳи тавсеаи кушодии Чин дар қисмати ғарбӣ ҳал менамояд, азхуднамоии бозорҳои нави кишварҳои Авруосиё барои содироти молу амволро тақвият медиҳад. Дар чаҳорчубаи лоиҳаи “Камарбанди иқтисодии шоҳроҳи Абрешим” бунёди се долони иқтисодии трансавруосиёӣ дар назар аст: шимолӣ (Чин, Осиёи Марказӣ, Русия, Аврупо), марказӣ (Чин, Осиёи Марказиву Ғарбӣ, халиҷи Форс ва баҳри Миёназамин) ва ҷанубӣ (Чин Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Осиёи Ҷанубӣ, уқёнуси Ҳинд). Лоиҳаи “шоҳроҳи баҳрии Абрешим дар асри ХХ1” ба худ бунёди ду роҳи баҳриро шомил кардааст: роҳи якум аз соҳилҳои Чин ба воситаи баҳри Чини Ҷанубӣ ба минтақаи ҷанубии уқёнуси Ором меравад; роҳи дуввум пайвасти навоҳии наздисоҳилии Чин ва Аврупоро ба воситаи баҳри Чини Ҷанубӣ ва уқёнуси Ҳинд дар назар дорад.

Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё ва Камарбанди Иқтисодии Шоҳроҳи Абрешим. Нақшаҳои Русия ва Чин оиди ҳамкорӣ барои алоқамандии бунёди ИИА ва КИША бо изҳори муштарак, дар рафти мулоқоти сарони ду кишвар моҳи майи соли 2015 тасдиқ гардид. Аъзоёни созмони иқтисодии Авруосиё ва Чин дар чаҳорчубаи камарбанди иқтисодии шоҳроҳи Абрешим метавонанд, дар навсозии инфрасохтори сохтмонӣ, соҳаи сохтмон, энергетика, канданиҳои фоиданок ва технологияи навин, ҳамкорӣ кунанд. Сохтмони шоҳроҳҳои нави оҳании авруосиёӣ дар чаҳорчубаи камарбанди иқтисодии шоҳроҳи Абрешим ва азнавсозии роҳҳои куҳна дар ҳудуди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ба таҳкими мавқеъи транзитиии Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё дар интиқоли молу коло ба воситаи роҳҳои хушк миёни Аврупо ва Минтақаи Осиёву уқёнуси Ором (айни замон интиқоли молҳо аз Аврупо ба минтақаи зерин ба воситаи канали Суэтс сурат мегирад, ки хароҷоти зиёд дорад, дар сурати интиқоли молҳо ба воситаи Авруосиё хароҷот 50% кам мешавад ва ин барои Аврупо муфид арзёбӣ мегардад) мусоидат менамоянд ва аз ин манфиати зиёде ба бор меоранд. Қазоқистон ва Чин роҷеъ ба пайвасти камарбанди иқтисодии шоҳроҳи Абрешим ва барномаи қазоқистонии “ Роҳи нур”(Нурли жол) шартнома имзо намуданд. Барои Русия масалан, имконияти ҳамоҳангсозии самти шимолии камарбанди иқтисодии шоҳроҳи Абрешим бо лоиҳаи русии “камарбанди трансавруосиёии Рушд”(ТЕПР) ва барнома оиди навсозии Транссибу шоҳроҳи Байкалу Амур, бо дарназардошти таҷрибаи ғании Русия дар коркарди пиружаҳои роҳҳои оҳан, дар асоси маълумотҳои эътимодноки геологӣ ва гидрографӣ дар ҳудуди Авруосиё ва инчунин, зарурати омухтани иқтидори Сибир ва Шарқи Дур - “ манотиқи рушди афзалиятноки Русия”, бо таваҷҷуҳи амалисозии рушди босуръати онҳо, вуҷуд дорад. Имконияти ҳамкорӣ бо ҷониби Чин дар азнавсозии Транссиб бо тариқи роҳи зеризаминӣ вуҷуд дорад. Камарбанди иқтисодии Авруосиё инчунин рушди назорати умумии нақлиётиву интиқолии банди бозорро ҳавасманд гардонида, тавсеаи пайдарпайии муттаҳидсозии стандарти сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои байни иштирокчиён дар минтақа савдо мешуда, ки дар якчанд маврид бо ақидае дар шартномаи ИИА оиди ҳаракат ба бозори умумӣ, мувофиқ аст, мусоидат мекунад. Дар мавриди амалисозии лоиҳаҳои муштарак кишварҳои Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё, метавонанд кумакҳои молиявӣ, ёрии сармоявию технологӣ бигиранд. Чин, дар навбати худ фонди камарбанди иқтисодии шоҳроҳи Абрешимро таъсис дод, ки худаш дар он 40 миллиард доллари амрикоиро чун сармояи аввалия гузошт ва Бонки

Осиёии сармояҳои инфрасохторӣ низ баҳри таъмини асосҳои молиявии лоиҳа ба он маблағҳои муайянро ҷудо намуд.

Мавриди зикр аст, ки роҳбарони Қазоқистон ва Белорусия ҳамкорӣ бо Чинро дар чаҳорчубаи камарбанди иқтисодии Шоҳроҳи Абрешим баҳои баланд медиҳанд. Баъди сар задани буҳрони сиёсии Украина, Белорусия майдони мусоид ё транзитӣ барои содироти маҳсулоти Чин ба Аврупо (долони транзитии Чин-Қазоқистон-Маскав, аз Маскав роҳ ба ду шоха тақсим мешавад: Минск- Аврупои Ғарбӣ; Санкт Петербург - кишварҳои Скандинавия) гардид. Ба ақидаи Лукашенко, Белорусия тайёр аст, майдони баромади иқтисоди Чин ба Иттиҳоди Аврупо гардад. Ҷониби Чин дар навбати худ тайёрии худро дар мавриди мусоидати алоқамандгардонии стратегияи камарбанди иқтисодии Шоҳроҳи Абрешим бо стратегияи миллии Белорусия, изҳор карданд.

АДАБИЁТ

1. В. Михеев, В. Швыдко, С. Луконин «Китай — Россия: Когда эмоции уместны?» // Мировая экономика и международные отношения. № 2. 2015, С. 5-13.
2. Воробьев В.Я. О китайской идее построения «экономического пространства Великого Шелкового пути // Россия в глобальной политике. 2014. №3. Май-июнь.
3. ЕАЭС и КНР в рамках Шелкового прорабатывают проекты в ТЭК и логистике
4. Лукашенко предлагает инвесторам КНР использовать преимущества ЕАЭС
5. Путин В.В. Новый интеграционный проект для Евразии - будущее, которое рождается сегодня // Известия. 03.10.2012 //http://izvestia.ru/news/502761#ixzz33MwGpaMY

ТАШАББУСИ “ЯК КАМАРБАНД ВА ЯК РОҲ”-И ҶУМХУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

Дар маколаи мазкур муаллиф оид ба шоҳроҳи абрешим сухан рондааст. “Як камарбанд – як роҳ” ташаббуси Ҷумҳурии Мардумии Чин ба ҳисоб рафта, маҷмуъи иншоотҳои камарбанди иқтисодии шоҳроҳи Абрешим ва шоҳроҳи баҳрии Абрешими асри XXI- ро дар бар мегирад. Консепсия аввалин маротиба дар рафти сафари раиси ҶМЧ Си Ҷинпин ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Индонезия тирамоҳи соли 2013 изҳор гардид. Дар чунин санадҳои сиёсӣ ба монанди “ Нақшаи рушди соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ дар соли 2015” ва “Маъруза оиди фаъолияти ҳукумат” бунёди “ Як камарбанд ва як роҳ”, ба рӯйхати корҳои муҳими дар назди роҳбарияти нави Чин гузошта, шомил карда шуд. Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ван И таъкид намуд, ки дар амал татбиқ намудани ин ташаббус “фокус”- и фаъолияти сиёсати хориҷии Чин дар соли 2015 мегардад. Моҳияти ин ташаббуси Чин дар ҷустуҷу, ташаккул ва пешбарии амсилаи нави равобити байналхалқӣ ва рушд ба воситаи таҳкими механизмҳои амаликунандаи минтақавии дуҷонибаву бисёрҷониба ва сохтори ҳамкорӣ бо Чин ифода меёбад.

Калидвожаҳо: Як камарбанд – як роҳ, ташаббуси Чин, сиёсати хоричи, шохрохи бахри, щохрохи абрешим, сохтор, хамкори, амсилахо.

«ОДИН ПОЯС – ОДИН ПУТЬ» – ИНИЦИАТИВА КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ

В этой статье автор рассказывает о тутовом шелкопряде. «Один пояс - один путь» – это инициатива Китайской Народной Республики, которая включает комплекс объектов для экономического пояса Шелкового пути и Шелкового пути 21 века. Впервые о концепции было объявлено во время визита президента Китая Си Цзиньпина в Центральную Азию и Индонезию осенью 2013 года. В таких политических документах, как «План экономического и социального развития на 2015 год» и «Отчет о деятельности правительства», строительство «Один пояс, один путь» было внесено в список важных задач для нового китайского руководства. Министр иностранных дел Китайской Народной Республики Ван И подчеркнул, что реализация данной инициативы станет «фокусом» внешней политики Китая в 2015 году. Суть этой китайской инициативы заключается в поиске, формировании и продвижении новой модели международных отношений и развития путем укрепления существующих механизмов двустороннего и многостороннего регионального сотрудничества и структуры сотрудничества с Китаем.

Ключевые слова: один пояс - один путь, инициатива Китая, внешняя политика, морской шелковый путь, шелковый путь, структура, сотрудничество и так далее.

"ONE BELT - ONE ROAD" - INITIATIVE OF THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA

In this article, the author talks about the silkworm. One Belt One Road is an initiative of the People's Republic of China that includes a set of facilities for the Silk Road Economic Belt and the 21st Century Silk Road. The concept was first announced during the visit of Chinese President Xi Jinping to Central Asia and Indonesia in the fall of 2013. In policy documents such as the Economic and Social Development Plan for 2015 and the Government Activity Report, Belt and Road construction was listed as an important task for the new Chinese leadership. Foreign Minister of the People's Republic of China Wang Yi stressed that the implementation of this initiative will become the "focus" of China's foreign policy in 2015. The essence of this Chinese initiative is to find, form and promote a new model of international relations and development by strengthening the existing mechanisms of bilateral and multilateral regional cooperation and cooperation structures with China.

Keywords: one belt – one road, China's initiative, foreign policy, maritime silk road, silk road, structure, cooperation and so on.

Сведения об авторе: ***Малика Нарзуллозода*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета международных отношений **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.

Information about the author: ***Malika Narzullozoda*** – Tajik National University, second year master's student of the Faculty of International Relations, **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17.

ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГӢ ДАР ПАЁМИ СОЛОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Миралиева М.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосири муносибатҳои байналмилалӣ равандҳои ҷаҳонишавӣ сабабгори боз ҳам наздик ва тавсеаи бесобиқаи робитаҳо миёни миллатҳо ва давлатҳо гардида, омили дастрасӣ ба комёбиҳои навину арзишманди башарӣ ва баҳрабардорӣ аз дастовардҳои тафаккури созандаи инсонӣ барои аҳли башар мешавад. Аз як тараф, мушкилоти моддиву маънавӣ ва ахлоқии башар низ хислати глобалӣ касб карда, ин амр боиси торафт афзудани фишор ба сохторҳо ва арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқҳо ва ангезиши бархӯрди тамаддунҳо мешавад. Аз тарафи дигар, таъсири равандҳои гуногуни асри нав аз қабили таҳоҷумҳои фарҳангӣ ва ахлоқӣ, дастрасии бесобиқаи инсонҳо ба иттилоот ва аз байн рафтани сарҳадҳо дар фазои иттилоотии давлатҳо бо дарназардошти пешрафти технология аз кишварҳои олам роҳу усулҳои самарабахшро дар муносибат бо онҳоро тақозо менамояд. Имрӯз бошад, дипломатияи фарҳангӣ беш аз пеш ба майдони муборизa барои тафаккур ва қалби мардумони гӯшаву канори гуногуни дунё табдил меёбад. Дар шароити муноқишаҳо ва ноустуворихо дар ҷаҳон нақши фарҳангро ҳамчун афзори сиёсати хориҷии давлат набояд нодида гирифт. Ин сарчашмаи муҳими дипломатия мебошад, ки барои пешрафти манфиатҳои давлат, беҳтар гаштани ҳусни тафоҳум миёни зиёиён ва халқҳо истифода мешавад [8]. Бинобар ин “дипломатияи фарҳангӣ” ҳамчун унсури асосии “нерӯи нарм” ба низоми давлатдорӣ, самтгирии сиёсати хориҷӣ ва фаъолияти дипломатӣ таъсири амиқ расонида, давлатҳо муҳимтарин масъалаҳои консептуалии сиёсати хориҷӣ ва дохилии худро ба ин васила татбиқ карда истодаанд. Давлатҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ ба хотири густариши ҳамкориҳои башарӣ ва инсондӯстона ба ин омилии ваҳдатофар такя карда, мавқеи худро дар фазои умумиҷаҳонӣ тавсия ва тақвият мебахшанд. Бо пайдо шудани мафҳумҳои “нерӯи нарм” ва “дипломатияи фарҳангӣ” дар муносибатҳои байнидавлатӣ мавқеи фарҳанг боз ҳам устувор гардида, дар ин замина кӯшиш карда мешавад, ки ҳамкориҳои фарҳангию башардӯстона, илмию адабӣ ва иттилоотӣ тавсеа бахшида шаванд ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқҳо ва давлатҳо устувор гардад. Муҳаққиқони дипломатияи фарҳангӣ бар он назаранд, ки дар шароити муосир дар баробари дипломатия табақаи зиёӣ (сиёсатмадорон, сафирон ва кормандони ҷамъиятӣ) таваҷҷуҳи асосиро ба ҷанбаҳои гуногуни дипломатия (фарҳангӣ, башардӯстона, мардумӣ, иттилоотӣ) ба маънои мубодилаи васеи фарҳангӣ байни мардуми оддӣ равона месозанд. Бо ин роҳ дар дунёи ҷаҳонишаванда фарҳанг ҷузъи таркибии сиёсати байналмилалӣ ва “неруи нарм”- и кишварҳо ба ҳисоб меравад [8]. Дар ин миён, “дипломатияи фарҳангӣ”, барои беҳтар кардани ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳо мусоидат менамояд. Бо ин роҳ мазмуни фарҳанг васеъ шуда, ба он адабиёт, санъат, маориф, воситаҳои ахбор, аз ҷумла телевизион, синамо, мусиқӣ, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамчунон рушди сайёҳиву ҷараёни муҳоҷират ворид мегардад. Олими амрикоӣ К. Милтон дипломатияи фарҳангиро ҳамчун “мубодилаи идеяҳо, иттилоот, муқаддасот, анъана, эътиқод ва дигар ҷиҳатҳои фарҳанг, ки метавонанд ҳамдигарфаҳмиро беҳтар гардонанд” медонад [4]. Дар чунин ҳолат дипломатияи фарҳангӣ ба қисми таркибии дипломатияи мардумӣ дохил шуда, дар худ маҷмӯи таъсири амалиеро, ки мақсади ҳадафмандона дар соҳаи фарҳангии ҳамкориҳои байнидавлатӣ, созмонҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ дорад, ифода менамояд. Бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқи англис Марк Леонард дар китоби худ “Дипломатия ба маънои дигар”

ҳадафҳои асосии дипломатияи ҷамъиятиро дар асри XXI муайян месозад [2,3], ки тамоми онҳо ба рушди сиёсати фарҳангӣ равона гардидаанд:

- боло бурдани огоҳӣ оид ба кишвар;
- ташаккули симои мусбати кишвар ва арзишҳои он, таъмини нуқоти назари мусбат ва нигоҳи онҳо;
- ҷалби мардум ба сайёҳӣ ва таҳсилот ва ҳаракат додани маҳсулоти он ба хориҷ;
- ҷалби сармоя ва шарикони хориҷӣ.

Дар баробари ин, ҷанбаҳои гуногуни “нерӯи нарм” ва “дипломатияи фарҳангӣ” аз тарафи муҳаққиқони тоҷик бо дарназардошти иқтидори фарҳангии Тоҷикистон ва таҷрибаи истифодаи “нерӯи нарм” дар сиёсати хориҷии кишвар таҳлил шудааст. Дар мақолаи ҳаммуаллифии А.Н. Муҳаммад ва Ш.Ш. Ризоён мавқеи “нерӯи нарм” дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шуда [5, с. 80-84], таҷрибаи истифодаи фишангҳои фарҳангӣ, иттилоотӣ, башардӯстона дар фаъолияти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Дар ин миён, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикитсон ба “дипломатияи фарҳангӣ” асоси ҳуқуқӣ ва консептуалӣ бахшида, дар бандҳои он дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстона дар ҳамбастагӣ ифода ёфтааст, ки ҳадафҳои калидии ҳамкориҳои мутақобилаи давлатро бо дигар кишварҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ ба таври зайл муайян менамояд:

- таҳкими пояҳои шартномавию ҳуқуқии робитаҳои фарҳангӣ ва башардӯстона бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ;
- ҳимояи фаъолонаи ҳуқуқ, манфиатҳо ва эътибори шаҳрвандон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа тавассути эҷоди заминаҳои фарогири ҳуқуқӣ ва тавсеаи ҳузури консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳои иқомати шаҳрвандони кишвар дар хориҷа;
- дастгирии ҳуқуқӣ ва фарҳангию маърифатии ҳамватанони бурунмарзӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидат ба иттиҳоди ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳифзи вижагиҳои этнофарҳангӣ, аз ҷумла забони модарӣ дар чаҳорчӯбаи қонунҳои кишварҳои будубоши онҳо;
- мусоидат ба фаъолияти созандаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ҷиҳати таҳкими робитаҳои кишвар бо ҳамватанони бурунмарзӣ, ҷалби зарфиятҳои онҳо барои рушди ҳамкориҳои сиёсиву иқтисодӣ ва маънавиву фарҳангӣ, эҷоди ҳусни таваҷҷуҳ ва муносибати хайрхоҳона ба Тоҷикистон ва мардуми он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва доираҳои сиёсии байналмилалӣ;
- мусоидат ба фароҳам овардани шароити фарогиру муносиб барои будубош ва сафарҳои шаҳрвандони хориҷӣ ба Тоҷикистон ҷиҳати рушди туризми байналмилалӣ ва ҷалби сайёҳон ба мамлакат;
- мусоидат ба роҳандозии муколамаи байни тамаддунҳо ва динҳо бо такя ба таҷриба ва саҳми таърихии тоҷикон дар ташаккули таҳаммулгароии динӣ ва тамаддунӣ [1].

Пешвои миллат низ дар баромад ва суханрониҳои хеш ба рушди мавқеи фарҳанг дар сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ бештар таваҷҷуҳ менамояд ва омили фарҳангиро ҳамчун муаррифкунандаи таърихи бойи халқи тоҷик ва инъиксоскунандаи дастовардҳои миллии имрӯза мешуморад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои калидии сиёсати фарҳангии давлат ироа намуд, ки паҳлуҳои дигари “нерӯи нарм” ва “дипломатияи фарҳангӣ” – и кишварро пурра намуданд. Якум ҷанба ташкил ва гузаронидани озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Илм – фурӯғи маърифат» мебошанд. Ҳадафи Роҳбари давлат аз ин ташаббусҳо баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, таҳвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва рушди илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад. Дар баробари ин дар сатҳи баланд баргузорӣ намудани ин озмунҳо ва намоиши арзандаи онҳо

дар васоити ахбори омма метавонад боиси тақвияти симои мусбати Тоҷикистон ва тарғибгари фарҳанги бою ғании халқи тоҷик гарданд. Инчунин, дар озмуни «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» номинатсияи “Адабиёти ҷаҳон” низ амал менамояд. Бинобар ин, ташвиқи ин номинатсияи метавонад иштирокдоронро аз дигар кишварҳои ҳамсоя ва ҳамҷавор, махсусан фарзандони ҳамватанони муқими кишварҳои хориҷӣ ҷалб намояд [6] ё баръакс, ҷоизадорони ин номинатсия метавонанд Тоҷикистонро дар озмунҳои сатҳи байналмилалии адабӣ муаррифӣ намоянд. Дуюм ҷанбаи дипломатияи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавонад муаррифии арзандаи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ташкил намояд. Маълум аст, ки тоҷикон фарҳанги бисёр ғанӣ ва таърихи басо пурифтихори бостонӣ доранд. Аз ин рӯ, Пешвои миллат дар паёми худ қайд намуд, ки “танҳо таърихи 5500 – солаи Саразм, ки аз ҷониби олимони сатҳи ҷаҳонӣ, марказҳои муътабари илмии дунё ва созмони бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО эътирофу тасдиқ шудааст, далели раднопазир ва бебаҳси қадимӣ будани миллати тоҷик мебошад” [7]. Инчунин, метавон гуфт, ки Тоҷикистон, барҳаҚ, ватани Наврӯз, Сада, Тиргон ва Меҳргон аст, ки дар кишвар ҳамасола ҷашн гирифта мешаванд. Ҳар кадоме аз ин ҷашнҳо таърихи беш аз 6000 – сола дорад. Ин далел низ боиси ифтихори мост. Эълон гардидани Наврӯзи бостонӣ – ҳамчун ҷашни байналмилалӣ ифтихори халқи тоҷикро боз ҳам бештар намуд. Пешвои миллат вобаста ба ин масъала қайд намуд, ки “Мо – тоҷикон мероси гаронбаҳову ҷовидонаи ҳанӯз беш аз ҳазор сол қабл ба ёдгор гузоштаи ниёгони худро бе ягон мушкилӣ мехонем, мефаҳмем, барои тарбияи наслҳои навраси халқамон истифода мебарем ва ба мардуми олам муаррифӣ мекунем” [7]. Ҷанбаи сеюмро масъалаҳои рушди соҳаҳои сайёҳӣ дар кишвар ташкил менамоянд. Имрӯз дар ҷаҳон соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои пешбарандаи иқтисодиёт ва бо суръати баланд рушдёбанда ба ҳисоб меравад. Бо дарки мавқеи ин соҳа дар иқтисоди миллӣ - рушди соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои афзалиятнок сиёсати хориҷӣ ва дохилии давлат ба ҳисоб меравад. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2019 – 2021–ум «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардидааст [10], ки ин ҳолат метавонад боиси ҷалби бештари сайёҳон ба кишвар гардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соли 2018 бори нахуст дар замони соҳибистиқлолӣ шумораи сайёҳон қариб ба 1 миллиону 200 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли 2017–ум 2,6 % зиёд шудааст. Дар соли 2019 аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Тоҷикистон омадаанд, 1 миллиону 260 ҳазор нафарашон сайёҳон буданд. Ҳоло Тоҷикистон ба қатори даҳ кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон, ба даҳгонаи кишварҳои беҳтарини сайёҳии пиёдагардӣ, ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯи низоми соддаи пешниҳоди раводид ва шоҳроҳи Помир ба даҳ роҳи зеботарини дунё шомил шуда, пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе ба даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амният ворид гардид. Бо дарназардошти ин, Пешвои миллат ба мақомотҳои дахлдор супориш дод, ки доир ба афзоиш додани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисоди кишвар ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ барои ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, бахусус, рушди сайёҳии дохилӣ чораҳои аввалиндараҷа андешанд. Инчунин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми рафтуомади шаҳрвандони хориҷиро дар кишвар идома дода истодааст ва ҳоло барои шаҳрвандони 112 кишвар тартиби соддаи таҳия ва ба расмият даровардани раводидро муқаррар кардааст. Метавон гуфт, ки сиёсати хориҷӣ ва дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти тақвияти “нерӯи нарм” ва “дипломатияи фарҳангӣ” равона шуда, бо ин роҳ, ҳадафҳои стратегии кишвар татбиқ гардида, манфиатҳои миллии давлат ҳифз ва ташвиқ мегарданд. Бо дарназардошти омилҳои зикргардида, мавқеи фарҳанг бояд дар фаъолияти байналмилаии кишвар пурзӯр карда шавад ва бо ин роҳ, нуфузи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардошта шавад.

АДАБИЁТ

1. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332.
2. Leonard, M. Going Public: Diplomacy for the Information Society [Text] / M. Leonard, V. Alakeson. - L.: Foreign Policy Centre, 2000.

3. Leonard, M. Public diplomacy [Text] / M. Leonard, C. Stead, C. Smewing. - L.: Foreign Policy Centre, 2002. - 183 p.
4. Milton, C. Cultural diplomacy: the elegant tandem of arts and politics. [Манбаи электронӣ] URL: https://www.culturepartnership.eu/en/article/cultural-diplomacy?fbclid=IwAR0ADCvY4YCYzV3WOHlWEZZ9gezjeQ4PvedKSIJ_dY1Esy6wrrO4Epu-hAA (санаи мурочиат: 07.04.2021).
5. Муҳаммад, А.Н. «Неруи нарм» дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он [Матн] / А.Н. Муҳаммад, Ш.Ш. Ризоён // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020, №1. – С. 80-84.
6. Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» [Манбаи электронӣ] URL: https://mfa.tj/tg/berlin/view/5873/ozmuni-jumhuriyavii-furugi-subhi-dono (санаи мурочиат: 08.04.2021).
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021 [Манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/25005#jayhun (санаи мурочиат: 09.04.2021).
8. Раҳмонзода, А. Дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъ ва дурнамо [Манбаи электронӣ] URL: http://www.jomea.tj/tj/node/1193 (санаи мурочиат: 06.04.2021).
9. Салимов, Ф.Н. Дипломатияи фарҳангии - воситаи рушди устувори равобити байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ [Матн] / Ф.Н. Салимов // Паёми ДМТ. – 2020, №7. – С. 76-83.
10. Солҳои 2019 –2021 “солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” [Манбаи электронӣ] URL: https://www.tajmedun.tj/tj/soli-rushdi-sayyehi-va-hunarhoi-mardumi/sol-oi-2019-2021-sol-oi-rushdi-de-ot-sayye-va-unar-oi-mardum-/ (санаи мурочиат: 10.04.2021).
11. Шарипов, А.Н. Дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъ ва дурнамо [Матн] / А.Н. Шарипов, С.С. Шарипов // Паёми ДМТ. – 2019, Қисми 2. №10. – С. 28-32.

ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГӢ ДАР ПАЁМИ СОЛОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Воқеоти навини муносибатҳои байналмилалӣ ба низоми робитаҳои байнидавлатӣ таъсири амиқ намуда, зарурати татбиқи ҳадаф ва вазифаҳои сиёсати хориҷии давлатро бо роҳҳо ғайризуроварона ба вуҷуд овардааст. Илова бар ин, густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ боиси омезиши манфиатҳои иштирокдорони муносибатҳои байналмилалӣ гардида, амалии манфиатҳои миллиро дар саҳнаи ҷаҳонӣ боз ҳам мушкил мегардонад. Дар чунин шароит “нерӯи нарм”, ки ҷавҳари калидии онро “дипломатияи фарҳангӣ” ташкил менамояд, воситаи самараноки татбиқи авлавиятҳои сиёсати хориҷӣ гардидааст. Заминаи ҳуқуқии ин омил дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар банди алоҳида зери унвони дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстона гузошта шудааст. Дар баробар ин, Пешвои миллат дар Паёми солонаи худ ба омили фарҳангӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, фарҳангро чун воситаи муҳимми рушду пешрафти дохилӣ ва муарифии мусбати давлат дар хориҷа мешуморад.

КУЛЬТУРНАЯ ДИПЛОМАТИЯ В ЕЖЕГОДНОМ ПОСЛАНИИ ЛИДЕРА НАЦИИ

Новые реалы международных отношений непосредственно влияли на систему межгосударственных связи и привели к необходимости осуществление внешнеполитических цели и задачи государств не силовыми методами. На ряду с этим, развития глобализационных процессов привели к взаимозависимости интересов акторов международных отношений, которая усложнила реализации национальных интересов на мировой арене. В таких условиях «мягкая сила», ключевой элемент которого является «культурная дипломатия», превратилась в эффективном средстве осуществлении внешнеполитических приоритетов. Правовой основой данного фактора заложена в отдельном параграфе в Концепции внешней политики Республики Таджикистана под названием культурно-гуманитарная дипломатия. Исходя из важности этого фактора, Лидер нации в своем ежегодном послании уделил особое внимание именно культурному фактору – как важное средство внутреннего развития и позитивное освещение государства за рубежом.

THE CULTURAL DIPLOMACY IN THE ANNUAL MESSAGE OF THE LEADER OF THE NATION

The new realities of international relations directly influenced to the system of interstate relations and made it necessary to implement the foreign policy goals and objectives of states by non-forceful methods. Along with this, the development of globalization processes led to the interdependence of the interests of the actors of international relations, which complicated the realization of national interests in the world arena. In such conditions, "soft power" the key element of which is "cultural diplomacy", has become an effective means of implementing foreign policy priorities. The legal basis for this factor is laid down in a separate paragraph in the Foreign Policy Concept of the Republic of Tajikistan called cultural and humanitarian diplomacy. Based on the importance of this factor, the Leader of the Nation in his annual message paid special attention to the cultural factor - as an important means of internal development and positive coverage of the state abroad.

Сведение об авторе: ***Миралиева Миджгона Рустамовна*** **–** Таджикский национальный университет**,** магистрант второго курса кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан, факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17 Телефон.:988050874

Infotmation aqbout the author: ***Miralieva Mijgona Rustamovna*** -Tajik National University second year master's student of the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan, Faculty of International Relations,. **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone.: 988050874

АҲДНОМАИ 23 - ЮМИ АВГУСТИ СОЛИ 1939

Мирзоев Ҷаҳонгир
Донишгоҳи миллии Тоҷикистион

Моҳи августа соли 1939 барои сар задани Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ тамоми шароит омода шуда буданд. Ҳамаи чораҳои пеш аз ҷанг барои гирифтани сари роҳи ҷанг бенатиҷа анҷом ёфтанд. Ҳисси нафрат нисбати якдигар, гуногунии сохтори сиёсии давлатҳо, душмании байни синфӣ аз болои хиради солим ғалаба овард. Ба сиёсати забткоронаи Олмон дар Аврупои Ғарбӣ назар афканда, роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ дарк намуданд, ки набарди хунини мусаллаҳона бо душмани пуртаҷриба ва бераҳм онҳоро дар пеш интизор аст. Дар Анҷумани XVIII Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ Сталин ба Молотов супориш дод, ки бо Англия ва Фаронса барои гирифтани хатари ҳуҷуми ногаҳонаи Олмон ба ҳамсоягони наздикаш чораҳои судманд андешанд. Бо мақсади фишор овардан ба Гитлер Лондон ва Па¬риж барои оғоз кардани гуфтушунид бо Иттифоқи Шӯравӣ ризояти худро иброз намуданд. Аммо дере нагузашта, Сталин аз нақшаҳои ғофилонаи Англия ва Фаронса огоҳ шуда, фаҳмид, ки онҳо мақсад доранд, ки таҷовузи Олмонро ба Шарқ, яъне сӯйи Иттифоқи Шӯравӣ равона созанд. Вазири корҳои хориҷии Иттифоқи Шӯравӣ Литвинов ба сафири Иттиҳоди Шӯравӣ дар Лондон И.М. Майский менависад, ки гӯё Гитлер ҳамин тавр рафтор мекунад, ки аз ҳадафҳои Англия ва Фаронса хабардор набошад. Дар асл бошад, Гитлер аз бозиҳои сиёсии Англия ва Фаронса хуб огоҳ буд, чунки худ яке аз бозингарони асосии ин бозӣ ба ҳисоб мерафт. Дар таърихи 3-юми август Риббентроп дар бораи наздик будани мавқеи Олмон ва Иттиҳоди Шӯравӣ ва муайян намудани минтақаҳои манфиятҳои ҳар ду давлат нахустин маротиба ишора кард. Риббентроп гуфт, ки ҳамаи масъалаҳое, ки миёни кишварҳои соҳили баҳри Сиёҳ ва баҳри Балтика дахл дорад, метавонем, ки бидуни ягон монеа ва душворӣ онҳоро ҳал намуда, созишномаҳои дахлдор ба имзо расонем. Олмон ҳамаи масъалаҳое, ки бо Лаҳистон алоқаманд буданд, бо диққат назорат мекард. Дар мавриди иғвогарии Лаҳистон нисбати Олмон мо масъалаи Лаҳистонро дар як ҳафта ҳал карда метавонист. Дар масъали тақсими Лаҳистон Риббентроп ба русҳо ишора карда, онҳоро ҳушдор сохт, ки ин масъала низ мумкин аст, ки тариқи музокирот ва шартномаи навбатӣ ҳалли судманди худро пайдо созад. [8;110] Дар таърихи 15-уми август сафир Шуленбург ба назди Молотов омада, суханрониҳои Риббентропро ба Молотов хонда дод, дар он гуфта шуда аст, ки Риббентроп омодааст ба Москва омада, масъалаҳои муносибатҳои дуҷонибаи Олмон ва Иттиҳоди Шӯравро муҳокима намояд. Дар барқияи ҷавобӣ Молотов пешниҳод намуд, ки миёни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Олмон дар мади аввал шартномаи мукаммал бас-тан лозим аст. 17-уми август Молотов боз сафир Шуленбургро пазирой намуд, ки дар вақти суҳбат сафири Олмон иброз дошт, ки музокира миёни Олмон ва Иттиҳоди Шӯравӣ бомуваффақият идома меёбад ва боварии комил вуҷуд дорад, ки ҳафтаҳои наздик миёни Олмон ва Иттиҳоди Шӯравӣ шартномаи ба ҳам ҳуҷум накардан ба имзо мерасад. Дар сӯҳбат бо Шуленбург Молотов боз ҳамон таклифи пештараашро дар бораи бо Иттиҳоди Шӯравӣ бастани шартномаи иқтисодӣ ва баъдан ҳал намудани масъалаҳои сиёсиро такрор кард. Худи ҳамон рӯз сафир посухи Риббентропро ба Молотов расонид, ки дар он гуфта шуда буд: Олмон омода аст, ки ба муҳлати 25 сол бо Иттиҳоди Шӯравӣ шартномаи ба ҳамдигар ҳуҷум накардан ба имзо расонад. Риббентроп изҳор намуд, ки Олмон ҳар лаҳза метавонад ба Лаҳистон ҳуҷум кунад. Беҳтар мешуд, ки шартнома байни Олмон ва Иттиҳоди Шӯравӣ ҳар чӣ зудтар ба имзо расад. [9;12] Намояндагони Олмон саросема лоиҳаи шартномаи иқтисодиро бо Иттиҳоди Шӯравӣ таҳия намуд ва 19-уми август онро Иттиҳоди Шӯравӣ ва Олмон имзо карданд. Худи ҳамон рӯз Молотов изҳор намуд, ки ӯ омода аст, ки Риббентропро қабул намояд. Лоиҳаи шартномае,

ки онро намояндагони Иттиҳоди Шӯравӣ омода намуда буданд, бо иловаи қарори махфӣ ба сафир Шуленбург супурда шуд. Намояндагони Иттиҳоди Шӯравӣ изҳор намуданд, ки омода ҳастанд, ки Риббентропро 26-27 август пазирой намоянд. [10;150] Муҳлате, ки Молотов барои имзо кардан шартнома пешниҳод карда буд, барои Гитлер хуш наомад, чунки ӯ мақсад дошт, ки сиёсати забткоронаи худро нисбати Лаҳистон то саршавии боронҳои тирамоҳӣ ба охир расонад. Мувофиқи нақшаи Гитлер бо баста шудани қарордоди ба ҳам ҳуҷум накардани Олмон ва Иттиҳоди Шӯравӣ ба ӯ имкон фароҳам меовард, ки масъалаи Лаҳистонро ҳал намояд. Гитлер ба Сталин барқия равон карда, аз вай хоҳиш намуд, ки Риббентроп 22-23-уми август дар Москва пазируфта шавад. Сталин розӣ шуд, ки 23-уми август вазири корҳои хориҷии Олмонро қабул намояд. Ин хабар зуд тавассути радиои Берлин паҳн гардид. Ҳамон лаҳза киштиҳои ҳарбии Олмон фармон гирифтанд, ки барои ҳуҷум бар зидди Лаҳистон омода шаванд. Дар санаи 22-уми август Гитлер ба роҳбарияти Вермахт изҳор намуд, ки акнун ба Лаҳистон ҷанг эълон хоҳад кард. Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳамон лаҳзаҳои душвор бозиҳои дуҷонибаи худро идома дода, мехост, ки бо Англия ва Фаронса қарордоди ҳарбиро ба имзо расонад. Дар таърихи 23-уми июл Англия ва Фаронса ба тарафи Иттиҳоди Шӯравӣ таклиф карданд, ки намояндаи ҳарбии онҳо ба Москва омада, масъалаи бастани шартномаро муҳокима намояд. Вазири корҳои хориҷии Англия Галифакс изҳор намуд, ки Англия имконият дорад, ки баъди 7-10 рӯз намояндаи худро ба Москва равон намояд. Дар санаи 11-уми август вакилони англис ва фаронсавӣ ба Москва ташриф оварданд. Чемберлен бовар надошт, ки бо Иттиҳоди Шӯравӣ қарордод бас-тан мумкин аст. Ҳамзамон, ӯ ба иқтидори ҳарбии Иттиҳоди Шӯравӣ низ он қадар бовар надошт. Барои Англия ин гуфтушунид барои ҳар чӣ зиёдтар фишор овардан ба Олмон лозим буд. Як қисми муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки гӯё Сталин хоҳиши бастани қарордодро бо Англия ва Фаронса надошт ва даъвати намояндагони давлатҳои Аврупои Ғарбӣ танҳо ба хотири ҳаросонидан аз Олмон буд. Монеаи асосӣ барои бастани шарномаи сетарафа масъалаи аз ҳудуди давлати Лаҳистон гузаштани қушуни Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт. Бо вуҷуди ҳамаи кӯшишҳои Фаронса, онҳо натавонистанд, ки Лаҳистонро маҷбур созанд, ки барои гузаштани артиши Иттиҳоди Шӯравӣ аз қаламрави давлати худ розӣ шаванд. Лаҳистон ин амали Иттиҳоди Шӯравиро, пеш аз ҳама, хатар барои худ медонист, нагузошт, ки артиши Иттиҳоди Шӯравӣ аз қаламрави он гузашта, ба Олмон ҳуҷум кунад. Дар бозии Олмон ва Иттиҳоди Шӯравӣ Сталин қадам ба қадам ба ақиб мерафт, алалхусус дар масъалаи бастани қарордод ва вақти он. Гитлер ташаббусро ба дасти худ гирифт. Ба ӯ муяссар гардид, ки мулоқоти сетарафаро вайрон карда, Сталинро водор кунад, ки бастани қарордод байни Олмон ва Иттиҳоди Шӯравӣ барояш муфид мебошад. Моҳи марти соли 1939 баъди забт шудани вилояти Клайпедаи Литва, Иттиҳоди Шӯравӣ ба Латвия ва Эстония пешниҳод кард, ки байни онҳо қарордоди дӯстӣ баста шавад, аммо онҳо ин таклифро қабул накарданд. Моҳи майи ҳамон сол ҳукумати Лаҳистон изҳор намуд, ки бо Иттиҳоди Шӯравӣ ягон хел шартнома бастан намехоҳад. Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки муносибатҳои Лаҳистон аввал бо Иттиҳоди Шӯравӣ аз соли 1920 то ин давра сард буданд. Ҳангоми ҳуҷуми лашкари Шӯравӣ дар соли 1920 артиши Русияи Шӯравӣ дар назди Варшава аз ҷониби артиши Лаҳистон пурра торумор гардид. Қаламрави давлати Лаҳистон аз хатти Керзон ба тарафи Шарқ аз ҳисоби ҳудуди собиқ империяи Русияи подшоҳӣ васеъ гардид. Дар натиҷа 6 млн. украин ва бе-лорус ба ҳайати Лаҳистон шомил шуданд. Ин амал, албатта, ба ҳукуматдорони Иттиҳоди Шӯравӣ ва Олмон писанд набуд. Бинобар сабабҳои гуногуни сиёсӣ ва таърихӣ кишварҳои соҳили баҳри Балтика низ ба Иттиҳоди Шӯравӣ он қадар бовар надоштанд, чунки онҳо хуб мефаҳмиданд, ки агар артиши Шӯравӣ ба хоки давлати онҳо дарояд, он гоҳ, албатта, сохтори давлатӣ ва идории ин давлатҳо тағйир ёфта, рӯ ба низоми сотсиалистӣ меоранд, ки ин барояшон писанд набуд. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, 7-уми июни соли 1939 Эстония, Латвия ва Финляндия бо Олмон қарордод дар бораи ба ҳамдигар ҳуҷум накарданро ба имзо расониданд. Ҳамзамон, Олмон ба ин кишварҳо ваъда дод, ки дар мавриди ҳуҷуми лашкари Иттиҳоди Шӯравӣ ба онҳо ёрӣ хоҳад расонд. Ҳарбиёни олимақоми немис Голдер ва Канорис ба мамлакатҳои соҳили баҳри Балтик ширкат варзида, оид ба ҳамкории ҳарбии байни давлатҳо гуфтушунид доир

намуданд. Дар нимаи дуюми рӯзи 23-уми август Риббентроп ба Москва омад. Сарҳадбонони Шӯравӣ ба саҳву хато роҳ дода, қариб буд, ки тайёраи ӯро зада афтонанд. Худи ҳамон рӯз Риббентроп ва Сталин вохӯрд. Мулоқоти онҳо се соат давом ёфта, барои Олмон бомуваффақият ба анҷом расид. Шоҳиди воқеа, мутарҷими Сталин В. Павлов дар ёддоштҳои худ навишта буд, ки ҳангоми муҳокимаи шартҳои созишнома Сталин пешниҳод кард, ки ба ин шартнома қарори махфӣ илова кардан зарур аст. Қарори махфӣ дар бораи тақсим намудани минтақаҳои манфиат дар Аврупои Шарқӣ, давлатҳои соҳили баҳри Балтик то баҳри Сиёҳ дар назар гирифта шуда буд. Риббентроп худи ҳамон рӯз аз Москва ба Гитлер барқия равон намуда, доир ба муваффақияҳои гуфтушунид хабар дод. Гитлер низ ҳамон рӯз ба Риббентроп посух дода, изҳори қаноатмандӣ карда гуфт: "...эй вазири бузурги корҳои хориҷии ман, шумо ҳатто тасаввур карда наметавонед, ки чӣ гуна амали бузургро ба анҷом расонидед! Табрикоти маро ба доҳии халқи Иттиҳоди Шӯравӣ расонед!" [11;26]

Роҳбарияти ҳарду далат манфиатҳои миллии давлатҳои худро, пеш аз ҳама, ҳимоя мекарданд. Сталин дар симои Гитлер иғвогари ашаддиро тасаввур мекард, Гитлер бошад, дар навбати худ дар шахсияти Сталин аждаҳои бузурги болшевикиро медид. Мазмуни асоси қарордоди байни Олмон ва Иттиҳоди Шӯравӣ чунин буд: шартнома аз 7 банди мухтасар иборат буда, бахши аввал дар бораи ба ҳамдигар ҳуҷум накардани тарафҳое, ки қарордодро имзо намуданд; бахши дуюм тарафҳоро уҳдадор месохт, ки дар мавриди ҳуҷуми давлати сеюм бар зидди яке аз тарафҳое, ки шартномаро имзо кардааст дастгирӣ нахоҳад кард; банди чорум тарафҳоро уҳдадор намуд, ки ба ягон созишномае ҳарбӣ, ки бар зидди ягон тарафе, ки қарордодро имзо кардаанд, равона шуда бошад, ба он дохил намешавад; бахши панҷум роҳҳои ҳалли музокирот ва ихтилофотро бо таври осоишта ва дипломатӣ муйян мекард; бахши шашум муҳлати амалисозии қарордод, ки ба даҳ сол баробар карда шуда буд, аниқ менамуд; бандҳои сеюм ва ҳафтум лаҳзаҳои техникии онро муайян менамуданд [12;129-130]. Чи тавре дар боло зикр гардид, ҳадаф аз баста шудани қарори махфӣ дар муайян намудани қаламрави манфиат дар Аврупои Шарқӣ байни Олмон ва Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Дар қарор қайд гардида буд, ки ҳудуди давлатҳои Лаҳистон, Литва ва Эстония минтақаҳои манфиати Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб меравад. Музофоти Вилнюс, ки қаблан қаламрави Лаҳистон буд, ба Литва дода мешуд. Мувофиқи ин тақсимот сарҳади давлати Лаҳистон аз рӯдҳои Нарев, Висла ва Сан муайян шуданд. Умуман, бо хоҳиши Иттиҳоди Шӯравӣ қаламрави давлати Лаҳистон минтақаи манфиатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ қарор гирифта, Бес-сарабия низ ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ гузашт, Олмон бошад, иброз дошт, ки ягон монеа нисбати ин масъала надошта, даъвои Бессарабияро надорад. Соли 1946 дар мурофиаи суди Нюренберг Риббентроп изҳор на¬муд: "Ҳангоме ки ман ба Москва омадам ва бо маршал Сталин вохӯрдам, вай ба ман аввалин шуда гуфт: масъалаи Лаҳистонро, ки мувофиқи шартномаи Бриан-Келлак ҳал шуда буд, эътироф нахоҳад кард. Ӯ изҳор намуд, ки агар Олмон ба ҳамроҳ шудани ними Лаҳистон ва давлатҳои соҳили баҳри Балтик (бидуни Литва ва бандари Либова) ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ розӣ нашавад, пас ман метавонам, ки худи ҳамин лаҳза пас гардам". [13;135-140] Баъди ба имзо расидани қарордод дар Москва ба шарафи дӯстӣ ва ҳамкориҳои минбаъдаи Иттиҳоди Шӯравӣ бо Олмон зиёфат омода гардид, ки дар он Сталин чунин иброз дошт: "Ман медонам, ки халқи немис доҳии худро дӯст медорад ва ба муносибати ҳамин, ба ҳамагон таклиф мекунам, ки қадаҳҳоро бардоред!" Зиёфат то соати панҷи субҳ давом кард. Агар ақидаҳои муаррихонро доир ба баста шудани оқибати қарордоди соли 1939-ро муқоиса кунем, пас маълум мегардад, ки онҳо ба якдигар шабоҳат надошта, гуногун мебошанд. Як қисми олимон бар он ақидаанд, ки бо баста шудани шартнома як қатор давлатҳои Аврупои Шарқӣ, ба монанди Лаҳистон, Латвия, Литва ва Эстония аз истиқлолияти давлатии худ маҳрум гаштанд. Қисмати дигари муаррихон бар он ақидаанд, ки ба туфайли баста шудани қарордод Иттиҳоди Шӯравӣ имкон пайдо кард, ки ҳудуде, ки дар натиҷаи Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ аз даст дода буд, дубора барқарор намояд. Агар ба ин масъала аз нуқтаи назари геополитики назар афканем, пас маълум мегардад, ки ҳадафи васеъсозии ҳудуди давлатии худ мақсади солими ҳар як давлати соҳибистиқлол мебошад:

-имзо шудани қарордод муҳлати оғози ҷангро ба 2-3 сол қафо партофт;

-дар натиҷаи баста шудани қардод дар байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Олмон шартномаи сетарафа дар байни Англия, Фаронса ва Олмон, ки бояд зидди Иттиҳоди Шӯравӣ равона мегашт, боз дошта шуд;

-шартнома пеши роҳи дар ду самт ҷангидани Олмонро гирифт.

Муаррихи рус А.Г. Куманев тарафдори чунин ақида аст, ки гӯё қарордод нақш ва обрӯйи Иттиҳоди Шӯравиро дар назди қувваҳои пешқадами ҷаҳон ва ҳаракати зиддифашистӣ коста гардонид. Баста шудани шартнома барои Иттиҳоди Шӯравӣ бетарафии муваққатӣ буд ва инро И.В. Сталин ба хубӣ дарк мекард. Мувофиқи ақидаи муҳаққиқи дигари рус О.Б Мозахин, бо баста шудани қарордод бо Олмони фашистӣ Иттиҳоди Шӯравӣ аз созмони байналмилалии Лигаи Миллатҳо ронда шуда, обрӯю нуфузаш дар ҷаҳон паст шуд. Солҳои ҳаштодуми асри гузашта масъалаи мавҷудияти қарори махфӣ дар бастани шартномаи соли 1939 дар солҳои бозсозӣ дар натиҷаи фишори Лаҳистон боиси баҳси доираи васеи мардуми шӯравӣ гардид. Ҳамаи ин Ҳукумати Иттиҳоди Шӯравиро маҷбур сохт, ки комиссияи махсус барои гузаронидани тафтишоди беғаразона оид ба масъалаҳои қарори махфии соли 1939 бо роҳбарии Котиби Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Итиҳоди Шӯравӣ А.Н. Яковлев соли 1989 таъсис дода шуда буд. Нахустин маротиба соли 1989 матни қарордод ва қарори махфӣ дар маҷалаи "Масъалаҳои таърих", №6 рӯйи чопро дид. Дар қарори Анҷумани вакилони мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 24-уми декабри соли 1989, №979-1 "Дар бораи додани баҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба шартномаи соли 1939 миёни Олмон ва Иттиҳоди Шӯравӣ" гуфта шуда буд: "Анҷуман қарор қабул кард, ки мулоқоти Сталин ва Молотов бо Риббентроп ва бастани шартнома ва қабули қарори махфӣ бе раъйи Ҳизби Коммунист, КМ ВКП (б), Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати Шӯравӣ сурат гирифта буд. Бинобар ин, халқи шӯравӣ ҷавобгари ин амали Сталин ва Гитлер нест" [14]. Анҷумани намояндагони халқи Иттиҳоди Шӯравӣ ба имзо расидани қарори махфиро аз 23-уми августа соли 1939 маҳкум кард. Дар таърихи 1-уми сентябри соли 2009 сарвази-ри Федератсияи Русия В.В. Путин дар маъракаи тантанавӣ бахшида ба 70-солагии оғози Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ дар шаҳри Гданск суханронӣ намуда, қайд кард: "Думаи давлатии Федератсияи Русия шартномаи Молотов Риббентропро маҳкум намудааст". [15]

Дар хотима қайд намудан зарур аст, ки воқеаи 75 сол пеш рӯйдода роҳбарони кишварҳои бузургро хотиррасон мекунад, ки барои густа-риши масъалаҳои байналмилалӣ ва ҳалли мушкилоти байнидавлатию дохилидавлатӣ сиёсат набояд воситаи ҳалли масъала гардад.

АДАБИЁТ

1. Сталин В.И. Вопросы ленинизма. -М.: Политиздат, 1945. -С.569.
2. Речь Сталина на XVIII Съезде ВКП (б) 10 марта 1939г.
3. Новая история, 1998, №4. -С4.
4. Документы внешней политики. Т.22, К.1. -С.293.
5. Случ С.З. Сталин и Гитлер, 1933-1941гг. Расчеты и просчеты Кремля. Отечественная история. 2005, №1.-С.100-101.
6. Мотивы и последствия внесения политических решений. -М.: Из-во Гея, 2006. -С.50.
7. Уинстон Черчилль Вторая мировая война. К.1, Т.1. -М.: Воениздат, 1991. -С.177.
8. Слус С.З. Асари номбурда шуда.-С.110.
9. Новая и новейшая история.1989, №4. -С.12.
10. Безыменский Л. А. Гитлер и Сталин перед схваткой. -М.: Вече, 2000.-С.150.
11. Новая и новейшая история. 1989, №4.-С.26.
12. Карпов В. В. Маршал Жуков. Его соратники и противники в дни войны и мира. -М.: Воениздат, 1994. -С. 129-130.
13. Карпов В.В. Маршал Жуков. Его соратники и противники в дни войны и мира. -М.: Воениздат, 1994. -С.135-140.
14. План Молотова-Риббентропа в ПАСЕ. - Газета ру. 19 сентября, 2009г.
15. Речь В.В. Путина в Гданьске в честь 70-летия начала Второй мировой войны.2009, 20 сентябрь.

АҲДНОМАИ 23 - ЮМИ АВГУСТИ СОЛИ 1939

Дар ин мақола таърихи ба имзо расидани шартномаи 23-уми авгу-сти соли 1939 "Дар бораи ба ҳамдигар ҳучум накардани Иттиҳоди Шӯравӣ ва Олмони фашистӣ", ки миёни Молотов ва Риббентроп баста туда буд, мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода шудааст. Моҳи августа соли 1939 барои сар задани Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ тамоми шароит омода шуда буд. Ҳамаи чораҳои пеш аз ҷанг барои гирифтани сари роҳи ҷанг бенатиҷа

анҷом ёфтанд. Ҳисси нафрат нисбати якдигар, гуногунии сохтори сиёсии давлатҳо, душмании байни синфӣ аз болои хиради солим ғалаба овард. Ба сиёсати забткоронаи Олмон дар Аврупои Ғарбӣ назар афканда, роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ дарк намуданд, ки набарди хунини мусаллаҳона бо душмани пуртаҷриба ва бераҳм онҳоро дар пеш интизор аст. Дар Анҷумани XVIII Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ Сталин ба Молотов супориш дод, ки бо Англия ва Фаронса барои гирифтани хатари ҳуҷуми ногаҳонаи Олмон ба ҳамсоягони наздикаш чораҳои судманд андешанд. Бо мақсади фишор овардан ба Гитлер Лондон ва Париж барои оғоз кардани гуфтушунид бо Иттифоқи Шӯравӣ ризояти худро иброз намуданд.

Калидвожаҳо: Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, шартнома, Гитлер, Сталин, Олмон, Иттиҳоди Шӯравӣ, забт, таҷовуз, гуфтушунид.

ДОГОВОР 23 АВГУСТА 1939 ГОДА

В данной статье авторами был проведен анализ и обобщение истории подписания соглашения от 23-го августа 1939г. "О взаимном ненападении Советского Союза и Германии", которое было подписано Молотовым и Риббентропом. Также были рассмотрены последствия указанного соглашения. В августе 1939 года были готовы все условия для начала Второй мировой войны. Все довоенные меры по воспрепятствованию войне оказались безуспешными. Чувство ненависти друг к другу, разнообразие политических структур государств, классовая неприязнь преодолели здравый смысл.Глядя на агрессивную политику Германии в Западной Европе, руководство Советского Союза понимало, что впереди его ждет кровавая вооруженная борьба с опытным и жестоким противником.На XVIII съезде Коммунистической партии Советского Союза Сталин поручил Молотову принять эффективные меры с Великобританией и Францией, чтобы избежать риска внезапного нападения Германии на своих ближайших соседей. Чтобы оказать давление на Гитлера, Лондон и Париж согласились начать переговоры с Советским Союзом.

Ключевые слова: Вторая мировая война, соглашение, Гитлер, Сталин, Германия; Советский Союз, нападение, агрессия, переговоры.

TREATY AUGUST 23 - 1939

In this article, the author analyzed and summarized the history of the signing agreement on 23 August 1939. "On mutual non-aggression of the Soviet Union and Germany," which was signed by Molotov and Ribbentrop. The consequences of the agreement were also discussed.In August 1939, all the conditions were in place to cap World War II. All pre-war measures to get in the way of the war were unsuccessful. The feeling of hatred towards other, the diversity of the political structures of states, the class animosities overcame common sense. Looking at Germany's aggressive policy in Western Europe, the leadership of the Soviet Union realized that a bloody armed struggle with an experienced and brutal enemy lay ahead of them. At the 18th Congress of the Communist Party of the Soviet Union, Stalin instructed Molotov to take effective measures with Britain and France to avert the danger of a surprise German attack on its immediate neighbors. In order to put pressure on Hitler, London and Paris agreed to start negotiations with the Soviet Union.

Keywords: Second World War; agreement; Hitler; Stalin; Germany; Soviet Union; attack; aggression; negotiations.

Сведения об авторе: ***Мирзоев Джахонгир*** - магистр 2-го курса кафедры истории таджикского народа факультета истории ТНУ, Тел: 904 44 84 40

Information about the author: ***Mirzoev Chakhongir*** - 2nd year master of the Department of History of the Tajik people, Faculty of History, TNU, Tel: 904 44 84 40

ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ЭҲЁГАРИ ҲУВИЯТ ВА МЕЪМОРИ ҶОМЕАИ НАВИНИ ТОҶИКИСТОН

Мустафои Тақво, Нуриддинов Р.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳадафи мақолаи мазкур пардохтан ба тамоми абъоди ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии мардуми Тоҷикистон ва коркардҳои давлати Тоҷикистон дар солҳои пас аз истиқлолият ва ташкили давлати мустақили миллии Тоҷикон нест, чун дастовардҳои давлати мустақил ва миллии Тоҷикистон дар партави истиқлолият ва роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунон густарда ва бунёдӣ мебошанд, ки пардохтан ба он ҳадди ақал чандин китоб хоҳад шуд. Ин мақола аввалан ба маъно ва сидқияти унвони «Пешвои миллат», ки дар соли 2016 мелодӣ аз сӯйи Парламенти Тоҷикистон ба Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон – Президенти ин кишвар ато гардид, таваққуф намуда, дар идома ба тавзеху таҳлил, шомили коркардҳои давлат ва пешрафтҳои миллати Тоҷик дар зайли ду

баҳси дар поён зикргардида, ки аз муҳимтарин далоил ва шавоҳиди эътои лақаби «Пешвои миллат» аст, мепардозад:

1. Пешвои миллат – эҳёгари ҳувияти миллии тоҷикон.
2. Пешвои миллат – асосгузори ҷомеаи навини Тоҷикистон.

Ду баҳси ёдшуда дар асл баёнгари гузаштаи дурахшон ва ояндаи умедбахши мардуми Тоҷикистон мебошанд ва яке дигареро такмил ва пурра месозад. Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 2016 унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро барои Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвиб кард ва ин унвон дарҷи қонун гардидааст. «Пешвои миллат» ташкилёфта аз ду калима - «пешво» ва «миллат» аст ва ҳарду калима маънои хос ва амиқ доранд. Вожаи «пешво» дар луғат ба маънои раҳбар, солор, сарвар ва қоид аст [2] ва дар истилоҳ ба касе гуфта мешавад, ки аз ҳама пайравони хеш огоҳтар ва маҳбубтар ва дар таҳаққуқи илмии аҳдофи муштарак ва ҷамъӣ ҷиддитар ва муттаҳидтар бошад. «Пешво» як вожаи ноби форсии тоҷикӣ аст ва дар осор ва ашъори пешиниён корбурди фаровон доштааст.

Хоқонӣ чунин гуфтааст:

Гарчи рӯз омад ба пешин аз ҳама пешинён,
Беш пешам дар сухан донад касе, к-ӯ пешвост.[3]

Фаррухӣ чунин гуфтааст:

Ҳурмат нигаҳ дорӣ ҳаме, ҳурӣ ба ҷой орӣ ҳаме,
Воҷиб чунин бинӣ ҳаме, ай пешвои пешбин.[4]

«Пешвои миллат» як мақоми маънавӣ ва мардумии тамомиумрӣ аст ва қайд ба муддати расмии вазифа нест ва пораи имтиёзот, аз ҷумла таъмини ҳазинаҳои зиндагӣ, таҳияи маскан, масунияти судӣ ва доштани нақши аввал дар умури сиёсиро ба дорандаи унвон тазмин менамояд. Дар ҳар кишваре лақаби «пешво», «роҳбар» ва «қаҳрамон» ба шахсиятҳои хос мансуб дониста мешавад ва интихоби ин гуна алқоб далоил ва шавоҳиди хосси миллӣ ва ё мазҳабӣ дорад. Дар Афғонистон тибқи тасмими намояндагони мардум ва мароҷеи қонунгузор ба Аҳмадшоҳи Масъуд унвони «Қаҳрамони миллӣ» [5] ва ба Муҳаммад Зоҳиршоҳ, шоҳи пешини Афғонистон, унвони «Бобои миллат»-ро додаанд [6]. Дар Эрон ба Эмом Хумайнӣ бунёдгузори низоми ҷумҳурии исломӣ лақаби «Роҳбари кабир» [7] ва ба Оятуллоҳ Хоманайӣ унвони «Роҳбари Муаззам»-ро додаанд [8]. Дар Туркменистон ба Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов президенти ин кишвар унвони «Аркадаг» ё «Ҳомии туркменҳо»-ро додаанд [9]. «Пешвои миллат» дар бархе ҷавомеъ як навъ унвони эҳтиромӣ аст, аммо дар ҷомеаи Тоҷикистон як унвони ҳақиқӣ ва мубтанӣ бар дастовардҳо ва шавоҳиди айнӣ ва илмиии асаргузор дар ҳаёти ҷомеа мебошад.

Мабҳаси аввал: «Пешвои миллат» - эҳёгари ҳувияти миллии Тоҷикон. Эҳёи ҳувияти миллӣ ва ҳифзи мероси фарҳангӣ яке аз ҳадафҳои аслии миллатҳои пешрафтаи олам дар асри ҳозир маҳсуб меёбад. Миллатҳои огоҳ ва бедор илова бар ҷазби дастовардҳои фаннӣ ва илмии муосир ва ҳамсӯ шудан бо заруратҳо ва таҳаввулоти ҷаҳонишавии иқтисод ва фарҳанг, мехоҳанд мероси фарҳангии гузашта ва ифтихороти таърихии худро ҳифз намоянд. Ҳувияти миллӣ таърифи чандгона ва факторҳои сохтории гуногун дорад ва кӯтоҳтарин ва дар айни ҳол ҷомеътарин таърифи он чунин аст: ҳувияти миллӣ эҳсоси тааллуқи аъзои як миллат ба як маншаи муштарак, арзишҳои муштарак, нигаришҳо ва бовариҳои муштарак ва унсурҳо ва қолибҳои ҳувиятбахш ва басиҷкунанда дар сатҳи як кишвар ба унвони як воҳиди сиёсӣ мебошад. Аз ин таъриф метавон унсурҳои созандаи ҳувияти миллиро дарёфт намуд, аз қабили сарзамин ва ҷуғрофёи таърихии муштарак, аслу табори муштарак, арзишҳои муштарак, шомили осори фарҳагӣ ва забону адабиёт, рамзҳои миллӣ ва суннатҳо ва ҳинҷорҳои иҷтимоии муштарак. Дар ин ҷо ба шумо аз коркардҳои давлати Тоҷикистон таҳти раҳбарии хирадмандона ва мудаббиронаи Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати эҳёи ҳувияти миллӣ ва худогоҳӣ ва худшиносии миллии тоҷикон ишора мегардад.

1. Эҷоди давлати мустақили миллӣ ба номи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳон. Тоҷикони Мовароуннаҳр баъд аз садаи 10 милодӣ ва суқути давлати Сомониён (874-1005) дигар натавонистанд давлати муқтадир ва мустақили миллиро дар сатҳи минтақа ташкил диҳанд ва миллати тоҷик тайи садаҳо дар лафз ва дар шеъри тоҷик ва тоҷдор, «ба қавли бархе муҳаққиқон тоҷик, яъне тоҷдор» ва дар амал ва дар сиёсат фоқиди тоҷу тахт боқӣ монда, дар ҳасрати эҳёи гузашта сӯхтанду сохтанд [10]. Баъд аз фурӯпошии давлати

Сомониён дар соли 1005 милодӣ, силсилаҳо ва дудмонҳои қабилавӣ ва бодиянишин, аз қабили Қарохониён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён, Муғулон, Чағатойиён, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён, Манғитиён ва дигарон, дар сарзаминҳои Мовароуннаҳр ва марбут ба тоҷикон, ҳамчун Бухоро, Самарқанд, Фарғона, Кӯлоб, Суғд, Зарафшон, Бадахшон ва Марв ҳоким шуданд ва саранҷом баъд аз суқути Аморати Бухоро дар соли 1920 милодӣ низоми коммунистӣ таҳти унвони ИҶШС дар Осиёи Миёна мустақар шуд. Пешвои миллат ба ҷудоии сиёсӣ ва ҷараёни хасмона ва қасдонаи ба ҳошия рондани тоҷикон аз матни давлат ва қудрат дар тӯли қарнҳои зиёд баъд аз фурӯпошии давлати Сомониён, амиқан таваҷҷуҳ зоҳир намуда, нақши давлатсозӣ ва давлатдориро дар ҳаёти миллатҳо басо муҳим дониста ва ба фарзандон, падарон, модарон ва ҷавонони тоҷик чунин таъкид медоранд: “Давлатдории миллӣ бо ҳама хусусиёт ва аломатҳояш бояд дар зеҳни ҳар зани Тоҷик реша дошта бошад ва аз тариқи шири модар аз як насл ба насли дигар интиқол дода шавад” [11].

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат дар воқеъ нахустин давлати мустақили миллии Тоҷикон аст, ки баъд аз қарнҳо таҳаммули ишғоли сарзаминҳои аҷдодӣ ва сипарӣ намудани давраҳои асорати таърихӣ ва набудани давлати миллӣ, ниҳоятан дар остонаи қарни XXI (соли 1991) бо кӯшиши халқи тоҷик ва талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат ва шуморе аз шахсиятҳои миллии дигар таъсис гардид ва дар солҳои баъдӣ таҳким ва субот ёфт.

3. Истиқрори сулҳу субот ва хатми ҷанги шаҳрвандӣ ва рафъи фосилаҳои иҷтимоӣ, аз навъи маҳалгароӣ ва ифротгароии динӣ.

4. Тарвиҷи тафаккури миллӣ дар байни Тоҷикон ва мубориза бо боварҳои манфии баргирифта аз ҷангҳои шаҳрвандии солҳои 1992-1997.

5. Насби ҳайкали азиму музайян ба тоҷи тилло аз муҳимтарин рамзи давлатдории Тоҷикон – Исмоили Сомонӣ дар маркази шаҳри Душанбе. Ин ҳайкал 13 метр баландӣ дорад ва чанд мартаба бузургтар аз ҳайкали Амир Темури Гургонӣ дар шаҳри Тошканд аст [12].

6. Бо унвони "Қаҳрамони Тоҷикистон" сарфароз гардонидани шахсиятҳои барҷастаи сиёсӣ ва талошгарони таъсиси давлати мустақили миллии Тоҷикон, аз ҷумла: Садриддини Айнӣ, Шириншоҳ Шоҳтемур, Бобоҷон Ғафуров, Нусратуллоҳ Махсум, Мирзо Турсунзода ва Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон.

7. Насби тандиси бузургтарин шоири ҳамосасаро ва эҳёгари ҳувияти миллӣ ва таърихӣ ва асотирии тоҷикону форсизабонони ҷаҳон Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар шаҳри Душанбе.

8. Афроштани Парчами Тоҷикистон ба ҳайси баландтарин ва паҳнтарин парчами ҷаҳон дар маркази шаҳри Душанбе. Парчами миллӣ ҳамчун Суруди миллӣ яке аз рамзҳои ҳувияти миллӣ аст. Ин парчам 165 метр баландӣ дорад. Ин парчам дар китоби рекордҳои "Гиннес" ба ҳайси бузургтарин ва баландтарин парчами ҷаҳон сабт шудааст. Парчам василаи асосии таҳкими вахдати миллӣ, роҳнамои мардуми кишвар ба сӯйи ояндаи нек ва нишонаи побарҷо будани давлати мустақил дар арсаҳои ҷаҳон мебошад [13].

9. Номгузории теъдоди зиёде аз хиёбонҳо, ҷодаҳо, боғҳо ва майдонҳои шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, шаҳракҳо, марказҳои ноҳияҳо, таъсисот барои манфиати омма, донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ, медалҳо ва нишонаҳои давлатӣ ба номи шахсиятҳои барҷастаи сиёсии миллати Тоҷик ва машоҳири адабӣ ва илмии забони форсии тоҷикӣ. Аз ҷумла, хиёбони марказии шаҳри Душанбе ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ – шоири бузурги аҳди Сомониён номгузорӣ гардида, ноҳияҳо ва ноҳияҳои тобеи ин шаҳр ба номҳои Фирдавсӣ, Сино, Рӯдакӣ, Сомонӣ ва ғайра номгузорӣ шудаанд [14].

10. Баргузории ҷашнҳо ва ҳамоишҳои миллӣ ва байналмилалӣ бо мақсади таҳкими вахдати миллӣ дар дохили кишвар ва муаррифии ҳувият ва фарҳанги ғанӣ ва шукуҳманди Тоҷикон дар хориҷ аз кишвар. Таҷлили шукуҳманд ва ҳамасола аз ҷашни Наврӯз, ҳамоишҳои 1100 солагии давлати Сомониён, 2700-солагии «Авасто», 2700-солагии асосгузории Кӯлоб, 2500-солагии шаҳри Истравшан, 3000-солагии асосгузории Ҳисор, ба ҳайси намунаҳои шаҳрсозӣ ва маданиятофаринии тоҷикон, ҳазорсолагии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, 1025-солагии Шайхуррайс Абӯалӣ ибни Сино, 1000-солагии Носири Хусрав, 960-солагии Умари Хайём, 700-солагии Хоҷа Камоли Хуҷандӣ, ҳамоиши байналмилалии “Мероси Имом Абӯҳанифа ва нақши он дар гуфтугӯи тамаддунҳо” бо иштироки 500

намоянда аз 50 кишвари ҷаҳон, ҳама дар ростои таҳкими вахдати миллӣ ва муаррифии ҳувият ва фарҳангу маданияти тоҷикон ба ҷаҳониён сурат гирифтааст [15].

11. Номгузории ҷоизаи илмии Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ.

12. Номгзории баландтарин қуллаҳои қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар Тоҷикистон воқеанд, ба номи "Қуллаи Исмоили Сомонӣ" [16] ва “Қуллаи Ибни Сино” [17]. Қаблан ин қуллаҳо ба номи “Қуллаи Коммунизм” ва "Қуллаи Кауфман" машҳур буданд.

13. Номгузории муҳимтарин ширкати ҳавоии Тоҷикистон ба номи Сомониён, яъне "Сомон Эйр".

14. Суханронӣ дар ҷаласаи Маҷмааи Умумии СММ ба забони тоҷикии форсӣ.

15. Таҷлили шукуҳмандона ва ҳамасола аз ҷашни Наврӯз ба ҳайси рӯзи миллӣ ва ҷашни бостонии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон.

16. Баргузории давраи сеюми ҷашни ҷаҳонии Наврӯз дар соли 2012 дар шаҳри Душанбе бар асоси пешниҳоди Пешвои миллат ба СММ [18].

17. Тасдиқ ва қабули пешниҳодҳои Пешвои миллат аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ дар иртибот ба номгузории «Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» ва «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028 [19].

18. Муаррифии миллати ба номи "Тоҷик" ва кишвари ба номи Тоҷикистон дар саросари ҷаҳон ба асари талошҳои пайгиронаи Пешвои миллати Тоҷик.

19. Таъсиси бузургтарин китобхонаи илмӣ ва миллӣ дар сатҳи минтақа ба номи Китобхонаи миллии Тоҷикистон.

20. Сохтмони бузургтарин масҷид ва маркази улуми динии Осиёи Миёна дар шаҳри Душанбе ба масоҳати 12 гектар замин, ки дар як замон ғунҷоиши беш аз 120 намозгузорро дорад. Манораҳои ин масҷид 75 метр баландӣ доранд [20].

21. Номгузории воҳиди пулии Тоҷикистон ба номи «сомонӣ» музайян ба тасовири роҳбарони сиёсӣ ва миллии Тоҷикистон ва обидаҳои таърихӣ ва манзараҳои ҷолиби табиӣ ва туристӣ.

22. Ҳифзи мероси фарҳангии тоҷикон пеш аз ислом ва баъд аз ислом дар канори ҳам, чунончи ин ҳамоҳагии фарҳангиро метавон дар сохтмони биноҳои умумӣ, боғҳо ва китобхонаҳо мушоҳида намуд.

23. Таҷлил аз мақоми Имоми Аъзам ба ҳайси бузургтарин ва пурнуфузтарин роҳбари мазҳабии тоҷиктабор дар ҷаҳони ислом ва номгузории соли 2009 ба номи «Соли бузургдошти Имоми Аъзам» [21].

24. Бузургдошт аз зодрӯзи машҳуртарин шоирон, адибон, олимон ва файласуфони тоҷиктабор, ҳамчун: Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Аллома Иқболи Лоҳурӣ, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода ва дигарон.

25. Таълифи китоб дар бораи ҳувияти миллӣ ва иқдомоти таърихӣ ва нақши меҳварии тоҷикон дар шаклгирии маданиятҳои минтақа таҳти унвони "Тоҷикон дар оинаи таърих; аз Ориёиён то Сомониён" ва ҳамчунон чоп ва нашри чандин китоби илмӣ ва таҳқиқоти дигар, ба мисли китоби "Имоми Аъзам: рӯзгор, афкор ва осор", "Истиқлоли Тоҷикистон ва эҳёи миллат", "Тоҷикистон дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин", "Тоҷикистон дар остонаи фардо" ва ғайра.

26. Ироаи суханрониҳо ва нигориши мақолоти мутааддид дар заминаҳҳои илмӣ, сиёсӣ, умури давлатдорӣ ва миллатсозӣ, эҳдоси зербиноҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва рушду шукуфоии фарҳангии Тоҷикистон.

Мабҳаси дувум: Пешвои миллат - меъмори ҷомеаи навини Тоҷикистон. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон фароянди истиқрори сулҳу субот ва наҷоти кишвари Тоҷикистон аз бухроноти шадиди сиёсӣ ва иҷтимоии солҳои нахустини истиқлолиятро, ки мунҷар ба ҷанги шаҳрвандӣ ва дохилӣ гардид, муваффақона ва мудаббирона роҳбарӣ намуда, кишвар ва мардуми хешро дар масири рушди иқтисодӣ ва шукуфоии фарҳангӣ ва танзими умури сиёсӣ ва иҷтимоӣ самтдиҳӣ намудааст. Фароянди рушду инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистони як фароянди марҳилаӣ, чандҷониба, пешраванда, давомдор ва марбут ба ҳам мебошад. Татбиқи барномаҳои навини шаҳрсозӣ ва суръати тағйирот ва дарахшандагӣ ва пешрафт дар сатҳи шаҳри Душанбе, яке аз намунаҳои тағйироти куллӣ ва беҳбудии зиндагӣ дар сатҳи кишвар аст. Симои шаҳри Душанбе дар чанд соли охир

дигаргун гардида, намои биноҳои бисёрошёна ва чароғони хиёбонҳо ва эҳдосу музайянсозии боғу гулгаштҳо ва маконҳои умумӣ таввачуҳи ҳар тозаворидро ҷалб намуда, далолат ба идораи муваффақонаи шаҳрдори ҷавони шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ – фарзанди Пешвои миллат менамоянд. Фароянди рушд ва пешрафтҳои Тоҷикистонро дар арсаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, омӯзишӣ, беҳдоштӣ ва тандурустӣ, ҳамлу нақл, иртиботот ва мубодилот метавон ба чанд марҳалаи зайл тақсим намуд:

1. Марҳалаи нақоти давлат ва миллат аз остонаи фано – аз соли 1992 то 1997.
2. Марҳалаи таҳкими сулҳу субот – аз соли 1998 то 2000.
3. Марҳалаи оғози бунёдкорӣ ва созандагӣ – солҳои 2001 то 2006.
4. Марҳалаи оғози фатҳи қуллаҳо – аз соли 2007 то имрӯз идома дорад [22].

Таҳти унвонҳо ва мароҳили ёдшуда стратегияи инкишофи давлати Тоҷикистон ва зуҳури айнии пешрафтҳо ва раҳоии Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ, сохтмони каналҳо ба тӯли чандин километр дар умқи кӯҳҳои Варзоб, эъмори лоиҳаи фавқулода муҳим ва стратегии НБО-и Роғун ва таъмини манбаи оидоти миллии Тоҷикистон аз ҷиҳати фурӯши қувваи барқ, бакорандозии манобеи обӣ ва маҳори обҳо, амнияти ғизоӣ, сиёсати хоричӣ ва ғайра, мавриди баҳс ва мутолиа қарор хоҳанд гирифт.

АДАБИЁТ

1. Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. -№11.
2. Abasid, 2021. Маънои пешво. abasid, https://abadis.ir/fatofa
3. https://www.ghazalestan.com/ Ҳоқонӣ, Ғазалистон.
4. https://ganjoor.net/farrokhi/divanf/ghasidefk/sh132/ Фаррухӣ, Қасоид
5. Хабаргузории «Садои Афғон», 2016. Лақаби Қаҳрамони миллӣ мухтас ба, avapress, https://avapress.com/fa/news
6. Довуди Ноҷӣ. Сафари 29-сола: зиндагӣ ва фаъолияти сиёсии Зоҳиршоҳ дар табъид 2007, BBC, https://www.bbc.com/persian/afghanistan/story/2007/07/070724_s-shah-aftermath
7. Emam, 2021. Хулосаи зиндагиномаи Эмом Хумайнӣ, emam, http://emam.com/
8. Tasnimnews, 2017. Посух ба чанд савол дар бораи интихоби Оятуллоҳ Хоманайӣ ба унвони роҳбар дар соли 1368, tasnimnews, www.tasnimnews.com/fa/news/1396
9. Fergananews, 2015. “Turkmenistan: President Gurbanguly Berdymukhammedov is awarded the status of Arkadag – protector”, fergananews, http://enews.fergananews.com/news.php?id=2003&print=1
10. Соҳибназар Муродӣ. 2019. Иттилооте чанд дар мавриди Тоҷикон, tajikmedia, https://tajikmedia.com/?p=11927
11. Azadiradio, 2017. Аз афкор ва ҳамаи суханрониҳои Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон як китоб чоп шуд, azadiradio, https://da.azadiradio.com/a/28614572.html
12. Tarafdari, 2020. Майдони зебо ва бошукуҳи Амир Исмоили Сомонӣ, tarafdari, https://www.tarafdari.com/node/1620549
13. Istanbulbear, 2021. Парчами Тоҷикистон, istanbulbear, https://fa.istanbulbear.org/flag-tadjikistana-gerb-i-flag-tadjikistana-9327
14. Tajikistanonline. 2016 Хиёбони Рӯдакӣ, Tajikistanonline, http://www.tajikestanonline.blogfa.com/post/101/pichak.net
15. Sunnionline, 2009. Ҳамоиши байналмилалии Имом Абӯҳанифа дар Тоҷикистон, sunnionline, http://sunnionline.us/farsi/2009/11/374
16. Advisor.travel, 2021. Қуллаи Исмоили Сомонӣ, adviser.travel, https://tg.advisor.travel/poi/Kullai-Ismoili-Somoni-1136
17. Advisor.travel, 2021. Қуллаи Ибни Сино, advisor.travel, https://tg.advisor.travel/poi/Kullai-Ibni-Sino-1082
18. Isna, 2012. Сеюмин ҷашни ҷаҳонии Наврӯз дар баҳори 1391 дар пойтахти Тоҷикистон баргузор мегардад, isna, www.isna.ir/news
19. Tajembankara, 2017. Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор солҳои 2018-2028", tajembankara, http://www.tajembankara.org/index.php/tj/asosi/15-khabar-oi-mu-im/224-10-solai-amalijoti-ob-baroi-rushdi-ustuvor
20. Aa.com, 2019. Мароҳили поёнии сохти бузургтарин масҷиди Осиёи Миёна, aa.com, www.aa.com.tr/fa
21. Asiaplus, 2008. Соли 2009 - расман соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон гардид. asiaplus, https://www.asiaplustj.info/tj/news/29/20080915/soli-2009-rasman-soli-buzurgdoshti-imomi-azam-elon-gardid
22. Hakikati-sughd, 2015. «Оғози фатҳи қуллаҳо», hakikati-sughd, http://www.hakikati-sugd.tj/index.php/politics/2648-o-ozi-fat-i-ulla-o

ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ЭҲЁГАРИ ҲУВИЯТ ВА МЕЪМОРИ ҶОМЕАИ НАВИНИ ТОҶИКИСТОН

Муаллиф шурӯъ аз давраи ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон то кунун, барои таҳлилу баррасии коркардҳо, ташаббусҳо ва дастовардҳое, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои миллати Тоҷик ва эҳёи мучаддади ҳувияти Тоҷикон дар саҳнаи байналмилалӣ анҷом додааст, кӯшиш намудааст. Иловатан, мафҳум

ва маънои унвони “Пешвои миллат”, ки барои роҳбари Тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эъто гардидаст, мавриди мутолиа қарор гирифтааст ва ин ки “пешво” кист ва дорои чӣ ҳуқуқе мебошад, арзёбӣ гардидааст. Дар баробари ин, дар бораи унвонҳои миллие, ки шахсиятҳои бузурги кишварҳои ҳамсоя дарёфт намудаанд, низ маълумот дода шудааст. Баъд аз садаҳо таҳти ҳукмравоӣ ва тобеияти хонадонҳои мухталифи салтанати ғайри тоҷик ва хориҷиён ва пас аз давраи ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар соли 1991, бо вуҷуди гузаронидани 5 соли ҷанги шаҳрвандӣ, ки хисороти сангине ба Тоҷикистон ҳам аз лиҳози ҷонӣ ва молӣ ва ҳам аз нигоҳи сиёсӣ дошт, дар тӯли 24 сол пас аз хатми ин давраи талх Пешвои миллат на танҳо ба ғиёбати Тоҷикон дар саҳнаи сиёсӣ поён бахшид, балки бо коркардҳои хирадмандонааш ҷойгоҳи Тоҷиконро дар умури минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дубора побарҷо намуд. Далоили бунёди эътои унвони пешво дар ду мабҳаси асосӣ - “Пешво - эҳёгари ҳувияти миллии Тоҷикон” ва “Пешво -асосгузори ҷомеаи навини Тоҷик” шарҳ дода шудааст. Нигоҳе ба чашмандозҳои таҳаққуқи аҳдофи инкишофӣ низ андохта шудааст.

Калидвожаҳо: Пешво, Тоҷик, миллат, Тоҷикистон.

ЛИДЕР НАЦИИ: ВОССТАНОВИТЕЛЬ ТАДЖИКСКОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ И ОСНОВАТЕЛЬ НОВОГО ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА

Автор рассматривает деятельность, инициативы и достижения Лидера нации не только для Таджикистана, но и для таджикского народа, а также возрождение таджикской идентичности на международной арене в пост-независимом Таджикистане. Кроме того, изучается значение и сущность титула «Лидер нации», присвоенного лидеру Таджикистана, его превосходительству Эмомали Рахмону, а также анализируется, кто является «лидером» и какими правами обладает «лидер». Кроме того, рассматриваются «национальные титулы», которые получили великие деятели соседних стран. Таджики на протяжении веков управлялись и подчинялись нетаджикским правящим династиям и после обретения Таджикистаном независимости в 1991 году, несмотря на 5-летний гражданский конфликт, который не только унес жизни и имуществу, но и нанес политический ущерб Таджикистану, На протяжении 24 лет после гражданского конфликта «Лидер нации» не только положил конец отсутствию таджиков на политической сцене, но своим мудрым курсом действий также укрепил позиции таджиков в региональных и глобальных делах. Основные причины присвоения титула «Лидер» объясняются двумя аргументами «Лидер, восстановитель таджикской идентичности» и «лидер, основатель нового таджикского общества». Также были изучены перспективы реализации прогрессивных целей.

Ключевые слова: Лидер, Таджик, нация, Таджикистан

LEADER OF THE NATION - RESTORER OF THE TAJIK IDENTITY AND FOUNDER OF THE NEW TAJIK SOCIETY

The author discusses the activities, initiatives and achievements of the Leader of Nation not only for Tajikistan but also for Tajik nation and revival of Tajik identity in international arena in post-independent Tajikistan. Additionally, the meaning and essence of the title "Leader of Nation" which was entitled to leader of Tajikistan, his excellency Emomali Rahmon is studied and also who is a "leader" and which rights does a "leader" have is analyzed. Furthermore, a look into the "national titles" which great figures of neighboring countries have received is taken. Tajiks for centuries being ruled and subordinated to non-Tajik ruling dynasties and following the independence of Tajikistan in 1991 despite going through 5 years of civil conflict which not only had a heavy toll on life and property but also damaged Tajikistan politically, throughout 24 post-civil-conflict-years "Leader of the Nation" not only put an end to the absence of Tajiks in political scene but through his wise course of actions has also cemented Tajiks position in regional and global affairs. The fundamental reasons for bestowment of the title “Leader” have been expounded under the two “Leader, restorer of the Tajik identity” and “leader, founder of the new Tajik society” arguments. The prospects for realization of progressive aims have also been studied.

Keywords: Leader, Tajik, Nation, Tajikistan

Сведения об авторе: ***Мустафо Такво*** – магистрант второго курса факультета международных отношений Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17 Телефон: 917 83 03 53, 915 68 11 88.

Information about the author: ***Mustafo Taqvo*** – second-year master`s student, Faculty of International Law, Tajik National University. **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: 917 83 03 53, 915 68 11 88.

ФАЛСАФА - ФИЛОСОФИЯ

ҶОЙГОҲИ МАЪРИФАТИ ИНТУИТИВӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС

Назаралиев Аким
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асрҳои миёна барои рушду нумуи улуми фалсафӣ ҳамчун давраи тиллоӣ ба ҳисоб меравад, чунки маҳз дар ҳамин давра як қатор доираҳои бузурги илмӣ-фарҳангӣ арзи ҳастӣ намуда, бунёди қавие барои ривоҷи илму фалсафаи минбаъда гузоштанд. Машҳуртарин ҷараёнҳои фикрии ин давра ба монанди Машшоия, Ирфон, Калом, Муътазилия, Ишроқ, Исмоилия, Ихвон-ус-сафо ва Нақшбандия, инчунин бузургтарин мутафаккироне чун Ибни Сино, Абунасри Форобӣ, Абубакр Закариёи Розӣ, Аттори Нишопурӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Шамси Табрезӣ, Бедили Деҳлавӣ, Саноии Ғазнавӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Шаҳобуддини Сухравардӣ, Носири Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон дар таърихи тамаддуни башарият нақши муассир гузоштаад. Аммо бояд тазаккур дод, ки маҳз дар таълимоти намояндагони мактаби Ирфон масъалаи маърифати интуитивӣ бавузуҳ таҳлил ва баррасӣ гардидааст ва мо тасмим дорем дар шакли мухтасар нуқтаи назари бархе аз онҳоро баён карда бошем. **Ҳаким Саноӣ** яке аз намояндагони маъруфи тариқаи тасаввуфи Хуросон ба шумор меравад, ки бо осори пургановаташ таъсири назаррасе ба афкори донишмандони минбаъда гузоштааст. Ба қалами у асарҳое чун “ Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа”, “Сайр-ул-ибод ил-ал-маъод”, “Корномаи Балх”, “Тариқ-ут-таҳқиқ”, “Ишқнома”, “ Ақлнома” ва ғайраҳоро мансуб медонанд, ки фарогири муҳимтарин андешаҳояш сари мавзӯҳои динӣ, ирфонӣ ва фалсафӣ ҳастанд. Ба мо маълум аст, ки муиҳимтарин проблемаи таълимоти тасаввуф ин масъалаи худшиносӣ ва Худошиносист, дигар масъалаҳо дар атрофи ҳамин ду мушкилоти асосӣ давр мезананд. Саноӣ низ ҳадафи ниҳоии инсонро шинохти Ҳақиқати Реалӣ медонад ва моро зарур аст сари ҳамин мавзӯъ дар таълимоташ таваққуф кунем, чунки тамоми назариёти маърифатиаш (гносеология) дар ҳалли ҳамин проблемаҳо дарҷ гардидаанд. Ҳаким Саноӣ ҳам маърифати ҳушӣ ва ҳам маърифати ақлиро қоил аст ва нақши баланд доштани онҳоро дар шинохти олами эмпирикӣ таъкид менамояд, аммо дар ҳалли проблемаи асосии назарияи маърифаташ, ки дар боло зикр кардем онҳоро, нотавон меҳисобад. Саноӣ мегӯяд, ки бо ҳис ва ақли инсон ҳеч гоҳ ҳақиқатро бо тамоми паҳлӯҳояш фаро гирифтан наметавонад, онҳо метавонанд ахбороти ҷузъиро доир ба ҳақиқат дода бошанд, вале бо маърифати як паҳлуи объект наметавон кулли объектро баҳо дод ва ниҳоят ин гуна дониши ҷузъӣ боиси бархурди назарҳо мешаванд. Назар ба дониши ҳушӣ Саноӣ дониши ақлиро афзалияти бештар медиҳад, вале ҳамзамон мегӯяд имкониятҳои он низ маҳдуданд. “Ҳушу ақл моро ба Ҳақиқат не, балки моро (*дар сурати дуруст истифода кардан*), ба он наздик месозанд, аммо лутфу иноятиЎст, ки шинохташро бар мо муяссар месозад”. Аз ин гуфтаҳои Ҳаким Саноӣ чузъиёти дониши интуитивиро дарёфт намудан метавон, масалан истилоҳи “лутф”-е ки истифода мебарад. “Лутф” истилоҳи бештар образи динӣ-идеалистидошта аст, аммо ба назари мо он метавонад ифодакунандаи истилоҳи “ҷаҳиш” бошад. Яъне, яку якбора пайдо шудани дониши интуитивӣ онро бештар ба чаҳиш шабоҳат месозад. Онро наметавон бо ягон қувва соҳиб шуд ё заминаи муайянеро барояш муҳайё кард то зуҳур кунад, ё вориди ягон методологияи муайян шуд, инсон фақат метавонад ба вучуди ин гуна дониш эътимод кунад ва умедвор бошад, ки онро соҳиб мешавад, ё бо истилоҳи Саноӣ “***то дараш рафтан ва дарро кӯфтан дар тавони мо ҳаст, аммо дарро боз кардан ва иҷозаи ворид шудан вобаста аз ирода ва лутфи Ӯст***”. Албатта, ирфони асримиёнагии форсу тоҷикро бе **Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ** ва “Маснавӣ”-и бузургаш тасаввур намудан ғайриимкон аст. Агар таълимоти Мавлоноро дар шакли фалсафӣ ба ҳастишиносию маърифатшиносӣ тақсим намоем, мушоҳида кардан мумкин аст, ки ба масоили маърифат бештар таваҷҷӯҳ зоҳир шудааст. Дар назарияи маърифати Мавлоно ҳам дониши ҳушӣ, ҳам ақлӣ, инчунин ишораҳо ба дониши интуитивӣ дучор мешаванд. Мавлоно яку якбора панҷ ҳисси зоҳирӣ (босира,

сомеа, зоиқа, шомма, ломиса) ва панҷ ҳисси ботиниро қоил аст, ки онҳоро “ҳиссҳои дил”, ё “ҳиссҳои уқбо” меномад. Ба андешаи Мавлоно бо фавтидани инсон ҳаввоси панҷгонаи зоҳирӣ низ нобуд мешаванд, аммо ҳиссҳои ботинӣ боқӣ хоҳанд монд. Ақл дар таълимоти Мавлоно ҷойгоҳи баландро соҳиб аст ва моҳияти мураккаб доштани онро низ қоил аст. Мавлоно онро ба баҳри паҳноваре шабеҳ месозад, ки инсон бояд онро шино кунад ва ба сарманзили мурод (соҳил) бирасад (*ин тамсили ниҳоят зеборо орифи шинохтаи саддаи XX Ошо низ хело ҷолиб шарҳ додааст. Ӯ мегӯяд, махсусан файласуфон “шиноварони” хуби “баҳри пурталотуми ақл” ҳастанд, аммо онҳо фаромӯш кардааанд, ки манзили мо дар “соҳил” аст. Онҳо фирефтаи маҳорати хуби “шиновариашон” гаштааанду як умр дар тугён ва мавҷҳои беохири он шино мекунанд, фаромӯш кардааанд, ки ҳадафи ҳар “шиновар” “соҳил” аст на худи “баҳр” ва маҳорати шино кардан восита аст на ҳадаф.*). Ақл болотар аз ҳиссҳост ва наздиктар ба руҳ. “Вобаста ба дараҷаи маърифат Мавлоно инсонҳоро ба се категория тақсим менамояд: аввал одамоне, ки дар камоли ақлу заковат ҳастанд ва ҳамеша моҳиятро ҷустуҷӯ мекунанд. Ин сифот онҳоро ба фариштаҳо мушобеҳ месозад; дуввум одамоне, ки зимомашонро дар дасти нафси ҳайвонӣ додааанд ва дар сифот онҳо монанди ҳайвонанд; сеюм одамоне, ки дар васати ҳарду қарор доранд, яъне нимфаришта ва нимҳайвон” [3 саҳ 342]. Новобаста аз мақоми баланде, ки Мавлоно барои ақл қоил аст, дар пурра фаро гирифтани Ҳақиқат монанди дигар мутасаввифин, онро оҷиз мешуморад, чунки он ҳамеша олуда ба ҳирс, ҳавою ҳавас, ва шаҳват аст. Бо ақл ҷустуҷуи Ҳақиқат монанди он аст, ки нобино талош дорад бо гӯшҳояш чизеро мушоҳида кунад. Зиддияти ин ду ҷузъро (*сифоти ҳайвонӣ ва малоикӣ*), дар инсон Мавлоно зиёд таъкид мекунад, ба қавли Ӯ аз худи инсон вобаста аст, ки бештар ба кадом тараф майл мекунад. Ба фикри Ӯ унсурҳои ҷамодӣ, наботӣ, ҳайвонӣ, малоикӣ ва Худовандӣ дар инсон монанди зинаҳо дар як хати амудӣ ҷой гирифтаанд, ки ҳар як унсур таҳрикдиҳанда ва ёридиҳандаи дигар аст то ниҳоят ба унсури олӣ (унсури Илоҳӣ) инсонро расонанд, зеро ҳадафи ин ҳама офариниш ва худи рисолати инсон ҳамин аст. Чӣ тавре мушоҳида мекунем, ба андешаи Мавлоно ғайр аз дигар унсурҳо дар инсон боз як ҷавҳари дигар, ҷавҳари Худовандӣ (рӯҳ) вучуд дорад. Яъне, ба андешаи Мавлоно инсон ба маънои маҷозӣ як олами кучакеро (*микрокосмос*) мемонад, ки дар он иттиҳоди ҷамод, набот, ҳайвон, фариштa ва Худо дида мешавад. Ҷолибияти назарияи маърифати Мавлоно аз баёни ҳамин иттиҳод оғоз мешавад, зеро ба андешаи Ӯ ҳамаи ин унсурҳо, ки дар инсон мавҷуд аст як навъ ҷозиба доранд ва инсонро ба самти худ мекашанд ва ниҳоят маърифати онҳо низ муяссар мешавад. Яъне, агар инсон ба унсури Худовандиаш (руҳ) бештар таваҷҷуҳ кунад, рӯҳ дар навбати худ моҳияти Ҳақиқатро барояш ошкор месозад:

Манзари Ҳақ дил бувад дар ду саро,
Ки назар дар шоҳид ояд шоҳро.

Ё ин ки:

Ба бутхона рафтам, ба бутхона дар,
Ба ӯ ҳеч ранге ҳувайдо набуд.
Ба имдо шудам бар суи кӯҳи Қоф,
Дар он чой чуз чойи анқо набуд.
Ба каъба кашидам инони талаб,
Дар ӯ мақсади пири барно набуд.
Суйи мазҳари ноби қавсайн шудам,
Дар он боргоҳи муалло набуд.
Нигаҳ кардам андар дили хештан,
Дар он ҷош дидам дигар ҷо набуд [4 саҳ 258-259].

Далели дигаре, ки моро ба ҷустуҷӯи дониши интуитивӣ дар осори Мавлоно раҳнамоӣ месозад, ин андешаашон оиди “ваҳй” мебошад. “Ваҳйро Мавлоно ду навъ медонад: аввал вайҳи осмонӣ, ки аз Худованд ба паёмбарону расулон фиристода мешавад; дуввум вайҳи ниҳонӣ, ки манша мегирад аз қалб (рӯҳ) ва насиби авлиёву орифон аст” [3 саҳ 346], ки фикр мекунем бо интуитсияи ирфонӣ (мистическая интуиция) ҳаммаъно аст.

Шаҳобуддини Суҳравардӣ чеҳраи дигар ва ниҳоят муҳими тариқаи тасаввуф, ки ӯро бештар бо “Ҳикмат-ул-ишроқ”-аш мешиносанд. Ҳикмати ишроқ синтези фалсафаи

Афлотуну навафлотуниён, ҳикмати бостонии мардуми форс инчунин таълимоти дини Ислом мебошад. Бояд тазаккур дод, ки ҳикмати ишроқ фарогири масоили зиёди фалсафист ва дар шакли умумӣ онҳоро ба масоили марбут ба ҳастӣ ва маърифат ҷудо намудан қобили қабул мебошад. Бо дарназардошти самти мавзӯамон мо бевосита руҷӯъ мекунем ба назарияи маърифати "Ҳикмат-ул-ишроқ"-и Шайх Суҳравардӣ. Пеш аз ҳама бояд зикр намуд, ки дар таълимоти Шайхи Ишроқ намунаи барҷастае барои оштӣ додани маърифати ақлӣ ва маърифати завқӣ *(интуитивӣ)* мушоҳида мешавад. Ба андешаи Ӯ маърифати баҳсӣ дар охир бо маърифати завқӣ мепайвандад, яъне аввал инсон олами моддиро маърифат карда, бо пок намудани рӯҳ ба олами абстрактӣ ворид мешавад, ки дар ниҳоят маърифати Ҳақ ба тариқи "завқ" муяссар мегардад [5 саҳ 535]. Такя танҳо бар далоили ақлӣ моро ба маърифати олами метафизикӣ намерасонад, балки хирадманд касест, ки ҳамоҳангии ақл ва қалбро дар вуҷудаш таъмин месозад ё ба истилоҳи худи Шайх "*ҳамоҳангии ақлу шуҳуд*". Ба андешаи Суҳравардӣ файласуф касест, ки ё ба воситаи ақл ё завқ ҳақиқатро дармеёбад, аммо ҳамеша дониши завқиро бартарӣ медиҳад. Кӯшиши муттаҳид намудани дониши ақлӣ ва завқӣ чи дар "Ҳикмат-ул-ишроқ" ва чи дар "Мутаҳҳарот" ба таври возеҳ қобили мушоҳида аст. Доир ба масъалаи маърифат дар муқаддимаи "Ҳикмат-ул-ишроқ" Суҳравардӣ, файласуфону орифон ва суфиёнро вобаста ба дараҷаву мавқеашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст: а) касоне, ки қадамҳои нахустинашонро дар роҳи маърифати олами моддӣ ва Ҳақиқати Реалӣ гузоштаанд; б) мутафаккироне, дар маърифати олами моддӣ дараҷоти баландро соҳиб гаштаанд, мақоми ақлро дар ҷойи аввал мегузоранд, аммо зуҳури дониши завқиро баъзеашон эътироф надоранд ва баъзеашон агар вуҷуд доштани чунин шакли донишро эътироф ҳам намоянд ба он эътимод надоранд. Ба ин гуруҳи мутафаккирон Суҳравардӣ, Арасту ва пайравони шарқиашро: Ибни Синою Форобиро дохил намудааст; в) касоне, ки ба маърифати ақлӣ ё умуман ва ё қисман таваҷҷӯҳ зоҳир намекунанд ва танҳо ба поксозии қалбашон (руҳашон) машғуланд, ба монанди Боязид, Мансури Халлоҷ, Саҳл Тустарӣ ва диг.; г) ба гурӯҳи чорум он мутафаккироне шомиланд, ки дар маърифати олами моддӣ дастёбанд, илова бар он зинаҳои баланди олами метафизикиро, тавассути маърифати завқӣ, тай намудаанд. Ба ин гурӯҳ Суҳравардӣ Афлотун, Пифагор ва худашро дохил намудааст [8 саҳ 12]. Суҳравардӣ дар масъалаи эътимод ба дониши набиёни Худо, орифону файласуфон андешаи хело ҷолиб дорад. Мо аз донишҳои таҷрибии олимон ба таври густарда истифода мекунем, бе ягон санҷиш ва шак, аммо чаро мо ба дониши набиёни Худо ва орифон шак меорем ва қабулашон надорем?. Агар таҷрибаи олимон дар олами зоҳир суръат бигирад, пас таҷрибаи набиёну орифон ҷанбаи ботиниро фарогир аст, ки барои расидан ба он саъю талоши зиёд лозим аст. Агар олими табиатшинос унсуреро аз табиат мавриди мушоҳада қарор бидиҳад, ё ду унсуреро ба ҳам омезиш бидиҳад ва барои ин методолгияи (*усул*) муайянеро интихоб мекунад, ки ниҳоят ба натиҷае ҳам хоҳад расид. Дар мавриди дониши набиён ва орифин низ ҳамин раванд, вале дар шакли дигаргунатар суръат мегирад. Онҳо ба воситаи риояи принсипҳои ахлоқӣ, поксозии рӯҳашон ба олами метафизикӣ ворид мегарданд ва оламро аз ҷанбаи метафизикӣ меомӯзанд. Агар олоти (*инструмент*) маърифати олими табиатшинос ҳаввоси зоҳирӣ ва ақлаш бошанд, пас, аз набиёну орифон руҳ ба сифати чунин олот баромад менамояд ва дониши онҳо на дар шакли муҳокимаронию хулосабарории мантиқӣ, балки дар шакли завқ ва кашфу мушоҳидаи ботинӣ ба даст меояд. Вале, ҳарду ҷониб ба воситаи таҷриба (*таҷрибаи эмпирикӣ ва таҷрибаи руҳонӣ*) дониш ба даст меоранд ва онҳоро набояд ба ҳам муқобил гузошт, балки талош бояд кард, то умумияти онҳо дарёфт шавад.

Аз қарни XIV инҷониб низ дар таълимоти мутасаввифин масъалаи дониши интуитивӣ дар шакли бевосита ё бавосита дучор мегардад, махсусан дар таълимоти Алии Ҳамадонӣ ва намояндагони шинохтаи мактаби "Нақшбандия" Абдураҳмони Ҷомӣ, Мавлоно Яқуби Чархӣ, Хоҷа Аҳрори Валӣ, инчунин Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ва дигарон, ки баёни ҳамаи онҳо албатта, ки дар ҳаҷми як мақолаи илмӣ-таҳлилиӣ ғайриимкон аст.

АДАБИЁТ

1. Баҳоуддини Валад. Маориф. Теҳрон (қисми 2).
2. Девид Майерс. Интуиция. (электронная версия: pdf)
3. История таджикской философии. Том 3. Душанбе, "Дониш", 2013.
4. Мавлоно Чалолуддини Муҳаммад Мавлавии Румӣ. Девони Шамси Табрезӣ. Кобул, 1363ҳ.
5. Наср Саидҳусейн. Таърихи фалсафа дар Ислом (қисми 1). Теҳрон, 1362ҳ.

6. Ошо Раджниш. Интуиция. (Перевод с английского), Изд. «ВЕСЬ». 2002 г.
7. Степянц М.Т. Восточные философии. Москва, «Культура». 2011 г.
8. Сухравардӣ Шаҳобуддин Яҳё. Маҷмӯи мусаннифоти дуюми Шайхи Ишроқ. Теҳрон 1396ҳ.

ҶОЙГОҲИ МАЪРИФАТИ ИНТУИТИВӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС

Дар мақола сухан оиди мақоми маърифати ҳадсӣ-интуитивӣ дар осори мутафаккирони тоҷику форс меравад. Мутафаккирони тоҷик дар кулли давраҳои таърихӣ, дар аксари мавзуҳои фаласафӣ назари мутафовити худро доранд, аз ҷумла оиди масъалаи маърифати ҳадсӣ (интуитивӣ). Бояд зикр кард, ки ин мавзуъ дар осори мутафаккирони тоҷик, махсусан намояндагони мактаби Ирфон бавузуҳ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, аз ин ру тобиши ирфонӣ пайдо намудани он ногузир аст ва тафовути аслӣ низ аз мутафаккирони ғарбӣ маҳз дар ҳамин нуқта аст. Бузургтарин шореҳони масъалаи маърифати интуитивӣ дар фалсафаи тоҷику форс Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Фаридаддини Аттор, Ҳаким Саноӣ, Шайх Суҳравардӣ, Ибни Сино, Алии Ҳамадонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон ба ҳисоб мераванд.

Калидвожаҳо: маърифат*, ҳадс, зеҳн, хирад, ориф, хирадманд, ҳол, фано, бақо, ишқ.*

СТАТУС ИНТУИТИВНОЙ ВИД ПОЗНАНИЯ В УЧЕНИЯХ ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ

В данной статье речь идёт об интуитивной вид познания в учениях персидских и таджикских мыслителей. Таджикские мыслители во всех исторических периодах имели свою особенную точку зрения о любых философских вопросах в том числе интуитивный вид познания. Надо отметить что данную тему широко анализировали представители эзотерических школ и именно это вслед стало основным различием между восточными и западными мыслителями. Тему интуитивного вид познания анализировали такие великие персидские мыслители как Джалолуддин Балхи, Фаридаддин Аттар, Санаи, Шейх Сухраварди, Авиценна, Али Хамедани, Абдурехман Джами и другие.

Ключевые слова: познание, гносеология, интуиция, интеллект, рассудок, разум, состояния, опьянения, просветленный, мудрый, любовь.

STATUS OF INTUITIVE KIND OF KNOWLEDGE IN THE TEACHINGS OF TAJIK THINKERS

This article deals with the intuitive kind of cognition in the teachings of Persian and Tajik thinkers. Tajik thinkers in all historical periods had their own point of view on any philosophical issues, including the intuitive kind of cognition. It should be noted that this topic was widely analyzed by representatives of esoteric schools and it was this that became the main difference between Eastern and Western thinkers. This topic has been analyzed in a variety of schools and philisophical movements, but the main one is the Sufi school. The topic of intuitive cognition was analyzed by such great Persian thinkers as Jaloluddin Balkhi, Faridaddin Attar, Sanai, Sheikh Suhrawardi, Avicenna, Ali Hamedani, Abdurehman Jami and others. Regardless of numerous interpretations, this issue still remains open and no less relevant.

Keywords: cognition, epistemology, intuition, intelligence, reason, instinct, mind, enlightened, wise.

Сведения об авторе: ***Назаралиев Аким Айдаралиевич*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17 Телефон: **+992 933 77 11 66**

Information about the author: ***Nazaraliev Akim Aidaralievich*** – Tajik National University, second year graduate student of the faculty of philosophy. **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17., Phone: **+992 933 77 11 66**

БЕГОНАШАВИИ ФАРҲАНГӢ ҲАМЧУН МУШКИЛОТИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Амирхон Ш.Т. Назаршоев Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Раванди глобализатсионӣ, ки ҷаҳони муосирро фаро гирифта, ҳеҷ гуна сарҳад ва монеаҳоро намепазирад, дар худ таъсироти мусбат ва манфии зиёде дорад. Ҷанбаи мусбати ин раванд, агар дастрасии мардуми сайёра ба навгониҳои илмиву техникӣ ва ахбороти саривақтӣ бошад, ҷониби манфии он таҳдиди хатарҳои мухталиф доир ба нестшавии фарҳангу тамаддуни миллату халқиятҳои рӯ ба тараккӣ мебошад. Ташаккули босуръати техникаву технология ва манфиатҷӯии ҷомеаи муосир боиси он гардидааст, ки асолат ва моҳияти аслии инсоният сарфи назар шавад. Ривоҷи падидаҳои мухталифи фарҳангӣ, аз қабили ҳамҷинсгароӣ, зиндагӣ бидуни таъсиси оила, аз миён бардоштани ҳама гуна табуҳо ва монанди инҳо аз масоиле ҳастанд, ки ҷаҳонро фаро гирифта, дар ҳоли инкишоф қарор доранд. Дар шароити нави ҷаҳонишавӣ, ки фарҳангҳо ба ҳам омехта, ҳавзаҳои фарҳангӣ ба

ҳам рӯ ба рӯ мешаванд, шинохт ва ҳифзу эҳтиром намудани арзишҳои фарҳанги миллӣ ва дар ин замина нигоҳдошти ҳувият ва худшиносии миллӣ бисёр муҳим аст. Маврид ба зикри аст, ки мафҳуми глобализатсия (ҷаҳонишавӣ), имрӯзҳо дар тамоми муносибатҳои ҷамъиятиву байналмилалӣ хосияти муҳимро касб намудаву диққати намояндагони соҳаҳои гуногуни илмро ба худ ҷалб карда истодааст. Аз ҷумла, файласуфон, сиёсатшиносон, иқтисоддонҳо, ҳуқуқшиносон, фарҳангшиносон, сотсиологҳо бештар бо чунин масъалаҳо сару кор мегиранд, зеро набзи раванди пурталотуми ҷаҳонишавиро аз ҳама бештар ҳамин мутахассисон метавонанд эҳсос намоянд. Имрӯзҳо чунин ба назар мерасад, ки ҷаҳон торафт тангтар мешавад ва сарфи назар аз сарҳадҳову фосилаҳо мубодилаи афкор ва таъсирпазирӣ аз якдигар хеле содда гардидааст. Ба маънии дигар, раванди тадричан наздикшавии давлатҳо дар тӯли тамоми таърихи инсоният ба миён омада, ҳеҷ сарҳадбандие наметавонад монеи он шавад. Васоити ахбори омма, техника ва технологияҳои муосири иттилоърасон ва муоширати озоди инсонҳо ҷиҳати густариш додани раванди глобализатсионӣ мусоидат менамоянд. Тавре ки болотар зикр намудем, ҷаҳонишавӣ падидаи комилан нолозим набуда, балки дастоварди муҳими инсонӣ аст, ки бар асари он инсоният метавонад дар ҳамбастагӣ бо насли худ ва дастовардҳои навини фарҳангии ҷаҳон зиндагӣ намояд. Албатта, ин раванд орзӯи инсоният буда, дар марҳилаҳои мухталифи тараққиёти ҷамъият пайваста ҷиҳати наздикшавии насли инсонӣ ва барқарор намудани робитаҳои фарҳангиву иқтисодӣ талош кардааст, вале нафароне пайдо мешаванд, ки зидди ин ҳамбастагӣ баромада, манфиатҷӯиро пеш мегузоранд. Ба андешаи олими аврупоӣ М.Г. Делягин “Инсони ҷадид барои имкониятҳои зеҳнии худ тамоман ҷаҳони мураккаб бунёд сохтааст ва баро ин дигар наметавонад ба таври рӯшан самти тараққиёти хусусии худро дарку муайян ва пешгӯйӣ намояд” [3]. Тибқи назари муаллифони китоби фарҳангшиносӣ бошад, “...ҷараёни ҷаҳонишавии фарҳангӣ хеле мураккаб ва баҳсангез буда, ба натиҷаҳои мухталиф оварда мерасонад. Қолабгарой, шаклдарорӣ, дурагакунонӣ ва омехтасозии фарҳангӣ ба ҳамин гуна натиҷаҳои номатлуб оварда мерасонад” [5; 239]. Бояд ёдрас шуд, ки раванди инкишофи босуръати ҷаҳонишавӣ зиддиятҳои зиёдеро ба дунбол дорад, ки дар ин асос тағйиротҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангии ҷомеа ба миён меоянд ва боиси пайдоиши омилҳои рушди бегонапарастӣ ва бегонашавӣ дар байни гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ мегардад. Ҳамин аст, ки яке аз ҷанбаҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ, ин имконияти васеъ ҷиҳати рушди босуръати бегонашавии намояндагони миллатҳои мухталиф мегардад. Албатта, падидаи бегонапарастӣ ва бегонашавӣ, падидаи навпайдо нест ва он дар марҳилаҳои гуногуни рушди таърихи инсоният ба назар мерасад, вале замони муосир майдони фаррохтарро ҷиҳати амалигардонии он фароҳам овардааст. Масъалаи бегонашавӣ дар фалсафаи бостон таваҷҷӯҳи файласуфонро ба худ ҷалб намуда, асосан дар шакли бегонашавии инсон аз асли худ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Масалан, Суқрот масъалаи инсонро коркард карда, хулосаи таълимоти худро бо мафҳуми “Худро бишнос” ифода намуд, ки моҳиятан ҷиҳати ба бегонашавӣ майл накардани инсон равона шуда буд. Афлотун бо вуҷуди он, ки мафҳуми “бегонапарстӣ”-ро истифода набурда бошад ҳам, вале тибқи таълимоти ӯ “оламе, ки мо дар он зиндагӣ дорем танҳо як нусхаи хаёлии ҷаҳони ғайрист. Афлотун борҳо таъкид кардааст, ки руҳи инсон танҳо аз ҷаҳони ғайрӣ ба ҷисми мирандаи инсон ҳаракат мекунанд ва дар охири замон ба олами дигар мегузарад ва он то он даме, ки дар бадани инсон вуҷуд дорад, барои ӯ бегона аст [6; 66-67].

Дар асрҳои миёнаи Ғарб мафҳуми бегонашавиро бештар ба эътиқодоти динӣ нисбат медиҳанд. Масалан, назарияи “бегонашавӣ аз Худо” ё “бегонагии руҳ аз бадан” ба файласуфи асримиёнагии Ғарб Аврелий Августин тааллуқ дорад. Тибқи назари ин мутфаккир “бегонагшавӣ комилан ҳамаи одамонро ҳамроҳӣ карда метавонад, яъне, гуноҳҳо ва орзӯҳои модарзодии ҳавасҳои эмотсионалӣ, хавфи аз Худо бегона шуданро доранд. Барои аз Худо бегона нашудни инсон бояд ба ҳавасҳое, ки ӯро дар тули ҳаёти худ ҳамроҳӣ мекунанд, муқовимат намуд” [1; 5]. Илова бар ин, Августин бегонасозии шахсиро низ баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки “асоси ин гуна бегонашавӣ дар мухолифат аст. Гоҳе одамон дар ҷомеа беадолатӣ мекунанд, одамони дигарро барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ истифода мебаранд, ки ин ба бегонагии шахсӣ оварда мерасонад [1; 5]. Ҳамин маънӣ дар

фалсафаи асримиёнагии Шарқ низ эҳсос мешавад, вале тобиши маънои мафҳум дар ин фарҳанг васеътар аст. Мутафаккирони асримиёнагии тоҷик дар асоси таъсирпазирӣ аз таълимоти исломӣ моҳияти инсонро аз шинохтани асли хеш иборат дониста, таъкид бар он доранд, ки инсон то худро нашиносад ба марҳилаҳои дигар намерасад. Масалан, Мавлавӣ Ҷалолиддини Балхӣ қайд менамояд, ки:

Онон, ки талабгори Худоед, Худоед,
Берун зи Шумо нест, Шумоед, Шумоед...

Ҳамзамон, таъкиди ҳифзу эҳтиром ва арҷгузорӣ ба фарҳангу тамаддуни миллиро низ дар ин ҷаҳонбинӣ ба таври возеҳ метавон мушоҳида намуд. Ҷараёни шуубия аз зумраи ҷунбишҳои фарҳангиест, ки дар асрҳои миёна ҷиҳати ҳифзи арзишҳои миллӣ ва аз хатари бегонашавии фарҳангӣ бо таъсирпазирӣ аз хурофоти динӣ эмин нигоҳ доштанро асли таълимоти худ қарор додааст. Масъалаи бегонашавӣ дар фалсафаи маорифпарварӣ низ ба миён гузошта шудааст. Намояндаи барҷастаи ин ҷараён Жан Жак Руссо дар китоби худ «Дар бораи шартномаи иҷтимоӣ» идеяеро ба миён мегузорад, ки мутобиқи он доираи оила тимсоли ҷомеаи иҷтимоӣ-сиёсӣ мебошад. Тибқи идеяи зикршуда “подшоҳ ба падар ва одамон ба фарзандон монанданд. Ҳама баробар таввалуд мешаванд, озод ва мустақиланд. Агар одамон истиқлолияти худро бегона кунанд, ин корро ба манфиати худ мекунанд. Дар ин ҳолат ҳамаи фарқиятҳо дар он мушоҳида мешаванд, ки дар оила ғамхорӣ кардан нисбати фарзандон ва дар давлат ҳукмфармо нисбати раият ба бегоншавӣ сабаб мегарданд [4; 106]. Масъалаи бегонашавиро файласуфи барҷастаи Олмон Гегел ба моҳияти инсонӣ ва олами вуҷуд вобаста медонад. Тибқи назари ӯ “тамоми марҳилаҳои раванди таърихро бегона кардан мумкин аст” [2; 16]. Мутафаккир сарват, қудрати давлатӣ ва дастовардҳои дигари инсониро аз моҳияти инсонӣ бегона шумурда, танҳо руҳро асл мешиносад. Ашё ва ҳодисоти дигар дар ҳолати бегонасозии тафаккур ва абстрактикунонӣ зоҳир мешаванд. Таълимоти Флйербах қадами навбатӣ дар ташаккули фаҳмиши моҳияти маҳфуми бегонапарастӣ буд. Мувофиқи андешаи ӯ, бегонагӣ равандест, ки дар натиҷаи он шахсият сифатҳои шахсиро аз даст дода, моҳияти худро тағйир медиҳад. Дар чунин ҳолат, яъне тағйир додани моҳияти ирсии худ, шахс махлуқи ошуфта ва содда мешавад. Масъалаи бегонашавӣ дар таълимоти Маркс низ мавриди баррасии илмӣ қарор дода шудааст. Тибқи андешаи мутафаккир яке аз категорияҳои ҷаҳонӣ ин «бегонапарастӣ» мебошад. Ҳамин тариқ, масъалаи бегонашавиро мутафаккирони баъдӣ, аз қабили Сартр Жан Пол, Мишель Фуко, Мартин Хайдегер, М.Симон, Г. Маркузе, А. Камю Г.С. Кесилёв ва дигарон ба таври илмӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Бояд ёдовар шуд, ки бегонашавӣ агарчӣ мафҳуми васеъ ва фарогир бошад ҳам, вале моҳияти асосии он дар бегонашавии фарҳангӣ зоҳир мегардад. Бегонашавии фарҳангӣ раванди густариши риё, таассубу хурофот ва аз аслу насаби худ рӯй гардонидани инсонро ифода менамояд. Ҷиҳати рушди босуботи ин раванд, замони муосир имкониятҳои зиёдро фароҳам сохтааст. Маврид ба зикр аст, ки арзишҳои муосири фарҳангӣ моҳият ва хусусияти инсонро якҷониба баҳогузорӣ намуда, ӯро аз асл ва ҷавҳари воқеиаш дур сохта, аз шинохти табиат, моҳият ва мақсаду мароми зиндагӣ, ки ҷавҳари фалсафаи амалии классикиро ташкил медоданд, барканор менамоянд. Ҳамин раванди «ахлоқгурезӣ» боиси он гаштааст, ки ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ аз арзишҳои умумибашарӣ фосила гирифта, онҳоро дар қатори зуҳуроти хурофотӣ ва нолозим шомил бисозанд. Бидуни шакку шубҳа, бӯҳрони ҷаҳони муосир аз бисёр ҷиҳат ба ҳамин гуна фосилагирии инсоният аз асли ҷавҳари худ вобаста буда, ӯро пойбанди муаммоҳои сарбаста ва арзишҳои либерализм, позитивизм ва постпозитивизм кардааст. Дар фазои фарҳангии замони муосир, ки мушкилоти гуногуни ахлоқӣ вомехӯрад, муносибатҳои инсонӣ дар доираи манфиатҷӯӣ ташаккул ёфта, инсондӯстӣ, ҳамдардӣ, адолат ва таҳаммулпазирӣ ҳамчун масоили марказии ахлоқ мавқеашонро заиф, арзиши муқаддас доштани оила ҳамчун муҳимтарин институти иҷтимоӣ ва макони тарбияи инсони ҳақиқӣ ва интиқолдиҳандаи дастовардҳои фарҳангӣ камарзиш ва аз назар дур гардида истодаанд. Ҳамин аст, ки дар бархе аз мамлакатҳои аврупоӣ никоҳи ҳамҷинсӣ ва зиндагӣ бидуни таъсиси оила аз ҳудуди муайян убур карда, ҷамоатҳои зиёдро ташкил намуда, ҳатто фаъолияташон расман ба қайд гирифта, иҷозат дода шудааст. Мусаллам аст, ки тарбияи фарзанд дар муҳити фарҳангии

оила сурат мегирад ва оила иборат аз падар, модар ва аъзоёни дигар мебошад, ки ҳар кадоме дар ҷойгоҳи худ, яъне танҳо модар метавонад меҳри модарӣ ба фарзанд дошта бошад ва ба рушду камолоти фарзанд таъсир расонад. Дар оилае, ки ҳамсарон намояндаи як ҷинс ҳастанд, фарзанд дар он то кадом дараҷа меҳри модариро дарёфт ва тарбияи мувофиқ мегирифта бошад? Ин ва дигар суолоте ҳастанд, ки ҷомеаи муосирро таҳдид менамоянд. Муборизаҳои сиёсӣ ҷиҳати дарёфти манфиати бештар ва пайдо намудани мавқеи устувор дар миқёси олам аз мушкилоти дигарест, ки давлатҳои абарқудрат фаъолияташонро ба ин самт равона кардаанд ва таҳдиду хатарҳои рузафзун ба фарҳангу маънавиёти ҷомеаҳои мухталиф эҳсос мешавад. Дар ин раванд зарур аст, ки дар шуури мардум ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ҷой карда шавад. Ҷиҳати мустаҳкам намудани афкори насли муосир ва аз таҳдиди хурофоту бегонапарастӣ ва бегонашавӣ эмин нигоҳ доштани насли наврасу ҷавон, таҳқиқу омӯзиш ва муайян намудани арзиши афкори илмии мутафаккирони гузаштаи фарҳанги миллати тоҷик василаи муҳим хоҳад буд.

АДАБИЁТ

1. Августин А. Исповедь // Лабиринты души. – Симферополь, 1998. - С. 5
2. Гегель Г. Философия духа // Энциклопедия философских наук. Т. 3.1. М.: 1977. - С.16
3. Делягин М.Г. Глобализации: игры и правило новой эпохи.- М., 2000
4. Руссо Ж. Ж. Об общественном договоре. Трактаты / Пер. с фр. / Ж. Ж. Руссо – М.: Канон- пресс, «Кучково поле», 1998. - С.106
5. Фарҳаншиносӣ (китоби дарсӣ). Гурӯҳи муаллифон. Душанбе, 2020
6. Хаитов Ф. К. Социокультурные особенности проявления миграционных процессов в Таджикистане: дис. канд. философ. наук / Ф. К. Хаитов - Душанбе 2011.

БЕГОНАШАВИИ ФАРҲАНГӢ ҲАМЧУН МУШКИЛОТИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Дар мақола бегонашавии фарҳангӣ ҳамчун мушкилоти ҷаҳони муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки бегонашавӣ агарчӣ мафҳуми васеъ ва фарогир бошад ҳам, вале моҳияти асосии он дар бегонашавии фарҳангӣ зоҳир мегардад. Бегонашавии фарҳангӣ раванди густариши риё, таассубу хурофот ва аз аслу насаби худ рӯй гардонидани инсонро ифода менамояд. Ҷиҳати рушди босуботи ин раванд, замони муосир имкониятҳои зиёдро фароҳам сохтааст. Бегонашавӣ агарчӣ мафҳуми васеъ ва фарогир бошад ҳам, вале моҳияти асосии он дар бегонашавии фарҳангӣ зоҳир мегардад.

Калидвожаҳо: бегонашавӣ, бегонашавии фарҳангӣ, глобализатсия, худшиносӣ, хурофот, риёкорӣ, худшиносии миллӣ, моҳияти инсонӣ, сифатҳои шахсӣ.

КУЛЬТУРНОЕ ОТЧУЖДЕНИЕ КАК ПРОБЛЕМА СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

В статье рассматривается культурное отчуждение как проблема современного мира. Авторы отмечают, что хотя отчуждение является широким и повсеместным понятием, его суть отражается в культурном отчуждении. Культурное отчуждение относится к процессу распространения лицемерия, суеверий и отказа от предков. Новое время открыло много возможностей для устойчивого развития этого процесса. Хотя отчуждение - это широкое и повсеместные понятие, его суть проявляется в культурном отчуждении.

Ключевые слова: отчуждение, культурное отчуждение, глобализация, самопознание, суеверия, лицемерия, национальное самопознание, сущность человека, личние качеств.

CULTURAL ALIENATION AS A PROBLEM OF MODERN SOCIETY

The article examines cultural alienation as a problem of the modern world. The authors note that while alienation is a broad and pervasive concept, its essence is reflected in cultural alienation. Cultural alienation refers to the process of spreading hypocrisy, superstition, and abandonment of ancestors. New times have opened up many opportunities for the sustainable development of this process. Although alienation is a broad and ubiquitous concept, its essence manifests itself in cultural alienation.

Keywords: alienation, cultural alienation, globalization, self-knowledge, superstition, hypocrisy, national self-knowledge, human nature, personal qualities.

Сведения об авторе: ***Назаршоев Рамзи Миршоевич*** **–** Таджикский национальный университет**,** магистрант первого курса факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17 . Телефон: 777 08 12 63

Information about the author: Nazarshoev Ramzi Mirshoevich – Tajik National University**,** graduate student of Faculty of Phylosophy. **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: 777 08 12 63

КИБЕРТЕРРОРИЗМ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ

Олимшоев Н.К
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Барои касе пӯшида нест, ки имрӯз ҳама бо технологияи иттилоотӣ алоқаи зич доранд. Ҷаҳон дар давраи нав - асри иттилоотӣ зиндагӣ мекунад. Мутаассифона, "ҷаҳони электронӣ" -ро нерӯҳои мухталифи сиёсӣ ҳамчун воситаи асосии таблиғот ва ғояҳои террористӣ, экстремистии худ, таблиғи афкори худ ба мардум, амалисозии фаъолияти гурӯҳҳои гуногуни ҷиноӣ истифода мебаранд. Далели он, ки нерӯҳои бузурги манфӣ платформаҳои идеологии худро дар Интернет эҷод карда, террори густардаи иттилоотӣ дар Интернет - "ҷиҳоди электронӣ", таҳдидҳои нав ба амнияти ҷаҳонӣ ва минтақавиро ба миён меоранд, барои амнияти иттилоотӣ дар ҷаҳон мушкилот эҷод мекунанд. Ба касе пӯшида нест, ки шумораи корбарони интернет рӯз то рӯз меафзояд, қариб дар ҳама гӯшаҳои ҷаҳон ба интернет пайваст шудан мумкин аст, Интернет тақрибан дар 200 давлати дунё дастрас аст. Рушди раванди иттилоотӣ роҳи пайдоиши ҷиноятҳои нав, аз қабили ҷинояти компютерӣ ва терроризми компютериро фароҳам овард. Ҳалли проблемаи кибертерроризм, ки барои инсоният ҳамчун як минтақаи нави таҳқиқнашудаи ҷиноӣ таҳдид дониста мешавад, диққати махсусро талаб мекунад. Бо ҳамлаи ғайриқонунии сайтҳо, кибертеррористон ба маълумоти гуногуни махфӣ дастрасӣ пайдо мекунанд. Яке аз масъалаҳои муҳимтарине, ки дар раванди омӯзиши масъалаи кибертерроризм ҷой дорад, ин муайян намудани мафҳуми гнесеологии кибертерроризм ба ҳисоб меравад. Муайян намудани мафҳуми гнесеологии кибертерроризм имконияти дар сатҳи баланд мубориза бурдан бо ин гуна падидаи манфиро ба вуҷуд меорад. Дар замони муосир ягон қоидаи умумиилмиеро пайдо кардан номумкин аст, ки кибертерроризмро аз ҷиҳати илмӣ пурра маънидод карда бошад. Дигаре аз мушкилиҳои ҷой дошта он аст, ки дар раванди омӯзиш ва муайян намудани мафҳум ва моҳияти кибертерроризм новобаста аз вуҷуд доштани миқдори зиёди ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии меъёри байналхалқӣ, ки ба раванди тартибгузории кибертерроризм машғуланд, дар ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо андешаҳои муайяни аз ҳам фарқкунанда вуҷуд доранд. Аз ибтидои асри XXI сар карда, олимон ва муҳаққиқони дохили кишвар ва берун аз он ба масъалаи терроризм ва хусусан кибертерроризм диққати ҷиддӣ равона мекарданд. Дар замони ҳозира бошад, омӯзиши масъалаи кибертерроризм мавқеи махсуси хешро пайдо намудааст. Аввалин маротиба мафҳуми “кибертерроризм” дар солҳои 80-уми асри гузашта дар Амрико аз ҷониби корманди институти амният ва кашшофии Калифорния Барри Колин истифода гардида, ба он тобиши илмӣ дода шуд. Б.Коллин қайд мекунад, ки таҳаввулоти босуръати ҷомеа ва техникаву технологияи замони муосир имконияти ташаккул додани механизмҳои кибертерроризмро ба вуҷуд меорад. Дар он замонҳо шакли пештари васоити иттилоотии ARPANET арзи ҳастӣ дошт, ки он қудрати муттаҳид намудани садҳо компютер, ки дар ҳудуди як кишвар қарор доштанд, соҳиб буд. Новобаста аз ин муҳаққиқ боварии комил дошт, ки дар оянда шабакаҳои киберӣ, на танҳо бо мақсади хайрхоҳона, балки бо мақсадҳои манфурона ва бар зидди инсонҳо истифода мегарданд. Собиқ вазири мудофиаи ИМА Ҷон Хамр дар соли 1997 дар ҷараёни баромадаш дар Конгресси Амрико қайд намуданд, ки хатари кибертерроризм рӯз то рӯз афзоиш ёфта истодааст ва онро “Перл-Харбори электронӣ” ном бурданд. Ба ақидаи донишманди дигари амрикоӣ Э.Колман кибертерроризм як падидаи манфури ҷамъиятист, ки дар ҳама ҳолатҳо ба инсон таъсир расонидан метавонад. Дар бештари мавридҳо он ба шуури инсонҳо таъсиргузорӣ мекунад. [1]. Аз ин рӯ, бояд дар вақти истифода бурдан аз шабакаҳои интернетӣ ва коргузорӣ намудан бо ҳар гуна системаҳои компютерӣ эҳтиёткорона амал намуд, вагарна ҳамаи инсонҳое, ки аз ин гуна шабакаҳо истифода мебаранд, имкони таҳти ҳуҷумҳои киберӣ қарор гирифтанашон бештар мегардад. Аз зумраи барҷастатарин сиёсатшиносони Амрико З. Бзежинский дар хусуси кибертерроризм андешаи бисёр ҷолиберо баён намудааст. Ба ақидаи ӯ кибертерроризм ин вайрон намудани фаъолияти муназзами объектҳои дорои аҳамияти стратегӣ, ба вуҷуд овардани хатар барои одамони

касбу кори гуногун, расонидани зарари моддию маънавӣ ба аҳолии мамлакат ва ба шуури ҷамъиятӣ, ба вуҷуд овардани оқибатҳои нохуби ҷамъиятӣ, мақсади асосии ҳуҷумҳои кибернетикиро ташкил медиҳанд [2, с. 95]. Екатерина Молодчая баъди анҷом додани таҳқиқотҳои васеи илмӣ ба хулоса омада, қайд мекунад, ки олимону муҳаққиқоне, ки то ҳозир ба пажӯҳиши масъалаи кибертерроризм пардохтаанд то ҳоло ҳам муваффақ ба он нашудаанд, ки шарҳу тафсири комили мафҳуми кибертерроризмро мушаххас гардонанд. Ба ақидаи ӯ кибертерроризм як падидаи бисёрҷанбае мебошад, ки доираи амалишавӣ ва зоҳиргардии он аз сатҳи рушд ва инкишофи шабакаи иттилоотии Интернет вобастагии калон дорад. [6, с. 95]. Ба андешаи Е.Старостина, кибертерроризм ин пеш аз ҳама ҳуҷум намудан ба он иттилооту ахбороте, ки мувофиқи қонун махфӣ гардонида шудаанд ва дар шакли электронӣ маҳфуз нигоҳ дошта мешаванд. Ӯ қайд менамояд, ки яке аз хусусиятҳои асосии ин намуди фаъолияти террористӣ, мавҷудияти оқибатҳои хатарнок барои тамоми аҳолӣ ва расонидани зарари моддӣ ё маънавӣ ташкил медиҳад. [10, с. 80]. Инчунин, барои таблиғ намудани идеяи хеш, барангехтани иғво дар байни ҷомеа, тарсонидани аҳолӣ ҳар гуна маводҳо ва ҳодисаҳоро дар ВАО ба таври васеъ паҳн менамоянд. Е.Рибакова низ кибертерроризмро ҳамчун ҳуҷум намудан ба системаҳои иттилоотию компютерӣ меҳисобад, ки ҳадаф аз онро дар таҳлука андохтани оммаи васеи одамон, ҳокимияти давлатӣ ва шахсони алоҳидаро ташкил медиҳад. Ӯ чунин меҳисобад, ки новобаста аз оне, ки масъалаи кибертерроризм дар сатҳҳои мухталифи омӯзиш қарор дошта бошад ҳам, ин баҳсҳои гуногунро чӣ дар сатҳи илмӣ ва чӣ дар низоми сиёсӣ ба миён овардааст. Аз ҳамин сабаб, то ҳоло ҳам дар фаҳми мафҳуми кибертерроризм ягонагии куллӣ мавҷуд нест. В.Голубев дар зери мафҳуми кибертерроризм “ба таври ғайриқонунӣ дахолат намудан ба фаъолияти мошинҳои электронии ҳисоббарор, шабакаҳои интернетӣ ва системаи онҳо, дуздӣ ва аз худ намудани иттилоот ва молу амволи дар шакли электронӣ мавҷудбуда ва азхуд намудани иттилооти компютерӣ” мешуморад. Вай қайд мекунад, ки ин як шакли нави терроризм аст, ки шабакаҳои электронӣ ва технологияҳои муосири иттилоотиро бо мақсадҳои террористӣ истифода мебарад ва дар сатҳи пасти махфият қарор дорад. Т.Тропинина чунин мешуморад, ки кибертерроризм натиҷаи рушди фаъолонаи технологияҳо ва равандҳои иттилоотӣ мебошад. Вай пешниҳод мекунад, ки ин падидаро, бояд ҳамчун маҷмӯи амалҳои ҷиноӣ ва ғайриқонуние баррасӣ кунанд. Амалияи он дар бештари мавридҳо дар фазои маҷозӣ алайҳи маълумоти компютерӣ ё системаҳои компютерӣ татбиқ карда мешаванд. Барои анҷом додани чунин амалҳои ҷиноятқорона ҷиноятқорон бояд ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шаванд. [12, с. 152]. Донишмандони дигари рус ба монанди Ю.В.Гаврилов ва Л.В.Смирнов чунин мешуморанд, ки ғояи асосии амалҳои кибертеррористӣ дахолати ғайриқонунӣ намудан ба ҳама гуна шабакаҳои иттилоотӣ бо мақсади таъсири манфӣ расонидан ба ҷомеа, алалхусус зарар ба саломатӣ, ҳаёт ва моликияти онҳо мебошад. Ин мушкилӣ характери глобалӣ дорад ва ҳалли байналмилалиро тақозо мекунад, бинобар ин, аксари муҳаққиқон кибертерроризмро ҳамчун як намуди терроризм муайян мекунанд, ки бо фаъолият дар фазои киберӣ тавсиф карда мешавад. Агар ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат кунем, бояд қайд карда гузарем, ки мафҳуми кибертерроризм аз лиҳози ҳуқуқӣ қонунан муайян карда нашудааст, гарчанде ки онро ҳама озодона истифода мебаранд. Ба андешаи муҳаққиқи рус Василев А.Н. кибертерроризм ин мавриди ҳамла қарор додани шабакаҳои компютерӣ ва сомонаҳои интернетист, ки ҳадафи асосии он паҳн ва таблиғ намудани иғво ва балвоҳои сиёсӣ мебошад. Муҳаққиқони рус ба монанди Д.А.Соломин, А.В,Федоров, С.И.Грачев, Е.А. Роговский, А.И. Маляров, Е.В.Белая ва дигарон кибертерроризмро аз зумраи манфуртарин ва мураккабтарин навъҳои терроризм мешуморанд.

Чӣ тавре, ки А. Кота қайд мекунад, ки кибертерроризм дар замони муосир аз шумули хатарноктарин падидаҳои терроризм ба ҳисоб меравад, ки ба соҳаи фаъолияти зеҳнии инсон вобастагӣ дорад. [4, с. 133]. Яке аз барҷастатарин донишмандони соҳаи сиёсати Россия Лебедева, М.М. дар хусуси кибертерроризм андешаи ҷолиби диққатро баён мекунанд. Яке аз хусусиятҳои асосии кибертерроризм аз он иборат аст, ки он метавонад ҷузъи томи як ҳамлаи киберӣ гардад ва ё метавонад воситаи таъминкунандаи ҳамлаҳои

дигар дар ҷой ва мавқеи баъдина гардад. Яке аз донишмандони рус А.В.Рубанов чунин мешуморад, ки “кибертерроризм ин ҳамлаи барқасдонаест, ки дорои ангезаи сиёсӣ ба шумор меравад, ки бар муқобили ситемаҳои иттилоотие, ки аз ҷониби давлатҳо қонунан муҳофизат карда шудаанд, ташкил медиҳад. ” Гуруҳи дигари олимон дар раванди муайян намудани мафҳуми кибертерроризм ба масъалаи хусусияти мақсадноки ин амалҳо равона кардаанд. Олимони рус Гереев Р. ва В.А.Мазуров пешниҳод менамоянд, ки хусусияти асосии кибертерроризм ин тарсонидани аҳолӣ ва мақомотҳои қудратӣ бо мақсадҳои ҷиноятӣ ва пасткирдоронаи худ расидан, ташкил медиҳад. Барои ба чунин мақсадҳои ғаразноки худ расидан онҳо аз таҳдид, ки дар шакли зӯроварӣ зоҳир мегардад, истифода мебаранд. Бо ин амалашон онҳо мехоҳанд ҷомеаро ҳамеша дар ҳолати тарсу ҳароси доимӣ нигоҳ бидоранд. [5, с. 56]. В.А. Мазуров қайд мекунад, ки дар раванди таҳқиқи масъали кибертерроризм диққати асосӣ бояд ба он равона карда шавад, ки тафовути миёни падидаҳои зарар расонидан ба системаҳои компютерӣ ва кибертерроризм бояд маълум гардад. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки кибетерроризм гуфта ҳолати дахолати ғайриқонунӣ намудан ба раванди фаъолияти кории компютерҳо, барномаҳои компютерӣ, шабакаҳои компютерӣ, тағйир додани манбаъҳои компютерӣ бо ёрии компютерҳои дигар ташкил медиҳад. Донишманди рус В.Васенин кибертероризмро ҳамчун « дар фазои маҷозӣ содир намудани маҷмӯи амалҳои ғайриқонунӣ, ки дар шакли сӯиқасд ба ҷони одамон, таҳдиди таъқибот, амалҳои тахрибкорона нисбат ба мавод, объектҳо, таҳриф намудани иттилооти объективӣ ё як қатор амалҳои дигаре, ки боиси барангехтани тарсу ҳарос дар ҷомеа ба хотири ба даст овардани имкониятҳои васеъ дар раванди ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ё вазифаҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад”. Кибертерроризм гуфта, ҳамлаи сиёсӣ ё идеологӣ ба иттилоот, маълумоти корбар ё системаҳои компютерӣ ба ҳисоб меравад, ки бо мақсади расонидани зарари моддӣ ва маънавӣ ба ҷомеа ба роҳ монда шудааст. Кибертеррористон ва хакерҳои маъмулӣ аз тактика ва воситаҳои маъмулӣ истифода мекунанд, аммо одатан ангезаҳои гуногун ва ба худ хосро соҳиб гардидаанд. Яке аз донишмандони намоёни соҳаи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад А.Н. ба шумор меравад, ки ба омӯзиши масъалаи кибертерроризм пардохтааст. Донишманди мазкур кибертерроризмро амали ҷиноятӣ муаррифӣ намуда, қайд менамояд, ки ташкилотҳои террористӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ аз воситаҳои техникие истифода менамоянд, ки фурӯши озод доранд ва ҳамчун объекти инфраструктураи иттилооти давлатӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Бо истифода аз ин дастрасӣ ташкилотҳои экстремистию террористӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ идеяҳои ғаразноки хешро паҳн менамоянд. Бештар воситаҳои мазкурро ташкилоти динӣэкстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир» ба таври хеле фаъол истифода мебарад. [7, с. 16]. Махсусан, ин гуна мавод дар сомонаҳои ғайрирасмии онҳо ба таври ошкор интишор шудаанд. Айни замон натанҳо «Ҳизб-ут-таҳрир», «Ҷамоати Ансоруллоҳ» ва «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», балки дигар гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва ташкилотҳои экстремистии дар минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолияткунанда воситаҳои иттилоотию коммуникатсиониро ба таври васеъ истифода мебаранд Сафарализода Х.Қ., низ ба пажуҳиши масъалаи кибертерроризм пардохта то андозае кӯшиш ба харҷ додааст, ки мафҳум ва моҳияти кибертерроризмро, ҳамчун падида мушаххас намоянд. Ӯ чунин қайд мекунад, ки “Кибертерроризм ҳуҷуми ҳадафноке мебошад, ки он сирф характери сиёсию идеологӣ дорад. Чунин ҳуҷум бештар ба фазои иттилоотии мамлакат, системаҳои иттилоотии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, шабакаҳои иттилоотию компютерӣ, инфрасохтори иттилоотии мамлакат нигаронида мешавад. [8, с. 156]. Вайрон намудани фаъолияти муназзами объектҳои дорои аҳамияти стратегӣ, ба вуҷуд овардани хатар барои одамони касбу кори гуногун, расонидани зарари моддию маънавӣ ба аҳолии мамлакат ва ба шуури ҷамъиятӣ, ба вуҷуд овардани оқибатҳои нохуби ҷамъиятӣ, мақсади асосии ҳуҷумҳои кибернетикиро ташкил медиҳанд.” Олими тоҷик Нуриддинов Р.Ш. қайд мекунад, ки гурӯҳҳои террористӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ё динии худ кӯшиш менамоянд, ки бо роҳу воситаҳои мухталиф ҳукуматҳо ва ё созмонҳои байналхалқиро зери фишор қарор диҳанд ва рафтори онҳоро тағйир диҳанд [9, с. 125]. Бо ин мақсад онҳо бо истифода аз технологияҳои

иттилоотию коммуникатсионии замони муосир ба шуур ва тафаккури оммаи мардум таъсиррасонӣ намуда, дар ҷомеа фазои тарсро эҷод менамоянд. Дар натиҷаи чунин таъсиррасонии иттилоотӣ афкори ҷамъиятӣ дар зери таъсири идеяҳои ифротӣ қарор гирифта, боварии мардум ба ҳокимияти давлатӣ коста гардида, дар ниҳояти кор метавонад оромии ҷомеаро халалдор созад. Мамлакатҳое, ки марҳилаҳои мухталифи рушду инкишофро аз сар гузаронидаанд ва имрӯз дараҷаи муайяни тараққиётро соҳиб гадидаанд, аз ҳама бештар зери таъсири кибертерроризм қарор мегиранд. Зеро, барои таъмини рушду инкишофи соҳаҳои мухталиф ба вуҷуд овардани инфрасохтори иттилоотии мукаммал ва мураккаб хеле зарур мебошад. Аммо, инфрасохтори иттилоотии ташаккулёфта, дар баробари он ки кафили рушду инкишоф бошад, ҳамзамон марҳила ба марҳила дар пайи рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба ҳимоя ниёзи бештар пайдо менамояд.Ҳамин тариқ, кибертерроризм падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ маҳсуб ёфта, дар шакли таҳдид ба амнияти давлат, шахс, ширкатҳои бузурги молиявӣ, корхонаҳо ва дигар мақомотҳои муҳими стратегию давлатӣ зоҳир гардида, ба инсоният зарбаи калони моддӣ ва маънавӣ расонида, онҳоро дар тарсу ҳароси доимӣ қарор дода, психологияи сиёсии инсонҳоро вайрон намуда, боиси косташавии маданияти сиёсии одамон, хусусан ҷавонон мегардад. Агар ба таърихи пайдоиши кибертерроризм, ҳамчун ҳодисаи манфури ҷамъиятӣ назар андозем, дарк мекунем, ки он падидаи куҳна набуда, балки маҳсули давраи нави инкишофи босуръати техника ва технологияи навин ба шумор меравад. Дар соли 1993 кибертеррористон ба воситаи шикастани рамзҳои системаҳои компютерӣ ва рахна намудани ситемаи амниятии онҳо дар миқдори зиёди бонкҳо, ширкатҳои бузурги молиявӣ ба системаи онҳо ворид гардида, аз онҳо миқдори маблағи бузургеро дар ҳаҷми 12-13 млн фунт стерлинг (қурби асъори Британияи Кабир) талаб намудаанд. Ин воқеаи даҳшатбор дар яке аз пешрафтатарин шаҳрҳои Аврупо Лондон ба вуқуъ пайваста буд. Соли 1996 бошад намояндагони ташкилоти террористии “Палангони озодихоҳи Тамил-Илама” ҳуҷуми кибериро анҷом додаанд. Зикр кардан ба маврид аст, ки ин ҳуҷум алайҳи намояндагони сохтори дипломатии Шри-Ланка анҷом дода шуда буд. [3].Ин омил хисоротҳои калонро барои ҳукумати Шри-Ланка оварда буд. Моҳи сентябри соли 1997 бошад дар натиҷаи мавриди ҳамлаҳои кибертеррористон қарор гирифтани пойгоҳи илмии НАСА зарари калон дида буд. Кибертеррористон он ҳама гуна маълумотҳое, ки хосияти биологӣ-тиббӣ доштанд, мавриди ҳамла қарор дода буданд. Бояд қайд кард, ки интиқоли манбаи маълумотҳо аз пойгоҳи НАСА ба киштии кайҳонии “Атлантис” сурат гирифта буд.

Дар моҳи январи соли 1999 бошад дар системаи умумиҷаҳонии Интернет вируси компютерие бо номи “Хеппи-99” ба вуҷуд омад, ки миқдори зиёди компютеронро дар сатҳи ҷаҳон аз кор боз дошт. Моҳи августи соли 1999 бошад, ҳодисаи аҷибе рух дода буд. Чин ва Тайван ситемаҳои компютерии ҳамдигарро мавриди ҳамлаҳои иттилотӣ қарор доданд. Кибертеррористони ин ду мамлакат ба системаҳои иттилоотии мақомотҳои дохилии давлатҳо ба монанди мақомоти давалатӣ, ширкатҳои моливии бузург, номгуи зиёди маҷаллаҳо ва газетаҳо, системаи маориф ва тандурустиро мавриди ҳамлаи шадид қарор доданд. Дар натиҷа соҳаҳои дар боло зикршуда зарари калони моддӣ ва маънавиро паси сар намуданд. 1 майи сали 2000 бошад аз музофоти Манила ба низоми Интернет ҳуҷуми киберӣ содир гардида буд. Дар пайи ин ҳамлаи киберӣ, кибертеррористон вируси компютерии “Дустӣ”-ро паҳн намуданд. 11 сентябри соли 2001 ҳуҷумҳои террористон ба ИМА аз намунаи барҷастаи ҳамлаҳои кибертерররористӣ маҳсуб меёбад. Соли 2004 бошад, мақомоти давлатии Кореяи Ҷанубӣ дучори ҳамлаҳои кибертеррористон гардида буд. Аслан кибертеррористон ба манбаи электрониии вазорати мудофиаи Кореяи Ҷанубӣ ҳамла намудаанд. Мақсади асосиашон нишон додани ҳолати бади сарбозон дар артиш ба ҳисоб мерафт. Бояд қайд кард, ки ин ҳолат боиси тағйир ёфтани шароит дар низоми ҳарбии ин кишвар гардида буд. [11]. Дар солҳои 2005-2006 бошад, зиёда аз 2 млн компютерҳои мақомотҳои қудратию интизомӣ мавриди ҳамлаҳои кибертеррористон қарор гирифта буд. Дар ҳамин давра, зиёда аз 300 ҳазор компютерони ҳукумати электронии Россия мавриди ҳуҷуми террористон қарор гирифта буданд. Ин нишондодҳо гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки на

ягон давлат, на ягон ашхоси алоҳида наметавонад аз ҳамлаи ногаҳонии кибертеррористон эмин ёфта тавонад.

АДАБИЁТ

1. Kaplan E. Terrorists and Internet [манбаи электронӣ] // Council on Foreign Relations. 8 Jan. 2009. Режими дастрас. URL: http://www.cfr.org/terrorism-and-technology/terrorists-internet/p10005 (санаи воридшавӣ: 24.12.2020)
2. Бжезинский Зб. Выбор. Мировое господство или глобальное лидерство / Зб. Бжезинский, пер. с англ. – М.: Международные отношения, 2004. –С.95
3. ВВС Шри-Ланки разбомбили радио «тамильских тигров» [Манбаи электронӣ]. Режими дастрас – URL: https://lenta.ru/news/2007/11/27/station/ (санаи воридшавӣ: 11.02.2021).
4. Глотина И.М. Информационный терроризм и его влияние на экономику // Проблемы современной экономики. 2014. № 3 (51). С. 133
5. Коваленко В. И. Критика новейших буржуазных концепций государственно-монополистического капитализма.- М.: Прогресс, 1987. –с .56
6. Молодчая, Е.Н. Политика противодействия кибертерроризму в современной России: политологический аспект: Дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / Молодчая Е. Н. – М., 2011. – С.156
7. Муҳаммад А.Н., Рақабов С.А., Сафарализода Х.Қ. Кибертерроризм ҳамчун таҳдид ба суботи ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон). – Душанбе: «Дониш», 2019. – С. 16.
8. Муҳаммад А.Н., Сафарализода Х.Қ. Амнияти миллӣ. Душанбе, 2019. –С. 156
9. Нуриддинов Р.Ш., Демидов В.В., Нуриддинов П.Р. Фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ. –Душанбе: Эрграф, 2016. – С. 125
10. Старостина Е. Подход к выработке единого понятия "кибертерроризм" - М., 2006, - С. 80
11. Тропина Т. Л. Киберпреступность и кибертерроризм [Манбаи электронӣ]. Режими дастрас:- URL: http :// www . crimeresearch . ru / analytics / (санаи воридшавӣ: 05.03.2021).
12. ТропинаТ.Л. Киберпреступность:понятие,состояние,уголовно-правовые меры борьбы: понятие, состояние, уголовно-правовые меры борьбы: Дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Т. Л. Тропинина - Владивосток, 2005. -С.113

КИБЕРТЕРРОРИЗМ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ

Дар мақолаи мазкур кибертерроризм аз нигоҳи илмӣ ва назариявӣ таҳлил карда шудааст. Кибертерроризм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ маҳсуб гардида, дар шакли таҳдид ба амнияти давлат, шахс, ширкатҳои бузурги молиявӣ, корхонаҳо ва дигар мақомотҳои муҳими стратегию давлатӣ зоҳир гардида, ба инсоният зарбаи калони моддӣ ва маънавӣ расонида, онҳоро дар тарсу ҳароси доимӣ қарор дода, психологияи сиёсии инсонҳоро вайрон намуда, боиси косташавии маданияти сиёсии одамон, хусусан ҷавонон мегардад. Дар мақолаи мазкур аз методи диалектикӣ ҳамчун методи умумиилме, ки имкони омӯхтани падидаи мазкурро аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ осон мегардонад, истифода шудааст ва инчунин аз методи таърихӣ истифода гардидааст, ки раванди инкишофи ин падидаро дар масири таърих мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар баробари ин аз методҳои муқоисавӣ, контент-анализ ва методи бихевиористӣ истифода намудаанд. Мушкилиҳои ҷойдошта дар равнди муайянкунии мафҳуми кибертеррорризм мушаххас гардонида шудааст. Дар мақолаи мазкур ташаккул ва вусъатёбии кибертерроризм ҳамчун падидаи иҷтимоию-сиёсӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусиятҳои асосии раванди инкишофёбии он дар раванди таърих омӯхта шудааст. Тағйир ёфтани равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир ва таъсир расонидани кибертерроризм ба он низ мавриди назари муаллиф қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: терроризм, кибертерроризм, киберҷиноятҳо, тарсу ҳарос, даҳшат, фиреб, дуздӣ, фишороварӣ, Интернет, Ал-Қоида, ДИИШ.

КИБЕРТЕРРОРИЗМ КАК СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИЙ ФЕНОМЕН

В данной статье кибертерроризм анализируется с научной и теоретической точки зрения. Кибертерроризм - это социально-политическое явление, которое проявляется в виде угроз безопасности государства, отдельных лиц, крупных финансовых компаний, предприятий и других стратегически важных государственных органов. Он разрушает политическую волю людей и подрывает политическую культуру людей, особенно молодежь. В данной статье диалектический метод используется как общенаучный метод, облегчающий изучение данного явления с научной и теоретической точки зрения, а также используется исторический метод, изучающий процесс развития этого явления в ходе истории. При этом использовались сравнительные методы, контент-анализ и бихевиористические методы. В статье анализируется становление и развитие кибертерроризма как социально-политического явления, исследуются основные особенности его развития в историческом процессе. Автор также обсуждает меняющиеся политические процессы современного мира и влияние кибертерроризма на него.

Ключевые слова: терроризм, кибертерроризм, киберпреступность, страх, террор, мошенничество, воровство, преследование, Интернет, Аль-Каида, ИГИЛ.

CYBER TERRORISM AS A SOCIAL-POLITICAL PHENOMENON

This article analyzes cyber terrorism from a scientific and theoretical point of view. Cyber terrorism is a socio-political phenomenon that manifests itself in the form of threats to the security of the state, individuals, large financial

companies, enterprises and other strategically important government bodies. It destroys the political will of people and undermines the political culture of people, especially young. In this article, the dialectical method is used as a general scientific method that facilitates the study of a given phenomenon from a scientific and theoretical point of view, and also uses the historical method that studies the development of this phenomenon in the course of history. It used comparative methods, content analysis and behavioral methods. The article analyzes the formation and development of cyber terrorism as a socio-political phenomenon, examines the main features of its development in the historical process. The author also discusses the changing political processes of the modern world and the impact of cyber terrorism on it.

Keywords: terrorism, cyber terrorism, cyber crime, fear, terror, fraud, theft, persecution, Internet, Al-Qaeda, ISIS.

Сведения об авторе: ***Олимшоев Носир Кабутаршоевич*** **-** магистр второго курса специальность политика и государственное управление факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 17; **Тел.:** (+992) 501-07-83-49.

Information about the author: ***Olimshoev Nosir Kabutarshoevich*** – Tajik National University second year master in politics and public administration, Faculty of Philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki str. 17; **Phone:** (+992) 501-07-83-49.

МАВОДҲОИ БАДНОМКУНАНДА ДАР РАСОНАҲО ҲАМЧУН ВОСИТАИ МУБОРИЗА БАРОИ ҲОКИМИЯТИ СИЁСӢ

Раҳмоналиев Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истифодаи иттилооти айбдоркунанда барои бадном сохтани ҳарифон ва рақибони сиёсӣ дар рафти муборизаи сиёсӣ натанҳо воқеияти объективии раванди сиёсӣ, ҷузъи муҳимтарини технологияҳои сиёсӣ, коммуникатсияи сиёсӣ ва компоненти «public relations», боз таҳкурсии падидаи наве чун «ҷанги компроматҳо», ки дар амалияи сиёсӣ ба таври фаррох паҳн гардидааст ба ҳисоб меравад. Бо шадиднокӣ ва тезутундии худ «ҷанги компроматҳо» дар марҳилаи маъракаҳои интихоботӣ, чи дар сатҳи минтақавӣ ва чи дар сатҳи миллӣ авҷ мегирад. Моҳияти ин ҷанг дар он ифода мегардад, ки номзадоне, ки ба ҳар қимат хостори ворид гардидан ба ин ё он сохтори давлатии интихоботиро доранд, бо кӯшиши «ғарқ» сохтани рақиб селобаи харобиовари иттилооти негативиро на танҳо ба якдигар, балки аз он ҳам хатарноктар ба интихобкунандагони потенсиалӣ равона месозанд. Қабл аз ҳама электорат «қурбони» партофти компромат мегардад. Мутахассисони имрӯза дар соҳаи технологияҳои сиёсӣ дар сатҳи баланд аз санъати дискредитатсия, нобуд сохтан ва нобудсозии рақибони сиёсӣ бархӯрдоранд. Аммо иттилооти айбдоркунандае, ки ба интихобкунанда равона гардидааст, махсусан дар марҳилаи кашмакашҳои пешазинтихоботӣ, ки ҳамчун як навъ террори психологии ба худ хос баромад мекунад, ба он оварда мерасонад, ки интихобкунанда дар сатҳи шуурнокӣ ва ё бешуурии зеҳнӣ институти демократии интихоботиро дар қатори дигар институтҳои демократӣ ҷудо мекунад. Ин ҳама натанҳо ба шаҳрвандон, балки дар маҷмӯъ ба давлат зарари ҷиддӣ мерасонад. Амалкард ва хатари хоси иттилооти бадномкунанда дар он ифода мегардад, ки то ҳануз усули қатъӣ ё худ ҳуқуқии муҳофизат аз чунин тарзи технологияи барканоркунии ҳариф маълум нест. Объекти компромат имкони муҳофизатро ҳам ба таври оммавӣ ва ҳам судӣ тариқи қонунгузорӣ метавонад дошта бошад, аммо дар амал иҷрои ин кор басо душвор аст. Истифодаи ин ё он навъи компромат ҳамчун олоти мубориза барои ҳокимияти сиёсӣ кайҳост, ки маълум буда, вай ҳамчун хусусияти хоси ҳаёти сиёсии имруза ё худ кишваре баромад намекунад. Масалан ҳанӯз дар замонҳои ҳукмронии Сезар барои барканор сохтани рақиб «ба мунодиён амр мешуд, то ахбори радкунандаро эълон кунанд, ки он ҷо дар бораи ҷузъиёти нохуби ҳаёти шахсии рақибон, оиди аз ҳад зиёд шӯҳратпарастӣ ва иззатталабию касифии ахлоқи онҳо сухан мерафт». Николло Макиавелли чунин навишта буд, ки зердастон нисбат ба роҳбар дар ҳоле нафрат мекунанд, ки агар вай ба моликият ва номуси оилаи онон чашм дӯхта бошад, нопойдорӣ, ҳарисӣ, сабукфикрӣ, инҷиқӣ ё нозпарвардагӣ, сустиродагӣ ё беҷуръатӣ ва дудилагӣ нишон бидиҳад. Бинобар ин бо ҳамин сабабҳо бояд вай дар чашми зердастони худ бадном нишон дода шавад. (Макиавелли, 1997).

Намунаи истифодаи компромат бар зидди нафарони олимартаба бо мақсади барканор сохтани онҳо аз мансаб дар амалияи муосири сиёсӣ ба таври кофӣ мавҷуд мебошад. Масалан, вазири корҳои дохилии Эрон – Кордон, ки соҳибмаълумоттарин сиёсатмадор дар атрофи президент Маҳмуди Аҳмадинажод ба ҳисоб мерафт, бо пахш намудани иттилоот оиди он, ки дипломи доктории илмҳои ҳуқуқшиносии вай аз донишгоҳи Оксфорд қалбакӣ мебошад, бадном карда шу два ин яке аз сабабҳои барканор шудани ӯ аз вазифааш гардид. Ҳамчунин, вазири меҳнати Юнон – Ситуридис дар дафтари кории К. Караманлис, М. Салин ҳамчун муддаии аслӣ ба мансаби сарвазири Шветсия, Вазири маориф Д. Бланкетт ва вазири саноат ва савдо Манделсон дар дафтари кории Т. Блэр қурбони компрометатсия гардидаанд. Ба таври фаррох дар ВАО маъракаи интихоботии президентӣ соли 2008 дар ИМА нишон дода шуда буд, ки дар рафти он тарафдорони дар он замон номзад ба мансаби президенти Амрико Б. Обама иттилоот дар бораи Ҷ. Маккейне дар робита ба хиёнатпешагӣ роҳ додан ҳангоми қарор доштанаш дар асорати Ветнам паҳн намуданд. Тарафдорони Ҷ. Маккейна бошанд дар навбати худ номзад ба мансаби президент Б. Обамаро дар дастрас намудани маблағ аз ҷониби муҳоҷирони ғайриқонунӣ айбдор намуданд. Махсусан дар ҳамин марҳила ба андозаи хеле зиёд маҷаллаи «Ню Йорк Таймс» - и қалбакӣ нашр гардида буд, ки дар он узрхоҳии бардурӯғи К. Райс барои ҷанг дар Ироқ нашр гардида буд ва Ҷ. Буш бошад барои хиёнат ба давлат айбдор гардида буд. Ҳамзамон ба таври фаррох дар ВАО иттилоот дар бораи «роҳзаниҳои» собиқ президенти Амрико Б. Клинтон низ ба табъ расида буд. Ҳамин тариқ, дар робита ба истифодабарии маводҳои бадномкунанда дар ВАО дар раванди муборизa барои ҳокимият, базаи эмпирикии бузурге мавҷуд мебошад. Ҳамзамон сохторҳои касбӣ ва мутахассисони алоҳидае ташкил гардидаанд, ки коркард ва ҷорӣ намудани компроматро чи дар сатҳи коммуникатсияи оммавӣ ва чи дар сатҳи индивидуалӣ роҳбарӣ менамоянд. Нақши асосиро дар паҳн намудани иттилооти бадномкунандаи сиёсатмадорон, ҳоло чи иттилооти рост бошад ё иттилооти дуруғ ВАО мебозад. Одатан, ҳангоми ба таври оммавӣ паҳн намудани иттилооти мазкур аз нашрияҳо, телевизион, радио, видеобарномаҳо ё ин, ки аз шакли дигари нашрияҳои даврӣ истифода бурда мешавад. Ҳамчунин дар раванди муборизаи шадиди сиёсӣ аз имкониятҳои фазои виртуалӣ низ ба таври фаррох истифода менамоянд. Иттилооти зиёди хусусияти бадномкунандадошта дар нашрияҳо, хусусан ба штаби идоравии номзадон ба вазифаҳои интихобӣ ба нашр расонида мешавад. Аммо маълумоти қалбакӣ ва бардурӯғ ҳамоно аз ҷониби қонун пайгирӣ карда мешавад. Бинобар ин дар бисёр ҳолатҳо барои бадном сохтани ҳариф истифодаи фактҳо ё киноҳо ба кор бурда мешавад. Масалан, дар Русияи имрӯза паҳн намудани иттилооти бадномкунанда, аз он ҷумла маъмулан иттилооти дурӯғин, он қадар хусусияти оммавӣ ва зиддиҳуқуқиро ба худ касб намудааст, ки мақомоти давлатӣ андешидани чораҳоро натанҳо барои пешгирӣ намудани чунин навъи фаъолият, балки вазнинтар намудани ҷавобгариро барои он қарзи шаҳрвандии худ меҳисобанд, ки барои он сохторҳои махсуси ҳарбиро ташкил намудаанд. Ба таври мисол «Сентризбирком» таҷрибаи нохуби маъракаҳои интихоботии қаблиро дар назар гирифта, як қатор чораҳоро барои муқовимат бо чунин падида андешида буд. Ба ғайр аз ин комиссия оид ба мониторинги ВАО- и русӣ «барои ошкор намудани ҳолатҳои экстремизм, агитатсияи ғайриқонунӣ ва «public relations» - и сиёҳ, ки кори худро аз августи соли 2007 оғоз намуд, ташкил карда шуда буд. Кори мазкурро маркази русиягии омӯзиши технологияҳои иформатсионии назди Комиссияи марказии интихобот (центризбирком) бар ӯҳда дорад. Зикр кардан ба маврид аст, ки як қатор нашрияҳо аллакай ба таври анъанавӣ дар худ сарлавҳа ё бахшҳоеро ҷой додаанд, ки дар он хонандагонро аз истифодабарии компромат дар раванди муборизa барои ҳокимият бо истифодаи ин ё он қувваи сиёсӣ чи дар сатҳи минтақавӣ ва чи дар сатҳи федеролӣ иттилоотрасонӣ мекунанд. Масалан маҷаллаи «Комерсант власть» ба таври анъанавӣ дар мароҳили муборизаҳои пешазинтихоботӣ дар саҳифаҳои худ бахши «компромат»- ро ҷой медиҳад. Натиҷагирии мониторинги ВАО низ дар ҳамин бахш нашр мегардад. Дар қатори он, ки қувваҳои сиёсӣ дар ҳама минтақаҳо ВАО – ро дар муборизa барои ҳокимият ва барои ташкили «ҷанги компроматҳо» фаъолона истифода намуданд, дар ҳисоботҳо бештар аз ҳама вилояти Саратови Русия ва «ҷанги

компроматҳо» дар ВАО – и минтақавии Саратов ба назар расид. Ин ҳолат аз назари мо масъалаи тадқиқоти мор обоз ҳам ҷиддитар месозад. Барои тадқиқоти масъалаи мазкур мо аз нашрияҳо давлатӣ, ба мисли - «Саратовские вести» ва «Общественное мнение» ва ҳамчунин нашрияҳои хусусии сатҳи минтақавӣ, ба монанди «Взгляд», «Саратовский репортёр», «Репортёр» истифода намудем. Ҳамчунин барои таҳлил марҳилаи солҳои 2003-2007 интихоб гардид, ки дар самти мубориза барои ҳокимият дар минтақа нисбатан марҳилаи ҳассостар ба ҳисоб мерафт. Масалан марҳилаи мубориза бо губернаторон (2003-2005), марҳилаи мубориза бо мири шаҳр (2005-2006) ва марҳилаи ташкилёбии мақомоти ҳокимияти иҷроия дар минтақа (2007). Бояд қайд кард, ки фаҳмиши падидаи «компрормат» дар адабиёт ба таври васеъ гуфта нашудааст. Одатан компроматро ҳамун усули таъсиррасонидан ба омма ва рафтори электоралии онҳо, ё ҳамчун усули бадномкунии рақиби сиёсии худ дар чашми интихобкунандагонаш муайян кардан мумкин аст. Мо компроматро ҳамчун иттилооти рост ва ё баръакс бардурӯғ унвон менамоем, ки пахши оммавии он қудрати расонидани таъсири негативӣ ба имкониятҳои омиронаи сиёсатмадор, ба мақоми расмӣ ё имиҷи вай дар миёни ҷомеаро доро мебошад. Ҳамзамон, куллан мо чунин меҳисобем, ки аввалан иттилоот ҳамон гунае, ки метавонад рост бошад, ҳамон гуна метавонад дурӯғ ҳам бошад, дуввуман иттилоот бояд ба тарзи оммавӣ, расмӣ ё ғайрирасмӣ паҳн гардад. Таҳлили васоити ахбори минтақавӣ имкон дод, то якчанд навъи маводҳои балномкунандаеро, ки дар раванди муборизаҳо барои ҳокимияти сиёсӣ истифода гардидаанд, ошкор созем. Маводҳои бадномкунанда дар ВАО сохтори мураккаб дошта, дорои чунин компонентҳо ба мисли дифаматсия, инсиннуатсия, туҳмат, таҳқир, дурӯғ, овоза ва ҳатто ғайбат мебошад. Компромат дар робита бо ҷиҳатҳои мазкур чунин хусусиятҳоро доро мебошад: субъект ва объекти иттилоот, аудиторияи мақсаднок, шаклҳои компромат, сабку услуби расонидани иттилоот, роҳҳои расонидани иттилоот, вақти расонидани иттилоот. Дар ВАО - и минтақавӣ усулҳои мухталифи ташкили компромат ба мисли идеологӣ, зоҳиран илмӣ, психиатрикӣ, эйдҷистикӣ, физиологӣ, усулҳои бозӣ, тарҳи роҳ додан ба хатогӣ, криминалӣ, характереологӣ, милитаристӣ, тарзи дурушти таҳқирнамой, морализаторӣ, бадей дар муносибат бо сиёсатмадорон мавриди истифода қарор мегиранд. Тарҳҳо хусусияти терминологӣ, жанрӣ ва тематикиро доранд. Аз ҳама тарҳи универсалӣ ин тарҳи криминалӣ ё худ ҷиной ба шумор меравад, ки қариб дар ҳама матнҳои сиёсӣ дида мешавад. Дар бисёр ҳолат маводҳои бадномкунанда дар расонаҳо бо як тарҳи нисбатан мувофиқ барои зарба задан ба объекти муайян тартиб дода шудаанд. Одатан усули мувофиқаткунонии тарҳҳо камтар истифода мегардад. Ба таври фаррох дар расонаҳо тарҳи физиологии айбдоркунии сиёсатмадор амал мекунад, ки дар гузинаҳои психиатрикӣ, медикалистӣ, эйҷистикӣ ва бевосита худи тарҳи физиологӣ таҷзия мегардад. Тарҳи мазкури бадномкунии сиёсатмадори оммавӣ як қатор ибораҳоро аз доираҳои мувофиқ ба соҳаи тиб, дар шакли ҷиддӣ, маҷозӣ ё ҳаҷвӣ ба нуқсонҳои равонии объекти компромат мавриди истифода қарор медиҳад. Тарҳи психиатрикӣ чунин ибораҳоро ба монанди «клиника», «маҷзубият (шизофрения)», «комплексҳо», «бӯҳтон», «психоз», «ноқисулақл», «мадҳуш – беихтиёр», «психиатр», «бемористони бемориҳои рӯҳӣ», «тасаввуроти маризона», «иллюзия (фиреби ҳис)» мавриди истифода қарор медиҳад. Варианти эйҷистикии тартиб додани маводи бадномкунанда, аслан синну соли объектро дар назар дорад: аз ҳад зиёд калонсол ё аз ҳад зиёд ҷавон, диққати махсус додан ба «афсурдагию фартутӣ», камқувватӣ, синну соли нафақавӣ ё содалавҳӣ. Тарҳи физиологии компроматикунонӣ диққати асосиро ба нуқсонҳои ҷисмии сиёсатмадори оммавӣ, ба қадубасти вай, беморӣ ё ба таври оддӣ «хастагиҳои зиндагӣ» медиҳад. Кам нестанд ҳолатҳое, ки чунин ақидаҳое ба мисли «худро, имкониятҳои худро ба боди фано дод», «ҳамун сиёсатмадор хаста шуд», «ҷасади сиёсӣ» истифода мегарданд. Ба таври фаррохтар дар расонаҳои минтақавӣ тарҳи характериологӣ нишон дода шудааст, ки усули иғроқбарангезонаро дар муносибат ба хислатҳои шахсии сиёсатмадор мавриди истифода қарор медиҳад. Муаллифи матн «ба шахсият мегузарад». Лексика пур аз сифатҳо, ташбеҳот, тахаллусҳо, қиёснамоиҳои дурушт, ғайриахлоқӣ, тамаъкорона, бераҳмона мегардад. Мақсади матн – инкорнамоии эҳсосотии объектрор фаъолтар намудан аст. То ҳадде бо

тарҳи характереологӣ, тарҳи таҳқирнамоӣ – даҳали бадномкунонӣ шабоҳат дорад. Одатан дар тарҳи мазкур тавсифоту тахаллусҳои хусусияти фаҳшу разилонадошта, латифаҳои бемаънӣ, ҳаҳоратҳои даҳал истифода карда мешавад. Дар тарҳи мазкур исботу далел дар назар дошта намешавад, чунки мақсади асосии ин гуна матнҳо хонандаро бо ҳар роҳе, ки набошад аз ҳолати мувозинат баровардан аст. Тарҳи морализаторӣ (боахлоқона) бошад, компроматро ҳангоми вайрон гардидани меъёрҳои ахлоқии ҷомеа, қабл аз ҳама беинтизоми шаҳвонӣ, рафтори ғайриахлоқии маишӣ истифода мегардад. Тарҳи машҳури расонидани матнҳои бадномкунанда, махсусан дар мароҳили интихобот зиёдистифодашуда, ин тарҳи милитаристии он мебошад. Дар он истилоҳоте ба мисли: «ҷанг», «ҷангча», «ҳамла», «мудофиа», «зондер-команда», «зарбаҳо», «стратегия» мавриди истифода қарор мегиранд. Тарҳи дигари ташкили компромат, ин тарҳи «бози»- и он ба шумор меравад. Тарҳи аз ҳама паҳншудатарини ташкили компромат дар кулли расонаҳои минтақавӣ, ин тарҳи криминалӣ ё худ тарҳи ҷиноии он ҳисобида мешавад. Ба ақидаи мо тарҳи криминалӣ ё худ ҷиноӣ бо ду ҷиҳат муайян карда мешавад. Истифодаи лексикаи мушаххас ва мавҷуд будани баъзе фактҳое, ки бар асоси ҳуҷҷат тасдиқ гардидаанд. Тарҳи мазкур объектро ба сифати ҷинояткор, қонуншикан ва ё ҳамчун нафаре, ки бо ин ё он тарз ба амалҳои ҷиноӣ даст задааст, нишон медиҳад. Аз ҳама бештар дар тарҳи мазкур калимаю ибораҳое ба мисли, «суд», «прокурор», «прокуратура», «дузд», «дузд дар қонун», «авбош», «азхудрафта», «батартибдарорӣ», «коррупсия», «ришваситонӣ», «қонун», «кор», «тафтишот», «дахл доштан», «кормушка (мансаби сердаромади бе дарди миён)», «кисабаҳал», «боигарӣ», «ҳелонидан», «криминалитет», «криминалӣ», «тахтакат», «маҳбас», «ҳабс», «назорат» мавриди истифода қарор мегиранд. Шаклҳо ва навъҳои мухталифи ташаккули падидаи компроматро дар назар гирифта наметавон пурдархост будани онро ҳамчун технологияи муборизаи сиёсӣ мкшоҳида накард. Аксаран, «ҷараҳости компромат» дар нашрияҳои минтақавӣ ҳангоми ивазнамоии мансабҳои ба таври аъло ба мушоҳида мерасад. Бештари ҳолатҳо шахсиятҳои маъруф ба мисли губернаторон, раисони шаҳр, роҳбарони ҳизбу ҳаракатҳо зери ҳадафи бадномкунонии сиёсӣ қарор мегиранд. Амалан маводҳои бадномкунанда бар зидди акторони ғайримаъруф истифода намегардад. Аммо бо вуҷуди ин аксаран бадномкунии сиёси ба сиёсатмадор ҳатто барои ишғол намудани баландтарин мансабҳо халале расонида наметавонад ва албатта ин таъсирнопазириҳоро метавон ба «гуруҳҳои таъсиррасон»- и пурқудрат ва мустаҳкам рабт дод.

АДАБИЁТ

1. Гринберг Т. Э. Политические технологии: ПР и реклама. М.: Аспект Пресс, 2006. 317 с.
2. 2.Комаровский В. С. СМИ как институт современной демократии // Российская политическая наука. М.: Росспен, 2008. 1000 с.
3. Кудинов О. П. Большая книга выборов: Как проводятся борьбы в России. М.: Издательство «Арт Бизнес Центр», 2003. 663 с.
4. Макиавелли Н. Рассуждения о первой декаде Тита Ливия М.: Мысль, 1997. 351 с.
5. Алтунян А. Анализ политических текстов. М.: Логос, 2006. 384 с.

МАВОДҲОИ БАДНОМКУНАНДА ДАР РАСОНАҲО ҲАМЧУН ОЛОТИ МУБОРИЗА БАРОИ ҲОКИМИЯТИ СИЁСӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи маводҳои бадномкунанда ҳамчун олоти муборизаи сиёсӣ бахшида шудааст. Нақши асосиро дар паҳн намудани маводҳои бадномкунанда ВАО мебозад. Муаллиф тадқиқоташро бо мақсади ошкор намудани хусусиятҳои хоси бадномкунии сиёсӣ анҷом додааст, ки ба навъу шаклҳои ташкилнамоии вай алоқамандии зич дорад. Дар ҷараёни тадқиқот як қатор тарҳҳои ташкилнамоии компромат ошкор гардидаанд, ки бар асоси чигунагии хусусиятҳои терминологӣ ва тематики матни мақолаи мазкур инъикос карда шудаанд. Маълум карда шуд, ки тарҳҳои аз ҳама паҳншудатарин ин тарҳҳои идеологӣ, милитаристӣ, тарҳи бозӣ, характерологӣ, тарҳи таҳқирнамоӣ, тарҳи илмнамоёна ба шумор рафта боз як қатор тарҳҳои дигари ташкил кардани маводоҳои бадномкунанда ё худ компрометивӣ ошкор карда шуданд. Аммо бояд қайд намоем, ки тарҳи аз ҳама паҳншудатарин назар ба тарҳҳои дигари ташкилнамоии компромат бар зидди сиёсатмадорон ва ходимони давлатӣ ин тарҳи криминалӣ ё худ ҷиноии он ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: компромат, расона, маводҳои бадномкунанда, усулҳои ташкил намудани компромат.

КОМПРОМЕТИРУЮЩИЕ МАТЕРИАЛЫ В ПРЕССЕ КАК СРЕДСТВО БОРЬБЫ ЗА ПОЛИТИЧЕСКУЮ ВЛАСТЬ

Статья посвящена исследованию компрометирующих материалов как средства политической борьбы. Ключевая роль распространении компромата принадлежит СМИ. Авторам проведен анализ с целью выявления специфики компромата, связанной с формами его организации. В процессе исследования выявлен ряд схем организации компромата, основанием для чего послужила терминологическая и тематическая направленность текстов. Выявлено, что наиболее распространенными являются идеологическая, милитаристская, игровая, характерологическая, оскорбительно-вульгарная, наукоподобная схемы, а также ряд других. Однако более всего распространена криминальная схема компрометации политиков.

Ключевые слова: компромат, пресса, компрометирующие материалы, способы организации компромата.

COMPROMATING MATERIAL IN THE PRESS AS FACILITY FIGHT FOR POLITICAL POWER

The article is dedicated to study compromising material as facility of the political fight. The Key role spreading compromise belongs to The Facility of Mass Information. The author is organized analysis for the reason discovery of specifics compromise, connected with the forms of its organizations. In process of the study is revealed row of the schemes of the organization compromises, reason for what has served terminological and thematic directivity text. It Is Revealed that the most wide-spread are ideological, military, playing, nature, offensive – vulgar, science schemes, as well as row others. The study shows that the densest stream of compromising information is published against the most influential politicians. In most cases, however tha information is presented as a contrary to the policies of the President.

Keywords: compromise, press, compromising material, ways of the organization of the compromise.

Сведения об авторе: ***Рахмоналиев Б.*** – магистр 2 курса, специальности Политика и государственное управление Таджикского Национального Университета. **Адрес:** Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail:

Information about the author: ***Rahmonaliev B.*** – second-year Master`s student, specialty Policy and Public Administration, Tajik National University

ДАР ШАРОИТИ ШАҲР ВА ДЕҲОТ ИНКИШОФЁБИИ ТАФАККУРИ ХОНАНДАГОН

Ш. Обидёр
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар аз худ намудани технологияи навтарини иттилоотӣ аз насли наврас дараҷаи баланди инкишофи тафаккур талаб карда мешавад. Барои ташаккул додани дараҷаи баланди тафаккур дар насли наврас мебояд ба таври зарурӣ аз ҷараёни таълим ва тарбия истифода барем. Ҷараёни дурусти таълиму тарбия мувофиқи ақида олимони машҳури соҳаи психологияи синну солӣ ва педагогӣ Давидов В.В., Элконин Д.Б. ва шогирдони онҳо метавонанд дар насли наврас дараҷаи баланди инкишофи тафаккурӣ ба роҳ монанд. Ба ақидаи Л.С. Виготский ва С.Л. Рубинштейн ҳам танҳо ҷараёни таълим ва тарбияи насли наврас қодир аст, ки дар навҷавонон зинаҳои наздиктарини инкишофро пайдо намоем, зеро ҷараёни таълим ва тарбияи насли наврас, фаъолияти пешбаранда дар ҳамин синну сол ба ҳисоб мераваду дар насли наврас бояд имконияти баландтари дарки олами иҳотакардашуда ба роҳ монда шавад. Як гурӯҳи олимон ба мисли Жан Пиаже ва шогирдони ӯ ақида доранд, ки агар хонанда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсил намояд, бо мурури замон дар ӯ зинаҳои баланди тафаккур ташаккул меёбанд ва мазмун ва мундариҷаи ҷараёни таълим ва тарбияи насли наврас ба ин протсесс ягон таъсире намерасонад. Тадқиқоти олимони дигари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Давидов В.В., Элконин Д.Б. ва шогирдони онҳо нишон медиҳанд, ки мазмун ва мундариҷаи ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас ба ҷараёни инкишофёбии тафаккур таъсири ҷиддӣ мерасонад. Афсӯс, ки мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсии имрӯза дар мактабҳои имрӯза ба инкишоф додани тафаккури насли наврас равона карда нашудааст. Баръакс, мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсии имрӯза дар мактабҳои имрӯза ба инкишоф додани қобилияти пасти фикрии насли наврас равона аст. Ба воситаи ин қобилияти пасти фикрӣ ба насли наврас ниҳоят мушкил аст, ки донишҳои зарурии омӯзиши технологияи навтарини иттилоотиро аз худ намоянд. Хонандагони дорои қобилияти пасти фикрӣ дар ҷараёни таълиму тарбия ба аломатҳои зоҳирӣ ва камаҳмиятии ашё ва ҳодиса эътибор дода, масъалаҳои таълимиро бо роҳи хато ҳал менамоянд ва ё тамоман аз уҳдаи ҳалли онҳо намебароянд. Барои дар насли наврас ташаккул додани қобилияти пасти фикрӣ мебояд мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва маҳорати педагогии омӯзгоронро тағйир бидиҳем. Дар чунин ҳолат, дар насли наврас қобилияти пасти фикрӣ метавонад ташаккул ёбад. Қобилияти фикрии насли наврасро таҳлил

намуда, психологи машҳури рус Элконин Д.Б., Давидов В.В. ва шогирдони онҳо типҳои тафаккури эмпирикӣ ва назариявиро ошкор намуданд. Тафаккуре, ки дар асоси таҳлилу таркиб кардани аломатҳои зоҳирии предмету ҳодисаҳо ҳосил мешавад, ба ақидаи В.В. Давидов, тафаккури ақлӣ-эмпирикиро ташкил медиҳад. Ҷараёни фикр дар ин гуна тафаккур дар атрофи мафҳумҳои «умумӣ» сурат мегирад. Вазифаи ин типи тафаккур аз таснифоти «маълумотномаҳо» иборат мебошад [4]. Ин типи фаъолияти фикрӣ соҳаҳои васеи фаъолияти одамонро фаро гирифтааст: вай ба одамон имконият медиҳад, ки онҳо чӣ дар олами маъмули предметӣ, чӣ дар олами гуногунии серсоҳаи фарққунандаи аломатҳо як предметро бо предмети дигар муқоиса намуда, онҳоро ба гурӯҳҳо тақсим намоянд. Мисли онро ҳаёти ҳаррӯза тақозо мекунад. Типи эмпирикии фаъолияти фикрӣ ба ҷудо кардани аломату хосиятҳои сатҳӣ, номуҳимии предмету ҳодисаҳо меоварад ва имконияти онро дорад, ки масъала бо роҳи ҳолатҳои хусусӣ ҳал карда шавад. Қайд кардан зарур аст, ки амали фикрии таҳлили назариявӣ воситаи ҷустуҷӯ ва ошкор намудани қонуният ва алоқамандиҳои муҳими байни объектҳои муоинашаванда мебошад. Амали банақшадарорӣ фикран муайян карда тавонистани пайдарпайии амалҳое мебошад, ки ба ҳалли дурусти масъалаи додашуда оварда мерасонад. Амали рефлексия-ин асоснок карда тавонистани амалиёти фикрии худ ва худназоратнамоӣ дар ҷараёни фикрронӣ мебошад. Агар одам дорои ин се унсурҳои таркибии тафаккури назариявӣ бошад, гуфтан мумкин аст, ки ӯ дорои типи назариявии фаъолияти фикрӣ аст. Психологи тоҷик Атахонов Р. дар тадқиқотҳои худ ошкор кардааст, ки дар синну соли бачагӣ типи эмпирикии фаъолияти фикрӣ хеле пештар аз тафаккури назариявӣ зоҳир мешавад ва фаъолияти фикрии шахс зина ба зина инкишоф ёфта метавонад. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас, фаъолияти фикрии онҳо метавонад аз зинаи пасти эмпирикӣ то ба зинаҳои баланди аналитикӣ, банақшадарорӣ ва рефлексивӣ инкишоф ёбад. [2, с. 28-29]. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити таълими анъанавӣ танҳо дар толибилмони фаъол зина ба зина фаъолияти фикрии назариявӣ ташаккул меёбад. Ба ақидаи В.В. Давидов, барои дар ҳамаи толибилмон ташаккул додани фаъолияти фикрии назариявӣ зарур аст, ки толибилмон аввал донишҳои умумиро аз худ намуда, баъд ба донишҳои хусусӣ гузаранд. Агар хонанда тарзи ҳалли умумии мисолу масъалаҳоро дарк намуда бошад, пас ӯ метавонад барои ҳолатҳои хусусӣ низ ин амалро ичро намояд [4]. Ҳамин тавр толибилмон метавонанд на барои ҳолатҳои алоҳида, балки барои ҳамаи ҳолатҳо масъалаи фикриро ичро намояд, ки чунин хусусият ба шахсони фаъолияти фикрии назариявӣ дошта хос мебошад. Масалан, агар толибилмон бо забони англисӣ қоидаи тартиб додани ҷумларо донад, ӯ метавонад бехато дар ҳар мавзӯъ ҷумлаҳоро тартиб дода, фикрашро баён намояд. Тавассути тадқиқотҳои психологи тоҷик Р. Атахонов ошкор гардида буд, ки дар синну соли бачагӣ фаъолияти фикрии эмпирикӣ хеле пештар аз тафаккури назариявӣ зоҳир мешавад, чунки масъалаҳоеро, ки доир ба санҷиши мавҷудияти таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия ба онҳо пешниҳод мекарданд, аз синф ба синф шумораи зиёдтари толибилмон дуруст ҳал мекарданд. Дар тадқиқотҳои Ле Тхи Кхан Тхо, В.В.Давидов, А.З. Зак ошкор карда шуда буд, ки дар бачаҳои синни хурди мактабӣ гузариш аз зинаи эмпирикии инкишофи фаъолияти фикрӣ ба зинаи назариявии фаъолияти фикрӣ ва дар дохили тафаккури назариявӣ гузариш аз зинаи аналитикӣ ба зинаи банақшадарорӣ ва ба зинаи рефлексивӣ мушоҳида карда мешавад. Вобаста ба он, ки хонандагони зинаи эмпирикии инкишофи тафаккурдошта, қисми бисёри толибилмонро ташкил медиҳанд, омӯзгорон низ мазмуни дарсии худро ба имкониятҳои пасти онҳо мувофиқ намуда, дарс мегузаронанд. Дар байни толибилмони зинаи эмпирикии инкишофи тафаккурдошта толибилмони сустхон, миёна ва аълочӣ низ вомехӯранд. Дар ин тадқиқот кушиши зоҳир намудани алоқамандии сифати таълим (яъне таълим дар шароити хуби шаҳрӣ ва нохуби деҳот) ва инкишофи тафаккури насли наврас карда шуд. Барои ин аз методи ташхисии зинаи аналитикии тафаккури назариявӣ, ки бо номи “Квадратҳо” шинохта мешавад, аз ҷониби психологи тоҷик Н.Қ. Амонов коркард шудааст, истифода шуд [1, с. 76-79]. Бо истифода аз ин методика дараҷаи инкишофи тафаккури хонандагони синфи 8 ташхис карда шуд. Натиҷаҳои ба дастоварда чунин буданд, ки аз 25 нафар хонандаи шаҳри Душанбе дар тадқиқот иштирокдошта, 7 нафарашон зинаи аналитикии инкишофи тафаккурро доро буданд, ҳамагӣ 30 фоизро ташкил медоданд. Боқи 18 нафар хонандагон (70 %) дорои зинаи пасти эмпирикӣ буданд. Натиҷаи хонандагони ноҳияи Ҳисор нисбатан пастар буд. Ҳамагӣ 3 нафар (12 %) хонандагони ноҳияи Ҳисор дорои зинаи аналитикии инкишофи тафаккурро зоҳир намуданд. Боқимонда 22 нафарашон (88 %), дорои зинаи пасти эмпирикии тафаккур

буданд. Пас, дар асоси маълумотҳои бадастоварда, гуфтан мумкин аст, ки дар хонандагони синфи 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе, ки сифати хуби таъминоти технологӣ доранду ва муаллимонашон маҳорати баланди касбиро дороанд, беҳтар ҷараёни инкишофи тафаккур мушоҳида мешавад. Ин ҳама маълумотҳо боз як маротиба нишон медиҳад, ки бо мақсади гирифтани маълумоти хуб одамон кӯшиш мекунанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр таҳсил намоянд ва ин як омили дигари урбанизатсияи имрӯза мешавад.

АДАБИЁТ

1. Амонов Н.К. Тафаккур: ташхис ва инкишоф – Душанбе, 2014. - 176 с.
2. Атаханов Р. Математическое мышление и методики определения уровня его развития / Под научной ред. Действительного члена РАО, профессора В.В. Давыдова – Москва- Рига, 2000, 208 с.
3. Выготский Л.С. Мышление и речь // Собрани сочинений: в 6-ти т. Т.2. /Под ред. В.В. Давыдова. – М.: Педагогика, 1982. – 504 с.
4. Давыдов В.В. Проблемы развивающего обучения: Опыт теоретического и экспериментального психологического исследования. – М.: Педагогика, 1986. – 240 с.
5. Рубинштейн С.Л. О мышлении и путях его исследования. – М.: Изд-во АН СССР, 1958. – 148 с.

ИКИШОФИ ТАФАККУРИ ХОНАНДАГОН ДАР ШАРОИТИ ШАҲР ВА ДЕҲОТ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи тафаккур, худбаҳодиҳии насли наврас ва алоқамандии байни онҳо меравад. Имрӯзҳо суръати баланди тараққиёти илму техника талаб менамояд, ки дар насли навраси имрӯза маҳорату малакаи баланди фикрронӣ ташаккул дода шавад. Тадқиқотҳои психологон нишон медиҳанд, ки қобилияти баланди фикррон дар насли наврасе мушоҳида мешавад, ки дорои типи назариявии тафаккур мебошанд. Типи назариявии тафаккур, худ дорои зинаи аналитикӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия аст. Барои ташаккул додани зинаҳои баланди тафаккур, яъне зинаи аналитикӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия дар насли наврас мебояд мазмун ва мундариҷаи таълимро тағйир диҳем. Дар барорбари ин, дар муаллимон маҳорати баланди педагогӣ, роҳҳои ташаккули қобилияти баланди фикрронӣ омӯзонида шавад. Дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки алоқамандии маҳорати баланди фикрронии насли наврас ва шароити хуби таълимӣ зоҳир карда шавад.

Калидвожаҳо: муаллим, насли наврас, қобилияти фикрронӣ, методикаи ташхисӣ, тафаккур, эмпирикӣ, аналитикӣ, банақшадарорӣ, рефлексия, худбаҳодиҳӣ.

РАЗВИТИЕ МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ В УСЛОВИЯХ ГОРОДА И СЕЛЕ

В данной статье говориться о мышлении, самооценки и их взаимосвязь у подрастающего поколения. Эти дни высокая скорость развития науки и техники требует от подрастающего поколения высокий уровень умения и навыки мышления. Психологические исследования показывают, что высокий уровень умения и навыки мышления наблюдаются у школьников, которые имеют теоретический тип мышления. Теоретическое мышления имеет аналитический, планирующий и рефлексирующие уровни. Для формирования высокие уровни теоретического мышления небходимо изменить суть и содержание обучения подрастающего поколения. В наряду с этим, необходимо у педагогов развивать педагогическое мастерство и умения развивать мышления учащихся. Поэтому в данной статье делается попытки выявления взаимосвязи между развитием мышления и качества образовании подрастающего поколения.

Ключевые слова: преподаватель, подрастающее поколение, умственные способности, диагностические методики, мышления, эмпирический, аналитический, планирующий, рефлексия, самооценка.

STUDENT`S DEVELOPMENT IDEAS IN URBAN AND RURAL SETTINGS

This article refers to thinking, self-esteem and their relationship in the younger generation. These days the high speed of development of science and technology requires from the younger generation a high level of skill and thinking skills. Psychological studies show that high levels of skill and thinking skills are observed in schoolchildren who have a theoretical type of thinking. Theoretical thinking has analytical, planning and reflexing levels. To form high levels of theoretical thinking it is necessary to change the essence and content of learning of the younger generation. In addition, it is necessary for teachers to develop pedagogical skills and skills to develop the thinking of students. Therefore, this article attempts to identify the relationship between the thinking and quality education of the younger generation.

Keywords: teacher, younger generation, mental abilities, diagnostic methods, thinking, empirical, analytical, planning, reflection, self-esteem.

Сведения об авторе: ***Ш.Обидёр*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры психологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17

Information about the author: ***Sh. Obidyor*** – Tajik National University, second-year graduate student of the Department of psychology **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17.

МАВҚЕИ АХБОРИ ХОРИҶӢ ДАР «ТЕЛЕВИЗИОНИ ТОҶИКИСТОН»

Холов Ф.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар баробари оне, ки рӯйдоду ҳодисаҳои мамлакат дар нашрҳои гуногуни барномаҳои иттилоотӣ ба эҳзори тамошобинон расонида мешуд, ахбори хориҷӣ низ мавқеи хос дошт. Мардум низ мехостанд, ки аз таҳаввулоти ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар кишварҳои абарқудрат маълумот дошта бошанд ва телевизион заминаи хуб барои қонеъшавии ин талаботи мардум буд. Ба ҷуз аз «Ахбор» воқеаву ҳодисаҳои байналмилалӣ дар дигар барномаҳо низ инъикос меёфтанд. Шореҳон ва сиёсатшиносони маъруф ба матраҳи хабарҳои байналмилалӣ, масъалаҳои глобалӣ мепардохтанд ва таваҷҷӯҳи зиёди мардумро ба суҳбату мубоҳисаҳои худ ҷалб мекарданд, ки ин масъулиятро то имрӯз масъулон ба уҳда доранд.

«Аз соли 1968 барномаи иттилоотии «Ҷаҳони имрӯз» ҳам ҳафтае се маротиба понздаҳ дақиқа ба забонҳои тоҷикию русӣ ба эфир гузошта мешуд, ки онро идораи ҷамъиятӣ-сиёсӣ омода мекард. Бештар лекторон аз сектори ташвиқоти КМ ПК Тоҷикистон, ҷамъияти «Дониш» дар бобати авзои байналмилалӣ маълумот медоданд, бешак ин барнома ҷанбаи сирф таблиғотӣ дошт ва «империализми байналхалқӣ» пайваста мавриди накӯҳиш қарор мегирифту сиёсати сулҳҷуёнаи СССР ситоиш мешуд. Ҳар ҳафта воқеанигор, файласуф Мӯсо Рачабов муҳимтарин рӯйдодҳои ҳаёти байналмилалиро дар 15 дақиқа шарҳ медод. Моҳе ду маротиба барномаи «Воқеанигорон дар гирди мизи мудаввар» (то 20 дақиқа) тарҳрезӣ шуда, олимон Мӯсо Рачабов, Назиршо Латифов, Яҳё Шарифов ва дигарон муҳимтарин ҳаводиси байналмилалиро шарҳ медоданд. Идораи пропаганда соли 1980 чанд намоишу барномаи навро дар хидмати бинандагон гузошт. Барномаи «Шарҳи мо» акнун ҳафтаи дуюм ва чоруми ҳар моҳ манзур мегашт. Журналист Табаров бо шахсони огоҳ, аз қабили олимон Нуриддин Салимов, Маҳкам Аслонов, лекторони КМ ПК Тоҷикистон ба сари мизи гирд менишастанд ва воқеаҳои муҳими ҷаҳон шарҳу тафсир меёфтанд. Ин барнома чанд сол давом кард». **[7]** Марҳила ба марҳила таҳияи ахбори хориҷӣ дар «Телевизиони Тоҷикистон» мавқеъ пайдо карда, шумораи хабарҳои инъикосшаванда зиёд гардид. Ягона барномае, ки имрӯз аз бахши ахбори хориҷии Идораи барномаҳои иттилоотии «Телевизиони Тоҷикистон» ба инъикоси хабарҳои хориҷ равона шудааст, «Имрӯзи ҷаҳон» мебошад. Барномаи «Имрӯзи ҷаҳон» дар соатҳои гуногун омода ва пахш мешавад. Дар таҳияи ахбори хориҷӣ муҳаррирон-Муҳиддин Ёрхонов, Хушбахт Саидов, Шоира Раҳимзода машғул мебошанд. Дар барномаи мазкур аз 10 то 20 хабар дар ҳаҷми (10-15 дақиқа) таҳия шуда, аз он 4-5 хабари мудҳишу муҳимтараш дар дохили «Ахбор» пахш мешавад. Агар хабарҳои «Имрӯзи ҷаҳон» дар як рӯз ба ҳисоби миёна 15 хабар аз рӯйдодҳои оламро дар бар гирад, пас дар як моҳ ин шумора ба 390 мерасад.Тасмим гирифтем, ки нашрҳои барномаи мазкурро дар соли 2019 ва семоҳи аввали 2020-ро мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Дар барномаи «Имрӯзи ҷаҳон», ки санаи 05.08.2019 дар ҳаҷми 15 дақиқа таҳия шудааст, 8 хабар аз расонаҳои Рен ТВ, Евронюс, Синхуа ва Афғонистон тарҷума гардидаанд. Дар ин нашри барнома хабарҳои сӯхтори бешазор дар минтақаи Сибир ва Шарқи дури Федератсияи Россия, паҳншавии табларзаи Денге дар Бангладеш, наҷотдиҳии қаиқи ғарқшудаи 75 гуреза дар баҳри Миёназамин аз ҷониби қуввоҳои ҳарбӣ-баҳрии Либия, тирпаронӣ дар штатҳои Техас ва Огайои ШМА, тағйирёбии иқлим ва об шудани пирояҳҳои ҷазираи Гренландия, таркиш дар шаҳри Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва ҳамлаи силоҳбадастон ба вилояти Тахори Афғонистон дар шакли мухтасар ба забони тоҷикӣ тарҷума гардидаанд. Чӣ хеле ки муайян мегардад, ҳангоми тарҷума муҳаррирони бахши ахбори хориҷии «Телевизиони Тоҷикистон» аз бозгӯии сарчашма худдорӣ намудаанд ва то андозае таҳрифкорӣ низ вуҷуд дорад. Дар шабакаи Рен Тв ба таври мушаххас оварда шудааст, ки ин иттилоъро аз кадом сарчашма гирифтааст ва аз иттилои расмии роҳбари тандурустии кишвар иқтибос оварда шудааст, ки ин эътиқоди бинандаро зиёд мегардонад. Инчунин дар бораи хабари пешнашршуда, ки фавтидагон 16 нафар ва

захмишудагон 21 нафарро ташкил медоданд, дар хабари тарҷумашудаи тоҷикӣ ин паҳлуҳо дида намешавад. Миқдори ҷумлаҳо дар Рен ТВ 12 ва дар тарҷумаи тоҷикӣ 7-ро ташкил додааст.

Ҳамингуна 7 хабари барномаи «Имрӯзи ҷаҳон» дар қолаби жанри хабар (хабари кӯтоҳ) ва 1 хабар «Тирпаронӣ дар штатҳои Техас ва Огайои ШМА дар қолаби (хабари васеъ) ифода шудааст.Дар барномаи навбатӣ, ки рӯзи 06.08.19 таҳия шудааст, 14 хабар мавриди тарҷума қарор гирифтааст. Баъзан хабарҳое, ки дар барномаи мазкур омода ва мавриди коркард қарор мегиранд, аз расонаҳои худи ҳамон давлате, ки воқеа дар он ҷо рӯх додааст, оварда мешавад. Масалан, хабарҳои нашри мазкур аз расонаҳои Euronews Вести ru, Синхуа, TOLO news, Российская газета тарҷума шудааст. Хабарҳои тарҷумашуда дар қолаби жанри (хабари кӯтоҳ) пешниҳод гардида, аз мудҳиштарин воқеоти рӯз бозгӯӣ мекунанд. Пай дар пай рӯх додани як ҳодиса дар гӯшаю канори дунё дар ахбори хориҷии «Телевизиони Тоҷикистон» низ бо истифода аз расонаҳои хабарии мамолики гуногун тарҷума шуда, ба маълумоти мардум расонида мешавад. Масалан, дар барномаи қаблӣ (05. 08. 19) таркиш дар шаҳри Қоҳираи Миср матраҳ гардида буд, дар нашри навбатии барнома зикр шуд, ки теъдоди ҳалокшудагон аз 17 ба 20 нафар ва захмишудагон низ беш аз 30 нафарро ташкил додаанд, ки ин ба бинанда гӯшрас мешавад, ки ҳодиса дирӯз рӯх дода буд ва бар асари он ҳалокшудагону ҷароҳатбардоштагон зиёд гардидаанд. Инчунин, дар ду хабари ин нашри барнома жанри постскриптум (навиштоҷ) аз лотини (Post scriptum - "пас аз навиштан") истифода гардидааст. Тибқи маълумоти ба даст омада, журналист-муҳаррир баъди хабаре, ки нав рӯх додааст, ҳамтои онро (ба он монанд), ки пештар сар зада буд, ёдовар шуда, ба як ё ду ҷумла онро ба аудитория мерасонад. Ба таври мушаххас меорем, ки постскриптум дар барномаи “Имрӯзи ҷаҳон” чӣ гуна истифода мешавад. Хабари асосӣ: (Дар як нуқтаи гузаргоҳи назоратии сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар вилояти Қандаҳор бар асари тирпаронӣ 7 кормандони мақомоти полис ҳалок шуд...) Постскриптум: Ёдовар мешавем, ки чанде қабл бар асари таркиш дар маркази вилояти Ҳирот 4 сокини осоишта ҳалок шуда, 30 каси дигар захмӣ гардида буданд. «Ахбор дар телевизион ояндадор мебошад. Тамошобин мехоҳад аз калимаи рамзӣ (матбуот) ба сухани зиндаву мутаҳаррики ба «ҷаҳони овозҳо» гузарад, зиндагиро тарзе бубинад, ки табиаташ ҳаст. Ин вазифаро телевизион ба ҷо меоарад ва дар ичрои он телеахбор мақоми аввалро соҳиб аст». [1] Ҳамингуна баъзан иттилооте ба самъи аудитория расонида мешавад, ки танҳо фарогири ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ, амалҳои мудҳишу террористӣ, ба вуҷуд омадани вирусҳои хатарнок мебошанд. Яке аз хосиятҳои асосии хабар ин рӯзмара ва аҳамияти ҷамъиятӣ ё байналмилалӣ доштани он мебошад, мутаассифона дар чанд нашри барнома, ки мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор додем, хабарҳое, ки хусусияти оммавӣ надоранд, зиёд мебошад. Ин бештар ба дониши назариявии касбии журналистии муҳаррирони бахш вобастагии калон дорад. Масалан, хабари охири барномаи мазкур барои оммаи васеи мардум нигаронида нашудааст, фақат он ҳамлаи як нафар бо корди мусаллаҳро, ки ба як-ду нафар ҳамла мекунад ва дар пайи он як нафар ҳалок шудааст, дар бар мегирад, ба расонӣ кардан аҳамият надорад. Бояд аз таҳияи чунин хабарҳо даст кашид ва воқеоте ба таваҷҷӯҳи мардум расонида шавад, ки ба доираи васеи мардум тааллуқ дошта бошад.

Дар барномаи «Имрӯзи ҷаҳон» бештар жанрҳои хабари кӯтоҳ ва ташреҳ (шарҳ) истифода мешаванд. Мутаассифона, баъзан ҳодисаҳое, ки дар барнома нашр мешаванд мувофиқи мақсад нест, ба мардум расонида мешавад. Масалан, хабарҳои садамаҳои нақлиётӣ, баъзан ҳамлаҳои силоҳбадасте ва дар радифи ин чандин ахборе ба эфир гузошта мешаванд, ки ба аудиторияи имрӯза қобили таваҷҷӯҳ нест. Барномаи «Имрӯзи ҷаҳон» дар шакли сабтшуда ва бе натток ба эфир монда мешавад. Наворҳое, ки одатан дар барнома истифода мешаванд, логотипи сарчашмаҳо ба кор бурда намешавад. Барои аён нагаштани сарчашма (логотип) навор каме ёзида мешавад, ки дар натиҷа сифати навор паст мешавад.

Баъзан хабарҳо марҳила ба марҳила таҳия мешаванд, ки ин гуна иттилоот аксаран дар «Имрӯзи ҷаҳон» бо истифода аз жанрҳои гуногуни журналистика тарҳрезӣ шуда, ба таваҷҷуҳи аудитория расонида мешавад. Ҷумлаи чунин ҳаводису воқеот иваз шудани иқлим, боришоти аз ҳад афзуни борону барф, сӯхтори шадиди ҷангалҳо, пайдо шудани вирусҳои сироятшавандаву марговар, ҳамлаҳои террористӣ, ба вуқуъ омадани вулқонҳо ва ҳоказо мебошанд. Имрӯз ҷаҳон «ҷаҳони иттилоот» гардидааст. Дар робита ба ин мактаби

бузурги ба ном васоити ахбори омма нақши густурда дорад ва ба гӯши башарият гоҳе ҳаводиси мудҳишу даҳшатнок, гоҳе таркишҳои бузург, заминларза, сӯхторҳои бесобиқа, ҳолатҳои вазнини фавқулода, ивазшавии иқлим, асрори коинот, ҳамлаҳои террористӣ, фақру бенавоӣ, кишварҳои ҷангзада, аҳолии аз донишу маърифат дурру ба олами ваҳшоният наздик, беқадрии зан-модар, хурӯҷи вирусу бемориҳои сироятшаванду марговар ва дар баробари ин пешрафту вусъати олам, ихтирооту кашфиёти беназири инсоният, рушди техникаву технологияро мерасонад. Моҳи аввали соли 2020 дар бахши ахбори хориҷии «Телевизиони Тоҷикистон» аниқтараш-барномаи «Имрӯзи ҷаҳон» 257 хабар аз гӯшаи ҳар давлати ҷаҳон бо истифода аз расонаҳои иттилоотӣ ҷамоварӣ шуда, пешкаши тамошобинон гардонида шудааст. Пайдо шудани баъзе намуди омосу вирусҳо ҷомеаи ҷаҳонро зери таҳлукаву фишор қарор медиҳад. Ба вуҷуд омадани вируси навъи COVID- 19, ки сироятшаванда мебошад, аҳли башариятро аз хатари худ низ эмин намонд. Аввалин хабаре, ки дар барномаи “Имрӯзи ҷаҳон” оид ба коронавирус нашр гардидааст. Хабари мазкур дар тартиби хабари барнома ҷойи 10- ро ташкил додааст. Рӯзи нашри хабар 09. 01. 2020

“Дар шаҳри Ухани Ҷумҳурии Халқии Хитой паҳншавии навъи бемории «коронавирус» ба қайд гирифта шудааст.

Ба бемории мазкур аллакай 160 нафар гирифтор шуда, дар беморхона бистарӣ шуданд, ки табибон вазъи саломатии 7 каси онҳоро вазнин арзёбӣ мекунанд.

Бемории «коронавирус» ба шушҳои инсон таъсири манфӣ дорад.

Аломатҳои бемории мазкур ҳарорати баланди бадан ва нафастангӣ мебошад.

Дар чанд минтақаи Хитой вобаста ба паҳншавии беморӣ карантин эълон карда шудааст.

Ҳамчунин паҳншавии вируси мазкур дар Гонконг ва дар Сингапур низ ба қайд гирифта шудааст». [10]

Ҳамингуна дар ҳама нашрҳои «Имрӯзи ҷаҳон» хуруҷи вируси нав бо номи COVID-19 бо такя ба расонаҳои иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Вируси мазкур, ки моҳи декабри соли 2019 аз як бозори фурӯши гӯшти мушу куршабпарак дар шаҳри Ухани музофоти Ҳубейи Чин, ки ғайриқонунӣ фаъолият мекард сарчашма гирифта, тадриҷан он ба зиёда аз 200 давлати ҷаҳон интиқол ёфт. Вируси мазкур аз ҳайвон ба инсон гузашта, ҳамакунун он сироятшаванда буда, аз инсон ба инсон мегузарад. 11 марти соли 2020 аз ҷониби СУТ «COVID-19» дар ҷаҳон эпидемия эълон гардид. Шумораи сироятшудагон то моҳи марти соли 2020 ба зиёда аз 1 миллион расида, беш аз 70 ҳазор нафар аз таъсири марговари он ҷони худро бохтанд. Таҳқиқот нишон дод, ки барномаи “Имрӯзи ҷаҳон” пайваста ба таҳияи иттилооти ҳаводису воқеоти ҷаҳон машғул аст. Парвандаҳои барномаи “Имрӯзи ҷаҳон”- ро дар 5 моҳи охири соли 2019 ва 3 моҳи аввали соли 2020 мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додем, ки беш аз 80 дарсади хабарҳои барнома мудҳишанд ва хабарҳои ҷолибу хуш хеле ангуштшуморанд.

Бо такя ба сарчашмаҳо ва осори муҳаққиқони соҳа метавон гуфт, ки аз аввали таъсисёбии “Телевизиони Тоҷикистон” инъикосу баррасии мавзӯъҳо ва мушкилоти олам бо иштироки сиёсатшиносон ва журналистони дақиқсанҷу борикбин мавриди назар қарор гирифта мешуд. Мутаассифона, рафта-рафта, таҳлилу мулоҳизаи масоили байналмилалӣ дар “Телевизиони Тоҷикистон” мавқеи худро аз даст дод, ё ба таври умумӣ аз байн рафт. Ягона барномае, ки имрӯз танҳо аз рӯйдодҳои олам ба тамошобинон хабар медиҳад, ин барномаи “Имрӯзи ҷаҳон” мебошад. Мавзӯъҳои фарогири “Имрӯзи ҷаҳон” аз расонаҳои иттилоотии кишварҳои гуногун сарчашма мегирад, вале зикри манбаъ дар ҳеҷ як хабари он ба назар намерасад. Бинобар ин, таҳиягарони барномаро мебояд, ки аз зикри манбаъ худдорӣ накунанд. Мусоҳиба, таҳлил, бархурди афкор ва дигар ҷанбаҳои муҳим, ки ба аудитория таъсири бештар дорад, ба таври холис метавон гуфт, ки дар мазмуну муҳтавои хабару гузоришҳо дида намешаванд. Ин боис мешавад, ки тамошобинон аз тамошои барнома даст кашанду рӯ ба сӯи дигар расонаҳои иттилоотӣ намоянд.

АДАБИЁТ

1. Мирзоев И. Рукни чорум. Қ. 2/ Искандар Мирзоев.-Душанбе: Матбуот, 2012.-268 с.
2. Муқим Ҷ. Мақоми жанрҳо дар Радиои “Озодӣ”/ Ҷовид Муқим. –Душанбе: Сино. 2000. – 55 с.
3. Муродов М. Б. Асосҳои эҷоди журналистӣ/М. Б. Муродов. – Душанбе: Ирфон.2014.- 256 с.

4. Саъдуллоев А., Шоев М. Асосҳои журналистикаи телевизион. Қ.1/ А. Саъдуллоев, М. Шоев. -Душанбе: Эҷод. 2005.-96 с.
5. Свитич Л., Ширяева А. Журналист и его работа. – М.,1970.-191 с.
6. Хоҷазод С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон/ С. Хоҷазод.-Душанбе: Деваштич. 2007.-288 с.
7. Ҷавонон ва илми муосир, -Душанбе: Бухоро. 2013.- 427 с.
8. Ҷаҳони паём. Хуршеди Маҳмадсаид. Инъикоси мушкилот ва дастовардҳо дар гузоришҳои мухбирони минтақавӣ.- 4 декабри 2019.
9. Ҷаҳони паём № 5-6 (999). 2019, 14 –уми феврал.
10. Парвандаи барномаҳои «Имрӯзи ҷаҳон» моҳҳои соли 2019 ва 2020.

МАВҚЕИ АХБОРИ ХОРИҶӢ ДАР «ТЕЛЕВИЗИОНИ ТОҶИКИСТОН»

Мақолаи мазкур дар хусуси мавқеи ахбори хориҷиро дар «Телевизиони Тоҷикистон” аз рӯзҳои аввали таъсисёбии он то замони имрӯз ба таври мухтасар фаро мегирад. Бо такя ба сарчашмаҳо ва осори муҳаққиқони соҳа метавон гуфт, ки аз рӯзҳои аввали таъсисёбии “Телевизиони Тоҷикистон” инъикосу баррасии мавзӯъҳо ва мушкилоти олам бо иштироки сиёсатшиносон ва журналистони дақиқсанҷу борикбин мавриди назар қарор гирифта мешуд. Мутаассифона, рафта-рафта, таҳлилу мулоҳизаи масоили байналмилалӣ дар “Телевизиони Тоҷикистон” мавқеи худро аз даст дод, ё ба таври умумӣ аз байн рафт. Ягона барномае, ки имрӯз танҳо аз рӯйдодҳои олам ба тамошобинон хабар медиҳад, ин барномаи “Имрӯзи ҷаҳон” мебошад. Бештар дар барномаҳои “Имрӯзи ҷаҳон” чунин мавзӯъҳои доғи ҷаҳонӣ интишор мешаванд: тағйирёбии иқлим, ҳолати экологӣ, норасоии озуқа ва оби нӯшокӣ, терроризму экстремизм, ба вуҷуд омадани бемориҳои сироятпазиру марговар ва ғайраҳо.

Калидвожаҳо: “Телевизиони Тоҷикистон”, “Имрӯзи ҷаҳон”, “Ахбор”, ахбори хориҷӣ.

ПОЛОЖЕНИЕ ЗАРУБЕЖНЫХ НОВОСТЕЙ НА «ТЕЛЕВИДЕНИИ ТАДЖИКИСТАНА»

В данной статье дается краткий обзор положения зарубежных новостей на «Телевидении Таджикистана» с момента его создания до наших дней. Основываясь на источниках и работах исследователей в данной области, можно сказать, что с первых дней создания «Таджикское телевидение» было ориентировано на освещение тем и проблем мира с участием политологов и дотошных журналистов. К сожалению, анализ международных проблем постепенно утратил свое место в «Телевидении Таджикистана» или вообще исчез. Единственная программа, которая информирует зрителей о мировых событиях сегодня, - «Сегодня в мире». Честно говоря, интервью, анализ, отзывы и другие важные аспекты, оказывающие наибольшее влияние на аудиторию, не Это заставляет зрителей перестать смотреть программу и обратиться к другим средствам массовой информации. Важнейшие темы программы «Сегодня в мире» - глобальное изменение климата, состояние окружающей среды, нехватка продуктов питания и питьевой воды, терроризм и экстремизм, появление инфекционных и смертельных заболеваний и многое другое.

Ключевые слова: «Телевидение Таджикистана», «Сегодня в мире», «Новости», зарубежные новости.

POSITION OF FOREIGN NEWS IN "TELEVISION OF TAJIKISTAN"

This article gives a brief overview of the position of foreign news in "Television of Tajikistan" from its inception to the present day. Based on the sources and works of researchers in the field, we can say that from the first days of the establishment of "Tajik Television" was focused on the coverage of topics and problems of the world with the participation of political scientists and meticulous journalists. Unfortunately, the analysis of international issues has gradually lost its place in the “Television of Tajikistan” or has disappeared altogether. The only program that informs viewers about world events today is “Today in the world”. This causes viewers to stop watching the program and turn to other media outlets. The most important topics in the program "Today in the world" are global climate change, environmental conditions, food and drinking water shortages, terrorism and extremism, the emergence of infectious and deadly diseases, and more.

Keywords: "Television of Tajikistan", "Today in the world", "News", foreign news.

Сведения об авторе: **Холов Фирдавс Хайдаралиевич** - магистр 2 курса по специальности «журналистика и переводчик», факультет журналистики Таджикского национального университета. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе, район Фирдавси, улица Каххарова 151, дом 84. Электронная почта: Firdavs-xolov@mail.ru, тел: +992 988-05-77-75

Information about the author: Kholov Firdavs Haydaralievich - Master of the 2nd year, majoring in journalism and translator, faculty of journalism, Tajik National University. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Firdavsi district, Kahharov street 151 house 84. Email: Firdavs-xolov@mail.ru, Tel: +992 988-05-77-75

ШЕЪРҲОИ СИЁСИИ ЖОЛА БАДЕЪ ДАР МАҶАЛЛАИ “САДОИ ШАРҚ”

Бегонова Суман
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нашрияи миллии “Садои Шарқ” дар тамоми тӯли фаъолияти худ аз оғоз бо номҳои “Раҳбари дониш” (1927-1932); “Барои адабиёти сотсиалистӣ” (1932-1938); “Шарқи сурх”

(1938-1964); “Садои Шарқ” (1964 то имрӯз) дар баробари осори адибону донишмандони Тоҷикистон, осори адибону донишмандони кишварҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ, ҷаҳон ва хусусан кишварҳои ҳамзабонро пайваста дар саҳифаҳои худ ба чоп расондааст.

Дар муносибат бо нашрияи “Садои Шарқ” (“Шарқи Сурх”) низ мавқеъ ва ҷойгоҳи ин ду шоири эрониасл фарққунанда ва мумтоз мебошад. Агар осори адибону донишмандони дигари эронӣ бо ҳиммату иқдоми пужӯҳишгарон ва таҳлилкунандагон ё худи идораи маҷалла ба чоп ҳозир ва пешниҳод шуда бошад, устод Лоҳутӣ ва Жола Бадеъ бевосита ва фаъолона бо “Садои Шарқ” (“Шарқи Сурх”) ҳамкорӣ ва мукотибаи пайваста доштанд ва асарҳои худро то охирин лаҳзаҳои зиндагиашон барои чоп ба идораи маҷалла мефиристоданд. Замоне Жола ба Иттиҳоди Шӯравӣ омад, ки нав Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба пирӯзии СССР ба фашизм анҷом ёфта, мардуми кишвар аз як тараф бо дарду доғҳои ин ҷангҳои даҳшатнок ва аз тарафи дигар бо рӯҳиёти баланд аз он пирӯзии беназири таърихӣ ба барқарорсозии харобаҳои ин ҷанг машғул буданд. Жола Бадеъ, ки то кунун дар Эрон ҳам чун сарояндаи дардҳои мардуми мазлуму заҳматкаш ташаккул ёфта буд, мувофиқи ҳолу вазъ ба сурудани ашъори иҷтимоиву сиёсии худ дар Ватани дуюмаш идома дод. Ин замон ҳамчунин замони авҷи эътибори Сталин-сару сарвари СССР, фармондеҳи фотеҳи ҷанг ва мабдаи муҳаббату парастиши мардуми пуршумори СССР буд замоне, ки баъдҳо ба унвони даврони “Шахспарастӣ”маълум гардид. Аммо аз тарафи дигар васфу ситоиши шахсияти Сталин ва Ленин яке аз мавзӯъҳои асосии адабиёти ин даврони мамлакатҳои Шӯравиро ташкил медод ва наметавон гуфт, ки ҳамаи адибон ва шоирон танҳо аз тариқи ғаразу тамаъ ё тарсу бим ва ё бо супориши махсус чунин асарҳоро менавиштанд. Воқеан, шахсияти Ленин ва дар ин замон хусусан Сталин дар зеҳну шуури аҳли ҷомеа аз ҷумла адибон ба рамзи қудрат, адолат ва ояндаи дурахшон табдил гардида буд. Аз ҷумла, сарбозони ҷабҳаи ҷанг бо нидои “Барои Ватан, барои Сталин” ба ҳуҷуми маргбор мерафтанд ва бо ин нидо ҷон медоданд. Яъне, комилан имкон дошт, ки чунин эътимодҳо ва васфу ситоишҳо самимонаву содиқона бошанд.

Жола, ки то эътиқодоти сиёсии комунистии худ аз Эрон фирорӣ шуда, ба СССР омада буд, ба таври табиӣ ба шахсияти Сталин-чун пешвои бебадали ҳамаи коммунистони олам ва қуввату мадори дили онҳо, эътимоду муҳаббати содиқона дошт. Аз ин рӯ, ба ӯ бо шеъре ба унвони “Эй падар, номи азизи ту бувад парчами мо” муроҷиат менамояд ва дар мотами ӯ дарду андӯҳи гарони худро баён мекунад.

Ҷолиб аст, ки ин шеър дар қолаби ғазал шурӯъ гардида, таркиби он ғазали машҳури мансуб ба номи Ҳофизи Шерозиро ба ёд меорад:

Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам,
Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам.

Вале ба тақозои рӯҳияи умедворонаи марсия ин қолаби ғазал ба дигар қолаб бармегардад:

Ин чӣ рӯзест, ки бо дидаи тар мебинам!
Ҳама ҷо аз ғаму андӯҳ асар мебинам
Зи чӣ хуршеди ҷаҳонтоб фурӯ рафта ба хоб,
К-уфуқ тира ба ҳангоми саҳар мебинам!
Шӯълаи он нафаси пок чу хомӯш шуда,
Даҳр мотамзада, таърих сияҳпӯш шуда.
Эй Сталин, падар, эй раҳбари инсони навин,
То абад номи ту бар сафҳаи дил рахшандаст.
Асрҳо машъали афрӯхтаи дониши ту
Бар сари печу хами роҳи башар тобандаст!
Қарнҳо пеши ту таъзим кунанд инсонҳо,
То сухан ҳаст, суханҳои ту ҳам пояндаст!
Зиндагонии пур аз фахру фидокории ту
Ибрати зиндагии ҳозираву ояндаст.
Он ки як умр ба хушбахтии инсон кӯшид,
То абад хотирааш дар дили инсон зиндаст.
Эй падар, номи азизи ту бувад парчами мо,

Қудрати фикри баланди ту зудояд ғами мо.
Ҳизби Ленини азим, ҳизби ту, ҳизби коммунист
Бар сари кори туву ҳифзи амонӣ боқист. [3;60]

Шеър ба гурӯҳи ашъори сиёсӣ шомил буда, ба Сталин бахшида шудааст. Жола бо таассуф ва ҳоли ҳазин баён мекунад, ки чӣ рӯзе аст, ки ҳама ҷоро ғаму андӯҳ иҳота кардааст. Монанди оне ки офтоби оламафрӯз ба хоби гарон рафтаву тирагӣ атрофро фаро гирифта. Шӯълаи нафаси поке, ки моро роҳнамо буд, хомӯш гаштааст ва ҳамагӣ мотам доранду таърих сияҳпӯш шудааст. Шеър саропо тавсифи Сталин аст, ки самимона гуфта шудааст. Сталинро падар мехонаду роҳбари инсони замони нав иброз медорад, ки номи Сталин на танҳо бар забон, балки дар сафҳаи дил дарҷ шудааст. Донише ки роҳбар дорад чун машъалест, ки роҳнамои аҳли башар аст. Асрҳо инсонҳо назди ту сар фуруд меоранд, зеро арзандай, то вақте сухан вуҷуд дорад, суханҳоят арзиши хешро гум нахоҳанд кард. Зиндагонии пурифтихору фидокориҳоят ба насли ҳозираву оянда ибрат мебахшад. Оне ки барои хушбахтии мардум умри хешро фидо кард, хотирааш абадан дар қалби инсонҳо нақш мебандад. Номи азизатро ба худ парчам мешуморем ва бо гуфтаҳоят амал мекунем, зеро ҳатто фикрат моро аз ғам дур месозад. Ҳизби Ленину ҳизби туву ҳизби коммунистон якест, идомабахши фаъолияти туву посдори амонӣ хоҳем буд. Шеър ифодагари ҳиссиёти як тан меҳандӯсти воқеист, ки роҳбари онвақтаи хешро падар мешуморад. Эҳсоси хешро бо суханони волову шево ва фаҳмо иброз медорад. Ҳатто ду калимаи серистеъмоли онвақта “байрақ” ва “партия”-ро ба тарзи дигар ифода кардааст, ки бо гузашти замони муайян калимаҳои истифодабурдаи шоираи нотакрор дар замони мо умумиистеъмол гардид. мо калимаҳои “парчам” ва “ ҳизб”-ро истифода мебарем, аммо ин калимаҳо замоне ба истилоҳ “неологизм” наввожа ҳисоб мешуданд. Дар шеъри “Эй падар, номи азизи ту бувад парчами мо”-и Жола калимаи “парчам” ва “ҳизб” бамаврид истифода гардидааст, ки дар поварақ калимаҳо шарҳ ёфтаанд: парчам-байрақ, ҳизб-партия, ки ҷолиби диққат аст.

Шеър дар баҳри рамали мусаммани махбуни маҳзуф эҷод гардидааст. Дар шеър таносуби сухан риоя шуда, санъати асосии шеър тавсиф мебошад, зеро адиб роҳбари худро васф намудааст. Хуршед ба хоб фурӯ рафтан, уфуқи тира ҳангоми саҳар – киноя, шуълаи нафаси пок хомӯш гаштан, даҳр мотамзада таърих сияҳпӯш гаштан – муболиға, киноя, маҷоз, ном дар сафҳаи дил рахшанда шудан-тавсиф киноява маҷоз, машъал афрӯхтани дониш – киноя, маҷоз, муболиға, номи азизи ту парчами мо – тавсиф, киноя, маҷоз, муболиға. Ҳар мисраъ мазмуни хос дошта, аз номи тамоми коммунистон гуфта шудааст.

Таҳти унвони “Бар раҳбари бузурги башар оташин салом” се ғазал ҷой дорад. Аслан, унвони шеъри сегона аз мақтаъи ғазали дувумӣ гирифта шудааст.

Аз мардуми муборизи Эрон зи мардуме,
К-андар идора сахттар аз танки Шермананд,
З-онҳо, ки дар гусистани занҷири бандагӣ
Аз ҷони худ гузашта ба пайкони душмананд,
З-он табъҳои саркаши тасхирнопазир,
З-он ишқҳои сарзада аз иззату ғурур,
З-он қалбҳо, ки метапад аз шавқи зиндагӣ,
З-он дидаҳо, ки менигарад рӯзу шаб ба нур, -
З-онҳо ҳама, зи мардуми Эрон саломҳо
Бар Сталин – ба раҳбару омӯзгори мо! [4;15]

Бо вуҷуди оне ки Жола аз дасти сиёсатмадорони Эрон рӯзи хуш надид, аз мардуми заҳматкаши Эрон пуштибонӣ мекард ва аз номи онон ба раҳбари сулҳхоҳ салом мегӯяд. Жола мардуми Эронро муборизи ҷонсупоре, ки монанди танки Шерман ҳастанд, васф кардааст. Барои баркандани занҷири бандагӣ аз ҷони хеш гузашта, бо душман набард мекунанд. Табъи онон чунон саркаш аст, ки қувваи бад тасхираш карда наметавонад. Ишқҳо аз иззату ғурур маншаъ гирифта, қалбҳо саршори шавқи зиндагӣ, дидаҳо ба ояндаи нек назар мекунанд. Аз тарафи тамоми халқи Эрон ба раҳбару омӯзгор Сталин саломи самимона мерасонад.

Жола ҳамватанонашро ба танки “Шерман” ташбеҳ додааст, ки дар замони адиб тасвири нав ҳисоб мешуд. Зеро, танки Шерман як навъ танки амрикой буд, ки барои набард беҳтарин “ҳимоягар” ва “мубориз” шумурда мешуд. Ин ташбеҳи шоира як дараҷа муболиғаомез ҳам бошад, дар образофаринии шеър ҷолиб истифода шудааст. Мақсад аз чунин ташбеҳ ин аст, ки мардуми Эрон зӯри бозу доранд ва неруманд ҳастанд ва касе наметавонад онҳоро таҳти таъсир қарор диҳад.

Қисмати дуюми шеър чунин аст:

З-он модаре, ки куштаи фарзанд дидааст,
Ҷуз интиқом аз ҳама ҷо дил буридааст,
Аз ӯ, аз он падар, ки ба зери гулӯлаҳо
Наъши писар ба дӯш кашиду ба пеш рафт,
Хашмаш шарорабор шуд, аз барқ тундтар
Омодатар ба ҷониби фардои хеш рафт.
Аз ӯ, зи кӯдаке, ки ба зери суми сутур,
Бо гаҷ навишт рӯйи замин: зинда бод сулҳ!
Бар рӯйи он навиштааш уфтоду ҷон супурд,
Гулгун намуд парчами моро зи хуни худ.
З-он мардуме, ки дар ғаму озор мондаанд,
Оворaю гуруснаю бекор мондаанд,
Дар зери бори зулми ситамгор мондаанд,
Бар раҳбари узурги башар оташин салом [4;15]

Шеър бо як эҳсоси хос аз номи мардуми муборизи Эрон гуфта шудааст. Адиб дар шеър санъати тавсифу муболиғаро асос гардонидааст. Тавсифҳо воқеӣ буда, азобу машаққати ҷомеаро таҷассум мекунанд. Бахусус васфи модарони марги фарзанд дида, падароне ки ҷасади фарзанди ҷигарбандашонро аз миёни оташ ба ҳасрату доғ берун меоваранд, кӯдаке, ки зери пойи чаҳорпоён монда, бо гаҷ “зинда бод сулҳ” навишта рӯйи навиштааш ҷон месупорад, ниҳоят таъсиргузор аст. Чунин навиштаи кӯдак аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳамагон ташнаи сулҳу амонии ҳамешагӣ буданд. Дар амали қаҳрамони худ адиб машаққатдидагони тарафдори амнияти давлатро таҷассум кардааст. Жола аз номи халқи Эрон савганд ёд мекунад, ки ба душман сар намефарорем, ба нафароне ки ҷангро шурӯъ кардаанд, таслим нахоҳем шуд. Дар қисмати сеюм низ тавсифи мардуми Эрон омадааст, ки ду банди аввалро пурра мегардонад:

Садҳо ҳазор чашми дурахшанда аз умед,
Аз ҳар канори кишвари ман дӯхта бар ӯ,
Ин аст он таронаи пуршӯри мардумон,
Савганди мардуме, ки бар ӯ рӯй кардаанд,
Мо мардуми ситамкаши Эрон, ба ҳеҷ ваҷҳ
Таслими майли ҷангфурӯшон намешавем,
Аз баҳри суди роҳзанони “Уолл-стрит”
Ҳозир барои куштани инсон намешавем.
Бо ормони дидани фардои хубтар,
Дар орзуи зиндагии равшани башар
Мо сулҳро чу дидаи худ ҳифз мекунем. [4;15]

Ҳама чашмҳои дурахшону пур зи умед аз ҳар ҷони ба сӯйи раҳбар дӯхта шудааст. Аз нигоҳашон таронаи пуршӯрашонро метавон хонд. Паймоне, ки мардум ба раҳбари хеш баста буданд, фаромӯш нахоҳад гашт. Мо халқи ситамдидаи Эрон ҳеҷ гоҳ таслими хоҳишҳои ҷангфурӯшон намешавем. Ба хотири манфиати роҳзанони “Уолл-стрит”(капитализм) дасти худро ба хуни инсонҳо олуда намесозем. Бо орзуи дидани рӯзи хушу осуда, мо сулҳро ба монанди гавҳари чашми худ ҳифз менамоем.

Дар шеър номи шаҳре омадааст, ки ҷолиби диққат аст. Уолл стрит шаҳраке дар Нюйорк мебошад, ки он ҷо “хазинаи саҳомӣ” ё ба истилоҳ “фондовая биржа” вуҷуд дошт. Байти Жола:

Аз баҳри суди роҳзанони “Уолл стрит”
Ҳозир барои куштани инсон намешавем.

Аз ишораи шоира бар меояд, ки кормандони хазина манфиати зиёд медиданд, бахусус дар вақти ҷанг. Кормандони “хазинаи саҳомӣ”-ро роҳзан мешуморанд, зеро барои манфиати худ ба куштани инсонҳо даст мезананд ва ба ин кор оммаи содаро низ талқин менамоянд.

“Бар раҳбари бузурги башар оташин салом” унвон гирифтани шеър аз он сабаб аст, ки зиндагиву ҳаёти халқи ҷангзадаи Эронро тавсиф намуда, аз номи оммаи меҳнаткаш ба Сталин салом мерасонад.

Жола бо салом додан ба об шеъри “Ленин”-ро шурӯъ мекунад:
Дуруд бод ба об,
Ки ҳаст равшану пок,
Ки зиндагии заминро гирифта дар оғӯш,
Ки тозагию сафо медиҳад ба сабзаву хок.
Тавон муқоиса кард обҳои дунёро,
Ки ҷӯйбор чу рӯд асту рӯд чун дарёст.
Ва бекаронии дарёст ҳамчу уқёнус,
Ҷуз уқёнус,
Ки сар ниҳад гаҳи тӯфон ба домани афлок.
Ва метавон ҳамаро бо ҳама муқоиса кард,
Ва гуфт бояд инсон бувад шабеҳи Ленин.
Вале Ленинро ҷуз бо Ленин қиёсе нест,
Ба пешгоҳи нубуғаш ҷуз ин сипосе нест,
Ки наслҳо гӯянд –
Барои зиндагии мо Ленин бувад лозим,
Чу оби равшану пок. [5;34]

Ҷолибию вижагии эҷодиёти Жола Бадеъ дар он аст, ки оғози шеърҳояш диққатҷалбкунанда ҳастанд. Зеро матлаъи ҳама ашъори ӯ тавсифҳои обнахӯрда ба ҷо истифода шудааст. Ҳамин вижагӣ дар шеъри “Ленин” баръало мушоҳида мешавад. Зеро оғози шеър бо васфи об шурӯъ мешавад. Муаллиф покии обро дигарбора эътироф карда, ба яке аз унсурҳои муқаддас, ки об аст, салом мегӯяд. Шукронаи ин неъмати худовандӣ мекунад, заминро сероб мекунаду ба сабзаву хок тавону тозагӣ мебахшад. Иброз медорад, ки метавонем обҳои дунёро қиёс намоем, зеро ҷӯйбор монанди рӯд асту рӯд бошад мисоли дарёст ва беканории дарё чун уқёнус аст. Аммо уқёнусро муқоисае нест ба ҷуз уқёнус. Зеро ҳангоми тӯфон сараш ба осмон мерасад. Ҳамчунин метавонем, ки ҳамаро бо ҳама муқоиса кунем ва ҳама ҷо гӯем, ки бояд инсон монанди Ленин бошад, ба истилоҳ Ленинро “идеал” шуморем. Лекин, Ленинро ба ғайр аз Ленин бо касе қиёс кардан нашояд. Ҳама наслҳо Ленинро чун ҳамаҷиҳата комилу арзанда эътироф кардаанд ва мегӯянд, ки барои зиндагии мо Ленин лозим аст мисоли оби пок. Муаллиф чи ташбеҳи ҷолибе ёфтааст, ки инсони арзандаи даврони худро ба оби пок монанд кардааст. Шеъри “Ленин” ҳам шеъри нав мебошад оҳанги равону вазни муайян дорад, қофияҳо озод ҳастанд. Дар шеър санъатҳои тавсиф, ташбеҳ, муболиға истифода шудааст.

АДАБИЁТ

1. Акбаров Ю. Шеъри нав – Қисмати шеъри нав ва қисмати инсон. – Душанбе: Дониш, 1980.
2. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав). – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672с.
3. Бадеъ Жола. Эй падар номи азизи ту бувад парчами мо (шеър)// Садои Шарқ.-1953.-№3.-С.60.
4. Бадеъ Жола. Бар раҳбари бузурги башар оташин салом! (шеър)// Садои Шарқ.-1953.-№1.-С.15.
5. Бадеъ Жола. Ленин(шеър) // Садои Шарқ.-1970.-№4.
6. Ваҳҳобзода Р. Шеър ва дониш (рисолаи омӯзишӣ). – Душанбе: “Адиб”, 2017. – 188.
7. Ваҳҳоб Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 200с.
8. Кляшторина. В. Ҷаҳони андешаҳои Жолаи Исфаҳонӣ // Садои Шарқ. – 2011. - № 6.
9. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240с.
10. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336с.
11. Сомонӣ А. Маҷид Салим. Адибони Тоҷикистон. – Душанбе: Адиб, 2014. – 320с.

АШЪОРИ СИЁСИИ ЖОЛА БАДЕЪ ДАР МАҶАЛЛАИ “САДОИ ШАРҚ”

Шеърҳои Жола Бадеъ на танҳо дар майдони назми муосири Эрон, балки дар назми муосири форсизабонон ҷойгоҳи хосро барои худ ихтисос додааст. Нуктаи мазкур аз дидгоҳи пажуҳишгарон ва устодони шеър баён шудааст. Ашъори сиёсии Жола Бадеъ инъикоскунандаи муҳити сиёсию-иҷтимоӣ ва арзишҳои маънавию инсонии солҳо ва муҳитест, ки шоир дар он умр ба сар бурдааст. Хусусан, аз дидгоҳи як нафар пайрави идеяҳои коммунистӣ, ки аз хориҷи Иттиҳоди Шуравӣ омада ва дар айни ҳол дар баробари шоирони тоҷик ба забони модарии мо дар мавзӯҳои муштарак шеър эҷод кардааст, барои пажуҳишгарон ва хонандаи тоҷик қобили таваҷҷуҳи хос мебошад. Дар мақолаи мазкур ба ҳамин мақсад кӯшиш шудааст, ки ашъори сиёсии Жола Бадеъ пажӯҳиши амиқ ёфта, баррасӣ гардад.
Калидвожаҳо: ашъор, форсизабон, мақсад, пажӯҳиш, қаҳрамон, баррасӣ.

ПОЛИТИЧЕСКАЯ ПОЭЗИЯ ДЖОЛЫ БАДЕ В ЖУРНАЛЕ "САДОИ ШАРК"

Стихи Джолы Баде занимают особое место не только в области современной иранской поэзии, но и в современной персидской поэзии. Эта точка зрения выражена с точки зрения исследователей и мастеров поэзии. Политическая поэзия Джолы Баде отражает политическую и социальную среду, духовные и человеческие ценности тех лет и среду, в которой жил поэт. В частности, с точки зрения последователя коммунистических идей, пришедшего из-за пределов Советского Союза и одновременно написавшего стихи на общие темы на нашем родном языке вместе с таджикскими поэтами, представляет особый интерес для таджикских исследователей и читателей. В данной статье автор старался с найти и углубленно изучить политическую поэзию Джолы Баде.
Ключевые слова: поэзия, персидский язык, цель, исследование, герой, рецензия.

POLITICAL POETRY OF YOLA ARTISTIC IN THE MAGAZINE "SADOI SHARK"

Jola Bade's poems occupy a special place not only in the field of modern Iranian poetry, but also in modern Persian poetry. This point of view is expressed from the point of view of researchers and masters of poetry. Jola Bade's political poetry reflects the political and social environment, spiritual and human values of those years and the environment in which the poet lived. In particular, from the point of view of a follower of communist ideas who came from outside the Soviet Union and at the same time wrote poems on general themes in our native language together with Tajik poets, it is of particular interest to Tajik researchers and readers.In this article author tried to find and study the political poetry of Jola Bade.
Keywords: poetry, Persian language, purpose, research, hero, review.

Сведения об авторе: ***Бегонова Суман*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры теории и современной таджикской персидской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17

Information about the author: ***Begonova Suman*** - Tajik National University, Master of the Department of Theory and Contemporary Tajik Persian Literature. **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17.

ХАБАРҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ОСОРИ ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Ганҷинаи Воҳидҷон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Чи тавре ки ҳамагон медонем, воҳидҳои фразеологӣ ганҷинаи бузурги луғати маҷозӣ ва пуробуранги забон ба шумор мераванд. Ин унсурҳои ниҳоят муҳими рехтаву устувори забон тӯли қарнҳо боз ҳам вирди забони мардуми омма дар истеъмоланд ва ҳам дар осори манзуму мансури гузаштаю муосир фаровон истифода мешаванд. Ба ибораи дигар, воҳидҳои фразеологиро “намаки сухан” ҳам гӯем хато намекунем. Воҳидҳои фразеологӣ ҷанбаҳои гуногуни маъноиро фаро мегиранд. Аз ҷиҳати мансубият ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ ҳам онҳоро метавон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод. Хусусиятҳои умдатарини воҳидҳои фразеологиро, ки ба такрор зикр гардидаанд, аз қабили устувории маънои онҳо, иваз нашудани ҷузъе аз онҳо, ба маънои яклухту маҷозӣ омадан ва ғайра аллакай барои мо маълуманд. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки дар мақолаи навбатии худ яке аз ҷузъҳои ниҳоят муҳими ҷумла, яъне “хабар”-ро дар воҳидҳои фразеологӣ мавриди таҳлил қарор диҳем. Хабарҳои фразеологӣ аз ҷониби олимон ба таври алоҳида таҳлилу таҳқиқ нашудаанд. Дар илми наҳв ё синтаксис, хабар сараъзои ҷумла аст ва аз қисматҳои асосиест, ки ҷумла бо он ҷамъбаст мегардад. Хабар дар шаклҳои гуногун ифода мегардад. Дар ибораҳои маҷозӣ ё воҳидҳои фразеологӣ низ хабар ҳатман иштирок дорад.

Хабар яке аз сараъзоҳои ҷумла буда, амал, ҳолат ва аломати предметро дар шахсу шумора ва замони муайян ифода мекунад. Хабар сараъзои ҷумла буда, аз ҷиҳати грамматикӣ ба мубтадо тобеъ гардида, вазифаи предикативӣ (ахбориро) ифода мекунад. Мубтадо сараъзои эзоҳшаванда ва хабар эзоҳдиҳанда аст. Хабар аз рӯйи шахсу шумора ба мубтадо мувофиқат мекунад ва он бо ёрии бандакҳои феълӣ, хабарӣ ва тартиби калима ифода мегардад. Бандакҳо бо хабар якҷоя меоянд. Мувофиқати сараъзоҳо аз рӯйи хабар муайян карда мешавад. Мақсади асосии фикр дар ҷумла асосан бо ёрии хабар ифода меёбад. Хабар ба саволҳои предмет чӣ кор мекунад?, чӣ шуд?, чӣ буд?, кист?, чист? ва амсоли ин ҷавоб мешавад.Хабар аз рӯйи муносибаташ бо мубтадо ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: хабарҳои феълӣ ва номӣ. Забоншинос Норматов М. хабарҳои феълиро чунин шарҳ додааст: хабарҳои феълӣ гуфта, он хабарҳоеро мегӯянд, ки амал ва ҳолатро мефаҳмонанд. Онҳо бештар ба амалу ҳолати предмети сухан, яъне мубтадо далолат мекунанд. Ин амал аз тарафи мубтадо ба ҷо оварда мешавад. Хабари феълӣ амалу ҳолати предметро вобаста ба замон ва шахсу шумора ифода мекунад. Аз ҳиссаҳои нутқ ҳамин гуна хусусиятро феъл дорад, аз ин рӯ, хабар, пеш аз ҳама, бо феъл ифода мешавад. Ин вазифаро асосан феълҳои тасрифшаванда ба ӯҳда доранд. Фълҳо бо ҳамаи сиғаҳои худ бевосита ба вазифаи хабари феълӣ омада метавонанд. Хабарҳои мазкур бо ҳамаи сиғаҳо ифода шуда метавонанд. Мисол: Ёдгор говро оварда ба дасти Гулнор **супурд** (С.Айнӣ). [15, 34]. Чи тавре ки маълум аст, аслан зарбулмасалҳо дар шакли ҷумла меоянд ва тамоми аъзои ҷумла дар он иштирок доранд. Дар воҳидҳои фразеологӣ бошад, хабар низ мавқеи худро устувор нигоҳ медорад ва вазифаи худро иҷро мекунад. Дар онҳо низ эҳсос карда мешавад, ки хабар ҷузъи муҳиму ҷудонашаванда аст. Масалан, агар воҳиди фразеологии “**дарди сар**”-ро аввал ба маънои чизи барзиёд, бори зиёдатӣ, бори дӯш шарҳ диҳем, дар навбати дигар ба маънои дар умум дур будан аз дарду ранҷ ва озору зиёнро ифода мекунад: -Илоҳӣ **саратон дардро набинад**, хушбахт шавед…[1,6]. Дар ин ибора, ки дар таркиби ҷумла хабар бо он ҳамроҳ шудааст, аз масдари “надидан” таркиб ёфтааст ва онро метавон хабари феълӣ ном бурд. Аксарияти хабарҳое, ки бо истифода аз воҳидҳои фразеологӣ ба кор рафтаанд, хабарҳои феълӣ мебошанд, чунки воҳидҳои фразеологӣ бештар дар шакли масдарҳое, ки бо пасванди “-ан” сохта шудаанд, мавҷуданд ва ҳангоми пурра гардидани ҷумла бо истифода аз воҳидҳои фразеологӣ шакли дигари феълиро мегиранд. Масалан, дар воҳиди фразеологии “сар ҷунбонид”, ки ба маънои тасдиқ кардан ва розӣ шудан аст, хабар дар шакли феълии ҳикоягӣ истифода шудааст: Машкоб **ба аломати ризо сар ҷунбонид**…[1,7].

Калимаҳои модалии **тавонистан, хостан, боистан, шудан, даркор, лозим, зарур, мумкин** ва амсоли инҳо чун ҷузъи ёридиҳанда бо масдар ҳам дар шакли пурра ва ҳам кӯтоҳ омада хабарҳои феълии таркибӣ месозанд. Аз таркиби баъзе ҷумлаҳо танҳо воҳиди фразеологиро берун овардан метавонем, чунки хабари ҷумла ба он ҳамроҳ нашудааст. Масалан, дар ҷумлаи …ба ҳар ҳол **одами пухта** мондагӣ-дия! [1,7].

Дар мисоли дигар метавон собит намуд, ки агар хабари воҳиди фразеологиро аз он ҷудо кунем, мазмуни худро аз даст медиҳад. Дар ҷумлаи зерин, инчунин, хабари феълии таркибӣ (рафта буд) истифода шудааст. Масалан: Оқсақол дигар ба бозию шӯхиҳои писарча аҳамият надода, **ба андеша фурӯ рафта буд** [1,8].

Барои муқоиса шаклҳои гуногуни ибораи мазкурро аз назар мегузаронем:

1.Ба андеша фурӯ рафтан

2.Ба андеша фурӯ рафта буд

3.Ба андеша фурӯ рафт

4.Ба андеша фурӯ рафтанд

Ба ҳамин монанд, дар ҷумлаи дигар низ феъли таркибии **шуда буд**, якҷо бо воҳиди фразеологии **дили касе ганда шудан**, вазифаи хабари фразеологиро иҷро намудааст: -Ин тавр нагӯед амак!-Гуфт Асо, ки **дилаш ганда шуда буд**. [2,149].

Дар баъзе аз воҳидҳои фразеологӣ хабар дар аввал меояд, чунончи дар ибораи Вай **чашм кушода дар дунё** ҳамин кампирро дидааст, ҷузъи “чашм кушод”, ки бори асосии маънои маҷозии ибораро бар дӯш дорад, ба вазифаи хабар омадааст. [9]

Ибораи дигари фразеологӣ, яъне **хор шудан** якҷо бо масдари **намондан,** ибораи **хор шудан намонда**нро ташкил додааст ва ҷузъи охири он ба вазифаи хабар омадааст: Фирӯзаро **хор шудан намемонад** [1,9].

Ба ҳамин монанд, дар ҷумлаи дигар ибораи фразеологии **аз даст додан,** ки ба маънои бой додан ё маҳрум мондан аз чизеро дорад, дар ҷумла дар шакли хабарии **аз даст надиҳем** омадааст: Бинобар ин, рафиқҷон, мо ҳам **бояд** зиракӣ ва ҳушёриро **аз даст надиҳем** (Ҷ. Икромӣ). Чунончи дар боло зикр кардем, дар аксари маврид ҷузъҳои гуногуни феълӣ барои комил гардидани ҷумла ниҳоят заруранд. Масалан, дар мисоли дигар масдари **шудан** дар шакли замони ояндаи феълӣ ба вазифаи хабар омадааст: Илоҳӣ тӯтаҷонаш зуд сиҳат шуда бархезад, ки бе вай **ҷаҳон ба** Фирӯза **танг хоҳад шуд** [1,12]. Дар баъзе мавриди дигар танҳо илова шудани бандакҳои феълӣ ҷузъи охири ибораро ба вазифаи хабар кор мефармояд, дар мисоли **кард, карда**, ки бандаки “-анд” ба он илова мегардад. Мисол: …Онҳо аз ҳоло ба Фирӯза **чашм ало кардаанд** [1,12].

Мо бояд дарк кунем, ки дар баъзе маврид воҳидҳои фразеологӣ шакли рехтаву устувори аслиашонро ба хотири вазифаашонро адо кардан дар таркиби ҷумла каме тағйир медиҳанд, масалан, ибораи маҷозии **аз дунё чашм пӯшидан**ро аз таркиби ҷумла чунин берун меорем: Рафту агар вай **аз дунё чашм пӯшад**, Фирӯза чӣ кор мекунад…? [1,12].

Дар шакле ки дар ин ҷумла ба кор рафтааст, ҷузъи **пӯшидан** зарурат омадааст, ки вазифаи хабарро адо кунад ва дар шакли **пӯшад** омадааст. Дар ҷумлаи дигар Ҷалол Икромӣ ду ибораи рехтаи **рӯзу рӯшноиро надидан** ба маънои **аз зиндагии осуда маҳрум шудан ё ба зиндон шудан** ва ибораи рехтаи **зинда дар гӯр шудан** ба маънои **дар азобу уқубати зиндагӣ гирифтор шудан**ро дар шакли анҷомашон бо феъл истифода кардааст, ки хабари ҳар ду ба замони ояндаи феъл тааллуқ доранд:…**Рӯзу рӯшноиро намебинад, зинда дар гӯр мешавад** [1,14].

Дар ҷумлаи дигар ибораи **дил ба кафидан расидан** ба маънои бисёр зиқ шудан, дилтанг шудан омадааст, ки хабари он ба замони гузаштаи феъл тааллуқ дошта, хабари феълии сода аст: …Монед то омадани меҳмонҳо ин кас дар пеши ман бошанд, аз зиқӣ **дил ба кафидан расид** [1,19]. Мисоли дигар бо хабари феълии таркибӣ, ки ҳар ду ҷузъи он ба феъл мансуб аст, яъгне ҳам калимаи **задан** ва ҳам калимаи **истодан**: Худатон **ба пойи худатон теша зада истодаед** [2,18].

Дар таркиби хабарҳои таркибӣ пешоянду пасояндҳо низ омада метавонанд. Ҷузъи номии ин гуна хабарҳо асосан исм мебошад. Мисол: Ҳавлию хона якбора **чон гирифтагӣ барин шуд** (Ҷ.Икромӣ).

Гурӯҳи дигари хабарҳо, хабарҳои номӣ мебошанд. Хабарҳои номӣ бо ҳиссаҳои номии нутқ, масдару сифати феълӣ ва баъзан бо зарф ифода гардида, аломти предмети сухан – мубтадоро, вобаста ба замон ва шахсу шумора нишон медиҳанд. Хабарҳои феълӣ амалу ҳолати предмети суханро ифода кунанд, хабарҳои номӣ аломати предметро ифода мекунанд. Масалан: Пас, чаро дили вай **торик аст?** (Ҷ.Икромӣ).

Дар мисолҳои дигар низ метавонем хабарҳои номиро мушоҳида кунем: Вай ки аслан одами тарсу ва бесубот буд, аз хабари Рӯзибой якбора **дилашро бой дод**…[2,129].

Ё худ дар ҷумлаи зерин: Таҳти гапро нафаҳмида бо вай ҷанг кард, **дили ӯро сиёҳ кард** [2,139].

Гурӯҳи дигари хабарҳоро хабарҳои феълии чида меноманд, ки онҳо ду ва ё зиёда хабарҳои мустақили аз рӯйи шахсу шумора бо ҳам дар алоқаи пайваст омада, ба як мубтадо нигаронида шуда бошанд. Масалан: **Хаёли** Саидпаҳлавон **хира шуд**, **дам назаду монд**, хомӯш гашт…[2,143].

Чунончи воҳиди фразеологии **даст шустан** дар боло шарҳ гардид, бо ин ибора хабар дар ҷумла бо бандаки феълии “ӣ” омадааст ва ин навъ анҷомёбии ҷумла аз нигоҳи наҳвӣ муқаррарӣ бошад ҳам, аз нигоҳи шинохти ибораи фразеологии таркиби он (даст шустан) қобили таваҷҷуҳ аст ва инро як навъ овогашти феълҳо низ метавон номид: Шарм надошта аз умрат **даст мешӯйӣ**! [2,143]. Гоҳо дар ҷумлаҳои мураккаб мушоҳида мекунем, ки дар ҳар ду ҷумлаҳои

содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст хабар бо воҳиди фразеологӣ ифода ёфтааст. Масалан, дар ҷумлаи зерин дар ҳар ду ҷумла ба вазифаи феъл танҳо як калима омадааст. Дар ҷумлаи якум **кашид** ва дар ҷумлаи дуюм **гузошт:** Пас аз ба роҳ афтодани поезд вай **оҳи сабуке кашиду** ба посбон супорише дода **сарашро ба болин гузошт** [2,153].

Ҳамин тариқ, аз мутолиаи кӯтоҳе, ки дар осори Ҷалол Икромӣ ва пажӯҳиши шогирдонае, ки дар атрофи хабарҳои фразеологии осори нависанда анҷом додем, метавон дарёфт, ки ин мазӯъ нисбатан нав буда таҳқиқи амиқро тақозо мекунад. Чунончи дар мисолҳои боло дидем, бештари хабарҳои фразеологӣ бо феъл ифода ёфтаанд. Дар ҳеҷ маврид феълҳо ба костагии маъноии ибораҳои рехтаву устувор сабаб нагардидаанд, балки танҳо функсияи худро дар шаклҳои гуногун иҷро кардаанд. Ба андешаи мо сабаби аз ҳама бештар бо феълҳо ифода ёфтани хабарҳо ин аз он шаҳодат медиҳад, ки доираи истеъмоли феълҳо ниҳоят зиёд аст ва дар мавриди дигар қариб тамоми ибораҳои рехта ҷузъашон бо масдар ифода меёбанд ва ҳангоми тартиб додани ҷумла бо истифода аз ибораҳои маҷозӣ онҳо феълро талаб мекунанд. Умед аст, ки дар ояндаи наздик ин мавзӯъро жарфтар пайгирӣ хоҳем кард, то хусусиятҳои зикрнашудаи онро ошкор созем.

АДАБИЁТ

1. Абдуллозода Р. Фарҳанги ибораҳои халқӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 399 с.
2. Абдураҳимов С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1973.
3. Атобуллоев С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1975.
4. Грамматикаи забони алабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди II. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. – Душанбе: Дониш, 1986.
5. Қосимова М.Н. ва Камолиддинов Б. Маҷмӯаи машқҳои синтаксиси забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1976.
6. Қосимова М.Н. Ибораҳои изофии масдарӣ // Мактаби советӣ. – 1965, № 6.
7. Забони адабии тоҷик. Синтаксис. Қисми 2. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1995.
8. Камолиддинов Б. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо // Масъалаҳои забон ва адабиёт. Силсилаи мақолаҳои филологӣ. – Душанбе, 1975, қисмҳои 1-2.
9. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён. – Душанбе: Маориф, 1986.
10. Маҷидов Ҳ. Ибораҳои фразеологии феълӣ // Мактаби советӣ. – 967, – № 10. – С. 45-48.
11. Мақсудов Т., Зикриёев Ф., Ҷалилов Х. Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаи синтаксисии онҳо. – Душанбе: Вазорати маорифи халқи РСС. Тоҷикистон. 1976. – С. 85.
12. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод, 1959.
13. Мирзоев А. Ибораҳои феълии забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе. – Душанбе: Дониш, 1972.
14. Норматов М. Усули таҳлили синтаксисӣ. – Душанбе, 1991.
15. Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик (синтаксис). Душанбе, 2011. -230 с.
16. Норматов М. Таҳлили синтаксисӣ ва намудҳои он. Душанбе, 2007.–103 с.
17. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе, 1963. – 852 с.
18. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди 2. – Душанбе, 1964. – 802 с.
19. Эшонҷонов А. Хабарҳои номӣ ва тарзи ифодашавии онҳо. – Душанбе: Ирфон, 1969.

Манбаъ

1. Ҷалол Икромӣ. Духтари оташ (роман).-Душанбе, “Адиб”,2009,560с
2. Ҷалол Икромӣ. Тахти вожгун.- Душ, “Ирфон”,1974,240с

ХАБАРҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ОСОРИ ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Дар мақолаи мазкур дар бораи хабарҳои фразеологӣ маълумот дода шудааст. Дар оғози мақола нахуст дар бораи хабар ва хусусиятҳову хелҳои он ва баъдан дар бораи хабарҳои феълӣ ва хабарҳои фразеологии феълӣ маълумот дода шудааст. Таҳлилҳо дар асоси романҳои “Духтари оташ” ва “Тахти вожгун”-и нависандаи халқи тоҷик Ҷалол Икромӣ сурат гирифтаанд. Дар ин мақола, навъҳои гунонуни хабарҳои сода ва таркибии феълӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Аз таҳлилҳо аён гардид, ки доираи истифодаи хабарҳои феълӣ ё ифодаи хабар бо феъл доманаи васеъ дошта дар шаклҳои гуногун истифода шудааст. Ифодаи хабар бо феъл ё баракси он ҳодисаи маъмулии забонист, ки ҳам дар ибораҳои содаи синтаксисӣ ва ҳам дар ибораҳои маҷозӣ ё воҳидҳои фразеологӣ зиёд ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: хабар, воҳидҳои фразеологӣ, синтаксис, феъл, ибора

СКАЗУЕМЫЕ ВЫРАЖЕННОЕ ФРАЗЕОЛОГИЗМОМ В ТВОРЧЕСТВЕ

ДЖАЛОЛА ИКРОМИ

В этой статье содержится информация о сказуемых выраженное фразеологизмом. В начале статьи сначала дается информация о сказуемом, его особенностях и типах, а затем о составное глагольное сказуемое и сказуемых выраженное фразеологизмом. Анализ основан на романах таджикского писателя Джалала Икроми «Дочь огня» и «Перевёрнутый трон». В статье анализируются различные типы простых и сложных глаголов в составе фразеологизмов. Анализ показал, что сфера употребления настоящего времени или выражения сказуемых с глаголом имеет широкий диапазон и употребляется в разных формах. Выражение сказуемого с помощью глагола или наоборот - распространенное языковое явление, которое характерно как для простых синтаксических выражений, так и для образных выражений или фразеологизмов.

Ключевые слова: сказуемое, фразеологизм, синтаксис, глаголь, словосочитание

PHRASEOLOGICAL PREDICATE IN JALAL IKROMI`S WORK

This article provides information on phraseological predicate. at the beginning of the article, information is given first about the news and its features and types, and then about the compound predicate and the phraseological predicate. The analysis is based on the novels "Daughter of Fire" and "Overturned Throne" by the Tajik writer Jalal Ikromi. This article analyzes the different types of simple and compound verbs in the structure of phraseological units. The analysis showed that the scope of use of the present tense or the expression of the predicate with the verb has a wide range and is used in different forms. Expressing a PREDICATE with a verb or vice versa is a common linguistic phenomenon that is common in both simple syntactic expressions and in figurative expressions or phraseological units.

Keywords: message, phraseological unit, sintax, verb, phrase

Сведения об авторе: ***Ганджина Вохидджон*** – Таджикский национальный университетмагистрант второго курса
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17

Information about the author: ***Ganjina Vohidjon*** – Tajik National University second-year master`s studentof
Adress:73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17.

ИФОДАИ МАЪНОИ БАҲОДИҲИИ МУСБАТИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ Ӯ. КӮҲЗОД

Зуҳурова Дилрабо
ДМТ

Фаъолияти зиндагии инсон, олами рӯҳӣ, фикрӣ ва эҳсосотии ӯ бо баҳодиҳӣ, ки дар ҷараёни муносибатҳои инсон бо воқеияти атроф зуҳур меёбад, зич алоқаманд аст. Олами ҳастӣ дар забон аз паҳлуҳои гуногун инъикос меёбад. Дар айни замон, мафҳуми баҳодиҳӣ ба дарки забонии инсон хос аст, падидаи умумист, ки ба табиати инсон мувофиқ аст. Яъне, инсонияти рӯйи дунё, новобаста аз аҷдоду миллат ва забон, олами ҳастиро якранг эҳсос мекунанд, системаи дарк ва қабули олами воқеӣ дар шуури одамон як хел тасвир меёбад, ба ибораи дигар, хубу бадро як хел тасаввур мекунанд. Барои ҳамин ҳам дар системаи маъноии ҳар як забони ҷудогона инъикоси тафаккури умумиинсонӣ дида мешавад. Воҳидҳои забон ва тафаккур ба ҳам алоқаи ҷудонашаванда доранд. «Дар байни маъноҳои воҳидҳои мухталифи забон ва мафҳуму образҳои умумиятдодашудаи тафаккури инсонӣ робитаи бевосита падидор аст. Ба ин сабаб системаи маъноии забонро шакли мавҷудияти ифодаи тафаккури умумиинсонӣ ҳисобидаанд» [10, 280]. Дар асоси ҳар як системаи маъноии забони ҷудогонаи миллӣ инъикоси махсуси тафаккури умумиинсонӣ маҳфуз аст. Инро дар маъноҳои фразеологии баҳодиҳии забони тоҷикӣ возеҳ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ, ки маънои мусбати баҳодиҳии воҳидҳои фразеологии навъҳои **қобилят, далерӣ, ҷасорат, самимият, худдорӣ, оромиш, сулҳу муттаҳидӣ** ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Ифодаи ин гуна маъноҳо дар фразеологизмҳое, ки нависанда Ӯ. Кӯҳзод дар осораш истеъмол кардааст, возеҳ мушоҳида мешаванд. Масалан, **устухон надоштан** ВФ-и маъмули забони тоҷикӣ буда, маънои «кордони моҳир будан»-ро медиҳад, ки ба қобилияти шахси мавсуф – персонажи асари бадеӣ далолат мекунад:

Дар навиштани мактуб **устухон надорад**. Хоҳиш кунед, албатта, менависад (Як сару сад хаёл, 36).

ВФ-и **аз як гиребон сар баровардан**, ки маънои «мутаҳидона, дастаҷамъона»-ро дорад, баҳодиҳии мусбати гӯянда – ба муттаҳидӣ даъват карданро ифода менамояд:

Барои ба ин мақсадҳо расидан аз мо лозим аст, ки ҳама **аз як гиребон сар барорем** ва ҷамеи қолабҳои кӯҳнаро шикаста, тарҳи нави ҳаётро андозем (Кини Хумор, 88).

Хусусияти баҳодиҳии мусбати ВФ-ро, аз қабили **далерӣ, ҷасорат, самимият, худдорӣ, нияти хуб, хурсандӣ** ва ба монанди инҳоро дар насри бадеии нависанда У. Кӯҳзод хеле зиёд дучор омадан мумкин аст:

Қабат ба қабат гӯш гирифтан – «ниҳоят хурсанд шудан»:

…Аммо Шинелпӯш савора аз канори пахтазор мегузашту **қабат ба қабат гӯш мегирифт**, ки ҳосили нағз мешавад ва ӯро аз минбарҳо таъриф мекунанд ва медол медиҳанд (Як сару сад хаёл, 28).

Маънои «хурсад шудан» бо дараҷаи хурсандӣ ва шодмонӣ боз бо фразеологизмҳои дигар – варианту муродифоти фразеологӣ ифода мегардад:

Ӯ бояд ҳамон гапҳоеро гӯяд, ки пештар гуфта буданд ва гоҳи гуфтанашон вай **ба пӯсти худ намеғунҷид**. (Ҳам кӯҳи баланд…, 309). **Акнун ман дар ҷомаи худ намеғунҷидам**. Аз хурсандӣ **гӯё қанот бароварда**, **байни замину осмон парвоз мекардам** (Ҳам кӯҳи баланд…,104).

Нависанда Ӯ. Кӯҳзод эҳсоси хуширо маҳз тавассути ВФ дар либоси бадеӣ ва образнок хеле устокорона тасвир намудааст. Дар ВФ-е, ки нависанда кор фармудааст, аз маънои таҳтуллафзӣ, яъне маънои ҳарф ба ҳарфи воҳиди фразеологӣ канда нашудаанд. «Маънои таҳтуллафзӣ ба қатори маъноҳо ва ё тобишҳои рангини воҳиди фразеологӣ намедарояд, вале ҳама вақт он дар пеши назар аст. Он дар рафти инкишофи маъноҳои мустаъмали ин воҳиди забон, таҳкими мавқеи истеъмолии маъноҳои ҷудогонаи он ҳамчун замина хидмат мекунад» [виног]. Дар мисолҳои зер ин қазия ба дурустӣ мушоҳида мешавад:

Ӯ бояд ҳамон гапҳоеро гӯяд, ки пештар гуфта буданд ва гоҳи гуфтанашон вай **ба пӯсти худ намеғунҷид**, ки «сарамро ба кучо занам?!» (Як сару сад хаёл, 309). Ин халқе, ки дар қарорҳову китобҳо «капитализмро аз сар нагузаронида ба сотсиализм расида буд, рӯз аз рӯз **гул –гул мешукуфт**», дар тӯли ҳафтод сол ҳар хазинае, ки дошт, ба дасти шефҳо супорид ва худаш бар ҳоли як талбандаи дар ба дар гирифтор гардид (Як сару сад хаёл, 139). Ва мардуме, ки собиқан ин ҳама ғамхориву ободиро ҳатто дар шаби хобашон надидаанд, **аз хурсандӣ дар куртаашон намеғунҷиданд**, албатта (Як сару сад хаёл, 70).

Ифодаи ҳолатҳои хушҳоливу шодӣ дар воҳидҳои фразеологии **курта –курта гӯшт гирифтан** ба маънои «ниҳоят хурсанд, фараҳманд шудан»; **аз хурсандӣ дар пӯст** (курта, ҷома) **нағунҷидан** – «ниҳоят хурсанд, хушҳол, шод, фараҳманд гаштан», **сари касе ба осмон расид** «ниҳоят шод, хурсанд мамнун шудан», **чехраи касе аз хурсандӣ гул кард** (шукуфт, дурахшид) «шодон, хурсанд шудан», **табли шодӣ навохтан** – «шодию хурсандӣ кардан» дар мисолҳои боло корбаст гардидаанд. Воҳидҳои фразеологии **чеҳраи касе аз хурсандӣ гул кард** ба маънои «шукуфт, дурахшид», **гул барин шукуфтан, чашми касе нур гирифт** «як андоза хурсанд ва хушҳол шудан» –ро ифода менамоянд ва дуи аввал дар осори бадеӣ аслан нисбат бар занону духтарон кор фармуда мешаванд, **чашми касе нур гирифтан** бошад маъмулан ба ҳолати хурсандии модарон ва ё умуман волидон нигаронида мешавад: Фразеологизми **табли шодӣ навохтан (задан)** низ муродифи ҳимин воҳиди фразеологӣ мебошад ва он зоҳиран тобиши маънои «хурсандии худро ба ҳама эълон ва овоза кардан» –ро медиҳад. Аммо дар матни зайл он бо ибораҳои мазкур маънои шодию хурсандиро яксон ифода кардааст, зеро қаҳрамони асар шодии худро ба ҳама эълон намекунад:

18 октябри соли 1866 салотони рус **табли шодӣ заданд**, зеро қалъаи Дизак осон ба дасти онҳо афтод (Як сару сад хаёл, 172)

Дар мисоли дигар ифодаи **аз хурсандӣ қад –қад паридан** вобаста ба мавқеи истеъмол ва обуранги услубӣ то андозае шодию нишоти аз ҳад зиёдро ифода намудааст: Духтарак зочаякро аз дасти тағояш гирифта, аввал ба назди модар, сипас пеши хоҳараш давид, ба ӯ бозичаашро нишон дода **аз хурсандӣ қад –қад мепарид** (Як сару сад хаёл, 97).

Дараҷаи ниҳоии хурсандӣ, фараҳмандӣ дар фразеологизмҳои **курта – курта гӯшт гирифтан, аз хурсандӣ дар курта нагунҷидан** ва **сари касе ба осмон расид** мушоҳида мегардад: Ва мардуме, ки собиқан ин ҳама ғамхориву ободиро ҳатто дар шаби хобашон надидаанд, **аз хурсандӣ дар куртаашон намеғунҷиданд,** албатта [12, 70]. Аз Шумо таманно дорам, ки дар маросими қабул ва гусели Амир ҳузур дошта бошед, **сарамон ба осмон мерасад** [Ҳайҷо, 80].

… ва аз ҳамин назар чашмашон ба Манори Калон афтад, **дилашон қувват ва баданашон қабат –қабат гӯшт мегирифт**, аз фахр **сарашон ба осмон мерасид**, ки чунин пояи муҳташаму мустаҳкаме дорад давлаташон [Ҳайҷо, 256].

Дар фразеологизми **чашми кордон,** ки маънои «баҳунар»-ро дорад, баҳодиҳӣ аз ҷиҳати соҳиби касбу ҳунар будан, ки тобиши мусбат дорад, ифода гардидааст:

Ҳо, вай Аҳмадбой барин **чашми кордону** пулёб набуд (Ҳам кӯҳи баланд…, 298).

Баҳодиҳии мусбат дар ВФ ба хислати шахс низ дода мешавад, масалан:

Дасту дили кушод ки дошт, ҳама ӯро дӯст медоштанд (Писанддара, 119).

Дар мисоли боло **дасту дили кушод –** «нек, накукор», одами хуб, наку будани персонаж муайян гардидааст.

Фразеологизми **ҷон ба каф гирифтан** маънои «барои касе ҷонфидоӣ кардан, қурбон шудан»-ро дорад, ки аз рӯйи маънои баҳодиҳӣ хислати хуби одамист. Дар мисоли зер ин ВФ ба маънои «ҳар чӣ аз дасташон меомад, барои хотири фарзанд дареғ намедоштанд» омада, бо усусли маҷоз баҳодиҳии мусбатро ифода кардааст:

Аммо, падару модар бо мақсади касбу ҳунари хубе омӯзонидани фарзанд не, балки барои кенҷа буданаш ӯро азиз медоштанд ва бачамур ки буданд, **ҷон ба каф гирифта** фарзанди кенҷаашонро калон мекарданд (Кини Хумор, 103).

Дандон узви бадани инсон ва аксари ҳайвонот аст, ки вазифаи хойида хӯрдани хӯрок ва газиданро иҷро мекунад. Калимаи дандон дар ВФ-и зиёде ба кор меравад, ки дандон доштан, дандон гиз кардан, дандон тез кардан ва ғайра аз қабили онҳоянд, ки маънои манфӣ «душманӣ, таҳдид…»-ро дар пай доранд. Аммо дар матни зайл нависанда Ӯ. Кӯҳзод онро ба маънои мусбат истифода намудааст:

Моро модарамон ба сахтиҳои зиёде, **ба дандон газида** ба воя расонид ва доим дуо мекард, ки: «илоҳо умратон дароз шавад» (Кини Хумор, 99).

Ба дандон газида калон кардан ВФ-и маъмули забони тоҷикӣ аст, ки асоси воқеӣ дорад. Аксаран дар воҳидҳои фразеологӣ маънои таҳтуллафзии он, ки инъикоскунандаи воқеият аст, аз байн нарафтааст. «Маънои таҳтуллафзӣ ба қатори унсурҳои маънои истеъмолии воҳиди фразеологӣ намедарояд, вале он ҳама вақт дар пеши назар аст. Он дар рафти инкишофи маъноҳои мустаъмали ин воҳиди забон ҳамчун заминаи муҳим хизмат мекунад» [10, 267]. Дар ВФ-и номбурда маҳз ҳамин маънои таҳтуллафзӣ боқӣ мондааст: гурбаи модаи хонагӣ ва аксар ҳайвоноти гурӯҳи гурбашаклҳо вақте бача мезоянд, он (онҳо)-ро барои ба ҷойи бехавф кӯчондан аз гардан газида беосеб мебаранд. Ин корро онҳо ҳар вақте ки хавферо эҳсос кунанд анҷом медиҳанд ва то ба воя расидани наслашон ин кор чандин бор такрор меёбад. Муҳтамадии обуранги тару тозаи семантикаи фразеологизм маҳз ба тавассути он асоснок карда шудааст. Маънои таҳтуллафзӣ дар байни маънои мустаъмали фразеологӣ ва қолаби овозии фразеологизм ҳамчун дастгоҳи доимо амалкунанда вуҷуд дорад, ки, аз як тараф, ба рехтагию суботи маънои фразеологӣ сабаб шавад, аз ҷониби дигар, ба таҳкими худи қолаби овозии он ҳамчун аломати шартии ифодакунандаи маъно боис мегардад. Масалан, **ба хироҷи як мамлакат арзидан,** ки сарчашмаи он асосан устураву афсонаҳои мардумӣ мебошад, дар ҳамин шакли рехтаи худ маънои «ниҳояти зебоӣ»-ро медиҳад ва аз ҷиҳати баҳодиҳӣ тобиши мусбат дорад:

Ҳамсояҳо дуруст мегӯянд, ки Хумор **ба хироҷи як мамлакат меарзад** (Кини Хумор, 43).

Дар ин маврид қонунияти амали маънои таҳтулафзии воҳиди фразеологӣ чунин аст: Ҳар андоза, ки он аз нуқтаи назари забони имрӯза осонтар маънидод шавад, ҳамон андоза ифоданокиву маҷозияти маънои фразеологӣ меафзояд. Аз ин бобат, масалан, воҳидҳои фразеологии ифодагари маъноҳои таҳтуллафзии урфу одатҳо, расму русум, маросимҳои миллӣ ва амсоли инҳо ҷолиби диққатанд. Ибораҳои устувори **даст пеши бар гирифтан** ба маънои «салом гуфтан, эҳтироми касеро ба ҷо овардан»; **дилат сӯзондан, аз пушти бозуяш нон хӯрдан, сухани касеро ба замин намондан, сари касеро ба осмони ҳафтум расондан, гули сари сабад** аз ҳамин қабиланд. Дар маънои таҳтуллафзии онҳо лаҳзаҳои ҷудогонаи ҳаёт ва маишати мардуми тоҷик, ки имрӯз ҳам қимати худро гум накардаанд ва маънои баҳодиҳии мусбатро низ ифода мекунанд, инъикос ёфтаанд:

– Медонам, медонам. **Дилат месӯзад**. Ба одами нагз дили ҳар кас месӯзад. (Кини Хумор, 95). «Вай одами ҳалол, як умр **аз пушти бозуяш нон хӯрдагӣ,** гуфтани одамонро бисёр шунидаам (Кини Хумор, 77). Вай гуфт, ки меҳмони азиз, рафиқи мушфиқ, дӯсти дар ҳар **ноомади кор** дастгиру мададгор–Ҷӯра Тӯрабоевич дар байни долу зарби кор **сухани**

моро ба замин намонда, аз баҳри корҳои заруриашон баромада, бо ташрифашон маҷлиси хоксоронаи моро обод карданд, яъне ки **сари моро ба осмони ҳафтум расондаанд** (Кини Хумор, 30). Он консерт ба воситаи телевизион ҳам намоиш нишон дода шуд. Ва бовар мекунед, ки боз **гули сари сабад** ҳамин бандаи ганда буд (109).

Хамин тариқ, баҳогузорӣ дар таркиби маънои вохидҳои фразеологӣ як падидаи ҷолиб ва мураккабест, ки мавҷудияти объективии он бо як қатор сабабҳои хусусияти ғайризабонӣ ва забонӣ муайян карда мешавад. Дар эҷодиёти Ӯ. Кӯҳзод анбӯҳи ВФ-е, дучор омадем, ки маъноҳои баҳодиҳии мусбатро ифода карда, тавассути онҳо хонанда низ ба персонажҳои насри нависанда хубтар ошно мегардад. Аксари ин ВФ аз таҷрибаи ҳаёти воқеӣ гирифта шуда, маънои таҳтуллафзӣ низ доранд.

АДАБИЁТ

1. Абдуқодиров, А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода /А.Абдуқодиров. – Душанбе: Дониш, 1978. – 124 с.
2. Виноградов В. В. Русский язык (грамматическое учение о слове). – М.: «Выс. Школа», 1972. – С. 20-21.
3. Камолиддинов, Б. Ҳусни баён /Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 120 с Дӯстов Ҳ, Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ /Ҳ.Дӯстов. − Душанбе: Ҷонибек, 2014. − 185с.
4. Кӯҳзод Ӯрун. Кини Хумор (Повест). /Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе «Ирфон».– 1978. – 238 с.
5. Кӯҳзод Ӯрун. Писанддара (Повестҳо). /Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе «Маориф». – 1984. – 208 с.
6. Кӯҳзод Ӯрун. Сареву савдое (Ҳикояҳо). /Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе «Ирфон». – 1971. – 136 с.
7. Кӯҳзод Ӯрун. Як сару сад хаёл (Ҳикояҳо). /Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе «Ирфон». – 1983. – 256 с.
8. Лавров Н.И., Актуальные проблемы русской фразеологии, Л., 1983. – 134 с.
9. Маджидов, Х. Фразеологической система современного таджикского литературного языка/Х.Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406с.
10. Маҷидов Ҳ. Сехри сухани форсии тоҷикӣ/ Ҳ.Маҷидов. Душанбе: Даҳиқӣ. − 2014. −351с.
11. Мирзоева, М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ /М. Мирзоева. – Душанбе, 2008. – 160 с.
12. Муслимов, М. Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ /М. У. Муслимов. – Душанбе, 2009. – 188 с.

ИФОДАИ МАЪНОИ БАҲОДИҲИИ МУСБАТИ ВОХИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ Ӯ. КӮҲЗОД

Дар мақола баҳс дар хусуси маънои баҳодиҳии мусбат дар ВФ меравад. Воҳидҳои фразеологӣ аломатҳои мушаххас мебошанд, ки дар семантикаи онҳо муносибати эҳсосотӣ ва баҳодиҳии гӯянда ба объекти номбаршудаи воқеият гузошта мешавад. Табиати баҳодиҳӣ аз рӯйи мундариҷаи сифатии он муайян карда мешавад, ки он дар системаи маънои мушаххасе, ки дар миқёси мавҷудбудаи ашё ва падидаҳои алоҳида мавҷуданд, инъикос карда мешавад. Аз рӯйи табиати иҷтимоию лингвистии худ, баҳодиҳӣ, ки дар маънои воҳидҳои фразеологӣ мавҷуд аст, унсури асосии маънои коннотивии воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Арзиши баҳодиҳӣ характери маърифатӣ дошта, хусусияти тафсирӣ ҳам дорад. Дар асарҳои Ӯ. Кӯҳзод аксари ВФ маънои баҳодиҳӣ, махсусан тобииши мусбатдоштаро соҳибанд, ки ҳам муносибати худи муаллиф ва ҳам муносибати байни персонажҳои асарро мушаххас мегардонанд.

Калидвожаҳо: воҳидҳи фразеологӣ, маънои баҳодиҳӣ, баҳодиҳии мусбат, асарҳои Ӯ. Кухзод.

ВЫРАЖЕНИЕ ПОЛОЖИТЕЛЬНЫХ ОЦЕНОЧНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ТВОРЧЕСТВЕ У. КУХЗОДА

В статье обсуждается значение положительной оценки в ФЕ. Фразеологические единицы - это специфические знаки, в семантике которых помещается эмоциональное отношение и оценка говорящего к указанному объекту действительности. Характер оценки определяется ее качественным содержанием, которое отражается в системе конкретных значений, существующих в масштабе существования отдельных предметов и явлений. По своей социолингвистической природе оценка, существующая в значениях фразеологизмов, является ключевым элементом коннотативного значения фразеологизмов. Когнитивное по своей природе оценочное значение обладает интерпретационным характером. Его следует понимать как информацию, содержащую сведения о ценностном отношении субъекта речи к определенному свойству обозначаемого, выделенному относительно того или иного аспекта рассмотрения некоторого объекта. Ценность оценки носит познавательный и интерпретирующий характер. В произведениях У. Кухзод, большинство ФЕ, имеют оценочную значению, особенно положительной, которой проясняет как собственные отношения автора к персонажам, так и отношения между персонажами в произведении.

Ключевые слова: фразеологизм, оценочное значение, положительная оценка, произведения У. Кухзод.

THE EXPRESSION OF THE POSITIVE EVALUATION OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE WORK OF U. KUHZOD

The article discusses the value of a positive assessment in phraseologies. Frame logical units are specific signs, in the semantics of which is placed an emotional attitude and assessment of the speaker to the specified object of reality. The nature of the assessment is determined by its qualitative content, which is reflected in the system of specific values that exist on the existence of individual items and phenomena.By its sociolinguistic nature, the estimate that exists in the values of phraseologies is a key element of the connotative value of phraseologies. Cognitive in nature,

the estimated value has an interpretational nature. It should be understood as information containing information about the value of a subject of speech to a certain property of the designated, dedicated relative to one or another aspect of the consideration of some object. The valuation of the assessment is cognitive and interpreting. In U. Kuhzod`s work, the majority of phraseologies, have an estimated value, especially positive, which clarifies both the author's own relationships to the characters and the relationship between the characters in the work.
Keywords: phraseologism, assessment value, positive assessment, works of U. Kuhzods.

Сведения об авторе: ***Зухурова Дилрабо Ильхомжоновна,*** - Таджикский национальный университет, магистрант филологических наук,. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17 Телефон.: 992915053046; (992) 553551105.

Information about the author: ***Zuhurova Dilrabo Ilkhomzhonovna***- Tajik National University, graduate student of Philological Sciences, **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Tel.: 992915053046; (992) 553551105.

ИНЪИКОСИ МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТӢ ВА ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР СОМОНАИ АРАБИИ “БИ-БИ-СИ”

Исмоилова С.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воситаҳои ахбори омма ВАО- василаҳои паҳнкунии ахбор барои омма нашрияи даврии чопӣ, радио, телевизион, видео, аудио, кинохроника, оҷонсии иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ; воситаҳои ахбори омма (матбуот, радио, телевизион ҳамчунин сомонаҳои интернетӣ)-ро дар бар мегирад, ки фаъолияти рӯзноманигорон тавассути онҳо амалӣ мегардад. ВАО вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад: иттилоотӣ, таълиму тарбиявӣ, танқид ва назорат, тарзи иҷрои хоҳишҳои иҷтимоӣ, сафарбаркунӣ яъне, ташвиқ ба амали муайяни сиёсӣ. ВАО имкони бузурги таъсир ба ақлу эҳсоси одамон ва рафтори сиёсиро дорад. Дастрасӣ ба ВАО шароити муҳимест дар ташаккули рақобат ва таъмини демократия дар ҷомеа. Васоити ахбори омма чун як рукни муҳими ҷомеаи демократӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат нақши муҳим дошта, дар замони тасарруфу таҳоҷуми фарҳангӣ, рақобати иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои ватану миллат новобаста аз мансубияташон ба ҳизбу созмонҳо, шахсони ҷудогона дар тарбияи мардум ва рӯҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандӯстиву ормонҳои миллӣ саҳми арзанда мегузорад. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии баёну матбуотро кафолат дода, фаъолияти мунтазаму муназзами васоити ахбори оммаи кишвар дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма”, “Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ”, “Дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои марбут ба он”, “Дар бораи табъу нашр” заминаи устувори ҳуқуқӣ эҳё кардааст. Васоити ахбори оммаи Тоҷикистон мавқеи худро дар сиёсат мустаҳкам ва назаррас намудааст ва дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ҳиссагузор буда, ҳар як рӯйдодҳои сиёсӣ ва иҷтиморо бояд воқеӣ ва ҳаққонӣ инъикос намояд. Сиёсати имрӯзаи Тоҷикистон нисбати матбуот ба он равона карда шудааст, ки васоити ахбори омма проблемаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро бо риоя намудани қонуну одоби рӯзноманигорӣ баррасӣ намояд, зеро расонаҳои хабарӣ дар кушодани чигилҳо, муаммоҳо, оштинопазирии норасогиҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, қонуншиканӣ, бюрократӣ ва ғайра масъуланд. Кишварҳои ҷаҳон дар тарғиби сиёсати дохиливу хориҷӣ аз имкониятҳои ВАО васеъ истифода мебаранд. Новобаста аз сохти давлат ва режимҳои гуногун ВАО пуртаъсиртарин восита барои таҳкими қудрат ва пешрафт боқӣ мемонад. Ҳеч кас наметавонад ҷойгоҳи ВАО-ро дар ҷаҳони муосир нодида бигирад. Махсусан, дар замони муосир, ки муборизаҳои сиёсӣ ва геополитикӣ ба авҷи аъло расидаву раванди ҷаҳонишавӣ ва «ҷанги иттилоотӣ» бо суръат инкишоф меёбад, нақши ВАО хеле муассир гаштааст. Профессор Ҷ. Муқимов дуруст қайд намудааст, ки «Имрӯз бе манфиат дар ВАО қариб чизе ба нашр намерасад» [11 саҳ 35].

Ин аст, ки давлатҳои абарқудрат барои амалӣ сохтани ҳадафҳои сиёсиву геополитикиашон аз ҳама имкониятҳои ВАО ба хубӣ истифода мебаранд. Бешубҳа имрӯз ҳар кишваре, ки дар ҷаҳон мехоҳад қудратнамоӣ кунад, он бояд бештари иттилоотро дар

даст дошта бошад ва барои таҳияву пахши он аз техникаву воситаи муосир истифода намояд. Бояд тазаккур дод, ки нақши муҳимро дар ин муборизаҳо сомонаҳои интернетии ВАО мебозанд. Дар ҷаҳони имрӯза сухани онҳо метавонад ҳам «сӯзанда» бошаду ҳам «созанда». Воқеият яке аз асосҳои фаъолияти журналистӣ буда, нашри иттилооти воқеиро тавассути ВАО дарбар мегирад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии журналистон ва ВАО нашри маълумоти воқеӣ ва беғаразона мебошад. Муттаассифона, ВАО – и имрӯза ба олоти ташвиқоти сиёсат ё рекламаи тиҷорат табдил ёфта, на ҳамеша вазифаи асосии худро иҷро мекунад (2, 267).

«Би-Би-Си»" калима англисӣ буда, ширкати пахши телевизионии Британиё- "Broadcasting Corporation" – созмони умумиҷаҳонии пахши оммавии Британиё буда, муассисонаш Ҷон Рейс ва Ҷорҷ Виллиерс мебошанд. Дар Kingdom (Шоҳигарии Муттаҳидаи Лондон) ҷойгир аст. Шумораи кормандонаш 20591 нафар аст (соли 2015).1-уми январи соли 1927 «Би-Би-Си» миллӣ кунонида шуд. 9-уми марти соли 1930 «Би-Би-Си» радиои «Би-Би-Си»-ро дар мавҷҳои дароз пахш кард. Дар дохили Британияи Кабир ««Би-Би-Си»» дорои беш аз 20 шабакаҳои телевизионии гуногун мебошад. Фаъолияти ҷаҳонии ««Би-Би-Си»» (собиқ хидамати Императорӣ) аз соли 1932 оғоз ёфт. Ҳоло он бо 28 забон аз ҷумла, англисӣ, арабӣ ва ғайра ахбор пахш мекунад. Шумораи умумии шунавандагони шуъбаи Фаъолияти умумиҷаҳнӣ аз 150 млн нафар зиёд аст. Қароргоҳи Хидмати ҷаҳонӣ Буш- хаус мебошад, ки номи худро аз созандаи Ирвинги худ Буш , соҳиби ширкати амрикоии Bush Terminal ва яке аз хешовандони собиқ президенти Амрико Ҷорҷ Буш, гирифтааст.Чун дигар радиостанияҳои амрикоӣ "Голос Америки", "Свобода" ва "Свободная Европа", ««Би-Би-Си»» дар партави ба охир расидани Ҷанги САРД, пош хурдани ССР ва инчунин дар робита ба муборизо бо тероризми байналмиллалӣ, афзалиятҳои пахши худро тағйир дод. Хидмати ҷаҳонии ««Би-Би-Си»» аз соли 2007 барномаҳои радиоии худро бо 10 забон қатъ кард. Маблағи сарфакардашуда барои сохтмони канали нави телевизионӣ бо забони арабӣ сарф карда мешуд. Канали телевизионии арабӣ аввалин телесервиси байналмиллалии ««Би-Би-Си»» ба забони англисӣ ба ҳисоб мерафт, пахши хабарҳояшро соли 2008 шурӯъ кард ва соли 2009 пахши маводҳои он шабонарӯзӣ гардид. Муфлисшавии соли 2006 асосан ба нашрияҳои радиоҳое, ки дар маркази давлатҳои Аврупо пахш мешуданд, таъсир кард. Мувофиқи нақша бояд фаъолияти барномаҳои радиоии Булғория, Венгрия, Юнон, Полша, Словакия, Словения, Хорватия ва Чехия баста мешуд. Ғайр аз ин, пахши барномаҳои қазоқӣ ва таиландиро низ дар назар доштанд. Инчунин дар нақша доштанд, ки пахши барномаҳои радиоиро дар Бразилия(сайти фаъолияти бразилягии ««Би-Би-Си»» маҳфуз нигоҳ дошта шудааст) ва пахши интернетиро дар Ҳинд қатъ намоянд. Дар нақша доштанд, ки ҳамаи ин табодулотро моҳи марти соли 2006 амалӣ гардонанд. Вазифаи ««Би-Би-Си»» ҳар рӯз мундариҷаи дараҷаи ҷаҳонӣ эҷод кардан аст. Мундариҷае, ки миллионҳо нафарро дар Британияи Кабир ва тамоми ҷаҳон бо иттилоот таъмин карда, таълим медиҳад ва саргарм мекунад. Шабакаи ««Би-Би-Си»»ии арабӣ барои интиқоли ахбор ва иттилоот дар олами араб тавассути васоити ахбори гуногун, аз ҷумла радио, телевизион,компютер ва ҳама гуна телефонҳои мобилӣ мебошад. ««Би-Би-Си»»и арабӣ яке аз бузургтарин ва қадимтарин хадамоти иттилоотӣ буда, пас аз ба кор андохтанаш аз 3-юми январи соли 1938 ба рушди худ идома дод, то он даме ки муарифгари ахбори ҷаҳон гашт. Ҳадафи он васеъ намудани рӯзномаи ахбор барои ҷомеаи минтақа ва иштироккунандагон ва шунавандагони барномаҳои худ мебошад.Телевизиони арабии ««Би-Би-Си»» (ба англисӣ: BBC Arabic TV). Номи як шабакаи иттилоотии хабарӣ аз бунёди ««Би-Би-Си»» аст. Ин шабака кори худро дар соати 09:58 ба вақти гринвич, рӯзи 11-уми марти соли 2008-и мелодӣ оғоз кард. Лоиҳаи он соли 2005 эълон шуда буд ва қарор буд кори худро моҳи ноябри соли 2007 оғоз кунад, аммо ба таъхир афтод. Ин шабака яке аз аъзои сервиси ҷаҳонии ««Би-Би-Си»» аст. Бештари кормандони ин телевизион аъзои собиқ ва касоне буданд, ки барои телевизиони Ал-ҷазира кор мекарданд. Макони пахшаш Британиё буда, дар тамоми ҷаҳон иттилоот пахш мекуад. Формати тасвираш HDTV, 1080i буда, моликаш ширкати ««Би-Би-Си»» (BBC) аст. Қароргоҳаш Британияи Кабир, Лондон, Broadcasting House мебошад. Сайти интернетиаш : www.bbc.co.uk/arabic аст. Шуъбаи арабии «Би-Би-Си» барои ҷалб кардани шунавандагон ва бинандагони барномаҳои худ интерактивӣ, рӯҳбаландкунандаи мубоҳиса ва диологи

амиқ лар бисёр масъалаҳо мебошад. Тозатарин хабарҳои ««Би-Би-Си»» акнун тавассути радио ва телевизион дар телефонҳои мобилӣ, ноутбукҳо ва дигар таҷҳизотҳо ба воситаи замимаҳо ба ҳама дастрас мебошанд. Корҳои Шарқи Наздики ««Би-Би-Си»» тавассути шабакаи васеи мухбирон, рӯзноманигорон ва мутахассисони кор бо кишварҳои араб амалӣ мегардад. Гарчанде ки истеҳсоли нармафзорҳо дар студияҳои Лондон ва Каир амалӣ мешаванд, ««Би-Би-Си»» онро дар ҷойҳои муҳимтарини минтақа ва дар пойтахтҳои муҳимтарини ҷаҳон баррасӣ намекунад. Дар ҳоле ки фарогирии хабарҳо дар бораи олами араб ҳанӯз ҳам муҳим аст, ««Би-Би-Си»» нигоҳи ҷаҳонии худро ба шунавандагон ва бинандагони васеъ дар ҳама ҷо интиқол медиҳад. Миллионҳо муштариён дар ҷустуҷӯи рӯйдодҳои навтарин ва иттилооти зарурӣ ба вебсайти ««Би-Би-Си»» тавассути почтаи электронӣ ворид мешаванд. Ин аз эътимоди ӯ дар сайти ««Би-Би-Си»» дар байни муштариёнаш ба даст омадааст. Агар онҳо дар замони бӯҳрон аз манбае, ки ба гирифтани хабар ва иттилооти муфид боварӣ доранд, ҷустуҷӯ кунанд, ҳатто агар онҳо бетарафии ӯро дар инъикоси рӯйдодҳои муҳим зери шубҳа гузоранд ҳам, ба сайти ««Би-Би-Си»» барои гирифтани он мераванд. Инчунин, он шумораи тамошобинон ва шунавандагонро, ки бо фарогирии телевизион ва радиои ««Би-Би-Си»» аз ин хидматҳо баҳра мебаранд, инъикос мекунад. Аудиторияи қисми хизматрасонии арабӣ даҳҳо миллион нафар одамоне мебошанд, ки хидматҳои мултимедиявии аз ҷониби ««Би-Би-Си»» пешниҳодшударо истифода бурда, пайгирӣ мекунанд ва онҳоро дар саросари ҷаҳон меҷӯянд. Ҳангоми омӯзиши маводҳои сомонаи арабии «Би-Би-Си» мушоҳида шуд, ки аз тамоми воқеаҳову ҳодисаҳои муҳими Тоҷикистон пайгирӣ менамояд, аммо дар ин мавод танҳо хабарҳое, ки дар бораи муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар солҳои 2019 ва 2020 оварда шудааст, баррасӣ намудем. Дар ин муддат дар Тоҷикистон ҳодисаву воқеаҳои гуногуни хуб ва манфӣ зиёд рух доданд, ки ҳамаи ин аз мадди назари сомонаҳои хориҷӣ, аз ҷумла сомонаи арабии “«Би-Би-Си»” дур намонданд.

Рӯзи 07.11.2019 сомонаи арабии ««Би-Би-Си»» дар бораи мулоқоти Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид бо Директори генералии Бунёди Халифа бин Зайд ҷаноби Муҳаммад Ҳоҷӣ ал-Хурӣ, ки рӯзи 5-уми ноябри соли 2019 анҷом шуда буд, хабаре бо номи “Мулоқот бо Директори генералии Бунёди Халифа бин Зайд” нашр кард. Дар хабар дар бораи ҷараёни мулоқот ва масоили ҳамкории Тоҷикистон ва АМА дар соҳаи гуманитарӣ, пешгирии офатҳои табиӣ, инчунин таҳкими онҳо тавассути ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва инфрасохтори ёрирасон зикр шудааст.

Мулоқоти расмии дигаре, ки рӯзи 29-уми сентябри соли 2019 Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Амороти Муттаҳидаи Араб Баҳодур Шарифӣ ва Консули генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Дубай Илҳом Абдураҳмон бо Директори генералии мақомоти ваколатдори АМА оид ба стандартизатсия ва метрология, Абдуллоҳ Абдулқодир ал-Майни анҷом доданд, аз мадди назари сомонаи арабии ««Би-Би-Си»» дур намонд ва рӯзи 10.02.2019 хабаре бо сарлавҳаи “Мулоқот бо ДИРЕКТОРИ ESMA” чоп кард. Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои роҳандозӣ ва таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба байни мақомоти ваколатдори ду кишвар ва таҳкими заминаи ҳуқуқии ҳамкорӣ дар соҳаи стандартизатсия ва метрология баррасӣ шуданд.

Дар доираи як соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бо ибтикори Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Амороти Муттаҳидаи Араб ва Машварати генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Дубай, дар якҷоягӣ бо маркази Atelier Lantana, рӯзҳои 25-28-уми августи соли 2019 дар бинои Ассотсиатсияи илм ва фарҳанги Дубай ва ҳунарҳои мардумӣ Намоишгоҳи санъати тоҷик баргузор гардид, ки дар он сокинон ва меҳмонони Дубай, намояндагони корпусҳои дипломатӣ, чеҳраҳои фарҳангии мардуми АМА ширкат доштанд. Доир ба ин рӯйдоди муҳим сомонаи арабии ««Би-Би-Си»» хабаре бо номи “Намоишгоҳи санъат ва ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон дар Дубай” рӯзи 27.08.2019 15:24 чоп кард ва гуфта мешавад, ки дар намоишгоҳ асарҳои рассомони тоҷик, маҳсулоти сангӣ, кундал, чакан, сӯзанӣ ва дигар асарҳои устодон ва косибони Тоҷикистон ба намоиш гузошта шуданд.

Рӯзи 5-уми ноябри соли 2019 мулоқоти Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид бо Муовини Сарвазир, Вазири корҳои Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб Шайх Мансур бин Зоид ал-Наҳён баргузор гардид. Дар ин бора сомонаи арабии ««Би-Би-Си»» рӯзи 07.11.2019 11:49 бо сарлавҳаи “Мулоқот бо Шайх Мансур бин Зайд Ал Наҳён” хабар нашр кардааст. Дар ҷараёни мулоқот маҷмӯи васеи масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ, гуманитарӣ, инчунин масъалаҳои соҳаи илм ва маориф, ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои дар боло зикршуда, ва таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд баррасӣ шуданд.

Рӯзи 21/11/2019 08:50 аз тарафи сомонаи арабии БиБСи хабаре бо сарлавҳаи “Мулоқот бо Директори генералии Департаменти сайёҳӣ ва маркетинги тиҷоратии Дубай” чоп кард, ки чунин шарҳ дода шудааст:19-уми ноябри соли 2019 Консули генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳом Абдураҳмон бо Директори генералии Департаменти туризм ва маркетинги тиҷории Дубай Ҳилол Саид ал-Маррӣ мулоқот кард. Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои рушди ҳамкориҳои дуҷонибаро дар соҳаи туризм ва сармоягузорӣ баррасӣ карданд. Ҷонибҳо омодагии худро барои таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни ду кишвар иброз доштанд.

Рӯйдоди муҳими дигаре, ки сомонаи мазкур таваҷҷӯҳ кардааст, ин иштироки Тоҷикистон дар намоишгоҳи байналмилалии фарҳангӣ дар Абу-Дабӣ мебошад ва бо чунин унвон “Иштироки Тоҷикистон дар Намоишгоҳи байналмилалии фарҳангӣ” рӯзи 18/11/2019 15:41 хабар нашр кардааст.Дар хабар гуфта мешавад, ки Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Абу-Даби ва Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Дубай бо дастгирии шаҳрвандони фаъоли Тоҷикистон дар Намоишгоҳи Байналмилалии Ваҳдат, ки бахшида ба Соли таҳаммулпазирӣ доир гардида буд, ширкат варзиданд.

Дар намоишгоҳ ҳунарҳои мардумии тоҷикон, маҳсулоти сангӣ, кундал, чакан ва дигар асарҳои устодон ва косибони Тоҷикистон ба намоиш гузошта шуданд. Дар доираи ин чорабинӣ маросими шинондани дарахтҳо низ баргузор гардид, ки дар он аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду дарахти таҳаммулпазирӣ шинонда шуд.

Таҷлили Рӯзи Конституцсия дар Абу-Даби

11.11.2019 17:21

Бо ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Абу-Даби ва Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Дубай, 7-уми ноябри соли 2019 дар яке аз меҳмонхонаҳои Дубай ба муносибати 25-умин солгарди Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими тантанавӣ баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ ҳамватанони АМА ва дигар шахсони расмӣ ширкат варзиданд. Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар АМА Баҳодур Шарифӣ ва Консули генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Дубай Илҳом Абдураҳмон меҳмононро хайрамақдам гуфта, дар суханрониҳои худ қайд карданд, ки қабули ин санади муҳими сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои ташаккули давлати мустақили мо ва дар раванди таҳкими ҳокимияти давлатӣ нақши назаррас дошт ...

Мулоқот бо Вазири давлатии АМА

11/07/2019 11:52

5-уми ноябри соли 2019 Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид бо Вазири давлатии АМА, Директори генералии Ширкати миллии нафти Абу-Даби (ADNOC) доктор Султон Аҳмад ал-Ҷобир мулоқот кард. Дар ҷараёни мулоқот маҷмӯи васеи масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи рушди энергетика, инчунин таҳкими ҳамкорӣ дар самти ҷалби сармоягузорӣ дар самтҳои муҳими ҳамкорӣ баррасӣ шуданд.

Мулоқот бо Вазири тағйирёбии иқлим ва муҳити зисти АМА

18.02.2020 15:50

17-уми феврали соли 2020 Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Амороти Муттаҳидаи Араб Баҳодур Шарифӣ бо Вазири тағйирёбии иқлим ва муҳити зисти Аморати Муттаҳидаи Араб Тани бин Аҳмад ал-Зиудӣ мулоқот кард.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои таҳвияти ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи тағирёбии иқлим, муҳити зист, кишоварзӣ, иқтисодиёт ва ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ баррасӣ шуданд.

Мулоқот бо Директори генералии Бунёди Зайд
02.02.2020 15:41

11-уми феврали соли 2020 Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Аморoти Муттаҳидаи Араб Баҳодур Шарифӣ бо Директори генералии Фонди хайрия ва башардӯстонаи Зайд бин Султон ан-Наҳайян Ҳамад Салим ал-Амери мулоқот кард. Дар ҷараёни мулоқот масоили вобаста ба таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои илм, маориф ва тандурустӣ, воситаҳои тавсеаи ҳамкорӣ, инчунин татбиқи лоиҳаҳои сохтмон ва таҷдиди инфрасохтори зарурӣ дар ин самт баррасӣ шуданд.

Мулоқот бо Вазири энергетика ва саноати АМА
02/05/2020 15:02

4-уми феврали соли 2020 Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Аморoти Муттаҳидаи Араб Баҳодур Шарифӣ бо Вазири энергетика ва саноати АМА Суҳайл ал-Мазруи мулоқот кард. Дар ҷараёни мулоқот маҷмӯи васеи масъалаҳои марбут ба таҳкими муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ ва авиатсия, инчунин воситаҳои тавсеаи муносибатҳо баррасӣ шуданд. Созишномаҳои бадастомада дар ҷараёни мулоқоти сатҳи олӣ, ки 5-уми ноябри соли 2019 дар Абу-Даби баргузор гардид, низ муҳокима шуданд.

Мулоқот бо директори ESMA
10.02.2020 17:36

9-уми феврали соли 2020 мулоқоти Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Аморoти Муттаҳидаи Араб Баҳодур Шарифӣ бо Директори генералии Агентии стандартизатсия ва метрология (ESMA)-и АМА Абдуллоҳ Абдулқадир ал-Майни баргузор гардид. Дар ҷараёни мулоқот, доираи васеи масъалаҳои марбут ба фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи стандартизатсия, метрология ва сертификатсия, инчунин имконияти табодули иттилоот дар байни идораҳои марбутаи ду кишвар дар робита ба талаботи техникӣ ва меъёрӣ барои воридоти молҳо ба АМА ва бозорҳои Халиҷ муҳокима карда шуданд.

АДАБИЁТ

1. Илмӣ

1. Брусницын Н. Информационная война и безопасность.- М.: Вита-Пресс, 2001.- 280 с.
2. Давлятов З. К. Тоҷикистон ва Шоҳигариҳои арабӣ: ҳамкорӣ ва дурнамо (таҷрибаи таҳлили иҷтимоию сиёсӣ). – Душанбе: Дониш, 2018,- 231 саҳ.
3. Қаландаров С. Д. Инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон аз нигоҳи сомонаҳои “ Ал- Ҷазира” ва “Би-Би-Си”. Паёми ДМТ 4/5 (209). Душанбе: Сино, 2016. с. 248-252.
4. Муқим Ҷ. Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз / Ҷ. Муқим- Душанбе: Деваштич, 2006. -144 с.
5. Муқим Ҷ. Таъсири бӯҳрони молиявӣ ба рушди матбуоти электронӣ дар ИМА / Ҷ. Муқим- //www.jovidmugimwordpress. com
6. Орлов В. В. Глобальные телесети новостей на информационном рынке / В. В. Орлов – М:- РИП- холдинг, 2003. – 101стр.
7. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. Душанбе: Ирфон, 2011.- 320с.
8. Сухова Е. Ф. Влияние правительства на деятелность арабских СМИ. Вестник Нижегородский университета им. Н.И. Лобачевского. № 1, 2008. Стр. 190-193.
9. Усмонов И. ВАО ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон / И. Усмонов. – Душанбе: Сино, 2003.- 64с.
10. Хоҷазод С. Нақши ВАО-и электронӣ дар ташаккули афкори ҷомеа / С. Хоҷазод – Душанбе: Сино, 2015. Паёми ДМТ, 4/3 (137), с. 254-256.
11. Ҷовид Муқим. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ.- Душанбе: Деваштич, 2006. – 71 саҳ.
12. Ҷовид Муқим. Проблемаҳои журналистикаи муосир. Журналистикаи байналхалқӣ IV // Маҷмӯаи мақолаҳо / Муқим Ҷовид. – Душанбе, 2012. – 135 с.

2. Манбаъҳо

1. http://www.bbc.com/arabic

Луғатҳо:

1. Баранов Х. К. Арабского-русский словарь. Москва: Русский язык, 1997.-994 стр.
2. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ- тоҷикӣ.- Душанбе: Эр- граф, 2010.-1564 саҳ.

ИНЪИКОСИ МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТӢ ВА ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР СОМОНАИ АРАБИИ “БИ-БИ-СИ”

Дар мақолаи мазкур дар бораи муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ ва инъикоси он дар сомонаи арабии BBC маълумот дода шудааст. Муаллиф дар бораи аҳамияти васоити ахбори омма ва мавқеи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар бораи таърихи пайдоиши

сомонаи арабии BBC маълумот овардааст. Муаллиф қайд мекунад, ки шуъбаи арабии BBC тозатарин хабарҳоро тавассути радио ва телевизион пахш мекунад. Дар охир муаллиф якчанд хабарҳои муҳими солҳои 2019-2020-ро аз сомонаи BBC тарҷума карда, пешкаши хонандагон кардааст.

ОТРАЖЕНИЕ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ И СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА С АРАБСКИМИ СТРАНАМИ НА АРАБСКОМ САЙТЕ BBC

В статье рассматриваются дипломатические отношения и сотрудничество Республики Таджикистан с арабскими странами и их освещение на арсбком сайте BBC. Автор предоставляет информацию о роли СМИ в Республики Таджикистан, а также об истории создания арабского сайта BBC. Также отмечается, что арабский сектор BBC освещает последние новости по радио и телевидению. В конце автором переведены несколько важных новостей за 2019-2020 годы с сайта BBC.

DIPLOMATIC RELATIONS AND COOPERATION OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH ARABIC COUNTRIES ON THE ARABIC WEBSITE BBC

What this article deal with is the diplomatic relations and cooperation of Tajikistan with Arabic countries on the Arab website BBC. Author provides information on importance of media, its status in the Republic of Tajikistan and the history of Arabic website BBC. The author notes that the Arab sector of BBC broadcasts the latest news on radio and television. The author translated important news of 2019-2020 years from this website and provides them to the readers.

Сведения об авторе: ***Исмоилова С*** - Таджикский национальный университет, магистр,

Information about the author: ***Ismoilova S*** – graduated student of Tajik National University

ЗЕБОИШИНОСИИ АВЗОНИ ҒАЗАЛИЁТИ ХОҶУИ КИРМОНӢ

Калемуллоева Муҳтарам
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти классикии форсу тоҷик шоирони соҳибсабк хеле зиёданд, ки ҳар кадоме мувофиқи табъу тавоноии худ дар жанри писандидаашон эҷод намудаанд. Аммо ғазал миёни ҳамаи жанрҳои дигар, монанди қасида, маснавӣ, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа ва ғайра аз маъруфияти хоссе бархурдор аст. Метавон гуфт, дар тӯли мавҷудияти шеъру шоирӣ ба забони порсии дарӣ ва то кунун дар адабиёти мо ғазал жанри маҳбубтарин ба ҳисоб меравад. Дар ин навъи адабӣ шоирони зиёде табъозмоӣ кардаанд, ки дар ин миён Саъдии Шерозӣ ва Ҳофизи Шерозӣ ба унвони беҳтаринҳо ёд карда мешаванд. Шоирони зиёди дигаре низ ҳастанд, ки бо камоли ҳунармандӣ ғазалсароӣ кардаанд ва яке аз онҳо Хоҷуи Кирмонӣ мебошад, ки дар охири асри XIII ва аввали асри XIV зиндагӣ ва фаъолият намудааст. Ин шоир дар сарчашмаҳо ба унвони «нахлбанди шуаро» ёд мешавад. Эҷодиёти Хоҷуи Кирмонӣ гуногунпаҳлӯ буда, вай ҳам ба назм ва ҳам ба наср осори зиёде таълиф намудааст, ки дорои аҳамияти калони илмию адабӣ ҳастанд. Аммо қудрати аслии шоирии вай дар ғазал аст, яъне ӯ, пеш аз ҳама, шоири ғазалсаро буда, ин кори худро ба камоли устодӣ анҷом додааст. Аз ин рӯ, ӯро метавон дар радифи машҳуртарин ғазалсароёне ном бурд, ки ба ин жанри лирикӣ иноятн зиёд зоҳир кардаанд. Теъдоди ғазал дар таркиби девони шоир ба 932 баробар аст. Чи гунае ки Баҳром Сирус мегӯяд: “Аҳамияти шеър дар ҳаёти мо, пеш аз ҳама, дар он аст, ки агар наср ба маонии калимот ба шунавандагон таъсир кунад, шеър бо сабаби либоси санъат пӯшонидани шоир ба калимоти маънидор таъсири мазкурро беш аз пеш зиёдтар мекунад ва аз ҳамин ҷиҳат барои ба ҳадаф беҳтар расидани афкори шоир хидмати бузургеро анҷом медиҳад” [4, с. 5]. Агар аз ҳамин дидгоҳ ба шеъри шоир муроҷиат кунем, маълум мешавад, ки ғазалҳои Хоҷу хеле моҳирона ва бо камоли ҳунар эҷод шудаанд. Шоир дар сурудани онҳо аз аносири шеърӣ бо беҳтарин навъи мумкин истифода намудааст. Аз ҳар ҷиҳате, ки ғазалҳои ӯро баррасӣ намоӣ, осори ин ҳунар дида мешавад. Масалан, ҳангоми таҳқиқи самти арӯзии ғазалҳои шоир мо шоҳиди он мешавем, ки Хоҷуи Кирмонӣ дар баробари суханпардози олӣ буданаш, инчунин, арӯздони хуб ҳам будааст. Шоир тамоми нозукиҳои ин унсури шеърро риоя намуда, аз имконияти он ҳамчун василае барои дилчаспу рӯҳнавоз гардидани ашъораш истифода кардааст. Дар мақолаи мазкур мо перомуни мабоҳиси алоқаманд ба зебоишинохтии авзони ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ баррасӣ ва таҳқиқ кардем. Ковишҳои мо атрофи басомади авзон, ихтиёроти

шоирӣ, зубаҳрайн, авзони даврӣ мутамарказ мешавад, ки аз баҳсҳои асосии илми арӯз шинохта мешаванд. Аз натиҷаи мутолиаи арӯзии ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ аён гашт, ки шоир қисми бештари ғазалити хешро дар авзони гуногуни баҳрҳои аслӣ эҷод намудааст, ки дар ин миён баҳри рамал ва зиҳофҳои он бештар мавриди истеъмоли шоир қарор гирифтаанд.

Баҳрҳои аслӣ. Ҳамон гунае ки дар боло арз намудем, Хоҷуи Кирмонӣ шоири ғазалсаро буда, дар офариниши ғазал бисёр сермаҳсул мебошад. Дар таркиби ғазалиёташ 932 ғазал ҷой гирифтааст, ки ҷамъи миқдори абёти он ба 8849 баробар аст. Мо ҳангоми баррасии натиҷаи мутолиоти арӯзии ғазалиёташ ба вазнҳои зерин дучор шудем, ки онҳоро вобаста ба дараҷаи истеъмолашон гуруҳбандӣ намудаем:

Баҳри рамал – 9 вазн:

1. Рамали мусаммани маҳзуф ё мақсур:– v - - / - v - - / - v - - / - v - (- v ~) фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун (фоъилон) 124 ғазал.

Намуна:

Соқиё вақти сабӯҳ омад, биёр он ҷомро,
Майпарастонем, дардеҳ бодаи гулфомро.

Ё:

Ҳеҷ медонӣ, чаро ашкам зи чашм афтодааст,
З-он ки пеши ҳар касе рози дилам бикшодааст.

2. Рамали мусаммани махбуни маҳзуф: vv--/vv--/vv--/vv- фаъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаъилун – 82 ғазал.

Намуна:

Он замон, к-аз мани дилсӯхта осор набуд,
Ба ҷуз аз варзиши ишқат маро кор набуд.

3. Рамали мусаммани махбуни мақсур: v v - - / v v - - / v v - - / v v ~ фаъилотун / фаъилотун / фаъилотун /фаъилон-78 ғазал.

Намуна:

Дар ҷаҳон қиссаи ишқи ту нашуд фош ҳанӯз,
Ту дили халқи ҷаҳон сайд кунӣ, бош ҳанӯз.

4. Рамали мусаммани махбуни аслам: v v - - / v v - - / v v - - / - - фаъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаълун – 26 ғазал

Намуна:

Гарчи тангаст дилам чун даҳани хандонаш,
Дил фарохаст дар он сунбули саргардонаш.

5. Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ: v v - - / v v - - / v v - - / - ~ фаъилотун /фаъилотун / фаъилотун /фаълон – 19 ғазал.

Намуна:

Рӯзи айшу тарабу иду сиёмаст имрӯз,
Коми дил ҳосилу айём ба ком аст имрӯз.

6. Рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур: - v - - / - v - - / - v - (- v ~) фоъилотун / фоъилотун / фоъилун ё фоъилон – 22 ғазал.

Намуна:

Дил ба дасти ёру ғам дар дил бимонд,
Хорам андар пою по дар гил бимонд.

Ё:

Шамъро бингар, ки бо селоби ашк
Ҳар шабам то рӯз бар болин бисӯхт.

7. Рамали мусаммани солим: -v--/-v--/-v--/-v—фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун – 10 ғазал.

Умуман, шоир дар вазнҳои мазкури баҳри рамал дар маҷмӯъ 376 ғазал сурудааст.

Баҳри ҳазаҷ – 5 вазн:

1. Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (мақсур): - - v / v - - v / v - - v / v - - (v - ~) мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / фаъӯлун ё фаъӯлон – 94 ғазал.

Намуна:

Гар роҳ бувад бар сари кӯи ту саборо,
Дар бандагият арза кунад қиссаи моро.

2. Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур: v - - - / v - - - / v - - (v - ~) мафоъӣлун / мафоъӣлун / фаъӯлун ё фаъӯлон – 57 ғазал.

Намуна:

Бигӯед, эй рафиқон, сорбонро,
Ки имшаб боз дорад корвонро.

Ё:

Зиҳӣ зулфат гираҳгире пур аз банд,
Лаби лаълат намакдоне пур аз қанд.

3. Ҳазаҷи мусаммани солим: v - - - / v - - - / v - - - / v - - - мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун – 23 ғазал.

Намуна:

Чӣ бод аст ин ки меояд, ки бӯйи ёри мо дорад?
Сабо дар ҷайб гӯйи нофаи мушки хито дорад!

4. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф (мақсур): - - v / v – v - / v - - (v - ~) мафъӯлу / мафоъилун / фаъӯлун ё фаъӯлон – 18 ғазал.

Баҳри рачаз – 4 вазн:

1. Рачази мусаммани солим: - - v - / - - v - / - - v - / - - v – мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун – 16 ғазал.

Намуна:

Дар боғ чун болои ту сарве надидам, ростӣ,
Биншин, ки ошӯб аз ҷаҳон бархост, чун бархостӣ.

2. Рачази мусаммани матвии махбун: - v v - / v – v - / - v v - / v – v – муфтаъилун / мафоъилун / муфтаъилун / мафоъилун – 7 ғазал.

Намуна:

Эй шаби қадри бедилон турраи дилрабои ту,
Матлаи субҳи содиқон талъати дилкушои ту.

3. Рачази мураббаи мураффал: - - v - - / - - v - - мустафъилотун / мустафъилотун – 8 ғазал.

Намуна:

Гар мекушандам в-ар мекашандам,
Гардан ниҳодам, чун пойбандам.

Баҳри мутақориб – 2 вазн:

1. Мутақориби мусаммани солим: v - - / v - - / v - - / v - - фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун – 12 ғазал.

Намуна:

Дилам дида аз дӯстон барнагирад,
Ки булбул дил аз бӯстон барнагирад.

2. Мутақориби мусаммани маҳзуф: v - - / v - - / v - - / v - фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун / фаъал – 13 ғазал.

Намуна:

Саломе ба ҷонон фиристодаам,
Ба ороми дил ҷон фиристодаам.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи мутолиаи арӯзии мо маълум шуд, ки Хоҷуи Кирмонӣ дар баҳрҳои рамал, ҳазаҷ, рачаз ва мутақориб, ки аз ҷумлаи буҳури солим дониста мешаванд, ҷамъулҷамъ 634 ғазал сурудааст. Аз ин бармеояд, ки шоир дар гуфтани ғазал аз баҳри мутадорик, ки он ҳам ба ҷумлаи буҳури панҷгонаи солим дохил мешавад, истифода накардааст.

Баҳрҳои фаръӣ. Дар қисмати гузашта мо тамоми ғазалҳоеро, ки Хоҷуи Кирмонӣ дар баҳрҳои панҷгонаи солим эҷод намудааст, гурӯҳбандӣ намудем ва акнун бо ғазалҳое, ки дар авзони буҳури фаръӣ эҷод шудаанд, ошно мешавем ва мисли қабл онҳоро аз рӯи басомади авзон табақабандӣ менамоем. Дар раъси баҳрҳо муҷтас қарор мегирад.

Баҳри муҷтас – 2 вазн:

1. Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф: v - v - / v v - - / v - v - / v v – мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилун – 141 ғазал.

Намуна:

Агар сарам биравад дар сари вафои шумо,
Зи сар бурун наравад ҳаргизам ҳавои шумо.

2. Муҷтасси мусаммани махбун: v - v - / v v - - / v - v - / v v - - мафоъилолун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилотун – 26 ғазал.

Намуна:

Чи гуна сарви равон гӯямат, ки айни равонӣ,
На маҳз ҷавҳари рӯҳӣ, ки рӯҳи ҷавҳари ҷонӣ!

Баҳри музореъ - 2 вазн:

1. Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф: - - v / - v - v / v - - v / - v - мафъӯлу /фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилун – 90 ғазал.

Намуна:

Эй субҳи содиқон рухи зебои Мустафо
В-эй сарви ростон қади раъноии Мустафо.

2. Музореъи мусаммани ахраб: - - v / - v - - / - - v / - v - - мафъӯлу / фоъилотун / мафъӯлу / фоъилотун – 14 ғазал.

Намуна:

Дар роҳи қурбати мо раҳбон чӣ кор дорад,
Дар қурбати Масеҳо руҳбон чӣ кор дорад?

Баҳри мунсареҳ – 2 вазн:

1. Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур: - v v -/ - v – v/ - v v - / - муфтаъилун / муфтаъӣлу / муфтаъилун /фаъ – 11 ғазал.

Намуна:

Бодаи гулгун марову талъати салмо,
Шарбати Кисро турову Ҷаннати Аъло.

2. Мунсаруҳи мусаммани матвии мавқуф: - v v - / - v -/ - v v - / - v – муфтаъилун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилун – 8 ғазал.

Намуна:

Луъбати чашмам даме дур нагардад зи ашк,
З-он ки нагирад канор мардуми дарё зи об.

Баҳри сареъ – 1 вазн:

Сареъи мусаддаси матвии мавқуф: - v v - / - v v - / - v ~ муфтаъилун / муфтаъилун / фоъилон – 7 ғазал.

Намуна:

Маҷлиси мо бе ту надорад фурӯғ,
З-он ки рухат шамъи шабистони мост.

Баҳри муқтазаб – 1 вазн:

Муқтазаби мусаммани матвии мақтӯъ: - v – v /- - - / - v – v / - - - фоъилоту / мафъӯлон / фоъилоту / мафъӯлон – 1 ғазал.

Намуна:

Раҳм бар гадоён нест моҳи нимрӯзиро,
Меҳри мо-ш чандон нест моҳт нимрӯзиро.

Аз натоиҷи арқоми бадастомада бармеояд, ки Хоҷуи Кирмонӣ қисми бештари ғазалиёташро дар қолабҳои баҳрҳои аслӣ сурудааст, ки миқдорашон ба 634 ғазал мерасад. Ғазалҳои боқимондаи шоир дар авзони гуногуни баҳрҳои муҷтас, музореъ, мунсареҳ, сареъ ва муқтазаб эҷод шудаанд, ки ҷамъи онҳо 298 ғазалро ташкил медиҳад. Ҳамаи онҳо, ба ҷуз аз баҳри муқтазаб, дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ доираи истеъмоли васеъ доранд.

Ихтиёроти шоирӣ. Барои вазни аслии шеърро ёфтан дар аксар мавридҳо донистани навъи ҳиҷоҳо ва ба рукнҳо ҷудо кардан кофӣ нест, зеро на ҳама вақт вазни мавриди назари муҳаққиқ аз тақтеи рукнҳо ба даст меояд. Аз ин рӯ, ӯро донистани баъзе қоидаҳои арӯзӣ зарур мебошад, то барои ёфтани вазн мушкилӣ накашад, ки ин қавоидро ихтиёроти шоирӣ меноманд. Ихтиёроти шоирӣ, тибқи тавзеҳи Мисбоҳиддин Нарзиқул, чунин вижагиҳо

дорад: “Ихтиёроти шоирӣ гуфта тағйиротҳоеро меноманд, ки ҳар кадом ду сурати мумкин дошта, шоир ҳар кадомеро, ки истифода барад, шеър дуруст ва дар вазн халале ворид нагардад. Яъне, истеъмоли ҳар ду шакл дуруст бошад” [10, 25] Аслан дар арӯзи форсӣ-тоҷикӣ теъдоди ихтиёроти шоирӣ зиёд нест. Хоҷуи Кирмонӣ ҳам аз ихтиёроти шоирии зерин истифода кардааст, ки онҳо дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ серистеъмоланд:

1. Омадани як ҳиҷои кӯтоҳ ба ҷойи як ҳиҷои дароз, ки онро “қоидаи ишбоъ” низ мегӯянд, ба маънии “сер гардонидан, пуру бисёр”, яъне садоноки кӯтоҳро дароз талаффуз кардан:

Ёри моро гар ғаме аз ёр набвад, гӯ мабош
В-ар мани ғамхорро ғамхор набвад, гӯ мабош.
-v - - / - v - - / - v - - / - v ~
- v - - / - v - - / - v - - / - v~

Вазни ин байт фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилон аст, аммо ҳиҷои сеюми рукни аввали мисраи дуввум – “ни”, ки кӯтоҳ мебошад, дароз ҳисобида мешавад. Ин ҳолат дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ хеле зиёд ба назар мерасад.

2. Омадани як ҳиҷои дароз ба ҷойи ду ҳиҷои кӯтоҳ, ки онро арӯзиён “қоидаи табдил” ё “таскин” мегӯянд:

Маро ба новаки мижгон агар кушӣ ғам нест,
Шаҳиди теғи ғаматро зи нӯки тир чи ғам?!
v – v - / v v - - / v – v - / v v-
v – v - / v v - - / v – v - / - -

Вазни ин байт мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилун аст ва манзури мо рукни охири мисраи дуюм мебошад, ки “фаълун” (- -) омадааст, дар ҳолате ки муодили он “фаъилун” (v v -) мебошад, ки ин ҳолат дар ғазалиёти шоир нисбатан бештар ба назар мерасад.

3. Омадани фоъилотун (-v - -) ба ҷои фаъилотун (v v - -), ки ин амал танҳо дар рукни аввали мисраи якум равосту халос:

Дар ҷаҳон қиссаи ишқи ту нашуд фош ҳанӯз,
Ту дили халқи ҷаҳон сайд кунӣ, бош ҳанӯз.
- v - - / vv - - / v v - - / v v ~
V v - - / v v - - / v v - - / v v ~

Вазни байти мазкур фаъилотун / фаъилотун / фаъилотун фаъилун буда, нуқтаи мавриди назари мо рукни якуми мисраи аввал мебошад, ки “фоъилотун” (- v - -) омадааст, дар ҳолате ки муодили он дар мисраи дуюм ба сурати “ фаъилотун” (v v - -) аст ва ин ҳолат дар осори таҳқиқнамудаи мо хеле зиёд ба назар мерасад. Умуман, мо ҳангоми таҳқиқ дар ғазалҳои Хоҷуи Кирмонӣ ба ихтиёроти шоирии мазкур дучор шудем ва чи тавре ки арз намудем, шоир аз “қоидаи ишбоъ” бештар истифода намудааст.

Зубаҳрайн. Шеърҳое вуҷуд доранд, ки хусусияти аҷиб доранд, аз ҷумла ин, ки онҳоро бо ду вазн ё бештар аз он хондан мумкин аст. Дар миёни ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ, ки дар авзони хеле зиёд суруда шудаанд ғазалҳое дучор мешаванд, ки дорои чунин хусусиёт мебошанд. Онҳоро дар илми арӯз ашъори зубаҳрайн ва аз ду беш бошад, зубуҳур мегӯянд. Дар илми бадеъ чунин ҳодисаро мулавван ё муталаввин гӯянд, ки аз ҷумлаи саноеъи бадеӣ ҳисобида мешаванд. Ин лаҳза мо чанд мисолеро намуна меоварем, ки баъзеи онҳоро дар се вазн хондан мумкин аст.

1. Мардони ин қадамро бояд, ки сар набошад,
Мурғони ин чаманро бояд, ки сар набошад.
- - v / - v - - / - - v / - v - -
- - v / - v - - / - - v / - v - -

Мафъӯлу / фоъилотун / мафъӯлу / фоъилотун

Вазни ин ғазал музореъи мусаммани ахраб буда, онро боз метавон дар вазни зерин хонд: мустафъилун / фаъӯлун / мустафъилун / фаъӯлун” -мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф, ки қолаби арӯзиаш чунин аст:

(- - v -/ v - -/- - v -/ v - -)

2. Маҷлиси мо бе ту надорад фурӯғ,

З-он ки рухат шамъи шабистони мост.
- v v-/- v v -/- v~
- v v-/- v v-/- v~
муфталиъун / муфталиъун / фоъилон

Вазнаш сареъи мусаддаса матвии мавқуф буда, онро метавон бо дароз талаффуз кардани ҳиҷоҳои сеюми рукнҳои якуму дуюми мисроъ чунин хонд: фоъилотун / фоъилотун / фоъилон(- v - -/- v - -/- v~)-рамали мусаддаси мақсур.

3. Вафот беҳ бувад онро, ки дар вафои ту нест,
Ки мубтало бувад он кас, ки мубталои ту нест.
v– v-/v v - - /v – v - /v v - -
v – v -/v v - - /v – v -/v v - -
мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилотун

Вазнаш музореъи мусаммани мақбузи махбун буда, дар баҳри муҷтас низ бо чунин қолаб вуҷуд дорад ва хонда мешавад: муҷтасси мусаммани махбун. Инчунин, ғазали мазкурро метавон бо андаке тағйирот дар талаффуз, аниқтараш дароз талаффуз намудани ҳиҷоҳои сеюми рукни якуму сеюм ва ҳиҷоҳои дувуми рукни дуввуму чаҳорум, дар вазни мафоъӣлун /мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун (v - - -/v - - -/v - - -/ v - - -) – ҳазаҷи мусаммани солим низ хонд.

4. Хушо шароби муҳаббат зи соғари азалӣ
Қадаҳ ба рӯйи сабӯҳикашони ламязалӣ.

Ғазали мазкур низ дар вазни ғазали қаблӣ суруда шудааст ва хусусиёташ чунин ҳам ҳаст. Танҳо фарқаш дар рукни охираш аст, ки шикаста омадааст ва чунин хонда мешавад: мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилун (v –v -/v v - - / v – v-/v v -) – муҷтасси мусаммани маҳзуф.

5. З-ин беҳ чӣ бояд моро ки ояд
Аз хоки кӯяш боди шамоле?!
- - v - - / - -v - -
мустафъилотун / мустафъилотун

Вазни ин ғазал раҷази мураббаи мураффал буда, бидуни ҳеҷ тағйироте метавон онро дар ду вазни дигар хонд:

а) фаълун / фаъӯлун / фаълун / фаъӯлун (- - / v - - / - - / v - -) – мутақориби мусаммани аслам;

б) мустафъилун / фаъ / мустафъилун / фаъ (- - v -/-/ - - v - /-).

Чи гунае ки мо дар боби аввал мушоҳида намудем, Хоҷуи Кирмонӣ дар ҳамаи авзоне, ки мо онҳоро ба унвони авзони аслии абёт муаррифӣ намудаем, ғазал гуфтааст, ки миқдори бештари онҳо дар баҳри муҷтасси мусаммани маҳзуф гуфта шудаанд.

Ҳамин тавр, дар девони Хоҷуи Кирмонӣ ғазалҳои зиёде мавҷуданд, ки онҳоро бо ду вазн ва беш аз он ҳам хондан мумкин аст. Авзони қисми зиёди ашъори Хоҷу аз ҷумлаи авзони даврӣ мебошанд, ки дар ин маврид дар бахши баъдӣ маълумот хоҳем дод.

Авзони даврӣ. Ба мо аз боби қаблӣ маълум аст, ки дар миёни ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ ғазалҳое ҳастанд, ки вазни онҳоро “даврӣ” мегӯянд ва аксарияташон хусусиятҳои ашъори зубаҳрайнро ба худ мегиранд. Дар илми арӯз ба вазни ашъоре авзони даврӣ мегӯянд, ки қолаби солим доранд ва дорои баъзе хусусиёти хосси хеш мебошанд, ки баъд аз тақтеъ аён мегарданд ва ҳамаи арӯзиён дар ин маврид ҳамақидааанду хусусиёти зеринро аз хусусиятҳои аввалиндараҷаи авзони даврӣ меҳисобанд:

1. Қабл аз ҳама вазни мисраеро даврӣ мегӯянд, ки онро ба ду қисми баробар тақсим кардан мумкин бошад.

2. Ҳар яки он қисмҳо ду рукни гуногун дошта, дар қисми баъдӣ айнан такрор бишаванд.

3. Мобайни мисраъ монанди охари он бошад, ки битавонӣ он ҷо ист намоиву ҳарфе илова намоӣ ё қофия орӣ.

4. Дар поёни ҳар як қисми мисраъ овардани ҳарфи берун аз вазн мумкин бошад, ки онро аз тақтеъ берун мекунанд [10, с. 30].

Дар идома мо бо овардани мисолҳо ин хусусиятҳоро баён хоҳем кард:

1. Ҳар шаб, ки бода нӯшам в-аз тоби сина ҷӯшам,
То субҳдам хурӯшам ҳозо насиб лайле.
- - v / - v - - / - - v / - v - -
- -v / - v - - / - - v /- v - -
мафъӯлу / фоъилотун / мафъӯлу / фоъилотун

Вазни ин байт музореъи мусаммани ахраб буда, ҳангоме ки ба шакли афоъили он назар меафканем, мушоҳида менамоем, ки ҳар як мисраи он аз чор рукн иборат буда, рукнҳои сеюму чорум айнан такрор аркони якуму дуюм мебошанд, ки дар мисраи дигар комилан такрор шудаанд ва ҳар мисроъро метавон ба ду қисми баробар тақсим намуд.

2. Гирифтамат, ки бигирам инони маркаби тозӣ,
Куҷо равам, ки фарас бар мани шикаста натозӣ.
v – v - / v v - - / v- v - / v v - -
v – v - / v v - - / v – v -/ v v - -
мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилотун

Вазни ин байт: муҷтасси мусаммани махбун буда, аз рукнҳои махбуни баҳрҳои рамал ва рачаз таркиб ёфтааст, ки аз ҷумлаи авзони даврӣ ба ҳисоб меравад ва чигунае болотар мушоҳида намудем, шоир дар ин вазн 26 ғазал дорад.

3. Гар з-он ки турш гардад в-ар талх диҳад посух,
Аз ғояти ширинӣ аз лаб шакар ангезад.
- -v / - v - - / - - v / - v - -
- - v /- v - - / - - v / - v - -
Мафъӯлу / мафоъйлун / мафъӯлу / мафоъйлун

Вазни ин шеър: ҳазаҷи мусаммани ахраб мебошад, ки аз зиҳофи ахраб ва рукни солими баҳри ҳазаҷ таркиб ёфтааст ва аз ҷумлаи авзони даврӣ ба ҳисоб меравад.

4. Дар достон наёяд асрори ишқбозон,
К-он ҷо ки Қофи ишқ аст, Дастон чӣ кор дорад?
- -v / - v - - / - - v / - v - -
- - v / - v - - / - - v / - v - -

Вазни ғазали мазкур музореъи мусаммани ахраб буда, аз ҷумлаи авзони даврӣ маҳсуб мешавад. Ҳангоми тақтеъ маълум мешавад, ки дар охири қисмати аввали мисраи дувум, ҳарфи зиёдатие вуҷуд дорад, ки онро аз тақтеъ берун кунем ҳам, ба вазн халале ворид намешавад. Ба ин монанд намунаҳо дар шеъри шоир зиёданд. Ба сурати куллӣ, дар девони ашъори шоир ғазалҳои дорои авзони даврӣ низ ба назар мерасанд. Ба мо маълум гашт, тамоми ғазалҳое, ки зубаҳрайн мебошанду дар қолаби мусамман аз ду рукни алоҳида ташкил ёфтаанд, дорои вазни даврӣ мебошанд. Ҳамин тавр, пас аз баррасии тарҳи арӯзии ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ ба мо муайян шуд, ки шоир аз қолабҳои зиёди арӯзӣ истифода намудааст. Ба ваҷҳи писандида бохабар будани шоир аз нозукиҳои илми арӯз ба ӯ имконият додааст, ки маонии бикру балеғи ғазалҳояшро дар қолаби хушоҳанги арӯзӣ ва бо беҳтарин қолаби оҳангини калом пешкаши хонанда намояд. Агар ба ғазалҳои ӯ аз ҷиҳати зебоишиносӣ назар афканем, шоҳиди он мегардем, ки шоир, воқеан, дар сурудани ғазал камоли устодӣ нишон додааст. Ғазалҳояш сар то сар бо маонии бикру балеғ ва забони дилкашу фасеҳ суруда шудаанд, ки хонандаи соҳибзавқи худро маҷзуб менамоянд.

АДАБИЁТ:

1. Кирмонӣ, Хоҷу. “Девон”-и комили Хоҷуи Кирмонӣ / Х. Кирмонӣ : тартиб ва танзими Саид Қоней. – Теҳрон: Офтоб, 1374. – 741 саҳ.
2. Сирус, Баҳром. Арӯзи тоҷикӣ. – Душанбе, 1963. – 287 саҳ.
3. Сирус, Баҳром. Назарияи нави қофиябандӣ дар назми тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 47 саҳ.
4. Назриқул, Мисбоҳиддин. Муқаддимаи шеършиносӣ (вазни шеър). – Душанбе: Сино, 2004. – 80 саҳ.
5. Назриқул, Мисбоҳиддин. Авзони ашъори Рӯдакӣ. – Душанбе: Сино, 2011. – 130 саҳ.
6. Солеҳ, Мирзо. Арӯз ва омӯзиши он. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 272 саҳ.
7. Шамисо, Сирус. Фарҳанги арӯзӣ. – Теҳрон, 1375. – 230 саҳ.
8. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 саҳ.
9. Худой Шарифов. Назмшиносӣ. Урватулло Тоиров. – Душанбе: Ҳоҷи Ҳасан, 2015. – 384 саҳ.
10. Розӣ, Шамс Қайс. Ал-Муъҷам... / Шамси Қайси Розӣ : муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991. –464 саҳ.

ЗЕБОИШИНОСИИ АВЗОНИ ҒАЗАЛИЁТИ ХОҶУИ КИРМОНӢ

Яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти форсу тоҷик Хоҷуи Кирмонӣ мебошад, ки дар охири асри XII ва аввали асри XIII зиндагӣ ва эҷод намудааст. Эҷодиёти Хоҷуи Кирмонӣ гуногунпаҳлӯ буда, вай ҳам ба назм ва ҳам ба наср осори зиёде таълиф намудааст, ки дорои аҳамияти калони илмию адабӣ ҳастанд. Аммо қудрати аслии шоирии вай дар ғазал аст, яъне ӯ беш аз ҳама шоири ғазалсаро буда, ин кори худро бо камоли устодӣ анҷом додааст. Шоир дар сурудани ғазалҳояш аз аносири шеърӣ бо беҳтарин навъи мумкин истифода намудааст. Аз ҳар ҷиҳате, ки ғазалҳои ӯро баррасӣ намоӣ, осори ҳунари барҷастаи ғазалсароии ӯ дида мешавад. Масалан, ҳангоми таҳқиқи самти арӯзии ғазалҳои шоир мо шоҳиди он мешавем, ки Хоҷуи Кирмонӣ дар баробари сухандони олӣ буданаш, инчунин, арӯздони хуб ҳам будааст. Шоир тамоми нозукиҳои ин унсури шеърро риоя намуда, аз имконоти он ҳамчун василае барои дилчаспу рӯҳнавоз гардидани ашъораш истифода кардааст. Агар ба авзони ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ аз ҷиҳати зебоишиносӣ назар афканем, мушоҳида менамоем, ки донистан ва риоя намудани қолабҳои арӯзӣ ба ӯ имконият додааст, ки ашъораш бештар мавриди истиқболи хонанда қарор бигирад.

Калидвожаҳо: Хоҷуи Кирмонӣ, ғазал, вазн, зебоишинохтӣ, ҳунари шоирӣ.

ПОЭТИКА ГАЗЕЛИ ХАДЖУ КЕРМАНИ

Одним из ярких представителей персидской и таджикской литературы является Хаджу Кирмани, живший в конце XII - начале XIII веков. Творчество Хаджу Кирмани разнообразно, он написал много произведений, имеющих большое научное и литературное значение, как в стихах, так и в прозе. Но настоящая сила его поэзии - в газели, то есть он был прежде всего поэтом газели, и делал это он с большим мастерством. В своих газелях поэт как нельзя лучше использовал стихи. С любой точки зрения его газелей можно увидеть выдающиеся произведения его газельного пения. Например, изучая ежедневную направленность газелей поэта, мы видим, что Хаджу Кирмани, помимо того, что был прекрасным оратором, был еще и хорошим поэтом. Поэт учитывает все нюансы этого элемента стихотворения и использует его возможности как средство сделать свои стихи более интересными и вдохновляющими. Если мы посмотрим на газелей Хаджи Кирмани с точки зрения эстетики, то увидим, что знание и соблюдение современных закономерностей позволило ему сделать свои стихи более популярными.

Ключевые слова: Хаджу Кермани, газель, вес, эстетика, поэтическое искусство.

POETICS OF THE GAZELLE HAJU KERMANI

One of the brightest representatives of Persian and Tajik literature is Khojui Kirmani, who lived in the late 12th - early 13th centuries. The work of Khoja Kirmani is diverse, he wrote many works of great scientific and literary significance, both in poetry and in prose. But the real power of his poetry is in the gazelle, that is, he was first of all the poet of the gazelle, and he did it with great skill. From every point of view of his gazelles, one can see the outstanding works of his gazelle singing. For example, studying the daily tendency of the poet's gazelles, we see that Khoja Kirmani, in addition to being an excellent orator, was also a good poet. The poet takes into account all the nuances of this element of the poem and uses its capabilities as a means to make his poems more interesting and inspiring. If we look at the gazelles of Khoja Kirmani from the point of view of aesthetics, we will see that knowledge and adherence to modern laws allowed him to make his poems more popular.

Keywords: Khoja Kermani, gazelle, weight, aesthetics, poetic art.

Сведения об авторе: ***Калемуллаева Мухтарам*** –, Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры история таджикской литературы,. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: 93-869-39-99

Information about the author: ***Kalemullaeva Muhtaram*** – Tajik National University, second-year master`s studentof Department of History of Tajik Literature,. **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17 Phone: 93-869-39-99

МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТӢ ВА ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН БО ШОҲИГАРИИ БАҲРАЙН

Қурбонова Р. У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баҳрайн солҳои аввали истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва муносибатҳои дипломатӣ байни ҳарду кишвар 20 майи соли 1995 барқарор шудааст [1.5, Сиёсат]. Баҳрайн дар масъалаҳои байналмилалӣ аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ дастгирӣ мекунад. Тоҷикистон аз солҳои аввали истиқлолияти миллӣ дар самти барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо давлатҳои араб иқдом карда аст. Аз сафару мулоқотҳои

мутақобилан судманди дуҷониба маълум мешавад, ки дар ин давра Тоҷикистон бо ташаббусҳои сарвари давлат – Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сиёсати хориҷии худ ба густариш додани муносибатҳо бо давлатҳои араб таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Муносибат бо кишварҳои арабӣ ва умуман исломӣ яке аз бахшҳои аъзами сиёсати байналхалқии ҳукумати кишварро ташкил медиҳад. Метавон оғози асри XXI-ро марҳилаи нави ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷаҳони ислом (давлатҳои арабӣ) номид [Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров., А.Сатторзода. – Душанбе: Ирфон. 2006. - с.184]. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Президенти Тоҷикистон- Эмомалӣ Раҳмон фақат як маротиба барои анҷоми сафари расмӣ (27.05.2014) ба Шоҳигарии Баҳрайн сафар кардаанд. Ҳангоми сафар Сарвари давлат бо Подшоҳи Шоҳигарии Баҳрайн- Шайх Ҳамад бин Исо Оли Халифа вохӯрда, доир ба густариши робитаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангӣ гуфтушунидҳои судманд анҷом додааст. Зимни ин сафари таърихӣ заминаҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои ҳарду давлат гузошта шуд ва байни ҳарду кишвар 8 санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф ба имзо расид. Дар охири сафар Баёнияи муштараки Тоҷикистон ва Баҳрайн мунташир гардид, ки дар он самтҳои асосӣ ва роҳҳои рушди минбаъдаи муносибот ва ҳамкории ду кишвар дарҷ гардидааст. Қобили тазаккур аст, ки дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо волотарин мукофоти давлатии Баҳрайн “Ал-Қилод ал-Халифӣ”(ордени Подшоҳӣ) сарфароз гардонида шуд. Аз ҷониби Тоҷикистон ба Подшоҳи Баҳрайн ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи 1 супурда шуд. Ҳамчунин дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шоҳигарии Баҳрайн форуми васеи соҳибкорону тоҷирони ду кишвар оғоз ёфт. Беш аз 200 нафар соҳибкорону тоҷирон аз ҳар ду ҷониб дар форум иштирок намуданд [2.2]. 19 октябри соли 2018 Баҳодур Шарифӣ, сафири ғайримуқими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Баҳрайн таъин гардида, то имрӯз байни Тоҷикистону Баҳрайн 8 санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф ба имзо расидааст ва баёнияи муштараки Тоҷикистон ва Баҳрайн мунташир гардид, ки дар он самтҳои асосӣ ва роҳҳои рушди минбаъдаи муносибот ва ҳамкории ду кишвар дарҷ гардидааст. Ҳамкориҳо низ дар байни ду давлати дӯст ва бародар дар сатҳи баланд буда, дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шоҳигарии Баҳрайн форуми васеи соҳибкорону тоҷирони ду кишвар оғоз ёфт. Беш аз 200 нафар соҳибкорону тоҷирони ҳар ду ҷониб дар форум иштирок намуданд ва он дар тамоми сомонаҳои расмии давлатҳои араб ва давлати Тоҷикистон паҳн шуда, дар давраи истиқлолият Тоҷикистон бо бисёре аз давлатҳои дунё муносибат ҳам пайдо кард, ки давлатҳои араб низ аз ин истисно нест. Яке аз ин давлатҳо Шоҳигарии Баҳрайн ба ҳисоб меравад Муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Баҳрайн 20 майи соли 1995 барқарор шудаанд. Баҳрайн солҳои навадум истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт.

Ҳамкориҳои иқтисодӣ. Дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шоҳигарии Баҳрайн форуми васеи соҳибкорону тоҷирони ду кишвар оғоз ёфт. Беш аз 200 нафар соҳибкорону тоҷирон аз ҳар ду ҷониб дар форум иштирок намуданд. Муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Давлатзода дар маросими ифтитоҳи Маркази мавзеи таърихии “Зувор Тариқ ал-Луълуъ” ва Конфронси истисноии вазирони фарҳанги Созмони исломӣ оид ба маориф, илм ва фарҳанг, ки рӯзҳои 28-29 ноябри 2018 дар пойтахти он кишвар шаҳри Манома баргузор гардид, иштирок намуд. [2.6] Шоҳигарии Баҳрайн (مملكة البحرين) давлати ҷазиравӣ (33 ҷазира) буда, дар халиҷи Форс (Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ) ҷойгир аст. Аз ҷиҳати масоҳат (770 км мураббаъ) байни давлатҳои арабӣ (Лигаи давлатҳои араб (ЛДА), 23 давлат) хурдтарин ба шумор меравад. Шумораи аҳолиаш 1 млн. 420 ҳазор (омори соли 2017). Таърихи мухтасари Баҳрайн чунин аст: асрҳои IV—VI дар ҳайати Империяи Сосониён; сипас Хилофати Араб; асрҳои IX—XI маркази давлати Қарматиён; миёнаи асри XIII истиқлолият ба даст овард, вале дер давом накард; солҳои 1521-1602 таҳти тасарруфи Португалия; асрҳои XVII—XVIII дар ҳайати давлати Сафавиёни Эрон; соли 1780 дуюм бора мустақил гардид; аз соли 1871 то замони ба даст овардани истиқлолият (14.08.1971) мустамликаи Англия буд [1.9]. Сохти давлатдории Баҳрайн монархияи конституционӣ мебошад. Сардори давлат подшоҳ аст (то соли 2002 - амир) ва Ҳукуматро сарвазир идора мекунад. Девони вазирон аз 23 вазир иборат аст. Парлумони ду палатагӣ дорад. Палатаи поёнӣ - Палатаи вакилон бо овоздиҳии умумихалқӣ интихоб

карда мешавад ва Палатаи болоӣ - Шӯрои Машвараті (Маҷлиси аш-Шура) аз ҷониби подшоҳ таъин карда мешавад. Ҳарду палата аз 40 нафар вакил иборат аст. Ҳизбҳои сиёсӣ манъ аст. Баъди аз байн рафтани давлати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Шоҳигарии Баҳрайн яке аз иттифоқчиёни муҳими сиёсӣ ва низомии Амрико дар Халиҷи Форс ва Ховари Миёна ба шумор меравад. Соли 1991 Баҳрайн ва Иёлоти Муттаҳида оид ба масъалаҳои мудофиа ва амният созишнома ба имзо расониданд. Ин санад ба Иёлоти Муттаҳида ҳуқуқи нигоҳ доштани пойгоҳҳо ва маводи низомиро дар қаламрави Баҳрайн медиҳад. Дар сурати таҳдид ба амнияти Шоҳигарӣ дар ҳолати зарурӣ Вашингтон аз он дифоъ мекунад. Ҳамчунин оид ба тайёрии ҷангии қувваҳои мусаллаҳи ду давлат, таъмин бо силоҳ ва таҷҳизоти ҳарбии Амрико ба Баҳрайн шартнома ба имзо расидааст. Дар воқеъ, роҳбарияти Баҳрайн пас аз ҷанг дар минтақаи Халиҷи Форс (1991), ки шикасти ҳарбии монархияҳои арабро ба таври равшан нишон дод, Иёлоти Муттаҳидаро ҳамчун кафили асосии амнияти салтанат дар сурати ҳамлаи беруна интихоб кардааст. Аз ин рӯ, маъмурияти Вашингтон соли 2002 ба Баҳрайн мақоми иттифоқчии муҳими ИМА дар берун аз НАТО-ро дод. Манама дар навбати худ манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии Амрикоро дар минтақаи Халиҷи Форс ба назар мегирад ва аз ташаббусҳои сиёсӣ ва ҳарбии Вашингтон дар Шарқи Наздик шадидан дастгирӣ мекунад [1.1, 275]. Баҳрайн узви Шӯрои ҳамкории давлатҳои арабии Халиҷ (مجلس التعاون لدول الخليج العربي), давлати рӯ ба тараққӣ ва содиркунандаи нафт ба шумор меравад. То замоне ки захираҳои нефт кашф нашуда буд (1932), соҳаи асосии иқтисоди кишвар ҷамъоварӣ ва фурӯши марворид буд ва то ҳол низ яке аз соҳаҳои асосӣ боқӣ мондааст. Қобили зикр аст, ки солҳои пеш истеҳсол ва коркарди нафт 60 %- и маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил медод ва айни ҳол бинобар сабаби кам шудани захираҳои тиллои сиёҳ ҳамагӣ 30 %–ро ташкил медиҳад. Дар кишвар захираҳои зиёди гази табиӣ низ истеҳсол ва коркард карда мешавад. Ҳамчунин дар Баҳрайн таъмиргоҳи киштиҳои нафткаш (супертанкер) ва корхонаи алюмин, ки хокааш аз Австралия оварда мешавад, мавҷуд аст [1.2,94].

Илм дар Баҳрайн. Дар ибтидои асри 20 таълими исломӣ ягона шакли таълим дар муассисаҳои Баҳрайн ба шумор мерафт. Онҳо мактабҳои анъанавӣ буданд, ки дар он кӯдакону ҷавонон хондани Қуръони каримро таълим мегирифтанд. Пас аз ҷанги якуми ҷаҳонӣ таъсири Ғарб ба давлати Баҳрайн бетаъсир набуд, талаботҳои нави муассисаҳои таълими муосирро ба вуҷуд овард. Соли 1919 ибтидои ташаккули мактабҳои муосири давлатӣ дар Баҳрайн буд. Дар ин сол дар шаҳри Муҳарраки давлати Шоҳигарии Баҳрайн мактаби писаронаи Ал-Ҳидоя-ал-Халифа кушода шуд. Баъдтар, соли 1928 дар шаҳри зикршуда аввалин мактаби омавии духтарон ба фаъолият оғоз кард. Соли 2014 шоҳ Ҳамад бин Исо Ал-Халифа лоиҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотиро барои дастгирии таҳсилоти 12-сола дар Баҳрайн оғоз кард. Ин лоиҳа Мактаби Ояндаи Шоҳ Ҳамад ном гирифт. Ҳадафи лоиҳа пайваст кардани тамоми мактабҳои подшоҳӣ ба интернет буд. Дар соҳаи маорифи Баҳрайн ғайр аз мактабҳои миёнаи Британиё боз Мактаби Амрикоии Баҳрайн (мактаби Вазорати мудофиаи ИМА, ки дар доираи барномаи Бакалаврияти байналмилалӣ 12 сол таҳсил мекунад), фаъолият дорад. Як қатор мактабҳои хусусӣ дар доираи як барнома ва инчунин барномаи сатҳи пешрафтаи Британиё (A-Level) таҳсил мекунад.

ВАО дар Шоҳигарии Баҳрайн. Давлати Шоҳигарии Баҳрайн ба васоити ахбори омма таваҷҷуҳи махсус дорад, зеро пешрафти давлатро маҳз дар васоити ахбори омма мебинад. Дар он зиёда аз даҳ нашрияи даврӣ бо забонҳои арабӣ ва англисӣ дар нашрияҳои оммавӣ нашр мешаванд. Қариб ҳамаи иншооти чопӣ дар Манама мутамарказонида шудааст. Серхонандатарин рӯзномаҳои рӯзмарра Ал-Айям, Ахбор ул-Халиҷ (Халиҷи Форс, 25 ҳазор) ва Gulf Daily News (20 ҳазор) мебошанд. Маҷаллаи арабии Сада ул-Усбуа (Садо аз ҳафта, 35 ҳазор нусха) дар Манама нашр мешавад ва дар тамоми кишварҳои Халиҷи Форс хонанда дорад. Ғайр аз ин, рӯзномаҳои ҳармоҳаи ташкилотҳои ҳизбӣ - Ал-Ҷамоҳир (Масс, Фронти миллии озодии Баҳрайн) ва Ҳамса Марис (Панҷуми март, ҷабҳаи мардуми Баҳрайн) дар Баҳрайн дар байни мардум паҳн карда мешаванд. Инчунин, дар Дар давлати Шоҳигарии Баҳрайн ҳамагӣ як агентӣ «Агентии иттилоотии Баҳрайн» (وكالة أنباء البحرين) фаъолият

мекунад. Дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки Тоҷикистон ҳамчун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлати мустақил ҷойгоҳи махсуси худро дар арсаи байналхалқӣ соҳиб мебошад.

АДАБИЁТ

1. ИЛМӢ

1.1. Гулов.С., Ҷумъаев М. Муқаддимаи журналистика / С. Гулов, М. Ҷумъаев // – Душанбе: “Ирфон”, 2016

1.2. Давлятов З.Қ. Тоҷикистон ва Шоҳигариҳои арабӣ: ҳамкорӣ ва дурнамо (таҷрибаи таҳлили иҷтимоию сиёсӣ) / З.Қ. Давлятов // - Душанбе: Дониш, 2018, -231 саҳ.

1.3. Қаландаров С.Д. Шеваи инъикоси сафарҳои расмии Президент дар расонаҳои арабӣ / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 4/4(206) – Душанбе “Сино” 2016, саҳ. 309-314

1.4. Қаландаров С.Д. Инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон аз нигоҳи сомонаҳои «Ал - Ҷазира» ва «Би- Би-Си» / С.Д. Қаландаров // Паёми ДМТ 4/5 (209). Душанбе: Сино, 2016. с. 248 – 252.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» (19 марти 2013).

1.5. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ / Ҷ. Муқим // -Душанбе: Деваштич, 2006. – 71 саҳ.

1.6. Раҳмонов Э. Истиқлолиятва эҳёи миллат / Э. Раҳмонов // қ. 6.-Душанбе, 2006.

2. Сарчашмаҳо

2.1. https://www.bna.bh/

2.2. ru.wikipedia.org›Бахрейн

2.3.www.alayam.com

2.4. www.mid.ru

III. ЛУҒАТ

3.1. Баранов Х.К. Арабского-русский словаръ / Х.К. Баранов // Москва: Русский язык”, 1997. - 994 стр.

3.2. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ / С. Сулаймонӣ //-Душанбе: Эр-граф, 2010.-1564 саҳ.

МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТӢ ВА ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН БО ШОҲИГАРИИ БАҲРАЙН

Дар мақолаи мазкур муаллиф муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Баҳрайнро баррасӣ кардааст. Муаллиф оид ба сафарҳои расмии сарони кишварҳо маълумот дода, масоили ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сиёсиро муҳим арзёбӣ намудааст. Ҳамчунин, дар мақома мақоми васоити ахбори омма ва инъикоси муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Баҳрайнро дар он баррасӣ кардааст. Инчунин, самтҳои гуногуни ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Баҳрайн низ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

ДИПЛОМАТИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ И СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНА И КОРОЛЕВСТВО БАХРЕЙНА

В данной статье автор рассматривает дипломатические отношения Республики Таджикистана и Королевство Бахрейна. Автор отмечает, что официальные визиты глав государств играет важную роль в развитии экономических и политических взаимоотношений стран. В статье, также подчеркнуто роль СМИ в оповещении дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Королевство Бахрейне. Также рассмотрены различные направления сотрудничество между Республикой Таджикистан и Королевство Бахрейна.

DIPLOMATIC RELATIONS AND COOPERATION OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND KINGDOM OF BAHRAIN

In this article the author considers the diplomatic relations and cooperation of Republic of Tajikistan and Kingdom of Bahrain. The author reported an official visit by Head of States and stressed the importance of economic and political cooperation. The author also discussed the state of the media and diplomatic relations between Republic of Tajikistan and Kingdom of Bahrain.The various areas of cooperation between Republic of Tajikistan and Kingdom of Bahrain were studied.

Сведения об авторе*: Курбонова Рукия Умурзоковна* – Таджикский национальный университет, магистр, факультета журналистики, кафедры иностранных языков**. Адрес**: Таджикистан, г. Душанбе, р. Фирдавси, ул. Н. Карабоев 2/21. E-mail: kurbonovarukia@gmail.com тел: 919-44-41-29

Information about the author: ***Kurbonova Rukiya Umurzokovna*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Journalism, Departament of Foreign Languages. **Address**: Tajikistan, Dushanbe, s.N. Karaboev 2/21 E-mail: kurbonovarukia@gmail.com .

НИГОҲЕ БА АДАБИЁТИ МУҚОВИМАТ

Лалзад Абдул-Басир

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бояд гуфт, ки адабиёти муқовимат аз навъи адабиёти мутааҳид ва сиёсӣ аст ва дар таърифи адабиёти сиёсӣ гуфтаанд: «шоир ва адиби сиёсӣ бар мабнои тавҳид ва бар асоси

дарки рисолат ва масъулин, ба тавлиди адаб мепардозад ва ҳеч назаре ба подошу ташвиқҳои дунявӣ надорад. Саид Абутолиб Музаффарӣ аз шоирони Афғонистон, ки худ дар ҷиҳод бо нерӯҳои шӯравӣ ҳам ширкат дошта бо таъкид бар ду унсур ҷиҳоду ҳиҷрат мегӯяд: «муқовимат шомили ду буъди аслӣ, яъне ҷиҳоду ҳиҷрат мешавад ва ин ду низ аҷзои хоси худро доранд. Дар ин миён наметавон ҳиҷратро нодида гирифт» [6, 87]. Бар ин асос адабиёти пойдорӣ шомили адабиёти сиёсӣ, ҷанг, табъид ё муҳоҷират ва нахустин намудҳои пойдории инсон дар адабиётро метавон дар устураҳо ва ҳамосаҳои адабӣ дид, ки пойдорӣ аз вижагиҳои зотии он аст. Чунон ки дар адабиёти юнони бостон, мафҳуми устура бо ҷанг худоён ва қаҳрамон ва мусоибу сахтиҳое, ки бар аҳвом куҳан гузашта, гирех хӯрда аст. Аммо лузуман пойдорӣ танҳо дар навъи ҳамоса ҷой надорад, дар ҳавзаи ғинойӣ низ қарор мегирад ва қироати муҳтавое дар адабиёти пойдорӣ байни ин ду навъи шеър ба маснади зуҳур мерасад. Аммо дар пайванди ҳамоса ва ғино дар адабиёти пойдорӣ бояд гуфт, ки ғино дар анвои адабӣ бештар маҳмили осори ошиқонаи адабӣ аст, вале дар авотифи ошиқона хулоса намешавад, аз баёни авотиф дар осори ғинойӣ «тамоми таҷаллиёти авотиф ва эҳсосоти бештаре аст. Аз эҳсосоти динӣ ва меҳанпарастӣ гирифта то ҳайрат ва ишқу кина ва таҳасуру баёни ғамҳои дарунӣ ҳатто эҳсосоте, ки дар қиболи азамат ба миннатҳои ҷаҳон ва шигифтиҳои хилқат ва саргаштагӣ дар баробари асрори гумшудаи табиат бар одамӣ таҳмил мешавад». [1, 93] Бо таваҷҷуҳ ба назароти мухталиф метавон истинбот намуд, ки осори падидомадае, ки маҳсули авотифи миллатҳост ва заминаи мушорикати иҷтимоӣ, ҳамдилӣ ва таҳсили истиқлолро фароҳам меоварад, метавонад аз дарунмояҳои адабиёти пойдорӣ ба ҳисоб ояд.

«Ҳаммосаҳои миллии эрониён пеш аз қавми ориё ба Эрон оғоз шуд ва пас аз омадани он қавм ба Эрон бо афзоиши аносире ҷадид такомул ва тавсиа ёфт ва ин такомул ва тавсиа бо ҳаводисии иҷтимоию динӣ ва миллӣ рӯзафзун буд». [7, 157] Дар таърихи миллатҳои дигар масири ҳаводиси таърихӣ ва иҷтимоӣ сабаби халқи осори ҳаммосӣ шудааст. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ба далели сулҳталабӣ ва манобеъхоҳии фардӣ ва гурӯҳию давлатҳои истикборӣ беш аз ҳар давра ва асаре ниёз ба фарҳанги пойдорӣ ва муқовимат дорад ва бар ҳама шоирон ва нависандагон мутааҳид мебошад, ки бо шинохту баҳрамандӣ аз рахёфтаҳои муносиби ин фарҳанг, бистаре доим барои истимрори нидои ҳақталабона ва адолатхоҳонаи он фароҳам оварданд. Коркардҳои адабиёти пойдорӣ эҳтимоми ҷиддӣ дар пардохт ба шеър ва адабиёти пойдорӣ. Пешниҳоди дақиқ ва қобили истинод, табиини муаллифаҳои он ва колбадшикофиву осебшиносии ин гунаи адабӣ, яке аз заруратҳои миллатҳои ҷаҳон аст, ки беэтиноӣ ба он метавонад, табиъоти чуброннопазирӣ ба фарҳанг ва тамаддунҳо дошта ва мояи густариш дар муқобили исёну мустакбирини фардӣ ва гурӯҳе дар ҳуқуқи инсонҳои ҷомеаҳои кӯчаку бузурги ҷаҳон гардад. Дар ин гунаи адабӣ, шоирон илова бар баёни коркардҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ талош доранд то маблаги омӯзаҳои ҳаммосӣ, муқовимат, озодихоҳӣ, ҳақталабӣ, зулмситезӣ бошад. Албатта бояд таваҷҷуҳ дошт, ки шоирон дар ин гуна бештар дар садади ҳамдардӣ ва ҳамдилӣ бо мардум будаанд ва мехоҳанд ба унвони як ҳунарманд ба масъулияти инсонии хеш амал намояд.

Дар шеъри пойдорӣ шоир мустақим ба ҳаводиси иттифоқ намепардозад, балки бо рӯйкарде амиқтар, фалсафитар ва ҳатто орифона ва ошиқона ба мавзӯъоти пойдорӣ мепардозад ва талош дорад, то паёмҳои инсонӣ, ҳаводиси иттифоқафтодаро дарунӣ кунад ва ба ҷаҳон ироъа диҳад. Шоир дар шеъри пойдорӣ ба дунболи забоне барои гуфтугӯ бо ҳама мардуми ҷаҳон аст: «Мардуме, ки таъми талхи ҷанг ва беадолатиҳо ва фикру ситамро чашидаанд ва муқовимат ва пойдориро таҷриба кардаанд. Дарвоқеъ шоир дар ҳавзаи пойдорӣ, паёмҳои инсонӣ, фалсафӣ ва падидае ба номи ҷангро мегирад ва ба онҳо ташхиси ҷаҳонӣ мебахшад. Паёмҳое ҳамчун озодӣ, ҳақталабӣ, адолатхоҳӣ, ватанпарастӣ, исору ҷонбозӣ, навъи дӯстӣ, ки ин паёмҳо ба марзҳои ҷуғрофиёӣ маҳдуд намешавад, табиате аст, ки мухотабони шеър густариш мебояд ва ин навъи шеър ҳаргиз дар чоҳу чола «буҳрони мухотаб» суқут намекунад ва фарогир мешавад. Шоир муқовимату поймардии инсонро дар баробари зулм, таҷовуз, зиёдхоҳӣ ва беадолатӣ ба гунае ба тасвир мекашад, ки ҳама мардуми ҷаҳон бо устураҳо ва намудҳои шеъриаш ӯ эҳсоси пайвастагӣ ва ҳамзотпиндорӣ мекунанд ва аз ҳамин манзур, таъсиргузорӣ, нуфуз ва мондагории ин шеър, бештар аз шеъри ҷанг аст. Бояд таъкид кард, ки шеъри пойдорӣ, шеъри ҷанг дар баробари таҷовузгарон нест. Як чунин бардошти шеъри пойдориро аз назари муҳтаво маҳдуд месозад, баъзе бар ин боваранд, ки шеъри пойдорӣ шеърест, ки дар муқобил бо

таҷовузгарон суруда мешавад ва чун таҷовуз пас зада шавад, даврони шеъри пойдорӣ низ ба поён мерасад. Дар ин таъриф шеъри пойдорӣ муҳтавои маҳдуд ва мақтаъӣ пайдо мекунад. Бидуни тардид ҳар муҳтавои маҳдуд ва мушаххас метавонад мондагории як асари адабӣ - ҳунариро аз миён бардоранд. Дар ҳоле, ки шеъри пойдорӣ шеърест, ки пайваста бо таҳаввулоти зиндагӣ ва иҷтимоии инсонҳо ҳамроҳ мебошад ва унсури муқобила бо ҳуҷуми душман бегона танҳо метавонад ҳастаи дарунии онро падид оварад, на тамомияти онро. Ҳарчанд ҷомеа ва зиндагии иҷтимоӣ ҳамвора яке аз хостгоҳҳои муҳими шеър буда аст; вале шеъри пойдорӣ бо ҷомеа ва масоили сиёсӣ-иҷтимоӣ ҳоким бар ҷомеа пайванди устувортаре ва наздиктаре дорад ва шеър бояд дарбаргирандаи мафоҳиму муҳтавои ҷаҳон бошад то битавонад худро ба як падидаи ҳамзамонӣ ва ҷаҳонӣ бадал созад ва таъсиргузории он давомдору амиқ бошад». Шеърҳои марбут ба ҷангҳо бо итмоми давраи ҷанг поён меёбад ва ба унвони як пешинаи таърихии миллатҳо боқӣ хоҳад монд.

Вижагиҳои адабиёти пойдорӣ ва муқовимати ҷаҳон. Ситамситезӣ ва ҳимоят аз мазлум шоирони пойдорӣ ҳар гуна ситаму ситамгариро нишона мераванд дар канори ин ситамситезӣ ҳимоят аз мазлум низ намоён аст. Аз онҷо, ки маъмулан дар канори золим, мазлуме ҳузур дорад, бинобар ин ситамситезии худ навъе ҳимоят аз мазлум мебошад.

Рангинкамони исмати замин/ рӯъёи дурдасти фариштагон/ истода бо ҷомати осмон/ ба баландои тӯфон/ дареғ аз хуну рагҳомон/ агар ҷангали сабзи ишкро/сероб накунад. Фотимаи Рокеӣ

Мардум, қурбониёни нахустин низомҳои бедодгару истисморпешаанд. Фақр, фасод, саргардонӣ маргу ҳатто хиёнат маҳсули истибдод ва бедод аст. Адабиёти пойдорӣ баёнкунандаи дардҳо, ранҷмӯяҳо, шурӯъҳо ва марсияҳои мардум аст ва шоир шеърашро тафсири ин дардҳо месозад: фалоти беборон/ бо алафчароҳои қаҳтизадааш/ ва галлаи пароканда, ки дар ҷустуҷӯйи хорбинии дандонгир/ бар хоки пуки сурхи сӯхтааш пуза мемолад/ ва чун бачае балабханд/ ки найи лабакаш чаҳор таронаи ғамгинро/ пайдарпай менавозад/ марге содда ва пурдард дар табиати зиёду фақир/ ин саҳми мо/ аз тамоми буливӣ! [2, 39] Даъват ба муқовимати адабиёти пойдорӣ, даъваткунанда ба қиём, истодагӣ ва исор, дар муқобили низомҳои султа ва бедодгар аст, ки гоҳе ин зулм дар ҳукуматҳо таҷаллӣ меёбад ва гоҳе гурӯҳ ё афроде мисдоқи он мебошанд. Даъвате, ки гоҳ ба сурати фарёди эътироз аст ва гоҳ дар набарди мусаллаҳона.

Қайсар Аминпур шоири пойдории Эрон месарояд:

«Ман мехостам/ шеъре барои ҷанг бигӯям/ дигар силоҳи сухан корсоз нест/ бояд силоҳи тезтаре бардошт/бояд барои ҷанг/ аз лула туфанг бихонем/ бо вожаи фишанг ва шоире аз Амрикои Лотин:

Фарёдҳои ватанро/ бар гиторҳоятон бинавозед/ то таронаҳои нохонда/ чун хуне ҷавон/ дар рагҳо биҷӯшад/ ва ишқ; чун зеботарин духтари бумӣ/ дар ҳалқаи озодӣ ва баҳор/ даст бияфшонад/ орзуҳои сӯхта/ дар ханҷарҳотон тоза мешавад/ ва сурудаҳоятон./ заҳматкашонро руйитан мекунад/ мероси тозиёнаи хӯрдагонро/ ҳарчи ҳаст-бар гиторҳоятон бинавозед. [2, 89] Баёни ҷиноятҳо ва бедодгарӣ дар низомҳои мустабиду бедодгар, шиканҷа ва тозиёна ва зиндон, хафа кардани фарёдҳо дар гулӯ, табъиду террор, қонун аст. «Ҷиводи Ҷамил» шоири ироқӣ дар шеъре ба унвони «терор» мегӯяд:

Садои тақ-тақи қадамҳояшон баланд буд/ садояшон таъми марг медорад/ ва чашмҳояшон чун чашмонашон ваҳшӣ буд/ ки шаби ҷанг онро пӯшонда бошад/ - кистанд?/ исм лозим нест/ омадаям то чизҳоеро бишносӣ./ ва оромиши шаб/ бо садои тире ларзид/ ва ресмони борике аз хун/ хомӯшона печид/ барҷасди зард/ як тика варақ пайдо кардем/ терористҳо/ наси қонуни парешон ичро шуд. [2, 87]

Ёдкард ва васфи ҷонбохтагону шаҳидон муборизони роҳи озодӣ ва исоргароне, ки ҳастии худро ба майдон овардаанд ва дар шиканҷагоҳ ё майдони мубориза ҷон бохтанд, нумоди азамат ва ифтихору алгӯи фидокороне ҳастанд, ки ёд кард ва баёни андешаи онон боиси ҳаракат ва пӯёии ҷаҳон ва мардум баъд аз худ мешавад ва руҳияи зулмситезӣ музоифтар мешавад.

Сияъи Солеҳ шоири Сурия месарояд:

Эй қаҳрамонон!/ Ин хуни шумост/ Дар қалби ман/ Ки чун шаҳобҳо фурӯ афтод/ Ва ишқ маро ангехт/ Кадом пайкар бо ин хун татҳир намебояд.

Дар шеъри «Насруллоҳ Мардонӣ» шоири Эронӣ мехонем:

Сурхии хуни ту ҳаргиз нашвад пок аз хок,

Дилат оинайи хуршеди ҳақиқатбин аст.
Руҳи хуршед ва устураи ҳастӣ бо ту,
Бе ту бар дӯши замон сонияҳо сангин аст.
Сели фарёди ту девораи аъсор шикаст,
Набзи таърихӣ ва таърих зи ту хунин аст.
Наъраи хуни ту Заҳоки замон расво кард,
Марг ингуна беҳ аз зиндагии нангин аст. [4, 19]

Эҷоди умед дар мубориза бо нерӯҳои аҳриманӣ ва шайтонсифат, ки фақат ба манофеъи худ меандешанд, инсонҳоро ҳамчун ашёе дар ростои дастёбӣ ба мақосиди шуми худ медонанд ва дар бадтарин ва золимонатарин шароит дар таҳдид ва иръобашон мекушанд. Дар ин миён шоирону нависандагон мутааҳиди ақолими инсонӣ бо ёдоварӣ ва рисолатҳои одамиён ва тарвиҷи руҳияи умед ва пирӯзӣ дар садади эҷоди сад дар баробари рафтори ситамгарон ва ҳурматшиканони ҳарими инсоният ҳастанд. Онон бо сурудаҳо ва суханони худмиллатҳои ситамдидаро ба қиёме ҳамаҷониба фаро мехонанд ва раҳойи аз зулму нобаробариро дастёфтанӣ бармешуморанд ва бо навид додани шикасти бетардиди ситаму пирӯзии адолату озодихоҳон, бориқаи умедро дар қалбҳо, равшан нигаҳ медоранд.

Адинон ал-Зоиқ шоири табъидии Ироқ мегӯяд:

Китобҳои таърихро варақ мезанам/ ангуштонам ба хун олуда мешаванд/ ҳар гоҳ фасле аз саргашти худкомае/ ба итмом расондам/ нигаҳбонон ба сӯйи феҳрист савқам доданд/ то дар онҷо аз тарс биларзам/ эй женералҳо/ эй женералҳо/ бо рӯйҳоямон чиҳо ки накардед?! Бо ин ҳама чакама/ аз гардунҳоямон мегузаред/ дар ҳоле, ки мо ҳанӯз/ барои хуршед даст метаконем.

Лоиқ Шералӣ дар шеър «Ту озодӣ магар, эй зан?!» навиди озодӣ ва инқилобро ба занони тоҷик чунин тарсим мекунад:

Ту озодӣ магар эй зан?!/ Зи худ шоди магар эй зан?!/ Туро озод кард Октябр/ Зи банди ҷаҳлу зулм вораста/ Шуди озод вобаста/ Асири бадсиголиҳои пайдову ниҳони ту/ Асири туҳмату буҳтон/ Асири ҳирси номардон/ Асири таъну заъм ва рашки худхоҳону худкомон/ Бибояд инқилобе боз/ дар фикру шуури мо/ Бибояд инқилобе боз/ Дар мазмуни умри мо/ Бибояд инқилобе боз/ Андар ишқи кӯри мо/ Ба ин зуддӣ/ Туро озод бояд кард аз ин турфа озодӣ/ Зи меҳнатҳои озодӣ/ Зи миннатҳои озодӣ.Ба таври умум адабиёти пойдорӣ дар адабиёти ҳар миллате нақши барҷаста дорад, ки намунаашро дар боло дидем.

АДАБИЁТ

1. آشنایی با نقد ادب؛ زرین کوب ، عبالحسین، چاپ چهارم، تهران، انشارات سخن 1376
2. ادبیات تطبیقی، کفافی، عبدالسلام، ترحمه حسین سیدی، مشهد، انتشار قدس ، 1382
3. ارسطو و فن شعر، زرین کوب، عبدالحسین، تهران، امیر کبیر، 1357.
4. جای پا، بهبهانی، سیمین، چاپ سوم، تهران، کتاب زمان، 1356
5. دیوان اشعار حاقانی، مصحح، دکتر ضیاءالدین سجادی،چلپ پنجم، تهران، زوار، 1374.
6. روزنامهٔ اطلاعات، شعرهای معاصر جهان، شمارهٔ 20657، تهران، 28/9/1374
7. زاده اضطراب های جهان، مختاری، محمد، تهران، چشمه، 1375

НИГОҲЕ БА АДАБИЁТИ МУҚОВИМАТ

Бояд қайд намуд, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ба далели сулҳталабӣ ва манобеъхоҳии фардӣ ва гурӯҳию давлатҳои истикборӣ беш аз ҳар давра ва асаре ниёз ба фарҳанги пойдорӣ ва муқовимат дорад ва бар ҳама шоирон ва нависандагон мутааҳҳид мебошад, ки бо шинохту баҳрамандӣ аз раҳёфтаҳои муносиби ин фарҳанг, бистаре доим барои истимрори нидои ҳақталабона ва адолатхоҳонаи он фароҳам оварданд. Ҳарчанд ҷомеа ва зиндагии иҷтимоӣ ҳамвора яке аз хостгоҳҳои муҳими шеър будааст; вале шеъри пойдорӣ бо ҷомеа ва масоили сиёсӣ-иҷтимоӣ ҳоким бар ҷомеа пайванди устувортаре ва наздиктаре дорад ва шеър бояд дарбаргирандаи мафоҳиму муҳтавои ҷаҳон бошад то битавонад худро ба як падидаи ҳамзамонӣ ва ҷаҳонӣ бадал созад ва таъсиргузории он давомдору амиқ бошад.

Калидвожаҳо: таърих, адабиёт, шеър, ҷомеа, масоили сиёсӣ-иҷтимоӣ, падида.

НЕКОТОРЫЕ ВЗГЛЯДЫ НА ЛИТЕРАТУРУ СОПРОТИВЛЕНИЯ

Следует отметить, что сегодня мировому сообществу нужна культура стабильности и сопротивления больше, чем в любой другой период, и работа, обусловленная миролюбивыми и индивидуалистическими интересами отдельных и групповых и государств, и объединяет всех поэтов и писателей с хорошо известными людьми. Хотя общество и общественная жизнь всегда были одними из важнейших рассадников поэзии, однако стихотворение о стабильности имеет более сильную и тесную связь с обществом и политическими и социальными проблемами, которые управляют обществом, и стихотворение должно содержать концепции и содержание мира, чтобы превратиться в современное и глобальное явление.

Ключевые слова: история, литература, поэзия, общество, политические и социальные проблемы, явления

SOME VIEWS ON RESISTANCE LITERATURE

It should be noted that today the world community needs a culture of stability and resistance more than in any other period, and work driven by the peace-loving and individualistic interests of individual and groups and states, and unites all poets and writers with well-known people. Although society and social life have always been one of the most important hotbeds of poetry, however, a poem about stability has a stronger and closer connection to society and the political and social issues that govern society, and the poem must contain the concepts and content of the world in order to develop into a modern and global phenomenon.

Keywords: history, literature, poetry, society, political and social problems, phenomena

Сведения об авторе: ***Лалзад Абдул-Басир*** – Таджикский национальный университет магистрант второго курса факультета языков Азии и Европы **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **901 39 00 66**

Information about the author: ***Lalzad Abdul-Basir*** – Tajik National University,. the second-year master's student at the Faculty of Asian and European Languages **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: **901 39 00 66**

СВОЕОБРАЗИЕ ПОЭТИКИ ГЕРОИЧЕСКОГО В ПОСЛОВИЦАХ И ПОГОВОРКАХ ПЕРИОДА ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ

Одилов Фуркат
Российско-Таджикский (Славянский) Университет

В пословице и поговорке периода Великой Отечественной войны образное отражение действительности связано не с описанием, а с оценкой разнообразных явлений фронтовой жизни. Принципы поэтики героического в пословице и поговорке напрямую связаны с особенностями данного жанра. Предельная краткость пословиц и поговорок, требует от них выражения в одном предложении общего суждения. Не имея возможности дать развернутое изображение фронтовых явлений, пословица и поговорка используют свои специфические, предельно емкие и меткие образные формы. На простых конкретных примерах и ситуациях пословицы и поговорки воспроизводят не самих защитников Родины, а их отношение к действительности.

Отметим основные формы изображения обобщенной действительности и своеобразие поэтики героического в пословицах и поговорках. Самой распространённой из них является иносказательная передача общего отвлеченного суждения через единичные факты, явления или действия. Такова образность пословиц «*Партизанская метла выметет фашистов дотла», «Фронт гремит – у врага земля горит*». [4;168-101] Пословичные образы служат здесь для выражения общей мысли о героизме русских войск, а не для передачи конкретной фронтовой ситуации. Эта общая мысль раскрывается с помощью переносных иносказательных образов пословиц. В одном из приведённых примеров очевидное, не требующее доказательств положение: «*Фронт гремит – у врага земля горит*» – подтверждает правильность общего суждения: за данными фронтовыми явлениями следуют только такие, которые находятся с первыми в определенных причинно-следственных связях, и не могут следовать иные: «если русские пошли в атаку, то немцы, соответственно, отступают». Употребление образов в прямом значении слов становится ещё одной формой выражения обобщённой мысли в пословицах и поговорках. В них нет переносного значения всего суждения. В них используется следующий принцип создания образа: пословица или поговорка использует образные возможности отдельных слов, взятых в переносном значении, не прибегая к общему иносказанию. Таковы пословицы и поговорки «*Где жарко, там и санитарка», «Зажимай врага в тиски, бей его в куски*» и другие. В таких пословицах и поговорках используются разнообразные формы иносказательной образности. Среди них – употребление собственных имен: «*Бьёт Альбина из карабина», «Где партизан Мишка, там фашистам крышка», «Бьёт по врагу Иван – стойкий партизан*». [4;100-101] Этот изобразительный прием – один из видов синекдохи, когда подразумевается множественное число, а употребляется единственное. Образность в такой пословице или поговорке основана исключительно на замене множества единичными явлениями: говорится об одном

человеке, а подразумеваются все герои-бойцы, которые воюют с врагом. Через использование синекдохи передаётся массовый характер героизма: «*Герой умирает – о себе память оставляет*». [2;16]

Народ становится главным действующим лицом всех пословиц и поговорок: «*Наш народ – герой, ходит на врага стеной*». [2;17]

С помощью синекдохи может быть показано единство и сплочённость народа: «*Русский в поле не робеет», «Русский немцу задал перцу», «Как русский за штык берется, так враг трясется*».

Синекдоха помогает выделить из общей массы обобщённые образы защитников, среди них:

- боец: «*Боец, умирая, винтовки из рук не выпускает*»; [2;78]
- воин: «*Русский воин-исполин дважды брал Берлин*»; [2;11]
- гвардеец: «*От гвардейской хватки фашист кажет пятки*
Вюга, ни пурга».

Есть в пословицах образы, указывающие на принадлежность героя к определённому роду войск: «*Смелости учись у разведчика, осторожности – у минера, твердости – у летчика, меткости – у снайпера, а смекалке – у партизана*». [2;66]

Многие пословицы и поговорки этой группы рассказывают о том, какими качествами обладает человек, служащий в определённых войсках, например, пехотинец: «*Про пехоту говорят недаром, что она сильна штыковым ударом*»; разведчик: «*Коль в разведке работаешь скоро да скрытно – пройдешь к врагу в тыл, что вода через сито*»; снайпер: «*Снайпер бьет издалека, но всегда наверняка*». [2;56]. Из пословиц мы узнаём о роли некоторых особенных подразделений: «*Партизаны – грозная сила, помогают армии с тыла*». Находим в пословицах и поговорках сведения о том, чем конкретно помогали партизаны фронту: «*Паровоз под откос, эшелон под уклон – такой партизанский закон*». [2;53]

На оккупированных территориях партизанами становились все «от мала до велика», это нашло отражение в пословицах. Одни показывают всенародность партизанского движения: «*Всяк в партизаны идет, когда Родина зовет*», другие конкретизируют образы партизан: «*Дед-герой бьет врага под горой», «Славный комсомолец – партизан-доброволец*». [2;52] Здесь мы видим достаточно частотный для контактной рифмы случай: именование героя. Такой приём характерен для создания образа героя в пословице: «*Воин-мастер бьет врага насмерть», «Герой-воин – славы достоин*». В.П. Аникин, говоря об особенностях структурно-образного построения пословиц, отмечал, что в них преобладает воспроизведение экономно взятой реальности. Подчеркнуть всего несколькими штрихами индивидуальные, неповторимые черты героя-защитника помогают разные тропы. В пословицах и поговорках фронтового фольклора можно встретить эпитеты, чаще изобразительные с признаками метафоричности. С их помощью рисуется монументальный образ героя: «бывалый воин», «сметливый солдат», «стойкий и умелый воин», описаны предметы снаряжения «добрый пулемет», «пуля умна». Во многих пословицах и поговорках употребляются постоянные эпитеты «армия непобедима», «смертным боем». Выразительны в пословицах и поговорках и сами метафоры: «*Умение – крылья солдата*», гиперболы: «*Русское сердце тверже брони», «Грудь солдата – защита и крепость Отечества*», литота: «*Не умеючи, и мухи не убьешь*». [2;76-108]

Наблюдается в пословицах и поговорках явление метонимии: «*Трехлинейная винтовка по врагу стреляет ловко*»[7].

Часто метонимическая замена показывает какое-либо героическое качество человека, а не самого героя: «*Доблесть – сестра геройства», «Мужество создает победителей», «Опытный реже ошибается», «Смелый всегда впереди, у смелого ордена на груди», «Стойкость и отвага несут победу*». Метонимические замены дают возможность сформулировать мысль кратко и образно, например, в пословице «*Партизанам каждый куст помогает*» с помощью метонимии передана мысль о всеобщности борьбы с оккупантами. В пословице и поговорке значительно не только каждое слово, но и синтаксическая модель, являющаяся непременным элементом композиции. Часто используются сравнения традиционных конструкций в форме сравнительного оборота или придаточного сравнительного: «*Враг перед русским штыком – что мышь перед орлом*». Кроме них встречаются сравнения, различные по своей структуре, например, в пословице

«*Солдат в боевом порядке – не репа в грядке: не вырвешь*» использовано отрицательное сравнение, в котором один предмет противопоставлен другому: «*солдат не репа*», в пословице «*Беги зайцем, падай камнем, отползай ужом*» использована форма сравнения, выраженного существительным в творительном падеже. Часты сравнения в форме сравнительного прилагательного или наречия: «*Древо в огне сгорает, а солдат от огня крепче бывает*». Сравнения выполняют в пословицах разные функции: вносят удивительную ясность, придают описанию особую выразительность, наглядно и образно рисуют многие героические качества русских солдат. Не менее часто при создании героического образа используется и прием противопоставления, антитезы: «*Враг хитер, но мы хитрее; враг силен, но мы сильнее*». [2;13]

Встречается явление контекстуальной антонимии: «*Лучше вода у друга, чем мед у врага», «Храбрый мины не боится, только рохля мин страшится*, «*Для друзей – пироги, для врагов – кулаки», «С другом по-братски, с врагом – по-солдатски*». Пары «вода – мёд», «храбрый – рохля» (медлительный, нерасторопный человек), «пироги – кулаки», «по-братски – по-солдатски» противопоставляются в контексте, не являясь антонимами по своему лексическому значению. Что характерно, сравнение и антитеза становятся в пословице не просто элементами художественной структуры, а основой её композиции. Как показал анализ пословиц и поговорок, традиционные представления о героическом поведении включают такие качества, как смелость, храбрость, отвага и мужество. В пословицах и поговорках периода Великой Отечественной войны героическое поведение складывается ещё и из совокупности силы воли, бесстрашия, уверенности в себе, находчивости, выносливости, бескомпромиссности и бдительности. В пословицах и поговорках можно встретить все эти качества защитника, например:

- выдержка: «*Победит тот, у кого хватает выдержки», «Выдержка и смётка – для бойца находк*а»;
- смекалка: «*Боец со смекалкой воюет и с палкой*»;
- ловкость, находчивость, хитрость: «*У хитрого солдата и рукавица – граната*».

Героические качества человек проявляет, когда сталкивается с опасностью, страх перед которой ему необходимо преодолеть, чтобы совершить требуемый обстоятельствами поступок. Встречаются пословицы и поговорки, в которых противопоставляются положительные качества героя: «*Храбрость города берет, а бдительность их бережет*».

Чаще противопоставляются положительные и отрицательные качества «героя» - «антигероя» – человека, неспособного побороть свой страх перед опасностью: «*Смелому – уважение, трусу – презрение». «Герой что море: в непогодь только злей становится, а робкий что лужа: даже малый ветер всю расплещет*».

Рассматривая некоторые особенности трактовки образа героя в пословицах и поговорках периода Великой Отечественной войны, необходимо отметить преемственность традиций. Мы видим, что национально-специфической формой поведения русских, всё также является готовность пожертвовать собственной жизнью во имя Родины. Геройская смерть в бою прославляется во многих фронтовых пословицах: «*Кто умирает со славой, тот не страшится смерти костлявой», «Герой умирает – о себе память оставляет», «Могила героя священна для Отчизны».* С особенностями жанра связан специфический языковый стиль, на котором сказалось стремление пословицы и поговорки дать совет, научить. Это ярко проявилось как в общем синтаксическом строении, так и в отборе глагольных форм, когда самыми распространенными оказываются императивные формы:

- повеление, приказание: «*За край родной иди бесстрашно в бой», «Бей до победы, как били деды*»;
- поучение, обучение «*Изучай умело военное дело», «Тыл укрепить – врагов победить*».
- внушение: «*Держи порох сухим – будешь непобедим», «Друг за друга стой – выиграешь бой!», «Бей русским боем, будешь героем*» и т.п.

Совершенно очевиден наставительный характер таких пословиц и поговорок, жанровой природе которых соответствует обобщённый характер, проявляющийся в том, что они могут быть отнесены к любому лицу. Рассмотренные особенности использования поэтических средства в пословицах и поговорках периода Великой Отечественной войны

убеждают, что в эти суровые годы создано огромное количество пословиц и поговорок героического содержания. В них запечатлён патриотический подъем, беспощадная борьба с врагом, слава русского оружия. Многообразие и разносторонность тематики фронтовых пословиц и поговорок объясняется тем, что создавали и распространяли их люди самых разных военных профессий, разных родов войск, различного культурного уровня. В образных и выразительных изречениях воплощена горячая любовь к Родине: «*Нашей армии сыны Родине верны», «Смелее иди в бой – Родина за тобой*» и ненависть к ее врагам: «*Фашистский бандит всегда будет бит*». В пословицах и поговорках отражена боевая жизнь тех, кто отстоял Москву, освободил от врага множество городов и сел, дошёл до Берлина и водрузил там Знамя Победы, возможно, поэтому часто встречаются в пословицах географические названия, например: «*Кончились сроки фашистской сороки: на Москву летела, под Москвой околела», «Тула, Елец – фашистам конец», «Мастерами из Тагила врагам вырыта могила», «От Калача немцы дали стрекоча»*. Взятые вместе, они выступают в значении своеобразной поэтической летописи войны. Жирмунский В.М. писал: «Художественные образы – не пассивное обобщение действительности, они обладают эмоционально-волевыми элементами, которые позволяют литературе стать активной силой в обществе».

Пословица и поговорка немало сделали для того, чтобы в грозных, катастрофических обстоятельствах пробудить у людей чувство ответственности, понимание того, что именно от них, от каждого из них – ни от кого другого - зависит судьба страны.

ЛИТЕРАТУРА

1. Аникин В. П. Теория фольклора. Курс лекций – 3-е изд. – М.: КДУ, 2007.
2. Жигулев А.М., Кузнецов Н.П. За край свой насмерть стой. Пословицы и поговорки народов СССР. – М.: Воениздат, 1974.
3. Избранные пословицы и поговорки русского народа / сост.: Н.П. Колпакова, М.Я. Мельц, Г.Г. Шаповалова; вступ. ст. В.П. Адриановой-Перетц; под общ. ред. А.А. Прокофьева. – М.: ГИХЛ, 1957.
4. Пословицы и поговорки Великой Отечественной войны / сост. П.Ф. Лебедев. – М.: Воениздат, 1961.

ОФАРИДГОРИИ ШЕЪРИ ҚАҲРАМОНОНА ДАР МАСАЛҲО ВА СУХАНОНИ ДАВРАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Дар мақола масалҳо ва суханони давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки дар он хусусиятҳои тасвири муборизаир қаҳрамонона бар зидди фашизм таҳлил карда мешавад. Дар масалҳо ва суханон баландшавии ватандӯстӣ, муборизаи бераҳмонаи зидди душман, ҷалоли силоҳи русӣ васф карда мешавад. Гуногунии зарбулмасалу гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳоро мардуми касбҳои гуногун гуфтаанд.

Калидвожаҳо: масалҳо, фронт, давраи ҷанг, забон, шодмонӣ, қаҳрамони душман, сарбоз.

СВОЕОБРАЗИЕ ПОЭТИКИ ГЕРОИЧЕСКОГО В ПОСЛОВИЦАХ И ПОГОВОРКАХ ПЕРИОДА ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ

В статье анализируются пословицы и поговорки периода Великой Отечественной войны, в которых прослеживаются черты героического образа-героя-освободителя от фашизма. В пословицах и поговорках запечатлён патриотический подъем, беспощадная борьба с врагом, слава русского оружия. Многообразие и разносторонность тематики фронтовых пословиц и поговорок объясняется тем, что создавали и распространяли их люди самых разных военных профессий, разных родов войск, различного культурного уровня.

Ключевые слова: пословица, поговорка, фронт, период войны, литература, язык, поэтика, героическое, образ врага, фашизм, солдат-освободитель.

THE PERSONALITY OF THE HEROIC'S POETICS IN THE OF PROVERBS AND SAYINGS THE PERIOD OF THE GREAT PATRIOTIC WAR

The article analyzes the proverbs and sayings of the period of the Great Patriotic War, which trace the features of the heroic image of the hero-liberator from fascism. The proverbs and sayings capture the patriotic upsurge, the merciless struggle against the enemy, the glory of Russian weapons. The variety and versatility of the subject matter of front-line proverbs and sayings is explained by the fact that they were created and disseminated by people of various military professions, different types of troops, and different cultural levels.

Keywords: proverb, saying, front, war period, literature, language, poetics, heroic, enemy image, fascism, soldier-liberator.

Сведения об авторе: ***Одилов Фуркат*** - магистрант 2-го года обучения Российско-Таджикского (Славянского) университета

Information about the author: ***Odilov Furkat*** - Master's student of the 2nd year of study of the Russian-Tajik (Slavic) University

ИҚТИСОД- ЭКОНОМИКА

ОМИЛҲОИ ТАШКИЛИВУ ИҚТИСОДИИ ТАНЗИМИ ИНФРАСОХТОРИ БОСАМАРИ ФАЪОЛИЯТБАРИИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ КӮЛОБ

Азизмамадова А.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маълум аст, ки дар дилхоҳ мамлакат новобаста аз низоми амалкунандаи ҷамъиятӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ он зери танзими бевоситаи давлатӣ аз ҷониби мақомотҳои ваколатдори соҳавӣ қарор дорад. Истифодаи ваколатҳо аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, ки тавассути характери қонунӣ, иҷроия ва назоратӣ, ки барои таъмини мақсадҳои муаяйни иҷтимоиву иқтисодӣ равона гардиаанд, танзими иқтисодии равандҳои иқтисодии МОИ ифода мекунанд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ, дар ин раванд истисно ба ҳисоб намераванд. Иқтисодиёти МОИ ки дар асоси «озодии иқтисодӣ» фаъолият мебарад, хоҷагиии беназорат номидан мумкин нест. Минтақаи озоди иқтисодӣ ҳамчун қисмати муаяйни ҳудуди озод танҳо ин озодиро дар ҳудуди минтақа, ки тавассути низоми имтиёзноки андозиву гумрукӣ татбиқ мегарданд, дар назар дорад.

Танзими давлатии фаъолияти МОИ як қатор маҳдудиятҳои характери ғайримустақимро соҳиб аст. Он тавассути маҳдудиятҳои қонунгузорӣ, низоми андозӣ, пардохтҳои ҳатмӣ ва уҳдадорикунанда, сармоягузориҳои давлатӣ, субсидияҳо ва пешниҳоди қарзҳо, амалисозии барномаҳои минтақавии иҷтимоиву иқтисодӣ, барномаҳои мақсадноки тараққиёти минбаъдаи МОИ, идоракунӣ ва амаликунии минтақаҳои озоди иқтисодиро дар ҳудуди муаяйни кишвар дар назар дорад, фаҳмида мешавад. Таҳлили фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутаассифона нишон медиҳад, ки онҳо то ҳол нақши асосии худ, яъне ба сифати базаи асосии тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳиссаи худро дар ташаккули низоми иқтисодӣ ба назар намерасад. Аммо, ин нишондиҳандаҳо сабаби пешакӣ баровардани хулосаи манфӣ нисбат ба фаъолиятбарии ин минтақаҳо гарданд. Баръакс, онҳо шакли перспективии ҳамгироии минтақавӣ ва фаъолияти беруниқтисодӣ арзёбӣ мегарданд, аммо дар айни замон, дар марҳилаҳои ибтидоии ташаккулёбии он равиши селективӣ, қарорҳои босамари иқтисодӣ аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ, маҳаллӣ ва маъмурияти минтақаҳо андешида шавад. Таҳқиқоти ба анҷомрасида ба мо имкон медиҳад, ки самтҳои асосии таъмини мунтазам ва босамари МОИ дар раванди ташаккулёбии он муайян карда шаванд. Ба андешаи мо, ин самтҳо характери махсуси соҳавиро дар шароити ҷумҳурии мо надоранд. Бо вуҷуди ин як катор самтҳои тараққиёти МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистн маҳз аз омилҳое бармеоянд, ки айни замон ҷумҳурӣ дар он қарор гирифтааст. Бинобар ин, дар рафти муаяйн намудани самтҳои асосии тараққиёти минтақаҳои озоди иқтисодӣ диққати асосӣ бояд ба фаъолиятбарии МОИ дар объекти таҳқиқшаванда қарор гирад. Инак, дар асоси таҳлили ҳолати инкишоф ва фаъолиятбарии МОИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андешаи мо чунин самтҳои таъмини устувори инкишофи он бояд пешниҳод карда шаванд:Фаъолиятбарии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки имтиёзҳои он сармоягузоронро ҷалб менамояд, сохтани корхонаҳои муосири ресандагӣ, бофандагӣ, либосдузӣ, коргоҳҳои рангсозию рангомезӣ ва дигар намудҳои корхонаҳои саноатӣ дар он ҷойҳо, метавонад ба андозаи зиёд ба иҷрои ин ҳадаф мусоидат кунад. Ҳамзамон, сохтани чунин корхонаҳо дар ҳудуди МОИ имкони онро фароҳам меорад, ки даҳҳо ва садҳо ҳазор нафар аҳолии назди минтақаҳои озоди иқтисодӣ сукунат дошта, бо ҷои кор таъмин шаванд. Зимнан, барои баланд бардоштани маҳорату тахассуси коргарон метавон аз таҷрибаи бойи Ҷумҳурии мардумии Чин, ки фаъолиятбарии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар онҳо аз солҳои 60-уми асри гузашта дар натиҷаи татбиқи кластерикунонӣ ва созмондиҳиии институтҳои махсус барои тараққиёти минбаъдаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ амал мекарданд, истифода кард. Ҳукумати Ҷумҳурии мардумии Чин дар манотиқи шарқии кишвар минтақаҳои озоди иқтисодиро таъсис намуда, ба сармоягузорони хориҷӣ як силсила имтиёзҳо дод ва дар пеши онҳо чунин шартҳоро гузошт:

1. Корхонаҳо бояд бо таҷҳизот ва технологияи навтарин муҷаҳҳаз шаванд.

2. Роҳбарӣ кардан (мудирият) ва ба роҳ андохтани фаъолиятхои тавлидии корхона ба уҳдаи сармоягузорон ва мутахассисону муҳандисони онҳо вогузор карда шавад.

3. Вале, дар корхонаҳо бояд коргарони чинӣ кор кунанд ва мутахассисони хориҷӣ онҳоро (коргарони чиниро) ҳамвора омӯзиш диҳанд ва то ба пояи коргарони моҳири фаннию техникӣ ва сохибтахассус тарбия намоянд.

Дар Ҷумҳурии мардумии Чин таи солҳои зиёд чунин равишро давом доданд ва дар кишвар шумораи зиёди коргарони моҳир ва тахассусманд дар риштаҳои гуногун тарбия шуд. Ҳоло аз ин таҷриба дар манотиқи марказию ғарбии Чин истифода мекунанд. Мо ҳам ниёз бар он дорем, ки шумори зиёди коргарони моҳиру дорои тахассуси баланди техникию фаннӣ ва мутахассисони риштаҳои гуногуни тавлиди тарбия шаванд ва аз ин роҳ, сифати «сармояи инсонии» мо беҳтар гардида, ҳамзамон яке аз ҳадафҳои стратегии давлат, ки дар барномаи дарозмӯҳлати рушди иҷтиомию иқтисодии Тоҷикистон то давраи соли 2030 ҳамчун таъмини шуғли маҳсулнок вогузор карда шудааст, таъмин гардад. Барои ҳалли ин мушкил истифодаи таҷрибаи Чин муфид аст. Дар ин росто таъсиси минтақаи озоди технологӣ (барои мисол, дар Душанбе) хело муассир хоҳад буд. Чунин минтакаҳои озод, маъмулан, дар атрофии марказҳои бузурги илмӣ ба таври худҷуш ба вуҷуд меоянд ва ё бо кумаку пуштибонии давлат сохта мешаванд. Дар он ҷо муассисоти илмӣ ва таҳқиқотӣ бо ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ чамъ мешаванд. Ба онҳо шароити хело мусоид фароҳам оварда мешавад ва имтиёзҳои молӣ низ дода мешавад. Чунин минтақаҳои озод беш аз ҳама дар ИМА, Ҷопон ва Чин бунёд гардидаанд. Дар ИМА онҳоро «технопарк»» дар Ҷопон - «технополис» ва дар Чин - «Минтақаи рушди технологии ҷадид ва баланд» («Хайтек») меноманд. Машҳуртарин ва бузургтарин технопарки ИМА - «Водии силикон» ном дорад. Дар ин ҷо беш аз 20 ҳазор мутахассисон аз кишварҳои мухталиф, аз ҷумла аз Ҳиндустон, кор мекунанд. Дар ин технопарк беш аз 20% васоили электронӣ ва компютерҳои ҷаҳон сохта мешавад. Ёдовар мешавем, ки дар ИМА беш аз 80, дар Ҷопон - 20 ва дар Чин беш аз 50 технопарку технополисҳо таъсис шудааст, ҷолиб аст, ки мутахасисини ҳиндии технопаркҳои Амрико натанҳо дар ИМА, балки дар Ҳиндустон низ ширкатҳои худро таъсис намудаанд ва ин боиси пешрафти технологӣ дар ин кишвар шуда аст. Тасодуфӣ нест, ки имрӯз Ҳиндустон дар бахши технологии ҷадид ва қисматҳои асосии компютерӣ дар радифи пешрафтатарин кишварҳои ҷаҳон ҷой гирифта аст.

Асосан, Ҳукумати кишварҳо минтақаҳои озодро бо мақсадҳои зерин таъсис менамояд:

1. Пешрафти иқтисоди манотиқи ақибмонда.

2. Рушди корхонаҳои хурду миёна.

3. Ба вуҷуд овардани ҷои кор ва густариши шуғли аҳолӣ.

4. Ҷалби сармоя ва технологияи хориҷӣ.

5. Таҷдиди технологии корхонаҳои саноатӣ ва боло бурдани маҳорати касбии коргарон.

6. Рушди робитаҳои итисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ.

7. Зиёд кардани содирот ва ба даст овардани маблағҳои зарурии андухташаванда.

8. Таҷриба кардани шеваҳои нави фаъолиятхои иқтисодӣ ва татбиқи усулҳои иқтисодӣ ва ғайра.

Кишварҳои пешрафта манотиқи озодро, асосан, барои пешрафти баъзе навоҳии ақибмондашон ва рушди босуръати технологияи муосир ва «баланд» («Хайтек») таъсис менамоянд. Масалан, дар манотиқи ғарбӣ ва марказии ИМА дар садаи гузашта чанд минтақаи озод таъсис намуда, ба сармоягузорон як силсила имтиёзҳо доданд. Дар натиҷа, сармоядорони дохилию хориҷӣ ба он навоҳӣ ҷалб шуданд ва дар як муддати кутоҳ, иқтисоди он навоҳӣ равнақ ёфт. Дар кишварҳои ақибмонда ҳадафи асоси аз таъсиси манотиқи озод – ҷалби сармоя ва технологияи хориҷӣ, тавсеъаи шуғли аҳолӣ ва зиёд кардани содирот мебошад. Дар кишварҳои шуравии пешин, аз ҷумла дар Русия ва (Қирғизистон низ бо ҳамин гуна мақсадҳо чандин манотиқи озоди иктисодиро таъсис намуданд. Дар навоҳии шарқӣ ва шимолии Қирғизистон дар солҳои 90 се минтақаи озоди иктисодӣ таъсис доданд. Аз миёни онҳо минтақаи озоди саноатии «Бишкек», ки дар канори пойтахти кишвар ҷойгир шуда аст, ба таври самарабахш кор мекунад. Вале , дар ду

минтақаи озоди дигар таи солҳои гузашта натиҷаи дилхоҳ, ҳосил нашуд. Ба сабаби кухистонӣ ва дурафтодаю камаҳолӣ будани минтаҷа сармоягузорон ба он ҷойҳо таваҷҷуҳ, зоҳир накарданд. Ҳоло ҳукумати кишвар нияти доранд, ки се чор минтақаҳои озоди дигарро дар навоҳии ҷанубии кишвар, ки шароити беҳтар доранд, таъсис намояд.

Дар минтақаҳои озоди иқтисодии Чин низоми гуногуни имтиёзҳои андозиву гумрукӣ ҷорӣ карда шудааст. Масалан: хизатчиёни корхонаҳои муштараки (новобоста аз он ки аҳолии маҳаллианд, ё хориҷианд) дар тобеияти минтақаҳои озод буда, андоз аз даромадро бо пуррагӣ ба буҷаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ пардохт менамоянд. Корхонаҳои муштараке, ки дар соҳаҳои камдаромад (хоҷагии қишлоқ) фаъолият меварзанд, аз 15 то 30% андоз аз даромад то 10 сол месупоранд, ё ки тамоман аз пардохти андоз озоданд. Шахсони ҳуқуқие , ки ба маблағи 5млн. долл. дар минтақаҳои озод сармоягузорӣ менамояд , бо ариза ба маъмурияти минтақаҳои озод метавонад, аз пардохти андозҳо озод карда шавад. Дар минтақаи озоди иқтисодии шаҳри Урумчӣ бошад, ки бевосита минтақаи техникию технологияи нав мебошад чунин имтиёзҳо татбиқ мешаванд. Корхонае, ки лоиқи гирифтани сертификати корхонаи техника ва технологияи нав гаштааст, андоз аз фоидаро 15 % аз меъёри муқарраргардида пардохт менамояд. Корхонаи нав ташкилшуда бошад баъди гирифтани сертификати мазкур дар мӯҳлатӣ 3 сол аз пардохти андоз аз фоида озод гардида, баъди он 7,5 % аз меъёрӣ муқарраргардида пардохт менамояд. Корхонаҳо, инчунин дар вақти содироти маҳсулот метавонанд имтиёзҳо доир андоз аз арзиши иловашуда истифода баранд. Дар баъзе кишварҳо ҳукумат бо мақсади суръат бахшидан ба раванди ҷалби сармоя ва осон кардани кор дар манотиқи озод, биноҳои корхонаҳо, роҳҳо, хатҳои обрасонӣ ва барқрасониро пешакӣ омода месозад. Чизе ки барои сармоягузорон боқӣ мемонад, ин овардану насб кардани таҷҳизот ва шуруъ кардан ба тавлиди маҳсулот аст. Сохтмони роҳҳо, нерӯгоҳҳо ва хатҳои интиқоли барқ дар Тоҷикистон бо суръат идома дорад ва ин заминаи хубест барои фаъолиятбари минтакаҳои озоди иқтисодӣ, аз ҷумла МОИ “Кӯлоб”. Дар ҳар сурат, ба назар мерасад, ки таъсиси чанд минтақаи озоди иқтисодӣ, пеш аз ҳама минтақаҳои озоди саноатӣ дар навоҳии мухталифи кишвар зарур ва муфид аст. Ин имконият медиҳад, ки сармоядорони дохилию хориҷӣ ба ин манотиқ ҷалб шаванд, шумори зиёди корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ сохта шаванд, ҳазорон нафар коргарон ба кор машғул шаванд, маҳсулоти ниҳоӣ барои бозорҳои дохилию хориҷӣ тавлиду арза шавад ва аз ин роҳ пешрафти иқтисоди кишвар таъмин гардад.

АДАБИЁТ

1. Игнатов В. И. Свободные экономические зоны. М.: Ось-89, 2009. 192 с.
2. Назаров Н. Свободные экономические зоны в Таджикистане: Возможно ли это?//Бизнесмен. - Душанбе, 2003. - № 39
3. Особая экономическая зона в аспекте стратегической перспективы КМВ / под общ. ред. Б. Я. Гершковича. Пятигорск: ПГЛУ, 2008. С. 36-37.
4. Раджабов К.К. Влияние свободных экономических зон на социально-экономическое развитие Республики Таджикистан //Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2011.- № 3(67). - С.74-82.

ОМИЛҲОИ ТАШКИЛИВУ ИҚТИСОДИИ ТАНЗИМИ ИНФРАСОХТОРИ БОСАМАРИ ФАЪОЛИЯТБАРИИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ КӮЛОБ

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба омилҳои ташкиливу иқтисодии танзими инфрасохтори босамари фаъолиятбарии минтақаҳои озоди иқтисодии Кулоб сухан рондааст. Маълум аст, ки дилхоҳ мамлакат новобаста аз низоми амалкунандаи ҷамъиятӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ зери танзими бевоситаи давлат аз ҷониби мақомотҳои ваколатдори соҳавӣ қарор дорад. Истифодаи ваколатҳо аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, ки тавассути характери қонунӣ, иҷроия ва назоратӣ, ки барои таъмини мақсадҳои муаяйни иҷтимоиву иқтисодӣ равона гардидаанд, танзими иқтисодии равандҳои иқтисодии МОИ ифода мекунанд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ, дар ин раванд истисно ба ҳисоб намераванд. Иқтисодиёти МОИ, ки дар асоси «озодии иқтисодӣ» фаъолият мебарад, хоҷагиии беназорат номидан мумкин нест. Минтақаи озоди иқтисодӣ ҳамчун қисмати муаяйни ҳудуди озод танҳо ин озодиро дар ҳудуди минтақа, ки тавассути низоми имтиёзноки андозиву гумрукӣ татбиқ мегарданд, дар назар дорад.

Калидвожаҳо: минтақаҳои озоди иқтисодӣ, раванд, иқтисод, давлат, ҷамъият, андоз ва гумрук, қонун.

ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ ЭФФЕКТИВНОГО ИНФРАСТРУКТУРНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН КУЛЯБА

В данной статье автор рассказал об организационно-экономических факторах, регулирующих эффективное функционирование инфраструктуры свободных экономических зон Куляба. Известно, что любая страна, независимо от существующей социальной, социально-экономической и политической системы, находится под прямым регулированием государства и уполномоченными отраслевыми органами. Осуществление органами государственной власти полномочий законодательного, исполнительного и надзорного характера, направленных на обеспечение определенных социально-экономических целей, представляет собой экономическое регулирование процессов в СЭЗ. Свободные экономические зоны в этом процессе не исключение. Экономику СЭЗ, функционирующую на основе «экономической свободы», нельзя назвать неконтролируемой экономикой. Свободная экономическая зона как определенная часть свободной территории означает только те свободы, которые реализуются на территории региона в рамках льготного налогового и таможенного режима.

Ключевые слова: свободные экономические зоны, процесс, экономика, государство, общество, налоги и таможня, право.

ORGANIZATIONAL AND ECONOMIC FACTORS OF EFFECTIVE INFRASTRUCTURE REGULATION OF FREE ECONOMIC ZONES OF KULYAB

In this article, the author gave information about the organizational and economic factors that regulate the effective functioning of the infrastructure of the free economic zones of Kulyab. It is known that any country, regardless of the existing social, socio-economic and political system, is directly regulated by the state and authorized industry bodies. The exercise by State authorities of legislative, executive and supervisory powers aimed at ensuring certain socio-economic goals is the economic regulation of the processes in the FEZ. Free economic zones are no exception in this process. The economy of the FEZ, functioning on the basis of" economic freedom", cannot be called an uncontrolled economy. A free economic zone as a certain part of a free territory means only those freedoms that are implemented on the territory of the region within the framework of a preferential tax and customs regime.

Keywords: free economic zones, process, economy, state, society, taxes and customs, law.

Сведения об авторе: ***Азизмамадова Адиба Атомамадовна*** – Таджикский национальный университет. магистрант первого курса финансово-экономического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17 Телефон: **501 07 93 08**

Information about the author: ***Azizmamadova Adiba Atomamadovna*** – Tajik National University first-year Master's student of the Faculty of Finance and Economics of the. **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17Phone: **501 07 93 08**

ДЕСТИНАТСИЯ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМИ ТАШАККУЛИ САЙЁҲӢ

Сайфуллоев Н.Н., Бобоева А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар дестинатсия захираҳои сайёҳӣ нақши муҳим бозида фазои ташкили сайёҳиро дар ҳудудҳои муайян таъмин намуда, истифодаи оқилонаи ин захираҳо ба ҳудудҳои алоҳида таъсири муфид мерасонад. Ташкили дестинатсия сайёҳӣ яке аз омили асосси рушди сайёҳӣ маҳсуб меёбад.

Дестинатсияи сайёҳӣ - маҷмӯи муайяни хизматрасонии пешниҳодшавандаест, ки ба талаботҳои сайёҳ ҷавобгӯ буда, талаботи арзаи онҳо, яъне пешниҳоди ҳамлу нақл, ҷои хоб, ғизо, рекреатсия ва ғайраро, ки мақсади асосии сайёҳ ба шумор меравад, қонеъ мегардонад. Вобаста ба ин, дестинатсия бояд дорои интихоби хизматрасониҳои зерин: ҷойҳои тамошобоб ва системаи иттилоотӣ бошад.Дестинатсия метавонад аввалия ва дуюмдараҷа бошад. Дестинатсияи аввалия аз рӯи ҷаззобияти худ сайёҳонро ба худ ҷалб намуда, мақсади асосӣ ин қонеъгардонии манфиатҳои сайёҳон дар муҳлати тӯлонӣ мебошад. (масалан беш аз як ҳафта).Дестинатсияи дуюмдараҷа (таваққуф дар роҳ) маҳаллеро дар бар мегирад, ки дар ҳудуди миёни дестинатсияи аввалия зарурати таваққуф ба амал меояд. Вазифаи асосии дестинатсияи дуюмдараҷа қонеъ гардонидани хоҳиши сайёҳон дар муддати як ё ду рӯз мебошад. Талаботҳои асосие, ки истеъмолгари захираҳои сайёҳӣ арза медорад:

-истифодаи арзишҳои табиӣ (боздиди ҷаззобияти табиат, ҳудудҳои мамнуъгоҳ, боздиди манзараҳои зебо);

-истифодаи арзишҳои фарҳангӣ (дидани ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, меъморӣ, боздид аз осорхонаҳо, театрҳо ва намоишгоҳҳо);

-имконияти шуғл ба варзиш (пиёдагардӣ, обӣ, лижатозӣ, дучархасаворӣ, мотто ва автосайр, сайр, шиноварӣ, бозиҳои варзишӣ);

-шуғли саргармӣ (моҳидорӣ, шикор), ҷамъоварии намудҳои гуногуни растаниҳою ҳашаротҳо (гербария, фотошикор ва ғайра), якчанд таснифотҳои гуногуни захираҳои сайёҳӣ мавҷуд аст. Дар нисбати аввал онҳо ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: бевосита ва ғайримустақим.

Расми 1. Шаклҳои дестинатсия сайёҳӣ

Хусусиятҳои махсуси захираҳои сайёҳӣ томият, афзоишёбанда, ғунҷоишӣ, эътимоднокӣ, ҷаззобият, устуворӣ ва ғайра маҳсуб меёбад.

Томият - алоқамандии ҳамаи захираҳо ба монанди сарватҳои табиӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва объектҳои хӯроки умум, хоҷагии меҳмонхонавӣ, нақлиётӣ ва ғайра.

Ғунҷоишӣ - имконияти шомил намудани захираҳои дигар бахшҳои иқтисодӣ, ки ба сайёҳӣ алоқаи зич надорад (м: саноат, кишоварзӣ, савдо ва ғайра).

Устувории захираҳои сайёҳӣ дар миқёси иқтисоди миллӣ, ки тавозуни иқтисодиро вайрон намекунад, яъне дар индустрияи сайёҳӣ он шароитҳо ва сарватҳои табиие истифода шудаанд, ки аз ҷониби дигар бахшҳои хоҷагиҳо истифода намешаванд.

Эътимоднокӣ дар бахши сайёҳӣ дар навбати аввал ба шароитҳои иҷтимоию сиёсӣ вобаста аст.

Ҷаззобият манзараҳои нотакрори қаторкӯҳҳо, кӯлу дарёҳо, обанборҳо чашмаҳои маъданӣ, хусусияти асосии захираҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз ҳамин хусусият воситаи ҳамоиши сайёҳӣ мебошад.

Нотакрории объектҳои сайёҳӣ метавонад ҳавасмандии инсонро бедор намояд.

Арзишҳои маърифатӣ - робитаи объектҳо бо субъекти мушаххаси таърихӣ, ҳаёт ва фаъолияти ашхоси машҳур.

Арзишҳои рекреатсионӣ - имконияти истифодаи оқилонаи объектҳои сайёҳӣ барои ташкили истироҳат ва солимгардонии сайёҳон.

Шуҳратмандӣ - маъмул будани объектҳои сайёҳӣ миёни сайёҳон.

Ғайримуқаррарӣ- дараҷаи гуногунрангии объектҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ ғайриоддӣ будани онҳо нисбат ба шароити зисти доимии сайёҳ.

Нигоҳдошт - ҳолати объектҳо ва омода намудани ҳудудҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ барои ташкилу қабули сайёҳон.

Хусусиятҳои маърифатии ҳудуд ба объектҳои табиӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ вобаста аст. Масалан: ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, осорхонаҳо, хусусиятҳои миллӣ ва анъанаҳои аҳолӣ, объектҳои нотакрори табиат, фарҳанг, саноат ва ғайра. Тавсияҳои гуногун оид ба бузургии иқтидорҳои сайёҳӣ мавҷуд мебошанд. Чунончи, ҳудудҳои наздибаҳрӣ бо фазои обӣ метавонанд комплекси сайёҳии ғунҷоишашон аз 2 то 10 ҳазор ҷойро таъмин намояд.

Марказҳои сайёҳие, ки дар соҳили дарё ва кӯлҳо ташкил шудаанд ва иқтидорҳои сайёҳиашон нисбатан маҳдуд аст, ғунҷоишашон то 500, иқтидорҳои миёна аз 500 то 2,5 ҳазор ва иқтидорҳои бузург зиёда 2,5 ҳазор ҷойро ташкил карда метавонанд.

Дар мисоли минтақаи сайёҳию рекреатсионии Варзоб қайд кардан бамаврид аст, ки дар мавсими ҷӯшу хуруши истироҳат дар як шабонарӯз ба ҳар гектар ба ҳисоби миёна то 10 -15 нафар рост меояд, ки ин аз нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ зиёдтар аст. Аз ин рӯ, вайроншавии муҳити экологии минтақаи сайёҳии Варзоб бештар ба назар расида, сабаби ифлосшавии экосистема гаштааст. Ҳамзамон, афзудани бӯстонсаройҳои хусусӣ, истироҳатгоҳҳо, фароғатгоҳҳо ва маҳалҳои аҳолинишину корхонаҳои истеҳсолӣ дар водии дарёи Варзоб, боиси он гаштааст, ки таркиби оби дарё, ки аслан дар поёноб то 1 млн. нафар аз он истеъмол мекунанд, ғайрисанитарӣ гардида, ба пайдоиши беморихои сирояткунанда метавонад мусоидат намояд. Кулли истироҳатгоҳҳои хусусии дар атрофии дарё сохташуда, партовгоҳ надоранд ва аксаран, партовҳою обҳои ғализро ба дарё меандозанд. Ин ҳолат эҳтимоли бавуҷудоии бухрони экологиро дар минтақаи мазкур ба вуҷуд меорад. Объектҳои сайёҳӣ маҷмӯи иншоотҳои сайёҳие мебошад, ки барои амалинамоии барномаҳои махсуси хизматрасонии сайёҳӣ равона гардидаанд. Минтақаҳои сайёҳӣ ва рекреатсионии Гулистон (Қайроқум), Ҳисор, Ромит, Обигарм, Гармчашма таҷрибаи ҷаҳонии сохтмонҳои гуногуни объектҳои сайёҳиро муаррифӣ намудааст. Чунончи: комплекси сайёҳии Шармушшайх (Миср), Хургада (Миср), Пхукет (Тайланд), Пиреней, Руселйон (Испания-Фаронса), Гоа (Ҳиндустон), Сантраж (Фаронса), Флорида (ИМА), Сочи (ФР) ва ғайра. Ин маҷмааҳо боиси таснифоти комплекси сайёҳӣ мегарданд. Солҳои охир масоили баҳодиҳии ҳудуд барои истифода ҷиҳати сайёҳӣ аз ҷониби меъморон, географияшиносон, равоншиносон, коршиносони соҳаи сайёҳӣ фаъолона баррасӣ мегарданд. Бо назардошти мавҷудияти иқтидорҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар объектҳои сайёҳӣ ба монанди Хоҷаобигарм, мавзеи Искандаркӯл, Саричашма, Ҳавотоғ, Қайроқум, Артуч, Шоҳамбарӣ, Гармчашма, Сари Хосор, Қалъаи Ҳисор ва ғайра мавҷуданд, ки дар ин ҳудуд ташкили комплексҳои васеи сайёҳӣ имконпазир аст. Нишондиҳандаи асосии рушди шабаки сайёҳӣ зичии муассисаҳои сайёҳӣ, ки баробар ба миқдори ҷой (ба ҳазор км^2 рост меояд) мебошад. Вобаста ба ин ҳудудҳо ба рушдёфта, миёна ва сусттараққикарда ҷудо мешаванд. Омили асосии муайянкунандаи рушди фаъолияти сайёҳӣ базаи моддӣ маҳсуб меёбад. Пойгоҳи моддии сайёҳӣ маҷмӯи унсурҳои моддӣ ва ҷиҳозии қувваҳои истеҳсолкунанда, ки дар раванди истеҳсоли хизматрасонии моддӣ истифода мегардад, ба шумор мераванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон осоҳишгоҳҳо дар ҳудудҳое ташкил ёфтаанд, ки дорои захираҳои гуногунранги талаботии табиӣ мебошанд. Чунончӣ осоишгоҳҳои Хоҷаобигарм, Обигарм, Шоҳамбарӣ, Гармчашма, Зумрад, Зайрон ва ғайра. Дар миқёси кишварҳои аъзои ИДМ бошад, ин гуна осоишгоҳҳо бештар дар ҳудуди ҷумҳуриҳои Қафқоз (Озарбойҷон, Гурҷистон, Арманистон), соҳили баҳри Сиёҳ, нимҷазираи Камчатка бештар ҷойгир карда шудааст. [4;65]. Ба осоишгоҳҳо бештар категорияҳои истироҳаткунандагоне мераванд, ки синашон аз 50 сол боло аст. Фаъолияти осоишгоҳҳо хусусияти тамомисолӣ дорад. Марҳилаи талабот дар онҳо аслан аз 21 то 24 рӯзро дар бар мегирад. Баъзан то ду ҳафта кӯтоҳ карда мешавад. Шабакаи муассисаҳои истироҳатӣ, истироҳатгоҳҳо, пансионатҳо ва пойгоҳҳои (база) истироҳатиро дар бар мегирад. Ҳадафи асосии муассисаҳои истироҳатӣ ин ташкил намудани истироҳат, солимгардонӣ ва талаботи мардуми кишвар мебошад. Дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, Иттифоқи касаба муайянкунандаи ташаккули ин шакли истироҳат ба шумор меравад. Ҳамаи захираҳои иқтидорҳои ҳудудии сайёҳӣ ба 3 гурӯҳ ҷудо мешаванд, яъне табиӣ (иқлим, захираҳои об, чашмаҳои маъданӣ, гилҳои табобатӣ, релеф, ғорҳо, олами растаниёт ва ҳайвонот, ёдгориҳои табиӣ ва мамнӯъгоҳҳо, манзараҳои дилфиреб, объектҳои табиии нотакрор), фарҳангӣ-таърихӣ (осорхонаҳо, намоишгоҳҳо, театрҳо, хусусиятҳои таърихӣ, ёдгориҳои меъморӣ, этнографӣ, фолклор, марказҳои ҳунарҳои дастӣ) ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ (дастрасии ҳудудии нақлиётӣ ва сатҳи рушди табақаи нақлиётӣ, мавқеи иқтисодӣ-географӣ, сатҳи рушди иқтисодии ҳудуд, сатҳи таъминоти хизматрасонии аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, хусусияти аҳолӣ**).** Масъалаи дигаре, ки ба он дар ҷумҳурӣ кам аҳамият медиҳанд, ин тайёр намудани алпинистон ба ҳисоб меравад. Агар варзишгарони ҷавони алпинист ва кӯҳнавардонро тайёр накунем, пас баъди чанд сол варзишгареро ёфта наметавонем, ки сайёҳони хориҷиро аз паси худ ба кӯҳҳо барорад. Ин қабил варзишгарон дар ҷумҳурӣ миқдоран хеле кам мондаанд. Федератсияи алпинистии

ҷумҳурӣ доимо кӯшиш карда истодааст, ки ба алпинизм бештар донишҷӯён ва хонандагонро ҷалб намоянд. Ҳаминро низ зикр намудан лозим аст, ки ба ин намуди варзиш миқдори ками одамон ҳаёти худро мепайванданд.

Омилҳои асосие, ки ба тараққиёти сайёҳии воридотӣ монеъ мешаванд, инҳо ҳисобида мешаванд:

- тарақӣ накардани инфраструктураи сайёҳӣ, фишурда шудани заминаи мавҷудаи маънавӣ ва ҷисмонӣ, миқдори ками лавозимоти замонавии меҳмонхонаҳо, шароити пасти зисту зиндагонӣ дар баъзе меҳмонхонаҳо;
- нарасидани таҷриба барои муҳайё намудани ҳамаи шароитҳои хуб барои сармоягузорон;
- кам будани таблиғоти ғайритиҷоратии давлатӣ дар хориҷа;
- паст будани сифати хизматирасонӣ дар ҳамаи соҳаҳои сайёҳӣ, бо сабаби дар сатҳи паст тайёр намудани муттахассисон, набудани таҷрибаи корӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ;
- мутобиқ набудани нарх ва сифати ҷойгиркунӣ дар меҳмонхонҳо. [5;82]

Таҳлил ва пешгӯии иқтидори сайёҳӣ метавонад бо чунин доираи дигари раванд бурда шаванд:

-мавқеи географӣ ва шароити иқлимию табиӣ:

-хислати демографии аҳолӣ, сатҳи урбанизатсияи ҳудудҳо, синну соли миёнаи аҳолӣ;

-мавҷудияти шахсиятҳои меросии таърихию маданӣ ва ҳолати онҳо, ки асоси рушди маданию маълумотнокии соҳаи сайёҳӣ мебошанд;

-мавҷудияти минтақаи рекреатсионӣ, мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ,

-табобатгоҳҳои тандрустӣ, пойгоҳи сайёҳӣ ва биноҳои истироҳатӣ, ки ба ташкилнамоии системаи табобатии тандурустӣ, рекреатсионӣ ва фаъолонаи сайёҳӣ мусоидат менамоянд;

-мавҷудияти таҷҳизоткунонидашудаи намоишгоҳҳои маҳсулотӣ ва комплексӣ барои гузаронидани ярмаркаи байналхалқӣ ва байниминтақавӣ;

- сатҳи рушди технологии комплекси истехсолӣ, ки рушди кордонии сайёҳиро таъмин менамояд;

-шароити ҷойгирнамоии макони сайёҳон;

-сатҳи рушди инфраструктура, муассисаҳои маданӣ ва таълимотӣ, ки вазифаи тайёр намудани кадрҳоро дар муҳити сайёҳӣ ва пурранамоии хизматрасонии барномаи сайёҳатию таълимии экскурсиониро метавонанд таъмин намоянд;

-сатҳи умумии рушди коммуналии инфрасохтор;

-сатҳи рушди рекламаи матбуотӣ (полиграф), марказҳои интернетӣ, ки дастгирии маълумотҳо ва рӯнамои (презентатсия)-и сайёҳиро таъмин менамояд;

-сатҳи дастгирӣ ва пешкаш намудани ақидаҳои рушди сайёҳӣ аз тарафи маъмурияти минтақаҳо.

Тоҷикистон ба он нигоҳ накарда, ки иқтидори баланди сайёҳӣ дорад, дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ яке аз ҷойҳои охиринро ишғол менамояд. Имрӯз, миқдори хориҷиёне, ки ба Тоҷикистон бо мақсадҳои корӣ, сайёҳӣ ва хусусӣ меоянд, на зиёдтар аз як миллион одамро ташкил медиҳанд, ки он ба иқтидори сайёҳатии давлати мо рост намеояд.

АДАБИЁТ

1. Азар, В. И. Экономика и организация туризма. Методологические вопросы / В. И. Азар. —М.: Экономика, 1972. — 182 с.
2. Александрова, А. Ю. Структура туристского рынка / А. Ю. Александрова. — М.: Пресс-Соло, 2002. — 384 с.
3. Александрова, А. Ю. Туристские кластеры: содержание, границы, механизмы функционирования / А. Ю. Александрова // Экономические проблемы развития сервиса и туризма. — 2007. — № 2. — С. 51—61.
4. Диловаров Р., Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н. Асосҳои туризм. Душанбе, 2014.- 245 саҳ.
5. Қодирова М., Қодиров Ф. «Асосҳои сайёҳӣ». Душанбе: «Ирфон», 2012.-160с.

ДЕСТИНАТСИЯ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМИ ТАШАККУЛИ САЙЁҲӢ

Дар маколаи мазкур сухан оид ба хусусиятҳои дестинатсия меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон гӯшаи хеле зебои табиӣ дошта, дар он метавон дестинатсия ҷиҳати ташкили сайёҳӣ ва муаррифии захираҳои сайёҳиро ба роҳ монд. Дестинатсия омили муҳими ташаккули сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Бояд тазаккур дод, ки дар дестинатсияи сайёҳӣ маҷмӯи муайяни хизматрасонии пешниҳодшавандаест, ки ба талаботҳои сайёҳ ҷавобгӯ буда, талаботи арзаи онҳо, яъне пешниҳоди ҳамлу нақл, ҷои хоб, ғизо, рекреатсия ва ғайраро, ки мақсади

асосии сайёҳ ба шумор меравад, қонеъ мегардонад. Вобаста ба ин дестинатсия бояд дорои интихоби хизматрасониҳои зерин: ҷойҳои тамошобоб ва системаи иттилоотӣ бошад. Яке аз унсурҳои иқтидори сайёҳӣ рушди инфрасохтори сайёҳӣ ба ҳисоб меравад, ки маҷмӯи объектҳо, корхонаю идораҳои мансуб ба шабакаи сайёҳиро ба вуҷуд меорад. Ғайр аз ин, боиси рушди устувори ташкили ҳудудии хоҷагии сайёҳӣ мегардад. Таҳлили замонавии ҳолати дохилии сайёҳӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки сайёҳӣ чӣ аз ҷиҳати таҳлили сифатӣ ва чӣ аз ҷиҳати таҳлили миқдорӣ дар сатҳи пасти тараққӣ қарор мегирад.

Калидвожаҳо: дестинатсия, иқтидори сайёҳӣ, ташкили ҳудудии сайёҳӣ, хоҷагиҳои сайёҳӣ, системаи иттилоотӣ, инфрасохтори сайёҳӣ.

ДЕСТИНАЦИЯ КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ТУРИЗМА

В данной статье речь идёт об особенностях дестинации. В Республике Таджикистан есть очень красивые природные места, где для дестинации можно провести подробную информацию об организации и ознакомление туристических ресурсов. Дестинация является важным фактором формирования туризма. Следует отметить, что в области анализа туризма он удовлетворен определенным набором услуг, которые соответствуют турам, то есть презентации, и так по основной цели туризма. В зависимости от этого обозначения следует содержать выбор следующих служб: достопримечательности и информационные системы. Одним из элементов туризма является развитие инфраструктуры туризма, которая создает набор объектов, предприятий и агентств для поездки в туристические места. Кроме того, это становится устойчивым развитием территориальной организации туризма. Современный анализ внутренней туризмой ситуации дает источник, который будет разработан туризм на уровне анализа качества на низком уровне.

Ключевые слова: дестинация, туристические потенциалы, территориальная организация туризма, туристские хозяйство, информационные системы, инфраструктура туризма.

DESTINATION AS AN IMPORTANT FACTOR IN TOURISM FORMATION

This article is talking about the features of destination. There are many beautiful natural places, where you can conduct detailed information about the organization and familiarization of tourist resources. Destination is an important factor in the tourism development. It should be noted that in the field of tourism analysis, it is satisfied with a certain set of services that correspond to tours, that is, presentations, and so on the main goal of tourism. Depending on this, the designation should contain the selection of the following services: attractions and information systems. One of the elements of tourism is the development of tourism infrastructure, which creates a set of facilities, enterprises and agencies to travel to tourist places. In addition, it becomes the sustainable development of the territorial organization of tourism. A modern analysis of the internal tourism situation gives a source that will be developed tourism at a low quality analysis level.

Keywords: destination, tourist potentials, territorial organization of tourism, tourist economy, information systems, tourism infrastructure.

Сведения об авторе: ***Бобоева Аниса***- Таджикский национальный университет, магистрант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, 17. Телефон: **902441888**.

Information about the author: ***Boboeva Anisa***-Tajik National University, undergraduate. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17. Phone: **902441888.**

ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР МУНОСИБАТҲОИ ХОҲАГИДОРИИ МУОСИР

Ғаюров Ғ.Ҳ., Бодуров И.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосир яке аз масоили мубрам дар низоми ҳисоббаробаркуниҳо, ин гузариш ба шакли ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дониста мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки аксари кишварҳои ҷаҳон аз низоми ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ даст кашида ба низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ гузошта истодаанд. Чунин ҳисоббаробаркуниҳо талаботи замони муосир буда, дар навбати худ метавонад рушди устувори низоми пулии мамлакатро таъмин созанд. Тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри рушди тараққиёти иқтисодиёт ва пешрафти соҳаи бонкдорӣ, Бонки милли Тоҷикистон дар якҷояги бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якқатор тадбирҳоро амалӣ менамоянд, ки рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ яке аз самтҳои муҳими он ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат қайд намудаанд, ки “бо мақсади танзими хизматрасониҳои пардохти осон ва шаффоф гардонидани амалиётҳои бонкӣ, кам намудани пулҳои дар муомилот ва вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ шуда истодааст.”

Ёдовар мешавем, ки бо мақсади таъмини назорати гардиши воситаҳои пулӣ ва рушди минбаъдаи низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ» аз 31 декабри соли 2014, таҳти №815 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” аз 30 ноябри соли 2018, №565 қабул шудааанд. Татбиқи амалии қарорҳои мазкур имконият дода истодаанд, ки рушди минбаъдаи низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ дар савдои чакана, харидуфурӯши мол ва кору хизматрасонӣ вусъат ёбад ва дар натиҷа, ҳаҷми гардиши пули нақд дар муомилоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди имкон маҳдуд карда шавад. Ҳамин тариқ, бо мақсади чорӣ намудан баҳри иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо ин нуқтаро махсусан таъкид намуданд. Бонки миллии Тоҷикистон барои зиёдшавии пардохтҳо бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ва истифодаи оммавии онҳо ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ, ки аз омилҳои рушди иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад, ҳамеша талош меварзад.Бонки миллии Тоҷикистон тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат бо мақсади пурзӯр намудани назорати татбиқи Стратегияи рушди низоми пардохт, доир ба насби терминалҳои пардохтӣ, кортҳои пластикӣ ва барномаҳои махсуси пардохти электронӣ як қатор тадбирҳои судмандро амалӣ намуда истодааст. Бояд гуфт, ки ин иқдом дар навбати худ ба рушди иқтисодиёт ва беҳтар шудани сатҳу сифати хизматрасониҳои молиявию бонкӣ мусоидат менамояд. Бояд тазаккур дод, ки саҳми бонкҳои тиҷоратӣ низ барои рушди низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ хеле назаррас мебошад.Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзии ватанӣ тадбирҳои саривақтиро андешида, баҳри зиёд шудани ҳиссаи он дар иқтисодиёт мусоидат менамояд. Ҳамин аст, ки ташкилотҳои қарзии ватанӣ бо истифода аз технологияҳои муосири пардохтӣ, ба монанди бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва маблағҳои электрониро ҷорӣ намуда, тавассути онҳо ба муштариён имконияти пардохт намудани ҳаққи молу хизматрасониҳоро ба таври ғайринақдӣ фароҳам овардаанд ва ҳамзамон ҷиҳати ҳавасманд намудани муштариён ҳаққи хизматрасониҳоро коҳиш дода, барномаҳои бонусӣ, кэшбэк, пардохти фоиз аз амалиётҳои гузаронидашуда ва дигар роҳу имкониятҳои ҳавасмандгардониро пешниҳод намуда истодаанд.Яке аз шаклҳои асосии ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ин ҳисоббаробаркуниҳо тавассути кортҳои пластикӣ мебошанд. Рушди бозори кортҳои пардохтии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳимтарин дар ҳалли масъалаи рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҷиҳати коҳиш додани ҳаҷми пули нақд дар муомилот мебошад. Барои ҳалли масъалаи зикргардида, Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои вусъат додани истифодабарии кортҳои пардохтии бонкӣ дар савдои чакана ва қабули онҳо ҳангоми пардохти молу хизматрасониҳо тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст. Айни замон, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон кортҳои пардохтии Низоми пардохтии миллӣ “Корти миллӣ”, низомҳои пардохтии байналмилалии VISA ва Mastercard, кортҳои муштарак нишони (кобейҷ) низомҳои пардохтии UnionPay ва НПМ ”Корти миллӣ ва кортҳои пардохтии низомҳои дохилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба муомилот бароварда шуда истодаанд.

Ҳиссаи кортҳои пардохтии низомҳои пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба санаи 01 октябри соли 2020, миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкии ба муомилот баровардашуда 2 931 ҳазор ададро ташкил доданд, ки нисбат ба санаи 01 октябри соли 2019 28,3% зиёд гардидаанд. Аз ин микдор, 58,2% - кортҳои пардохтии Низоми пардохтии миллии (НПМ) “Корти миллӣ”, 14,4% - кортҳои пешпардохти нақлиётии “CityCard”, 8,4% кортҳои нақлиётии “CityCard-Корти миллӣ”, 8,4% - кортҳои пардохтии низомҳои дохилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, 6,2% - кортҳои низомҳои пардохтии байналмилалӣ (VISA, Mastercard ва UnionPay) ва 4,4% - кортҳои пардохтии муштаракнишон (UnionPay-НПМ ”Корти миллӣ) мебошанд.

Шумораи кортҳои пардохтии ба муомилот баровардашуда аз рӯи низомҳои пардохтӣ

Ҳиссаи кортҳои пардохтии баровардашудаи ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар давоми нӯҳ моҳи соли 2020 дорандагони кортҳои пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он 49 311 ҳазор амалиёт ба маблағи умумии 14 983 млн. сомонӣ анҷом додаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 шумораи амалиётҳо 29,4% ва ҳаҷми амалиётҳо 69,6% зиёд шудаанд. Вазни қиёсии ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии амалиётҳо бо истифодаи кортҳои пардохтӣ дар давоми нуҳмоҳаи аввали соли 2020 6,3%-ро ташкил дод.

Динамикаи рушди инфрасохтори пардохтӣ барои қабул ва

хизматрасонии кортҳои пардохтӣ (адад)

Инфрасохтор барои хизматрасонии дорандагони воситаҳои электронии пардохтӣ дар ҷараёни афзуншавӣ қарор дорад. Ба ҳолати 01 октябри соли 2020 шумораи терминалҳои электронӣ, ки барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ истифода мешаванд, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,4%зиёд шуда, миқдорашон ба 3 705 адад расидааст. Инчунин, дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ 4 602 адад QR-рамзҳо насб карда шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,8 маротиба зиёд мебошанд.

Инфрасохтори пардохтӣ барои қабул ва хизматрасонии кортҳои пардохтӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳамчун омили инкишофи низоми молиявӣ дар ғанӣ гардонидани буҷети кишвар нақши муҳим дорад. Истифодаи оммавии воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо (хариди молу хизматрасониҳо) ба шаффоф гаштани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, инчунин ба зиёдшавии ҳаҷми амонатҳо мусоидат менамояд. Аз ҷониби дигар, гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ ба аҳолии кишвар имконият медиҳад, ки ҳарчи бештар ба хизматрасониҳои пардохтӣ дастрасӣ пайдо намуда, бидуни ташриф овардан ба марказҳои хизматрасонии бонкӣ бо роҳҳои қулай, осон ва босуръат пардохти молу хизматрасониҳоро ба таври фосилавӣ анҷом диҳанд ва вақти худро сарфа намоянд. Дар замони муосир истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо ҳам барои иқтисодиёт ва ҳам барои аҳолӣ афзалияту бартариятҳои зиёд дорад, аз ҷумла:

барои аҳолӣ:

-осон намудани ҳисоббарорбаркунӣ дар муомилот, хавфи ночизи аз даст додани маблағҳои пулӣ, мубодилаи автоматии маблағҳо, ҷозибии молиявӣ (масалан, ҳисоби фоиз) ва ғайра;

барои марказҳои савдо ва хизматрасонӣ:

-рушди савдо ва ҷалби харидорони нав, камшавии хароҷот аз инкассатсияи маблағҳои савдо;

барои ташкилотҳои қарзӣ:

-васеъ намудани маҷмӯи хизматрасониҳо, ҷалби муштариёни нав, афзоиши иқтидори рақобатпазирии ташкилот, ҷамъоварии хаққи хизмати иловагӣ ва ба даст овардани даромади иловагӣ;

барои иқтисодиёт:

-шаффоф гардидани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳиссаи иқтисодиёти ниҳонӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, метавон зикр намуд, ки ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ташаккул ва инкишофи низоми молияи кишвар метавонад таъсири мусбии худро расонад. Дар пешрафти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бояд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ва умуман бахши бонкӣ корҳои зарурӣ ба анҷом расонида шаванд. Махсусан, ҷиҳати ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳо тариқи кортҳои бонкӣ, ҳамёнҳои мобилӣ ва дигар намудҳои он бонкҳоро зарур аст, ки барномаҳои гуногунро роҳандозӣ намоянд. Дар ин самт, Бонки миллии Тоҷикистон низ бояд чораҳои заруриро дар амал татбиқ намояд ва раванди густариши чунин ҳисоббаробаркуниҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳад.

ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР МУНОСИБАТҲОИ ХОҲАГИДОРИИ МУОСИР

Дар мақола масоили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва нақши онҳо дар иқтисодиёти кишвар мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифон ба он ақидаанд, ки ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ яке аз шаклҳои муҳими ҳисоббаробаркуниҳо дар шароити муосир буда, гузариш ба чунин шакли ҳисоббаробаркуниҳо метавонад ба тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ таъсири мусбии худро расонад. Дар мақола аҳамияти бештар ба шаклҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст ва муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки ҳар яке аз шаклҳои онро ба таври комил ва васеъ мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Ҳамзамон, тамоюли рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, омилҳои ба рушди чунин хизматрасониҳо таъсиррасон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Асоснок гардидааст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ гузариш ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ метавонад имкониятҳои субъектони иқтисодиро афзоиш диҳад ва самаранокии иқтисоди ватаниро таъмин созад. Гузашта аз ин, масъалаи рушди инфрасохтори ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар минтақаҳои кишвар ба таври зарурӣ таҳқиқ гардидааст. Самтҳои асосии рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва роҳҳои устуворгардонии он дар мақола инъикоси худро ёфтааст. Ҳамин тавр, вобаста ба рушду инкишофи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва такмилдиҳии онҳо дар миқёси кишвар дар мақола тавсияҳо пешниҳод гардидаанд.

Калидвожаҳо: низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, қарз, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, кортҳои бонкӣ, аккредитив, инкассо, захираҳои бонкӣ.

БЕЗНАЛИЧНЫЕ РАСЧЕТЫ И ИХ РОЛЬ В СОВРЕМЕННЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЯХ

В статье рассматриваются и исследуются вопросы безналичных расчетов и их роль в экономике страны. Авторы считают, что безналичные расчеты являются одной из важнейших форм расчетов в современных условиях, и переход к такой форме расчетов может оказать положительное влияние на все отрасли экономики. В статье рассматриваются формы безналичных расчетов в Республике Таджикистан, и авторы постарались полностью и всесторонне рассмотреть каждую из их форм. При этом анализируется тенденция развития безналичных расчетов в регионах Республики Таджикистан и изучаются факторы, влияющие на развитие таких услуг.Утверждается, что в современных экономических условиях переход к безналичным расчетам может повысить потенциал хозяйствующих субъектов и обеспечить эффективность отечественной экономики. Кроме того, достаточно проработан вопрос развития инфраструктуры безналичных расчетов в регионах страны. В статье отражены основные направления развития безналичных расчетов и пути их стабилизации. Таким образом, в связи с развитием безналичных расчетов и их совершенствованием по стране в статье предлагаются рекомендации.

Ключевые слова: банковская система, коммерческие банки, кредит, безналичные расчеты, банковские карты, аккредитив, инкассо, банковские ресурсы.

CASHLESS PAYMENTS AND THEIR ROLE IN MODERN ECONOMIC RELATIONS

The article discusses and investigates the issues of non-cash payments and their role in the country's economy. The authors believe that non-cash payments are one of the most important forms of payments in modern conditions, and the transition to this form of payments can have a positive impact on all sectors of the economy. The article examines the forms of non-cash payments in the Republic of Tajikistan, and the authors tried to fully and

comprehensively consider each of their forms. At the same time, the trend of the development of non-cash payments in the regions of the Republic of Tajikistan is analyzed and the factors influencing the development of such services are studied. It is argued that in modern economic conditions, the transition to cashless payments can increase the potential of economic entities and ensure the efficiency of the domestic economy. In addition, the issue of developing the infrastructure for non-cash payments in the regions of the country has been sufficiently worked out. The article reflects the main directions of the development of cashless payments and the ways of their stabilization. Thus, in connection with the development of non-cash payments and their improvement in the country, the article offers recommendations.

Keywords: banking system, commercial banks, credit, non-cash payments, bank cards, letter of credit, collection, banking resources.

Сведения об авторах: ***Гаюров Гайрат Хакимович***, к.э.н., старший преподаватель кафедры банковской деятельности Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Айни 35, E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru Тел: (+992) 904-46-68-68;
Бодуров И.Д.– магистрант 2-го курса кафедры банковское дело ТНУ. Телефон: +(992)908777579.

Information about the authors: ***Gayurov Gayrat Khakimovich***, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer, Department of Banking, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Avenue 35, E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru Tel: (+992) 904-46-68-68;
Bodurov I.D. – master student of the 1st course of the Department of Banking of the Tajik National University. Telephone: +(992)908777579.

ИМКОНИЯТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ СОДИРОТ ВА ВОРИДОТИВАЗКУНӢ

Ҷалолов М.Ш.
Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон

Бо шарофати роҳи дақиқи стратегии барои либерализатсияи савдои хориҷӣ муайяншуда маҷмӯи робитаҳои иқтисодии хориҷии мамлакат ягона бахши иқтисоди миллӣ гардид, ки ба он рушди босуръат хос аст. Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ аз 1,5 млрд. доллар дар соли 1997 то 4,6 млрд. доллар дар соли 2020 афзоиш ёфт, аз ҷумла ҳаҷми содирот дар ин давра 661,2 млн. доллар зиёд шуд. Зикр кардан зарур аст, ки тағйироти мусбӣ дар савдои хориҷӣ ва тамоюли пешбинишудаи рушди содирот тавассути ташкили системаи самарабахши робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи иқтисодию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо муяссар гардид ва он дар заминаҳои зерин оқилона истифода мешавад:

- тавсеаи ҳамкорӣ бо бисёр кишварҳои ҷаҳон дар асосҳои дуҷониба ва бисёрҷониба. Имрӯз кишварҳои ҷаҳон Тоҷикистонро ҳамчун субъекти баробарҳуқуқи иқтисоди ҷаҳонӣ расман шинохта, зиёда аз 120 мамлакат бо кишвари мо робитаҳои дипломатӣ ва тиҷоратӣ барқарор намуданд.
- воридшавии тадриҷии Тоҷикистон ба созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, гумрукӣ ва ташкилоту иттиҳодияҳои дигар. Тоҷикистон узви баробарҳуқуқи ИДМ, Иттиҳоди иқтисодии Европаю Осиё (ЕврАзЭС), Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ), Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (ЭКО) ва ғайра мебошад. Соли 2001 Тоҷикистон ба сифати кишвари нозир дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо эътироф гардид.

Созмон додани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи иқтисодӣ имконияти воқеии таъмини рушди робитаҳои иқтисодии хориҷии ҷумҳуриро муайян карданд. Муомилоти савдои хориҷӣ дар панҷ соли охир 16 фоиз афзуд. Мувофиқи маълумоти оморӣ гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2020-ум 4557,8 млн. долларро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019-ум 0,8 фоиз ё 34,1 млн. доллар афзоиш ёфтааст. Дар ин давра гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои аъзои ИДМ ба 2357,9 млн. доллар баробар гардид, ки ин нишондиҳанда 51,7 фоизи гардиши савдои хориҷии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. ***(диаграммаи №1)***.

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ ва тарози он дар солҳои 2016-2020

млрд. доллар

Шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 кишварҳои Россия (21,4 фоиз), Қазоқистон (20 фоиз), Швейтсария (15,3 фоиз), Хитой (10,4 фоиз), Ӯзбекистон (7,3 фоиз), Туркия (7,1 фоиз), Германия (2 фоиз), Афғонистон (1,6 фоиз), Эрон (1,3 фоиз), Ҷопон (1,1 фоиз), Корея (1,2 фоиз), Италия (0,8 фоиз) ба ҳисоб мераванд.

Ҳиссаи содирот дар ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ аз 26 фоизи соли 2015 то 31 фоиз дар соли 2020 афзоиш ва ҳиссаи воридот аз 74 фоизи соли 2015 то 69 фоиз дар соли 2020 коҳиш ёфт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда ва татбиқи имтиёзҳо дар ҷумҳурӣ дар соҳаҳои гуногун корхонаҳои истеҳсолӣ бо технологияи муосир таъсис дода шуд, ки ҳаҷми истеҳсоли молҳои ниёзи аввал афзоиш ёфта, талаботи бозори дохилӣ таъмин ва сохтори содирот бо тадриҷ васеъ мешавад.

Дар соли 2020 содироти мол 1406,9 млн. долларро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2019-ум 19,8 фоиз ё 232,5 млн. доллар афзоиш ёфтааст. Бо назардошти таъсири омилҳои беруна ва дар заминаи он кам шудани талабот дар бозори истеъмолӣ дар соли 2020 воридоти мол ба 3150,9 млн. доллар баробар гардида, дар қиёс ба соли 2019-ум 198,4 млн. доллар ё 5,9 фоиз коҳиш ёфтааст. Дар соли 2020 истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввал ба таври мунтазам рушд ёфта истодааст, ки ҷавобгӯ ба ҳадафи Ҳукумати кишвар дар самти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда мебошад. Тибқи ҳисобҳои пешакӣ маҳсулоти воридотивазкунии асосӣ дар ҳаҷми тақрибан 9,5 млрд. сомонӣ истеҳсол шудааст.

Вазни хоси содиротии кишвар дар соли 2020 асосан аз ҳисоби фурӯши металлҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо 49 фоиз, нахи пахта 12,4 фоиз, маъдану консентратҳо 11,2 фоиз, алюминийи аввалия 10 фоиз, семент 4,3 фоиз, қувваи барқ 4 фоиз, дигар металлҳои нимқиматбаҳо (сурма) 2,3 фоиз, меваю сабзавот 1,3 фоиз, либос ва қисмҳои он 1,2 фоиз ташаккул ёфтааст. ***(диаграммаи №2)***.

Сохтори содирот дар солҳои 2019-2020

Асоси муҳими модернизатсияи иқтисод ва таҳкими иқтидори содиротии он дар радифи суръати баланди рушди иқтисодӣ ва дигаргуниҳои институтсионалӣ вусъати манбаҳои афзалиятноки табиии рақобатноки Тоҷикистон ва татбиқи лоиҳаҳои самараноки рушд дар соҳаҳои энергетика, металлургияи ранга, саноати сабук, сектори аграрӣ ва туризм мегардад. Тибқи маълумоти пешакии оморӣ дар соли 2020 содироти сангҳои ороишӣ ва филизоти қиматбаҳою нимқиматбаҳо 689,7 млн. долларро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019-ум 464 млн. доллар ё 3,1 маротиба афзоиш ёфтааст. Ҳарчанд, ки дар сохтори содиротии кишвар маъданҳо, нахи пахта ва алюминийи аввалия мавқеи назаррас доранд, вале ҳаҷми зиёди ин намуди маҳсулот бе коркард дар шакли ашёи хом содирот карда мешаванд ва ҳиссаи ҷумҳурӣ дар ташкили занҷираи арзиши иловашуда ночиз аст. Ҳамзамон мувофиқи маълумоти гумрукӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2020 нархи миёнаи содиротии алюминийи аввалия 222 доллар, нахи пахта 126 доллар ва маъданҳо 111 доллар барои як тонна нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 коҳиш ёфтаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар доираи корҳои анҷомдода дар самти ҷалби сармоя ба бахши саноати кӯҳӣ ҳиссаи содироти маъдану консентратҳо бояд афзоиш ёбад. Дар доираи протоколҳои баимзорасида солҳои минбаъда сохтмони корхонаҳои коркарди маъданҳо то маҳсулоти ниҳоӣ дар назар дошта шудааст, ки дар мавриди амалӣ гаштани тадбири мазкур иқтидори содиротии кишвар таҳким ёфта, ҳиссаи кишвар дар ташкили занҷираи арзиши изофашуда афзун мегардад. Маълум аст, ки яке аз омилҳои муҳими муайянкунандаи прогрессивӣ будани таркиби содирот аз фаъолнокии хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии он иборат мебошад. Сарфи назар аз он ки ҳиссаи хизматрасонӣ дар нишондиҳандаҳои умумии рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам меафзояд, вазни қиёсии он хеле нокифоя мебошад. Ғайр аз ин, ба содироти ватанӣ чунин омилҳо таъсири бозоранда мерасонанд:

-содирот дар солҳои 2016-2019 аз рӯи ҳаҷми умумӣ ҳамагӣ 1,3 маротиба аз рӯи ҳиссаи он дар ММД аз 12,6 фоиз то 14,5 фоиз афзоиш ёфт, вале ба ҳадафу афзалиятҳои муайяннамудаи Ҳукумати ҷумҳурӣ қонеъкунанда нест;

-сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва бештар дар шакли ашёи хом содирот шудани он;

-дастрасӣ надоштани субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ки самти фаъолияташон ба содирот нигаронида шудааст ба воситаҳои молиявии нисбатан арзон ва хизматрасониҳо марбут ба фаъолияти содиротӣ;

-ҷалби нокифояи сармоя, бахусус сармояи мустақими хориҷӣ ва сатҳи пасти фаъолнокии бахши хусусӣ дар самти қайдшуда;

-дар сатҳи зарурӣ инкишоф наёфтани инфрасохтори нақлиётӣ, боркунию борфарорӣ, логистикӣ ва ҳиссаи баланди хароҷоти нақлиётию боркашонӣ дар арзиши маҳсулоти содиротӣ, махсусан дар ҷануби кишвар;

-ба талабот ҷавобгӯ набудани бастабандӣ, тамғагузорӣ ва дигар талаботи стандартии истеъмолӣ, ки аз сифати менеҷменти корхонаҳо вобаста аст;

-низоми ягонаи миллии дастгирии содирот дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтааст ва баъзе ҷузъҳои он бояд бо назардошти афзалиятҳои сиёсати иқтисодӣ тавассути ниҳодҳои дахлдор мутамарказ ва таҳвият дода шаванд;

-ҳанӯз мавҷудияти воридоти ғайрирасмӣ ба сатҳи амалишавии сиёсати воридотивазкунӣ ва ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Бо мақсади роҳ надодан ба чунин оқибатҳои манфӣ ва таҳкими истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти содиротӣ ва коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ дар ҳаҷми умумии воридот «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ҷамъбаст ва «Барномаи давлатии рушди содирот барои солҳои 2021-2025» таҳия ва қабул гардидааст.

Дар ин сатҳҳо аҳамияти содирот ҳамчун омили дастгирии истеҳсолот ва зиёд гардидани воридшавии асъор барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти аввалиндараҷаи иқтисодиёти миллӣ бояд куллан афзоиш ёбад. Инҳо қадамҳои воқеӣ ва амалан иҷрошавандаанд, зеро дар айни замон содирот дар Тоҷикистон ба сектори калонтарини иқтисодиёт табдил ёфта, мутаносибии содирот нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 45

фоизро ташкил медиҳад. Вазифа аз ин иборат аст, ки бояд сохтори молию соҳавии содирот такмил дода шуда, дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии он таъмин карда шавад. Бо дарназардошти маҷмӯи омилҳои муайянкунандаи ҳолат ва дурнамои содироти ватанӣ, ислоҳоти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ташаккули системаи тадбирҳои давлатии дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии содирот тақозо мегардад, ки аз як тараф ба самарабахш бартараф сохтани проблемаҳои мавҷуда ва монеаҳо дар фаъолияти содирот мусоидат намуда, аз тарафи дигар имконият медиҳад, ки дигаргуниҳои мусбати дар иқтисод ва сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯхдода то ҳадди имкон ба нафъи рушди содирот истифода бурда шавад. Ин тадбирҳо мақсад ва вазифаҳои стратегияи мазкурро ифода менамоянд. Дар шароити тезутунд шудани рақобат дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ дар рушди истеҳсолот ва содирот беҳтар намудани нишондиҳандаҳои сифатӣ нақши асосӣ дорад. Ҳоло сифат ва намуди молии маҳсулот асоси пешрафти он дар бозор ба ҳисоб меравад. Дар айни замон дар бозори истеъмолии Тоҷикистон молҳои бадсифати чӣ ватанӣ ва чӣ истеҳсоли хориҷӣ мавҷуд ҳастанд. Барои ташкили ин система зарур аст, ки дар ояндаи наздик масъалаҳои зерин ҳал карда шаванд:

- татбиқи васъеи системаи рамзгузории штрихӣ ба маҳсулоти истеҳсолшаванда;
- таҳия ва қабули санади қонунгузорӣ дар соҳаи танзими техникӣ бо назардошти мутобиқ сохтани он бо стандартҳои байналмилалӣ;
- татбиқи системаи аломатҳои махсуси мутобиқат (аломатҳои Тоҷикистон) ба маҳсулоти истеҳсол ва фурӯхташаванда, аз ҷумла маҳсулоти содиротию воридотӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ;
- таҳияи заминаи меъёрӣ ва ташкили татбиқи савдои электронӣ дар ҷумҳурӣ.

Вазифа аз он иборат аст, ки раванди стандартизатсия бояд на танҳо соҳаи истеҳсолоти моддӣ, балки фарзияи ҳозиразамони электронии гардиши ҳуҷҷатҳоро дар савдои хориҷӣ фаро гирад, ки ба стандарти Комиссияи иқтисодии европоии СММ асос ёфтаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ноилшавӣ ба чунин параметрҳо ва вазифаҳо дар Тоҷикистон бояд мунтазам ва тадриҷан сурат гирад.

Дар навбати аввал бояд коркарди ҳамон ашёи хомро ташкил намуд, ки барои он имкониятҳои техникию иқтисодии воқеӣ мавҷуданд ва маҳсулоти онҳо метавонанд дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ тақозо шаванд. Бинобар ҳамин дар солҳои минъбада бояд ба равандҳои зерин таваҷҷӯҳи бештар дода шавад:

- афзун гардонидани коркарди нахи пахта, алюминийи аввалия ва маҳсулоти меваю сабзавот;
- фаъол гардонидани коркарди ашёи чармӣ, тамоку ва пилла;
- ташкили истеҳсолоти нави коркарди оҳанпора ва пасмондаҳои металлҳои сиёҳ ва ранга, сангҳои қиматбаҳо, ороишӣ ва ғайра;

Ба нақша гирифта шудааст, ки минбаъд ба равандҳои ташкили системаи пурраи самараноки истифодаи иқтидорҳо дар заминаи технологияи ҳозиразамон ва ташкили технологияи нави истеҳсолот оид ба коркарди амиқ ва муваффақ гаштан ба давраи пурраи истеҳсолӣ ва натиҷаҳои ниҳоӣ барои диверсификатсияи содирот шароитро фароҳам меорад. Тадбирҳои пешбинишуда оид ба ташкили минтақаи озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ба рушди содирот такон ҷиддӣ хоҳад дод. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо мақсади таъмини шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодии минтақаҳои кишвар, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷалби сармояи ватанӣ ва хориҷӣ, густариши истеҳсоли молу хизматрасониҳо дар асоси технологияҳои муосир, истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, ҷорӣ намудани навоварӣ, афзун намудани содироти маҳсулот ва ҳалли дигар масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ таъсис дода шудаанд. Барои таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, қабл аз ҳама, заминаи меъёрии ҳуқуқии онҳо фароҳам оварда шуда, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (5 марти соли 2008, №103) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» (25 марти соли 2011, №700) қабул гардиданд. Тибқи қарори мазкур Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба масъалаҳои ташкил, идоракунӣ ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд.

Дар асоси таҳлил ва хулосаи мувофиқашуда қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ» ва «Суғд» (2 майи соли 2008), «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим» ва «Данғара» (20 феврали соли 2009) ва «Дар бораи таъсиси минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» (1 марти соли 2019) таҳия ва қабул гардиданд. Молҳои дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ истеҳсолшаванда ба хориҷи кишвар содирот шуда истодаанд. Аз ҷониби субъектҳои МОИ дар соли 2020 ба маблағи 156,3 млн маҳсулот (лулаҳо, қубурҳо ва зарфҳои пластикӣ, ноқилҳои барқӣ, профилҳои аллюминӣ барои дару тирезаҳо, рангубори сохтмонӣ, маҳсулоти металлопластикӣ, дару тирезаҳои чубин, маҳсулоти ороишии сохтмонӣ, мебел, маводҳои шустушӯӣ, металлоконструксия ва ғайра) дар бозори дохилӣ ба фурӯш бароварда шуда, ба маблағи 43,5 млн сомонӣ маҳсулот (лулаҳо, қубурҳо ва зарфҳои пластикӣ, ноқилҳои барқӣ, профилҳои аллюминӣ барои дару тирезаҳо, рангубори сохтмонӣ, маҳсулоти металлопластикӣ ва ғайра) содирот карда шудааст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки татбиқи самтҳои зикргардида танҳо ҳангоме амалӣ мешаванд, ки агар дар ҷумҳурӣ системаи боэътимоди дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии содирот ташкил ёбад ва он ба мусоидати ҳамаҷонибаи молиявӣ, аз ҷумла чунин шаклҳои самараноки молиявӣ ва дигар дастгириҳо ба монанди татбиқи лоиҳаҳои муштараки давлатию тиҷоратӣ, ташкили шароитҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва дигар шароитҳо барои ҷалби сармояҳои хусусӣ, аз ҷумла сармояи хориҷӣ дар азхудкунии маҳсулот ва технологияи пешқадам такя намояд.

АДАБИЁТ

1. Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.
2. Барномаи инкишофи иқтисодиёти Тоҷикистон то соли 2015
3. Внешнеэкономическая деятельность. Общ.ред. Кумок С.И., АОЗТ "ВЕЧЕ", М.: 1994 -336 С.
4. Герчикова И.Н. Международные экономические организации. М. 2001.
5. Иктисодиёти Точикистон: стратегияи тараккиёт. Мачалаи илми-иктисоди. Душанбе: 2000.
6. Киреев А. П. Международная экономика. В 2-х ч.- Ч.2.. Учебное пособие. - Москва.:«Международные отношения», ЮРАЙТ-Издат, 2006.- 416 с.
7. Ломакин В. К. Мировая экономика. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2003 - с.80-86, 399-404, 595-602, 715-722.
8. Маҷмӯаи «Дастовардҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 25 соли Истиқлолияти давлатӣ», Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Международная торговля: финансовые операции, страхование и другие услуги. Перевод/ под ред. Гольберца М.А., Вороновой А.В., Торгово-издательское бюро BHV, Киев: 1994 - 480 С.
9. Международные экономические отношения. Учебное пособие. Под ред. Супруновича Б.П., М.: 1995 - 216 С.
10. Международные экономические отношения (Под ред. В.Е.Рыбалкина).- М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2004.- с.163-167,175-195,284-300.
11. Мирбобоев Р.М., Саидмуродов Л.Х.,Солиев А.А. «Иктисодиёти байналхалки» Душанбе. : 2001
12. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
13. Оймахмадов М., Муртазоев М., «Иктисодиёти чахон» Техрон.:с.2001.802 с.
14. Саидмуродов Л.Х. «Иктисодиёти байналхалки: назария, таърих ва сиёсат» Душанбе.: 2004 г.
15. Ҳисоботи якумин тафсири сиёсати савдои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо.

ИМКОНИЯТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ СОДИРОТ ВА ВОРИДОТИВАЗКУНӢ

Дар мақолаи мазкур имкониятҳои кишвар дар самти содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷкистон матраҳ мегарданд. Соҳаи савдои хориҷӣ яке аз соҳаҳои муҳим барои рушди иқтисодӣ кишвар ба ҳисоб меравад. Таҳкими истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти содиротӣ ва коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ дар ҳаҷми умумии воридот ба рушди босуботи иқтисоди кишвар ва инкишофи соҳаҳои иқтисоди миллӣ саҳми арзанда дорад. Ҳадафи асосӣ аз навиштани ин мақола пешниҳод намудани маълумоти мухтасар оиди имкониятҳои кишвар дар самти содирот ва воридотивазкунӣ ва таҳлил намудани барномаҳои давлатӣ дар соҳаи савдои хориҷӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур оиди барномаҳое, ки дар соҳаҳои савдои хориҷӣ амалӣ гардидаанд, маълумот дода шудааст. Инчунин, дар мақола рақамҳои омории вазорату идораҳои дахлдор оварда шудаанд.

Калидвожаҳо. Ҷумҳурии Тоҷикистон, савдои хориҷӣ, содирот, воридотивазкунӣ, иқтисодӣ хориҷӣ, рушди иқтисодӣ, рақобатнокӣ, саноатикунонӣ, барномаҳои давлатӣ, барномаҳои соҳавӣ, иқтисодӣ миллӣ.

ПОТЕНЦИАЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНА В СФЕРАХ ЭКСПОРТА И ИМПОРТОЗАМЕЩЕНИЯ

В данной статье рассматриваются потенциал и возможности экспорта и импортозамещения товаров в Республике Таджикистан. Внешняя торговля является одной из важнейших отраслей для экономического развития нашей страны. Укрепление экспортно-ориентированного и импортозамещающего производства, создание благоприятных условий для реализации государственной политики в области внешнеэкономической деятельности, обеспечение конкурентоспособности отечественной продукции, увеличение объемов экспорта и снижение доли импортных товаров в общем объеме народного потребления вносят ценный вклад в устойчивое экономическое развитие и рост всех секторов национальной экономики. Основная цель статьи - дать краткий обзор возможностей страны по экспорту и импортозамещению, а также проанализировать государственные программы в области внешней торговли. Исходя из поставленной цели в статье представлена информация о программах, реализованных в сфере внешней торговли. Кроме того, приведены статистические данные соответствующих министерств и ведомств.

Ключевые слова. Республика Таджикистан, внешняя торговля, экспорт, импортозамещения, внешнеэкономическая деятельность, экономическое развитие, конкурентоспособность, индустриализация, государственные программы, отраслевые программы, национальная экономика.

POTENTIAL OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN EXPORT AND IMPORT SUBSTITUTION

This article examines the potential and opportunities for export and import substitution of goods in the Republic of Tajikistan. Foreign trade is one of the most important sectors for the economic development of our country. Strengthening export-oriented and import-substituting production, creating favorable conditions for the implementation of state policy in the field of foreign economic activity, ensuring the competitiveness of domestic products, increasing export volumes and reducing the share of imported goods in total consumer consumption make a valuable contribution to sustainable economic development and the growth of all sectors of the national economy. The main purpose of the article is to give a brief overview of the country's capabilities for export and import substitution, as well as to analyze government programs in the field of foreign trade. Based on this goal, the article provides information on programs implemented in the field of foreign trade. In addition, statistics are provided from the relevant ministries and departments.

Keywords. Republic of Tajikistan, foreign trade, export, import substitution, foreign economic activity, economic development, competitiveness, industrialization, government programs, sectoral programs, national economy.

Сведения об авторе: ***Джалолов Мухаммадджон Шарафджонович*** – магистрант 2-го курса финансово-экономического факультета Таджикского национального университета, тел.: +992900107070, E-mail: muhammadjon.jalolov@mail.ru

Information about the author: ***Jalolov Muhammadjon Sharifjonovich*** **–** second – year master student, Faculty of Finance and Economics, Tajik National University, Phone+992900107070, E-mail: muhammadjon.jalolov@mail.ru

БАҲОГУЗОРИИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ТАҚСИМНАМОӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ХАРОҶОТҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

Зикиров Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рушди низоми буҷети давлатӣ, беҳтарсозии низоми маблағгузорӣ, самтҳои афзалиятноки сиёсати буҷетӣ ба ҳисоб мераванд. Тақсимнамоии оқилонаи хароҷотҳои буҷети давлатӣ ва самаранок истифодабарии онҳо, чи тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, на ҳама вақт ба назар мерасад. На ҳама вақт хароҷотҳои буҷетӣ ба ҳалли муаммоҳои мубрами иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат равона карда мешаванд. Агар равона карда шаванд, ҳам, на ҳама вақт, мақсаднок истифода карда мешаванд. Дар айни замон, низоми молияи давлатӣ тағйиру иловаҳоро дар намуди ислоҳот аз сар гузаронида истодааст. Ин дар намуди гузаронидани ислоҳот дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ (ИМД), ҷорисозии барномаи миёнамӯҳлати хароҷотҳои давлатӣ (БМХД), Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои **2015-17**, Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар солҳои **2006-2015,** Стратегияи миллии рушд дар давраи то соли **2015**, Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар солҳои **2007-2009** ва ғ.ра ифода меёбад. Ислоҳотҳои мазкур беҳтарсозии соҳаи идоракуниро дар бахши давлатӣ, баландбардории натиҷанокӣ ва самаранокиро, аз ҷумла дар қисмати хароҷоти буҷети давлатӣ, беҳтарсозии сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, мубориза бар зидди камбизоатӣ ва қашшоқиро пешбинӣ менамоянд.

Қисмати хароҷоти буҷети давлатӣ дар солҳои охир ба таври назаррас афзоиш ёфт, ки ба он пеш аз ҳама сатҳи некӯаҳволии иқтисодиёти минтақа, баландбардории сатҳи

истеҳсоли молҳо, хизматрасониҳо ва албатта афзоиши меъёри рушди ММД, ҷалби намудҳои гуногуни сармоягузориҳо, ҳам хориҷӣ ва ҳам дохилӣ мусоидат намуда, вале саҳми назаррасро интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба мамлакат бозиданд. Тавозуни буҷети давлатӣ критерияи муҳими сиёсати буҷетӣ ба ҳисоб меравад, чунки ҳам каср ва ҳам барзиёдатии буҷет дорои норасоиҳо буда, метавонанд ба таври манфӣ ба иқтисодиёт ва сиёсати андозӣ-буҷетӣ таъсир расонанд (ба. диаграммаи 1 ниг).

Диаграммаи 1. Каср/барзиёдатии буҷети давлатӣ дар солҳои 2000-2017 . (бо ҳаз. сом.)*
Сарчашма[1]: **Бо назардошти ҳамаи сарчашмаҳои маблаггузорӣ*

Мувофиқи ҷамъбасти давраҳои молиявии солҳои гузашта буҷети давлатӣ бо назардошти ҳамаи сарчашмаҳои маблаггузорӣ бо барзиёдатӣ иҷро гардида истодааст. Дар соли **2000** каси буҷети давлатӣ **-10127,8 ҳаз. сом.** – ро ташкил дод, ки ин ба **4,0%-и** ҳамаи қисмати даромади буҷети давлатӣ ё **0,6%-и ММД** –ро ташкил дод. Дар солҳои навбатӣ буҷет бо барзиёдатӣ иҷро гардид, масалан, дар соли **2014** барзиёдатӣ ба **1236,9 млн. сом.,** баробар гардид, ки **8,6%** -и буҷети давлатӣ ё **2,7%**-ро нисбат ба ММД ташкил дод. Андозаи ниҳоии ҳаҷми умумии каси буҷети давлатӣ барои соли 2017 ба андозаи 0,5 фоизи ММД ё ба маблаги 294549 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шудааст. Каси буҷет, ба монанди барзиёдатии буҷети давлатӣ дорои норасоиҳо мебошад, ки метавонанд ба муҳити иқтисодӣ дар мамлакат таъсир расонанд. Каси буҷет аз он ҷиҳат хавфнок мебошад, ки ҳангоми норасоии воситаҳо дар буҷет Ҳукумат ба хусусигардонии моликияти давлатӣ, ҷалби намудҳои гуногуни қарздиҳӣ, интишори пул, камнамоии хароҷотҳо рӯ меорад, ки оқибатҳои манфӣ доранд. Ҳангоми барзиёдатӣ, зиёдатии воситаҳо низ, давлат дучори хавфҳо мегардад, воситаҳои пулиро тавассути андозҳо захира намуда, маҳдудиятҳоро барои рушди корхонаҳо эҷод месозад, ки ҳангоми пардохти ӯҳдадориҳо онҳо қувват надоранд рушд намуда, корхонаи худро таҷдид намоянд.

Дар таҷриба ҳар ду ин нишондиҳанда метавонанд якҷоя бо ҳам вохӯранд. Дар назар дошта мешавад, ки ҳангоми ояндабинӣ ва банақшагирии буҷет қонун дар бораи буҷет аз рӯи даромадҳо ва хароҷотҳо бо қайди каср қабул карда мешавад. Дар оянда, дар ҷараёни амалисозӣ лоиҳаи буҷет бо каср иҷро карда мешавад. Кӯшиши аз оқибатҳои манфии каср гурехтанро намуда, ниҳодҳои идоракунӣ роҳҳои раҳоиро дар намуди барзиёдиҷронамоии даромадҳо аз рӯи андозҳо, қарзгирӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ ва ғ.ра ҷустӯҷу менамоянд. Дар охири давраи молиявӣ маълум мегардад, ки қисмати даромади буҷет дар муқоиса бо нақшаи тасдиқгардида барзиёд иҷро гардида, қисмати хароҷоти он қариб сад

фоиз иҷро гардида, инчунин барзиёдиҳо дар намуди барзиёдии буҷет пайдо мегарданд. Дар ҳолати мазкур низоми буҷетӣ аз оқибатҳои манфии ҳам каср ва ҳам барзиёдатии буҷетӣ дар як замон азият мекашад, ки хеле таҷрибаи хавфнок, ҳам барои мамлакат ва ҳам барои иқтисодиёт мебошад. Варианти беҳтар, ин тавозуни буҷет аз рӯи даромадҳо ва хароҷотҳо ба ҳисоб меравад, чунки ҳамаи ҳолатҳои манфии дар боло зикргардида то сатҳи минималӣ коҳиш ёфта, муҳити мусбиро барои рушди ҷараёни андозӣ-буҷетӣ ба миён оварда, самаранокии даромадҳо ва хароҷотҳои буҷетро ҳангоми коҳишдиҳии вазниниҳои андозӣ дар бахши истеҳсолии иқтисодиёт баланд мебардоранд. Низоми хазинадории иҷроиши буҷет фишанги ҷиддӣ барои идоракунии самараноки хароҷотҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Амалнамоии мукаммал ва оқилонаи низоми мазкур дар муҳите, ки дар он сатҳи ришвахӯрӣ ва дуздӣ хеле назаррас мебошад, бисёр зарур аст. Аз ҳамин сабаб, ҷоринамоии Суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ(СЯХ) ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ва амалнамоии мукаммали он дар айни замон хеле вазифаи мубрам мебошад. Чи тавре, ки аллакай қайд карда шуд, СЯХ танҳо қисман ҷорӣ карда шудааст, вале буҷетҳои маҳаллӣ бошанд, то ҳол тавассути шӯъбаҳои гуногуни бонкҳо амал намуда, фондҳои махсуси ғайрибуҷетии ташкилотҳои давлатӣ тавассути суратҳисобҳои ҷудогона дар бонкҳо, тавассути дигар суратҳисобҳои бисёр амал менамоянд. Ин ба афзоишдиҳии хавфҳои ғайримақсаднок истифодабарии хароҷотҳо, рушди яквақтинаи хароҷотҳо барои иҷроиши буҷетҳои маҳаллӣ, оварда расонида, СЯХ ҳамчун низоми камсамаранок дар тамоми намуди муносибатҳо муфид мебошад. Дар стратегияи идоракунии молияи давлатӣ (ИМД) ин тамоюл ба инобат гирифта шуда, то соли **2018** ин норасоӣ бояд пурра бартараф карда шавад. Зарур аст қайд намоем, ки алоқаи электронӣ миёни гирандагони буҷетӣ ва тақсимкунандагони воситаҳои буҷетӣ, самаранокии истифодабарии хароҷотҳои буҷетиро пурра ва баланд мебардорад, чунки сатҳи дастрасии маълумот тақвият меёбад. Мавқеъи муҳимро корхонаҳои давлатӣ ва хавфҳои фискалие, ки бо онҳо алоқаманд мебошанд, ишғол менамоянд. Вале, маълумотҳои молиявӣ оид ба фаъолияти корхонаҳои давлатӣ, баъзан мухталиф ё умуман ҷамъоварӣ карда намешаванд. Ягон сарчашма шаҳодат дода наметавонад, ки ягон шахсияти алоҳида ё мақомоти идоракунӣ дар Тоҷикистон тасаввуроти пурраро оид ба вазъи молиявӣ ё аққалан оид ба ҳаҷми бахши корхонаҳои давлатиро дошта бошад [1 саҳ 4]. Амалиётҳои квазифискалии корхонаҳои давлатӣ хавфҳои молиявии муайянро фароҳам оварда, тартиби андозӣ-буҷетиро вайрон месозанд. Ва минималигардонии ин хавфҳо бояд яке аз мақсадҳои стратегияи ИМД гардад, чунки қарздории ин корхонаҳои бузург меъёри баланди қарздориро дар назди буҷет доро буда, ҳалли қисман ва пурраи ин вазифаҳои молиявӣ дар натиҷа бар дӯши буҷети давлатӣ гузошта мешавад. Мувофиқи натиҷаҳои солҳои охир, қисмати даромади буҷети давлатӣ аз **80** то **90%** ва зиёда аз он аз ҳисоби ҷудокуниҳои андозӣ, даромадҳо аз ҷаримаҳо ва таҳримҳо, грантҳо, боҷҳои маъмурӣ, аъзоҳаққиҳо ва даромадҳои ғайриандозӣ иҷро карда мешавад. Аз ин метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки новобаста аз ҳаҷми воқеан бузурги корхонаҳои давлатӣ, саҳми онҳо ба буҷети давлатӣ ғайриназаррас мебошад. Ин ҳамчунин оид ба самаранокии паст ва сатҳи баланди хавфҳои фискалии объектҳои қайдгардида (ба. ҷадвали 1 ниг) шаҳодат медиҳад. Аз маълумотҳои овардашуда маълум аст, ки дар миёни корхонаҳои давлатӣ ширкатҳои аз ҳама калонтарин аз ҳама зароровартар мебошанд. Даромади онҳо дар солӣ 2013 **33,3 млн. долл. ИМА** –ро ташкил дода, зарар бошад баръакс **77,1 млн. долл. ИМА-** ро ташкил намуд. Аз сабабии дастрасии маҳдуд оид ба маълумотҳои корхонаҳои мазкур, солҳои минбаъда таҳлил нагардидаанд.

Ҷадвали 16.

Қарздорӣ, даромад ва зарари 24 корхонаҳои давлатӣ дар соли 2013.

	Ҳаҷми умумии қарздорӣ	Фоида	Зарар
	Млн. долл. ИМА / %	***Млн. долл. ИМА / %***	***Млн. долл. ИМА / %***
«Тоҷик Эйр»	71,5 / 3,8	1,7 / 5,0	----
Фурӯдгоҳи Душанбе	13,1 / 0,7	12,1 / 36,2	----
«Барқи Тоҷик»	916,7 / 48,6	----	-40,8 / 53,0
ТАЛКО	362,3 / 19,2	----	-31,0 / 40,3

Сементи Тоҷик	18,8 / 1,0	----	-1,5 / 1,9
Трансгаз	55,4 / 2,9	----	-1,5 / 1,9
КВД «Нефт, газ ва ангишт»	8,3 / 0,4	0,4 / 1,3	----
Роҳи оҳан	316,5 / 16,8	----	-2,3 / 3,0
Телекоммуникасия	34,8 / 1,8	3,8 / 11,3	----
Дигар КВД	90,0 / 4,8	15,4 / 46,2	----
Ҳамагӣ	**1887,3 / 100**	**33,3 / 100,0**	**-77,1 / 100,0**

Сарчашма[2].

Ин нобаробариҳо аз сатҳи пасти самаранокии ин корхонаҳо бозгӯ намуда, дар оянда зарур аст, то ин мушкилиҳо бартараф карда шаванд, то ки ин корхонаҳои давлатии дар боло зикргардида саҳми босазои худро дар рушди соҳаи буҷетӣ ва умуман дар иқтисодиёт гузоранд. Ҷустӯҷуи сарчашмаҳои нави даромадҳо, ба ҷузъ аз даромадҳои гуногун ва гирифтани грантҳо, бояд мақсади стратегии сиёсати молиявии давлат гардад, чунки вазъи амалкунандаи кунунӣ, сиёсати буҷетиро ниҳоят ноустувору заиф, дар назди омилҳои гуногуни хориҷӣ ва дохилӣ мегардонад. Баландбардории даромаднокии корхонаҳои давлатӣ иқдоми нахустин барои ноилгардии вазифаҳои гузошташуда мебошад.

Дар солҳои охир хароҷотҳои давлатӣ дар намуди хароҷотҳои маблағгузорӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки ба мақсадҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равона гардидаанд, ба таври назаррас афзоиш ёфтаанд. Сиёсати мазкур инъикоси худро дар хуҷҷатҳои стратегии гуногун ёфтааст, ки мақсади он таъминсозии амнияти озуқаворӣ, коҳишдиҳии сатҳи камбизоатии аҳолӣ, раҳоӣ аз бумбасти коммуникасионӣ ва истиқлолияти энергетикии мамлакат мебошад. Аз ҳамин сабаб, самаранокӣ ва мақсаднокии хароҷотҳои маблағгузорӣ бояд бо сатҳи баланд баҳогузорӣ карда шавад. Амалҳои коррупсиониро аз ҷониби тақсимкунандагон ва гирандагони буҷетӣ ба эътибор гирифта, ин хароҷотҳо метавонанд камсамаранок ё пурра бефоида бошанд. Мувофиқи сарчашмаҳои оморӣ агар соли **2010 дар** мамлакат **1639** ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ ба қайд гирифта шуда бошад, онгоҳ дар соли **2014** ин нишондиҳанда то **2310** ҷиноят дар сол афзоиш ёфт [3 саҳ 5]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин ҷиноятҳо майл ба афзоиш дошта, хавфи ришвахӯрӣ ва ғоратгариро афзоиш медиҳанд. Ин ҳамчунин, ба қарзи давлатӣ, грантҳои хориҷӣ тааллуқ дорад. Вазъи амалкунандаи хусусияти коррупсионӣ дошта дар оянда заминаҳоро барои пайдошавии муаммоҳои хусусияти молиявӣ дошта ба миён меорад. Махсусан ин ба қарзи давлатӣ ва сармоягузориҳо тааллуқ дорад. Қарзи давлатӣ, ин ӯҳдадории мамлакат буда, зарур аст, то он дар мӯҳлати қайдгардида баргардонида шавад, вале ғайримақсаднок истифодабарии ин воситаҳо метавонад монеаи ҷиддӣ барои иҷронамоии ӯҳдадориҳои бар дӯш гирифташуда гардад, ки метавонад дар навбати худ бори вазнине барои буҷети давлатӣ ва андозсупорандагон гардад. Барои баландбардории сифати идоракунии қарзи давлатӣ ва коҳишдиҳии сатҳи коррупсия дар мамлакат Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои **2015-2017** ва Стратегияи мубориза бар зидди коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои **2013-2020** қабул карда шудааст. Барои муборизаи самаранок бо ин муаммоҳо саҳми муҳимро шаффофият, ошкорбаёнӣ ва дастрасии маълумот дар рафти иҷроиши буҷети давлатӣ аз рӯи даромад ва хароҷот мебозанд. Коҳишдиҳии сатҳи коррупсия то сатҳи воқеъии минималӣ ва ҳалли муаммои шаффофият, низ метавонад ба таври воқеъӣ сатҳи ҷаззобияти Тоҷикистонро дар миёни сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ баланд бардорад. Сохтори хароҷотҳои давлатӣ бар фоидаи бахши иҷтимоӣ низ тағйир ёфтаанд, махсусан дар даврaҳои охирон, вале новобаста аз иқдоми мазкур, пардохтҳои иҷтимоӣ ва сатҳи пешниҳоди хизматрасониҳои хусусияти иҷтимоидошта паст боқӣ мондаанд. Музди меҳнат дар ин бахшҳо барои муттахассисони ҷавон ҷалбкунанда намебошад. Дар миёни бахшҳои иҷтимоӣ аз ҳама каммаблағгузоришаванда соҳаи тандурустӣ мебошад. Афзоиши хароҷотҳои буҷетӣ ба тандурустӣ аз **0,9%-и ММД** дар соли 2000 то **2,1% -и ММД** дар соли **2014** –ро ташкил дод. Ин нишондиҳандаҳо, аз рӯи маълумотҳои Бонки Умумиҷаҳонӣ дар минтақа аз ҳам пасттарин шуморида шуда, яке аз норасоии асосии хароҷоткунӣ барои ин соҳа тақсимнамоии нобаробарии воситаҳо миёни вилоятҳо ва ноҳияҳо ба ҳисоб меравад [1 саҳ 1]. Сатҳи пешниҳоди хизматрасониҳо инчунин тафовут дошта хусусияти ягонаро дар

шаҳрҳо ва ноҳияҳо доро намебошад. Ба ғайр аз ин, аз сабаби сатҳи пасти маблағгузорӣ, кӯмаки тиббӣ аз ҳисоби воситаҳои шахсии аҳолӣ пардохт карда мешаванд, ки метавонанд барои қишри аҳолии камбизоат вазнин бошанд. Соҳаи маориф нисбат ба тандурустӣ бештар воситаҳоро барои рушд азхуд менамояд, ки дар инҷо ҳолати мусбӣ он ба ҳисоб меравад, ки дар асоси СБХД маблағгузорӣ ба сари хонанда дар низоми таҳсили умумӣ шурӯъ ба амалнамоӣ намуд. Ин як қатор натиҷахои мусбиро на танҳо дар бахши баландбардории самаранокӣ ва адолатнокӣ фароҳам овард, балки дар хусуси пурзӯрнамоии мустақилияти мактабҳо, ва баландбардории сифати таҳсили хонандагон, низ заминаҳоро муҳаё сохт. Ҳол он ки, на ҳама ноҳияҳо маблағгузории сарикасиро ҷорӣ намудаанд [1 саҳ 35].

Мақомотҳои асосии назорати молиявӣ Палатаи ҳисобӣ ва Агентии давлатии назорати молиявӣ ва муборизаи бар зидди коррупсия мебошанд. Ба ғайр аз ин ба назорати молиявӣ хазинадорӣ дар шахсияти Вазорати молия, машғул буда, ҳисоботҳои муҳосибӣ аз ҷониби аудиторҳои хориҷӣ ва дохилӣ тафтиш карда мешаванд. Мақсади мақомотҳои мазкур назорат аз рӯи ҷараёни иҷроиши қисмати даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ оид ба роҳ надодани дигар самтҳо нисбат ба нақшаи аниққардашудае, ки дар қонунҳои ҳамасола оид ба буҷети давлатӣ дар соли молиявии навбатӣ муайян карда шудаанд, ба ҳисоб меравад. Онҳо аз рӯи ҷараёни иҷроиш назорат бурда, сатҳи самаранокии даромадҳо ва хароҷотҳои буҷетӣ дар асосӣ натиҷаҳои ноилгардида ба инобат гирифта намешавад. Самаранокии воситаҳои буҷетӣ то ҳол аз рӯи меъёри азхудкунии воситаҳои буҷетӣ дар асоси сметаҳои пешниҳодгардида анҷом дода мешавад, ки дар ҳисоботҳо оид ба иҷроиши буҷетҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос карда мешаванд. Вазъи муосири тақсимнамоӣ ва истифодабарии воситаҳои буҷети давлатиро таҳлил намуда метавон қайд намуд, ки низоми идоракунии давлатӣ тағйиротҳои ҷиддӣ ва иловаҳоро паси сар гузаронида истодааст. Ислоҳотҳое, ки гузаронида шуда буданд ва чораҳои беҳтаргардониеро, ки онҳоро дар оянда зарур аст бо кӯмаки ниҳодҳои хориҷӣ амалӣ созем, вазъияти имрӯзаро ба тарафи беҳтар тағйир медиҳанд. Вазъияти иқтисодӣ дар Тоҷикистон дар давраи бӯҳронҳо ва ноустувориҳо дар миқёси ҷаҳонӣ хеле ноустувор ва заиф мебошад, ки иқдомҳои ҷасуронаи ислоҳотиро барои коҳишдиҳии таъсирҳои манфии ҳам хориҷӣ ва ҳам дохилӣ барои рушди бахши воқеъӣ зарур мебошанд. Барои ин, пеш аз ҳама, сардорони оқил ва баландихтисос зарур мебошанд, ки манфиати ҷамъиятиро аз манфиати шахсӣ боло гузошта, барои некӯаҳволии ҷамъият ва мамлакат хизмат мекунанд. Баъдан, таъсисдиҳии муҳити созгор барои рушди соҳибкории хусусӣ тавассути дастгирии давлатӣ дар намуди таъсисдиҳии низоми самараноки андозӣ, ки истеҳсолот ва тиҷоратро ҳавасманд месозад, зарур мебошад, на инки имкон фароҳам орад, то соҳибкорон ба иқтисодиёти пинҳонӣ аз андозҳои баланд ва амалҳои ғайриобъективии коргарони мақомотҳои андозӣ паноҳ баранд. Зарур аст, то таҷрибаи аз андозҳо озод намудани доираи муайяни шахсҳоро бартараф созем, чунки дар солҳои охир дар қонун оид ба буҷети давлатӣ дар давраҳои дар пеш истода зуд-зуд чунин имтиёзҳо вомехӯранд. Буҷети давлатӣ ва иқтисодиёти мамлакат хеле бо ҳам алоқаманд мебошанд, агар иқтисодиёти мамлакат суст рушд намуда бошад, онгоҳ буҷети давлатӣ ва ҳамаи низоми молиявии давлат суст мебошанд. Аз ҳамин сабаб зарур аст, то диққати зиёди молиявӣ ба саноат ва хоҷагии қишлоқ дода шуда, ғайритавозунии буҷет бартараф карда шавад, ва хароҷотҳо бо вазифа ва мақсадҳои стратегӣ хароҷот карда шаванд. Ҳамчунин зарур аст, то корхонаҳои давлатиро дастгирӣ намуда онҳоро аз ҳолати бӯҳронӣ раҳо намуда, назорат ва баландбардории самаранокӣ ва даромаднокиро муқаррар намудан лозим аст, то ки дар оянда саҳми босазоро барои пурранамоии буҷети давлатӣ гузоранд.

Ҳангоми таҳияи сметаи хароҷотҳои буҷет, ҳамчунин зарур аст то асосноксозии ин қарорҳо омӯхта шуда, мақсадҳои ниҳоӣ муайян карда шаванд ва дар натиҷа таҳлил намудан лозим аст, ки ин мақсадҳо то кадом андоза иҷро гардида буданд. Барои самараноктар муайянсозии натиҷаҳои ниҳоӣ муҳим аст, то каҷхаттаи самаранокӣ муайян карда шавад, ки иқдоми муҳим, ва вазифаи зарурӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Всемирный банк. «Республика Таджикистан: Записки по вопросам государственных расходов. Записка №5. Фискальные риски, связанные с государственными предприятиями» / Доклад № 89183-TJ 2014.

2. «Таджикистан: 20 лет государственной независимости». Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе 2011г. С.735. Аналитические таблицы фискального сектора Агентство по статистике при Президенте Республик Таджикистан.
3. «Заседании совета Республики Таджикистан»/ Душанбе 2015. С.5

БАҲОГУЗОРИИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ТАҚСИМНАМОӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ХАРОҶОТҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф баҳогузории вазъи муосири тақсимнамоӣ ва истифодабарии хароҷотҳои буҷети давлатиро баррасӣ намудааст. Рушди низоми буҷети давлатӣ, беҳтарсозии низоми маблағгузорӣ, самтҳои афзалиятноки сиёсати буҷетӣ ба ҳисоб мераванд. Тақсимнамоии оқилонаи хароҷотҳои буҷети давлатӣ ва самаранок истифодабарии онҳо, чи тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, на ҳама вақт ба назар мерасад. На ҳама вақт хароҷотҳои буҷетӣ ба ҳалли муаммоҳои мубрами иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат равона карда мешаванд. Агар равона карда шаванд, ҳам, на ҳама вақт, мақсаднок истифода карда мешаванд. Дар айни замон, низоми молияи давлатӣ тағйиру иловаҳоро дар намуди ислоҳот аз сар гузаронида истодааст.

Калидвожаҳо: вазъи муосири тақсимнамоӣ, буҷети давлатӣ, низоми маблағгузорӣ, иқтисодиёт.

ОЦЕНКА ТЕКУЩЕГО ПОЛОЖЕНИЯ С РАСПРЕДЕЛЕНИЕМ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ РАСХОДОВ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА

В статье автор рассматривает оценку текущего состояния распределения и использования расходов государственного бюджета. Развитие системы государственного бюджета, совершенствование системы финансирования - приоритеты бюджетной политики. Рациональное распределение расходов госбюджета и их эффективное использование, как показывает практика, бывает не всегда. Расходы бюджета не всегда ориентированы на решение актуальных социально-экономических проблем страны. По указанию оба не всегда используются целенаправленно. В настоящее время государственная финансовая система претерпевает изменения и дополнения в виде реформ.

Ключевые слова: текущее состояние распределения, государственный бюджет, система финансирования, экономика.

ASSESSMENT OF THE CURRENT SITUATION WITH THE DISTRIBUTION AND USE OF STATE BUDGET EXPENDITURES

In the article, the author considers the assessment of the current state of the distribution and use of state budget expenditures. The development of the state budget system and the improvement of the financing system are the priorities of the budget policy. Rational allocation of state budget expenditures and their effective use, as practice shows, is not always the case. Budget expenditures are not always focused on solving the current socio-economic problems of the country. As directed, both are not always used purposefully. Currently, the state financial system is undergoing changes and additions in the form of reforms.

Keywords: current state of distribution, state budget, financing system, economy.

Сведения об авторе: ***Зикиров Бахтиёр Махмадшарифович*** – Таджикский национальный университет магистрант второго курса финансово-экономического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17 Телефон: **911 14 18 18**

Information about the author: ***Zikirov Bakhtiyor Mahmadsharifovich*** – Tajik National University. second-year master's student of the Financial and Economic faculty. **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: **911 14 18 18**

НАҚШИ ИҚТИДОРҲОИ ТАБИӢ – ЗАХИРАВӢ ДАР ТАШКИЛИ САЙЁҲӢ

Сайфуллоев Н.Н., Исоев А.К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар доираи ҳудуди хурд истифода аз иқтидорҳои табиӣ – захиравӣ барои сайёҳӣ ва рекреатсия ба унсурҳои гуногуни муҳити атроф дар натиҷаи фаъолияти инсон таъсирҳои манфии гуногун расонида метавонанд. Асосан, ин соҳаҳо дар сатҳи локалӣ ба иқтидорҳои табиӣ – захиравӣ ва муҳити атроф таъсири манфӣ мерасонанд. Иқтидорҳои табиӣ – захиравӣ барқароршаванда ва барқарорнашаванда ҳам барои ташкил ва рушд додани соҳаҳои сайёҳӣ ва ҳам дар ташкили дигар соҳаҳои истеҳсолӣ истифода мешаванд. Масалан, доманакӯҳҳои зебою диққатҷалбкунанда, табиати зиндаю ҷаззоб, муҳити ором ва ғайраҳо барои соҳаҳои сайёҳӣ захираҳои табиии барқарорнашавандаи ҳудуди хурд ба ҳисоб мераванд, ки дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳои бузурги истеҳсолӣ хароб мешаванд ва моҳияташонро аз рӯи нуқтаи назари сайёҳӣ гум мекунанд. Нуқтаи дигаре, ки бояд қайд намоем, ин истифодаи чунин иқтидорҳои табиӣ – захиравӣ барои ба даст овардани рушди

иқтисодӣ мебошад. Рушди иқтисодӣ сабаби зиёдшавии даромадҳои аҳолӣ гардида, дар натиҷа талабот нисбати хизматрасониҳои соҳаҳои сайёҳӣ, ки бевосита доманакӯҳҳои зебою диққатҷалкунанда, табиати зиндаю ҷаззоб ва муҳити атрофи тозаю оромро талаб менамоянд, меафзояд. Муҳити атрофи аз сарватҳои табиӣ, хусусан иқтидорҳои табиӣ – захиравӣ хеле доро буда, барои ташкили рекреатсия, фароғат ва сайёҳӣ заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Захираҳои обӣ, замин, флора ва фауна илова бар ин, манзараҳои зебо ва ҷолиб, ҳавои тозаю форам, қуллаҳои диққатҷалбкунанда ва барфпӯши табиат аз унсурҳои муҳити атроф дониста шуда, маҳз онҳо метавонанд иқтидори сайёҳии минтақа дар маҷмӯъ кишварро зиёд намоёнд. Дар ҳолати нодуруст истифода шудани унсурҳои муҳити атроф дар сайёҳӣ, фароғат ва рекреатсия эҳтимолияти вайрон шудан ва хароб шудани онҳо зиёд мешавад. Ба ғайр аз ин, соҳаҳои мазкур метавонанд баъзе таъсирҳои мусбӣ ва манфӣ ба дигар соҳаҳо расонанд. Дар ин радиф, кушиш ба харҷ додан лозим аст, ки оиди баъзе таъсирҳои манфӣ ва мусбии ин соҳаҳо маълумотҳо пешниҳод намуда, дар бораи пешгирӣ намудан ё ин ки паст фаровардани таъсири онҳо ақидаҳои хешро иброз намоем. Аслан, дар ин масъала зина ба зина оиди таъсирҳои манфии сайёҳӣ, фароғат ва рекреатсия ба муҳити атроф дар сатҳи локалӣ ё ин ки ҳудуди хурд ва глобалӣ ё ин ки ҳудуди васеъ, таъсирҳои манфии дигар соҳаҳо ба сайёҳӣ, рекреатсия ва фароғат ва паҳлӯҳои мусбии рекреатсия, сайёҳӣ ва фароғат маълумот дода мешавад. Иқтидорҳои табиӣ – захиравӣ низ ҳамчун рекреатсия, фароғат ва сайёҳӣ соҳаҳое баҳисоб мераванд, ки бо суръати баланд афзоиш меёбанд ва даромади ин соҳаҳо дар таркиби сохтори сайёҳӣ пайваста афзиш хоҳад ёфт. Дар омӯзиши иктидории сайёҳӣ ва рекреатсионӣ муносибати систематикӣ барои муайян кардани баҳодиҳии маҷмӯии омилҳои ташаккули иқтидорҳои табиӣ – захиравӣ, бо назардошти муносибатҳои онҳо такя кардан лозим аст. Муайян кардани омилҳое, ки рушди сайёҳиро муайян мекунанд, ба зарурати баррасии эҳтимолии иқтидори табиӣ-захиравӣ ва рекреатсия асос ёфтааст. Шароити рушди сайёҳӣ ба манбаи ҳудудӣ асос ёфтааст. Қисмати унсурҳои асосии сохтории он захираҳои фароғатии онҳо ва шароити иқлим мебошанд. Омезиши захираҳои фароғатии табиӣ дар якҷоягӣ бо шароити табиӣ иқтидори фароғатии табиӣ мебошад. Чи тавре ки қаблан зикр гардида буд мафҳуми «потенсиал» маънои маҷмӯи захираҳо мебошад, ки омилҳои дастрасро истифода намудан мумкин аст ва барои ноил шудан ба натиҷаи муайян нишон дода шудаанд. Рекреатсия, сайёҳӣ ва фароғат дар баробари таъсири худ ба захираҳои оби тоза боз нисбати қувваи барқ, маводи хӯрока ва дигар захираҳои табиӣ талаботи зиёд доранд. Масалан, меҳмонхонаҳо ва осоишгоҳҳо истеъмолкунандаи асосии қувваи барқ ба шумор рафта бо мақсадҳои гуногун қувваи барқро истифода менамоянд. Пеш аз ҳама қувваи барқро бо мақсади гармкунӣ, равшанкунӣ ва тозакунии ҳаво истифода менамоянд. Илова бар ин, аксари машғулиятҳои сайёҳӣ нисбати қувваи барқе, ки аз захираҳои табиӣ барқароршаванда ва барқарорнашаванда истеҳсол мешавад, талаботи зиёд доранд. Иқтидорҳои табиӣ – захиравӣ яке аз омили таъсиррасонанда ва унсури асосии рушди сайёҳӣ мебошанд. Захираҳои сайёҳӣ ин маҷмӯи тамоми инфрасохтори сайёҳӣ ба монанди мероси фарҳангию таърихӣ, ёдгориҳои табиӣ ва манзараҳои табиӣ, қисматҳои зерсохтори хоҷагӣ ба меҳмонхонаҳо ва меҳмонсаройҳо, комплекси нақлиёт, тарабхона, қаҳвахона, ошхонаи миллӣ, муассисаҳои фароғатӣ, санаторияҳо, кӯл, дарё, кӯҳҳо, олами рангини наботот ва ҳайвонот ва ғайра дохил мешаванд.Сайёҳӣ самтҳои пуршумор дошта, ҳар кадом мушкилот, хусусият ва тафовуту талаботҳои худро дорад:

- сайёҳии табобатӣ, санаторию истироҳатӣ;
- кӯҳнавардӣ, сайёҳии варзиши кӯҳӣ ва экологӣ;
- сайёҳии таърихию омӯзишӣ ва этнографӣ;
- сайёҳии касбӣ (геологӣ, географӣ, биологӣ);
- қаиқронӣ дар дарёҳҳои кӯҳӣ (рафтинг);
- варзиши лижаронии кӯҳӣ;
- сайёҳӣ оид ба шикор, моҳигирӣ;
-ташкили экспедитсияҳо, сайёҳат ба мавзеҳои дастнорас ва ғайраҳо.

Дар шароити муосир қаламрави Хум{урии Тохикистон {амчун минтаґаи сайёҳӣ – рекреатсионӣ барои равнақи соҳаи сайёҳӣ шинохта шудааст. Аз ин хотир, рушди индустрияи сайёҳӣ яке аз омил{ои му{ими ба рушди устувори иґтисодb, ихтимоию-

фар{ангҳ ва сохтори табиию-экологии {удуди интихобшуда, таъсиркунанда мебошад. Ин таъсиррасонҳ ба шакли зерин ба тариги мушаххас нишон дода мешавад:

- рушди соҳаи сайёҳӣ ба истифодаи оғилонаи табиат ва муносибати э{тиёткорона нисбати иқтидорҳои табиӣ- захиравӣ оварда мерасонад;
- фаъолияти иншоотҳои соҳаи сайёҳӣ нисбат ба дигар шаклҳои истифодаи захира{ои биологҳ ба нестшавии он намеоварад, баръакс сабаби афзуннамоии намудҳои гуногуни он мешавад;
- равнақи бахши сайёҳӣ ба арҷгузорӣ ва ташаккули мерос{ои таърихию фар{ангии мардумӣ мусоидат менамояд;
- иншоотҳои бахши сайёҳӣ шароит{ои лозимиро барои баргарор намудани вазъи ру{ию саломатии мардум ба вухуд меоранд;
- тараққиёти бахши сайёҳи сабаби бавуҷудоии шуғл ва хой{ои нави кории холӣ барои аҳолӣ мегардад;
- бахши сайёҳӣ сабаби рушди инфрасохтори иқтисодию ихтимоҳ ва табобатию рекреатсионӣ мегардад;
- инфрасохтори ташаккулёфта барои таъмин намудани ниёзҳои сайёҳон ва мардуми ма{аллҳ равона карда мешавад;
- даромади маблағҳои пулӣ ба буха аз {исоби сайёҳӣ ба бахшҳои ихтимоии давлатҳ (илму маориф, тиб, фар{анг, варзиш) таъсири мусбҳ мерасонад.

Умед ба он дорем, ки дар ояндаи наздик со{аи сайёҳӣ дар иғтисодиёти Хум{урии Тохикистон ба яке аз самт{ои афзалиятноки стратегӣ табдил меёбад ва сабаби равнақи иғтисодҳ, зиёдшавии {ахми даромаднокии а{олҳ ва ғанигардии бухаи ҷумҳурӣ мегардад. Барои ин ҳоло ғисман замина{о гузошта шудаанд, зеро аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра қонуну қарорҳо қабул шудаанд ва амалӣ хоҳанд гашт. Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки рушди сайёҳӣ на танҳо сабаби ташаккули иқтисоди миллӣ инчунин боиси афзуншавии ҷойҳои нави корӣ ва дар ин заминагирифтани пеши роҳи шиддати бекорӣ, болоравии дараҷаи даромаднокии шаҳрвандон ва беҳгардии сифати зиндагии аҳолӣ, беҳдошти ҳолати экологии ҳудудҳои сайёҳӣ-рекреатсионии кишвар, ташаккули афкори экологӣ, рушди бизнеси меҳмонхонавӣ ва дар маҷмӯъ болоравии вазъи иқтисодию иҷтимоии аҳолии минтақа мегардад. Ҳамин тавр, иқтидорҳои табиӣ захиравии ин омезиши захираҳои табиати табиӣ ва шароити муҳити табиии ҳудуд истифода мешавад ё метавонад барои рушди фаъолиятҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ истифода шавад. Дохил кардани он дар ин мафҳум муҳим аст, зеро он на танҳо дар шакли имконоти ташкили истироҳат дар табиат, балки омили маҳдудшаванда низ аст. Дар ҳама гуна ҳудуд дорои маҷмӯи муайяни он мебошад, ки хусусияти табиӣ ва захираҳои сифатӣ дорад, аммо нишондиҳандаҳои сифатӣ, аз қабили ҳолати муҳити зист, ба монанди ҳолати муҳити зист, омили манфӣ мебошанд. Имрӯзҳо нақши таблиғот дар ба фурӯш баровардани молу маҳсулот нақши хеле намоён ва ҳатмӣ мебозад. Зеро имрӯз ягон корхонаи истеҳсоли молу маҳсулот ва муассисаҳои хизматрасонӣ аз он ҷумла соҳаи сайёҳӣ наметавонад бе исфтифода аз таблиғот ба бозор барорад.Таблиғот чун шакли фаъолият аз давраҳои қадим ба вуҷуд омада, вобаста ба рушди ҷомеа ва иқтисод ташаккул ёфтааст. Тадқиқотчиёни соҳаи таблиғот пешниҳод менамоянд, ки таблиғот ҳамеша вуҷуд дошт новобаста аз он, ки дар бораи он тасаввур надоштанд. Дар ҳар давраи таърихӣ одамон ҳаракат мекарданд, ки дар бораи худ, моли худ, хизматрасонӣ ва ғайра дар ҷойҳои сераҳолӣ маълумот паҳн кунанд. Ба воситаҳои таблиғот паҳнкунии ҳамон давра реклама дар санг, нақшу нигораҳои гуногун дар бораи молҳо, тамғаҳои ҳайвонҳои хонагӣ ва ғуломон, ҳайкалу муҷассамаҳо мисол шуда метавонанд. Дар замони ҳозира фаъолияти таблиғотӣ бо суръати баланд рушд ёфта истодааст. Сабаби босуръат тараққӣ ёфтани таблиғот ин пайдоиши техникаю технологияҳои нав, мутахасисони олӣ дар ин соҳа, ба вуҷуд омадани агентиҳои таблиғотии ҷаҳонӣ, интернет ва ғайра ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳад,ки ба ҳисоби миёна то 10% даромади корхонаҳои тиҷоратӣ барои таблигот масраф мешаванд. Чуноне, ки ба ҳамагон маълум аст, яке аз сабаҳои роҳ наёфтани кишвари мо ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ, ин набудани таблиготи кофӣ оиди молу маҳсулоти сайёҳии кишвар, мавзеҳои сайёҳатӣ мебошад.Ҳангоми дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани таблигот оиди мавзеъҳои сайёҳату урфу одат ва анъанаҳои бою рангини мардуми кишварамон, Тоҷикистон метавонад ба яке аз

марказҳои сайёҳии ҷаҳонӣ табдил гардад. Захираҳои обҳои маъдании шифобахш дар ҷумҳурӣ аҳамияти калони таҷдиди саломатӣ (рекреатсионӣ ва сайёҳӣ) дошта ба навъҳои гуногун: сайёҳӣи табобатию- истироҳатӣ, тансиҳатӣ, варзишӣ ва таърихию маърифатӣ ҷудо мешаванд. Тоҷикистон саросар кишвари кӯҳӣ буда, он табиати зебою дилфиреб дорад. Табиати зебою нотакрори Тоҷикистон сол аз сол диққати сайёҳҳони хориҷиро ба худ ҷалб намуда истодааст. Ҷиҳати ҳифзи ҳолати экологии табиати зебою нотакрори он бояд баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ низ ниҳоят зарур аст. Ғайр аз ин, барои муваффақ шудан ба рушди босуботи сайёҳӣ фишангҳои иқтисодию иҷтимоиро дуруст роҳандозӣ намудан лозим аст. Мавҷудияти зиёди иқтидорҳои сайёҳӣ ба монанди мероси ғании фарҳангию таърихӣ, ёдгориҳои табиӣ ва захираҳои зиёди рекреатсионӣ барои эҳё ва тараққиёти минбаъдаи сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодии ҷумҳурӣ заминаҳои хуб фароҳам меоварад. Захираҳои беҳамтои обҳои маъдании шифобахши табобатию-истироҳатӣ, дар доманаи ҷанубии Қаторкӯҳи Ҳисор, Тоҷикистони Шимолӣ, Кӯҳистони Зарафшон, Рашт, Вахш, Кулоб, Бадахшон беш аз 220 манбаи обҳои маъданӣ ошкор карда шудаанд. Дар заминаи обҳои маъдании шифобахши Хоҷа-Обигарм, Оби-Гарм, Гармчашма, Чилучорчашма, Оксукон, Анзобу Обишир, Авҷ, Тамдикул, Ҳавотоғ ва мавзеъҳои сайёҳию- рекреатсионӣ, тансиҳатӣ, оббозӣ, қумқабулкунӣ, сайру гашт, саёҳат истироҳатию-табобатӣ, сайёҳӣи кӯҳнавардӣ, алпинизм ва саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ ва ёдгориҳои таърихӣ бунёд карда шудааст.

Сайёҳӣ дар иқтисодиёти иҷтимоӣ нигаронидашуда нақши муҳим дорад ва то ҳадде аз соҳаҳо, аз ҳолати ҷузъҳои муҳити табиӣ, мустақиман вобаста аст, ки ба заминаи рушди он саҳм мегузорад. Таъмини ҳудуди бо иқтидорҳои табиӣ - захиравӣ метавонад як омили ҳалкунанда дар интихоби хатсайрҳои сайёҳии рекреатсионӣ бошад. Ҳангоми баҳодиҳии иқтидорҳои табиӣ - захиравӣ барои муайян кардани аҳамият ва рақобатпазирии ҳудуди бозори сайёҳӣ нақши калидӣ бозад.

АДАБИЁТ

1. Боголюбова, С. А. Эколого-экономическая оценка рекреационных ресурсов : учеб. пособие для студентов вузов / С. А. Боголюбова. – М. : Изд. центр «Академия», 2009. – 256с.
2. Гуляев, В. Г. Туризм: экономика и социальное развитие / В. Г. Гуляев. – М. : Финансы и статистика, 2003. – 304 с.
3. Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н., Гулмирзоев Р.А. Иқтисоди бозори сайёҳӣ. Душанбе, 2017. 294 саҳ.
4. Лукьянчиков, Н. Н. Экономико-организационный механизм управления окружающей средой и природными ресурсами [Текст] / Н. Н. Лукьянчиков. – М: Наука, 2013. – 763 с.

НАҚШИ ИҚТИДОРҲОИ ТАБИӢ – ЗАХИРАВӢ ДАР ТАШКИЛИ САЙЁҲӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи нақши иқтидорҳои табиӣ – захиравӣ дар рушди сайёҳӣ меравад. Ҳамчунин ҳамаи фаъолиятхои истеҳсолии инсон метавонанд ҳамчун раванди бозтаҷдидии табиат дар шаклҳое, ки барои истифодаи инсон қобили қабуланд, инъикос карда шаванд. Истифодаи иқтидори табиӣ – захиравӣ (шароити табиӣ, танзими дарёҳо, кӯлҳо, сарватҳои табиӣ ва гайраҳо) дар фаъолияти одамон бо воситаҳои муҳимтарини ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ қарор доранд. Иқтидори табиӣ – захиравӣ ҳамчун пойгоҳи табиӣ барои рушди иқтисодиёти кишвар мебошанд, аз ин рӯ баҳодиҳии иқтисодии тамоми маҷмӯи иқтидори табиӣ – захиравӣ хеле назаррас аст. Тибқи иқтидори захираҳои табиӣ, фаҳмиши маҷмӯи захираҳои табиии ҳудудро бо назардошти дастовардҳои пешрафти илмӣ ва технологӣ муқаррарӣ мекунад. Мубрамияти мавзӯи тадқиқот зарурати таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ҳам дар кишвар ва дар дохили он дар заминаи идоракунии самарабахши иқтидори табиӣ – захиравӣ ифода меёбад. Вазифаҳои он ташаккул, истифодаи оқилона ва таҷдиди иқтидори табиӣ-захиравӣ, инчунин фароҳам овардани шароити таҳким ва такмили системаи худидоракунӣ дар ҳама сатҳҳои гуногун мебошад. Ҳадафи ин тадқиқот омӯзиши иқтидори табиӣ-захиравӣ ҳамчун яке аз омилҳои рушди сайёҳӣ ва инчунин омӯзиш ва таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи оқилонаи онҳо дар соҳаи сайёҳӣ мебошад.

Калидвожаҳо: иқтидори табиӣ – захиравӣ, захираҳои табиии ҳудудӣ, рушди сайёҳӣ, рекреатсия, системаи идоракунӣ.

РОЛЬ ПРИРОДНО РЕСУРСНОГО ПОТЕНЦИАЛА В ОРГАНИЗАЦИИ ТУРИЗМА

В статье говорится о роли природно ресурсного потенциала в развитие туризма. Все производственные мероприятия могут быть отражены как повторный процесс природы в формах которых приемлемо для использования человека. Природно ресурсный потенциал - это естественное основание для экономического развития страны, поэтому экономическая оценка всего природно ресурсного потенциала очень важно в формирование туризма. Согласно возможности природных ресурсов, понимание набора территориальных ресурсов является нормальным с учетом достижений научно-технического прогресса. Актуальность исследований отражена на обеспечение устойчивого социально-экономического развития как в стране, так и

в нем на основе эффективного наращивания потенциала - резерва. Его обязанности - это формирование, рациональное использование и реконструкция природных ресурсов и повышение условий укрепления и улучшения самоотверской системы. Целью данного исследования является изучение природно-заповедников в качестве одного из факторов туризма, а также рекомендаций по рациональной использование в области туризма.
Ключевые слова: природно ресурсный потенциал, территориально природные ресурсы, развитие туризма, рекреация, система управления.

THE ROLE OF NATURAL RESOURCE POTENTIAL IN THE ORGANIZATION OF TOURISM

The article refers to the role of natural resource potential in the development of tourism. All production activities can be reflected as a repeated nature process in the forms of which is acceptable to human use. The use of natural resource potential (natural conditions, natural wealth, sores, natural resources, etc.) in the activities of people with the most important socio-economic problems. Naturally, the resource potential is a natural basis for the economic development of the country, therefore the economic assessment of the entire natural resource potential is very important in the formation of tourism. According to the possibility of natural resources, the understanding of the set of territorial resources is normal, taking into account the achievements of scientific and technological progress. Relevant research is reflected on ensuring sustainable socio-economic development in both the country and in it, on the basis of effective capacity building - reserve. His duties are the formation, rational use and reconstruction of natural resources and improving the conditions for strengthening and improving the self-consistent system. The purpose of this study is to study natural reserves as one of the tourism factors, as well as recommendations on rational use in the field of tourism.
Keywords: natural resource potential, territorial natural resources, tourism development, recreation, management system.

Сведения о авторе: ***Исоев Амирджон*** - Таджикский национальный университет, магистрант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, 17. Телефон: **900250550**.

Information about the author: ***Isoev Amirjon***-Tajik National University, undergraduate. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17. Phone: **900250550.**

ҲУҶҶАТНОККУНИИ ҲАРАКАТИ ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

Қурбоналиев С.Э.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асоси аз ҷиҳати ҳуқуқӣ эътимодбахшу эътиборнок будани ахбороти дар баҳисобгирии муҳосибӣ ба даст овардашударо бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ кардани ҳар як амалиёти хоҷагӣ ташкил медиҳад. Ҳуҷҷатикунонии амалиёти хоҷагӣ яке аз қисмҳои таркибии элементи методи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Ҳар як амалиёти хоҷагие, ки дар корхонаҳо ба ҷо оварда мешаванд, бояд дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос ёбад. Ҳуҷҷат ин ашёи моддӣ буда, дар он бо тарзу воситаҳои гуногун ахборот дар шакли ба идрок мувофиқ қайд карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ оиди содиршавии амалиётҳои фаъолияти хоҷагӣ маълумот медиҳанд, ки ин маълумотҳо бояд таҳлил ва дар ҳисобҳо инъикос карда шаванд. Тартиб додани ҳуҷҷат бояд ба ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқ мувофиқат карда, эътиборнокии факти инъикосшавандаро тасдиқ намояд. Ҳуҷҷатноккунӣ – ин шакли назорати муҳосибӣ оиди фаъолияти хоҷагидории ташкилот мебошад. Ҳуҷҷатноккунӣ – ин барасмиятдарории ҳодисаҳои иқтисодӣ (амалиётҳои хоҷагӣ) бо ҳуҷҷат мебошад. Вобаста ба тарзи бадастории дороиҳои ғайримоддӣ онҳо гуногунтарз ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дороиҳои ғайримоддӣ ба ҳайати дороиҳои ғайригардони корхона дохил мешаванд ва дар боби дуюми тавозуни ҳисобдорӣ - «Дороиҳои ғайригардон» нишон дода мешаванд. Вазифаҳои асосии баҳисобгирии дороиҳо инҳоянд:

1. Дуруст ҳуҷҷатнок кардани дохилшавӣ, ҷойивазкунӣ ва хориҷшавии объекти дороиҳо.
2. Дуруст ҳисоб кардани фарсудашавӣ барои ҳар як объекти дороиҳо ва инъикоси ин маблағҳо дар ҳисобҳои баҳисобгирӣ.
3. Муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ дар вақти барҳамдиҳӣ ва хориҷшавии объекти дороиҳо.
4. Назорат оиди хароҷотҳо барои таъмири дороиҳо.
5. Дуруст нигоҳдорӣ ва самаранок истифодабарии объекти дороиҳо.

Мувофиқи моддаи 12 – уми қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ҳар як амалиёти дар фаъолияти корхона ба амал оянда бояд дар ҳуҷҷатҳо нишон дода шавад, яъне оиди ҳар як амалиёт ё ин ки барои ҳар як дорӣ ҳуҷҷатҳо тартиб дода шавад, хусусан ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ. Дороиҳои ғайримоддӣ, ки дар фаъолияти корхонаҳо ҳамчун дорӣ дониста мешавад бояд аз ин талаботи моддаи 12 – қонун бетараф набошад, яъне тамоми самтҳои ҳаракати дороиҳои ғайримоддӣ бояд дар ҳуҷҷатҳо нишон дода шаванд. Дар айни замон нисбати дороиҳои ғайримоддӣ ва батанзимдарории ҳаракати онҳо ҳуҷҷатҳо ба таври конкретӣ вуҷуд надоранд. Бинобар ин, ташкилотҳо бояд худашон шаклҳои мувофиқи ҳуҷҷатҳои марбута таҳия намоянд ва дар ин ҳангом муқаррароти Низомномаро дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот ба назар гиранд. Дар Низомномаи мазкур номгӯи мушаххасоти ҳатмӣ дар ҳуҷҷатҳо ва махсусиятҳои объектҳои баҳисобгиранда муайян карда шудааст. Танҳо барои баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ шакли «варақаи ҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ» истифода бурда мешаваду халос. Баҳисобгирии ҷории дороиҳои ғайримоддӣ ба монанди ташкили баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ба роҳ монда мешавад. Барои он, ки дороиҳои ғайримоддӣ ва воситаҳои асосӣ ҳарду воситаҳои ғайригардон мебошанд. Мутобиқи хусусиятҳои дороиҳои ғайримоддӣ тибқи воридгардӣ ва содиргардӣ таснифоти онҳо бояд дар ҳуҷҷатҳо оварда шавад, инчунин тартиб ва мӯҳлати истифода, арзиши ибтидоӣ, меъёри истеҳлок, таърихи баровард ва вориднамоӣ, истифодаи онҳо ва як қатор мушаххасоти дигар нишон дода шаванд. Ба дурустии барасмиятдарории гузориши ҳуқуқӣ барои соҳибии дороиҳои ғайримоддӣ диққати зарурӣ додан лозим аст. Мисол, ба даст овардани ҳуқуқ ба объектҳое, ки ба ҳуқуқи патентӣ ҳимоя мешаванд, бояд бо шартномаҳои мутобиқи иҷозатнома дар шуъбаи патентӣ ба қайд гирифташуда тасдиқ гардад. Ҳуқуқҳои барои объектҳои бадастовардашуда, ки бо ҳуқуқи патенӣ ҳимоя мешаванд, бояд бо шартномаҳои марбутаи литсензионӣ, ки дар идораи патентӣ ба қайд гирифта шудаанд, тасдиқ карда шаванд. Бадастоварии ҳуқуқ барои истифода аз захираҳои табиӣ фақат ҳангоми мавҷудияти ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи фурӯшандагон ё таъсисдиҳандагон ва бақайдгирии бозҳеҳии ҳуқуқӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун имконпазир аст. Хусусиятҳои баъзе дороиҳои ғайримоддӣ ба сифати объектҳои баҳисобгирӣ бо зарурияти дидани чораҳо ҷиҳати ҳимояи онҳо муайян мешавад. Бо ин мақсад таҳия намудани қоидаҳои махсуси дохилии ҳифозати чунин объектҳо зарур аст. Дар ин қоидаҳо рӯйхати шахсоне, ки ҳуқуқи шинос гардиданро ба онҳо доранд, оварда мешавад. Инчунин дар қоидаҳои мазкур уҳдадориҳои шахсони масъул вобаста ба махфӣ доштани маълумоти марбута ва вазифаҳои хизматии онҳо дарҷ мегардад. Ҳаҷми хоси дороиҳои ғайримоддӣ дар арзиши амволи бисёр ташкилотҳо дар замони муосир баланд нест. Дар оянда нақши онҳо дар иқтисодиёти ташкилотҳои дар шароити бозорӣ фаъолияткунанда бе муҳобот меафзояд. Дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти бозорӣ корхона ва ширкатҳо барои ба даст овардани дороиҳои ғайримоддӣ воситаҳои зиёдро сарф намуда, кӯшиш менамоянд, ки онҳоро дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин харидорӣ намоянд. Вазифаҳои муҳосибот дар ин ҳолат на танҳо дар умуминамоӣ ва пешниҳоди иттилооти бақайдгиранда оид ба воридгардии патентҳои нақдӣ ва истифодашуда, иҷозатномаҳо, маҳсулотҳои барномавӣ, ҳуқуқи соҳибӣ ва дигар объектҳои дороиҳои ғайримоддӣ, балки назорат аз рӯи истифодаи самараноки он аст. Ташкили чунин баҳисобгирӣ таҳияи регистрҳои мувофиқ, усули пуркунии онҳо, тарзи муайяни баҳисобгириро талаб менамояд. Ба гузаштани вақт зарур мешавад, ки навъҳои нави дороиҳои ғайримоддӣ, аз қабили нархи ширкат, ҳуқуқҳои монополӣ, афзалиятҳо ва истифодаи самараноки онҳо аз худ карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои асосие, ки барои қабули дороиҳои ғайримоддӣ, барои ба ҳисоб гирифтани дороиҳои ғайримоддӣ истифода бурда мешавад, ки ин ҳуҷҷатҳо ҳуқуқи соҳиб буданро нисбати дороиҳои ғайримоддӣ ба корхона медиҳад, инҳо мебошанд: патент, шаҳодатнома, шартнома ва дигарҳо. Умуман дороиҳои ғайримоддиро корхонаҳо дар асоси чунин намудҳои шартномаҳо харидорӣ мекунанд, ки ин шартномаҳо ба таври зайл нишон дода мешавад:

1. Шартномаи муаллифӣ ва дигар шартномаҳо барои харидани асарҳои илмӣ, барномаҳо барои МЭҲ ва базаи маълумотҳо;

2. Шартнома оиди иҷроиши корҳои илмию – тадқиқотӣ ва санҷишию конструкторӣ;

3. Шартномаҳои басташуда дар муносибат бо ҳуқуқи патентӣ, инчунин шартномаҳои иҷозатномавӣ;

4. Шартномаҳое, ки дар муносибат бо истифодабарии аломати молӣ аломати хизматрасонӣ, маркаи молӣ, инчунин шартномаҳои иҷозатномавӣ баста мешавад;

5. Шартномаҳои муассисӣ – агар аз ҷониби муассисон дороиҳои ғайримоддӣ ҳамчун ҳисса бо сармояи оинномавӣ гузошта шавад.

Корхонаю муассисаҳо дороиҳои ғайримоддиро бо чунин роҳҳо ба даст оварда метавонанд:

- Бо роҳи харид
- Ҳамчун тӯҳфа
- Дохилшавӣ ҳамчун саҳм дар фонди оинномавӣ
- Истеҳсол бо қувваи худӣ

Баъди қабули дороиҳои ғайримоддӣ дар муассисаҳо ва корхонаҳо, ба ҳар як объекти дороиҳои ғайримоддӣ рақами инвентарӣ дода мешавад, ки фехристҳои баҳисобгирии муҳосибиро истифода мебаранд. Баҳисобгирии таҳлилии объектҳои дороиҳои ғайримоддӣ дар варақаи инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ бурда мешаванд. Бисобгирии таркибии дороиҳои ғайримоддӣ дар «Варақаи баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ» амалӣ карда мешавад. Ин варақа барои тамоми намуди дороиҳои ғайримоддӣ истифода бурда мешавад, яъне барои ҳар як намуди алоҳидаи объекти дороиҳои ғайримоддӣ варақа дар алоҳидагӣ кушода мешавад.

Тавсифи варақаи баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ. Дар варақаи мазкур номгӯи пурраи объект ва таъинот, арзиши ибтидоӣ, мӯҳлати истифодабарии фоиданок, меъёр ва маблағи хурдашавии ҳисобкардашаванда, таърихи дар баҳисобгирӣ нишон додани дороӣ, усули харид, ҳуҷҷат дар бораи бақайдгирии ин дороӣ ва маълумоти асосӣ оиди хориҷкунии объект даромад аз фурӯши ин обекътҳо ва дигар маълумотҳо зикр шудааст. Ҳангоми ба даст овардани ин гуна дороиҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ як қатор ҳуҷҷатҳо оиди дохилшавӣ ва хориҷшавӣ истифода мешаванд. Вобаста ба мазмуни амалиёт ин ҳуҷҷатҳо шакл ва намудҳои гуногунро дошта метавонанд. Дохилшавӣ ва ҳаракати дороиҳои ғайримоддӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин мувофиқи шакли намунавии ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, нишондоди мухтасар оид ба пур кардан ва истифода бурдани онҳо ба расмият дароварда мешавад:

- Шакли ВА - 1 санади қабул ва супоридани объектҳои воситаҳои асосӣ. Ин шакл барои ба расмият даровардани қабулу супоридани объекти дороиҳои ғайримоддӣ истифода карда мешавад. Санад барои ҳар як объект тартиб дода шуда, ба муҳосибот супорида мешавад. Вай барои бақайдгирӣ дар варақаи баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ асос мебошад.
- Шакли № ВА – 2 борхат барои дар дохили ташкилот аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронидани воситаҳои асосӣ (дороиҳои ғайримоддӣ) истифода бурда мешавад. Ин ҳуҷҷат дар ду нусха тартиб дода шуда, барои ба қайд гирифтан дар дафтари қайди умумӣ (инвентарӣ) асос мегардад.
- Санад оиди қабул ва супоридани гурӯҳи объектҳои воситаҳои асосӣ (ба ғайр аз бино ва иншоотҳо);
- Талабнома – борхат;
- Китоби асосӣ.

Хориҷшавии дороиҳои ғайримоддӣ ба воситаи чунин ҳуҷҷатҳои аввала ба расмият дароварда мешаванд:

- Санад (акт) оиди хориҷкунии воситаҳои асосӣ (шакли ВА – 4) (ба ғайр аз воситаҳои нақлиёт); Дар вақти ба расмият даровардани объектҳои ҷудогонаи дороиҳои ғайримоддӣ, ки бо сабаби пурра ё қисман барҳам додан хориҷ шудааст, ин санад истифода бурда мешавад. Дар санад хароҷотҳо барои барҳам додани дороиҳои ғайримоддӣ ва арзиши масолеҳи қимматнок, ки дар натиҷаи барҳамдиҳии объект гирифта шудааст, инъикос карда мешавад.

○ Санад (акт) оиди хориҷкунии гуруҳи воситаҳои асосӣ (ба ғайр аз воситаҳои нақлиёт);

Ҳамаи амалиётҳои ба фурӯши дороиҳои ғайримоддӣ алоқамандро шартномаи хариду фурӯши дороиҳои ғайрмоддӣ асоснок мекунад, ки дар ин шартнома шартҳои ҳарду тараф инъикос карда мешавад. Дар асоси шартномаи хариду фурӯш тарафҳо ҳуқуқу ӯҳдадории худро муайян карда, оиди иҷроиши онҳо чораҳо меандешанд. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» (аз 25 марти соли 2011 № 702), ҳамаи ташкилот, корхона ва муассисаҳо шахсони ҳуқуқӣ ҳисобида мешаванд, тавозуни муҳосибии шакли ягонаро тартиб медиҳанд, ки дар ин шакли ҳисобот дороиҳои ғайримоддӣ низ ҷойи намоёнро ишғол мекунанд. Баҳисобгирии амалиётҳо оиди аз эътибор соқитгардонӣ ва аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани объектҳои дороиҳои ғайримоддӣ дар журнали амалиётҳо оиди аз эътибор соқитгардонӣ ва аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани дороиҳои ғайримоддӣ бурда мешавад. Мувофиқи муҳимияти дороиҳои ғайримоддӣ дар ҳуҷҷатҳои оиди дохилшавӣ ва аз эътибор соқитгардонии онҳо, таснифоти онҳо, тартиб ва мӯҳлати истифодабарӣ, арзиши ибтидоӣ, санаи дохилшавӣ ва хориҷкунӣ аз истифодабарӣ ва дигар реквизитҳо нишон дода шавад.

Ҳангоми дар натиҷаи ба ташкилоти дигар фурухтан ва ё аз ҳисоббарорӣ (барҳамдиҳӣ) хориҷ кардани объектҳои дорои ғайримоддӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ қайдҳое сабт карда мешаванд, ки ба қайдҳои дар рафти содиргардии объектҳои воситаҳои асосӣ ба амал овардашуда монанданд.

АДАБИЁТ

1. Баҳисобгирии молиявӣ: Дастури таълимӣ. Коллективи муаллифон, ИҶБАК ҶТ – Душанбе: «Контраст», 2011 – 315 саҳ.
2. Бобомуродов П. Х. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012 – 216 саҳ.
3. Каримов Б. Ҳ., Ойев Н. А., Бобиев И. А., Шоймардонов С. Қ. Баҳисобирии муҳосибии молиявӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016 – 550 саҳ.
4. Комилов Ш. Ҷ., Комилов Т. Ш., Комилов А. Ш. Асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва фаъолияти экспертизаи муҳосибӣ – судӣ: Васоити таълимӣ. – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 404 саҳ.
5. Кондраков Н. П., Кондраков И. Н. Бухгалтерский учет в бюджетных организациях. – Москва: «Проспект», 2012. – 209 с.

ҲУҶҶАТНОККУНИИ ҲАРАКАТИ ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

Асоси аз ҷиҳати ҳуқуқӣ эътимодбахшу эътиборнок будани ахбороти дар баҳисобгирии муҳосибӣ ба даст овардашударо бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ кардани ҳар як амалиёти хоҷагӣ ташкил медиҳад. Ҳуҷҷатикунонии амалиёти хоҷагӣ яке аз қисмҳои таркибии элементи методи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Ҳар як амалиёти хоҷагие, ки дар корхонаҳо ба ҷо оварда мешаванд, бояд дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос ёбад. Ҳуҷҷат ин ашёи моддӣ буда, дар он бо тарзу воситаҳои гуногун ахборот дар шакли ба идрок мувофиқ қайд карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ оиди содиршавии амалиётҳои фаъолияти хоҷагӣ маълумот медиҳанд, ки ин маълумотҳо бояд таҳлил ва дар ҳисобҳо инъикос карда шаванд.

Калидвожаҳо: баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳуҷҷатикунонӣ, ахборот, ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ

ДОКУМЕНТАЦИЯ ХОЗЯЙСТВЕННЫХ ОПЕРАЦИЙ

Основания для достоверности полученной информации о бухгалтерском учете составляют подтверждение каждой хозяйственной операции с юридическим документом. Документация хозяйственных операций является одной из составных частей методического элемента бухгалтерского учета. Каждая хозяйственная операция, проводимая на предприятиях, должна отражаться в документах бухгалтерского учета. Документация-это материальные вещи, в которых с различными средствами информация фиксируется в оптимальной для понимания форме. Бухгалтерская документация доводит до сведения о совершении операций хозяйственного ведения, что данные должны анализироваться и отражаться в расчетах.

Ключевые слова: учет, документация, информация, бухгалтерская документация.

DOCUMENTATION OF BUSINESS OPERATIONS

The basis for the reliability of the information received about accounting is the confirmation of each business transaction with a legal document. Documentation of business operations is one of the components of the methodological element of accounting. Each business transaction carried out at the enterprises should be reflected in the accounting documents. Documentation is a material thing in which information is recorded in an optimal form for understanding with various means . The accounting documentation informs about the performance of business operations that the data should be analyzed and reflected in the calculations.

Keywords: accounting, documentation, information, accounting documentation.

Сведения об авторе: ***Курбоналиев Сулаймон Эмомович*** – Таджикский национальный университет. магистрант второго курса факультета бухгалтерского учета и цифровой экономики **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17

Information about the author: ***Kurbonaliev Sulaimon Emomovich*** – Tajik National University second-year Master's student of the Faculty of Accounting and Digital Economy. **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17

САМТҲОИ АСОСИИ ТАНЗИМИ БАРХУРДИ САБКИ ИДОРАКУНИИ МАРДОНА ВА ЗАНОНА. ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ САРВАРӢ БАЙНИ ЗАНОН

Маликзода Абдулбашир
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯз устувортар шудани мавқеи занон дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қайд карда мешавад. Хирадманди қадиме аз номи мардон чунин гуфтааст: «Ҷаҳонро мо идора мекунему моро занон идора мекунанд». Мутахассисони иқтисод аз Амрико Р.Петерсон ва К.Вермайер ин падидаро «инқилоби ором дар миқёси ҷаҳон» ном гузоштаанд. Ҳамин таърифро тасдиқ ва инкишоф дода, А.Бебел ба ин падида чунин баҳо дод: «ягона инқилобе, ки дар ҳамин аср ғалаба кард ва ба тамоми мамлакату қитъаҳо гузашт». Ҳангоми баррасии ҷанбаҳои гендерӣ дар амалияи идоракунӣ хусусиятҳои бархурдҳои гуногунро ба идоракунии коллектив ва шахсият, хусусиятҳои муносибатҳои байнишахсиро бо назардошти психикаи занона ва мардона ҷудо мекунанд. Натиҷаҳои муқоисаи сифатҳои корӣ ва психологии мардон ва занон, ки онҳоро муҳаққиқони гуногун ҳосил кардаанд, собит намуданд, ки дар идоракунии мардон ва занон фарқиятҳои муайян вуҷуд доранд. Зиндагии мардон қариб ҳамеша ба ҳалли масъалаҳои марбут ба касбу кор гароиш дорад. Барои занон ҳамин гуна қонунияти мотиватсияи меҳнат мушоҳида намешавад ва, чун қоида, онро ҳифзи иҷтимоӣ доштани зан муайян мекунад. Занон касбу корро ҳамчун инкишофи шахсии худ, чун ифодакунии худ дарк мекунанд. Мардон бошанд, онро чун мансабу вазифаи баланду баобрӯ мефаҳманд. Тадқиқотҳои гуногун оид ба муқоисаи сифатҳои корию психологии мардон ва занон собит намуданд, ки аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда фарқият вуҷуд дорад. Дар айни замон, таҷрибаҳои ҷиддии илмӣ баъзе ақидаҳоро оид ба фарқияти байни имкониятҳои ақлонӣ, қобилияти омӯзиш, сифатҳои характер ва мизоҷи (темпераменти) мардон ва занон тасдиқ накарданд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳо занон назар ба мардон бартариятҳои назаррасеро доранд, ки барои бомуваффақият иҷро кардани вазифаҳои идоракунӣ мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, дар адабиёт баъзан бо он дучор шудан мумкин аст, ки фаъолияти зан-раҳбарро ба таври хеле содда, чун истифодаи яке аз ду варианти ба ҳам муқобили идоракунӣ – «хонуми оҳанин» ва «хоҳари калонӣ» - тасвир мекунанд.

«Хонуми оҳанин» беэҳсос аст, итоати бечунучароро мепазирад, мутмаин ба худ ва қувваи худ аст. Ӯ қоидаҳои бозии пасипардагиро хеле хуб медонад, мубоҳиса ва гуфтушунидро воситаҳои бесамар меҳисобад. Ӯ нисбат ба зердастон хеле сахтгир аст, ҷазодиҳиро усули муассир меҳисобад, аз тобеони худ интизоми қатъӣ ва гузаштпазириро талаб мекунад ва дар онҳо асосан маҳорату қобилияти касбиашонро қадр мекунад.

«Хоҳари калонӣ» бошад, ба шаклҳои коллективии қабули қарорҳо такя менамояд, мубоҳисаву муҳокимаҳоро мепазирад. Худаш шахсияти ғайриоддӣ буда, дар атрофи худ ҳамкорони монанди ӯ кордону пурқувватро дидан мехоҳад. Нисбат ба тобеонаш меҳрубон аст ва аз онҳо меҳнати софдилонаро интизор аст. Вай дар зердастони худ эҳсоси «дастаи тифоқу ягонаро» қадр мекунад. Барои «хоҳари калонӣ» на танҳо сифатҳои корӣ, балки инчунин сифатҳои инсонию психологии коргаронаш муҳим мебошанд. Ӯ найрангу дасисабозиро қабул надорад, ошкорбаёнӣ ва танқиди созандаро инкишоф медиҳад. Мукофоту ҳавасмандкунии моддиро воситаи муассири мотиватсия меҳисобад, муносибати эҷодӣ ба кор ва навовариро қадр мекунад. Бешубҳа, ин ду типи зан-раҳбар ба ҳам мустақиман муқобиланд ва дар амалияи идоракунӣ омезиши гуногуни онҳо вомехӯрад. Бинобар ин дар бораи гуногунии бархурдҳо ба идоракунӣ дар фазои «зан-раҳбар» натиҷагирӣ кардан мумкин аст.

Ангезаҳои (мотиватсияи) фаъолияти меҳнатии зан фарқиятҳои муайян доранд. Исбот шудааст, ки гурӯҳҳои гуногуни ниёзҳо барои мардон ва занон аҳамияти якхела надоранд. Ғайр аз ин, структураи мотиватсионии занон серҳаракаттар аст, вокуниши онҳо назар ба мардон аёнтар буда метавонад. Масалан, агар зан худро аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзшуда эҳсос кунад, дар ҳаёти оилавӣ хушбахт бошад, ӯ ба муносибатҳои худ бо ҳамкоронаш чандон аҳамият намедиҳад ва, чун қоида, ба сарварӣ дар ташкилот майл надорад. Вале ӯ барои истиқрори «пуразишии» худ метавонад майли ба даст овардани статуси мустақилро доша бошад. Зиндагии мард пур аз проблемаҳои касбу кор аст. Барои мард муносибатҳои берун аз оила, масалан муошират бо ҳамкорону дӯстон, арзиши баланд доранд. Мавқеи зан, агар ӯ танҳо бошад ё бинобар зарурати моддӣ кор кунад, тағйир меёбад. Дар ин гуна ҳолатҳо хоҳиши устувории вазъ, итминон ба фардо, аз ҷиҳати моддӣ таъмин будан ва майли амалисозии имкониятҳои хеш зоҳир мешавад. Қайд кардан муҳим аст, ки барои занон хусусиятҳои мотиватсияи кор на қонуниятҳои умумӣ, балки бештар вижагии шахсияти занро инъикос мекунанд. Дар идоракунии коллектив зан-роҳбар ба муносибатҳои байни аъзоёни коллектив нисбат ба марди роҳбар бештар аҳамият медиҳад. Зан нисбат ба фазои рӯҳию психологии коллектив хеле нозукбин ва дар дарку фаҳмиши ҳолати рӯҳӣ ва ихтилофҳои ахлоқию маънавии шахсият бодиққаттар аст. Дар вазъиятҳои мураккаб ӯ стратегияи баромадан аз бӯҳронро бо такя бар мотиватсияи баланди кормандонаш бунёд месозад. Зани раҳбар кӯшиш мекунад аз санксияҳои қатъӣ ҳангоми назорати фаъолияти зердастони худ камтар истифода бурда, пеш аз ҳама барои онҳо шароити мусоиди корӣ фароҳам оварад. Ҳамзамон, зани роҳбар қобилияти татбиқи ҷазоҳои қатъиро нисбат ба онҳое, ки аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои гузошташуда намебароянд, нигоҳ медорад.

Хусусияти дигари зани роҳбар ин кунҷковии ӯст. Дар аксарияти ҳолатҳо ин сифати зан дар самти мусбат, чун кӯшиши васеътар кардани ҷаҳонбинии худ ба воситаи муошират, барқарор кардани алоқаҳои нав ва ҷамъоварии иттилооти иловагӣ амалӣ карда мешавад. Вале, ин хосият баъзан ба ҷамъоварӣ ва паҳн кардани маълумоти бардурӯғ (бӯҳтону овозаҳо) ва истифодаи он ҳангоми қабули қарорҳо меорад, ки дар натиҷа сифати қарорҳо коҳиш меёбад. Дар ҳолатҳои фавқулодда зан на стратегияи тарсу гурез, балки стратегияи муқобилияти фаъолро истифода мебарад. Қобилияти дарки мустақим ба зан кӯмак менамояд, ки дар вазъиятҳои мураккаб бомуваффақият амал кунад. Бо истифода аз моделҳои гуногуни рафтор зан роҳҳои беҳтарини ҳалли проблемаро меёбад ва дар далерию ҳиллагарӣ аз марди роҳбар ҳеҷ мондание надорад. Тадқиқотҳои гуногун собит месозанд, ки занон дар ҳолатҳои хатаромез ва рискдор низ метавонанд стратегияҳои мувофиқеро ташаккул диҳанд, ки аз як ҷониб бо эҳтиёткории кофӣ ва аз ҷониби дигар бо сатҳи зарури кушодбозӣ ва нотарсии мардона фарқ мекунанд ва ба ташкилот имконияти истодагарӣ намудан ва фаъолият карданро дар шароити номуайянии бизнес медиҳанд. Маҳз ҷоҳталабии пасттар ва майли «ба ҳар роҳе, ки бошад, ба мақсад расидан» -ро надоштани зан ба ӯ имконият медиҳанд, ки дар шароити мураккаб, ҳатто аз мард ҳам беҳтару муассиртар амал кунад. Тадқиқотҳои махсус ақидаи паҳншударо оид ба он, ки қариб ҳамаи низоъҳо «симои занона» доранд, тасдиқ намекунанад. Муқаррар шудааст, ки занон ва мардон тахминан бо басомади баробар мавриди низоъҳо мешаванд, вале сабабу шаклҳои зоҳиршавии низоъҳо барои онҳо фарқ мекунанд. Занон эҳсосоти манфиро дар дохил дер нигоҳ надошта, энергияи манфии худро ба берун сар медиҳанд. Ҳамзамон, онҳо зудтар ва осонтар «ба худ меоянду» ором мешаванд. Хусусиятҳои зикргардидаи рафтори зан-роҳбар ақидаи анъанавиро оид ба имкониятҳои маҳдуди зан ва, умуман, ақидаро оид ба самаранокии пасттари менеҷменти «нарми» занона назар ба модели «сахти» идоракунии мардона рад мекунанд. Як қатор вазъиятҳои идоракунӣ шаҳодат медиҳанд, ки зан қобилияти истифодаи технологияҳои «сахти» идоракуниро дорад, фақат онҳоро бо «пластикаи нарм» иҷро мекунад. Занон ба комёбиҳо на дар натиҷаи тақлид ба шеваи мардонаи идоракунӣ, балки ба воситаи истифодаи маҳорату қобилиятҳои худ, амалисозии сифатҳое, ки хоси танҳо зан аст, ноил мешаванд. Мардон ва занон ба фаъолияти худ ба сифати роҳбар ба таври гуногун баҳо медиҳанд. Ба мақоми касбии зан вазъи оилавии ӯ, зарурати иҷрои яквақтаи чанд нақш таъсири ҷиддӣ мерасонад, интихоби намуди фаъолиятро барои ӯ маҳдуд менамояд, болоравии мансабиро душвортар ва умуман дар фаъолияти меҳнатии зан мушкилиҳо эҷод мекунад. Бори гароне, ки зан ҳам дар кор ва ҳам дар хона бар дӯш дорад, боиси хастагӣ, асабонияти доимӣ, тарси аз ӯҳдаи кор набаромадан

ва ғ. мегардад. Ин ҳама воридшавии комили занро ба фаъолияти касбӣ мушкил менамояд. Зан дар як ҳалқаи сарбаста қарор дорад. Барои ӯ роҳбари комил будан мушкил аст, зеро вай оила, фарзанд ва ташвишҳои дигари шахсӣ дорад ва ҳамзамон роҳбар будан намегузорад, ки зан нақши модар, кадбону, завҷаи меҳрубонро ба пуррагӣ иҷро намояд. Ин зиддият, ки баъзеҳо онро чун ҳолати ғайритабиӣ арзёбӣ мекунанд, сарфи назар аз вазифаи ишғолменамудаи зан, ҳамеша дунболагири вай аст. Занон вариантҳои гуногуни омезиши ин нақшҳоро интихоб мекунанд, ҳарчанд аксарият бар онанд, ки ин нақшҳо барояшон аҳамияти баробар доранд. Интихоби мушаххаси роҳи зиндагиро худи зан вобаста ба сифатҳои шахсӣ, афзалиятҳо, завқ, шароити зиндагӣ ба амал мебарорад, вале имконияти чунин интихоб ба он сахт вобаста аст, ки давлат ва ҷомеа ба кадом андоза дастгирии моддию маънавии занро дар ҳар яке аз ҷодаҳои интихобкардаи ӯ таъмин менамоянд. Вале дар ин сурат ҳам ҳеҷ кадоме аз таҷрибаҳои истифодашавандаи иҷтимоӣ (ва ҳатто таҷрибаҳои аз ҳама пешқадам) мушкилиҳои психологиеро, ки бинобар бори дучандаи зан (ҳам хона ва ҳам кор) ба вуҷуд меоянд, рафъ карда наметавонанд.

Омӯзишҳои гуногун шаҳодат медиҳанд, ки барои раҳбарони ҳақиқӣ пеш аз ҳама интеллект зарур аст. Онҳо метавонанд аз нигоҳи интеллекти абстрактӣ соҳибмаълумот набошанд, вале идора карда тавонистани одамон ё интеллекти иҷтимоӣ бояд ҳатман ба онҳо хос бошад. Аксарияти роҳбарон ба он майл доранд, ки қарорҳоро ба таври инфиродӣ, бе итоат ба фишори берунӣ қабул кунанд. Маҳз мустақилияти интеллектуалӣ хусусиятест, ки роҳбари ҳақиқиро тавсиф мекунад. Ғайр аз ин, ӯ бояд аз ҷиҳати эмотсионалӣ устувор бошад. Бо истилоҳи равоншиносон ин сифати муҳим «инфарктустуворӣ», яъне набудани тарсу ваҳм, номида мешавад. Роҳбар набояд шахси аз ҷиҳати рӯҳию асабӣ суст бошад. Агар бархурди қолабӣ истифода бурда шавад, пас образи дар боло зикргардидаи роҳбарро танҳо мард бозида метавонад, то он даме, ки ба саҳнаи зиндагӣ занон - шахсиятҳои намоёну ташаббускор ва нотарсу серҳаракат наомаданд, воқеият ҳамин гуна буд. Ҷомеаи мо ҳанӯз ба суботу устуворӣ нарасидааст, ҳол он ки маҳз дар ҷомеаи устувор зан имконияти бештари ишғол намудани мавқеи сарвариро дорад. Дар ҷомеаи мо зан дар як вазъияти мураккаб қарор дорад: бар дӯши ӯ тамоми масъулияти оилавӣ ҳавола шуд, дар ҳоле, ки мард аз масъулияти оилавӣ дур шуда буд. Занон барои берун аз оила фаъолият кардан имконият надоштанд. Дар ҳоли ҳозир бинобар рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ҳаёти мо модели ғарбии фарҳанг бештар татбиқ шуда истодааст ва образи қаблан вуҷуднадоштаи зани соҳибкор (бизнес-леди) пайдо шуд. Вале, чунонки мегӯянд, ҳама чиз нарх дорад – дар ин нақши нав занон маҷбуранд аз арзишҳои анъанавии занона даст кашида, арзишҳои анъанавии мардонаро қабул доранд. Низоъ дар ихтилофи арзишҳои «оила, хона, муҳаббат» ва «мустақилияту болоравӣ дар касбу кор» ниҳон аст. Болоравӣ аз рӯи зинаҳои муваффақият кори осону бехатар набудааст. Зани соҳибкору соҳибвазифа бояд доимо ба худ ва дигарон исбот намояд, ки ӯ маҳз бо кори худ машғул аст. Тақрибан сеяки ҳамаи ҳодисаҳои вайроншавии асаб миёни занон бинобар бархурди нақши онҳо ба сифати роҳбар дар ҷои кориашон ва нақши иҷрокунанда дар хонаводаашон ба вуҷуд омадаанд. Вале, зан-роҳбар як қатор бартариятҳоеро низ дорад, ки дар сурати амалисозии онҳо ӯ роҳбари муваффақ шуда метавонад. Зан- роҳбар зеҳни нозуктари иҷтимоӣ дорад, ӯ нозукиҳои муносибатҳо, алалхусус, муносибатро ба худ беҳтар эҳсос мекунад. Ӯ ба рафтори одамон баҳо дода ва онро пешбинӣ карда метавонад. Дуруст аст, ки ҳамзамон хатари ба эҳсосот дода шудани зан дар муқоиса бо мард зиёдтар аст ва ин чандон хуб нест, зеро роҳбарӣ намудан ва эҳсосотӣ будан сифатҳое ҳастанд, ки дар ҳамзистӣ буда наметавонанд. Зан осонтар бо одамон иртибот мегирад ва тафаккури амалӣ дорад. Агар мард ба сохтани нақшаҳои дарозмуддат ва умед бастан ба дурнамо майл дошта бошад, пас зан ба гирифтани натиҷаи мушаххас, «ҳозир ва дар ҳамин ҷо» бартарият медиҳад. Зан дар муқоиса бо мард хатоҳои худ ва дигаронро беҳтар назорат мекунад; вай фикру ақидаҳои худро беҳтар ифодаву баён карда метавонад. Қайд шудааст, ки дар муносибатҳои корӣ зан дар тафриқа аз мард ба зоҳир кардани ишқу муҳаббати хоса нисбат ба худ вокуниши камтар зоҳир менамояд. Ӯ кору вақтхуширо қатъиян ҷудо мекунад.

Монеаи дуюм барои занон дар пайраҳаи роҳбарӣ – ин проблемаи «хӯрок ва пухтупаз» мебошад, ки ҳалли он яке аз роҳҳои аз асорат озодшавии зани муосир ва занони наслҳои оянда мебошад. Албатта, агар дар «фронти хӯрок ва пухтупаз» модар ва ё модаркалони зани роҳбар амал кунад, бори ӯ хеле сабук мешавад. Нороҳатиҳои маишӣ барои зани

роҳбар назар ба зани оддӣ мушкилоти бештарро эҷод мекунанд. Таҷрибаи кишварҳои гуногун дар сабуктар кардани кори хона тахминан якхела аст: хӯрокро аз маводи хушсифату нимтайёр мепазанд, сатҳи механизатсияю автоматизатсияи ошпазхона ва корҳои дигари хонагиро баланд мебардоранд, соҳаи хизматрасониро инкишоф медиҳанд. Муносибати мардон ба зан, ки дар муҳити мушаххаси идоракунӣ ҷой дорад ва назари занон ба касби роҳбарӣ бо дарназардошти ҳолатҳои гуногун, ба системаи пешбарӣ намудан ва кор бо захираҳои кадрӣ таъсир мерасонад. Ҳусни таваҷҷӯҳи махсуси шахсӣ низ нақш мебозад. Ҳарчанд ки дар ин бора бисёр ҳарф намезананд, вале эътироф бояд кард, ки омилҳои психологӣ дар роҳбарӣ нақши муҳим мебозанд. Баъзе аз занон маҳз ба шарофати таваҷҷӯҳи махсуси нисбат ба онҳо зоҳирнамудаи мардон ва дастгирии мардон ба мартабаи роҳбарӣ расиданд ва роҳбарони хуб ҳам шуданд. Бе ин дастгирӣ онҳо дар ин «ҷангали пурдаҳшати идоракунӣ» тӯъмаи «ҳайвонони ваҳшӣ» мешуданд ва баръакс, занони дигар қобилияти ташкилотчигии худро барои он зоҳир карда натавонистанд, ки дар вақташ онҳоро дастгирӣ нанамуданду бо кору сухан кӯмак накарданд. Вале ба ҳар сурат пешбарии занон ба вазифаҳои роҳбарӣ аз ҷиҳати ташкилӣ устувор ба роҳ монда нашудааст.

Ба ҳамин тариқ, омилҳои баррасишуда боз як исботи он мебошанд, ки занҳо потенсиали баланди идоракунӣ доранд ва он метавонад барои рушди иқтисодии ҷумҳурӣ имкониятҳои нав фароҳам оварад.

АДАБИЁТ

1. Веснин В.Р.Основы менеджмента: Учебник. — М.: Институт международного права и экономики. Издательство «Триада, Лтд», 1996. 384 с.
2. Возможности и барьеры на пути развития женского предпринимательства в сельских местностях Республики Таджикистан. Ситуационный анализ.- Душанбе, 2009
3. Воронина О. А. Формирование гендерного подхода в социальных науках //Гендерный калейдоскоп: Курс лекций. М., 2001.
4. Воронина О.А. Основы гендерной теории и методологии // Теория и методология гендерных исследований. Курс лекций / Под общ. ред. О.А. Ворониной. - М.: МЦГИ-МВШСЭН-МФФ, 2001.
5. Доклад четвертой Всемирной конференции по положению женщин: ООН, Пекин, 17 октября 1995 г. М., 1996.
6. Гендерные показатели в производственной деятельности дехканских(фермерских) хозяйств за 2004-2007гг.- Душанбе,2008
7. Государства – участники СНГ на старте десятилетия ООН по образованию для устойчивого развития. Под общей редакцией профессора В. И. Стражева.- Минск, 2005

САМТҲОИ АСОСИИ ТАНЗИМИ БАРХУРДИ САБКИ ИДОРАКУНИИ МАРДОНА ВА ЗАНОНА. ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ САРВАРӢ БАЙНИ ЗАНОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф самтҳои асосии танзими фаъолияти идоракунии мардон ва занонро баррасӣ намудааст. Ҳангоми баррасии ҷанбаҳои гендерӣ дар амалияи идоракунӣ хусусиятҳои бархурдҳои гуногунро ба идоракунии коллектив ва шахсият, хусусиятҳои муносибатҳои байнишахсиро бо назардошти психикаи занона ва мардона ҷудо мекунанд. Натиҷаҳои муқоисаи сифатҳои корӣ ва психологии мардон ва занон, ки онҳоро муҳаққиқони гуногун ҳосил кардаанд, собит намуданд, ки дар идоракунии мардон ва занон фарқиятҳои муайян вуҷуд доранд. Зиндагии мардон қариб ҳамеша ба ҳалли масъалаҳои марбут ба кор вобастагӣ дорад. Барои занон ҳамин гуна қонунияти мотиватсияи меҳнат мушоҳида намешавад ва, чун қоида, онро ҳифзи иҷтимоӣ доштани зан муайян мекунад.

Калидвожаҳо: идоракунӣ, коллектив, шахсият, танзим, қонуният, мотиватсия, меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ.

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РЕГУЛИРОВАНИЯ МУЖСКОГО И ЖЕНСКОГО СТИЛЯ УПРАВЛЕНИЯ. ОРГАНИЗАЦИЯ ЛИДЕРСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СРЕДИ ЖЕНЩИН

В статье автор рассматривает основные направления регулирования мужского и женского менеджмента. При обсуждении гендерных аспектов в практике управления учитываются особенности разных подходов к коллективному и индивидуальному управлению, особенности межличностных отношений с учетом психики женщин и мужчин. Результаты сравнения трудовых и психологических качеств мужчин и женщин, полученные разными исследователями показали, что существуют определенные различия в управлении мужчинами и женщинами. Жизнь мужчин почти всегда зависит от рабочих вопросов. У женщин такая модель трудовой мотивации не соблюдается и, как правило, определяется социальной защитой женщины.

Ключевые слова: менеджмент, коллектив, личность, регулирование, легитимность, мотивация, труд, социальная защита.

MAIN DIRECTIONS OF REGULATION OF MALE AND FEMALE MANAGEMENT STYLE ORGANIZATION OF LEADERSHIP ACTIVITIES AMONG WOMEN

In the article, the author considers the main directions of regulation of male and female management. During discussing gender aspects in management practice, the peculiarities of different approaches to collective and individual

management, the peculiarities of interpersonal relations, the psyche of women and men are taken into account. The results of comparing the labor and psychological qualities of men and women, obtained by different researchers, showed that there are certain differences in the management of men and women. Men's lives always depend on work issues.
Keywords: management, team, personality, regulation, legitimacy, motivation, labor, social protection.

Сведения об авторе: ***Маликзода Абдулбашир*** **–** Таджикский национальный университет магистрант второго курса факультета менеджмента и цифровой экономики **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.. Телефон: **880 13 96 96, 900 48 40 48**

Information about the author: ***Malikzoda Abdulbashir*** – Tajik National University second-year master's student at the Faculty of Management and Digital Economy **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phones: **880 13 96 96, 900 48 40 48**

САРЧАШМАҲОИ АХБОРОТИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГӢ

Мирзоева М.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳуҷҷатҳои барномаи стратегии рушд, ки барои идоракунии истеҳсол таҳия шудаанд, муносибати махсуси ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботро талаб мекунанд. Новобаста аз он ки онҳо баҳисобгирии консервативиро танқид мекунанд, истифодаи маълумоти воқеан мавҷудбудаи он дар давраи ҳисоботӣ барои назорат кардани тамоюлоти дар ҷараёни фаъолият ва системаи зарурбуда он барои банақшагирӣ ва таснифи хароҷоти истеҳсолӣ, интихоби системаи нархгузорӣ барои намудҳои нави маҳсулот, муайян кардани арзиши пешгӯишаванда барои арзиши умумӣ ва арзиши объектҳои арзиши аслӣ (намудҳои маҳсулот, намудҳои кор) асос мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи муҳими методологии ҳама гуна системаи баҳисобгирии хароҷот барои истеҳсолот гурӯҳбандии онҳо мебошад. Бисёре аз муаллифон таснифи баҳисобгирии муҳосибии идоракуниро бо тақсими ҳисобҳо дар соҳаҳои истеҳсол, муомилот, тақсимот, истеъмол тавсия медиҳанд. Дар робита ба ин, аҳамияти чунин категорияҳо ба монанди; марказҳои масъулияти молиявӣ, равандҳои соҳибкорӣ, сегментҳои тиҷоратӣ, системаҳои арзиш ва ғайра. Ҳисобҳои фахрӣ барои инъикос кардани хароҷот дар баҳисобгирии идоракунӣ мақсади онҳо барои ҷамъбасти маълумот мебошад**,** аз рӯи хароҷоте, ки ба манфиати роҳбарият муқаррар шудааст. Дар баҳисобгирии молиявӣ хамон хароҷот дар доираи мақолаҳо тасниф ва тафсил карда мешаванд. Бисёре аз муаллифон қайд мекунанд, ки натиҷаҳои молиявӣ инъикос мегарданд системаи ҳисобдории молиявӣ ва идоракунӣ зарур нест бояд баробар бошад, зеро онҳо ба таври гуногун тафсир карда мешаванд. Маҳз ҳамин равиш арзиши иттилооти баҳисобгирии мустақили идоракуниро зиёд мекунад.

Масъалаи робитаи иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ бомаълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ танҳо дар назорати радкунӣ имконпазир нест. Нуктаи муҳим таносуб аст ҳисоботдиҳӣ ва баҳисобгирии муҳосибии дохилӣ (истеҳсолӣ) ҳисоботҳои молиявӣ ва тавзеҳот аз он. Таҷрибаи хориҷӣ бо истифодаи системаи мутавозуни таҳвил Истифодаи технологияҳои ба таври сунъӣ ҷорӣшуда дар корхонаҳои саноатии Русия самараи дилхоҳ намедиҳад. Тавозуни нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ ва ғайримолиявӣ бояд ба системаи хуб таҳияшудаи меъёрҳо асос ёбад. Дар баҳисобгирии ҷории ва таҷрибаҳои гузоришдиҳӣ чунин меъёрҳоро таъкид мекунанд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, ба як нишонаи мутавозин бояд, пеш аз ҳама, нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолотро дар бар гирад фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, ки на танҳо арзиш, балки инчунин арзёбии миқдорӣ доранд, Ҳангоми муайян кардани меъёри тавозун мушкилот камтар аст. Дар айни замон, корхонаҳо дар барномаҳои истеҳсолии рушди онҳо ба таври возеҳ саҳми худро гузоштаанд: ҳама намудҳои фаъолият, марҳилаҳои ҷараёни истеҳсолӣ, вазифаҳои таъминоти моддию техникӣ, нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсолот, бозорҳои фурӯш ва ҷузъи нархҳо ва ғайра. Дар зери номуайянӣ, он фаҳмида мешавад, ки дар бисёр ҳолатҳо қарорҳои идоракуниро бе дастрасии маълумотҳои кифоя оид ба муҳит ё умуман надоштани ягон маълумот қабул карда мешаванд ва дар ин шароит ба роҳбарияти қарор қабулкунанда, тағйиротҳои

берунаро пешгӯӣ намудан душвор аст. Номуайянии муҳит ва ҳолатҳои беруна эҳтимолияти баланд гаштани хавфҳоро дарҷ менамояд, ки стратегияи корхона дар чунин натиҷа метавонад барбод равад ва ҳисоб намудани хароҷотҳо душвор мегардад, ки онҳо бо равандҳои стратегӣ алоқаманд мебошанд. Шароитҳое, ки дар онҳо корхонаҳо амалӣ менамоянд, якхела намебошанд ва бинобар ин ба онҳо дараҷахои гуногунии номуайянӣ мутобиқ мебошанд, ки метавонанд дар асоси таҳлили ду хусусият гурӯҳбанди карда шаванд:

- дараҷаи мураккабӣ ё одии муҳит.
- дараҷаи устуворӣ ё ноустувории ҳолатҳо (вазъият).

Номуайянии муҳити беруна бо баланд шудан ё мураккаб гардидани шароитҳои беруна баланд мегардад. Ин дараҷа бо ҳаҷми тағйиротҳо ва дигаргуншавии муҳит муайян мегардад. Мураккабиҳо дар фаъолияти корхона вобаста ба элементҳои муҳити беруна, ки бо он корхона вомехӯрад ва инчунин он метавонад ба танзимҳои донишу малокаи кормандони он пешгӯӣ карда шавад. Дар муҳити оддӣ пешгӯи намудани фаъолияти корхона хело осон аст, зеро дар ин раванд якчанд рақиби на онкадар бузург вуҷуд дорад ва амалҳои онҳо метавонад ҳамчун пахлӯҳои пурзӯр ва имкониятҳои баҳогузорӣ карда шавад. Раванди таҳлили стратегии муҳити номуайянӣ аз роҳбарияти корхона талаб менамояд, ки онро вобаста аз ҳолат ба чунин қисматҳо ҷудо намуда, нисбати онҳо қарорҳои идоракунӣ кабул намоянд:

- Муҳити берунаи мурракаби устувор.
- Муҳити берунаи оддии устувор.
- Муҳити берунаи оддии ноустувор.

Ин раванди ҷудо намудани муҳити корхона дар шароити номуайянӣ бештар дар ҳолати ибтидоии банақшагирии стратегии амалӣ карда мешавад. Бархе аз сармоягузорон дар ҳолати баҳодиҳии устувории иқлими сармоягузорӣ баҳогузориро дар қисмати макроиқтисодӣ ба ин раванд такя менамоянд. Сармоя ҳам барои бунёди корхонаи нав ва ҳам барои фаъолияти он зарур аст. Фаъолияти ҳаррӯзаи истеҳсолии корхона ҳарчи миқдори муайяни маблағхои пулиро тақозо мекунад ва он дар пардохти ҳисобҳо, гирифтани қарз аз таъминкунандагони ашё, қарздиҳандагон ва додани қарз ба харидорон, инчунин дар нигоҳ доштани ҳаҷми тавлид ба дараҷаи талаботи маҳсулот ҳангоми ба сармоя гузориҳои лозим пуштибонӣ кардани он ифода меёбад. Дар он ҷое ки як корхонаи бузурги мошинсозӣ бофандагӣ сохта шуда истодааст, дар солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ дар он ҷо корхонахои мустақил буданд. Дар заминаи сехҳои таъмир як корхонаи хурди таъмири мошинҳо таъсис дода шуд. Соли 1944 дар Донишкадаи автомобилии Вазорати кишоварзӣ профили нави ширкат таъсис дода шуд. Дар давраи ҷанг ва солҳои аввали пас аз он, онҳо дар донишкадаҳо техникҳои саҳроиро қаноатманд карданд. Дар аввали солҳои 1950 дар назди корхонаҳои механикӣ як корхонаи коркард таъсис дода шуд, ки дар онҳо болҳои сабук ва пневматикӣ, инчунин конвейерҳо ва хушккунакҳои пахта барои пахтатозакунӣ истеҳсол карда мешуданд. Дар натиҷаи таҷдиди азнавсозии Корхонаи механикии Душанбе Иттиҳоди Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ронандагон дар асоси устоҳои ибтидоӣ аллакай дар соли 1958 як корхонаи азими коркарди металл буданд, ки ба истеҳсоли ин қубурҳо - чаҳор плитаи гармоник ва баллонҳо машғул буданд. Бо қарори КМ КПСС ва Шӯрои Вазирони ИҶШС №1313 аз 09/28/1959 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифа гузошта шуд, ки ба ташкили техникаи нассоҷӣ машғул шавад. Ин кори шарафнок ва масъулиятнок ба зиммаи Заводи механикии Душанбе гузошта шудааст, ки он фабрикаи Текстилмаш номида шуда буд ва ба истеҳсоли шонаҳои автоматии АТ - 175–5 барои матоъ, АТ - 175 - L5 барои катон, АТ - 175–11 матоъҳои пашмӣ, АТ - 225–5, Т - 225 ва Т - 250 шасси механикӣ барои матоъҳои соат, ки ба бозори дохилӣ таъмин карда мешаванд - Киев, Боку, Фрунзе, Тбилиси, Донецк, Харков, Талин, Ленинград, Иркутск, Ивановодруг ва ғайра. инчунин барои содирот ба Полша, Чехословакия, Булғористон, Маҷористон, Куба, Юнон, Лубнон, Ироқ, Покистон, Ҳиндустон, Корея ва ғайра. Шумораи кормандон дар он вақт 1500 нафарро ташкил медод. Дар соли 1968 ба корхонаи Текстилмаш супориш дода шуд, ки ба истеҳсоли маҳсулоти нав - дастгоҳҳои печи тамғаи М - 150, ки барои коркарди калобаҳои пахтагӣ аз гӯшҳои ресандагӣ ба каторҳои конусӣ оғоз карда мешаванд. Мошин дутарафа аст, шумораи аз ҳама зиёди барабанҳо 120 аст, мувофиқи шартҳои фармоиш барои он 20, 40, 60, 80 ва 120 барабан сохта мешавад. о истеҳсоли мошинҳои печонии М - 150–2, тамоми

оилаи мошинҳои печонидашуда азхуд карда мешаванд ва дар корхона истеҳсол карда мешаванд - ин чунин мошинҳо ба монанди МТ - 150–2 барои печҳои сахт, ММ - 15-20 барои печидани риштаҳои кафан ва МТМ - 150–2 барои корхонаҳои хидматрасонии маишӣ, М - 150-2L барои аз нав ба хатти заҒир расонидан, RVK - 150 - L2 барои аз нав ба рӯйпӯш кашидан, МК - 150–2 барои ройзании пашм ва пашмҳои нимқасмӣ ва ҒилдиракчаҳО ва бобинаҳои силиндрӣ дар картридж. Соли 1970, корхона ба таҳияи маҳсулоти нав - дастгоҳои АМК - 150, ки бори аввал дар СССР истеҳсол карда мешаванд, гузашт. Ин дастгоҳҳо барои автоматикунонии раванди азнавбарқарор кардани ришта пешбинӣ шудаанд ва метавонанд ҳосилнокии меҳнатро дар соҳаи бофандагӣ 1,2 - 2 маротиба зиёд кунад.

АДАБИЁТ

1. Дастурамал дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андози иҷтимоӣ. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 январи соли 2013.№1-ф -http://andoz/tj.
2. Дастурамали БМТ №171 « Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисоби бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 апрели соли 2011. (таҳрир аз 17октябри соли 2012).
3. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосиби фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидор ва нишондодҳои методи оиди истифодабарии нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосиби фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидор №41 аз 27.05.2011.

САРЧАШМАҲОИ АХБОРОТИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГӢ

Муаллиф қайд намудааст, ки ҳуҷҷатҳои барномаи стратегии рушд, ки барои идоракунии истеҳсол таҳия шудаанд, муносибати махсуси ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботро талаб мекунанд. Новобаста аз он ки онҳо баҳисобгирии консервативиро танқид мекунанд, истифодаи маълумоти воқеан мавҷудбудаи он дар давраи ҳисоботӣ барои назорат кардани тамоюлоти дар ҷараёни фаъолият ва системаи он зарурбуда он барои банақшагирӣ ва таснифи хароҷоти истеҳсолӣ, интихоби системаи нархгузорӣ барои намудҳои нави маҳсулот, муайян кардани арзиши пешгӯишаванда барои арзиши умумӣ ва арзиши объектҳои арзиши аслӣ (намудҳои маҳсулот, намудҳои кор) асос мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи муҳими методологии ҳама гуна системаи баҳисобгирии хароҷот барои истеҳсолот гурӯҳбандии онҳо мебошад.

Калидвожаҳо: баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, давраи ҳисоботӣ, банақшагирӣ, муҳосибот, иқтисод.

ИСТОЧНИКИ ИНФОРМАЦИОННОЙ ОТЧЕТНОСТИ СТРАТЕГИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ

Автор отмечает, что документы стратегического развития программы, разработанные для управления производством, требуют особого подхода к организации бухгалтерского учета и отчетности. Несмотря на то, что они критикуют консервативный учет, использование фактически существующих данных за отчетный период является основой для контроля колебаний в процессе деятельности и его системе, необходимых для планирования и классификации производственных затрат, отбора в систему ценообразования для новых видов продукции, определения прогнозируемой стоимости для общей стоимости объектов базовой стоимости (типы продуктов, виды работ). Поэтому важной методологической проблемой любой системы учета затрат на производство является их классификация.

Ключевые слова: учет стратегического управления, отчетный период, планирование, учет, экономика.

SOURCES OF STRATEGIC MANAGEMENT INFORMATION REPORTING

The author notes that the documents of the strategic development of the program, developed for production management, require a special approach to the organization of accounting and reporting. Although they criticize conservative accounting, the use of actual data for the reporting period is the basis for controlling fluctuations in the process of activity and its system, necessary for planning and classifying production costs, selecting new types of products in the pricing system, determining the projected cost for the total cost of basic cost objects (types of products, types of work). Therefore, an important methodological problem of any system of accounting for production costs is their classification.

Keywords: accounting for strategic management, reporting period, planning, accounting, economy

Сведения об авторе: ***Мирзоева М.Х***. – Таджикский национальный университет. магистрант второго курса факультета бухгалтерского учета и цифровой экономики **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.

Information about the author: ***Mirzoeva M. Kh.*** – Tajik National University second-year master's student of the Faculty of Accounting and Digital Economy. **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17

МАҚОМИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Қурбонов С.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ташаккул ва инкишофи истиқлолияти сиёсии хешро дар заминаи ҷустуҷӯи дарёфти роҳҳои таҳким ва такмили давлатдории миллӣ оғоз намуд, ки он асосан хосияти объективӣ дошта, дар заминаи ба эътибор гирифтани мақоми Тоҷикистон дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ рушд меёбад. Инкишофи сиёсии кишварро масъалаҳои мураккаб ва мухталиф ҳамроҳӣ менамоянд, ки дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо аҳамияти муҳим пайдо менамоянд. Ба сифати омилҳои бунёдӣ ва нерӯи муттаҳаррик доираи муайяни масъалаҳо, аз ҷумла ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар дар арсаи муносибатҳои байналхалқӣ ва масъалаи таъмини амнияти миллӣ дохил мешаванд. Мақом ва нақши Тоҷикистон дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ ба сифати асоси фаъолияти ҳар як давлат ва ҷомеа баромад мекунад. Бехуда нест, ки муносибатҳои сиёсии байналхалқӣ дар низоми илмҳои сиёсӣ яке аз масъалаҳои меҳварӣ мансуб ёфта, дорои аҳамияти бузурги илмию назариявӣ ва амалию сиёсӣ буда, тадқиқу таҳлили ҳамаҷонибаи онҳо имкон медиҳанд, мазмун ва махсусияти муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо дарк карда шаванд. Омӯзиши масъалаи муносибатҳои сиёсии байналхалқӣ, бахусус барои кишвари мо, ки даврони рушди истиқлолият ва давлатдории навинро аз сар мегузаронад, ҳукми бартарӣ пайдо намудааст. Зеро мақом ва нақши «муносибатҳои сиёсии байналхалқӣ» дар ташаккул ва инкишофи ҷомеа, дар раванди гузариши сиёсӣ аз як тамаддун ба тамаддуни дигар хеле барҷаста аст. Аз тарафи дигар, Тоҷикистон дар инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ мақом ва нақши муассирро соҳиб мебошад. Махсусан, баамалбарорӣ ва инкишофи муносибатҳо бо давлатҳои дигар сатҳи нави заруриро тақозо менамояд. Мақом ва нақши давлатҳои соҳибистиқлол дар муносибатҳои байналхалқӣ боиси ба се навъ тақсим гаштани он мегардад. Манфиату талаботҳои онҳо асоси инкишофи геополитикии оламро бунёд месозанд. Давлатҳои бузург навъи аввали давлатҳоро ташкил медиҳанд. Дар ин ҷо фақат он давлатҳое даъвои бузургӣ менамоянд, ки соҳиби хусусиятҳои махсус бошанд. Аз ҷумла, давлатҳои бузург бояд чор аломати асосӣ дошта бошанд:

- иқтидори бузурги ҳарбӣ;
- иқтидори калони иқтисодӣ, неъматҳо ва захираҳои фаровони моддӣ, захираҳои табиӣ ва фазогии кишвар;
- аҳолии миқдоран зиёд ва соҳиби зудҳаракатии ичтимоии рушдёфта;
- ҳудуди барзиёд, ки дар вақти зарурӣ теъдоди лозимии одамон ва захираҳои дигарро сафарбар намояд.

Онҳо имкон медиҳанд, ки давлати мукҳадир ба муддати муайяне бо гурӯҳи давлатҳо дар набард бошад ва худро ҳимоя намояд. Вале, ҷиҳати дигари масъала бояд ба инобат гирифта шавад. Истифодаи аниқи мафҳуми «давлати бузург» дар низоми нави ҷаҳонӣ чандон мувофиқ нест. Зеро, дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои гуногуни замонавӣ ҳеҷ давлати мукҳадиреро пайдо карданмумкин нест, ки дар танҳоӣ амнияти хешро таъмин карда тавонад. Бахусус, зуҳури канораи экстремизми сиёсӣ ва амалҳои террористӣ давлатҳои сатҳи гуногунро маҷбур менамоянд, ки ҷавоби фаврии дастаҷамъиро аз назар дур нагардонанд. Кишварҳое, ки дар олами муосир даъвои бузургдавлатӣ доранд, чандон кам нестанд. На ҳамаи онҳо хосиятҳои давлати бузургро соҳибанд. Аксари чунин давлатҳои эҳтимолии бузург фақат аз ҷиҳате пурқудрат гаштаанд, аммо маҷмӯи аломатҳоро дар худ таҷассум карда наметавонанд. Таълимоти дигаре вобаста ба назарияи бузургдавлатӣ бо номи инкишоф ва роҳбарии яккутбӣ ташаккул ёфтааст. Оид ба бартарии бузургдавлате дар сиёсати кабир андешаҳои зиёде иброз дошта, муаллифон чунин нақшро гоҳҳо ба Россия ва гоҳҳо ба ИМА, ҳатто ба баъзе кишварҳои дигари тараққикардаи олам низ мансуб медонанд. Аммо дар нимаи дуюми асри XX аксари геополитикҳо инкишофи яккутбии оламро дар зери таъсир ва назорати ИМА эътироф менамоянд. Асоси чунин таълимот аз андешаҳои Николас Спайкмен бармеояд. Дар давраи «ҷанги сард» низ роҳбарияти сиёсии ИМА дар доираи ҳадафҳои консепсияи Спайкмен фаъолият менамуд. [7;37]

Дар муносибат бо консепсияи бузургдавлатӣ назаре бештар дучор мегардид, ки махсусияти ИМА-ро дар мадди аввал мегузорад. Чунин муносибат то нимаи дуюми солҳои 70-уми асри XX идома дошт. Аммо дар он замон дар ҷаҳонбинии муҳаққиқон таҳаввулоте сурат гирифт, ки абарқудратӣ ва махсусияти инкишофи ИМА-ро зери шубҳа қарор медод. Андешаи мазкур дар солҳои баъдина низ нумӯъ ёфтааст. Муҳаққиқон бар ақидае ҳастанд, ки ИМА низ ба монанди давлатҳои дигари муқтадир ба инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсир мебахшаду халос. Навъи дуюмро давлатҳои муқтадири минтақавӣ созмон медиҳанд. Онҳо давлатҳои аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ ва иқтидори ҳарбӣ инкишофёфта мебошанд, ки дар ташхиси муносибатҳо ва таҳкими раванду ҳодисаҳои минтақаҳои алоҳида саҳми бештар доранд. Яъне, ин гуна давлатҳо як навъ мақоми бузургдавлатиро дар доираи минтақаҳои алоҳида соҳибанд. Гурӯҳи сеюми давлатҳоро, асосан давлатҳои хурд ё давлатҳои сатҳи инкишофашон номутаносиб ташкил медиҳанд. Гурӯҳи мазкур хеле сершумор аст. Онҳо дар сиёсати ҷаҳонӣ ва низоми нави олам чандон мақоми барҷаста надоранд. Мақсад ва вазифаҳои асосии онҳо мутобиқ гардидан ба равандҳои муосири глобаликунонӣ (умумисайёравӣ) ва аз онҳо барои рушди кишвари хеш нафъе бардоштан аст. Муносибатҳои байниҳамдигарии се гурӯҳи давлатҳо дар доираи секунҷа ба амал меоянд. Аслан, ҳама гуна давлатҳо таъсири давлати бузургро ҳис менамоянд. Муносибатҳои ҷаҳонии дуқутбӣ, бисёрқутбӣ ё гуногунмарказии давлатҳо аз он дарак медиҳанд. Аммо таъсиррасонӣ ба давлатҳои хурд бештар мушоҳида мегардад. Давлати хурд дар зери таъсири дутарафа мемонад. Ҳам давлати бузурги ҷаҳонӣ ва ҳам давлати муқтадири минтақавӣ мекӯшанд, ки онро дар зери назорат ё таъсири худ қарор диҳанд. Чунин муносибат то замоне идома меёбад, ки агар манфиатҳои давлати бузурги ҷаҳонӣ ва давлати муқтадири минтақавӣ дар муқовимати якдигар қарор нагиранд. Аксари вақт муқовимати байни онҳо дар масъалаи муносибат бо давлати хурд пайдо мегардад. Чуноне ки таҷрибаи минтақаҳои гуногуни олам нишон медиҳанд, давлати бузург имкониятҳои зиёдтари дар зери таъсири худ нигоҳ доштани давлати хурдро дорад. Дар сурати халал расонидан ва монеаи сиёсати фаъоли давлати бузурги ҷаҳонӣ гаштани давлати муқтадири минтақавӣ бузургдавлат бо истифодаи тамоми имкониятҳо ва воситаҳо «ҷазо»-и давлати бузуги минтақавиро меҷӯяд ва воқеӣ мегардонад.

Натанҳо давлатҳои бузург, балки ҳама давлатҳо, махсусан вобаста ба мақоми геополитикиашон мекӯшанд, ки муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо дар сатҳи зарурӣ ва дилхоҳ бошанд. Одатан, давлатҳои хурд дар симои давлати бузург такягоҳи худро меҷӯянд. Чунин ҳолат бештар ба манфиати онҳост. Зеро давлатҳои дигар аз хашми давлати бузург ҳаросида, нисбати давлати хурд ҳар гуна амалҳои ноҷурро раво намебинанд. Чунин муносибатҳо дар мисоли таҳкими истиқлолияти Тоҷикистон возеҳу рӯшананд. Муносибати Тоҷикистон бо Федератсияи Россия хосияти барҷаста дорад. Аз Тоҷикистон рӯ гардонидани Россия на танҳо ба Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонад, балки дар инкишофи дохилию хориҷии Россия низ масъалаҳои зиёдеро пеш мегузорад. Хосияти манфӣ пайдо намудани муносибатҳои Тоҷикистону федератсияи Россия масъаларо оид ба давлати дигари абарқудрат рӯ овардан кушода мегардонад. Чунин давлати муқтадир пеш аз ҳама, ИМА баромад менамояд. Дар навбати худ ИМА имконияти беҳтарини мустаҳкамгардӣ дар Осиёи Марказиро аз даст намедиҳад. Тоҷикистон барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ худро ба ҳар дар мезанад, пушту паноҳ меҷӯяд. Зеро онро кишварҳое дар ҳалқа гирифтаанд, ки муносибаташон на ҳама вақт холисонаю беғаразона аст. Ё Тоҷикистон такягоҳро дар олами ислом, махсусан бо кишварҳое, ки умумияти забонию фарҳангӣ дорад, ҷустуҷӯъ менамояд. Чунин ҳолат на танҳо ба Россия, балки ба тамоми Ғарби насронӣ таъсири манфӣ мерасад. Махсусан, дар шароити ҳозира, ки гурӯҳи давлатҳои исломӣ ҷараёни бунёдгароиро тақвият ва таҳким мебахшанд, рӯовариҳои геополитикии давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ боиси андешаҳои гуногун мегардад. Манфиатҳои Тоҷикистон аз Федератсияи Россия зарурати робитаи васею ҳамешагӣ ва мавзунро ба миён меорад. Манфиатҳои Федератсияи Россия дар Тоҷикистон гуногунҷабҳа буда, бештар дар сурати зайл воқеӣ мегарданд:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи ашёи хом ва содироти моли на он қадар хушсифати Россия мебошад. Тоҷикистон дорои сарватҳои зиёди зеризаминӣ: нафт, газ, ангиштсанг, намак, сурма, тилло, симоб, арсен, волфром, булӯри кӯҳӣ, сангҳои қиматбаҳо, сурбу рӯҳ, филизҳои нодир ва чашмаҳои маданист. Конҳои урани Тоҷикистон дории аҳамияти

махсуси стратегианд. Дар кишвар захираҳои обии зиёд низ мавҷуданд. Федератсияи Россия дар коркарду истифодаи ашёи хоми Тоҷикистон мақоми махсус пайдо карда метавонад. Имконият ва шароити беҳтари ҳамкориҳо ва пайвастагиҳои дигар вуҷуд доранд.

2. Федератсияи Россия мақсадҳои стратегию геополитикиашро низ дар Тоҷикистон амалӣ месозад. Мавқее, ки вай дар ин ҷо дорад, аз мавқеаш дар давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ беҳтару қавитар аст. Давлатҳои дигари ин минтақа нисбат ба Тоҷикистон аз Россия камтар вобастаанд. Онҳо мустақилияти хешро пайгирона такмил доданд. Вале Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои гуногун бояд бо Россия дар пайвастагии қавӣ бошад ва манфиатҳои онро ба эътибор гирад. Бар замми ин ҷанги ҳамватанӣ авзои бе ҳамин ҳам бади онро бадтар сохт. Тоҷикистон метавонист аз равандҳои истиқлолиятхоҳӣ ва заволи СССР истифода намуда, дар заминаи Қӯшунҳои Шӯравӣ артиши маҳдудашро дар асосҳои касбию зудамал ташкил бидиҳад. Вале муқовимати сахти гурӯҳҳои ҳокимиятхоҳ ва кашмакашиҳои дарборӣ нагузоштанд, ки ин вазифаи муҳим ба иҷро расад. Ҳатто дар зарфи якчанд моҳ гвардияи миллӣ таъсис дода нашуд. Яке аз омилҳои ба ҷанги ҳамватанӣ табдил ёфтани муқовимати нерӯҳои сиёсии мухталиф низ маҳз дар набудани ҳамин артиши миллӣ буд.

Тоҷикистон ба ҳузур, мадад ва ёрии Россия мӯҳтоҷ аст. Махсусан, дар шароити кунунӣ, ки тамоми риштаҳои ҳаёти ҷамъиятиро мушкилиҳои зиёде фаро гирифтаанд, вай ба имдоди бевоситаи Россияю кишварҳои дигари ИДМ ҳар чи бештар ниёз дорад. Зарурати ҳузури ҳарбиёни Россияро дар Тоҷикистон авзои умумии кишвар талаб менамояд. Вале бо таассуф метавон ёдовар шуд, ки ҳузури қӯшунҳои Россия дар Тоҷикистон на ҳамеша натиҷаи дилхоҳ ва самаранок медиҳад. Чунончи, хизматчиёни ҳарбии Россия ба моҷарои тоҷикон ҳамроҳ шуда, на фақат ба онҳо тиру аслиҳа фурӯхтанд, балки дар резонидани хуни ноҳақи ҳазорҳо нафар бевосита иштирок намуданд. Аз ин рӯ, қӯшунҳои Россияро метавон яке аз манбаҳои барангезандаю ривоҷдиҳандаи ҷанги ҳамватанӣ дар Тоҷикистон номид.

Ҳамин тариқ, муносибатҳои байниҳамдигарии Тоҷикистону Федератсияи Россия аз рӯи зарурат ва дар доираи манфиатҳои тарафайн инкишоф меёбанд. Манфиатҳои Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя, Ӯзбекистону Қирғизистон ва дигар кишварҳои ИДМ низ бармехӯрад. Махсусан, мақоми Ӯзбскистон дар муносибатҳои хориҷии Тоҷикистон барҷаста аст. Таъсири Ӯзбекистон ба Тоҷикистон ҳанӯз солҳои мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ низ пурзӯр буд. Вале таъсирбахшии замони муосир ба куллӣ фарқ дорад. Ӯзбекистон дар кори ба сари қудрат омадани ҳокимияти кунунии Тоҷикистон саҳм гузоштааст. Ӯзбекистон ба Тоҷикистон на танҳо ёрии моддӣ, балки кӯмаки ҳарбӣ низ расонид. Чунин муносибат аз манфиатҳои худи Ӯзбекистон бармеояд. Роҳбарияти Ӯзбекистон аз раванду нерӯҳои сиёсие, ки дар Тоҷикистон ташаккул ёфта буданд, сахт меҳаросид. Таъсиру нуфузи бунёдгароёни исломӣ дар баъзе вилоятҳои Ӯзбекистон, бахусус Намангон, ки ҳамшафати Тоҷикистон аст, хеле қавӣ мебошад. Роҳбарияти Ӯзбекистон бунёдгароёни исломиро ҳамчун нерӯи барангезандаи моҷароҳои сиёсӣ маҳкум кард. Агарчи дар байни ду ҷумҳурии ҳамсоя баъзе дилсардиҳо ба назар мерасанд, ҳоло низ Ӯзбекистон дар муносибатҳои хориҷии Тоҷикистон мақоми барҷастаро соҳиб аст. Муносибатҳои байниҳамдигарии Тоҷикистону Ӯзбекистон боз аз он ҷиҳат таваҷҷӯҳи бештар мехоҳанд, ки дар ҳудуди ҳар яки он теъдоди зиёди ҳаммиллатонашон зиндагӣ ва фаъолият доранд. Дар рафти инкишофи таърихӣ ҳар ду халқ, умумиятҳои зиёде дар тарзи зиндагӣ, анъана ва урфу одатҳо пайдо намудаанд. Ҳолати мазкур бори дигар таҳозо менамояд, ки густариши робитаҳо ва муносибатҳо ба фоидаи тарафайн бояд сурат гиранд. Аммо чуноне ки раванду ҳаводиси солҳои охир нишон медиҳанд, на ҳама вақт муносибатҳо дар сатҳи зарурию дилхоҳ ба вуқӯъ меоянд. Дар муносибатҳои байниҳамдигарии ин ду кишвари ҳамҷавор масъалаҳо кам нестанд. На танҳо масъалаҳо, балки монеаҳои зиёде садди роҳи такмили муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо мегарданд, Масъалаҳо ва монеаҳои муносибатҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон дар сатҳи мухталиф ва соҳаҳои гуногуни ҳаёт ба амал меоянд. Яке аз монеаҳои рушди муттасили муносибатҳо ба соҳаи сиёсию ҳарбӣ марбут аст. Чанд соли охир, пӯшида нест, ки дар қаламрави Ӯзбекистон оппозитсияи сиёсию оштинопазири Ҳукумати Тоҷикистон паноҳ бурдааст ва ҳатто кӯшишҳо ба харҷ додаанд, ки вазъияти сиёсии Тоҷикистонро мураккаб гардонанд. Ё худ дар Тоҷикистон муддате нерӯҳои оппозитсионии Ҳукумати Ӯзбекистон ҳузур доштанд. Ҳатто ҷониби Ӯзбекистон бошишгоҳи онҳоро бомбаборон намуда, одамони ғайринизомиро ба ҳалокат расонид. Барои чунин дахолати даҳал ба корҳои давлати мустақил вазорати корҳои хориҷии

Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳорот интишор намуда, амали мазкурро маҳкум намуда буд. Бар замми ин масъалаҳои сарҳаду ҳимояи манфиатҳои маданию миллии ҳаммиллатон метавонад дар муносибатҳои байниҳамдигарии Ӯзбекистону Тоҷикистон мушкилиҳо ва мухолифатҳоро пеш гузоранд. Иқтидори моддию истеҳсолии Ӯзбекистон ва инкишофи онро ба назар гирифта, эҳтимолияти ба Тоҷикистон таъсир расонидан ва ҳатто фишор оварданро низ чашмдор шудан мумкин аст. Аз ин хотир, Тоҷикистонро зарур аст, ки чораҳо андешад ва дар мавриди зарурӣ онҳоро воқеӣ гардонад. Яке аз чунин воситаҳо ва чораҳои зарурию ҷавобӣ истифодаи захираҳои об мегардад. Вале ба амал баровардани чораю тадбирҳои барои ҳар ду кишвар манфиатнок қобили қабул аст.

Муносибат бо Ҷумҳурии Қирғизистон низ аҳамияти муҳимро касб намудааст. Дар муносибатҳои байниҳамдигарии Қирғизистону Тоҷикистон асосан масъалаҳо оид ба сарҳади давлатӣ ҷой доранд. Вале имкониятҳои вусъати муносибатҳо дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ мавҷуданд. Ҳар ду кишвар метавонанд дар сохтмони ҳаёти нав, такмили муносибатҳо ва таҳкими равандҳои демократӣ ва истиқлолияти воқеӣ ба ҳамдигар мусоидат намоянд. Тоҷикистонро зарур аст, ки вазъияти нави геополитикии олам ва минтақаро амиқ дарк намуда, мақом ва нақши хешро муайян созад. Вай муваззаф аст, ки робитаҳои мутақобилу мутаносибро бо Ҳиндустон, Хитой, Афғонистону Покистон густариш диҳад. Махсусан, муносибат бо Эрон мақоми махсусро талаб дорад. Эрон метавонад бо муносибатҳои гуногунҷабҳаю умумиятҳои забонию фарҳангӣ дар инкишофи истиқлоли Тоҷикистон, дар рушду нумӯи давлатдории навини тоҷикон ёрӣ расонад. Ба ҳеҷ муҳаққиқи ҷомеашинос пӯшида нест, ки кишварҳои собиқи Иттифоқи Советӣ дар раванди бунёди давлати мустақил миллатгароиро ба сифати ғояи зарурии инкишоф истифода менамоянд. Агар миллатгарой ба сифати идеологияи давлатӣ баромад намояд, боиси коҳиши муносибатҳои тарафайни кишвару миллат ва халқиятҳо мегардад. Аз ин хотир, муносибату робитаҳои қавӣ бо умумиятҳои ҳамфарҳанги бузургтар, ки дар муносибатҳои байналхалқӣ таъсири зиёдтаре доранд, ба умумияти хурдтари миллию этникӣ бештар ёрӣ расонида метавонанд. Хосиятҳои муштараки Тоҷикистону Эрон эҳтимолияти чунин равобиту ҳамбастагиро тақвият мебахшанд. Пас аз суқути Иттифоқи Советӣ дар баробари дигар давлатҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун актори мустақили муносибатҳои байналхалқӣ баромад менамояд. Бунёди давлати мустақил кадом як амали сабук дар муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳисоб намеравад. То ба истиқлолияти миллӣ расидан, масъалаҳо маъно ва ранги дигар доштанд. Пӯшида нест, ки то анҷоми “ҷанги сард” кишвари мо дар ҳаҳли масъалаҳои муносибатҳои байналхалқӣ иштироки бевосита надошт. Зеро чунин вазифаҳоро ҳокимияти марказӣ ба ӯҳда дошт. Ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар тарҳрезии сиёсати хориҷӣ ва амалӣ намудани он, асосан иштирок намекарданд. То кадом андоза манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати ҷаҳонӣ мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор гирифт аз ҳокимияти марказӣ вобаста буд. Чунин тарзи муносибат натаҳо хоси Тоҷикистон, балки хоси ҷумҳуриҳои дигари иттифоқӣ ба ҳисоб мерафт. Фақат баъди таъсиси Тоҷикистони соҳибистиқлол муяссар гардид, ки мамлакат ба сифати актори мустақли муносибатҳои байналхалқӣ эътироф гардад ва тамоми масъалаҳои марбут ба худро мустақилона мавриди ҳаллу фасл қарор диҳад. [13;78-79]

Тӯли 22 сол аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр аст. Дар ин муддат Тоҷикистон корҳои зиёду назаррасеро ба анҷом расондааст. Махсусан барои Тоҷикистон муяссар гардид, ки бо давлатҳои гуногун ва зиёди ҷаҳон робитаҳои дӯстӣ барқарор намояд ва низ дуруст аст, ки дар асоси ин метавонад манфиатҳои миллии худро ҳимоя намояд. Муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар арсаи байналхалқӣ бояд мавқеи муайянро соҳиб мегардид бо давлатҳои пешрафта ва муқтадир ба роҳ монда шуд. Вазифаҳои асосии Тоҷикистон дар он буд, ки вай тавонад заминаҳои муайяни барқароркуни ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва дипломатиро бо давлатҳои тараққикарда инкишоф диҳад. Тоҷикистон бо назардошти мавқеи геополитикии худ дар муносиботи байналхалқӣ нақши хоса дорад. Ин нақш баъд аз ҳодисаи 11 сентябри соли 2001 боризтар шудааст. Тоҷикистон аз тарафи беш аз 100 кишвари дунё ба расмият шинохта шуда бо онҳо робитаҳои дипломатӣ барқарор намуда, узви комилҳуқуқи тамоми созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чун минбари табодули муносибот байни кишварҳоро пазируфт. Дар дунё имрӯз кишваре нест, ки танҳо ба пои худ бидуни муносибат бо кишварҳои дигар арзи ҳастӣ намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин

По весьма точному замечанию В.А. Белова сложную ситуацию в правовом регулировании отношений, связанных с недвижимостью, определяют две главные причины "1) размытость критериев разделения имущества на движимое и недвижимое и 2) отсутствие четкого понимания смысла и назначения процедур государственной регистрации прав". [1] Значение рассмотрения вопроса о понятии недвижимости в связи с проблемами государственной регистрации прав на него определяется рядом обстоятельств. Во-первых, решение о том, относится ли данный объект к недвижимому имуществу, всегда должно предшествовать решению всех других вопросов, подлежащих рассмотрению регистрирующим органом. Во-вторых, в научной дискуссии по поводу критериев отнесения объекта к нед вижимости вопрос о правовом значении регистрации занимает очень важное место. Автор не ставит перед собой цели обзора всех существующих точек зрения на понятие объекта недвижимости, а также анализа весьма многообразных подходов к понятию недвижимого имущества в зарубежных странах.[2] Применительно к вопросам регистрации прав на недвижимость представляется необходимым остановиться на понятии недвижимости, которое сформулировано в действующем законодательстве. Статья 142 ГК РТ так определяет недвижимое имущество: "К недвижимым вещам (недвижимое имущество, недвижимость) относятся: здания (жилые, нежилые) сооружения и объекты незавершенного строительство, многолетние насаждения и иное имущество прочно связано с землей, то есть объекты, перемещение которых без несоразмерного ущерба их назначению невозможно, в том числе здания, сооружения, объекты незавершенного строительства". Назначение любого определения, а, в особенности, законодательного, состоит в том, чтобы иметь возможность из числа всех предметов и явлений в каждом случае выделить объекты, обозначаемые определяемым понятием. С учетом имеющихся в законе определений объект относится к недвижимости, если он:

а) относится к числу объектов, прямо перечисленных в определении, т. е. является здания (жилые, нежилые) сооружения и объекты незавершенного строительство, многолетние насаждения;

б) является объектом, который связан с землей так, что его перемещение без несоразмерного ущерба его назначению невозможно.

Перечисленные эти категории объектов (здания (жилые, нежилые) сооружения и объекты незавершенного строительство, многолетние насаждения) в соответствии с законодательным определением недвижимости имеют самостоятельное значение, в то время, как все остальные категории объектов, перечисленные в определении, приводятся как примеры объектов, которые связаны с землей так, что их перемещение без несоразмерного ущерба его назначению невозможно.

Таким образом, лишь такой объект, который на основании закона может быть признан здания (жилые, нежилые) сооружения и объекты незавершенного строительство без установления каких-либо дополнительных признаков должен быть отнесен у недвижимости. В отношении всех остальных объектов, как бы они не назывались, должна быть установлена их прочная связь с землей, при которой их перемещение без несоразмерного ущерба назначению невозможно. В этой связи С.А. Степанов, отмечает: "при самых разнообразных методических подходах и научных аргументациях гражданское законодательство и цивилистика предложили, по существу, лишь два критерия анализируемого деления: а) перечисление объектов, относимых к недвижимому имуществу; б) определение единого, абстрактного принципа (критерия), основанного на определенной связи с землей, отнесения иных, не охваченных перечнем объектов, к недвижимости".[3] Таким образом, определяющее значение приобретают критерии установления той связи с землей, о которой говорится в определении недвижимости. Как показывает практика, сегодня критериев, предлагаемых законодательством для отграничения недвижимых вещей от иных объектов, расположенных на земельных участках, бывает недостаточно. Прежде всего, это видно при разграничении объектов недвижимости и так называемых временных сооружений. Современные технологии, с одной стороны, позволяют без ущерба переносить с места на место здания, отнесение которых к недвижимости не должно вызывать сомнения, а, с другой стороны, весьма широко распространились сборно- разборные объекты, которые в весьма короткие сроки могут быть разобраны и собраны в другом месте. При этом в виде таких сооружений существует не только традиционные павильоны, гаражи, навесы, но и внушительные по размеру торговые и

производственные комплексы. С учетом этих обстоятельств очевидно, что критерий невозможности перемещения без несоразмерного ущерба назначению, становится для объекта недостаточно конкретным, а применение его достаточно произвольным. Изучение практики регистрации прав на недвижимость показало, что разными учреждениями технической инвентаризации одинаковые объекты в одних случаях признаются недвижимостью, а в других нет. Между тем, эта проблема абсолютно не является новой. Еще Г.Ф. Шершеневич писал: "Само собой разумеется, что вопрос о прочности и связи строения с землей не может быть решен принципиально с полной точностью. Решение его зависит от обстановки каждого случая в отдельности... Несомненно, строительная техника, позволяющая перемещать многоэтажные дома, способна еще более затруднить и без того не особенно твердое отличие движимости от недвижимости"[1]. Такое положение приводит к мысли о том, что необходимо искать дополнительные критерии дня конкретизации признака неразрывной связи с землей, либо вообще иные критерии для отнесения объекта к недвижимости. Эти поиски породили научную дискуссию о критериях отнесения имущества к недвижимому. В этой дискуссии позиции авторов разделились на две группы. Одни ученые, полагая бесперспективным использование критерия связи с землей, предлагают различные юридические критерии отнесения имущества к недвижимому, другие же считают, что недвижимость - это объективно существующее явление, а задача закона выявить и максимально четко определить те признаки, по которым можно отнести вещи к недвижимым.

Сторонниками первой позиции предлагались различные критерии недвижимости. При этом одним из таких критериев назывался факт государственной регистрации права на объект. "Согласно ст. 243 ГК РТ право собственности на вновь создаваемое недвижимое имущество возникает лишь с момента его государственной регистрации. Данное правило распространяется не только на первоначальные, но и на производные способы приобретения права собственности на недвижимое имущество, ибо отражает особый юридический режим таких объектов. До момента государственной регистрации такие вновь создаваемые объекты не приобретают юридического режима недвижимости, следовательно, рассматриваются законом как движимости". Сходной позиции придерживается О.М. Козырь, которая указывает, что недвижимостью является такое имущество, "на которое может быть установлено право собственности и иные права. А для возникновения таких прав необходима соответствующая государственная регистрация". "Анализ ст. 140 ГК РТ позволяет утверждать, что понятие "недвижимое имущество" является юридическим, а не фактическим. Недвижимостью в гражданском праве признается не любое имущество, отвечающее признаку связанности с землей, а то, которое, обладая таким признаком, может быть объектом гражданских прав. А для возникновения таких прав необходима соответствующая государственная регистрация". Оценивая данную концепцию, нельзя не согласиться с О.Ю. Скворцовым, который отмечает: "Признаки недвижимости как объекта гражданских прав определены в законе и, следовательно, недвижимость не может возникнуть в силу государственной регистрации прав на нее. Государственная регистрация - явление вторичного порядка, которое не отменяет и не изменяет статуса вещи, а лишь фиксирует права на нее. В противном случае пришлось бы говорить о том, что государственная регистрация является первоначальным способом приобретения прав на недвижимое имущество". Абсолютно прав Б.М. Гонгало, когда утверждает, "нет оснований полагать, что недвижимое имущество становится таковым лишь после государственной регистрации. Оно объективно существует и до этого акта (иначе регистрация невозможна), но права на недвижимость возникают после его совершения". Е.М. Тужилова-Орданская полагает, что "государственную регистрацию нельзя считать признаком недвижимости. Это лишь следствие, констатация объективно присущих этой категории вещей свойств, закрепленных законодательством". Поэтому открытым с точки зрения права остается вопрос, что же представляет собой предмет, отвечающий признакам недвижимого имущества, до установления возможности приобретения на него права собственности или до регистрации такого права. Правда, В.В. Чубаров считает, что ответ "достаточно прост", и такой предмет представляет собой "совокупность движимых вещей, которая по своим физическим свойствам, возможно, напоминала недвижимую вещь"[4] Между тем, согласиться с таким простым решением очень сложно, хотя бы потому, что, войдя в состав того, что "напоминает недвижимую вещь", движимые вещи (строительные материалы) уже утратили свое прежнее качество, причем произошло это не в силу признания вещи недвижимой, а фактически. Поэтому к моменту фактического создания объекта говорить о существовании движимых вещей, из которых он состоит, вряд ли возможно.

ЛИТЕРАТУРА

1. Гражданский Кодекс Республики Таджикистан (часть 1) от 30 июня 1999 №803 г. Душанбе.
2. Гражданский Кодекс Республики Таджикистан (часть 2) от 30 июня 1999 №803 г. Душанбе.
3. Гражданское право, Том 1 / отв. ред. Е.А.Суханов. - М., 2000г.
4. Андреев В.К. О праве частной собственности в России (критический очерк). - М., 2007г.
5. Пискунова М.Г. Особенности возникновения прав на недвижимость и проблемы государственной регистрации // Государственная регистрация прав на недвижимость: теория и практика.

МАФҲУМИ АМВОЛИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

Дар мақолаи мазкур диққати асосӣ ба қисмате аз проблемаҳои граждани - ҳуқуқӣ равона карда шудааст. Амволи ғайриманқул яке аз асосҳои фаъолияти ҳама гуна системаи мавҷуда ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ба таври мукаммал ташкил намудани гардиши амволи ғайриманқул яке аз вазифаҳои муҳим дар соҳаи сиёсати давлатӣ мебошад. Таърифи ҳуқуқии муносибатҳои марбут ба амволи ғайриманқул, дар ташкили гардиши дурусти ин амвол нақши пешсафро соҳиб аст. Интихоби дурусти таърифи ҳуқуқии муносибатҳои ба амволи ғайриманқул иртиботдошта, ба рушди истеҳсолот, фазои сармоягузорӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат хоҳад намуд. Ҳамзамон, мавҷудияти камбудиҳои таърифи ҳуқуқӣ дар ин самт, норасоиҳо дар самти қонунгузорӣ ва қарорҳои нодуруст наметавонанд ба омилҳои бисёрсолаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ бетаъсир бошанд.

Калидвожаҳо: амволи ғайриманқул, муайян кардани мафҳуми амволи ғайриманқул, ҳуқуқи моликият, дигар ҳуқуқҳои ашёӣ, маҳдудияти ин ҳуқуқҳо; пайдоиши ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул, гузариши ин ҳуқуқҳо, қатъи ин ҳуқуқҳо, бақайдгирии пешакии объектҳо, объектҳои бақайдгирӣ

ПОНЯТИЕ ОБЪЕКТА НЕДВИЖИМОСТИ

В данной статье основное внимание в работе уделено гражданско-правовой проблематике. Недвижимое имущество представляет собой одну из основ функционирования любой экономической системы. Поэтому оптимальная организация оборота недвижимости является одной из важных задач в области правовой политики государства. Правовое определение недвижимое имущество отношений, связанных с недвижимым имуществом, играет ведущую роль в организации этого оборота. От правильного выбора правовой определение отношений в сфере недвижимости во многом зависит развитие производства, инвестиционный климат и благосостояние населения. В то же время недостатки правового определения в данной области, пробелы в законодательстве и ошибочные решения не могут не сказываться негативно на многих факторах экономического и социально-политического развития.

Ключевые слова: недвижимое имущество, определение прав на недвижимость, права собственности; другие вещные права; ограничения этих прав; возникновение прав; переход прав; прекращение прав, регистрация предварительных объектов, регистрационные объекты.

.

DEFINITION OF REAL ESTATE

This article focuses on the work is given to civil-legal issues. Real estate is one of the basics of the functioning of any economic system. Therefore, the optimal organization of real estate turnover is one of the important tasks in the field of state policy. Legal definition of real estate relations, plays a leading role in organizing this turnover. The development of production, investment climate and well-being of the population depends on the right choice of legal model of real estate relations. At the same time, the shortcomings of legal regulation in this area, the gaps in legislation and erroneous decisions may not affect negatively on many factors of economic and socio-political development.

Keywords: definition of real estate, real estate rights, ownership; other real rights; restrictions of these rights; the emergence of rights; transition rights; termination of rights, registration of preliminary objects, registration facilities,

Сведения об авторе: ***Мухиддинов Анис Сайфидинович*** – магистр 2-го курса очного отделения юридического факультета Таджикский национальный университет 735000 г. Душанбе, ул. Н.Қарабоев, тел: 904-77-97-77, 934-78-00-11, **e-mail: muhiddinovanis@gmail.com**

Information about the author: Mukhiddinov Anis Sayfidinovich - Master of the 2-nd year of the Full-time Department of the Law Faculty of the Tajik National University of 735000 Dushanbe, ul. N.Qaraboev, tel: 904-77-97-77, 934-78-00-11, E-mail: muhiddinovanis@gmail.com

ИСТИҚЛОЛИЯТ РАМЗИ ДАВЛАТДОРӢ ВА ВАТАНДОРИСТ

Муҳиддинов Д.А.
Донишгоҳи миллии тоҷикистон

Мардуми мо ҳар сол, 9 сентябр Иди миллӣ, Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро бо шукӯҳу шаҳомат истиқбол мегиранд. Хосияти ҳар як ҷашн пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки моро ба таҳлил ва ҷамъбасту хулоса намудани рӯйдодҳои гузашта, мушаххас сохтани вазифаҳои имрӯза ва чашмандозӣ ба оянда водор месозад. Аз ин нуқтаи назар, истиқлолияти давлатӣ барои миллати тамаддунсози мо дар марзи ду садсола падидаи бемислу монанди таърихист, ки силсилаи воқеаҳои сарнавиштсозро дар бар мегирад ва

бинобар ин мо бояд онҳоро аз дидгоҳи фарохтару баландтар таҳвиму таҳдир намоем. Дар ин росто, қабл аз ҳама дарк бояд кард, ки истиқлолият волотарин ва боарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар масири даҳ асри охир мебошад. Тоҷикистони азизи мо маҳз бо шарофати Истиқлолият ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва дар харитаи сиёсии дунё бо ҳама махсусиятҳои давлатдории муосир арзи ҳастӣ намуд. Истиқлолият рамзи давлатдорӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик мебошад, ки номаи тақдирашро ба дасти хеш менависад. Яъне, низоми давлатдорӣ ва сиёсати дохилаву хориҷии худро мустақилона муайян менамояд. Истиқлолият нишонаи ҳувият ва озодӣ, ифтихор ва номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллати соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик мебошад. Истиқлолият дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ва оғози марҳилаи сифатан нави рушд гардида, дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро пеш гузошт. Мо, ҳамагон хуб огоҳ ҳастем, ки то расидан ба дастовардҳои имрӯза чӣ қадар мамониату маҳрумият ва мушкилоти сахту сангинро паси сар кардем. Аз нахустин қадамҳои истиқлолият доираҳои муайяни бадхоҳ бо истифода аз таҷрибаи даврони гузашта ва усулҳои озмудаи худ бо роҳи барангехтани низоъҳои дохилӣ ва бозиҳои сиёсие, ки бар асари онҳо ҳанӯз ҳазор сол пеш давлати бузурги Сомониён завол ёфта буд, тавонистанд миллати моро ба гирдоби мухолифат ва муқовимати сиёсӣ кашида, баъдан давлати ҷавони Тоҷикистонро дучори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардонанд. Дар натиҷа беш аз 150 ҳазор ҳамватанони мо ҷони худро аз даст дода, қариб як миллион нафар иҷборан хонаву дари худро тарк карда, ҷилои ватан карданд, ба кишварҳои ҳамсоя паноҳ бурданд. Ҷанги таҳмилӣ ба иқтисодиёти мамлакат дар маҷмӯъ беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зиёни моддӣ расонд. Даҳҳо ҳазор хонаҳои истиқоматӣ сӯзонда шуда, ҳазорҳо иншооти иҷтимоӣ харобу валангор гардиданд. Зарари маънавии ҷанг ҳадду ҳисоб надорад. Зеро бар асари он даҳҳо ҳазор модарон аз фарзандонашон, даҳҳо ҳазор занон аз шавҳаронашон маҳрум гардида, зиёда аз 50 ҳазор кӯдак ятим монданд. Зиёда аз ин, миёни доираҳои сиёсии беруна ва шарикони дохилии онҳо нақшаи қисмат намудани Тоҷикистон, пароканда сохтани миллат ва бо ҳамин роҳ аз байн бурдани давлатдории тоҷикон тарҳрезӣ мешуд. Вале, бар хилофи азму талошҳои гурӯҳҳои бегонапараст, нерӯҳои тундрави дохилӣ ва баъзе доираҳои манфиатдори хориҷӣ қувваҳои солим дар як муддати кӯтоҳ зери парчами нангу номус ва ягонагии миллӣ ба ҳам омада, раҳи расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллиро интихоб карданд.

Имрӯз бо гузашти солҳо мо ба хубӣ дарк менамоем, ки иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, ки моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид, дар сарнавишти миллати мо чӣ нақши муҳиме бозид ва ба дӯши онҳое, ки бо амри таҳдир дар айни ҷанги хонумонсӯз зимоми давлатдориро ба даст гирифта буданд, чӣ масъулияти бузурге афтода буд. Ба назари аввал иҷрои нақшаҳое, ки дар он иҷлосияи таърихӣ ба хотири оштии миллӣ ва таъмини сулҳи деринтизор кашида шуданд, ғайриимкон менамуд, зеро ҳанӯз оташи ҷанг аланга мезад ва кишвар харобазор гашта садҳо ҳазор шаҳрвандони мо дур аз Ватан ва сарсону саргардон умр ба сар мебурданд. Вазъият боз аз он сабаб печидаву мураккаб менамуд, ки сохторҳои асосии ҳокимияти давлатӣ пурра фалаҷ гардида буданд. Бо вуҷуди ҳамаи ин шӯълаи умед лаҳзае хомӯш намешуд. Аз ноумедиҳо басе умед аст, поёни шаби сияҳ сафед аст, мегуфтем мо ва бо умеди фардои накӯ кору пайкор мекардем. Сарвари ҷавони давлат Эмомалӣ Раҳмон ба раҳми Парвардигор бо хиради азаливу иродаи неки халқ бовар дошт ва ҳамеша бо нерӯҳои солим ва рӯҳи сулҳхоҳонаи миллати тоҷик такя менамуд.

Роҳбарияти нави ҷумҳурӣ бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали фаъолияташон дар баробари амалӣ намудани ҳамаи тадбирҳо дар бобати ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар ва хомӯш сохтани ҷанги шаҳрвандӣ ба барқарор кардани фаъолияти сохтору мақомоти фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ шурӯъ менамуданд. Бо ташаббус ва кӯшишҳои пайвастаи сарвари ҷавони мамлакат гуфтушунид бо мухолифин ба хотири ҳамдигарфаҳмӣ ва истиқрори сулҳ оғоз гардид. Дар натиҷаи музокироти тӯлонӣ, ки беш аз 40 моҳ идома ёфт, ба ҳукумати навтаъсис муяссар шуд, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои созандаи худ 21 маротиба бо иттиҳоди мухолифин музокира анҷом дода 40 ҳуҷҷати барои миллат муҳимро ба имзо расонанд. Баъди зиёда аз панҷ соли мухолифати мусаллаҳона Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар

Тоҷикистон ба имзо расид, ки дастоварди нодиртарини халқи тоҷик дар даврони истиқлолият мебошад. Боиси ифтихор ва шарафмандист, ки алъон таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида ба мактаби омӯзиш мубаддал гаштааст.

Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 8 сентябри соли 2011 зимни суханронӣ дар ҷаласаи бошукӯҳ ба муносибати бистсолагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бо ифтихор чунин гуфт: «Имрӯз аз ин минбари баланд бо сарфарозӣ ба мардуми Тоҷикистон изҳор менамоям: мо ҳама якҷо аз имтиҳони сангини таърих бо матонату сарбаландӣ гузаштем. Яъне вазифаҳои асосиеро, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии мамлакат муайян гардида буданд, бо вуҷуди ҳама монеаву мушкилот дар амал татбиқ намудем: як миллион гурезаҳои иҷбориро ба Ватан баргардондем, созишномаи сулҳро ба имзо расондем, фаъолияти тамоми шохаҳои фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва волоияти қонунро барқарор намудем ва роҳи бунёдкориву созандагиро пеш гирифтем. Дар зарфи бист сол мо падидаву омилҳои сиёсиву таърихӣ ва иҷтимоиву фарҳангии миллиро дар марҳалаҳои гуногуни таърихи халқамон омӯхта, бо назардошти таҷрибаи давлатсозиву давлатдории кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон роҳи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро пеш гирифтем. Дар ин давра бори нахуст аз тариқи райпурсии умумихалқӣ Конституцияи нави мамлакат қабул гардида, дар асоси он парламенти касбии иборат аз ду палата ба фаъолият оғоз намуд. Дар ин замина фаъолияти мақомоти олии қонунгузор ва иҷроияи мамлакат таҳким ёфта, аввалин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллӣ гузошта шуданд. Дар ин давраи ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки тамоми халқу миллатҳои мутамаддин барои эъмори он талош меварзанд, шурӯъ карда шуд. Ҳукумати мамлакат барои рушду такомули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар ин замина таъмин намудани фаъолияти озодонаи ҳизбу созмонҳо ва воситаҳои ахбори омма тамоми имкониятҳо фароҳам оварда шуданд. Ба шарофати мустақилият халқи мо соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардид. Асосҳои сохтори конституционӣ, рукнҳои нави идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар муқаррар гардида, асъори миллӣ ба муомила бароварда шуд, яке аз рукнҳои асосии давлатдории мустақил – Артиши миллӣ ва неруҳои сарҳадӣ таъсис ёфта, ҳифзи сарҳади давлатӣ таҳти назорати онҳо қарор дода шуд. Бо назардошти роҳи пуршебу фарози дар тӯли ин солҳо тайшуда, мо набояд фаромӯш созем, ки сулҳу субот ва вахдати миллӣ барои мо ҳамчун арзишҳои бисёр азизу муқаддас аҳамияти ниҳоят калон дорад ва ҳифзу таҳкими онҳо вазифаи ватандӯстонаи ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистон мебошад. Таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз оғози даврони истиқлолият то ба имрӯз ҳадафи стратегии давлат ва ҳукумат мебошад. Дар ҳамин асос ислоҳоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ густариш намуда, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар ҳамчун ҳадафҳои стратегии сиёсати давлат муайян шуданд. Ҳукумат ҷиҳати татбиқи ин ҳадафҳо азми қатъӣ дорад, ки масъалаҳои таъмини рушди устувори иқтисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, ҳамчунин таҳвияти иқтидори содиротии кишвар, беҳтар сохтани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, беҳсозии вазъи бозори меҳнат ва рушди инсонро пайгирона ҳаллу фасл намояд. Яке аз рукнҳои асосии иқтисодиёт саноат буда, сатҳи рушди он далели иқтидору имкониятҳои ҳар як давлат аст. Дар кишвари мо имрӯз барои таъмини рушди соҳа заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд ва тавассути қабули барномаҳо, аз ҷумла дар самти коркарди ниҳоии алюминий, маъдан, металҳо ва сангҳои қимматбаҳо, саноати сабук ва хӯрокворӣ ба пешрафти ҳамаҷонибаи соҳа аҳамияти махсус дода мешавад. Бояд зикр намуд, ки кишвари мо дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ буда, ояндаи он низ аз истифодаи самарабахшу оқилонаи ин навъи нерӯ вобастагии калон дорад, зеро танҳо таъмини истиқлолияти энергетикӣ метавонад ба рушду тавсеаи ҳамаи соҳаҳои иқтисоди мамлакат такони ҷиддӣ бахшад. Солҳои охир дар кишвар зиёда аз 260 нерӯгоҳҳои хурду миёнаи барқи обӣ, инчунин хатҳои баландшиддати интиқоли барқ бунёд гардида шабакаи ягонаи энергетикии кишвар ба вуҷуд оварда шуд. Ҳоло корҳои сохтмону таҷдид дар иншооти азиму стратегии кишвар – Нерӯгоҳи барқи обии Роғун, «Сангтӯда-2», инчунин нерӯгоҳҳои хурду миёна дар ҳавзаи дарёҳои Вахшу Зарафшон ва Варзоб, аз ҷумла Нерӯгоҳи Норак босуръат давом дорад. Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки имрӯз аллакай ду агрегати Нерӯгоҳи барқии обии Роғун

кор карда истодааст. Умед аст, ки агрегатҳои боқимонда низ пеш аз мӯҳлат ба кор хоҳанд даромад. Омили дигари муҳим дар пешрафти иқтисод рушди инфрасохтори нақлиёт ба шумор меравад. Ҳамагон медонанд, ки кишвари мо бо сабаби кӯҳсор буданаш дар давоми даҳсолаҳо бинобар набудани роҳ ба се қисмат ҷудо буд ва ҳамасола қариб шаш моҳ рафтуомади одамон аз як қисмат ба қисмати дигари мамлакат имкон надошт. Бо мақсади таъмини рафтуомади доимии мардуми қисматҳои гуногуни кишварамон мо дар даврони Истиқлолият як қатор шоҳроҳҳо, нақбҳо, роҳҳои оҳан ва пулҳоро сохта мавриди истифодаи умум қарор дода шуд. Дар ин давра 1700 километр роҳҳои мошингард, 17 километр нақб ва беш аз 100 пул бунёд ва барқарор гардиданд. Ин корҳо дар оянда низ бо ҷидду ҷаҳд идома хоҳанд ёфт. Ҳукумат дар назди худ вазифа гузошта буд, ки то ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатӣ кишварро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ мебахшад. Ин вазифа бо сари баланд ба ҷо оварда шуд. Имрӯз мо бо сари баланд гуфта метавонем, ки ба яке аз ҳадафҳои асосии стратегияи давлат – раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ расидем. Ҳамин тариқ, Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии Пешвои муаззами миллат азми қавӣ доранд, ки рушди иқтисоди миллиро бо истифода аз тамоми захираву имконоти мавҷуда боз ҳам баланд бардошта барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии ҳар як шаҳрванд заминаи мустаҳкам фароҳам оранд. Қобили зикр аст, ки дар замони Истиқлолият илму маориф ва фарҳанг ба як рукни муҳими иҷтимоӣ табдил ёфта, ҳамчун ҷавҳари ҳастии миллат эътироф гардидаанд. Зеро ин падидаҳои бузурги башарӣ дар ташаккули маънавии ҷомеа хизмат намуда, дар тарбияи насли наврас шинохти рисолати таърихӣ, густариши эҳсоси ватандорӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ таъсири амиқ мегузоранд. Бо назардошти ин, бахусус тайи солҳои охир дар соҳаи маорифи кишвар ислоҳоти ҷиддӣ амалӣ гашт. Дар ин самт ҳукумат оид ба ҷорӣ намудани низоми нави таҳсили миёнаи умумӣ, ворид сохтани технологияи нав дар ҷараёни таълим ва истифодаи усулҳои замонавӣ барномаҳои махсус қабул намуд, ки онҳо барои мутобиқ гардидани сатҳу сифати дониши хонандагон ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд. Дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардидем. Мусаллам аст, ки мақому манзалати ҳар миллат ба андозаи саҳми он дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ ва маънавиёти башарӣ, илму адаб, ҳунару санъат ва пурғанавоат сохтани махзани арзишҳои олии инсонӣ муайян карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар, нақш ва маҳсули кору пайкори тоҷикон дар рушди илму фарҳанги оламиён ба эътирофи умум хеле назаррас аст. Ёдовар шудан кофист, ки тамаддуни мардуми ориёинажод, мероси маънавии аҷдоди фарҳангсозу фарҳангпарвари мо яке аз пояҳои тамаддуни ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Мо бояд аз ин ифтихор кунем ва ҳамеша саъю талош намоем, ки пайравони сазовор ва ворисони арзандаи абармардони миллатамон бошем ва чароғи илму маърифатро фурӯзон нигоҳ дорем. Маҳз бо ҳамин мақсад, маҳз бо ташаббус ва сарварии Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо бузургдошти шахсиятҳои мӯътабари таърихӣ, чеҳраҳои барҷастаи сиёсӣ, илму адаб ва фарҳангу маърифат, аз ҷумла Исмоили Сомонӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ Ибни Сино, Имоми Аъзам, Носири Хисрав, Ҷалолиддин Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Садриддин Айнӣ, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода, ки дар давраҳои гуногун дар ташаккули тамаддун ва давлатсозии мо саҳми арзишманд гузоштаанд, бо шукӯҳи хоса ва мӯҳтавои тоза таҷлил намудем. Соли 2020 ба душвориҳои номусоид, билхоса паҳн гардидани бемории COVID нигоҳ накарда, ҷашни 5500-солагии Саразми бостон ва 700-солагии шоири бузург Камоли Хуҷандӣ дар сатҳи баланд гузаштанд, ки дар ҳар ду ин чорабинӣ Президенти мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ширкат ва суханронӣ намуд. Гурӯҳи калони адибону олимони намоёни ҷумҳурӣ дар ин чорабиниҳо фаъолона ширкат намуданд. Аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид ҷашни байналмилалӣ эълон гардидани Наврӯзи Аҷам ба рушди минбаъдаи фарҳанги мо ва афзудани обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон такони тозае бахшид. Воқеан, таърих гувоҳ аст, ки Наврӯз аз ҷавҳари фарҳанги Ориёӣ падид омада, сипас дар ақсои олам густариш ёфт ва ҳазорон сол аст, ки шукӯҳмандонаву пирӯзмандона аз канораҳои Баҳри Миёназамин то баландиҳои Ҳиндукуш ва аз кӯҳсорони Қавқоз то Халиҷи Форс доман густурда, дар дилу дидаи халқҳову қавмҳои бешумор маскан гирифтааст.

Аҷдоди мо Наврӯзро рӯзи нав, рӯзи умед меҳонданд. Ин бесабаб нест. Зеро умед – муҳимтарин мафҳуми шуури суннатии мо буда, ҷанбаи некбинонаи ормони миллиамонро

ифода менамояд. Ин маънӣ дар Суруди миллӣ хеле ҷаззоб ифода ёфтааст. Яъне, Истиқлолият барои мо амсоли Наврӯзи сиёсист, зеро он аз умеду орзу ба фардои неки Ватан ва сарсабзиҳои ояндаи миллат, ба шукуфоии ҷовидонии кишвари хуршедиамон – Тоҷикистони азизу соҳибистиқлол саршор мебошад. Ба маврид аст, ки дар зер шеъри шоири машҳури тоҷик Муҳаммад Ғоибро пайваста ба Иди Наврӯз ва ҷаҳонӣ гаштани он ба хонандагон пешкаш намоем:

Базми гул дар чамани наврӯз аст,
Даври гул-гулфикани Наврӯз аст.
То ба гардун сухани Наврӯз аст,
Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст.
Бӯйи Наврӯз расад аз ҳама дар,
Рӯйи Наврӯз расад аз ҳама дар.
Ҳама дар пираҳани Наврӯз аст,
Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст.
Номи Наврӯзу насаб Наврӯз аст,
Исми ҳар бахтталаб Наврӯст аст.
Фасли армоншикани Наврӯз аст,
Тоҷикистони Ватани Наврӯз аст.
Сабзгун пуштаву саҳрои Ватан,
Сабзпӯш аст ҳама ҷойи Ватан.
Сабз ҷон дар бадани Наврӯз аст,
Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст.
Ба муродаш ҳама дилдода расад,
Ба ҳама бахти худодода расад.
Ҳама ҷо анҷумани Наврӯз аст,
Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст.

Шоири тавонои мо Низом Қосим дар ин росто чунин менигорад:

Ҷуста-ҷуста чун ҷаҳони дар ҷаҳонат ёфтем,
Чун ҷаҳон дар тангнои бекаронат ёфтем.
Дар миёни кӯҳсорон ҳамчун конат ёфтем,
Ҳамчу кони дар таҳи рангинкамонат ёфтем.
То биҳишти ҷовидонӣ бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад Наврӯзгоҳи мо туӣ.
...Бо ҳақиқат ҷовидонӣ бо садоқат ҷовидон,
Аҳли дилро беҳ зи ҷонӣ, беҳ зи ҷонӣ, беҳ зи ҷон.
Чун ҷаҳон пиру ҷавонӣ, чун хирад пиру ҷавон,
Асли Наврӯзи ҷаҳонӣ, асли Наврӯзи ҷаҳон!
То биҳишти ҷовидонӣ бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад Наврӯзгоҳи мо туӣ!

Ковишҳои бостонӣ собит сохтаанд, ки инсонҳои ибтидоӣ ҳанӯз 30-40 ҳазор сол пеш сокини диёри мо будаанд. Бозёфтҳои чузъӣ аз канали Марғедар, Моғиёндарё ва Мазори Шариф осори аввалини одамони аҳди сангӣ мебошанд. Қобили қайд аст, ки тасвирҳои рӯйи сангии болооби Зарафшон манзараҳои гуногуни баландмазмунеро ифода намуда, шаҳодати онанд, ки санъати рассомӣ ҳанӯз аз ҳамин давраҳо реша мегирад. Идомаи ҳаёти маданӣ дар ин водии пурфайзу баракат ба пайдошавии нахустдеҳҳои кишоварзӣ замина гузошт. Мисли онро мо дар дашти Саразм мебинем, ки ҳанӯз 5500 сол пеш қабилаҳо аз доманакӯҳҳо фаромада ба кишоварзӣ, чорводорӣ, кулолгарӣ, бофандагӣ, конкобӣ, маъдангудозӣ, чармгарӣ, санъати тасвирӣ, сангтарошӣ ва тиҷорат машғул шуда, заминаи шаҳрсозиву шаҳрдориро дар Авру-Осиё гузоштаанд. Ин давраро дар таърихи башарият айёми табаддулоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ меҳисобиданд. Ҷомеа ба табақаҳои иҷтимоӣ ҷудо шуда, ҳар гурӯҳ бо машварати пешвоён ба шуғли хеш машғул буданд. Аз ин рӯ, мо – тоҷикон дар асоси омӯзишҳои дақиқи илмӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ исбот кардаем, ки дар Саразм яке заминаҳои пайдоиш ва минбаъдаи рушдёбии яке аз аввалин шаҳрдавлатҳо мушоҳида гардида, минбаъд таъсири хешро ба пайдоишу рушдёбии аввалин шаҳрдавлатро дар Авру-Осиё замина гузоштааст.

Пӯшида нест, ки қаторкӯҳҳои Зарафшону Офтобрӯя (Туркистон) пур аз канданиҳои фоиданоканд. Дастовардҳои илми кӯҳшиносони муосир инро собит кардаанд. Он чиз ҷолиби қайд аст, ки сокинони Саразм ба даст олоти сангию устухонӣ ба ҷустуҷӯйи тиллову нуқра, мису қурғошим, қалъагию рух ва сангҳои ороишӣ баромада, дар рӯзгори хеш истифода кардаанд. Таҳлили спектрӣ нишон медиҳад, ки ниёгони мо ҳанӯз 5500 сол муқаддам соҳиби дониши кӯҳшиносӣ буда, тиллову нуқра, мису қурғошим, қалъагиву маргимуш (арсен), сурмаву рух, никел ва ғайраро истихроҷ менамудаанд. Ин шаҳодати он аст, ки маъданчӯёну маъдангудозони Саразм аз илмҳои дақиқ бархӯрдор будаанд.

Тамаддуни Саразм бо ёдгориҳои бешумораш ҳамдавру ҳамзамон буд. Ҳини омӯзиши Саразм ба омехташавии якчанд маданият дучор омаданд. Чӣ зарурат буд, ки Саразм пойгоҳи якчанд маданияти ҳамсоя қарор гирад? Ба ин пеш аз ҳама сарватҳои болооби водии Зарафшон мусоидат менамуданд. Ин далелҳо моро ба андеша мебаранд, ки аҷдодонамон дар тӯли ҳазорсолаҳо тавонистаанд аз захираҳои фаровони табиати водӣ истифода намуда яке аз саҳмгузорони таъриху тамаддуни башарӣ гардад. Ин ҷо хоҳ-нохоҳ навиштаҳои шоир Муфаззали Аҷамрод (равонаш шод бод), пеши назар меояд, чанд сатри он чунин садо медиҳад:

Хезед! Аз тамаддуни сугдӣ садо кунед,
Таърихномаи нави тоҷик во кунед.
Конуни хушнавои каён пурнаво кунед,
Дар гӯшҳои ношунавоён сало кунед.
То баддилон зи каҷназарӣ чашм баркашанд,
Бар тоҷу бар тамаддуни мо саҷда оваранд!
Бо пешвои аъзаму роду дурустазм,
Мо бо нишот ҷашн бигиремат, эй Саразм!
Мавлуди панҷуним ҳазорат хуҷаста бод
В-аз банди қарнҳо ҳама рози ту раста бод!

Боиси ифтихор аст, ки дар давраи Истиқлолият аҳли санъат ва ҳунари тоҷик ҳамчун парчамбардорони фарҳанги бостонии миллати мо дар бонуфузтарин саҳнаҳои мамолики Шарқу Ғарб бо маҳорати баланд ҳунарнамоӣ карда Тоҷикистонро ба ҷаҳониён ба таври сазовор муаррифӣ карданд ва таваҷҷуҳи оламиёнро ба тамаддуни бостонӣ, осори гаронбаҳои таърихӣ ва анъанаҳои пургановати миллии мо ҷалб намуданд. Таърихи башар гувоҳ аст, ки халқҳо, миллатҳо ва давлатҳо танҳо бо доштани забони миллии худ устувору пойдор мемонанд. Яъне забони ҳар миллат шарти муҳимтарини пойдории он дониста мешавад. Дар ҳама давру замон забони тоҷикӣ дар ҳастӣ ва бақои миллати сарбаланду тамаддунсозамон нақши ҳалкунанда доштааст. Бояд бо ифтихор иброз дошт, ки пас аз давлати Сомониён забони миллии мо танҳо дар даврони Истиқлолият дар мақоми забони давлатӣ қарор дода шуд. Аз ин рӯ, давлати Тоҷикистон ҳифзи арзишҳои миллии забониро аз вазифаҳо ва ҳадафҳои асосии худ барои насли имрӯзу фардои ҷомеа медонад ва ин арзишҳои муқаддасро гиромӣ медорад.

Таърих собит намудааст, ки ба даст овардани истиқлолият кори бисёр душвору заҳматталаб мебошад, вале ҳимояи пирӯзиҳо ва дастовардҳои истиқлолият кори аз он ҳам душвортар аст. «Фалсафаи ҳаёт ин аст, ки ояндаи ҷомеа, идораи давлату миллат, ҳифз кардан ва афзудани музаффариятҳои истиқлолият ба дасти ҷавонон мегузарад, - иброз менамояд Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон ва меафзояд: - Аз ин рӯ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ваҳдат, худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ дар шароити имрӯза аҳамияти беш аз пеш касб менамояд. Ин амр аз тамоми ҷомеа, алалхусус аз аҳли зиё тақозо дорад, ки моҳияти ваҳдату якдилӣ, ватану ватандорӣ ва ифтихору худшиносии миллиро ба ҷавонон ташвиқ намоянд, зеро дур шудан аз асли хеш маҳву заволи миллат аст».

АДАБИЁТ

1. Б. Ғафуров. «Тоҷикон», «Ирфон», 2010.
2. Раҳмонов Э. «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллӣ», ҷилди V. Душанбе, «Ирфон», 2005.
3. А. Достиев. «Тоҷикистон – шикастанҳо ва бастанҳо», Душанбе, «Ирфон», 2013.
4. Эмомалӣ Раҳмонов. «Тоҷикон дар оинаи таърих», Душанбе, «Ирфон», 2006.
5. С. Айнӣ. «Маъноии калимаи тоҷик», «Садои Шарқ», 1986, №8.
6. Бикорман Э. «Государство Саманидов». М., 1985.
7. Бобохонов М. «Таърихи тоҷикони ҷаҳон». Душанбе, 1999.
8. История таджикского народа. Т. 1-2. Душанбе 1998, 1999г.

9. Масов Рахим. «История монорного разделения». Душанбе, 1991.
10. Иҷлосияи сарнавиштсоз. Хуҷанд, «Анис», 2012.
11. Осим Каримов. Нақши иҷлосия дар таҳкими асосҳои конституционӣ, дар китоби «Иҷлосияи сарнавиштсоз», 2012.
12. Қоҳир Расулзода. «Иҷлосияи бузург: баъд аз бист сол». Хуҷанд, 2012.
13. Э. Раҳмонов. «Гардиши куллӣ дар ҳаёти кишвар» дар китоби «Тоҷикистон, даҳ соли истиқлолият», Душанбе, «Ирфон», 2001.
14. «Иҷлоисияи муждарасони наҷот». Хуҷанд, 2012.

ИСТИҚЛОЛИЯТ РАМЗИ ДАВЛАТДОРӢ ВА ВАТАНДОРИСТ

Дар мақолаи мазкур муаллиф каме дар бораи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан рондааст. Муаллиф қайд намудааст, ки истиқлолият рамзи давлатдорӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик мебошад, ки номаи тақдирашро ба дасти хеш менависад. Яъне, низоми давлатдорӣ ва сиёсати дохилаву хориҷии худро мустақилона муайян менамояд. Истиқлолият нишонаи ҳувият ва озодӣ, ифтихор ва номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллати соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик мебошад. Истиқлолият дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ва оғози марҳилаи сифатан нави рушд гардида, дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро пеш гузошт.

Калидвожаҳо: истиқлолият, ватандорӣ,низоми давлатдорӣ, ҳувият, озодӣ, давлати тоҷик, таърих.

НЕЗАВИСИМОСТЬ – СИМВОЛ ГОСУДАРСТВА И ПАТРИОТИЗМА

В данной статье автор немного рассказал о независимости Республики Таджикистан. Автор отмечает, что независимость – это символ государственности и патриотизма гордого и цивилизованного таджикского народа, который пишет свою судьбу. То есть, он самостоятельно определяет свою систему правления, внутреннюю и внешнюю политику. Независимость – это символ самобытности и свободы, гордости и чести, символ счастья и условие выживания суверенной нации Таджикистана, цивилизованного государства, отвечающего интересам народа и страны и создания столпы современной государственности.

Ключевые слова: независимость, патриотизм, государственное устройство, идентичность, свобода, таджикское государство, история.

INDEPENDENCE IS A SYMBOL OF THE STATE AND PATRIOTISM

In this article, the author spoke a little about the independence of the Republic of Tajikistan. The author notes that independence is a symbol of statehood and patriotism of the proud and civilized Tajik , who write their own destiny. That is, it independently determines its system of government, national and foreign policy. Independence is a symbol of identity and freedom, pride and honor, a symbol of happiness and a condition for the survival of the sovereign nation of Tajikistan, a civilized state that meets the interests of the people and the country and creates the pillars of modern statehood.

Keywords: independence, patriotism, state structure, identity, freedom, Tajik state, history.

Сведения об авторе: ***Мухиддинов Давлатджон Амриддинович*** – магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон**: 93 963 93 93**

Information about the author: ***Muhiddinov Davlatjon Amriddinovich*** – second-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: **93 963 93 93**

ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТИБ

Наимов С.Р
Донишгохи миллии Точикистон

Низоми тандурустӣ – ин маҷмӯи чорабиниҳое, ки ба санҷиши риоя ва иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин ба огоҳонидан, пешгирӣ ва бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи тандурустӣ равона гардидаанд, мебошад.

Ба низоми тандурустӣ дохил мешаванд [1]:

- мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, мақомоти ваколатдори назорати давлатии фаъолиятҳои тиббию фарматсевтӣ, экспертизаи тиббию иҷтимоӣ, назорати санитарию эпидемиологӣ, раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;

- ташкилотҳо ва муассисаҳои зертобеи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, инчунин ташкилотҳо ва муассисаҳои тиббию фарматсевтии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

- ташкилотҳо, муассисаҳои тандурустӣ ва фарматсевтии дар сохтори дигар вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта;

- субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ ва фарматсевтӣ, муассисаҳои таълимию илмии тиббии хусусӣ.

Танзими давлатиро дар соҳаи тандурустӣ инҳо амалӣ менамоянд:

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ;
- мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти тиббӣ;
- мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ;
- мақоми ваколатдори назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ;
- мақоми ваколатдори давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ;
- мақомоти дигари иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

Танзими давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад[2]:

- назорати давлатии фаъолияти тиббӣ, фарматсевтӣ ва таъмини бехатарии санитарию эпидемиологӣ;
- иҷозатномадиҳӣ ва додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ барои машғул шудан ба фаъолияти тиббӣ ва фарматсевтӣ;
- аккредитатсия ва аттестатсия дар соҳаи тандурустӣ;
- бақайдгирии давлатӣ, азнавбақайдгирии маводи доруворию молҳои тиббӣ ва намудҳои алоҳидаи маҳсулот ва моддаҳое, ки ба саломатии инсон таъсири зарарнок мерасонанд;
- тасдиқи мутобиқати мол (кор ва хизматрасонӣ) дар соҳаи тандурустӣ ба талаботе, ки бо дастури техникӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба стандартизатсия ва шартҳои шартномаҳо муқаррар гардидаанд;
- танзими давлатии арзиши хизматрасониҳои тиббӣ, маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ салоҳияти зеринро дорад[3]:

- пешбурди сиёсати давлатиро дар соҳаи тандурустӣ таъмин менамояд;
- сохтори мақомоти идоракунии давлатии низоми тандурустӣ, тартиби ташкил ва фаъолияти онҳоро муқаррар менамояд;
- идоракунии моликияти давлатиро дар соҳаи тандурустӣ назорат менамояд;
- чорабиниҳоеро, ки ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ба наҷотдиҳии ҳаёти инсон ва ҳифзи саломатии онҳо равона гардидаанд, ба амал мебарорад;
- барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббию санитариро тасдиқ менамояд;
- барои солимгардонии муҳити зист ва фаъолияти инсон, аз ҷумла таъмини амнияти экологӣ ва радиатсионӣ, ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо меандешад;
- тартиби иҷозатномадиҳиро дар соҳаи тандурустӣ муқаррар менамояд;
- тартиби гузаронидани аккредитатсияи ташкилотҳои соҳаи тандурустиро, новобаста аз шакли моликият, муайян менамояд;
- сохтори идоракунии тандурустиро муайян менамояд;
- стратегия, консепсия ва барномаҳои миллии дахлдорро оид ба ҳифзи саломатӣ тасдиқ менамояд;
- номгӯи хизматрасониҳои кафолатнок оид ба ҳифзи солимии репродуктивиро муқаррар менамояд;
- номгӯи беморихое, ки шахсони ба онҳо мубталогашта ҳуқуқи дар муассисаҳои таълимии тиббӣ таҳсил карданро надоранд, муайян менамояд;
- тадқиқоти илмӣ, маблағгузории барномаҳои ҷумҳуриявии тадқиқоти илмиро дар соҳаи тандурустӣ муқаррар менамояд;
- ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи тандурустӣ муайян менамояд;

- дигар салоҳиятеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, амалӣ менамояд.

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ (Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ваколатҳои зеринро дорад[4]:

- фаъолияти ташкилоту муассисаҳои зертобеи худ, ташкилотҳо ва муассисаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии низоми тандурустиро роҳбарӣ намуда, вазъи саломатии аҳолиро таҳлил ва стратегияи ҳифзи саломатии аҳолиро таҳия менамояд;

- фаъолияти мақомот ва ташкилотҳои низоми тандурустӣ, сифати расонидани кумаки тиббию санитарӣ ва доруворирo, новобаста аз шакли моликият назорат менамояд;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро вобаста ба масъалаҳои татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ ва ба танзим даровардани меъёрҳои ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи тандурустӣ пешниҳод менамояд;

- дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибот ва талаботро нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти тиббӣ ва фарматсевтӣ машғуланд, новобаста аз шакли моликият, инчунин фаъолиятро дар самти таъмини бехатарии санитарию эпидемиологӣ муайян менамояд;

- талаботро нисбат ба сифат ва муомилоти маводи доруворӣ, молҳои тиббӣ, моддаҳои фаъоли биологӣ ва сифати хизматрасониҳои тиббӣ муайян менамояд;

- роҳбарони муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳуриявии низоми тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоиро ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд;

- роҳбарони муассисаҳо ва ташкилотҳои тиббии вилоятӣ, сартабибони беморхонаҳои марказӣ, роҳбарони шабакаҳои муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои ҷумҳуриявии соҳаи ҳифзи иҷтимоии шаҳру ноҳияҳоро дар мувофиқа бо раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд;

- талаботи соҳаи тандурустии давлатиро ба мутахассисони соҳаи тиббӣ ва фарматсевтӣ муайян менамояд;

- дигар ваколатҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, амалӣ менамояд.

Барои таъмини ҳамкории мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои миллӣ оид ба тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъсис дода мешавад. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ фаъолияти дигар вазоратҳо ва идораҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳоро новобаста аз шакли моликият, инчунин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро оид ба масъалаҳои тандурустӣ ҳамоҳанг месозад.

Талаботҳо, низомномаҳо, қоидаҳо ва меъёрҳо дар соҳаи тандурустӣ, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ шудаанд, барои иҷро ба ҳамаи вазоратҳо ва идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият, инчунин ба шахсони воқеӣ ҳатмӣ мебошанд. Ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои тандурустӣ дар соҳаи тиббӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани амалӣ карда мешавад.

Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи саломатии аҳолӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Мақомоти тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҳамкориро дар соҳаи тандурустӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, давлатҳои хориҷӣ ва мақомоти дахлдори онҳо ба роҳ мемонад.

Манбаъҳои маблағгузории низоми давлатии тандурустӣ инҳо мебошанд [5]:

- маблағҳои буҷетӣ;

- маблағҳое, ки ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ дар натиҷаи фаъолияти дигаре, ки мухолифи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд, ба даст овардаанд;

- пардохтҳои эҳсонкорӣ ва хайрияҳои ташкилотҳо, корхонаҳо новобаста аз шакли моликият, шаҳрвандон, аз ҷумла шахсони воқеии давлатҳои дигар;

- дигар сарчашмаҳое, ки истифодаи онҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

Тартиби баҳисобгирии тарифҳои хизматрасонии тиббии ташкилотҳои давлатии тандурустӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зиддиинҳисорӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад. Тартиби баҳисобгирии тарифҳои хизматрасонии тиббӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Захираҳои молиявии низоми давлатии тандурустӣ барои мақсадҳои зерин равона карда мешаванд:

- нигоҳдорӣ ва рушди ташкилотҳои тандурустии давлатӣ;
- амалӣ намудани чорабиниҳои пешгирӣ аз бемориҳо, зиддиэпидемикӣ, ташхису табобат;
- ҷорӣ намудани барномаҳои мақсадноки тандурустӣ;
- рушди заминаи моддию техникии низоми давлатии тандурустӣ;
- тайёр намудан ва баланд бардоштани ихтисоси кадрҳои амалиявӣ ва илмию педагогии соҳаи тандурустии давлатӣ;
- рушди илм ва таҳсилоти тиббӣ;
- пешгирӣ ва аз байн бурдани эпидемияҳо, бемориҳои сироятӣ ва дигар бемориҳои оммавӣ;
- дигар мақсадҳое, ки аз хароҷоти низоми давлатии тандурустӣ вобастагӣ доранд.

Маблағҳое, ки ташкилотҳои тандурустии давлатӣ дар натиҷаи хизматрасонӣ ё фаъолияти дигаре, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст меоранд, дар асоси Низомнома дар бораи истифодаи маблағҳои махсуси соҳаи тандурустӣ, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, хароҷот карда мешаванд.

Асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва молиявии суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббии шаҳрвандонро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян менамояд.

Масалан, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» аз 26 ноябри соли 2018, № 1553 ба соҳаи тандурустӣ - 1740536 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст [6].

Иҷозатномадиҳии фаъолияти тиббӣ ва фарматсевтӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004, № 37 ба амал бароварда мешавад. Дар асоси моддаи 17 Қонуни зикршуда чунин намудҳои фаъолият дар асоси иҷозатнома ба амал бароварда мешаванд:

-фаъолияти фарматсевтӣ (тайёр ва истеҳсол кардани доруворӣ ва воситаҳои косметикӣ, истеҳсоли молу техникаи тиббӣ, фурӯши доруворӣ ва молҳои тиббӣ, истеҳсол ва фурӯши ғизои иловагии табобатию профилактикӣ);

-фаъолияти хусусии тиббӣ;

-фаъолият оид ба хизматрасонии техникии техникаи тиббӣ (ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ин кор барои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад).

Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият аз 1 сентябри соли 2005, № 337 низ фаъолияти иҷозатномадиҳиро мукаммал фаро мегирад. Додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ дар соҳаи фаъолияти тиббӣ ва фарматсевтӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 2 августи соли 2011, №751 ба танзим дароварда мешавад [7]. Дар асоси моддаи 29 Қонуни мазкур мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фармасевтӣ: шаҳодатномаи аккредитатсияи субъектҳои соҳибкории фармасевтӣ, аз ҷумла намояндагиҳои тиббии ташкилотҳои фармасевтии хориҷии ба фаъолияти фармасевтӣ машғулбуда; рухсатнома барои гузаронидани озмоишҳои воситаҳои клиникӣ; рухсатнома барои воридот ва содироти маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ; шаҳодатномаи бақайдгирии маводи доруворӣ; шаҳодатномаи воридот ва содироти маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои дар соҳаи тиббӣ

истифодашаванда. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи тандурустӣ бо мақсади мутобиқати хизматрасониҳои тиббию фарматсевтии онҳо анҷомдиҳанда ба стандартҳои тандурустӣ аз аккредитатсия бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд. Аккредитатсия хусусияти ҳатмӣ дошта, аз ҳисоби маблағҳои субъекти аккредитатсияшаванда ва дигар маблағҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад. Тартиби гузаронидани аттестатсияи кадрҳои роҳбарикунандаи соҳаи тандурустӣ, ки дорои таҳсилоти олии тиббию фарматсевтӣ ва мутахассисони тиббию фарматсевтиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муқаррар менамояд. Меъёрҳои асосии арзёбӣ дар раванди аттестатсия ин мувофиқати шахсони аттестатсияшаванда дар иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда ба шумор меравад. Ҳамаи мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии тиббӣ ва фарматсевтӣ, пас аз се соли хатми муассисаи таълимии тиббӣ ва минбаъд ҳар панҷ сол, инчунин мутахассисони тиббии дигар давлатҳо, ки ба ташкилотҳои тиббӣ ва фарматсевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор қабул шудаанд, бояд аз аттестатсия гузаранд. Экспертиза дар соҳаи тандурустӣ қисми таркибии таъмини ҳифзи солимии аҳолӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини экспертиза дар соҳаи тандурустӣ гузаронида мешаванд:

- экспертизаи сифати хизматрасониҳои тиббӣ;
- экспертизаи корношоямии муваққатӣ, тӯлонӣ ё доимӣ;
- экспертизаи коршоямии касбӣ ва экспертизаи алоқамандии беморӣ бо касбият;
- экспертизаи тиббию иҷтимоӣ;
- экспертизаи ҳарбии тиббӣ;
- экспертизаи судию тиббӣ, судию рӯҳӣ ва судию наркологӣ;
- экспертизаи санитарию эпидемиологӣ;
- экспертизаи маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ;
- экспертизаи илмии тиббӣ.

Экспертиза дар соҳаи тандурустӣ бо тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Экспертизаи сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо мешаванд. Барои гузаронидани экспертизаи дохилӣ дар ташкилоти тандурустӣ Комиссия оид ба сифат ва бехатарии кумаки тиббӣ таъсис дода мешавад. Сохтор ва ҳайати Комиссия бо назардошти ҳаҷми хизматрасониҳое, ки пешниҳод карда мешавад, аз ҷониби роҳбарияти ташкилот тасдиқ карда мешавад. Аз ҷониби Комиссия оид ба сифат ва бехатарии кумаки тиббӣ, таҳлили ҷории ташкили кумаки тиббӣ, фаъолияти клиникии ташкилоти тандурустӣ, ошкорсозии омилҳои вайронкунии тартиби хизматрасонии тиббӣ ва стандартҳо, инчунин баррасии муроҷиати табобатгирандагоне, ки табобат мегиранд, дар давоми 5 рӯз баррасӣ ва аз натиҷаи он ба роҳбарияти ташкилоти тандурустӣ оид ба бартарафсозии сабабҳо ва шароитҳои пастшавии сифати хизматрасониҳои тиббӣ, таклиф пешниҳод карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи корҳои илмии тиббию фарматсевтӣ, барномаҳои мақсадноки илмии тиббии ҷумҳуриявӣ, натиҷаи барномаҳои илмии тиббии анҷомёфта, китобҳои илмию таълимии тахассусии тиббию фарматсевтӣ аз экспертизаи илмии тиббӣ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва мақомоти дахлдори давлатӣ гузаронида мешавад. Ҳуҷҷатҳо дар бораи натиҷаи ташреҳ дар шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ омода гардида, ба мақомоти дахлдор супорида мешаванд. Бо талаби ҳамсар, хешовандони наздики фавтида ё намояндаи қонунии онҳо ташреҳ аз тарафи коршиноси мустақил гузаронида мешавад. Тартиби ташреҳи патологии анатомӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муқаррар карда мешавад.

АДАБИЁТ:

1. Воробьева Л.В. Медицинское право: краткий курс лекций. - М., Феникс, 2014. 173 с.
2. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, № 1413.
3. **Қонуни конституцсионӣ “Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 12.05.2001.**
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» аз 26 ноябри соли 2018, № 1553/

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 2 августи соли 2011, №751
6. Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014 №148.
7. https://ru.wikipedia.org/wiki/

ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТИБ

Дар мақолаи мазкур оиди танзими даавлатии соҳаи тиб, низоми мақомоти давлатӣ дар соҳаи тиб, фаъолияти тиббӣ, экспертизаи тиббӣ, салоҳияти мақомоти давлатӣ, идоракунии соҳаи тиб, аттестатсияи кормандони соҳаи тиб, иҷозатномадиҳии фаъолияти тиббӣ ва фарматсевтӣ, фаъолияти хусусии тиббӣ, нигоҳдорӣ ва рушди ташкилотҳои тандурустии давлатӣ, амалӣ намудани чорабиниҳои пешгирӣ аз беморихо, зиддиэпидемикӣ, ташхису табобат, ҷорӣ намудани барномаҳои мақсадноки тандурустӣ, рушди заминаи моддию техникии низоми давлатии тандурустӣ, тайёр намудан ва баланд бардоштани ихтисоси кадрҳои амалиявӣ ва илмию педагогии соҳаи тандурустии давлатӣ, рушди илм ва таҳсилоти тиббӣ, пешгирӣ ва аз байн бурдани эпидемияҳо, беморихои сироятӣ ва дигар беморихои оммавӣ, дигар мақсадҳое, ки аз хароҷоти низоми давлатии тандурустӣ вобастагӣ доранд, фаъолият оид ба хизматрасонии техникии техникаи тиббӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва молиявии суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббии шаҳрвандон сухан меравад.

Калидвожаҳо: танзими давлатӣ, донор, фарматсевтӣ, санитарӣ, эпидемиология, тиббӣ халқӣ, иҷозатдиҳӣ, кӯмаки тиббӣ, репродуктивӣ

ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ МЕДИЦИНЫ

В статье рассматриваются государственное регулирование медицины, система государственных органов в области медицины, медицинская деятельность, медицинское освидетельствование, компетенция государственных органов, управление медицинской сферой, аттестация медицинских работников, лицензирование медицинской и фармацевтической деятельности, частная медицинская деятельность, поддержание и развитие организаций здравоохранения. состояние, реализация мероприятий по профилактике заболеваний, противоэпидемической борьбе, диагностике и лечению, внедрение целевых программ здравоохранения, развитие материально-технической базы государственной системы здравоохранения, подготовка и переподготовка практических и научно-педагогические кадры общественного здравоохранения, развития медицинской науки и образования, профилактики и искоренения эпидемий, инфекционных и других массовых заболеваний, других целей, связанных с расходами государственной системы здравоохранения, обслуживания медицинского оборудования, юридических, социальных, организационно-финансовые основы обязательного и добровольного медицинского страхования граждан.

Ключевые слова: государственное регулирование, донор, фармацевтов, санитарный, эпидемиология, народная медицина, разрешение, медицинская помощь, репродуктивный.

THE CONCEPT AND SYSTEM OF MEDICAL LAW

This article deals with state regulation of medicine, system of state bodies in the field of medicine, medical activity, medical examination, competence of state bodies, management of medical sphere, certification of medical workers, licensing of medical and pharmaceutical activity, private medical activity, maintenance and development of health organizations. state, implementation of measures to prevent diseases, anti-epidemic, diagnosis and treatment, introduction of targeted health programs, development of material and technical base of the state health system, training and retraining of practical and scientific-pedagogical staff of public health, development of medical science and education, prevention and the eradication of epidemics, infectious and other mass diseases, other purposes that depend on the costs of the state health system, activities on the maintenance of medical equipment, the legal, social, organizational and financial basis of compulsory and voluntary health insurance of citizens.

Keywords: state regulation, donor, pharmacists,sanitari, epidemiology, folk medicine, permission, medical assistance, reproductaive.

Сведения об авторе: ***Наимов Садам Рустамхонович***-магистрант 2-ого курса очного отделения юридического факультета Таджикский национальный университет 735000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дарвоз 18 тел: 908 82 0123.

Information about the author: ***Naimov Sadam Rustamkhonovich*** **-** a 2-nd year magister full time education of Law faculty of the TNU 735000c. Dushanbe, st. Darvoz 18 tel: 908 82 0123

ТАМОЮЛИ ИНКИШОФИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Неъматова Ҷ.Ҳ.
Донишгохи миллии Точикистон

Баҳри пайдо намудани маълумоти дақиқ оид ба соҳаи сайёҳӣ таърихи онро таҳлил намудан лозим аст. Дар аввали ташаккули ҷомеаи инсонӣ сайёҳат ҳамчун зарурат барои зиндагонӣ ба шумор мерафт. Одамон мунтазам аз як ҷой ба ҷойи дигар барои ҷӯстуҷӯи

хӯрока ва ё таъмини бехатарии худ ҳаракат мекарданд. Баъдтар ҳангоми саворӣ шудани инсон сайёҳат дар ҳаёти инсон маънои дигарро пайдо намуд. Мақсади ин ҷаҳонгардиҳо шиносоӣ ва мубодилаи моли як минтақа бо минтақаи дигар ба ҳисоб мерафт. Ба ҷаҳонгардӣ одатан хислати таълимӣ, варзишӣ ва динӣ хос буд. Ин дар асари безаволи «Сафарнома» -и Носири Хусрави Қубодиёнӣ равшан таҷассум ёфтааст. Хусусияти хоси ҷаҳонгардии давраи қадим он буд, ки сайёҳат мақсади асосӣ набуда, воситаи ноил шудан ба ҳадафҳои дигар низ буд, ба монанди тиҷорат, омӯзиш ва васеъ кардани маърифат, табобат ва ғ. Нақши муҳимро дар инкишофи сайёҳӣ рушди воситаи нақлиёт бозидааст, ки шароити хуб ва суръати тези ҳаракат, боиси пастшавии хароҷоти сайёҳат гардидааст. Аз замони қадим тамошои дастовардҳо ва мероси таърихию фарҳангӣ мақсаду маромии асосии сайёҳати ҷаҳонгардон буд. Тоҷикистон дорои дастовардҳои ҷолиби муосири сайёҳи аст, чунки мероси фарҳангию таърихи ғанӣ, ҳудуди ҷуғрофии мусоид, гуногунии ландшафтҳои табиӣ, минтақаҳои рекратсионӣ, флора ва фаунаи хубро доро аст.

Таърихи халқи тоҷик аз замони ҷомеаи инсонӣ оғоз ёфтааст. Бозёфтҳои қадимаи дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ёфтшуда исботи ин гуфтаҳо мебошанд. Ёфтани аввалин муҷассамаҳои асри санг дар соли 1956 ҳайратовар ва хеле ҷолиб буд. Дар ҳудуди мамлакат зиёда аз 60 нуқтаи бозёфтҳои олоти сангин дарёфт ва ба қайд гирифта шудаанд. Дар бойгонӣ зиёда аз 4200 метр аз баҳр дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳсор зиёда аз 10 ҳазор олотҳои сангин ёфта шуда, нигоҳ дошта мешаванд. Синни муҷассамаҳои ёфташуда ба асри 8-5 ҳазорсолаи пеш аз солшумории милодӣ рост меоянд. То имрӯз зиёда аз 10 ҳазор расмҳои дар санг ҳакокишуда аз ҷониби бостоншиносон ёфта шудааст. Кӯҳҳо ва водиҳои Тоҷикистон, халқи дар ҳудуди он истиқоматкунанда дар сарчашмаҳои қадимаи муаллифон Плиния ва Птолемей қайд гардидаанд. Дар аввалҳои асри XIX омилҳои шинохти миллии халқи тоҷик, давлати тоҷикон ба вуҷуд омад, ки давлати Сомониён бо пойтахташ шаҳри Бухоро ва асосгузораш Исмоили Сомонӣ аз авлоди Сомониён мебошад. Дар фарқият аз нақши умумитаърихӣ ба вуҷудоӣ ва инкишофёбии қонунгузории сайёҳӣ ва таърихии он ба танзими ҳуқуқӣ вобаста аст. Чуноне ки маълум аст, танзими ҳуқуқӣ доимо бо истифода аз воситаи муайяни ҳуқуқӣ ҳамчун олоти танзими ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад[1]. Ин воситаҳо бо инкишофёбӣ ва мукаммалгардии тағйиротҳои муайян бармехӯранд.

Бавуҷудоӣ ва инкишофёбии қонунгузорӣ дар бахши сайёҳии Тоҷикистон дар фарқият аз фаъолияти умумии қонунгузории Тоҷикистон аз нигоҳи таърихию ҳуқуқӣ вобаста ба қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба ақидаи мо аз асри IX оғоз мегардад. Исботи он мавҷудияти низоми хоси идоракунии давлатӣ дар давлати Сомониён мебошад. Хусусияти хоси инкишофи давлатдорӣ дар аҳди Сомониён дар он ифода меёбад, ки Сомониён таҷрибаи давлатдории салтанатҳои наву қадимаи форсҳоро баъзан аз нав зинда намуда, аз институтҳои нави сиёси-динӣ истифода карда, давлати тозаю мустақилеро таъсис доданд, ки аз имрӯзу дирӯзи таҷрибаи пешқадам истифода менамуд. Ҳокимияти давлатӣ дар зинаи олӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешуд: 1) Ҳокимияти дарборӣ 2) Девонсолорӣ[2]. Бояд таъкид намуд ки идоракунии давлатӣ бе танзими ҳуқуқӣ ҷой дошта наметавонад.

Сарчашмаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷаъмиятӣ аз ҷумла муносибатҳо дар бахши сайёҳӣ дар аҳди давлати Сомониён ба се гурӯҳ ҷудо карда мешуд:

1. Сарчашмаҳои якуминдараҷаи ҳуқуқӣ: Қуръон, суннат (маҷмӯъи ҳадисҳо).
2. Сарчашмаҳои дуюминдараҷа, ки аз усулҳои фиқҳии эҷоди ҳуқуқӣ ибтидо мегиранд: Иҷмаъ, иҷтиҳод, фатво ва қиёс.
3. Сарчашмаҳои сеюмдараҷа: ба ин гурӯҳ шомил мешаванд, ҳуқуқи позитивии соҳибони фармон ва ҳуқуқҳои одатии халқияту қавмҳои гуногун.

Ба воситаи сарчашмаҳои ҳуқуқии мазкур муносибатҳо дар бахши сайёҳӣ танзим гардида, дар ин самт девони мӯҳтасиб сиёсати давлатиро дар давлати Сомониён ба амал мебаровард.

Дар ин давра тоҷикон ба сандуқи маънавии ҷомеа саҳми худро гузошта, ба ҷаҳон олимон, файласуфон, адабиётшиносон, шоироне, ки заҳмати онҳо дар давлатҳои дунё заминаи олӣ ва фарҳангӣ гузоштааст боқӣ монданд. Мисоли ин асосгузори адабиёти класикии форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рудакӣ, “Шоҳномаи” - и безаволи Абулқосими

Фирдавсӣ ва асосгузори илми тиб Абуалӣ ибни Сино мебошанд. Олимон Ал-Хоразмӣ, Ал-Форобӣ, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Ҷалолудини Балхӣ, Шайх Саъдӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, устодони санъат Борбади Марвазӣ Монӣ, Камолиддини Беҳзод берун аз ҳудуди давлати худ маълуму машҳур буданд.

Мавҷудияти муносибатҳои сайёҳиро дар давлати Сомониён бо мисолҳои зерин исбот намудан мункин аст:

1) Боре, Наср ибни Аҳмад ба Ҳирот ба сайёҳат рафт. Бо сабаби хубии обу ҳаво ва зебоии табиат он ҷо монд, пойтахти худ шаҳри Бухороро гӯё аз ёд баровард. Вазирону сарлашкарони ӯ, ки муштоқи ёру диёр ва пазмони аёлу фарзандон буданд, майли Бухоро доштанд. Азбаски замони осоишта буд, амир аз сайёҳат даст намекашид. Саркардаҳо хоҳиши худро ба амир маъқул карда наметавонистанд. Онҳо аз устод Рӯдакӣ мадад ҷустанд, ки чораҷӯй кунад. Рӯдакӣ ба доди онҳо расид. Вай дар васфи Бухоро қасидаи «Боди ҷӯи Мӯлиён» -ро навишта, бо самимият, ташбеҳу муболиға шеъри гӯшнавозе эҷод кард[3].

2) Абулқосими Фирдавсӣ дар синни 35 солагӣ барои навиштани «Шоҳнома» ба ҷаҳонгардӣ ба шаҳри Бухоро ва чойҳои дигар баромад[4].

3) Ногуфта намонад, ки Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ низ 30 соли ҳаёташро дар ҷаҳонгардӣ гузаронидааст. Замоне, киистилогарони муғул зада даромаданд, мавсуф маҷбур шуд, ки ба мақсади халосии ҷон тарки ватан карда, ба ҷаҳонгардӣ машғул шавад. Шайх Саъдӣ ба Ҳиндустон сафар карда аст, дар он ҷо барои халосии ҷонаш маҷбуран дини оташпарастонро қабул намуда буд. Бо як азобу уқубат аз он ҷо халоси ёфта мегурезад. Ҳамчунин, шаҳри Маккаро пои пиёда 14 маротиба зиёрат намудааст. Бинобар дар сатҳи олӣ донистани забони арабӣ ӯ дар шаҳри Димишқ воъизӣ намудааст. Баъдан ба биёбони шаҳри Иерусалим низ меравад ва дар он ҷо ӯро Салибдорон асир гирифта, барои меҳнати маҷбурӣ ба Триполи мебаранд. Саъдиро яке аз дороёни он макон бо нархи 10 танга харида духтари зишти худро ба у ба занӣ медиҳад. Ба умеди халосӣ аз ин духтар Шайх Саъдӣ ба Африқои шимолӣ мегурезад. Қобили зикр аст, ки Шайх Саъдӣ тамоми ҳудуди Осиёи сағирро низ тамошо намуда баромадааст[5]. Тибқи дигар адабиётҳо Шайх Саъдӣ як қисми Аврупоро низ ба монанди Андалусия (Испания), Булғория ва ғайраро зиёрат мекунад.

Дар мисолҳои овардашуда намуди сайёҳии солимгардонӣ ва маърифатию шиносоӣ ба чашм мерасад. Баъд аз байн рафтани давлати Сомониён дар давлати Қарахониён, Хоразмшоҳиён, Салҷуқиён, Ғӯриён, Темуриён ва ғайра танзими ҳуқуқӣ бо назардошти каме тағйиру иловаҳо ҳамоно боқи монд. То Инқилоби октябри соли 1917 дар Тоҷикистони пешазинқилобӣ қонунгузорӣ дар бахши сайёҳӣ ба маънои томаш вуҷуд надошт. Барои муносибатҳои сайёҳӣ дар ҳама самтҳо номунтазамӣ ҷой дошт. Ҳама қонунҳои империяи Россия, ки дар ҳудуди Генерал-губернаторӣ аз ҷумла шимоли Тоҷикистони тоинқилобӣ паҳн мегашт, метавонем ба 3 гурӯҳ ҷудо намоем: умумиимпериявӣ, махсус ва маҳаллӣ, он санадҳои ҳуқуқӣ (фармону амрҳо)–и Генерал-губернаторӣ ва губернаторӣ ҳарбӣ ва вилоятҳои ҳудудии он аст. Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистони тоинқилобӣ муносибатҳои ҳуқуқи сайёҳи дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи мусалмони ва одатҳои ҳуқуқи танзим карда мешуданд.

Оғози танзими ҳуқуқии сайёҳӣ дар Тоҷикистон ва умумии ИҶШС бо Декрети Ленини «Дар бораи бардоштани муҷасамахои бахшида ба шоҳон ва хизматгорони онҳо ва коркарди муҷасамаҳои инқилоби сотсиалистии Россия» аз 12 апрели соли 1918 мебошад. Воқеан, аз ин лаҳза тақсимоти сайёҳӣ ба дохилӣ ва ҳориҷӣ оғоз шуд. Роҳбарӣ ба сайёҳии берунӣ ба Кумитаи давлатии туризми хориҷӣ (Госкоминтуризм) дода шуд. Дар соли 1936 рохбари ба сайёҳии дохилӣ ба иттифоқи касаба дар шахси ВЦСПС вогузор гардид, ки дар сохтори он Раёсати марказии туристию экскурсиони бо шӯъбаҳояш дар ҷумҳуриҳо ва шаҳрҳои кишвар ташкил гардид. Дар соли 1969 ин раёсат бо Шӯрои маркази оид ба туризм ва экскурсияҳо табдил дода шуд [6].

Дар ин марҳила сайёҳӣ эътирофи конституцсионӣ гирифт (моддаи 41 Конституцсияи ИҶШС). Аммо инкишофи минбаъдаи қонунгузорӣ, аз ҷумла дар Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумхуриҳои иттифоқ ва дар Кодексҳои граждании ҷумхуриҳои иттифоқ танзими ҳуқуқии соҳаи мазкур сатҳи муайянро ноил нагашт. Ин нуқсон боиси

инкишофи ҳуқуқэчодкунии ведомствени гардид. Дар танзими ҳуқуқӣ сайёҳӣ ҷойи асосиро санадҳои меъёри тасдиқнамудаи Шӯрои марказӣ оид ба туризм ва экскурсияҳо ва китоботи ВЦСПС ишғол менамуд[7]. Ҳамин тариқ, метавонем гуфт, ки дар ин марҳила ба танзими ҳуқуқии сайёҳӣ кам аҳамият дода мешуд. Қонуни алоҳида дар бораи сайёҳи, шакли намунавии роҳхати сайёҳӣ, мавҷуд набуд. Сайёҳӣ дар ин марҳила ба фаъолияти иттифоқи касаба вобаста буда, дорои самти идеологӣ буд. Оид ба фурӯши маҳсулоти сайёҳи ИҶШС ва Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи он ҷойи 20-умро дар байни 24 давлатҳои Аврупо – аъзоёни Ташкилоти байналмилалии сайёҳи ишғол менамуд. Сайёҳи дар ин марҳила ҳамчун қисмати таркибии фарҳанг барраси шуда, ба воситаи қонунгузорӣ дар бораи фарҳанг ва маориф танзим мешуд.

Барои марҳилаи дуюми инкишофи қонунгузории сайёҳии Тоҷикистон чунин омилҳо хос буданд:

1) Коркарди асосҳои назариявии ақидаҳо оид ба проблемаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои хизматрасонӣ, ки имрӯз моҳияти заминавӣ дар сивилистикаи Тоҷикистон доранд.

2) Базаи васеъи меъёриву ҳуқуқии ведомствени, яъне набудани танзими қонунгузорӣ (ба маънои маҳдуд) иҷрокунандаи функсияи танзимӣ ва ҳифзнамоӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

3) Нишондодхои умумӣ- ҳуқуқӣ дар танзими ҳуқуқи сайёҳӣ нисбат ба нишондодҳои диспозитивӣ (хусусӣ-ҳуқуқӣ).

4) Марказонидани фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар дасти корхонаҳои давлатӣ ва иттифоқҳои касаба.

5) Танзими ҳуқуқӣ асосан бо банизомдарории муносибатҳои ҷамъиятии сайёҳии дохилӣ равона гардид.

Марҳилаи сеюми инкишофи соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1990-2010-ро фаро мегирад, ки ба ду давра тақсим карда мешаванд: а) марҳилаи аввал - *солҳои 1990-1998*; б) марҳилаи дуюм – *солҳои 1999-2010*

а) *марҳилаи аввал - солҳои 1990-1998***.** Дар ин давра ивазнамоии танзими ҳуқуқии ведомствени ба санадҳои ҳуқуқии қувваи олӣ оғоз гардид. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1990 сар шуда яку якбора ифодаёбии ҳолати манфӣ ба вуҷуд омад. Ин ҳолат дар он ифода меёбад, ки дар шароити нав маблағи хизматрасонӣ бинобар аз байн рафтани дотатсияи давлати боло рафт, корхонаҳои хоҷагии халқ аз кор монданд ва ё фоида ба даст намеоварданд, талабот паст шуд ва худи шаҳрвандон барои истироҳат маблаг надоштанд.

Дар баробари чунин нуқсонҳо дар ин давра ҳолатҳои мусбӣ дар самти қонунгузорӣ ҷой дошт. Масалан, солҳои 1990-1998 чунин санадҳои меъёриву ҳуқуқи танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба хифзи ҳуқуқии истеъмолкунандагон ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии сайёҳӣ қабул гардид.

1) Қарори Шӯрои вазирони Тоҷикистони ЧШС, Кумитаи давлатии ИҶШС оид ба туризми хориҷӣ аз 1 марти соли 1990, №38 «Дар бораи бозсозии ташкили-иқтисодии туризми хориҷӣ дар Тоҷикистони ҶШС». Мутобиқи муқаррароти ин қарор ба мақсади истифодаи максималии потенсиали сайёҳии Тоҷикистон, беҳтарнамоии ташкили кор оид ба шинос намудани сайёҳон бо дастовардҳои ҷумҳурӣ, фарҳангӣ ва санъати миллӣ, таъмини принсипи ҳисоббаробаркунии хоҷагӣ ва худмаблаггузории корхона ва ташкилотҳои сайёҳии хориҷӣ, зиёдшавии воридоти асъори Шӯрои вазирони Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии ИҶШС оид ба туризми хориҷӣ қарор кард, ки шӯъбаи Кумитаи давлатии ИҶШС оид ба туризми хориҷӣ дар шаҳри Душанбе ба Иттиҳоди тоҷик оид ба туризми хориҷии «Таджикинтур» табдил дода шавад.

2) Ба мақсади мутаммарказонидани фаъолияти ташкилотҳо дар соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ мутобиқи Қарори Шӯрои вазирони Тоҷикистони ҶШС аз 20 ноябри соли 1990, №255 «Дар бораи таъсиси Ассотсиатсияи туризми Тоҷикистон» Ассотсиатсияи туризми Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки он шахси ҳуқуқӣ буда, дар асоси оиннома ва дар доираи ваколатҳои аз ҷониби корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва кооперативҳои ба Ассотсиатсия дохилшуда, ба ӯ додашуда фаъолият менамуд.

3) Мутобиқи Қарори Шӯрои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 1994, №70 «Дар бораи тартиби додани ҳуқуқ ба субъектҳои хоҷагидор барои машғул шудан ба туризми хориҷӣ ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои воридотӣ-содиротӣ» Низомнома оиди

тартиби додани ҳуқуқ ба субъектҳои хоҷагидор барои машғул шудан ба туризми хоричӣ ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои воридотӣ-содиротӣ тасдиқ гардид ва инчунин муқаррар шуд, ки субъектҳои хоҷагидор новобаста аз шакли моликият фаъолиятро дар соҳаи сайёҳии хоричи дар асоси Низомномаи мазкур ба амал мебароранд.

Хусусиятҳои хоси ин давра чунин мебошанд:

- дар ин давра қонунгузорӣ оид ба сертификатсияи хизмат дар соҳаи сайёҳӣ инкишоф ёфта, санадҳои меъёриву ҳуқуқии мавҷуда дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон беэътибор шуда, санадҳои нав қабул гардидаанд (09.12.соли 2004.). Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор «Дар бораи масъалаҳои дастгирии давлатии рушди туризми экологӣ, кӯҳию варзишӣ ва қӯҳнавардӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд (04.03.соли 2005.) ва ғайра;

- бартарияти бемуҳоботи Қонун нисбат ба дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои сайёҳӣ ва эътирофи зарурати мувофиқати меъёрҳои ҳуқуқи граждани, ки дар дигар қонунҳо мавчуд буда ба меъёрҳои Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (б.1м.2 КГ ҶТ);

- ба вуҷудоии омили мутобиқсозии қонунгузории граждании Тоҷикистон ба мақсади мувофиқати он ба талаботи санадҳои меъёриву хуқуқии байналмилалии танзимкунандаи фаъолияти сайёҳӣ.

Барои инкишоф додани қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи сайёҳӣ дар ин давра аз ҷониби Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон Консепсияи рушди соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 ва Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

АДАБИЁТ

1. Алексеев С.С. Право: опыт комплексеного исследования. М., 1999. С.583.
2. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва хуқуқи Точикистон (аз давраи пайдоиш то интихои асри XIX). Қисми 1. Душанбе: Матбуот, 2002. С.141-142.
3. Афсахзод Аълохон. Адабиёти точик. Китоби дарси барои синфи 8. Соли 2001. С. 44.
4. Гафуров Б.Г. Таджики. кн. II. Душанбе: Ирфон, 1989. С.99.
5. https//ru.m.wikipedia.org Саади.
6. Сирик Н.В. Договор оказания туристских услуг в гражданском праве России: Дис… канд. юрид. наук. М., 2001. С. 36-37.
7. Лебедев В.М. Договор обслуживания на туристских базах профзаюзов СССР: Дис… канд. юрид. наук. Свердловск, 1990. С.5.

ТАМОЮЛИ ИНКИШОФИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур оиди мафҳум, хусусият, таъинот ва тамоюлҳои инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои ҳар як марҳилаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарчашмаҳои танзимкунандаи муносибатҳои сайёҳӣ дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ, сарчашмаҳои танзимкунандаи муносибатҳои сайёҳӣ дар даврони зардуштӣ, низоми ҳуққии мусулмонӣ, низоми ҳуқуқии шуравӣ ва замони истиқлолият, марҳилаҳои рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистони таърихӣ ва муосир, сиёсати давлатии сайёҳӣ, барномаҳои давлатии дар ин самт қабулшуда ва дастгирии давлатии соҳаи сайёҳӣ, шароит ва омилҳои заминагузорандаи соҳаи сайёҳӣ, баинобатгирии вазъи ҷуғрофӣ, ташкили инфрасохтори ҷавобгӯ ба талаботи бозори хизматрасонии сайёҳӣ, намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ дар бахши сайёҳӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии давраҳои ташаккули соҳаи сайёҳӣ дар замони давлатдории халқи тоҷик, дурнамои минбаъдаи рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон, таҳлили доктринаи алоҳидаи илмӣ дар ин самт, пешниҳодҳо ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид дар соҳаи сайёҳӣ сухан меравад.

Калидвожаҳо: сайёҳӣ, туризм, солимгардонӣ, фаъолияти соҳибкорӣ қонунгузорӣ, барномаҳои давлатӣ, сисёсати давлатии сайёҳӣ.

ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматриваются понятие, сущность, цель и тенденции развития туризма в Республики Таджикистан, особенности каждого этапа развития туризма в Республики Таджикистан, источники, регулирующие туризм в определенные исторические периоды, источники, этапы развития туризма в историческом и современном Таджикистане, государственная туристическая политика, принятые в этой сфере государственные программы и государственная поддержка туризма, условия и факторы, способствующие развитию туризма, с учетом географического положения, организация туристической инфраструктуры, отдельные виды услуг в сфере туризма, сравнительно-правовой анализ этапов развития туризма в период таджикского народа, перспективы дальнейшего развития туризма в Таджикистане, анализ отдельных научных доктрин в этой области и предложения по созданию выгодных условий на местах.

Ключевые слова: туризм, выздоровление, предпринимательская деятельность, законодательный, государственные программы и государственная туристическая политика

TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF TOURISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses the concept, nature, purpose and trends in the development of tourism in the Republic of Tajikistan, the characteristics of each stage of tourism development in the Republic of Tajikistan, Soviet law and the period of independence, stages of tourism development in historical and modern Tajikistan, state tourism policy, state programs adopted in this area and state support of tourism, conditions and factors contributing to tourism, taking into account the geographical location, organization of tourism infrastructure , separate types of services in the field of tourism, comparative legal analysis of the stages of development of tourism in the Tajik statehood, further prospects for tourism development in Tajikistan, analysis of separate scientific doctrines in this area, proposals for creating favorable conditions in tourism.

Keywords: tourism, healing, entrepreneurial activity, the legislature, government programs and state tourism policy.

Сведения об авторе: ***Неъматова Джонона Хакимовна*** -магистрант 2-ого курса очного отделения юридического факультета Таджикский национальный университет 735000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дарвоз 18 тел: **908 82 0123**.

Information about the author: ***Nematova Jonona Hakimovna*** **-** a 2-nd year magister full time education of Law faculty of the TNU 735000c. Dushanbe, st. Darvoz 18 тel: **908 82 0123**

ТАҲЛИЛИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ СОХТАКОРИИ ПУЛ ВА ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ

Мамадзамирова Н.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз механизмҳои ҳифзи фаъолияти иқтисодӣ дар замони муосир - ин муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовузҳои ҷинояткорона ба муносибатҳои иқтисодӣ ба шумор меравад. Бо қабул шудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 ва муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, амалишавии фаъолияти қонунии иқтисодӣ кафолат дода шуд. [1;10]

Қонунгузорӣ нисбати ҷиноятҳои сохтакории пул ва қоғазҳои қимматноки қалбакӣ ҳамеша сахт буд. Дар аввал, ин ҷиноят аз ҷониби шахсони алоҳида барои ба даст даровардани фоида содир карда мешуд, ки ба корҳои байналмилалӣ иртибот надошт. Имрӯзҳо ин ҷиноят хусусияти байналмиллалӣ дорад, ки на танҳо ба як давлати мушаххас, балки ба иқтисодиёти ҷомеаи ҷаҳонӣ низ зарар мерасонад. Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам содирот ва ҳам воридоти пулҳои қалбакӣ (сохтакорӣ) ва коғазҳои қиматнок ҷиноят эътироф мегардад. Тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтакории на танҳо пул ва дигар қоғазҳои қиматноки қалбакии дохилӣ, балки инчунин хориҷӣ низ ҷазо дода мешаванд. Ҳамин тариқ, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои ҳам дохилӣ ва ҳам байнидавлатиро ба назар мегирад, ки ба таҳкими ҳамкориҳои байни давлатҳо мусоидат менамояд.

Сохтакории пулҳои коғазӣ ё коғазҳои қиматнок нишонаи хатари ҷамъиятӣ мебошанд, яъне. моликияти расонидани зарари калон ба муносибатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда.. Ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, сохтакории пулҳо ё коғазҳои қиматнок ба ҷомеа, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки объекти ҷиноят эътироф мешаванд, зарар мерасонад, яъне. ин ҷиноят пеш аз ҳама барои расонидани зарар ба муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Сохтакорӣ ҳамчун амали ҷиноятӣ дар фасли 11 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» ҷойгир карда шудааст. Ҳамин тариқ, тибқи моддаҳои 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки милии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қимматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё қоғазҳои қимматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол ҷазо бо мусодираи молу мулк ҷазо дода дода мешавад. [2; 84]

Тибқи қисми 2 моддаи мазкур агар ҳамин кирдорҳо:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) ба миқдори калон;

в) такроран содир шавад; - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

Амалҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудаанд - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз дувоздаҳ то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад. Мутобиқи моддаи 157 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қоғази қиматнок ҳуҷҷате мебошад, ки бо риояи шакли муқарраргардида ва реквизитҳои ҳатмӣ ҳуқуқи амволиеро тасдиқ менамояд, ки татбиқ ё гузашт кардани онҳо танҳо дар сурати нишон додани он имконпазир аст. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати кушоди коғазҳои қиматнокро муқаррар мекунад. Ба коғазҳои қиматнок инҳо дохил мешаванд: вомбаргҳои давлатӣ, вомбаргҳо, векселҳо, сертификатҳои чекӣ, амонатӣ, дафтарчаи пасандоздор, коносамент, саҳмияҳо, коғазҳои қиматноки хусусигардонӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки қонунҳо дар бораи коғазҳои қиматнок ё бо тартиби муқарраркардаи онҳо ба ҷумлаи қоғазҳои қиматнок мансуб дониста шудаанд. Истеҳсоли пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок ин ҳам сохтакории қисмии онҳо ва ҳам истеҳсоли пурраи пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ мебошад, ки шабоҳати онҳоро бо пулҳои аслӣ ё коғазҳои қиматнок дар шакл, ранг ва параметрҳои дигар таъмин мекунанд. Истеҳсоли пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок, новобаста аз ҳадафи истифодаи он, агар ҳадди ақал як пул ё коғази қиматнок тайёр шуда бошад, ҷиноятӣ тамомшуда ба ҳисоб меравад. Фурӯши пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок ҳам аз истифодаи мустақими пулҳои қалбакӣ барои ҳама гуна амалиёти ҳисоббаробаркунӣ ва ҳам мустақиман амалӣ намудани ҳуқуқҳои амволи тасдиқшудаи коғазӣ ва инчунин интиқоли онҳо ба ягон шахс ба ивази ягон чиз ё ройгон иборат аст.

Барои гузаронидани таҳлили ҳуқуқии истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши пулҳои қалбакӣ ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ, бояд аломатҳои умумии таркиби ҷиноятро ошкор кард. Айни ҳол дар қонунгузории ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон чор аломати таркиби ҷиноят муқарар карда шуда, татбиқ мегарданд. Инҳо объекти ҷиноят, тарафи объективӣ, субъект, тарафи субъективӣ мебошанд. Ба ҷамъият хавфнокии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар вайрон намудани устувории низоми пулии кишвар мушкил намудани идоракунии он асосан зоҳир мегардад. Вобаста ба ин, объекти ҷиноятӣ мазкурро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил мекунанд, ки барои таъмини устувории низоми пулии кишвар, идоракунии он ва дар монополияи давлат қарор доштани нашри воҳиди муомилот дар кишвар равона карда шудааст. Вобаста ба ин, предмети ҷиноятро бошад, билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ ташкил мекунанд.

Мутобиқи моддаи 64 Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллӣ» аз 28 июни соли 2011 пули миллии (пулҳои қоғазӣ ва тангаҳо) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон баровардашуда ва дар гардиш қарор дошта воситаи ягона ва истисноии пардохти ҳар гуна ӯҳдадориҳои пулӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо буда, қабули он бо арзиши номиналиаш дар Тоҷикистон аз рӯи тамоми пардохтҳои пулӣ ҳатмӣ мебошад. Бонки миллии Тоҷикистон дорои ҳуқуқи истисноии эмиссияи (бароришӣ) пули коғазӣ (банкнота) ва танга ҳамчун воситаи қонунии пардохт дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мутобиқи моддаи 157 Кодекси граждани қоғази қиматнок ҳуҷҷате мебошад, ки бо риояи шакли муқарраргардида ва реквизитҳои ҳатмӣ ҳуқуқи молу мулкиеро тасдиқ менамояд, ки татбиқ ё гузашт кардани онҳо танҳо дар сурати нишон додани он имконпазир аст.

Ба коғазҳои қиматнок инҳо дохил мешаванд: вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, коносамент, саҳмия ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки мутобиқи санади қонунгузорӣ дар бораи коғазҳои қиматнок ё мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи онҳо ба ҷумлаи коғазҳои қиматнок мансуб дониста шудаанд. Вобаста ба ин, мутобиқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 4 ноябри соли 1995 қоғазҳои қиматнок бо асъори Тоҷикистон» –ин ҳуҷҷатҳои пардохтӣ (чекҳо, векселҳо, аккредитивҳо, супоришот ва ғайра), сарватҳои фондӣ (саҳмияҳо, вомбаргҳо) ва дигар ӯҳдадориҳои қарзе мебошанд, ки бо асъори Тоҷикистон ифода ёфтаанд. Ба асъори хориҷӣ дохил мешаванд:

а) аломатҳои пулӣ дар шакли билетҳои бонк, пули коғазӣ ва тангаҳо, ки дар муомилот қарор доранд ва воситаҳои қонунии пардохт дар давлати дахлдор мебошанд, инчунин аломатҳои пулӣ, ки аз муомилот гирифта шудаанд ё гирифта мешаванду вале қобили ивазкунӣ ҳастанд;

б) маблағҳое, ки дар ҳисобҳо дар шакли воҳидҳои пулии давлатҳои хориҷӣ ва воҳидҳои пулии байналхалқӣ ё воҳидҳои ҳисобу китоб қарор доранд.

Қоғазҳои қиматнок дар шакли асъори хориҷӣ бошад, ҳуҷҷатҳои пардохт (чекҳо, векселҳо, аккредитивҳо ва ғайра), сарватҳои фондӣ (саҳмияҳо, вомбаргҳо) ва дигар ӯҳдадориҳои қарзие мебошанд, ки дар шакли асъори хориҷӣ ифода ёфтаанд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, тарафи объективии ҷиноят чунин муайян карда шудааст:«Раванди таҷовузи ҷамъиятии хатарнок ба манфиатҳои қонунӣ, ҳимояшаванда ки нишонаҳои берунии ҷиноятро дар воқеият тавсиф мекунад. Тарафи объективии ҷиноят одатан нишонаҳои ҳатмӣ ва факулативиро доро мебошад.[3;95]

Олимони илми ҳуқуқ бар он ақидаанд, ки хусусияти ҳатмии ҳар як

ҷинояти содиршуда кирдори барои ҷамъият хавфнок дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ мебошад. Аломатҳои ҳатмии ҷинояти мавриди таҳлил қарордошта дар диспозитсияи моддаи 281 пешбинӣ гардидаанд.

Тарафи объективии ин ҷиноят бо ду кирдори алтернативӣ содир карда мешавад:

1. Тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ.

2. Ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ.

Тайёр намудани пул ё қоғази қиматнок ин пурра истеҳсол ё сохтани онҳоро мефаҳмонад. Қалбакӣ тайёр кардани пул ё қоғази қиматнок бошад, ин пурра ё қисман сохтакорӣ намудани онҳоро мефаҳмонад, ки барои бо пулҳо ва қоғазҳои қиматноки аслӣ аз рӯи шакл, ранг ва дигар махсусиятҳояшон монанд кардан равона карда шудааст. Масалан, бо роҳи часпондан ё кашидан, рақам ё сифри онро тағйир медиҳанд, силсилаи пул ё қоғази қиматнокро иваз мекунад.

Тайёр намудани пул ё қоғази қиматноки қалбакӣ агар ба мақсади ба муомилот баровардани он пешбинӣ нашуда бошад, таркиби моддаи 281 КҶ-ро ташкил намекунад. Баръакс, агар муқарар карда шавад, ки пул ё қоғази қиматнок бо мақсади ба муомилот баровардаанашон тайёр карда шудааст, новобаста аз миқдори (як ё сад дона) тайёр намудани онҳо, ҷиноят хотимаёфта дониста мешавад. Дар сурати сохтакории пурра, нусхаи комилан нави пул ё қоғази қиматнок таҳия карда мешавад. Дар сурати қисман сохтакорӣ кардан, ба пулҳои қоғазии қиматнок ё қоғазҳои қиматноки мавҷуда баъзе тағйиротҳо ворид карда мешаванд, ки метавонанд ба арзиши он таъсир расонанд. Зери мафҳуми тағйир додани пулҳо ин тағйир додани сол дар пули қоғазии аз муомилот баровардашуда, инчунин сохтакории рақам, серия ва дигар унсурҳои тарроҳии пулро тавре ба роҳ монад, ки намуди тағйиротҳо бо намуди реквизитҳои дахлдор ва унсурҳои ороиши аслӣ монанд бошад ва чунин пули қоғазӣ метавонад ба муомилот ҳамчун пули ҳақиқӣ бароварда шавад. Баъзе олимони соҳаи ҳуқуқ пешниҳод менамояд, ки сохтакории қисми пулҳои коғазӣ ё коғазҳои қиматнок бояд ҳамчун қаллобӣ эътироф карда шавад, зеро қоғази қисман тағйирёфта аз сабаби паст будани сифаташ ба таври васеъ паҳн карда намешавад ва фурӯши чунин пулҳо танҳо дар доираи маҳдуд имконпазир аст.

Ҳангоми муайян намудани ҷинояти дар моддаи 281 КҶ пешбинишуда дар кирдори шахс зарур аст, то муқарар карда шавад, ки пул ё қоғази қиматноки қалбакинамудани ӯ бо пул ё қоғази қиматноки аслии дар муомилотбуда, аз рӯи шакл, ҳаҷм, ранг ва дигар махсусиятҳояшон монандии наздик доранд ё не. Дар сурати ошкор намудани пул ё қоғази қиматноки дағал сохтакорикардашуда, ки қалбакӣ будани он дар муомилот ба зудӣ ошкор карда мешавад, инчунин дигар ҳолатҳои кор, ки аз қасди равонашудаи гунаҳгор барои фиреб додани доираи муайни шахсон равона шудааст, чунин кирдор чун қаллобӣ банду баст карда мешавад. Ба муомилот баровардани пул ё қоғази қиматноки қалбакӣ маънои

истифода бурдани онҳоро ба сифати воситаи пардохти молу хизматрасонӣ, иваз намудан, тӯҳфа, фурухтан ва дигар роҳҳои ба муомилот баровардaнро дорад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ кӯшиши муайян кардани якчанд роҳҳои ба муомилот ворид кардани пулҳои қалбакӣ муайян карда шудааст. Ба гурӯҳи аввал истифодаи пулҳои қалбакӣ ҳамчун воситаи пардохт дохил мешавад.

Гурӯҳи дуюм чунин усулҳоро дар бар мегирад: хайрия, фурӯш, мубодила ва ғайра. Ба гурӯҳи сеюм дидаю дониста ба соҳиби пул баргардонидани бо пулҳои қалбакӣ дохил мешавад. Гурӯҳи чорум амалҳои дигареро дар бар мегирад, ба монанди додани бақия ҳангоми пардохти мол ё хизматрасонӣ.

Дар баробари ин, на танҳо онҳое, ки пулҳои қалбакиро истеҳсол мекунанд ё мефурӯшанд, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, балки онҳое, ки соҳиби пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ гаштаанд ва дидаю дониста онро истифода бурда, ҳамчун пулҳои ҳақиқӣ ба муомилот мегузоштанд.

Инчунин, бояд қайд кард, ки шахсе, ки пулҳои қоғазӣ ё коғазҳои қиматнокро ҳамчун мол истеҳсол карда, дидаю дониста, ки онҳо ба муомилот хоҳанд рафт, фурӯхтааст инчунин тибқи ҳамин модда бандубаст карда мешавад. [4;110]

Дар баробари аломатҳои ҳатмии тарафи объективии ҷиноят, аломатҳои факултативӣ низ метавонанд нақши муҳим дошта бошанд. Ба аломатҳои факултативии ин ҷиноят дохил мешаванд: вақти содир намудани ҷиноят, макон тарз ва усули содир кардани ҷиноят.

Усули содир кардани ҷиноят дар адабиёти ҳуқуқӣ услуб, тартиб, пайдарпайии ҳаракатҳо ва усулҳои муайяни аз ҷониби шахси гунаҳкор дар ҷараёни татбиқи ҷиноят пешбинишударо ифода мекунад. Ю.В. Солопанов дарк мекунад, ки усули сохтани пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок ба банду басти ҷиноят таъсир нарасонида барои муайян кардани дараҷаи хавфнокӣ аҳамияти калони амалӣ дорад ва онро суд ҳангоми таъини ҷазо ба шахси гунаҳгор барои ин ҷиноят ба назар гирифта метавонад. [5;56]

Ҳамин тавр, масалан, дар ҳолате, ки шакли ҳуҷҷат ба тарзи оддӣ сохта шудааст (кашидан, аксбардорӣ, электрография), ошкор кардани сохтакорӣ душвор нест. Қайд карда мешавад, ки дар айни замон, ин усулҳои сохтакорӣ торафт камтар дучор меоянд, зеро онҳо хеле меҳнатталабанд ва сифати муносиб низ надоранд. Дар сохтакории пулҳои қалбкӣ ва қоғазҳои қимматнок навъҳои гуногуни таҷҳизоти репрографӣ бештар истифода бурда мешаванд, аз ҷумла, мошинҳои электрографӣ, нусхабардорӣ, принтерҳои лазерӣ. Қисми зиёди ҷиноятҳои марбут ба сохтакории пулҳо бо истифода аз таҷҳизоти нусхабардорӣ содир карда мешавад (бо ёрии он аз ҳар даҳ пули коғазӣ ҳар нӯҳ нусха сохта мешавад). Мавҷудияти чунин техника имкон медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ ба миқдори зиёд шумораи зиёди пулҳо истеҳсол карда шаванд. [6;83-84]

Аз ин рӯ, ба акидаи қисми зиёди олимон, усули сохтакории пул ё қоғази қиматнок бояд ба муайян кардани намуд ва андозаи ҷазо барои содир кардани ин ҷиноят таъсир расонад. Вақти содир кардани ҷиноят ҳамчун як давраи муайяне, дар муддати он ҷинояти мушаххас содир карда мешавад.

Аломати факултативии дигари тарафи объективии ҷинояти мавриди омӯзиш қарордошта, ин макони содир кардани ҷиноят мебошад. Р. Г. Камнев макони содир кардани ҷиноятро ҳамчун қаламрави мушаххасе муайян мекунад, ки дар он ҷиноят содир шудааст

Натиҷаҳои баррасии тарафи объективии ҷинояти сохтакории пулҳои коғазӣ ё коғазҳои қиматнокро ҷамъбаст намуда, чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1. Мувофиқи ақидаҳои муҳаққиқони ин соҳа, бандубасти ҷинояти мазкурз аз мавҷуд будан ё набудани пулҳои қалбакӣ дар муомилот вобастагӣ надорад.

2. Ҷиноят хотимаёфта ҳисобида мешавад, агар ақалан як пули қоғазӣ ё қоғази қимматнок тайёр карда шавад, сарфи назар аз он, ки шахс ба фурӯши ин пулҳои қалбакӣ муваффақ шудааст ё не.

Тарафи субъективӣ таркиби дохилии ҷиноят мебошад. Он муносибати равонии шахсро ба як амали аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноке, ки аз ҷониби ӯ содир шудааст, ифода мекунад, ки бо гуноҳ, ангеза, мақсад ва эҳсосот тавсиф карда мешавад. Ба ақидаи П.С. Дагел: "Тарафи субъективии ҷиноят мазмуни психологӣ мебошад, яъне огоҳии шахс дар

бораи моҳияти воқеӣ ва аҳамияти иҷтимоии кирдори содиршуда ё набудани чунин шуур, пешбинии оқибатҳои хавфнок, муносибати муайяни иродавӣ нисбати онҳо, ангезаҳое, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят субъектро ҳидоят мекарданд, ҳадафҳое, ки ӯ дар назди худ гузоштааст, эҳсосоте, ки ҳамзамон аз сар гузаронидааст ». [8;79-80]

Мафҳуми ҷиноӣ-ҳуқуқии гуноҳ, ангеза, ҳадаф ва эҳсосот вобаста ба содир кардани ҷинояти мушаххас фарқ карда мешавад. Он ҳам аломатҳои ҳатмии ҷиноят, ки ба бандубасти он таъсир мерасонанд, фарқи ҷиноятҳои аз ҷиҳати аломатҳои объективӣ монандро муайян мекунад, - ва ҳам аломатҳои факултативӣ, ки барои фардикунонии ҷазо заруранд тавсиф менамояд.

Гуноҳ ҳамчун муносибати рӯҳии шахс ба амали ҷиноятии содиркардаи ӯ ва оқибатҳои он аломати асосии ҳама гуна кирдори ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Принсипи гунаҳгорӣ ё ҷавобгарии фардӣ, ки дар моддаи 7-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ гаридааст, алоқаи ногусастании аломатҳои объективии ҷиноятро, сарфи назар аз хусусиятҳо ва ҷузъи тарафи субъективии ҷиноят - гунаҳкорӣ, онро ҳамчун аломати асосӣ муайян менамояд. Ҳадаф, ангеза ва эҳсосот, аломатҳои факултативӣ буда, метавонанд ҳамчун аломатҳои асосӣ баромад намоянд, агар он бевосита дар меъёри мушаххаси қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шуда бошад. Барои бандубасти ҷинояти сохтакории пул ва қоғазҳои қимматнок ангеза ва эҳсосот аҳамият надоранд ва танҳо ҳангоми фардикунонии ҷазо метавонанд ба назар гирифта шаванд.

Аломатҳои асосии ҷиноят, ки мавҷудияти онҳо барои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сохтакории пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ шароити субъективӣ фароҳам меорад, гуноҳ ва мақсад мебошанд. Ҷинояти мазкур танҳо бо қасди бевосита содир мегардад. Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 28 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят бо қасди бевосита содиршуда эътироф мегардад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намуда, имконияте ё ногузории фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок будани онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он бошад. Ҷиноят бо қасди бавосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намуда, имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ намуда, фаро расидани оқибатро нахоста, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ дода бошад, беэътиётона муносибат карда бошад..

Таносуби нишонаҳои зеҳнӣ ва иродавӣ дар ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ, ки дар он лаҳзаи зеҳнӣ бо дарки шахс аз хусусияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарноки амали ӯ ва иродаӣ - бо хоҳиши содир кардани онҳо тавсиф карда мешавад, танҳо якеро дар назар дорад шакли гуноҳ - дар шакли қасди бевосита. Аз ин ҷиҳат, сохтакории пулҳои ё коғазҳои қиматнок истисно нест ва ба мисли ҳама гуна ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ, танҳо бо қасди бевосита содир карда мешавад. Унсури зеҳнии қасди бевосита бо дарки ҷиноят будани амал ва чун қоида, пешбинии оқибати хатарноки он ва дар баъзе ҳолатҳо, имконияти воқеии сар задани оқибатҳо тавсиф мешавад. Муайян кардани мақсади сохтакории пулҳои қоғазӣ ё қоғазҳои қимматнок пеш аз ҳама барои ҷудокунии ҳолатҳои сохтакории таҳияи аксҳои пулҳо бо мақсадҳои дигари фоиданок муҳим аст.81. моддаи 28 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаклҳои гунаҳгориро муайян мекунад (қасдан ва аз беэҳтиётӣ), дар бораи ангеза, ҳадаф ва эҳсосот чизе гуфта нашудааст. Аммо, ин маънои онро надорад, ки инонҳо ба таркиби гуноҳ дохил карда нашудаанд. Ин таркибҳои фаъолияти равонӣ ба ҳар як рафтори инсон хосанд. Ангеза, мақсад, эҳсосоте, ки фаъолияти рӯҳии шахси гунаҳгорро дар робита бо сохтакории пул тавсиф мекунанд, тарафи субъективии ҷиноятро ташкил медиҳанд, ки тавассути қасди бевосита зоҳир мешаванд. Муайян намудани ангеза, ҳадаф ва эҳсосот ба муайян кардани дараҷаи гунаҳкорӣ кӯмак мекунад.

Дар қонуни ҷиноятӣ баъзан дараҷаи гунаҳгорӣ бо дараҷаи муносибати шахс ба манфиатҳои ҷомеа, ки дар ҷиноят нишон дода шудааст, муайян карда мешавад. Ин масъаларо А.И. Рарог дар китобаш равшан нишон додаст. Ҳамин тавр ба ақидаи ӯ "Дар ҳуқуки ҷиноятӣ дараҷаи гуноҳ, ҳамчун категорияи арзёбӣ, меъёри муносибати манфӣ, ё муностбати бапарвоёнаи шахси ҷиноят содирнамуда ба арзишҳои ҷудогонаи иҷтимоӣ муаян карда мешавад". [9;102] Дараҷаи гуноҳи шахси мушаххас дар содир намудани ҷинояти муайян ифодаи мустақими дараҷаи вайрон гардидани арзишҳои иҷтимоии

ҷинояткор мебошад. Бо дарназардошти он, ки дараҷаи гуноҳ ифодаи миқдории муносибати манфии шахс ба манфиатҳои ҷомеа, инчунин нишондиҳандаи паст будани арзишҳои иҷтимоии шахси гунаҳкор мебошад, муқаррар кардани он меъёри масъулиятнок будани ӯро муайян мекунад. Муайян кардани гуноҳ ва дараҷаи он ба ҳалли объективии масъалаи ҷавобгарии гунаҳкор мусоидат мекунад.

Тарафи субъективии ҷинояти сохтакории пул ва қоғазҳои қиматноки қалбакӣ, ба ғайр аз қасди бевосита, инчунин бо мақсади махсус, яъне бо мақсади минбаъд ба муомилот баровардани он, ки қаблан зикр гардида буд тавсиф мешавад. Дар ҳолатҳои фарқияти ошкорои пулҳои қалбакӣ ва пулҳои воқеӣ, ин кирдори шахс ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда мешавад. Барои таркиби ҷинояти мазкур мақсад ва роҳи (шахсан ё тавассути шахси дигар) ба муомилот баровардани пулҳои қалбақӣ аҳамият надорад. Аммо, муқаррар кардани худи ҳадафи муомилот дар амали шахсе, ки пулҳои қоғазӣ ё коғазҳои қиматнокро истеҳсол кардааст, дар ин ҳолатҳо гуногун аст. Вақте ки истеҳсоли пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок бо фурӯши онҳо аз ҷониби худи шахсе, ки сохтакорӣ кардааст ҳамроҳӣ карда мешавад, пас дар мавҷудияти мақсади ба муомилот баровардан ё фурӯш ҳеҷ шакке нест. Вақте ки фурӯши пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок аз ҷониби шахсони дигар бидуни иштироки бевосита дар худи сохтакорӣ сурат мегирад, дар он сурат мавҷудияти мақсади фурӯшро муайян кардан зарур аст. Муайян кардани ҳадафи сохтакорӣ боз ҳам мураккабтар мешавад, вақте ки амалҳои ҷиноятии истеҳсолкунанда дар марҳилаи фаъолияти ҷиноятии пешакӣ ё пас аз сохтакорӣ, аммо пеш аз фурӯш муайян карда шаванд. Ҳалли чунин мушкилот таҳлили бодиққати ҳама ҳолатҳои кирдорро дар шароити мушаххас бо дарназардошти нақши субъекти сохтакорӣ талаб мекунад. Ба ибораи дигар, ҷавоби саволи додашударо аз нуқтаи назари ғояҳои умумӣ дар бораи мавзӯи субъекти сохтакории пул ва қоғазҳои қимматноки қалбакӣ ҳал кардан мумкин аст.

Субъекти ҷинояти сохтакории пул ва қоғазҳои қиматноки ҳама гуна шахсоне мебошанд (шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд), ки ба синни 16 расидааст ва ҳам дар қаламрави Тоҷикистон ва ҳам берун аз он ҷиноятро содир кардааст. Ҳангоми муайян кардани субъекти ҷинояти мавриди таҳлил қарордошта ба масъалаҳои зерин таваҷҷӯҳ зоҳир кардан зарур аст:

1) амали шахсоне, ки бевосита субъекти сохтакорӣ ё фурӯши пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок нестанд, аммо пулҳои қалбакиро ба даст оварда баъдан онҳоро ба шахсони дигар интиқол медиҳанд;

2) масъалаҳои ҷавобгарӣбарои сохтакорӣ, бо назардошти хусусияти гурӯҳии амалҳои ҷинояткорон. Вобаста ба амали шахсоне, ки пулҳои коғазӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакиро ба даст меоранд, ду ҳолат имконпазир аст:

1) бадастоварандаи пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок шахсе мебошад, ки дар бораи қалбакӣ будани он тасаввурот надорад.. Дар ин ҳолат, шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистоня бинобар мавҷуд набудани гуноҳ кашида намешавад;

2) пул ё коғазҳои қиматнокро шахсе ба даст меорад, ки қалбакӣ будани онҳоро дарк мекунад ва ният дорад, ки аз онҳо фоидаи моддӣ ба даст орад.. Лопашенко пешниҳод мекунад, ки чунин амалҳо ҳамчун қасди сохтакорӣ тасниф карда шаванд [9;247] Аммо, баъзе муаллифон дигар ақида доранд. Масалан, О. Ю. Ясинов чунин мешуморад, ки азбаски «масъулият дар доираи мод. 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳури Тоҷикистон танҳо барои содир намудани яке аз ду амали алтернативӣ, яъне сохтакорӣ ва ба муомилот баровардани пулҳои қалбакӣ ва қоғазҳои қимматнок рух медиҳад, шахсе, ки пулҳо ё қоғазҳои қиматноки қалбакиро ба даст меорад, тарафи объективии ин ҷинятро иҷро намекунад. Ин амалҳоро наметавон ҳамчун қасди содир кардани ҷиноят ҳисобид. Хариди пулҳои коғазӣ ё коғазҳои қиматнок ҳангоми фаҳмидани фарқияти онҳо бо пулҳои аслӣ танҳо тайёрӣ ба ин ҷиноятро ташкил медиҳад » [11, саҳ 83] Рафтори шахсе, ки пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакиро ҳамчун пулҳои аслӣ мегирад ва сипас қалбакӣ будани онҳоро кашф намуда, онҳоро ҳамчун плҳои аслӣ ба шахси дигар медиҳад, сазовори баҳои алоҳида аст. Дар асл,

сухан дар бораи ба муомилот баровардани пулҳо ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ аз ҷониби шахсе, ки онҳоро ҳамчун пулҳои аслӣ қабул кардааст, меравад.

Мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин амал ҳамчун ба муомилот баровардани пулҳои қалбакӣ ва коғазҳои қиматноки қалбакиро ташкил медиҳад. Дар қонунгузории Фаронса чунин кирдори шахс банди алоҳидаи моддаи ҷинояти мазкурро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, тибқи моддаи 442-7-и Кодекси ҷиноятии Фаронса: «Агар шахс пас аз ошкор сохтани ҳуҷҷатҳо онҳоро дубора ба муомилот барорад, вай метавонад ба маблағи 7,6 ҳазор евро ҷарима карда шавад (мутобиқи қурби асъор то 05.07.2017), дар ҳоле ки тибқи моддаи 442-2-и Кодекси ҷиноятии Фаронса барои баровардани пулҳои қалбакӣ (ҷинояти асосӣ) ба мӯҳлати то 10 сол маҳрум сохтан аз озодӣ бо ҷаримаи тақрибан 152,5 ҳазор евроро ташкил медиҳад.(мутобиқи қурби асъор то 05.07.07.2017)». Ин мавқеи қонунгузории Фаронса бо он шарҳ дода мешавад, ки дуюмбора ба муомилот баровардани пулҳои қалбакӣ бо хатари камтарини ҷамъиятӣ тавсиф карда мешавад, зеро зарари воқеӣ ба системаи пулии кишвар, ҳамчун объекти ҷиноят, бо баровардани онҳо расонида шудааст. Ҳамин тариқ, хусусиятҳои асосии гурӯҳи муташаккил субот ва маслиҳати пешакӣ барои содир намудани ҷиноят мебошанд. Дар бораи ҷиноятҳои зидди моликият сухан ронда, адабиёти ҳуқуқи аломатҳои зерини устувории гурӯҳи муташаккилро номбар менамояд: "Банақшагирии пешакии амалҳои ҷиноятӣ, омода кардани воситаҳои содир намудани ҷиноят, интихоби шарикон, тақсими нақшҳо дар байни онҳо, пешбинии чораҳо пешакӣ барои пинҳон кардани ҷиноят." Ҳангоми сохтакорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, амали ҳамаи шарикон, новобаста аз нақши онҳо дар кирдор, бояд аз рӯи қисми 3 моддаи. 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иҷрокунандаи якҷоя бидуни ишора ба мод. 36 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст карда шавад. Агар як шахс каси дигарро ба содир кардани кирдорҳои моддаи 281 Кодекси ҷиноятӣ таҳрик кунад, аммо дар интихоби иштирокчиёни он, банақшагирӣ ва омодагӣ ба содир кардани ҷиноят ва ғайра иштирок намекунанд, амали ӯ бояд шарикӣ тибқи моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ишора ба қисми 4 моддаи 36 қодекси ҷиноятӣ бандубаст карда шавад.

АДАБИЁТ

1. А.И. Сафаров, Ш.Н. Саидов, Н.А. Қудратов. Ҷиноятҳои иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. Душанбе 2015с.
2. Кодекси ҷиноятии ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 21.05.1998с.
3. Тарбагаев А.Н., Ҳуқуқи ҷиноятӣ, Кисми умумӣ, Москва 2014с.
4. Ватунин А.Н. Подделка денег, ценных бумаг и иных платежных документов: уголовно-правовые и криминологические аспекты: автореф. дисс. к.ю.н. М., 2006.
5. [1] Солопанов Ю.В. Ответственность за изготовление поддельных денег или ценных бумаг, 1997.
6. Ясинов О.Ю. Уголовная ответственность за изготовление или сбыт поддельных денег или ценных бумаг (фальшивомонетничество: дисс. …канд. юрид.наук/ Ясинов О.Ю. М., 2006. С. 83-84.
7. О судебной практике по дедам об изготовлении или сбыте поддельных денег или ценных бумаг Москва, 2017с.
8. А.И. Вина в советском уголовном праве / А.И. Рарог. Саратов, 1987. С. 102
9. Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономической деятельности: понятие, система, проблемы квалификации и наказания / Н.А. Лопашенко. Саратов, 1997. С. 247.
10. Ясинов О. Ю. Уголовная ответственность за изготовление или сбыт поддельны денег или ценны бумаг : Фальшивомонетничество :дисс.... канд. юрид. наук : 12.00.08 Москва, 2006.
11. Кодекси ҷиноятии Фаронса аз 07.05.2017с.http://constitutions.ru

ТАҲЛИЛИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ СОХТАКОРИИ ПУЛ ВА ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур ҷинояти сохтакории пул ва қоғазҳои қиматноки қалбакӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта, фикру ақидаҳои олимони соҳа мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар баробари ин таҳлили ҷиной-ҳуқуқии ин ҷиноят тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дида шудаанд. Сохтакории пулҳои коғазӣ ё коғазҳои қиматнок нишонаи хатари ҷамъиятиро дорад, яъне расонидани зарари калон ба муносибатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда.. Ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, сохтакории пулҳо ё коғазҳои қиматнок ба ҷомеа, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки объекти ҷиноят эътироф мешаванд, зарар мерасонад, яъне. ин ҷиноят пеш аз ҳама барои расонидани зарар ба муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Истеҳсоли пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок ин ҳам сохтакории қисмии онҳо ва ҳам истеҳсоли пурраи пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ мебошад, ки шабоҳати онҳоро бо пулҳои аслӣ ё коғазҳои қиматнок дар шакл, ранг ва параметрҳои дигар таъмин мекунанд. Дар рисолаи магистрии мазкур масъалаҳо ва мушкилоти ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои манфиатдор, инчунин ҳамкории байни давлатҳо дар соҳаи мубориза бо сохтакории пул ва коғазҳои қимматнок мавриди баррасӣ қарор доштанд.

Калидвожаҳо: ҷиноят, сохтакории пул, қоғазҳои қимматноқ,тарафи субъективӣ, тарафи объективӣ, қонунгузорӣ, ҷазо, маслиҳати пешакӣ.

УГОЛОВНО ПРАВОВАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА СОСТАВА ПРЕСТУПЛЕНИЯ ПОДДЕЛКА ДЕНЕГ И ЦЕННЫХ БУМАГ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В этой статье исследуется преступление, связанное с подделкой денег и ценных бумаг, и анализируются взгляды ученых в этой области. При этом проводится уголовно-правовой анализ данного преступления в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан. Подделка банкнот или ценных бумаг имеет признак общественной опасности, то есть нанесение значительного ущерба имуществу и отношениям, охраняемым уголовным законодательством. Как социально-правовое явление, подделка денег или ценных бумаг наносит вред обществу, общественным отношениям, которые являются объектом преступления, то есть это преступление в первую очередь направлено на нанесение ущерба общественным отношениям. Производство поддельных денег или ценных бумаг - это как их частичное подделывание, так и полное производство поддельных денег и ценных бумаг, которые обеспечивают их сходство с оригинальными деньгами или ценными бумагами по форме, цвету и другим параметрам. В магистерской диссертации обсуждались вопросы и проблемы сотрудничества правоохранительных органов и заинтересованных организаций, а также сотрудничество между государствами в борьбе с подделкой денег и ценных бумаг.

Ключевые слова: преступление, подделка денег, ценные бумаги, субъективная сторона, объективная сторона, законодательство, наказание, предварительный сговор.

CRIMINAL – DESCRIPTION OF THE OFFENCE OF MONEY AND SECURITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the crime of counterfeiting and analyzes the views of scholars in this area. At the same time, a criminal legal analysis of this crime is carried out in accordance with the current legislation of the Republic of Tajikistan. Counterfeiting of banknotes or securities has a sign of public danger, that is, causing significant damage to property and relations protected by criminal law. As a social and legal phenomenon, counterfeiting of money or securities harms society, public relations, which are the object of the crime, that is, this crime is primarily aimed at damaging public relations. The production of counterfeit money or securities is both partial counterfeiting and the complete production of counterfeit money and securities that ensure their similarity to the original money or securities in shape, color and other parameters. The master's thesis discussed issues and problems of cooperation between law enforcement agencies and interested organizations, as well as cooperation between states in the fight against counterfeiting of money and securities.

Keywords: crime, counterfeiting of money, securities, subjective side, objective side, legislation, punishment, collusion

Сведения об авторе: ***Мамадзамирова Нурбибӣ Далеровна*** – Таджикский национальный университет магистрант второго курса юридического факультета **Адрес:** 734025, Республика Таджикистанг, город Душанбе, проспект Рудаки,17 Телефон: 501 83 64 49

Information about the author: ***Mamadnazarova Nurbibi Dalerovna*** –Tajik National University. second-year master`s student, Department of Law, **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: 501 83 64 49

МАРҲАЛАҲОИ РУШДИ ТАШАККУЛИ БЮРОКРАТИЯ ДАР СИСТЕМАИ СИЁСИИ ҶОМЕА

Одинаев Истамҷон
Донишгоҳи милли Тоҷикистон

Мафҳуми «бюрократия» дар миёнаи асри XVIII ба илм ворид карда шуд. Онро бори аввал олими Фаронса Винсентде Гурней дар маънии ҳокимияти давлатӣ тавассути шахсони мансабдори таъиншуда мавриди истифода қарор додааст. Ин дар фаҳмише буд, ки системаи сиёсиро «мансабдорони таъиншуда» роҳбарӣ менамоянд ва вазифаҳои идораро ичро менамоянд. Аслан ташаккули бюрократия таърихи қадима дошта, дар ҳар як давру замон ба назар мерасад. Аввалин мақомотҳои ҳокимият ҳамчун дастгоҳҳои бюрократӣ баромад менамуданд. Намунаи онҳо пеш аз ҳама дар Миср, Бобулистон, хилофати Арабистони асримиёнагӣ ва дар симои империяи Русия ба назар мерасанд. Таҷрибаи ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки низоми дастгоҳи бюрократӣ дар Мисри қадим таърихи 4,5 ҳазорсола дорад. Ҳанӯз дар Мисри қадим ҷомеа ба табақаи коҳинон ва бюрократҳо тақсим шуда буд, ки одамони зиёдро фаро мегирифт ва онҳоро ба сохтумони пирамидаҳо, бунёди системаи ирригатсионӣ ва ба назорати сохтмонҳои қасри фиръавнҳо равона месохтанд. Дар аҳди пешин сардори қабилаҳо дар симои як шахс,

яъне ҳам қонунгузор ҳам маъмур ва ҳам қозӣ баромад мекард. Аммо дар мавриди тобеъ худ сохтани қабилаҳои ҳамсоя, сардори қабила ба писарон дастурҳо медоданд, ки дар якчанд ҳолатҳо аз номи ӯ баромад намоянд. Аз ин рӯ, фарзандон ба идораи заминҳои худ ба таври дилхоҳ шурӯъ менамуданд.

Аз тарафи дигар, монеаҳои бюрократӣ хоси ягон ҷомеа ба ҳисоб намеравад. Хусусияти бюрократии дастгоҳи давлатӣ аз бегонагии он аз ҷомеа вобаста аст. Падидаи сиёсии мазкур хеле васеъ паҳн гашта, дастгоҳи давлатӣ тамоми режимҳои тоталитарӣ, авторитарӣ ва демократиро фаро мегирад. Аммо, дараҷаи бюрократизатсияи дастгоҳи давлатӣ аз бисёр ҷиҳат ба он оварда мерасонад, ки то чӣ андоза давлат аз ҷомеа боло гузошта мешавад ё зери назорати ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор мегирад. Дар ҷомеаи тоталитарӣ, ки ҳам ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳам волоияти қонунҳо бештар халалдор мегаштанд, бюрократизатсияи дастгоҳи давлатӣ ба ифодаи ҳадди аксар расида буд. Дар ин бора Бердяев қайд месозад, ки "Диктатураи пролетариат ҳокимияти давлатиро таҳвият дода, як бюрократияи азимеро ба вуҷуд овард, ки тамоми кишварро фаро гирифт ва ҳама чизро тобеъи худ намуд. Бюрократияи даврони шӯравӣ аз бюрократияи даврони подшоҳӣ қавитар буд, як синфи нави имтиёзноке, ки метавонад дар нисбати омма бераҳм бошад". [1;7]

Файласуфи дигар қайд месозад, ки бюрократия, ҳукмронӣ дар асоси қоидаҳо ва қоидаҳо тавассути мансабдорон сурат мегирад. Бюрократия воситае ба ҳисоб меравад, ки тамоюли ба худ табдил ёфтанро ба худ мегирад. Автономиякунонии бюрократия на одоби худдорӣ, балки тамоюли тавсеаи номаҳдуди худро дорад. Ин аст, ки дастгоҳи бюрократӣ маҳз ба сабаби мураккабии худ аз назорати ҷамъиятӣ дур мегардад ва ҳам барои аҳолӣ ва ҳам барои мақомоти давлатӣ дастнорас аст". [4;35]

Зарур аст каме дар бораи мушкилоти бюрократизатсия боз истода, барои фаҳмидани моҳият ва хусусиятҳои бюрократия баъзе норавишҳоро ошкор созем. Карл Маркс қайд менамояд, ки давлат заминаи иқтисодии бюрократияро моликияти худ меҳисобад. Дар айни замон, бюрократия ҳадафҳои худро, ки дар асл орзуҳои мансабпарастии он мебошанд, ба мадди аввал мегузорад. К.Маркс Шарти муҳими мавҷудияти бюрократияро ҳамчун табиати пӯшидаи корпоративии муносибатҳо ҳамчун хусусиятҳои хоси дастгоҳи бюрократӣ ба фаъолияти он алоҳаманд месозад.

Дастгоҳи бюрократӣ як намуди нави идоракуниро ба вуҷуд меорад, ки ба он синизми сиёсӣ, конформизми идеологӣ ва ахлоқӣ, иҷрои расмии қоидаҳо оварда мерасонад. Бюрократия на танҳо кӯшиши пинҳонии қабули қарорҳои идоракуниро аз ошкорбаёнии фаъолияти худ меҷӯяд, балки кӯшиш менамояд, ки пайдоиши ташаббусҳои барои ҷомеа фоидаоварро пешгирӣ ва худро аз иҷрокунандагон дур кунанд. М.Вебер модели идеалии бюрократияро пешниҳод намуда, се хусусияти асосии онро ҷудо месозад:

1. **Иерархия.** Сохтори иерархии дастгоҳи маъмурӣ дар заминаи салоҳиятҳо ва сифатнокии бюрократия дар ҳама зинаҳои иерархӣ ва тақсимоти ҳама чиз дар ин ҷо аз рӯи принсипи салоҳият равона шудааст.

2. **Салоҳият.** Тамоми фаъолияти бюрократия бо дастурҳо, қоидаҳои пешакӣ муайян карда шудааст, ки барои он рамзи қоидаҳоро ифода мекунанд. Бюрократи воқеъӣ тамоми дастурҳоро хуб медонад, баъзе бандҳоро хуб аз худ кардааст ва вазифаҳои худро хеле босалоҳият иҷро мекунад. Ин қобилият ва дахлнопазирии бюрократияро мефаҳмонад.

3. **Воқеъият.** Қоидаи асосии бюрократия хидмат ба манфиати умум аст. Бюрократи ҳақиқӣ ҳокимиятро барои худ шахсан истифода намебарад, пора намегирад ва ҳамеша дастраси мардум мебошад. Он бидуни эҳсосот ба таври расмӣ кор мекунад ва аз мансубияти худ ба дастгоҳи давлатӣ ва хидматаш ба мардум ифтихор мекунад. Бояд дар назар дошт, ки М.Вебер бо нишон додани сифатҳои бюрократия аз принсипи асосии фарҳанги аврупоӣ баромада, дар бюрократия як дастгоҳи соҳибихтисоси давлатҳои аврупоиро мебинад. [6;223]

Ҳамзамон, М.Вебер ду намуди бюрократияро ҷудо месозад: анъанавӣ ва муосирӣ. Соҳаи таъсири навъи аввал ҳамеша соҳаи идоракунии давлатӣ ва таъмини тартиботи

ҷамъиятӣ мебошад. Дуюм дар давраи муосир ташаккул ёфта, доираи таъсири бартаридоштаи фаъолияти иқтисодии хусусӣ мебошад.

Таъсиррасонии он паҳлӯҳои дигари ҳаёти иҷтимоиро фаро гирифт, ки боиси ронда шудани бюрократияи анъанавӣ гардид. Олимони ғарб қайд мекунанд, ки рушди бюрократия ба оқибатҳои манфии муайян оварда мерасонад. Аз як тараф, бесамарии афзояндаи механизми бюрократии идоракунӣ. Аз тарафи дигар, тамоюли ба қувваи мустақил ва худкифо табдил ёфтани он мегардад. Табиист, ки дар ин ҷо барои ҷилавгирӣ аз бюрократия ва пешгирии бюрократизатсияи аз ҳад зиёди дастгоҳи давлатӣ кӯшишҳои зиёд дода мешаванд. Бюрократизм дар мамлакатҳои низоми сотсиалистӣ, аз он ҷумла дар кишварҳои пасошӯравӣ бартариҳои муҳиме дорад. Аз як тараф, он аз мероси бюрократии худкома, аз тарафи дигар, тавассути инҳисори вазифаҳои ҳокимиятӣ ғизо мегирад. Дастгоҳи бюрократӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавиро тобеъ намудааст.

Дар низоми идоракунӣ як системаи хоси абсолютизми бюрократӣ ташаккул ёфтааст, ки бюрократия ҳукмронии мутлақро бар ҷомеа бор мекунад. Асоси иқтисодии фаъолияти низоми бюрократӣ он муносибатҳое мебошад, ки дар хоҷагии халқ бо маҷбуркунии ғайрииқтисодӣ, системаи аз нав тақсимоти маблағҳо, захираҳо, молҳои истеъмолӣ ва системаи марбут ба коррупсияи маъмурӣ оварда расонад. Заминаи иҷтимоии бюрократизатсияи дастгоҳи давлатӣ дар системаи ҳизбии низоми пешина, ки пирамидаи қудрати иерархии режими тоталитариро ташкил медиҳад, ҷойгир шудааст. Идеологияи низоми бюрократӣ низ ба ҳамин иерархия асос ёфтааст. Таваллуди ҳақиқатҳои назариявӣ дар сатҳи боло ва таҷассуми онҳо бидуни фаҳмиш дар сатҳи поёнӣ.

Бюрократия дар кишварҳои пасошӯравӣ як хел рушд накардааст. Аз ин рӯ, вазифаи асосӣ аз вайрон кардани механизми бюрократӣ ва барҳам додани асосҳои иҷтимоию иқтисодии фаъолияти низоми бюрократӣ нест. Бадномкунию назарҳои танқидӣ ҳеҷ натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад, то даме ки барои он заминаи зарурӣ вуҷуд надошта бошад.

Дар омӯзиши ҳукумат масъалаҳои дигар пеши назар меоянд. Пеш аз ҳама мушкилӣ дар ҷудо намудани ҳукумат ва маъмурияти он дар маънои сиёсии масъала ифода мегардад. Маҳз маъмуроне, ки дар ҳокимияти иҷроия фаъолият менамоянд, дар амалӣ гаштани сиёсати ҳукумат нақши асосӣ мебозанд. Андеша дар бораи он ки маъмурон ба таври пурра ба ҳукумат итоат менамоянд ё ташаббусҳо нишон дода наметавонанд, андешаи нодуруст аст. Маъмурони ҳукумат дар баробари ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳи фишоровар унсури асосии бозиҳои сиёсӣ ба шумор мераванд. Дар шароити ҳозира дар бештари мамлакатҳо сарҳадоти байни ҳокимияти марказӣ ва фаъолии бюрократӣ, ки дастурҳои барномавиро амалӣ менамоянд, аз байн бардошта шудааст.

Дар воқеъ, мафҳуми "бюрократия" набояд дар маънии манфӣ истифода шавад ва шакли канорараро ба худ гирад. Давлат фаъолияти худро дар зери маъмурияти давлатӣ амалӣ месозад. Мақомотҳои гуногуни идоранамоӣ ҳамчун меҳвари дастгоҳҳои давлатӣ барои идоракунӣ равандҳои зерсохторӣ бунёд мегарданд ва ташкили муносибатҳои байни иштирокчиёни ҳаёти ҷамъиятӣ, инчунин байни онҳо ва ҷомеа баромад менамоянд. Дар айни замон, ин хеле мантиқӣ ба назар мерасад, ки ин мақомотҳоро ҳокимият дар асоси салоҳиятҳои худ ба даст овардааст. Дар баробари ин, андешае вуҷуд дорад, ки онҳо барои манфиати худашон кӯшиш намекунанд, вале дар манфиатҳои онҳо пеш аз ҳама онҳое, ки онҳоро ба сари қудрат овардааст баҳри қонеъ намудани низоми идоракунӣ ҷорӣ карда мешаванд. [7;4].

Бюрократия дар маънии ҳокимияти амалдорон маълум аст, ки тамоми даврахои таърихи тамаддунро ҳамроҳӣ намудааст. Амалдорон имкониятҳои зиёде дошта, дар идораи корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ нақши асосӣ мебозанд. Вобаста аз мақоми ҷамъиятиашон онҳо ахбороти махфӣ ва стратегӣ, технологияи идорарро ба таври осон ба даст меоранд ва ба манфиати хеш истифода менамоянд. Зиёда аз ин амалдорон муташаккиланд ва дар нисбати якдигар ҳамраъйии муттасил доранд. Амалдорони дастгоҳи идоранамоии ҳокимият имкон доранд, ки воситаҳои навинро истифода баранд ва ҳокимияташонро васеъ гардонанд.

Дар ин ҳолат мафҳуми мазкур дар ду маънӣ фаҳмида мешавад: аввало бюрократияи солим. Он ниҳоди муҳимтарини идораи корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Дар таъмини риояи қарорҳои сиёсӣ ва иҷрову ба инобат гирифтани санадҳои гуногуни меъёрӣ нақши муҳим мебозад. Он воситаи муташаккил ва фаъол гардонидани амалу рафтори одамон ва фаъолияти ниҳодҳои гуногуни давлату ҷомеа мебошад. Давлат ва ҷомеаро аз бенизомиҳо дур месозад. Баъдан бюрократияи даҳал, ки он на танҳо зуҳуроти шаклпарастии мунофиқона аст, балки бераҳмию беорӣ хосиятҳои асосии онро ташкил медиҳад. Инчунин расмиятчигӣ, итоати кӯр –кӯрона ба супоришҳои мақомоти болоӣ хусусиятҳои фаъолияти бюрократияро нишон медиҳад. Дар давраи амали чунин бюрократия дастгоҳи калони амалдорони давлатӣ ва системаи мураккаби коргузорию идоракунӣ ташаккул меёбад.

Вобаста ба ин «бюрократия – ташкилоти иерархие мебошад, ки аз халқ ҷудо буда, ба системаи идоранамоӣ ба он бегона ва танҳо дар бораи вазифаҳои нигоҳдории фаъолияти худ кушиш менамояд» [3;143]. Аломатҳои асосии бюрократияро чиҳатҳои зерин ташкил медиҳанд: эҳтироми мансаби амалдорон, мансабпарастӣ, хушомадгӯӣ, расмиятпарастӣ ва бераҳмӣ. Дар байни бюрократия ва давлат ҳамеша ҳамкориҳои мутақобила вуҷуд дорад. Маҳз тавассути бюрократия ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои одамон амалӣ карда мешаванд. Аммо аксар вақт манфиатҳои умумӣ ва алоҳидаи одамон, ки заминаи асосии дастгоҳи бюрократияи давлатиро ташкил медиҳад, дар муносибатҳо монеаҳо эҷод месозад.

Бюрократия дар соҳаи сиёсӣ, дар муносибатҳои ҳокимиятӣ, дар сиёсат ва барномаҳои афзалиятнок фаъолият менамояд. Давлат вазифадор аст, ки барои муваффақ гаштан ба хайрияти умум тамоми чораҳои имконпазирро истифода намояд. Фаъолияти бюрократияи маъмурӣ қисми интегралии ҳар кадом системаи сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Давлат корфармои бузургтарин мебошад. Сатҳи ба хизмати давлатӣ ва маъмурӣ ҷалб намудани одамон дар мамлакатҳои пешрафта хеле зиёд аст. Дар ИМА, ки сатҳи пасти дахолати давлат ба иқтисодиёт вуҷуд дорад, дар хизмати давлатӣ 2 500 000 одамон фаро гирифта шудаанд. [8;78].

Маъмурияти давлатӣ он таркиботе мебошад, ки робита ва пайвастагии шаҳрвандон бо давлат таъмин карда мешавад. Аз ин хотир, аз сифати хизматрасонии маъмурият эътибори давлат вобаста аст. Сифати пасти маъмурият раванди делегитиматсияи (ғайриқонунӣ) системаи сиёсиро метезонад. Ҳодисаеро чун бегонагии давлат дар шуури ҷамъиятии шаҳрвандон афзун менамояд. Ҳатто ба мавҷудияти сохти сиёсӣ таҳдид менамояд. Низоми сиёсӣ ва ҳастии он зери хатар мемонад.

Сатҳи баландтаринро маъмурияти давлатӣ дар замони нав пайдо намудааст. Он натиҷаи таҳдидҳои моддию маънавии замона мансуб меёбад. Бешубҳа, ташаккули давлати миллӣ, ташаккулу қувват гирифтани миллатгароӣ раванди мазкурро тезонидаанд. Ба сифати таҳдидҳои дигар талабҳои техникии оқибатҳои инқилоби саноатӣ ва сиёсати ҳарбӣ баромад менамуданд. Технологияи муосири ҳарбӣ дар давлатҳое имкон доранд, ки ба таври беҳтар андозҳоро ситонида метавонанд ва қисмати зарурии онро барои таъмини иқтидори ҳарбӣ сарф менамояд. Хусусиятҳои моҷароҳои байналхалқӣ низ боиси рушди маъмурияти давлатӣ мегарданд.

Яке аз сабабҳои муҳими инкишофи маъмурият (дастгоҳи) давлатӣ дар асри XX - XXI инкишофи вазифаҳои иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки қисме аз муҳаққиқон – мунаққидон дар бораи пайдоиши «давлат - левиафан» яъне давлате, ки салоҳияти автономия нисбати ҷомеаи шаҳрвандӣ дорад, андешаҳо иброз менамоянд. (Фридрих фон Хайек). Мунаққидони консерватори идоракунии демократҳо дар ИМА бевосита дар бораи ташаккули «синфи нав» андеша меронанд, ки манфиатҳои он зидди талаботҳо ва умедҳои ҷомеаи демократӣ мебошанд. Бюрократияи давлатӣ дар мамлакатҳои демократӣ принсипи «шаффофият» - ро ба роҳбарӣ мегардад. Он барои назорати ҷамъиятӣ кушода аст. Дар низоми автократия бюрократия «давлат дар давлат» мегардад. Он қоидаҳои махсуси бозиро ҷорӣ менамояд. Он восита ва аслиҳаи идоракунии олигархияи ҳукмрон мебошад.

Дар низоми демократӣ назорати ҷамъиятӣ ва масъулияти ҳуқуқӣ ба сифати воситаи маҳдуднамоии раванди автономикунонии бюрократияи давлатӣ баромад менамоянд. Намунаи барҷастаи он институти «омбудсмен» (намояндагӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ)

мебошад. Институти мазкур соли 1808 дар Шветсия ташаккул ёфтааст. Ҳоло ҳар гуна қарори маъмурӣ ва ҳалномаи судиро бо ташаббуси худ дида мебарояд. Омбудсмен хулосаҳои худро чоп менамояд ва диққати маъмурону судяҳоро ба хатогиҳо ҷалб менамояд. Ӯ ҳатто тафтишот мебарад. Омбудсмен фаъолияти мустақил аз соҳаҳои ҳокимият дорад. Дар мамлакатҳои дигари мутамаддин низ чунин институт амал менамояд. Вобаста ба мақом ва нақше, ки маъмурияти давлатӣ дар ҷомеа мебозад, он метавонад барои пайдо кардани мақоми «ҳокимияти чорум» мубориза барад. Хусусиятҳои асосии бюрократияи давлатиро бояд масъулиятнокӣ ва самаранокӣ ташкил диҳанд.

Дар ҳаёти давлатӣ мақоми махсусро ташаккул ва инкишофи хизмати граждани мебозад. Оғози он аз тамаддуни римӣ сурат мегирад, зеро пайдоиши ҳар гуна вазифаҳои ҷамъиятӣ боиси таҳдидҳо ба муттасилии анъанаҳо мегардиданд. Аз ин хотир, дастгоҳи касбии амалдорӣ ташаккул ёфт. Аксари онҳо ғуломон ва озодандешон буданд, ки нисбати ҷумҳурии Рим муносибати хайрхоҳона доштанд. Тафаккури этатикии онҳо хосияти асосии фаъолияти маъмурияти давлатиро ташкил медод. Онҳо на ба ҳокимони алоҳида, балки ба ғояи давлат содиқ буданд.

Ҳисси ягонагии корпоративӣ қоидаи рафтор барои хизмати давлатӣ дар шароити асримиёнагӣ ба шумор мерафт. Бюрократия дар қатори ҳокимон ва аҳли хонаводаи онҳо унсури синфи ҳукмрон мансуб меёфт. Нигоҳ доштани назорат аз болои воситаҳои коммуникатсионӣ, баъдтар аз рӯи ахбороти мухталиф манбаи асосии ҳокимияти он ба ҳисоб мерафт. Зарурат ва талабот ба касбӣ гардонидани идоракунии давлатӣ бештар дар раванди демократикунонии таркиботи сиёсӣ сурат мегирад. Зиёдтар дар миёнаи асри XIX маълум гардид, ки хизмати касбии граждании ба кори давлат содиқ зарур аст. Мураккабгардии корҳои давлатӣ ва афзоиши салоҳият ва масъулияти давлат ва инчунин гардиши демократии одамон ва вазифаҳо раванди мазкурро ба ҳукми зарурат ворид намудааст.

Дар Британияи Кабир хатари клиентизми сиёсиро ҳис намуда, роҳу воситаҳои мубориза бар зидди онро пайваста ҷустуҷӯ менамуданд. Яке аз аввалин чорабиниҳои расмӣ омода намудани «Маърӯза дар бораи ташкили хизмати доимии граждани», ки бо номи маърӯзаи Норткотт – Тревелян (1854) маълум аст, мансуб меёбад. Дар он пешниҳод гардида буд, ки оид ба «Комиссия дар бораи хизмати граждани» озмун гузаронида шавад. Чунин гузориши масъала оғози нек ва зарурӣ дар муборизаи зидди клиентизми сиёсӣ ба ҳисоб мерафт. Амрикоиҳо бошанд соли 1883 «Санади Пендлтон» - ро қабул намуданд, ки интихобро дар асосҳои қобилият воқеӣ мегардонад. Ҳоло 80% амалдорон аз рӯи он интихоб карда мешаванд [2;271].

Дар Аврупои Ғарбӣ хизмати граждани ба 4 гурӯҳ ҷудо гардидааст ва он аз дараҷаи маълумот бармеояд: хизматчиёне, ки маълумоти олӣ доранд; хизматчиёне, ки маълумоти миёна доранд; хизматчиёни техникӣ; кормандони меҳнати ҷисмонӣ. Дар шароити ИМА дараҷаи маълумот чандон аҳамият надорад. Аҳамияти арзишу таҷрибаи касбӣ зиёдтар аст. Дар Тоҷикистон чун дар тамоми кишвари Осиёи Миёнаи тоинқилобӣ хизмати касбии граждани вуҷуд надошт. Он тадриҷан дар замони Шӯравӣ ташаккул ва инкишоф ёфт. Дастгоҳи давлатӣ тобеи дастгоҳи ҳизбӣ гардонида шуда буд, ки баъди фанои Иттиҳодияи Шӯравӣ он мушкилиҳои зиёдеро дар раванди идоракунии давлатӣ ба миён овард. Масъалаи мазкур то ба ҳоло рӯзмарра мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки ишғоли вазифаҳо дар муассисаҳои марказӣ ҳамчун «системаи дарёфтҳо» аз рӯи принсипи «Ғолиб ҳама чизро соҳиб мешавад» ба амал меояд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун функсияи дохилии мақоми давлатӣ ба ҳисоб рафта, мӯҳтавои асосии он аз ҷалб намудан, идора кардан ва таъмини роҳбарии хизматчиёни давлатӣ иборат мебошад. Идоракунии мақсадноки одамон вазифаи роҳбар буда, роҳбари ба ин масъала диққатдиҳанда таҷрибаи андӯхтаашро бо таҷрибаи мутахассисони дорои тахассуси идоракунии захираҳои инсонидошта барои истифодаи рушди имкониятҳо ва нерӯи хизматчиёни давлатӣ истифода мебарад.

Ҳамин тариқ, хизмати давлатӣ вобаста аз мақсад ва функсияи вай маҷмӯи гуногуни проблемавие мебошад, ки ҳар кадомашон мазмун ва ҳалли ташкилӣ - ҳуқуқии худро дорад.

Новобаста аз мавҷудияти ақидаҳои гуногун ва гуногунии мафҳуми маъмурияти давлатӣ дар қонунҳо мазмуни онҳо ягона мебошад.

АДАБИЁТ

1. Бердяев Н.А. Истоки и смысл русского коммунизма. М., 1990. С.175.
2. Блау, П. Исследования формальных организаций / П. Блау // Американская социология: перспективы, пробле-мы, методы. – М. : Прогресс, 1972. С.292.
3. Денисов С.А.Бюрократия и позитивное право // Российский юридический журнал. Екатеринбург, 2000. № 2С. 243.
4. Рудинский Ф.М. Брократизм и проблемы его искорения. М., 1984. С. 235.
5. Блау, П. Исследования формальных организаций / П. Блау // Американская социология: перспективы, пробле-мы, методы. – М.: Прогресс, 1972. С.292.
6. Weber M.Theory of Social and Economic Organization. N.Y., 1947. P. 223.
7. Курашвили Б.П.Борьба с бюрократизмом. М., 1988. С124.
8. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Душанбе, 2010. С. 520.

МАРҲАЛАҲОИ РУШДИ ТАШАККУЛИ БЮРОКРАТИЯ ДАР СИСТЕМАИ СИЁСИИ ҶОМЕА

Дар мақола, масъалаҳои методологии бюрократия – ҳамчун омили асосии муносибатҳои идоранамоӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ба моҳият ва хусусиятҳои асосии бюрократия ва бюрократизм диққати асосӣ дода шудааст. Навъҳои идора маъмурӣ ва хусусиятҳои фарқунандаи он мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Моҳият ва хусусиятҳои тарзи муносибатҳои брократӣ дар олами сиёсат нишон дода шудааст. Муаллиф дар таҳқиқи хеш мақсад ва вазифаҳои бюрократияро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Калидвожаҳо: брократия, бюрократизм, идоракунии давлатӣ, идоранамоии релятсионӣ, идоранамоии субстансионалӣ, ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, техналогияи сиёсӣ, техналогияи идоракунии сиёсӣ, субъекти идоракунанда, мақсадҳои сиёсӣ.

ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ БЮРОКРАТИИ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ ОБЩЕСТВА

В статье исследуются методологические вопросы бюрократии как ключевого фактора управленческих отношений. Акцент делается на сущности и основных чертах бюрократии. Анализируются виды административного управления и его отличительные особенности. Показаны сущность и особенности бюрократического подхода в мире политики. В своем исследовании автор исследует цели и задачи бюрократии.

Ключевые слова: бюрократия, бюрократия, государственное управление, реляционное управление, субстантивное управление, государственная власть, гражданское общество, политическая технология, технология политического управления, субъект управления, политические цели.

STAGES OF THE DEVELOPMENT OF THE BUREAUCRACY IN THE POLITICAL SYSTEM OF SOCIETY

The article examines the methodological issues of bureaucracy as a key factor in management relations. The emphasis is on the essence and main features of the bureaucracy. The types of administrative management and its distinctive features are analyzed. The essence and features of the bureaucratic approach in the world of politics are shown. In his research, the author explores the goals and objectives of the bureaucracy.

Keywords: bureaucracy, bureaucracy, public administration, relational control, substantive control, state power, civil society, political technology, technology of political control, subject of control, political goals.

Сведения об авторе: ***Одинаев Истамҷон*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса кафедры политологии факультета философии **Адрес:** 734025, Республика Таджикистанг, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: 987 20 20 30

Information about the author: ***Odinaev Istamjon*** –Tajik National University. second-year master`s studentDepartment of Political Science, Faculty of Philosophy,. **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17 Phone: 987 20 20 30

ЕВРОПЕЙСКИЙ СУД ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА

Пахлавонова Шукрона

Таджикский национальный университет

Нарушение прав и свобод человека одна и острых проблем, стоящих перед человечеством на протяжении многих лет. На протяжении многих лет права человека не признавались даже основные, естественные права: на жизнь, неприкосновенность личности. С развитием нашего общества государство стало обращать внимание на эту проблему.

Развитие международного сотрудничества в области закрепления и защиты прав и свобод человека шло по двум направлениям. Первое характеризовалось разработкой и

принятием общих и специальных актов в области закрепления прав человека. Второе – сотрудничеством государств в области создания реального механизма защиты прав человека и контроля за их соблюдением. Создание комплексной системы обеспечения и защиты, зафиксированных в международно-правовых актах и во внутри государственном законодательстве прав и свобод человека и системы международных органов, наделенных функциями международного контроля за деятельностью государств в сфере обеспечения прав и свобод человека, является важнейшей функцией международного права. Одной из характерных особенностей развития сотрудничества государств в области прав человека на современном этапе является создание системы международного контроля за претворением в жизнь взятых ими на себя юридических обязательств. Его учреждение и функционирование, как на функциональном, так и на региональном уровне является одним из наиболее значительных достижений в международном регулировании прав человека второй половины двадцатого века. Субъектами указанных направлений сотрудничества в области закрепления и защиты прав и свобод человека являются в основном государства и международные и межправительственные организации.

Как известно, в международных отношениях нет надгосударственной власти, которая могла бы контролировать осуществление принципов и норм международного права, в необходимых случаях принудительно претворять их в жизнь или налагать санкции за нарушение взятых обязательств. Поэтому государства и предусмотрели создание международного контрольного механизма Европейский суд по правам человека при Совете Европы учрежденного и действующего на основании Конвенции о защите прав человека и основных свобод по писанной в Риме 4 ноября 1950 г. Россия присоединилась к этой конвенции в 1998 г. Постановления Европейского суда (Judgments) - это окончательные решения по существу дела. Только в постановлении ЕСПЧ может признать нарушение Конвенции со стороны государства-ответчика. Постановления ЕСПЧ являются обязательными для государств-участников и вынуждают правительства вносить изменения в законодательство, менять административную и судебную практику. Конвенции о защите прав человека и основных свобод была принята в 1950 году и является главным юридическим документом для всех стран Совета Европы. Защищать ее обязанность государственных и муниципальных властей каждого государства, а также национальных судов. Поэтому Европейский суд выступает последней судебной инстанцией и действует на основе принципа субсидиарной.

ЕСПЧ является необычным судом во многих отношениях. Его юрисдикция простирается от Рейкьявика в Северной Атлантике до Владивостока на тихоокеанском побережье России. Европейский суд по правам человека служит основой для защиты прав человека в 47 государствах-членах Совета Европы, в которых проживают больше, чем 800 миллионов человек. Участником Конвенции о защите прав человека и основных свобод в скором времени будет также Европейский союз.

Европейский суд по правам человека (далее - Европейский суд или Суд) выступает в качестве эффективного способа защиты и соблюдения прав человека. Европейский суд воспринимается таковым не только как международная судебная инстанция, которая способна восстановить нарушенные права и свободы, но и как институт, который оказывает превентивное влияние на возможные нарушения прав человека. Он способствует выполнению государствами-членами Совета Европы обязательств по уважению прав человека согласно международному праву. В этой связи, справедливо замечание о том, что «Европейский суд является мощным инструментом, стимулирующим развитие национальных правовых систем». Европейский суд был образован в 1959 г. в соответствии с международным правом, в рамках договора - Конвенции о защите прав человека и основных свобод 1950 г. (далее - Конвенция). По истечению времени с момента создания страсбургского механизма, государства-участники Конвенции стали значительнее демократичнее, усилились их традиции законности и верховенства права. Как результат - эти государства имеют общую систему правовых ценностей. Подобный результат, как отмечают ученые, связан, кроме всего прочего, с высокой эффективностью деятельности Европейского суда на протяжении многих лет. Тем не менее, анализ ситуации с конца 90-х гг. по настоящее время позволяет сделать вывод: Европейский суд испытывает заметные трудности.

XX век ознаменовался революционными изменениями во всех сферах человеческой жизнедеятельности. Международное право претерпело разительные изменения за прошедшее столетие (в особенности со второй половины XX века): изменилось как отношение к нему государств и иных участников международных отношений, рассматривающих его как основу современных международных отношений и внешнеполитической деятельности, так и сама его структура, существенно расширился предмет международно-правового регулирования. В международном праве стали появляться новые отрасли, в предмет международно-правового регулирования вошли отношения, ранее находившиеся в исключительном ведении государств. Быстрыми темпами стала развиваться институциализация международного права, появилось большое количество различных институциональных образований, многие из которых в классическом международном праве отсутствовали.

Международное право прав человека является одной из «молодых», но в то же время наиболее динамично развивающихся как количественно, так и качественно (в направлении усиления нормативности, признания все большего количества норм данной отрасли нормами jus cogens1), отраслей современного международного права. С его утверждением в системе современного международного права связывается новый, пост вестфальский этап развития, характеризующийся признанием господства права, опирающегося в качестве основы на права человека в международных отношениях [4; 13-90].

Институциализация является одной из характерных черт как современного международного права в целом, так и международного права прав человека, в частности. Именно в сфере международного права прав человека по сравнению с согласно ст. 53 Венской Конвенции о праве международных договоров 1969 г. императивная норма общего международного права является нормой, которая принимается и признается международным сообществом государств в целом как норма, отклонение от которой недопустимо и которая может быть изменена только последующей нормой общего международного права, носящей такой же характер. [1;67-87]

Иными отраслями международного права действует наибольшее количество институциональных образований различного международно-правового статуса: от органов международных организаций, в предмет ведения которых входит координация сотрудничества государств-членов в сфере уважения и обеспечения прав человека, и до самостоятельных международных договорных (конвенционных) органов (учреждений), в особенности международных судов, наделенных полномочиями выносить обязательные для исполнения акты.

Сотрудничество государств в сфере прав человека развивается как на универсальном, так и региональном уровнях. Причем, на региональном уровне международному сообществу удалось добиться потрясающих результатов в сфере защиты прав человека. Одним из таких региональных уровней является европейский. Защита прав человека на европейском уровне осуществляется в рамках таких международных межгосударственных организаций, как Совет Европы, Европейский Союз (Европейские Сообщества) и Организация по безопасности и сотрудничеству в Европе.

Основным международным договором на европейском региональном уровне является принятая в рамках Совета Европы Европейская Конвенция о защите прав человека и основных свобод 1950 г. (далее именуемая - Конвенция), участниками которой в настоящее время являются 47 государств, то есть, практически все государства Европы (в географическом понимании этого термина, за исключением Белоруссии). В Конвенции были закреплены лишь некоторые права человека из провозглашенных во Всеобщей декларации прав человека 1948 г., основные, по мнению ее разработчиков, без обладания которыми и эффективного их осуществления была бы немыслима личность в демократическом государстве. К сожалению, вклад СНГ в указанной сфере крайне незначителен. Свое согласие на обязательность основополагающего документа СНГ в сфере прав человека, Конвенции Содружества Независимых Государств о правах и основных свободах человека (заключена в г. Минске 26 мая 1995 г.) выразили только четыре государства, а уставной консультативный орган СНГ в сфере прав человека, Комиссия по правам человека СНГ, по текущую дату так и не приступил к работе.

В целях надлежащего контроля за соблюдением государствами-членами своих обязательств по Конвенции был учрежден и более 50 лет успешно действует контрольный институциональный механизм, основным элементом которого является Европейский Суд по правам человека (далее именуемый -ЕСПЧ). Бывший Президент ЕСПЧ Люциус Вильдхабер в своем выступлении на открытии очередного судебного года в январе 2007 г. охарактеризовал ЕСПЧ как символ и практическое воплощение идеала общества, в котором «семейный союз эффективной демократии и господства права обеспечивают политическую стабильность и экономическое процветание наряду с самореализацией индивидов». Контрольный механизм Конвенции справедливо признается наиболее эффективным контрольным институциональным механизмом в сфере прав человека в мире. Его эффективность выражается в практически полном и безусловном исполнении постановлений ЕСПЧ государствами-участниками Конвенции. [3;163]

За время своего существования контрольный механизм Конвенции прошел длительный путь эволюции от механизма с преобладанием квази-судебных функций и высокой ролью государств в его функционировании до по-настоящему независимого международного контрольного механизма, основой которого является международный суд. В результате деятельность контрольного механизма Конвенции стала рассматриваться, прежде всего, как деятельность Европейского Суда по правам человека. Европейский Суд по правам человека был одним из первых международных судов. За годы, прошедшие после начала деятельности ЕСПЧ, количество международных судебных учреждений многократно умножилось, причем пик их создания пришелся на последнюю четверть XX века. Международное сообщество возложило на международные суды важнейшую задачу поддержания международного правопорядка путем обеспечения мирного разрешения международных разногласий. Исследование международных

В последнее время появляется большое количество исследований, посвященных функционированию международных механизмов и процедур в сфере прав человека, среди которых абсолютное лидерство удерживают работы, посвященные Европейской Конвенции о защите прав человека и основных свобод 1950 г. и ее контрольному механизму. Однако большинство этих работ посвящены именно процессуальным аспектам деятельности контрольного механизма и анализу содержания конвенционных прав. Многие авторы уделяют основное внимание процедуре обращения с жалобой в ЕСПЧ, что обусловливается практической необходимостью ознакомления жителей Российской Федерации с международными механизмами защиты их прав, в особенности с механизмом Конвенции, ставшим в 1998 г. доступным лицам, находящимся под юрисдикцией России. [5]

Определенные исследования предпринимаются и в направлении международных судебных учреждений. К сожалению, за редким исключением работы посвящены описанию деятельности таких учреждений, анализу их практики. В то же время в отечественной науке международного права отсутствуют достаточно разработанные исследования природы и международно-правового статуса международных судебных учреждений, их роли в развитии международного права. Особенно актуальным является вопрос о роли Европейского Суда по правам человека в развитии международного права прав человека.

Объект настоящего исследования составляют документы Организации Объединенных Наций, Совета Европы, международные договоры, как региональные, так и универсальные, в сфере прав человека, практика контрольного механизма, в особенности Европейского Суда по правам человека.

Европейская Конвенция о защите прав человека и основных свобод 1950 г., отечественная и зарубежная доктрина о международном праве прав человека и международных судебных учреждениях, праве международных организаций. Материалы практики ЕСПЧ получены автором из официальной информационно-правовой базы Совета Европы HUDOC.

Предмет настоящего исследования состоит в анализе международно-правовой природы и международно-правового статуса Европейского Суда по правам человека, его деятельности по применению положений Европейской Конвенции о защите прав человека и основных свобод 1950 г., его влияния на развитие универсальных прав человека, на эффективность международных правовых норм в сфере прав человека и на создание и развитие механизмов и процедур по защите прав человека. При этом автор считает

необходимым исследовать в настоящей работе именно влияние деятельности Европейского Суда по правам человека, а не только обязательных для исполнения актов, постановлений, на развитие международного права прав человека. Деятельность ЕСПЧ не ограничивается вынесением постановлений: уже собственно юридическая деятельность ЕСПЧ включает не только вынесение постановлений, но и решений (например, по вопросам принятия предварительных судебных мер) и консультативных заключений, да и сама деятельность ЕСПЧ не ограничивается лишь процессуальными вопросами.

Цели и задачи исследования заключаются в следующим: главная цель данной работы состоит в том, чтобы на основе международно-правовых документов и международно-правовой доктрины раскрыть международно-правовую природу, международно-правовой статус Европейского Суда по правам человека, условия его создания, этапы его эволюции, и его роль в развитии международного права прав человека как отрасли современного международного права.

В соответствии с вышеуказанной целью в исследовании ставятся следующие задачи:

- проанализировать историю создания и этапы эволюции Европейского Суда по правам человека;
- раскрыть его правовую природу и международно-правовой статус;
- исследовать место Европейского Суда по правам человека среди международных механизмов и процедур по защите прав человека;
- исследовать деятельность Европейского Суда по правам человека по утверждению таких основных прав человека, как право на жизнь и запрет пыток;
- оценить значение деятельности Европейского Суда по правам человека в развитии международного права прав человека, в том числе по повышению эффективности норм международного права в сфере прав человека.

Нормативно-правовая и теоретическая основа работы. Нормативную базу исследования составляют международно-правовые акты и международные документы. К международным правовым актам относятся Устав ООН, Устав Совета Европы и Европейская Конвенция по защите прав человека и основных свобод 1950 г, являющаяся учредительным актом ЕСПЧ. Также используются многочисленные договоры в сфере защиты прав человека, как универсальные, так и региональные, практика ЕСПЧ по применению положений Конвенции, внутренние акты ЕСПЧ (его регламент), а также различные документы, принимаемые Парламентской Ассамблеей Совета Европы, Комитетом Министров Совета Европы, и иные акты.

Вступившая в силу 3 сентября 1953 г. Европейская конвенция о защите прав человека и основных свобод не только провозгласила основополагающие права человека, но и создала особый механизм их защиты.

Первоначально этот механизм включал три органа, которые несли ответственность за обеспечение соблюдения обязательств, принятых на себя государствами - участниками Конвенции: Европейскую Комиссию по правам человека, Европейский Суд по правам человека и Комитет министров Совета Европы.

С 1 ноября 1998 г., по вступлении в силу Протокола № 11, первые два из этих органов были заменены единым, постоянно действующим Европейским Судом по правам человека. Его местонахождение - Дворец прав человека в Страсбурге (Франция), где находится и сам Совет.

Исторические предпосылки Объединения Европы лежат в далеком прошлом. Ещё в средние века под лозунгом “Renovatio Imperii Romani” (Возрождение Римской империи) предпринимались попытки создать в Европе, по крайней мере в западной её части, некий Единый центр власти. Эти попытки - добровольного объединения и порабощения путем военной агрессии (что случалось чаще), как известно, потерпели неудачу. Тем не менее, по сей день в речах европейских политиков нередко говорится о "воссоединении" Европы, несмотря на всю неоднозначность подобных аналогий.

Современный этап объединения Европы на основе добровольного ограничения государствами своего суверенитета начался в конце 40х , начале 50 х годов XX столетия. Участвовать в нем пожелали сначала только шесть, западноевропейских, стран: Бельгия, Германия Имеется в виду ФРГ., Италия, Люксембург, Нидерланды, Франция, затем их стало 9 (1973 г.) присоединились Великобритания, Дания, Ирландия, (1981 г.) вступили

Греция - 10, (1986 г.) вступили Испания и Португалия - 12, (1995 г.) Австрия, Финляндия, Швеция - 15. Но на этом процесс расширения Европейского союза не завершился. В настоящее время к вступлению в эту организацию готовится ещё 13 стран, в основном восточноевропейских.2

В состав Европейского союза могут входить только такие государства, которые разделяют основные принципы Хартии прав человека и заявляют о своей готовности гарантировать их выполнения.

Это было отражено в статье 3 Устава Совета Европы, подписанного в Лондоне 5 мая 1949 года, в следующей редакции: «Каждый член Совета Европы должен признавать принцип верховенства права и принцип, в соответствии с которым все лица, находящиеся под его юрисдикцией, должен пользоваться правами человека и основными свободами».

С 1964 года празднуется день (5 мая) основания Совета Европы. Штаб-квартира Совета Европы находится в Страсбурге. мая 1949 г. принят устав Совета Европы.3

От своих предшественников Союз отличает, прежде всего, универсальный характер его компетенции. Она распространилась теперь не только на экономические и связанные с ними отношения, но охватила также важные области , как внешнюю (в том числе оборонную) политику и вопросы борьбы с преступностью.

Начав свою деятельность в 1959 г., Европейский Суд к настоящему времени. рассмотрел более тысячи дел, подавляющее большинство из которых по жалобам граждан. Сегодня можно сказать, что все нормы, содержащиеся в разделе I Конвенции о защите прав человека и основных свобод, а также нормы Протоколов, дополняющие этот раздел, применяются так, как они истолкованы в решениях Европейского Суда.

Ратификация Россией Европейской конвенции позволяет всем лицам, находящимся под ее юрисдикцией, обращаться в Европейский Суд, если они считают свои права нарушенными, что подтверждается статьей 46 (ч. 3) Конституции Российской Федерации, в которой говорится, что "каждый вправе в соответствии с международными договорами Российской Федерации обращаться в межгосударственные органы по защите прав и свобод человека, если исчерпаны все имеющиеся внутригосударственные средства правовой защиты". При этом прежде, чем жалоба будет подана в Суд, необходимо строгое соблюдение нескольких непременных условий. Европейский Суд по правам человека состоит из судей, число которых соответствует числу подписавших Конвенцию государств. Хотя кандидаты на эти должности первоначально выдвигаются соответствующим правительством, судьи пользуются полной независимостью при исполнении своих обязанностей и не представляют интересы государства, его выдвинувшего. Первые выборы в новый Суд, в связи с принятием Протокола № 11 к Европейской конвенции о правах человека, состоялись в январе 1998 года и избранные судьи приступили к исполнению своих обязанностей 3 ноября 1998 года. Число судей, входящих в состав Суда, равно числу Высоких Договаривающихся Сторон. Статья 20 Конвенция о защите прав человека и основных свобод.

Перечень прав за соблюдением которых государствами-членами Совета Европы следит Европейский суд по правам человека закреплен в Конвенции о защите прав человека и протоколах к ней:

Право на жизнь
Запрещение пыток
Запрещение рабства и принудительного труда
Право на свободу и личную неприкосновенность
Право на справедливое судебное разбирательство
Наказание исключительно на основании закона
Право на уважение частной и семейной жизни
Свобода мысли, совести и религии
Свобода выражения мнения
Свобода собраний и объединений
Право на вступление в брак
Право на эффективное средство правовой защиты
Запрещение дискриминации
Защита собственности

Право на образование
Право на свободные выборы
Свобода передвижения
Право на обжалование приговоров по уголовным делам во второй инстанции

Поступившие в ЕСПЧ жалобы, рассматриваются сначала всегда Секретариатом Суда, затем либо Единоличным Судьей, либо Комитетом из трех Судей, либо Палатой из семи судей (или 5 судей), либо Большой Палатой из 17 судей. С 2014 года в Суд может быть подана только жалоба установленной формы (раньше, можно было написать письмо в произвольной форме (предварительная жалоба), в котором высказывалось намерение подать жалобу и ее суть). Также в Суд может быть направлено заявление о применении Европейским судом предварительных мер. В любом случае за письмом или заявлением в Суд направляется жалоба. В противном случае производство по жалобе просто не будет возбуждено, а по возбужденному делу оно прекращается. Рассмотрение индивидуальных жалоб является основным видом деятельности Европейского суда по правам человека. Однако наряду с этим ЕСПЧ разрешает другие вопросы: о применении предварительных мер, о вынесении консультативного заключения, вынесение пилотного постановления, толкование ранее вынесенного Судом постановления, производство по вопросу нарушения обязательства исполнять постановление. Два последних производства введены Протоколом № 14 к Конвенции.

ЛИТЕРАТУРА

1 Венская Конвенция о праве международных договоров 1969 г. // Международное публичное право. Сборник документов. Т. 1,- М.: БЕК, 1996. С. 67 – 87
2 Дженнис М., Кэй Р., Брэдли Э. Европейское право в области прав человека (Практика и комментарии). - М., 1997.-С.
3 Европейская Конвенция о защите прав человека и основных свобод 1950 г. // Собрание законодательства РФ. -2001.-№2.-Ст. 163.
4 Устав Совета Европы // Собрание законодательства РФ. 1997. - № 12. -Ст. 1390.
5 Федеральный Закон от 30.03.1998 N 54-ФЗ «О ратификации Конвенции о защите прав человека и основных свобод и протоколов к ней» // СПС «КонсультантПлюс».

СУДИ АВРУПО ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН

Ҳадафи ин кор муайян кардани нақши Суди Аврупо дар ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф дар кор вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:
- баррасии таърихи таъсиси Суди Аврупо;
- муайян кардани таркиб ва сохтори Суди Аврупо;
- омӯхтани раванд дар суди Аврупо.

Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (инчунин бо номи Суди Аврупо, Додгоҳи Страсбург, САҲИ) як ниҳоди байналмилалии судӣ оид ба шикоятҳо оид ба вайронкунии ҳуқуқи инсон дар шаҳри Страсбурги Фаронса мебошад. Суди Аврупо оид ба ҳуқуққои инсон, ки соли 1959 таъсис ёфтааст, салоҳиятдор аст шикоятҳои довталабони алоҳида ё давлатҳоро оид ба вайронкунии Конвенсияи соли 1950 оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ баррасӣ кунад.

Калидвожаҳо: Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, институтҳои байналмилалии судӣ, Конвенсия, суди Аврупо, суди иқтисодии ИДМ, судҳои байналмилалӣ, суди байналмилалии СММ.

ЕВРОПЕЙСКИЙ СУД ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА

Цель данной работы – определить роль Европейского суда в защите прав и свобод человека. Для реализации поставленной цели в работе ставятся следующие задачи:
- рассмотреть историю создания Европейского суда;
- определить состав и структуру Европейского суда;
- изучить процесс в европейском суде.

Европейский суд по правам человека (известный также как Европейский суд, Страсбургский суд, ЕСПЧ) - это международный судебный орган по рассмотрению жалоб на нарушение прав человека, расположенный во французском городе Страсбург. Основанный в 1959 году, Европейский Суд по правам человека является компетентным в вынесении постановлений в отношении жалоб, поданных индивидуальными заявителями или государствами о нарушении Конвенции о защите прав человека и основных свобод 1950 года.

Ключевые слова: Европейский Суд по правам человека, международные судебные учреждения, Конвенция, экономический суд СНГ, международные трибуналы, международный суд ООН.

EUROPEAN COURT OF HUMAN RIGHTS

The purpose of this work is to determine the role of the European Court in the protection of human rights and freedoms.

To achieve this goal, the following tasks are set in the work:
- to consider the history of the creation of the European Court;
- to determine the composition and structure of the European Court;
- to study the process in the European court.

The European Court of Human Rights (also known as the European Court of Justice, Strasbourg Court, ECHR) is an international judicial body for complaints of human rights violations located in the French city of Strasbourg. It was founded in 1959. The European Court of Human Rights is competent to adjudicate complaints brought by individual applicants or states for violations of the 1950 Convention for the Protection of Human Rights and Fundamental Freedoms.

Keywords: European Court of Human Rights, international judicial institutions, Convention, CIS economic court, international tribunals, UN international court.

Сведения об авторе: ***Пахлавонова Шукрона*** **-** магистрант 2-го курса очного отделения юридического факультета Таджикского национального университета, Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Буни - Хисорак, тел: 918-23-32-32, e-mail:

Information about the author: ***Pakhlavonova Shukrona*** **-** 2-nd course of postgraduate full time education of Law faculty of the Tajik national university, Dushanbe c., Buni - Hisorak st. tel: 918-23-32-32, e-mail:

АҲАМИЯТИ ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ ДАР МИЁНИ ПРИНСИПҲОИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Рачабов Н. Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мувофиқи моддаи 20-уми Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон шахс то қувваи қонунӣ гирифтани ҳукми суд гунаҳкор ҳисобида намешавад. Ин қоидаи умумӣ дар муҳокимаи судӣ- ҷиноӣ, ки дар он ҳукми судро дар асоси даврaҳои пешакии муҳокимаи судии кори ҷиноӣ ба охир мерасонад, дида мешавад. Оғоз кардани парвандаи ҷиноӣ ва тафтиши он, супоридан ба суд, муҳокимаи судӣ. Суд масъалаи гунаҳкор ё бегуноҳии маҳкумшударо ҳал мекунад. Бинобар ин дар моддан 20 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандоне, ки ба сифати айбдоршаванда дар содир кардани ҷиноят ба кор ҷалб карда шудаанд, муайян кардааст.

Дар моддаи 20 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи шаҳрвандии маҳкумшудагоне, ки нисбати онҳо ҳукми суд қонунӣ шудааст, аниқ гардидааст. Конституция таъкид менамояд, ки ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста намешавад [1;7]. Бо он ки айбдоршаванда гунаҳкор ҳисобида мешавад ва гунаҳкор ҳисобидани ӯ маълум нест. Чунки ин хулоса аз муҳокимаи суд вобастаги дорад, ки онро ҳеҷ кас наметавонад пешгӯӣ кунад

Агар айбдоршаванда гунаҳкор ҳисобида нашавад ин ҳолати вайро муайян карда наметавонад. Айбдоршаванда гунаҳкор ҳисоб намешавад, агар айби ӯ исбот нагардад. Дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи кори ҷиноӣ аз рӯи Қонун айбдоршавандаро гунаҳкор номидан мумкин нест. Дар моддаи 20-и Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қоида пешбинӣ шудааст. Тавсияи пурра ва аниқи эҳтимолияти бегуноҳиро Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-июни соли 1999 муайян намуд. Дар ин тавсия ба айбдоршаванда ҳуқуқи ҳимоя дода шудааст (қисми 1). Дар қисми дуюми ин маҷлис дар бораи ба айбдоршаванда додани ҳуқуқи ҳимоя сухан меравад.

Бояд дар назар дошт, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ на танҳо ҳамчун мафҳуми ҳуқуқи мурофиавӣ – ҷиноӣ, балки ҳамчун принсип низ муқаррар гардидааст. Дар аксари адабиётҳои илмӣ – тадқиқотии ҳуқуқӣ ва таълимӣ олимон дар ин бора хулосаҳои худро баён доштаанд. Мувофиқи ин принсип низ ҳар як шахси айбдоршаванда то лаҳзаи ба исбот нарасидани айби вай гунаҳкор дониста намешавад.

Масъалаи муайян намудани қувваи ҳуқуқии нишондодҳои айбдоршаванда бо ҷанбаи ҳуқуқи исботкунӣ ва ё назарияи исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноӣ вобастагии зич дорад. Воқеан, фаҳмиши дурусти моҳияти исботкунӣ доштани нишондодҳои айбдоршаванда ва баҳодиҳии дуруст ба онҳо дар назарияи мурофиаи ҷиноӣ дар таҷрибаи тафтиш ва судӣ эҳтимолияти бегуноҳиро муайян мекунад. Зиёда аз ин бисёре аз масъалаҳои вобаста ба

исботкунӣ, инчунин назарияи исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноӣ аз эҳтимолияти бегуноҳӣ ҷудогона маънидод карда намешаванд. Зеро назарияи исботкунӣ ва худи мафҳуми ҳуқуқи исботкунӣ ба эҳтимолияти бегуноҳӣ робитаи зич дорад. Маҳз, фароҳамоварии далелҳои кофӣ ва пешниҳоди онҳо ба мурофиаи ҷиноӣ барои анҷом додани ҷараёни тафтиш имкон медиҳад, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ ба миён ояд. Масалан, шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят айбдор шудааст, ҷиҳати тасдиқи бегуноҳии худ метавонад нишондод диҳад, лекин ӯҳдадор нест.

Сарфи назар аз ин тамоил содиршавии баъзе намудҳои ҷиноят дар кишвар нисбатан зиёдаст. Аз ҷумла шумораи содиршавии ҷиноятҳои муташаккилона дар Ҷумҳурӣ аз 104 ба 134 адад расидааст ё қариб 29 фоиз зиёд шудааст. Ҳол он, ки дар миёни рукнҳои мухталифи давлат мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ мақоми хоса дошта, аз сатҳи донишу малакаи касбӣ, рафтор ва фаъолияти онҳо эътимоду эътиқоди мардум нисбат ба давлат вобастагии бевосита дорад. Дар сурате, ки ин мақомотҳо пуштибони воқеии мардум бошанд, аз ҳуқуқу озодиҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дифоъ намоянд ва нагузораид, ки раванди таъмини қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ халалдор гардад, онҳо дар назди мардум ҳамчун ҳомиёни қонун ва муҳофизони манфиатҳои ҷомеа ва давлат нуфуз пайдо менамоянд. Ба ибораи дигар, обруи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низоми дар миёни ҷомеа пеш аз ҳама аз рафтору кирдори намунавии ҳар кормаид ва хизматчии ҳарбӣ вобаста аст [2].

Дар марҳилаи имрӯзаи ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки бархӯрди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат, глобализатсияи проблемаҳо ва хатарҳои муосир шиддат ёфтаанд, амнияти бисёр кишварҳо таҳти таҳдидҳои гуногун қарор гирифтааст. Воқеан ҳар давлатро таҳдидҳое фаро гирифта метавонанд, ки хусусиятҳои дохилӣ ва беруни доранд.

Ба амнияти миллӣ ҳар давлат пеш аз ҳама қувваҳои мочорочуиву тахрибкори беруни таҳдид доранд, ки Тоҷикистон дар таърихи навини худ оқибатҳои фоҷиабори дахолати онҳоро аз сар гузарондааст.

Ба гурӯҳи таҳдидҳои дохили экстремизм, ҷиноятҳои муташаккилона, коррупсия, нашъаҷаллобӣ ва дигар зуҳуроти ба ин монанд шомиланд, ки метавонанд амнияти давлат ва ҷомеаи моро халалдор созанд. Пешгири ва пешгирии онҳо аз риояи принсипҳо низ вобаста аст.

Дар мурофиаи ҷиноии шӯравӣ низ, эҳтимолияти бегуноҳӣ нақши бузург дорад. Вай дар ҳамаи давраҳо ва институтҳои мурофиаи ҷиноӣ амалӣ мегардад. Инчунин нақши он дар ҳуқуқи исботкунӣ хеле бузург аст. Аз ин рӯ, дар бисёр таҳқиқотҳои олимони шӯравӣ оид ба назарияи мурофиаи ҷиноӣ баррасӣ ва муҳокимаи масъалаҳои ҳуқуқи исботкунӣ бо эҳтимолияти бегуноҳӣ пайванди қавӣ меёбанд. Дар робита ба ин гуфта метавон таъкид намуд, ки Строгович М.С. дар таҳқиқоти хеш таъкид менамояд, ки ҳуқуқи ҳимояи худ дар мурофиаи ҷиноӣ яке аз самтҳои муҳими эҳтимолияти бегуноҳиро бозгӯӣ мекунад. Аз дигар тараф, омӯзиши амиқи ин масъала робитаи миёни ҳуқуқи ҳимояи айбдоршавандаро дар мурофиаи ҷиноӣ ва эҳтимолияти бегуноҳӣ ошкор месозад. Номбурда ба андешае мерасад, ки ҳукми дурусти суд танҳо дар сурати риояи эҳтимолияти бегуноҳӣ, фаҳмиши дурусти моҳияти он, бартараф кардани қонунвайронкуниҳо моҳияти ҳақиқии худро пайдо менамояд. Дар ин замина нишондодҳои пешниҳоднамудаи айбдоршаванда ба сифати далели муҳим ба инобат гирифта мешаванд. Махсусан, дар ҳолате, ки вай ба гуноҳи хеш иқрор мешавад [3;117]. Аз ин хотир, ҳангоми муҳокимаи нишондодҳо ё далелҳои айбдоршаванда онҳо ҳамчун далелҳое низ ба инобат гирифта мешаванд, ки шахсан ба эҳтимолияти бегуноҳӣ робита доранд.

Мо дар баҳсҳои болоӣ борҳо таъкид намудем, ки айбдоршаванда ҳанӯз гунаҳкор нест. Ин маънои онро дорад, ки агар шахсе ҳамчун гумонбар ё айбдоршаванда ба даст афтад, онро ҳамчун ҷиноятгкор пиндоштан ё ин ки ба вай ҳамчун шахси ҷиноят содирнамуда муносибат кардан комилан нодуруст аст. Бисёр ҳолатҳо шудааст, ки баъд аз тафтиши амиқ ва санҷиши далелҳои дастрасшуда айбдоршаванда ҳамчун айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноӣ ҷалб карда мешавад. Албатта, ин ҳолат дар заминаи санҷиши пурраи далелҳо ва исботкунии онҳо сурат мегирад. Ҳолати дигар имкон надорад, агар шахси гумонбаршуда ба сифати ҷиноятгкор бидуни санҷиши далелҳои гумонбарии вай ҷазо дода шавад. Ё ин ки

нишондодҳои қонунгузорӣ дар нисбати ҳуқуқҳои ба вай пешбинигардида вайрон карда шаванд.

Аммо ҳолатҳои дигаре низ ба мушоҳида мерасад, ки дар ҷараёни мурофиаи ҷиноӣ ва тафтиши парварандаи ҷиноӣ, инчунин ҳангоми муҳокимаи судӣ бегуноҳии судшаванда ба исбот мерасад ва чораҳои қонунӣ нисбати рафтори ба вай хулосаи мақомоти тафтиш ва ҳифзи ҳуқуқ тафтиш карда мешавад. Дар ин ҳолат дар мурофиаи судӣ айбдоршаванда сафед гардида, ба фаъолияти хеш бармегардад. Ё ин ки парварандаи ҷиноии дар нисбати вай оғоз гардида қатъ карда мешавад. Дар ин ҳолат адолати судӣ барқарор мегардад.

Аммо ба ғайр аз ин ҳолатҳои муайнкунандаи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳолати дигаре низ мавҷуд аст, ки ҳангоми мурофиаи судӣ айбдоршаванда айбдоршаванда дониста шуда, ба ҳукми судӣ ҷазо мегирад. Вале баъд аз чанд муддат муайян карда мешавад, ки дар муҳокимаи судӣ иштибоҳ рух додааст, суд ҷиҳати рафъи иштибоҳи хеш ҳукми худро дар асоси нишондодҳои қонун беэътибор дониста, адолатро дар нисбати шахси ҷабрдида барқарор менамояд. Аз ин ҷо бармеояд, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ на танҳо мумкин аст, ки дар ҷараёни мурофиаи судӣ, тафтиши пешакӣ, мурофиаи ҷиноӣ ба миён ояд. Балки имкон дорад, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ баъд аз баромадани ҳукми суд муқаррар карда шавад.

Аз таҳлил ва омӯзиши моҳияти принсипи бегуноҳӣ дар мурофиаи ҷиноӣ бармеояд, ки мафҳуми мазкур ҳамчун принсипи махсус дар ҳуқуқи мурофиавӣ ва исботкунӣ нақши бузург дорад. Зеро бо нишондоди Конституцсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як шаҳрванд, ки ба сифати айбдор гумонбар шудааст, то лаҳзаи баромадани ҳукми суд гунаҳкор нест. Гуфтан мумкин аст, ки ин принсип сарчашмаи асосии худро аз Эъломияи ҳуқуқи башар гирифтааст, ки дар он омадааст, ки ҳар як шаҳрванди барои содиршавии ҷиноят гумонбаршуда ҳуқуқ дорад, ки то лаҳзаи ба исбот расидани гуноҳи вай тавассути мурофиаи судӣ бегуноҳ эълон карда шавад. Дар ҳақиқат ин принсипи муҳим, ки кафолати ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро бо таври демократӣ ва гуманистӣ эълон менамояд, аз он дарак медиҳад, ки эҳтиром намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳама ҳолат риоя мегардад. Ҳатто дар лаҳзаи ба сифати айбдор ва шахсияти рафтори зиддиҷамъиятӣ содир намуда эълон шудани ӯ, давлат барои ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии гумонбаршуда, тамоми чораҳои қонуниро муқаррар намудааст. Истифодаи ин хукукхо имкон медиҳад, ки талаботҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои мурофиавии шаҳрвандон иҷро гардида, кафолатҳои ҳуқуқию қонунии онҳо муқаррар карда шаванд. Ҳангоми ҳаматарафа таҳлил намудани моҳияти ҳуқуқии эҳтимолияти бегуноҳӣ мо ба чанд хулосаи муҳим расидем, ки зикри онҳо бар фоидаи кор хоҳад буд:

Эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамчун принсипи муҳими мурофиаи ҷиноӣ дар баамалбарории кафолатҳои ҳуқуқии шахсият нақши бузург дорад. Дар заминаи принсипи мазкур ҳуқуқи ҳимояи мурофиавии шахсият ва эҳтироми манфиатҳои психологӣ ва шаъну эътибори вай қарор мегирад.

АДАБИЁТ

1. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ба таври раъйпурсӣ аз 6 ноябри соли 1994 қабул гардидааст. Бо назардошти тағиротиу иловаҳо аз солҳои 1999, 2003. - Душанбе. : Паёми Сомониён, 2003,
2. Раҳмонов Э.Ш. Баромад дар Шӯрои амният бо иштироки кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ аз 17 феврали соли 2015 // Ҷумҳурият. № 18. 2015. – 20 феврал.
3. Строгович М.С. Право обвиняемого на защиту и презумпция невиновности. –М.: Наука, 1984. –С.117.
4. Советский уголовный пройесс. М., Юрид. лит. 1978.
5. Уголовный пройесс. Под. ред. Гуйенко. М., Зерйало, 1998.
6. Улоговный пройесс. Под. ред. Боҷева М., Зерйало, 1998

АҲАМИЯТИ ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ ДАР МИЁНИ ПРИНСИПҲОИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Мувофиқи нишондодҳои Конституцсия ва қонунгузорӣ ҳар як шахсе, ки айбдор эълон шудааст, то лаҳзаи баромадани ҳукм бегуноҳ аст. Ин принсипи демократӣ ва гуманистии қонунӣ олӣ барои айбдоршаванда имкон медиҳад, ки аз тамоми чораҳои ҳимояи худ истифода намояд. Аз дигар тараф дар ин ҳолат қонун иҷозат намедиҳад, ки ба шахсият, шараф ва номуси айбдоршаванда аз ҷониби мақомоти тафтиш поймол гардад. Эҳтимолияти бегуноҳӣ дар заминан робитаи қавӣ бо ҳуқуқи ҳимояи айбдоршаванда арзи ҳастӣ мекунад. Ин маънои онро дорад, ки ба шакли бевосита ва ё бавосита ҳуқуқҳои худро ҳимоя намудани айбдоршаванда имкон медиҳад, ки вай дар мурофиаи судӣ бегуноҳии худро собит намояд. Эҳтимолияти

бегуноҳӣ ҳамчун принсипи муҳими мурофиаи ҷиноӣ барои ба амал баровардани ҷараёни исботкунӣ аҳамияти муҳим дорад. Зеро дар заминаи ба амалбарории ҳуқуқҳои исботкунӣ имкон дорад, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ хислати асосии худро касб намояд. Айбдоршаванда ҳамон вақт бегуноҳ ё гунаҳкор дониста мешавад, ки далелҳои оид ба парвандаи ҷиноии вай ҷамъоварӣ шуда, пурра ва дақиқона таҳлилу тафтиш карда шаванд, то дар ҳукми суд изҳори норизоят ва қонуншиканӣ ба миён наояд.

Калидвожаҳо: глобалӣ ; давлат; қонун; иҷтимоӣ; қисм; ҳуқуқ; модда; кодекс; мусоидат; механизм; имконпазир; мавзуъ; меъёр; тарафҳо; баррасӣ; бегуноҳ; принсип; қонунгузорӣ

ВАЖНОСТЬ ПРИНЦИПА ВЕРОЯТНОСТИ НЕВИНОВНОСТИ СРЕДИ ПРИНЦИПОВ УГОЛОВНОГО ПРОЦЕССА

Согласно конституцию и законодательству, каждый человек, который был обвинен, невиновен до освобождения приговора. Этот демократический принцип и законные юридические гуманизиты позволяют максимально использовать все его меры защиты. С другой стороны, в этом случае закон не позволяет нарушать лицо, честь и обвинение обвиняемого органами инспекционных органов. Вероятность невиновности на основе земли - это сильные отношения с законным ответчиком. Это означает, что защита прямых или косвенно защищает себя протесты против обвинения его невиновности в суде. Вероятность невинности важна как важный принцип уголовного процесса для осуществления процесса предоставления. Потому что можно реализовать доказательство близости к вероятности близости. Ответчик считается невинным или виновным, когда факты ее уголовного дела собраны, полностью проанализированы и не должны быть осмотрены в полном объеме и протоколом.

Ключевые слова: государство; закон; социальное; часть; статья; право; кодекс; содействие; механизм; возможный; тема; мера; стороны; рассмотрение; невиновный; принцип; законодательство

IMPORTANCE OF THE PRESUMPTION OF INNOCENCE AMONG THE PRINCIPLES OF CRIMINAL PROCEDURE

According to the Constitutional and Legislation, each person who has been an accusation is innocent until the release of the sentence. This democratic principle and legitimate legal humanitistics allows the highest use of all its protection measures. On the other hand, in this case the law does not allow to be violated by the person, honor and accusation of accused by the inspection authorities. The probability of innocence on the basis of land is a strong relationship with the law of the defendant. This means that the defense of direct or indirectly defend themselves protests against the accusation of his innocence in court. The probability of innocence is important as an important principle of criminal proceedings to carry out the provision process, because it is possible to implement the proof of the probability of proximity. The defendant shall be considered innocent or guilty when the facts of her criminal case is collected, fully analyzed and shall not be examined in full and minutes.

Keywords: nation; right; law; society; part; article; lawbook; assistance; mechanism; possible; subject; measure; parties; consideration; innocent; principle; legislation

Сведения об авторе: ***Раджабов Нурмухаммад Хикматуллаевич*** – магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **918 23 80 70**

Information about the author: ***Rajabov Nurmuhammad Hikmatulloevich*** – second-year graduate student of the faculty of Law of Tajik National University. Phone: **918 23 80 70**

ПРИНСИПИ САЛОҲИЯТИ ШАХСӢ

Расулуглу Ҳидоятуллоҳ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке дигар аз принсипи фаромиллӣ, ки кишварҳо ҷиҳати рафъи мушкилоти принсипи салоҳияти сарзаминӣ дар ростои урфи ҳуқуқи байналмилалӣ истифода мекунанд, принсипи салоҳияти шахсӣ мебошад. Ин асл аз ду нигоҳ қобили татбиқ аст: аз як ҷониб, мумкин аст он ҳангоме татбиқ шавад, ки шахси муртакиб шаҳрванди як кишвари ғайр аз кишвари маҳалли вуқӯи ҷурм бошад, ки аз он ба ҷанбаи мусбати принсипи салоҳияти шахсӣ ном бурда мешавад. Аз ҷониби дигар, ҳангоме татбиқ мешавад, ки давлати матбуи шахси зарардидаи ҷурме, ки дар хориҷ аз қаламрави он иддаокунандаи салоҳияти расидагӣ ба ҷурми мазкур бошад, ки аз он ба ҷанбаи манфии кишвари воқеъ шудаи принсипи салоҳияти шахсӣ ёд мешавад.

Ҷанбаи манфии ин принсип барои ҳимоят аз шаҳрвандони як кишвар ба шарти адами иҷрои қаблии принсипи салоҳияти маҳаллӣ ё сарзаминӣ вориди амал мешавад. Албатта, ин принсип ба таври тамом дар хусуси ҳамаи ҷароим мавриди пазириш қарор нагирифта, вале ба таври бисёр густарда дар мавриди ҷароими террористӣ ё таҳоҷумоти созмонёфта алайҳи шаҳрвандони як кишвар, террори намояндагони сиёсии як кишвар иҷро мешавад. Қонуни

ҷазои кишварҳо, масалан Фаронса дар моддаи 6/7 - 113 ҳам ҷанбаи мусбат ва ҳам ҷанбаи манфии принсипи салоҳияти шахсиро мавриди қабул қарор додаанд. Аз он ҷо ки мумкин аст ҷинояткор пас аз иртикоби ҷиноят дар кишвари бегона ба кишвари шаҳрвандии худ фирор кунад, чунончи принсипи салоҳияти шахсӣ дар ҷанбаи мусбати он мавриди қабул набошад, ин ҷиноят кори аз муҷозоти фироркарда ва ҳадафи аслии ҳуқуқи ҷазои байналмилалӣ, ки ҷилавгирӣ аз бе муҷозот мондани ҷинояткорон аст, ҳосил намегардад. Аз ин рӯ, давлатҳо ночор ба инкишофи салоҳияти тақнинӣ ва қазоии худ ба хориҷ аз қаламрави худ гардида, то шаҳрвандони худиро, ки дар сарзамини дигар кишварҳо муртакиби ҷиноят гаридаанд, муҷозот намоянд. [2;80]. Ин инкишофи салоҳияти тақнинӣ ва қазоиро наметавон нақзи ҳокимият ва истиқлоли дигар кишварҳо донист, ба хотире, ки Қонуни ҷазои худиро ҳеҷ кишваре аз ин тариқ дар қаламрави хоки кишвари дигар иҷро намекунад, балки тибқи принсипи салоҳияти шахсӣ фақат ҳукумати маънавии худиро дар хориҷ аз қаламрави худ нигаҳ медорад. Аз назари таърихӣ ин принсип бар ин тафаккур устувор аст, ки Қонуни ҷазо як қонун шахсӣ аст ва афроди миллат ба ҳар ҷое ки сафар кунанд бояд онро риоя намоянд.

Ҳамон тавре ки гуфта шуд, бархе аз кишварҳо принсипи салоҳияти шахсиро ба маворидe, ки шаҳрвандони онҳо дар хориҷ аз кишварашон зарардида воқеъ мешаванд, низ инкишоф ва умумият додаанд ва хударо ҳақдор барои расидагӣ ба ин ҷиноят медонанд. Принсипи салоҳияти шахсӣ дар ин мафҳум ин гуна тавҷеҳ мешавад, ки яке аз вазоифи ҳар кишвар ҳимоят аз шаҳрвандони худ мебошад ва аз тарафи дигар, дар чунин маворид ба ҳайсият ва эътибори он кишвар низ латма ворид шудааст. Албатта, ин ҷанба аз принсипи салоҳияти шахсӣ аз интиқоди уламои ҳуқуқ дар амон намондааст, ин даста аз уламои ҳуқуқ муътақиданд, ки миллат як кайфияти шахсии марбут ба шахси зарардида аст ва наметавонад поя ва асосӣ ҷиҳати салоҳият бошад, зеро муҷозот ҷиҳати дифоъ аз ҳуқуқи хусусӣ сурат намегирад ва нақзи салоҳияти дарунимарзӣ дар сурате аст, ки манофеъ алайҳи кишвар монанди амнияти кишвар дар хатар бошад. [5;150] Дар гузашта низ ин принсип мавриди мухолифати бархе донишмандон қарор гирифтааст, аз ҷумла Монтеске, Жан Жак Руссо нисбӣ будани арзиши қавонини ҷазоӣ, тарки сарзаминро ба манзалаи иродаи шахс ҷиҳати адами риояи қарордоди иҷтимоӣ ва раҳоӣ аз ҳокимияти он сарзамин талаккӣ мекарданд. Беккариа низ ба ҳамин тартиб муътақид ба маҳдудияти салоҳияти ҷазоӣ дар қаламрав ва сарзамин буд ва бовар дошт, ки танҳо ҳокими як сарзамин ҳақдор ва қодир ба таъқиб ва муҷозоти ҷинояткор аст. [4;81]

Татбиқи принсипи салоҳияти шахсӣ, чи дар ҷанбаи мусбат ва чи дар ҷанбаи манфии он, вобаста аст ба вуҷуди робитаи шаҳрвандии муртакиби ҷиноят бо шахси зарардида ва давлате, ки дар ростои татбиқи салоҳияти хеш аст. Принсипи салоҳияти шахсӣ ҳукми судяи маҳалли вуқӯи ҷурмро нодида мегирад, ин ҳукми бегона, ки эҷодшуда аз салоҳияти дарунимарзӣ мебошад ва бартарии он ошкор аст, дар муқобили судя низоми принсипи салоҳияти шахсӣ аз назари қазияи ҳукмшуда эътиборе надорад.

Бо таваҷҷуҳ ба он чи ки то ҳол гуфта шуд, ошкор гардид, ки татбиқи принсипи салоҳияти шахсӣ ба манзалаи нақзи ҳокимият ва истиқлоли давлатҳо нест, балки қадаме ҷиҳати эҷоди назми байналмилалӣ ва муҷозоти ҷинояткорон аст. Ин тавр нест, ки давлате қудрати худро худсарона дар қаламрави кишвари дигар татбиқ намояд. Аз ин рӯ, аз назари ҳуқуқи ҷазои байналмилалӣ ин мавзӯъ комилан радду нақзи ошкори муқаррароти байналмилалӣ мебошад ва аз дидгоҳи принсипи салоҳияти шахсӣ, давлатҳо ҳангоме метавонанд татбиқи салоҳият намоянд, ки як муртакиб шахсан ва озодона ва бо иродаи хеш ба сарзамини давлати шаҳрвандии худ баргардад ва ё тавассути давлати бегона мустарад шуда бошад. Биноан, барои тавҷеҳи ин принсип асосҳои мутааддиде баён шудаанд, ки ба қарори зайл мебошанд:

1. ***Таъмини адолат***. Дар мактабҳои гуногун ҳамеша дар канори усули ҳуқуқи ҷазо аз мафҳуми адолат сухан ба миён омадааст, монанди мактаби классикии ҷадид дахолати судяро ҳангоме дуруст медонад, ки адолат тақозо намояд.

Артлон, ҳуқуқшиноси фаронсавӣ, муътақид аст, ки ҳаққи ҷазо додан ба шаҳрвандони худӣ дар баъзе аз маворид ба иллати хатое, ки дар кишвари бегона муртакиб шудаанд, ба миён омада, аз он нест, ки Қонуни ҷазо қонуни шахсӣ мебошад, ки монанди қавонини марбут ба аҳволи шахсӣ ва амнияти ашхос ононро соявор дунбол мекунад. Балки ин ҳуқуқ усулан ба миён омада, аз ин кайфияти дучанд шудан аст, ки ҷазои онҳо мутобиқи қавонини

ахлоқӣ ва қавонини ҷойи кишвар одилона аст, бинобар ин, барои тавҷеҳи принсипи салоҳияти шахсӣ ба мафҳуми адолат истода, иҷрои онро дар ростои таъмини адолат зарурӣ медонанд [3;53-56].

2. ***Нигаҳдории назми умумӣ.*** Яке дигар аз асоси принсипи салоҳияти шахсӣ нигаҳдории назми умумӣ ва эҳсоси амнияти афрод ва шаҳрвандони як кишвар аст, чи дар ҷанбаи мусбат ва чи дар ҷанбаи манфӣ. Назми умумӣ талаб мекунад, ки давлат нисбат ба татбиқи принсипи салоҳияти шахсӣ иқдом намояд, зеро дар ҷанбаи мусбат, чунончи ҷиноятқор ба кишвари шаҳрвандии худ баргардад, ҳамватанон аз адами муҷозоти вай парешон мешаванд. Илова бар ин, мумкин аст ин ҷиноятқор ба амали ҷиноятқоронаи худ дар кишвари шаҳрвандиаш низ даст бизанад. Дар чунин маворид мақоми қазоии давлати шаҳрвандии ҷиноятқор бояд бидуни шак вориди амал шуда ва ба ҷойи дастгоҳи қазоии кишвари маҳалли вуқӯи ҷурм татбиқи салоҳият намояд. Шояд дар ин хусус гуфта шавад, ки истирдоди ҷиноятқорон ба кишвари маҳалли вуқӯи ҷурм роҳи ҳалли беҳтар аст, аммо бояд таввақуҳ дошт, ки татбиқи истирдоди машрут ба вуҷуди қарордоди хос дар ин замина ва робитаҳои самимӣ дар арсаи байналмилалӣ аст, илова аз он ки урфи байналмилалӣ иҷозат медиҳад, ки ҳар кишваре аз истирдоди шаҳрвандони худ ба кишвари дигар имтиноъ кунад.

Дар баҳси ҷанбаи манфии принсипи салоҳияти шахсӣ низ ҳамин нукта кофист, ки шаҳрвандони як кишвар дар ҳар куҷои дунё бошанд, интизор доранд, ки мавриди ҳимояи кишварашон бошанд. Илова бар ин, дар сурати иртикоби ҷиноят алайҳи шаҳрванди як кишвар, на танҳо худи шахс зарар мебинад, балки ба эътибор ва ҳайсияти давлати шаҳрвандии вай низ латма ворид хоҳад шуд. Ҳамчунин, шаҳрвандони як кишвар, ҳангоме ки бубинанд яке аз ҳамватанонашон дар хориҷ аз кишвар зарар расонидаанд, ҷиноятe алайҳи вай рух додааст ва давлати шаҳрвандии онҳо ҳеҷ гуна ҳимояте аз вай наменамояд, ташвиши хотир шуда, эҳсосоти умумӣ низ садама мебинад. [5;138]

3. ***Миллат***. Дар принсипи салоҳияти шахсӣ ин ақида низ вуҷуд дорад, ки «он чи афроди як кишварро ба ҳам пайванд медиҳад, ҳамоно миллат аст». Яъне, афроди як кишвар ба ҳукми ғариза ва ба ҳукми гузаштаҳои таърихии худ ва ҳазорон сабаби суннатӣ ва тамаддунӣ ва қавмӣ бо ҳам муттаҳид ва марбут шудаанд ва яке аз сабабҳои асосии ин иттиҳод вуҷуди қонуни воҳид аст, ки бар тамоми афроди миллат ҳоким аст. Ин қонун нигаҳбон ва ҳимояткунандаи афрод ва миллат мебошад. Ҳар касе аз ин қавонин сарпечӣ намояд, агарчи дар хориҷ аз кишвар ҳам бошад, бояд таҳти таъқиб ва муҷозот қарор бигирад. [6, с.389]

Маълум аст, ки қавонини ҷазоӣ мазҳари ҳокимияти як давлат ба шумор меравад ва бо таваҷҷуҳ ба ин ки нишонгари арзишҳои асосии як ҷомеа ҳастанд, бояд мавриди эҳтироми шаҳрвандони он кишвар қарор гиранд. [7;6,98] Дар ҷанбаи манфии принсипи салоҳияти шахсӣ низ дар иртибот ба ҳамин иттиҳод ва ҳамбастагӣ, давлат бояд аз шаҳрвандони худ, ки дар хориҷи кишвар зарардида воқеъ мешаванд, ҳимояи ҳамаҷониба ба амал биоварад, аз ин рӯ, метавон гуфт, ки унсури миллат аз асоситарин ва муҳимтарин заминаи тавҷеҳи принсипи салоҳияти шахсӣ ҳам дар ҷанбаи мусбат ва ҳам дар ҷанбаи манфии он дониста мешавад.

4. ***Вазифаи ҳимоятии давлат.*** Давлат вазифадор аст, ки аз шаҳрвандони худ дар ҳар куҷои дунё ки бошанд, ҳимоят кунад. Ин маврид, ки бештар марбут ба ҷанбаи манфии принсипи салоҳияти шахсӣ мебошад, дар хусуси ҷанбаи мусбат низ бе иртибот нест, зеро манофеи худи муртакиб низ дар ин аст, ки тавассути давлати шаҳрвандияш доварӣ шавад. Ба муҷиби ҳамин нукта, ҳимояте аст, ки маъмурони сиёсӣ ва ашхоси дорои масуният аз таъқиб ва доварӣ дар кишвари бегона дар амон ҳастанд. Бинобар ин метавон гуфт, ки ҷанбаи мусбати принсипи салоҳияти шахсӣ низ дорои тавҷеҳи ҳимоятӣ мебошад ва манофеи худи муртакиби ҷиноят низ дар ин аст, ки дар кишвари шаҳрвандии худ доварӣ гардад. Дар ҷанбаи манфии принсипи салоҳияти шахсӣ ин ҳимоят метавонад ба роҳҳои гуногун ба амал ояд, ба унвони мисол ҳимоят ба василаи дафотири намояндагии сиёсӣ ва консулӣ, ки моддаи 5 Конвенсияи Вена роҷеъ ба равобити консулӣ мусавваби соли 1963 дарбаргирандаи муқаррарот дар ин хусус аст.

5. ***Ҷилавгирӣ аз бе муҷозот мондани ҷиноятқорон***. Бо таваҷҷуҳ ба он чи то ҳол гуфта шуд, ошкор гардид, ки татбиқ ва мантиқи принсипи салоҳияти сарзаминӣ камбудиҳое дорад, ба гунае ки бисёре аз ҷиноятҳо бидуни муҷозот боқӣ мемонанд. Ин мавзӯъ ҳам дар ҷанбаи мусбати принсипи салоҳияти шахсӣ ва ҳам дар ҷанбаи манфии принсипи салоҳияти

шахсӣ қобили қабул аст. Аз ин рӯ, бидуни қабул кардани принсипи салоҳияти шахсӣ ва сирфан бо тавасул ба принсипи салоҳияти сарзаминӣ, дар бисёре аз маворид ҷиноятқорон аз муҷозот фирор мекунанд.

6. ***Дифоъ аз ҳайсият ва эътибори кишвар***. Тавре ки рафтори писандидаи шаҳрвандони як кишвар дар хориҷ боиси сарбаландии кишвари шаҳрвандиашон аст, ба ҳамон тартиб иртикоби ҷиноят дар хориҷ аз кишвар боиси аз байн рафтани ҳайсият ва эътибори кишвар мегардад. Маълум аст, ки дар чунин ҳолат бояд касе, ки муҷиби сарафкандагии ҳаммеҳанони худ шудааст, таҳти таъқиб ва муҷозот қарор гирад. Аз тарафи дигар, вокуниши як кишвар нисбат ба ҷиноёте, ки алайҳи шаҳрвандони он кишвар дар хориҷ рух медиҳад, боиси беэътиборӣ ва белаёқатии он кишвар дар ҳимоя аз шаҳрвандонаш, чи дар арсаи байналмилалӣ ва чи дар дохили кишвар мегардад. [6;8]

7. Муборизa бо ҳолатҳои хатарнок. Аз манзари сиёсати ҷиноӣ низ, бояд таввaҷуҳ дошт, ки тамоми давлатҳо бояд бо ҳолати хатарнок ва зиддииҷтимоии ҷиноятқорон муборизa намоянд. Аз он ҷое, ки иртикоби ҷиноят намуди ошкори ҳолати хатарнок аст. Бинобар ин, ҳолати хатарнок бояд аз байн бурда шавад ва ин мавзӯъ низ мавриди таваҷҷуҳ ҷиҳати иҷрои принсипи салоҳияти шахсӣ аст. Аз ин рӯ, тавассул ба принсипи салоҳияти шахсии қавонини ҷазоӣ иҷоза медиҳад, ки давлатҳо бо ин равиш вазифаи худро низ анҷом медиҳанд.

Татбиқи қавонин ва муқаррaроти ҷазоии як кишвар нисбат ба шаҳрвандони он кишвар, ки дар хориҷ аз маҳдудаи он кишвар муртакиби ҷиноят шудаанд, мутлақ ва бидуни қайду шарт намебошад.

Ҳамон гуна ки гуфта шуд, ҳангоме ки ҷинояте хориҷ аз қаламрави кишвар воқеъ мешавад, кишвари зарардида наметавонад ба сурати мустақим иқдом ба таъқиб ва дастгирӣ ва муҷозоти ҷиноятқор намояд, ба хотире, ки хилофи урфи байналмилалӣ ва мухолиф бо ҳаққи ҳокимият ва истиқлоли давлатҳо мебошад ва боиси барҳам задани назми умумии он кишвар мегардад. Аз ин рӯ, бояд ҳузури ҷиноятқор дар қаламрави давлати шаҳрвандии худаш ё дар қаламрави давлати шаҳрвандии шахси зарардида ба яке аз ду роҳҳои зайл мебошад.

1. *Истирдоди ҷиноятқор.* Махсусан кишваре, ки ҷиноят дар қаламрави он воқеъ шудааст, пас аз вуқӯи ҷиноят бо истинод ба принсипи салоҳияти маҳаллӣ ба ҷиноят расидагӣ мекунад ва аз истирдоди ҷиноятқор имтиноъ менамояд, магар ин ки дар хусуси истирдод қарордоди хос ё равобити самимонае вуҷуд дошта бошад.

2. *Ҳузури иродии ҷиноятқор*. Дар баъзе маворид мумкин аст ба далоили мухталифе шахс пас аз иртикоби ҷиноят дар хориҷ аз кишвар ба сурати озодона ва иродӣ ба кишвари шаҳрвандии худ баргардад. Дар чунин сурат бар асоси принсипи салоҳияти шахсӣ, давлати вай метавонад ӯро доварӣ ва муҷозот намояд.

Тавре ки зикр гардид, ҳузури муттаҳам дар қаламрави ҳокимияти давлати вай барои татбиқи принсипи салоҳияти шахсӣ шарти зарурӣ мебошад ва дар сурати набудани таҳаққуқи ин шарт, имконият барои татбиқи ин навъи салоҳият вуҷуд нахоҳад дошт.

Бинобар ин, агар ҷиноятқор рабуда шавад ва ба кишвари шаҳрвандии худаш интиқол дода шавад, ба иллати таҷовуз ба ҳокимияти кишвари маҳалли вуқӯи ҷиноят аз лиҳози ҳуқуқи байналмилалии таъқиб, доварӣ ва муҷозоти ӯ холӣ аз ашкол нест, зеро чунин амале боиси барҳам задани назми байналмилалӣ, ки ҳадафи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мебошад, дар асл як навъ нақзи ҳадаф маҳсуб мегардад.

Ба ҳамин далел, дастгирии Эшман тавассути маъмурони исроилӣ дар Аргентина дар соли 1960 нақзи ошкорои ҳокимияти салоҳияти маҳаллии кишвари Аргентина ва амали ғайриқонунӣ ва хилофи муқаррaроти ҳуқуқи ҷазои байналмилалӣ ба шумор меравад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки таъқиб ва муҷозоти ҷинояти кӯчак ва ҷузъӣ, ки дар хориҷ аз кишвар воқеъ шудааст, маъмулан нафъе дар бар надошт ва илова бар он, боиси масраф шудани ҳазинаи фаровон ва зоеъ шудани вақти дастгоҳи адлӣ ва ҷазоӣ мешавад, аз арзише, ки ҳамкории байналмилалиро металабад, низ барҳӯрдор нест. Аз ин рӯ, бештари кишварҳои ҷаҳон татбиқи принсипи салоҳияти шахсиро вобаста ба иртикоби ҷиноят муҳим донистаанд. Ин шарт дар қонуни бархе кишварҳо, аз ҷумла Қонуни муҷозоти Фаронса мусавваби соли 1992 моддаи 8-113 ва Қонуни муҷозоти Лубнон маводи 20/24 дарҷ гардидааст. Дар кишварҳои дорои ҳуқуқи Коминло низ маворидиҳ татбиқи принсипи салоҳияти шахсӣ ба ҷинояти хиёнат, қатли амд, ва тааддии хонумҳо маҳдуд кардаанд.

Мутобиқи қатъномаи нуҳумин конгресси байналмилалии ҳуқуқи ҷазоӣ ва ҳамчунон бар асоси муқаррароти ҳуқуқи ҷазои байналмилалӣ ва муқаррароти зиёде аз кишварҳои ҷаҳон, замоне ба эътибори принсипи салоҳияти шахсӣ метавон шахси муртакиби ҷиноятро таъқиби доварӣ ва муҷозот намуд, ки амал дар ҳарду кишвар ба унвони ҷиноят шинохта шуда бошад, аз ин шарт ба унвони «ҷинояти мутақобил» ёд мешавад.

Дар хусуси зарурати истинод ба қоидаи ҷинояти мутақобил, яъне муҷримият, бархе муътақид ба риояи принсипи тақобули ҷазоӣ мебошанд ва муътақиданд, ки таъқиб ва муҷозоти амале, ки дар маҳалли вуқӯи ҷурм ҷанбаи ҷазоӣ надорад, ба дур аз адлу инсоф аст. Илова бар ин, мумкин аст давлати маҳалли вуқӯи ҷурм бо ин сабаб, ки дар он маҳал ҷурм ҷанбаи ҷазоӣ надорад, ба иқдомоти таъқибии кишвари шахси таҳти иттиҳом ё шахси зарардида эътироз намояд.

Қоидаи ҷинояти мутақобил бо принсипи адами мудохила дар ҳокимити давлатҳо созгории бештар дорад. Аз тарафи дигар, озодиҳои фардӣ ва асосҳои ҳуқуқи башар низ беҳтар таъмин мешаванд. Мутобиқи ин қоида, маҳокими Фаронса ҳатто, агар амали начандон вазнин дар кишвари Фаронса ҷиноят бошад, дар кишвари хориҷии маҳалли иртикоб ҷиноят набошад, муртакибро таҳти таъқиб қарор нахоҳад дод [1;148].

Суоле ба миён меояд, ки агар амали иртикобӣ дар қонуни ҳарду кишвар ҷиноят дониста шавад, вале ҷиноят начандон вазнин маҳсуб шавад, аммо васфашон тафовут бикунад, масалан, дар кишвари маҳалли вуқӯи ҷиноят начандон вазнин, аммо дар кишвари шаҳрвандии шахси ҷиноятқор ва ё шахси зарардида амали мазкур ҷинояти вазнин маҳсуб гардад, дар ин сурат таклиф чист?

Дар ин маврид Қонуни ҷиноятии Фаронса таъқиби амали иртикобии таҳти унвони ҷиноятро ҷоиз донистааст, ки ба назар мерасад бо принсипи қонунӣ будани ҷиноят ва ҷазо муғойират дошта бошад ва бо аҳдофи адолат ва инсоф низ мутобиқат накунад.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ қоидае вуҷуд дорад бо номи манъи таъқиби муҷаддад, ки ба сабаби ин қоида ҷиноятқор бояд танҳо як бор доварӣ ва муҷозот гардад ва адолат эҷод мекунад, ки беш аз як бор дар муқобили вокуниши иҷтимоӣ ва муҷозот қарор нагирад. Чунончи, шахсе дар кишвари маҳалли вуқӯи ҷиноят доварӣ ва муҷозот гардид, дубора дар кишвар шаҳрвандияш мавриди доварӣ ва муҷозот қарор нагирад.

Дар банди 7 моддаи 14 Мисоқи ҳуқуқи маданӣ ва сиёсӣ ва ҳамчунин банди 1 моддаи 10 Асосномаи Девони ҷазои байналмилалӣ муаррихи 17 январи соли 1998 ва моддаи 20 Асосномаи девон ба ин қоида ишора шудааст.

Бархе аз ҳуқуқдонон дар таърифи ҷанбаи манфии принсипи салоҳияти шахсӣ мегӯянд, ки принсипи салоҳияти шахсӣ ҷанбаи дигаре низ дорад ва он дар мавридест, ки шаҳрванди давлат дар хориҷ аз кишвари шахси зарардида як ҷиноят воқеъ шуда бошад ва давлати салоҳияти маҳаллӣ низ аз таъқиб ва муҷозоти ҷиноятқор худдорӣ карда бошад, нуктае, ки боқӣ мемонад, ин аст, ки агар шахси ҷиноятқор бар асоси ҷанбаи мусбати принсипи салоҳияти шахсӣ дар кишвари шаҳрвандии худаш доварӣ ва муҷозот шуда бошад, мутобиқи қоидаи манъи таъқиби муҷаддад наметавон вайро бар асоси ҷанбаи манфии принсипи салоҳияти шахсӣ мавриди таъқиб, доварӣ ва муҷозот қарор дод.

Аз дигар шароит, ки барои татбиқи принсипи салоҳияти шахсӣ зикр шудааст, адами бархӯрдории шахси зарар содиркарда аз маворидии муофият ва суқути муҷозот мебошад. Ба ин шарт ки ҳар гоҳ шахси зарар содиркарда бар асоси қавонин ва муқаррароти кишвари шаҳрвандии худ аз мавриди муофият ё суқути муҷозот, масалан, авомили рафъи масъулият ё илали муваҷҷаҳи ҷиноят бархӯрдор бошад ва ё шомили афв ва суқути муҷозот шуда бошад, тибқи принсипи аввалияи қазоии ҷазоӣ муҷозот нахоҳад шуд. Ин мавзӯъ мумкин аст ҷанбаи мутақобил дошта бошад ва дар ҳар кишвар иҷро гардад.

Принсипи салоҳияти шахсӣ аз ҷумлаи принсипҳои муҳим ва ҳаётӣ дар муҷозот намудани ашхосе мебошад, ки дар хориҷи қаламравашон муртакиби ҷурм гардидаанд ва на танҳо ба назм ва амнияти дохилии кишварашон садама ворид намудаанд, балки муқаррароти дигар кишварҳоро низ вайрон кардаанд, ки боиси барҳам хӯрдани оромиш ва назми як кишвар ба гунаи дигар гардидааст, ҳокимият, истиқлолу манофеи кишвари дигар садама дида, бояд ин нақзи муқаррарот ва садамоти ворид ҷуброн гардад. Замоне ин ҳадаф ба даст омада метавонад, ки шахси ҷиноятқор ба ҷазои аъмоли худ бирасад ва қонун дар ҳар ҷое ки бошад, чи дар кишвари худаш ва ё дар кишвари маҳалли иртикоби ҷиноят, ҷиноятқорро муҷозот намояд. Дар сурати адами имконияти чунин як муҷозот барои

ҷинояткор, доманаи ҷиноят густариш ёфта, кишварҳои собит ва боамн ноамн гардида, аз дасти ҷинояткорон дар амон нахоҳанд буд. Ба хотири таҳаққуқи ин ҳадаф илова аз принсипҳои дигаре, ки дар сатҳи байналмилалӣ вуҷуд доранд ва ба таъқиби ҷинояткорон нигаронида шудаанд, принсипи салоҳияти шахсӣ низ дар сурати адами таъқиби дигар принсипҳо нисбат ба бе муҷозот намондани ҷинояткорон амал намуда, ҷинояткорро ба муҷозот мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Стефани Гостин, Лувосур Жар, Блук Барнолд. Оини додрасии кайфарӣ. Тарҷумаи Ҳасани Додбон. Чопи аввал. Интишороти Аллома Таботабоӣ, 1377.
2. Боқиронӣ, Ҳасанпур. Ҳуқуқи ҷазоии байналмилалӣ. – Теҳрон: Ҷангал, 1387.
3. Ҳусайнинажод, Ҳусайнқулӣ. Ҳуқуқи ҷазоии байналмилал. – Теҳрон: Мизон, 1373. – 284 с.
4. Двобер Д. Рисолаи ҳуқуқи чиноӣ ва қонунгузории муқоисавӣ. Тарҷумаи Алӣ Озмоишӣ. – Теҳрон, 1351.
5. Алиободӣ, Абдулҳусайн. Ҳуқуқи чиноӣ. – Ҷ. 3. Чопи дувум. Интишороти «Фирдавсӣ», 1370.
6. Муҳсинӣ , Муртазо. Давраи ҳуқуқи умумӣ. – Ҷилди 1. Чопи дувум. Интишороти «Ганҷи дониш», 1375.
7. Фаридаззаъбӣ Қозӣ. Ал-мавсеат-ул-ҷазоия. – Ҷ. 6. Чопи сеюм. – Бейрут, 1995.

ПРИНСИПИ САЛОҲИЯТИ ШАХСӢ

Принсипи салоҳияти шахсӣ аз ҷумлаи принсипҳои муҳим ва ҳаётӣ дар муҷозот намудани ашхосе мебошад, ки дар хориҷи қаламравашон муртакиби ҷурм гардидаанд ва на танҳо ба назм ва амнияти дохилии кишварашон садама ворид намудаанд, балки муқаррароти дигар кишварҳоро низ вайрон кардаанд, ки боиси барҳам хӯрдани оромиш ва назми як кишвар ба гунаи дигар гардидааст, ҳокимият, истиқлолу манофеи кишвари дигар садама дида, бояд ин нақзи муқаррарот ва садамоти ворид ҷуброн гардад. Замоне ин ҳадаф ба даст омада метавонад, ки шахси ҷинояткор ба ҷазои аъмоли худ бирасад ва қонун дар ҳар ҷое ки бошад, чи дар кишвари худаш ва ё дар кишвари маҳалли иртикоби ҷиноят, ҷинояткорро муҷозот намояд. Дар сурати адами имконияти чунин як муҷозот барои ҷинояткор, доманаи ҷиноят густариш ёфта, кишварҳои собит ва боамн ноамн гардида, аз дасти ҷинояткорон дар амон нахоҳанд буд. Ба хотири таҳаққуқи ин ҳадаф илова аз принсипҳои дигаре, ки дар сатҳи байналмилалӣ вуҷуд доранд ва ба таъқиби ҷинояткорон нигаронида шудаанд, принсипи салоҳияти шахсӣ низ дар сурати адами таъқиби дигар принсипҳо нисбат ба бе муҷозот намондани ҷинояткорон амал намуда, ҷинояткорро ба муҷозот мерасонад.

Калидвожаҳо: принсипи салоҳияти шахсӣ, маҳалли иртикоби ҷурм, маҳалли татбиқи принсипи салоҳияти шахсӣ, шароити татбиқи принсипи салоҳияти шахсӣ.

ПРИНЦИП ЛИЧНОСТНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ

Принцип личностной компетенции является одним из основных и жизненно важных принципов при определении лиц, оказавшихся за пределами своей территории не только в результате нанесения ущерба безопасности своей страны, но и нарушать положения других стран. Этот предел может наступить в тот момент, когда преступник будет наказан за свои действия, и закон может быть приведен в исполнение, где бы он ни находился, как в его собственной стране, так и в стране, где осуществляется уголовное наказание. При отсутствии такой возможности для преступника развивается преступная кабала, их страны неполноценны и не будут защищены от рук преступников. Для истинности этих целей в дополнение к другим существующим на международном уровне принципам, касающимся судебного преследования правонарушителей, принцип личной компетентности применяется также в отсутствие других принципов, касающихся строгого обращения с правонарушителями.

Ключевые слова: принцип личностной компетентности, область реализации принципа личностной компетентности, условия реализации принципа личностной компетентности.

THE PRINCIPLE OF PERSONAL COMPETENCE

The principle of personal competence is one of the basic and vital principles in determining persons who find themselves outside their territory not only because of harming the security of their country, also to violate the provisions of other countries. This limit may come at the moment when the criminal is punished for his actions, and the law can be enforced wherever he is, both in his own country and in the country where the criminal punishment is carried out. In the absence of such an opportunity for the criminal, a criminal cabal develops; their countries are incomplete and will not be protected from the hands of criminals. For these purposes to be true, in addition to other internationally existing principles concerning the prosecution of offenders, the principle of personal competence also applies in the absence of other principles concerning the strict treatment of offenders.

Keywords: the principle of personal competence, the area of implementation of the principle of personal competence, the conditions for the implementation of the principle of personal competence.

Сведения об авторе: ***Расулуглу Хидоятуллох*** – магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Тел: **00929 17 81 26 81**. Email: **Hedayatullah656@gmail.com**

Information about the author: ***Rasuluglu Hidoyatulloh*** – second-year master's student at the Faculty of Law of the Tajik National University. Tel: **00929 17 81 26 81**. Email: **Hedayatullah656@gmail.com**

ОМИЛҲОИ АСОСИИ БОЛОРАВИИ САТҲИ КОРРУПСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА ПАЁМАДҲОИ МАНФИИ ОН

Рахимов Ф.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шароити муосири инкишофи Тоҷикистон ва таҳкими давлатдории миллии он ҳаллу фасли масъалаҳои зиёдеро талаб мекунад. Хусусан, масъалаҳои алоқаманд бо мавҷудияти коррупсия ва рафъи он дар Тоҷикистон бештар муҳим гаштааст. Таъсири манфии коррупсия ба инкишофи давлативу ҷамъиятӣ ва рушду нумӯи демократия аз ҳалталабу доғи рӯз будани он дарак медиҳад. Бояд зикр намуд, ки дар ҳама давру замон масъалаи мавҷудияти коррупсия яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаҳо буд. Дар шароити имрӯза низ коррупсия чун хатар ба ҳаёти халқу миллатҳо ва давлатҳои алоҳида таҳдид мекунад. Коррупсия дар ин ва ё он шаклҳои мухталиф дар кишварҳои гуногуни олам зуҳур намуда, хусусан хатари он ба кишварҳое, ки дар давраи гузариш (ба монанди Тоҷикистон) қарор доранд, бештар аст. Коррупсия самаранокии фаъолияти низомии дорои чунин кишварҳоро паст намуда, ислоҳоти иқтисодиро монеъ мегардонад ва дар умум кишварро аз самти эълоннамуда ва пешгирифта барои рушд канор мебарад.

Мустаҳкам намудани давлатдории миллӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, рушди сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии он аз рафъи коррупсия дар кишвар вобастагӣ дорад. Дар шароити имрӯза паҳнгашта будани коррупсия яке аз омилҳои асосии таъсиррасонанда ба рушди самараноки сиёсӣ ва ниҳодӣ дар Тоҷикистон дониста мешавад. Хусусан дар Тоҷикистони муосир, ки тамоюли асосӣ демократикунонии ҷомеа мебошад, коррупсия метавонад чун монеаи ҷиддӣ дар ин самт бошад ва ба таҳкими ҳокимияти давлатӣ халал ворид намояд. Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон коррупсия ба аксари соҳаҳои фаъолияти ҳокимияти давлатӣ таҳдид мекунад ва чун монеаи рушди ояндаи он шинохта ва эътироф шудааст. Эътирофи масъала аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таваҷҷуҳ ба рафъи он муҳиммият ва ҳалталаб будани масъаларо нишон медиҳад. Ҳанӯз Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тадқиқоти баргузорнамудаи худ дар соли 2006 ошкор намуда буд, ки ба андешаи аксари хизматчиёти давлатӣ (90%) коррупсия яке аз масъалаҳои ҳалталаб мебошад. [5;139]

Давраи гузариш ба низоми нави давлатдорӣ ва низоъи дохилӣ дар Тоҷикистон ниҳодҳои давлатӣ ва ҳокимияти сиёсиро дар умум заиф намуд, ки чунин ҳолат ба рушди коррупсия мусоидат дошт. Боло рафтани сатҳи коррупсия дар кишвар ҳалли ҳуқуқии масъалаҳоро халалдор намуд. Фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ, ки бояд мувофиқ ба қонунгузории мавҷуда ва механизмҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад, бо монеаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуда буд. Ҳолати мазкур боиси заифӣ ва корношоямии механизмҳои ҳуқуқии хокимияти давлатӣ мегашт, ки дар навбати худ боиси рушди коррупсия дар кишвар мешуд.

Рушди коррупсия дар ҷомеаи Тоҷикистон пас аз бадастории истиқлолияти давлатӣ зери таъсири омилҳои зиёд ба миён омад. Метавонем чанде аз омилҳои паҳнгашта шудани коррупсияро дар Тоҷикистон қайд намоем. Масалан:

Омили ниҳодӣ. Дар навбати аввал корношоямии мақомоти давлатӣ ба рушди коррупсия дар кишвар мусоидат намуд. Заифии ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ боис шуд, ки гуруҳҳо ва нафарони фурсатталаб аз ин ҳолати бавуҷудомада васеъ истифода намоянд ва мақоми худро мустаҳкам созанд;

Омили бӯҳронӣ. Он ба воридшавии кишвар ба бӯҳрони амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва равонӣ алоқаманд аст. Номуайянии дурнамои фаъолият аксаран субъектони ҳокимиятиро ба он водор намуд, ки аз мақоми худ барои ба даст овардани манфиати шахсӣ ва гурӯҳӣ истифода кунанд;

Омили моҷарой. Муносибати гурӯҳиву идеологӣ ба ҳаёти сиёсӣ ва идораи ҷамъиятӣ яке аз сабабҳои муқовимати шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гашт, ки заминаро барои рушди минбаъдаи коррупсия дар кишвар фароҳам намуд. Хусусан моҷарои дохилӣ дар кишвар боиси боло рафтани мақоми ҷангсолорон дар давраи моҷарой ва пас аз он гашт, ки ҳолати коррупсионии ҷомеаро қувват мебахшиданд.

Омили мавҷуд набудани ҷомеаи шаҳрвандӣ. Дар давраи гузариш сатҳи пасти инкишофи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба назар мерасид, ки то як андоза метавонистанд ба рушди коррупсия монеъ шаванд. Аксари субъектони ҳокимиятӣ дар идораи корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба усули «ҳукмронӣ – тобеият» рӯ меоварданд. Чунин ҳолат ба шаҳрвандон имкон намедод, ки аз фаъолияти субъектони ҳамаи зинаҳои ҳокимиятӣ бохабар бошанд;

Омили иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Дигар заминаи рушди коррупсия дар кишвар ба мустаҳкам набудани мақоми иқтисоди бозорӣ пайванд дорад. Пеш аз ҳама сиёсати ғайридавлатикунонӣ дар соҳаи иқтисодиёт боиси рушди коррупсия гардид. Хусусан, мансабдорони давлатӣ ва ҷангсолорон кӯшиш бар он доштанд, ки аз ин фурсати муносиб истифода намуда аз ғайридавлатикунонӣ баҳраманд бошанд. Умумун, дар фазои пас аз шӯравӣ ғайридавлтикунониро яке аз омилҳои асосии рушди коррупсия мешиносанд. Ҳамчунин ҳолати ногувори иҷтимоӣ ва маоши нокифояи хизматчиёни давлатӣ ва дар ҳолати бӯҳронӣ қарор доштани ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар боиси рушди коррупсия дар кишвар гардиданд.

Ҳамчунин, дар Тоҷикистон сатҳи пасти музди меҳнат, камбизоатии аҳолӣ, сатҳи пасти рушди иқтисодии кишвар, бекорӣ, сатҳи пасти касбияти мансабдорони алоҳида, беҳимоятии иҷтимоии аҳолӣ, риоя нашудани қонунҳо аз ҷониби бархе мансабдорон, сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, инчунин дигар омилҳо сабаби зуҳури коррупсия шинохта шудаанд. [6;25]

Паҳнгашта будани коррупсия дар Тоҷикистон паёмадҳои зиёди манфиеро дорад. Чуноне ки аз таҳқиқоти сотсиологии аз ҷониби Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, аксари пурсидашудагон бар чунин андешаанд, ки коррупсия ҳамаи мақомоти давлатӣ ва ҳамаи зинаҳои ҳокимиятиро фарогир мебошад. Албатта чунин ҳолат ба бунёди ҷомеаи демократӣ дар кишвар монеъ мешавад.

Дар низомҳои сиёсии ғайридемократӣ ба монанди низомҳои тоталитарӣ ва авторитарӣ коррупсия васеъ паҳнгашта мегардад. Дар ин низомҳои сиёсӣ ҳолатҳои зиёде ҷой доранд, ки ҳокимияти сиёсӣ аз амалҳои коррупсионӣ васеъ истифода мебаранд. Яке аз хусусиятҳои асосии ин низомҳо аз он иборат аст, ки ҳокимият дар онҳо дар асоси манфиат ва хостаҳои гурӯҳи муайяне ташаккул меёбад ва амал мекунад. Қишри ҳукмрон барои ҳифзи ҳокимияти худ аз тамоми воситаҳо истифода мебарад. Ҳатто санадҳои қонуниву ҳуқуқиро пойбанди фаъолияти худ менамоянд, ки аз мавҷудияти коррупсияи сиёсӣ дарак медиҳад.

Таъсири коррупсияро мо метавонем дар низомҳое, ки дар давраи гузариш қарор доранд мушоҳида намоем. Дар низомҳои давраи гузариш коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддӣ дар самти таҳкими ҷомеаи демократӣ аст. Дар ҳолати паҳнгашта будани коррупсия дар низомҳои давраи гузариш муваффақиятҳои бунёди демократияро зери шубҳа гузошта, хатари бамиёноии низомҳои ғайридемократиро пеш меорад. Мавҷудияти коррупсия татбиқёбии амалигардии арзишҳои демократиро дар ҷомеа халалдор намуда, таҳвияти тарзи идораи демократиро монеъ мешавад. Дар шароити кунунии инкишофи Тоҷикистон, ки коррупсия тамоми соҳаҳои ҷомеаро фаро гирифтааст, таъсири он ба рушду нумӯи ҷомеаи демократӣ бузург аст.

Дар ҷомеаҳои дорои коррупсияи паҳнгашта таъмини инкишофи демократия мушкил аст. Зеро мавҷудияти барзиёди коррупсия ҷомеаро бештар ба самти низоми демократӣ-авторитарӣ мебарад. Дар умум ҷомеаҳое, ки сатҳи барзиёди коррупсия ҷой дорад низоми сиёсӣ чандон боварии мардумро сазовор гашта наметавонад ва дар таъмини суботи худ аксаран рӯ ба қудрат меорад. Рӯоварӣ ба қудрат ба ҷомеаи демократӣ номуносиб буда, аксаран хоси низомҳои ғайридемократӣ аст. Коррупсия чи дар сатҳи бузург ва чи дар сатҳи кӯчак ба рушду нумӯи демократия таҳдид менамояд. Мавҷудияти коррупсия ба амалишавии принсипҳои асосии демократӣ ба монанди баробарӣ, озодӣ, таъмину ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва иштироки мардум дар низоми идорӣ халал ворид месозад.

Бо омӯзиши ҳолати коррупсия дар кишварҳои пас аз шӯравӣ муҳаққиқ Ричард Роуз ва ҷонибдорони ӯ иддао намудаанд, ки сатҳи баланди коррупсия дар демократияҳои нав шумораи ками фардиятҳоро, ки низоми навро дастгирӣ менамоянд ба миён меорад. Бо баёни дигар демократия бо мавҷудияти коррупсияи сиёсӣ ба шикаст рӯ ба рӯ мегардад. [11;188] Барои ошкорсозии хатари коррупсия дар таҳкими низоми идорӣ дар Тоҷикистон зарур аст таъсири амалҳои коррупсионӣ ба ташаккулу инкишофи низоми ҳокимият ва

амалигардии он баррасӣ гардад. Чи тавре ки муҳаққиқи масъалаҳои коррупсия Сузан Роуз Аккерман қайд намудааст, коррупсияи васеъ паҳнгашта қонунияти ҳокимиятро мешиканад. [12;26]

Мавҷудияти коррупсия ва хусусиятҳои системавӣ доштани он дар низоми идоранамоӣ метавонад дар умум низоми идоранамоӣ ва мудириятро заиф гардонад. Коррупсия миёни зинаҳои мухталифи ҳокимият ва мардум фазоеро тавлид мекунад, ки алоқамандии онҳоро аз миён мебарад. Пеш аз ҳама барномаҳои пешгирифтаи ҳокимият ва вазифаҳои сафарбарнамоии он шикаст меёбанд. Ҳокимият наметавонад самаранокии фаъолияти худро таъмин намояд. Дар таҳия ва амалинамоии барномаҳои ҳокимиятӣ субъектҳои коррупсионӣ ворид гардида, онро ба манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳии худ истифода менамоянд. Аз ин рӯ, онҳо чандон таъмини шаффофиятро ҷонибдор нестанд ва фаъолияти қишрҳои ҳокимиятӣ барои мардум норавшан мемонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати амалӣ ба масъалаи паёмадҳои манфии коррупсия ба амнияти ва суботи кишвар таваҷҷӯҳи махсус дода шудааст. Президенти кишвар, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар паёму баромадҳои худ ҳалталаб ва доғи рӯз будани масъала ва паёмадҳои манфии онро махсусан қайд намудааст. Дар Паёми Президенти кишвар дар санаи 20 апрели соли 2012 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст, ки «Коррупсия яке аз хатарҳои асосии ҷомеа буда, ба пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлату ҷамъият халали ҷиддӣ ворид месозад». [2] Ҳамчунин дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 26 апрели соли 2013 махсусан масъалаи таъсири манфии коррупсия ба пешрафти иқтисодӣ, бунёди ҷомеаи демократӣ, рушди демократия, риоя нашудани ҳуқуқҳои конституцсионии шаҳрвандон ва ахлоқ дарҷ карда шудааст. [3] Мавҷудияти коррупсия дар Тоҷикистон метавонад ба амнияти кишвар таҳдиди ошкоро ва пӯшидаро дошта бошад. Он метавонад тадричан ба фалаҷшавии ҷамъият ва давлатдории тоҷикон боис шавад. Амалҳои коррупсионии паҳншуда дар Тоҷикистон метавонанд ба пайдоиш ва рушди таҳдидҳои мухталиф ба субот ва амнияти кишвар суръат бахшанд. Метавонем чанде аз таҳдидҳои коррупсияро ба амнияти кишвар дар зер биоварем.

Дар сатҳи баланд қарор доштани коррупсия дар кишвар боис мегардад, ки гурӯҳҳои мухталифи ифротӣ ва радикалии зиддидавлатӣ ва зиддиҳукуматӣ зуҳур ва инкишоф ёбанд. Бо таҳқиқ аз сатҳи мавҷудияти коррупсия дар кишвар чунин гурӯҳҳо метавонанд дар ҷомеа мавқеъ пайдо кунанд ва мардумро ба сафҳои худ ҷалб намоянд. Ҳолати ногувори иқтисодиву иҷтимоӣ, сатҳи мавҷудаи бекорӣ ва имкониятҳои маҳдуди фаъолият барои ҷавонон чун натиҷаи паҳн будани коррупсия шароити вуруди онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ба миён оварданаш аз эҳтимол дур нест. Гурӯҳи байналмилалии бӯҳронҳо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин тавсия кардааст, ки рафъи коррупсия бояд қисми муҳимми сиёсати заифсозии дастгирӣ барои гурӯҳҳои ифротӣ дар ин минтақа бошад. [10;58]

Падидаҳои дигари манфӣ, ки метавонанд бо мавҷудияти коррупсия дар кишвар алоқамандӣ дошта бошанд, ин рушди ҷиноятқории байналмилалӣ аз он ҷумла қочоқи маводи мухаддир ва савдои ғайриқонунии он аст. Тоҷикистон дар минтақаи ҳассоси геополитикӣ қарор дорад, ки ба яке аз истеҳсолкунандагони асосии маводи мухаддир – Афғонистон ҳамсарҳад ва дар роҳи транзитии бозори калони истеъмоли ин мавод – Россия ва Аврупо ҷойгир шудааст. Коррупсия дар мақомоти ҳифзи сарҳадӣ метавонад мусоидатгари қочоқи маводи мухаддир ба Тоҷикистон бошад.

Мавҷудияти коррупсия дар Тоҷикистон ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии мардумро мушкил мегардонад ва ба амнияти иҷтимоиву иқтисодии кишвар таҳдид менамояд. Дар тадқиқоте, ки Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006 баргузор намуда буд, коррупсия ба мисли камбизоатӣ масъалаи муҳим ва ҳалталаби рушди Тоҷикистон шуморида шудааст. [7;6] Дар воқеъ, коррупсия ва камбизоатӣ мушкилотҳои баҳам печида мебошанд, ки дар оянда ба суботи низоми сиёсии кишвар бетаъсир буда наметавонанд. Агар зинаҳои поёнии зуҳури коррупсия натиҷаи камбизоатӣ ва мушкилотҳои мавҷудаи иҷтимоӣ бошад, пас коррупсияи сатҳи баланд эҷодсозандаи камбизоатӣ ва ҳолати ногувори иҷтимоӣ дар кишвар аст. Коррупсия дар мақомоти ҷамъоварандаи молиёти давлатӣ монеъ ба он мешавад, ки сармояҳо дуруст ҷамъоварӣ ва ба хотири осудаҳолии мардуми кишвар ва иҷроиши барномаҳои муҳимми давлатӣ истифода шаванд. Чуноне ки, муҳаққиқи масъалаҳои иқтисодӣ Пиров И. дар таҳқиқоти худ

ошкор намудааст, ки буҷети Тоҷикистон ҳанӯз солҳои пеш аз 2009-юм ҳамасола 300 миллион доллари америкоӣ танҳо аз паст нишон додани арзиши маҳсулоти ба кишвар воридшаванда зарар медидааст. [9;21-22]

Дар шароити Тоҷикистон коррупсия монеи рушди соҳибкорӣ ва рушди иқтисодӣ низ гаштааст. Таҳқиқотҳои баргузоршуда дар кишвар баёнгари онанд, ки хизматчиёни давлатии зинаҳои мухталиф тавассути наздикон ва хешовандони худ фаъолияти соҳибкориро дар бахши хусусӣ назорат менамоянд. [7;73-74] Чунин ҳолат монеи рақобатнокӣ ва рушди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ дар кишвар шудааст. Ҳамчунин дар кишвар фаъолиятҳои ғасби соҳибкорӣ боиси нигаронӣ гаштааст, ки он монеи рушди соҳибкории бузург ва сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди кишвар гаштааст. [4;6]

Дар чунин шароит сармоягузорон чандон ҳавасманд нестанд, сармояи худро дар кишварҳои гирифтори сатҳи баланди коррупсия гузоранд. Чунин ҳолат намегузорад, ки масъалаҳои иҷтимоӣ ва бекорӣ дар Тоҷикистон ҳалли худро ёбанд. Дар шароити имрӯза рушди иқтисодии кишвар дар муқоиса бо рушди демографии кишвар чандон назаррас нест. Дар Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 чунин омадааст, ки 70%-и аҳолии кишварро нафарони то 30-сола ташкил медиҳанд ва ин нишондод рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии босуръатро дар кишвар талаб мекунад. Инчунин шахсони дорои қобилияти корӣ ва ё ҷавонони 14-30 сола дар тӯли 20 соли истиқлолият то ба 60% афзоиш ёфтаанд ва теъдоди онҳо дар кишвар имрӯз 2,7 миллион нафарро ташкил медиҳад, ки инъикосгари ҷавон будани аҳолӣ аст. [1] Аз ин рӯ, пешгирӣ ва рафъи коррупсия метавонад шароити муҳимми беҳтар намудани сармоягузорӣ ба иқтисоди кишвар, паст намудани сатҳи бекорӣ ва рушди ҳаёти иҷтимоии мардум, хусусан ҷавонон бошад.

Паҳнгашта будани коррупсия дар Тоҷикистон метавонад боиси ба одати мардум табдил ёфтани ин падидаи манфур гардад, ки баъдан назорат ва рафъи онро мушкилтар мегардонад. Муқоисаи пурсишҳои сотсиологии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон дар солҳои 2006 ва 2010 нишон дод, ки мардум чандон ба пешгирӣ ва кам намудани коррупсия дар кишвар назари хуб надоранд. Мувофиқи пурсиши соли 2006 танҳо 14% пурсидашудагон чунин бовар доштанд, ки дар оянда коррупсия рушд мекунад, аммо пурсиши соли 2010 нишон дод, ки ин шумора ба 54% расид. Пурсиши соли 2011 бошад чунин ошкор намуд, ки 76% аз пурсидашудагон барои ҳалли масъалаҳои худ ба додани пора омода мебошанд. Мувофиқи ҳисоби коршиносони Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон дар давоми солҳои 2005 ва 2010 ҳаҷми пора 3 баробар афзудааст. Агар дар соли 2005 ҳаҷми миёна пора 620 сомонӣ бошад пас дар соли 2010 ин шумора ба 1800 сомонӣ расидааст. Соли 2011 ин маблаг ба 1980 сомонӣ баробар будааст. [8;49]

Инчунин, мавҷудияти коррупсия ҳуқуқи истеъмолкунандагонро дар кишвар поймол мекунад ва ҳаёти онҳоро ба хатар дучор мекунад. Агар намояндагони мақомоти мухталифи назоратӣ ва комиссияҳои қабули лоиҳаҳо гирифтори коррупсия бошанд, пас чунин ҳолат боиси дастрас шудани молҳо ва хизматрасонии бесифат ба истеъмолкунандагон мешавад. Ҳатто он метавонад ба ҳаёти одамон таҳдид намояд. Дар ин хусус шароитҳои ғайрисанитарӣ, фурӯши дорувории контрафактӣ, манзилҳои зисти хатарнок ва ғайраро мисол овардан мумкин аст.

Дар Тоҷикистон инкишофи коррупсия то ба он сатҳ расидааст, ки даст доштан ба амали коррупсионӣ чун амри маъмули зиндагӣ қабул шудааст. Чунин тарзи муносибат меъёрҳои қонунӣ ва ҳуқуқиро дар ҷомеа заиф мегардонад ва корношоям менамояд. Аз ҷониби дигар коррупсия ҳисси масъулиятшиносии мардумро шикаста, номустаҳкамии ниҳодии ҳаёти ҷамъиятиро тавлид месозад.

Коррупсия дар Тоҷикистон миёни қишрҳои аҳолии кишвар дурии миёни дороён ва камбизоатонро зиёд мекунад, соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва тандурустиро заиф намуда, мушкилоти фирори мағзҳоро таҳвият мебахшад. Дар умум коррупсия дар кишвар барои рушди соҳаҳои хусусӣ ва давлатӣ монеаи ҷиддӣ мегардад. Муҳимтар аз ҳама мавҷудияти коррупсия боиси кам шудани эътимоди мардум на танҳо ба хизматчиёни алоҳидаи давлатӣ, балки ба кулли низоми идории кишвар мегардад. Аз ин рӯ, ба роҳ мондани иқдомҳо ва фаъолиятҳои ҳамаҷониба баҳри пешгирӣ, кам намудан ва рафъи коррупсия рӯзмарра ва муҳим ба шумор мераванд. Рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳвияти низоми идорӣ дар кишвар, мустаҳкам шудани ниҳодҳо ва арзишҳои демократӣ ва дар умум рушди ояндаи

кишвар ва суботу амнияти он аз чигунагии ҳалли масъалаи коррупсия ва рафъи он вобастагӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015,www.youth.tj
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.04.2012, ш. Душанбе. www.president.tj
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.04.2013, ш. Душанбе. www.president.tj
4. Азия-плюс, Рейдерство в законе? № 2(885), 09 январь 2014.
5. Бизнес и политика. – 2006 г. – 23 феврал
6. Коррупсияи тоҷикӣ // Тоҷикистон, 2006. 2 март.
7. Коррупсия дар Тоҷикистон. Андешаҳои ҷомеа. – Душанбе, 2006.
8. Отчет. Социологический обзор по восприятию и отношению к коррупции и борьбе против коррупции в Таджикистане. Цент Стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.
9. Пиров И. Воздействие таможенной политики на экономическую безопасность. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук. – Душанбе, 2009. – С. 21-22.
10. Radical Islam in Central Asia: Responding to Hizb ut-Tahrir. ICG, Asia Report, No.58, 30 June 2003.
11. Richard Rose, William Mishler and Christian Haerpfer, Democracy and its alternatives: Understanding Post-communist societies: Baltimore, John Hopkins University Press, 1998.
12. Rose Accerman S. Corruption and Government: causes, consequences and reform. Cambridge Univrsity Press.

ОМИЛҲОИ БОЛО РАФТАНИ САТҲИ КОРРУПСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА ПАЁМАДҲОИ МАНФИИ ОН

Дар мақолаи мазкур омилҳои боло рафтани сатҳи коррупсия дар Тоҷикистон ва паёмадҳои манфии он доир ба психологияи коррупсионер мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар баробари ин муайян карда шудааст, ки кадом омилҳо сабаб мешаванд, ки шахс даст ба коррупсия занад. Инчунин муайян карда шуд, ки дар байни омилҳо аз ҳама муҳимтаринашон ин:омилҳои ниҳодӣ, бӯҳронӣ, моҷаро̄й, мавҷуд набудани ҷомеаи шаҳрвандӣ, иқтисодӣ, иҷтимо̄й ва ғ. мебошанд. Маҳз чунин омилҳои номбаршуда метавонанд ба боло рафтани сатҳи коррупсия дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон боис гарданд.

Калидвожа: амалҳои корупсионӣ, бӯҳронҳо, омилҳои иктисодӣ, омилҳои иҷтимо̄й, моҷароҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ, психологияи коррупсионер.

ФАКТОРЫ ПОВЫШЕНИЯ УРОВНЯ КОРРУПЦИИ В ТАДЖИКИСТАНЕ И ЕЕ НЕГАТИВНЫЕ ПОСЛЕДСТВИЯ

В этой статье рассматриваются факторы роста коррупции в Таджикистане и их негативные последствия для психологии коррупции. При этом определяется, какие факторы приводят к коррупции. При этом определяется, какие факторы приводят к коррупции. Также было определено, что наиболее важными факторами являются: институциональные, кризис, конфликт, отсутствие гражданского общества, экономические, социальные и другие. Эти факторы могут привести к росту коррупции в Республике Таджикистан.

Ключевые слова: коррупционные действия, кризисы, экономические факторы, социальные факторы, конфликты, гражданское общество, коррумпированная психология.

FACTORS OF INCREASING THE LEVEL OF CORRUPTION IN TAJIKISTAN AND ITS NEGATIVE CONSEQUENCES

This article examines the drivers of the growth of corruption in Tajikistan and their negative consequences for the psychology of corruption. At the same time, it is determined which factors lead to corruption. At the same time, it is determined which factors lead to corruption. It was also determined that the most important factors are: institutional, crisis, conflict, lack of civil society, economic, social and others. These factors can lead to an increase in corruption in the Republic of Tajikistan.

Keywords: actions of corruption, crises, economic factors, social factors, conflicts, civil society, corrupt psychology.

Сведение об авторе: ***Рахимов Фируз*** - Магистр второго курса кафедры политических процессов в Таджикистане философского факультета Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Телефон: (+992) 98-720-18-19.

Information about the author: ***Rakhimov Firuz*** - Master of the second year at the Department of Political Processes in Tajikistan, Faculty of Philosophy, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: (+992) 98-720-18-19.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ

Рачабализода Ёқут
Донишгоҳи миллии Тоҷикикстон

Давлат фаъолияти худро тавассути мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ мегардонад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ олоти муҳимтирини мавҷудияти ҳастии давлат мебошад. Воситаи асосии амалӣ гардонидани ҳокимияти давлатӣ низ мақомоти давлатӣ буда, маҳз ба воситаи онҳо халқ ҳокимияти давлатии ба ӯ мутаалликро амалӣ мегардонад.

Мақомити ҳокимияти давлати чун қисми таркибии давлат низом ва сохтори ба худ хос дорад, ки онро дастгоҳи давлатӣ меноманд. Дастгоҳи давлатӣ аз низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ иборат аст, ки ба воситаи онҳо ҳокимияти давлатӣ ва вазифаҳои он амалӣ карда мешаванд. Мазмуни фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, низом ва усулҳои асосии ташкил ва фаъолияти онҳо, ҳайати шахсӣ ва шаклу услуби кори онҳо асосан ба таркиби иҷтимомии ҳокимияти давлатӣ вобаста мебошад. Барои ошкор сохтани мафҳуми мақомоти ҳокимияти иҷроия пеш аз ҳама зарур аст, ки мафҳум ва аломатҳои худи мақоми давлатиро пеши назар оварем, зеро мақомоти ҳокимияти иҷроия дар таҷзияи ҳокимияти давлатӣ қисми ҷудонашавандаи он буда, дар ба ҳам пайвастагӣ бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ вазифаҳои давлатиро амалӣ месозад.

Мақоми давлатӣ ин намуди муташаккили одамон ва қисми ҷудонашавандаи (таркибии) дастгоҳи давлатӣ мебошад, ки он дорои аломатҳои умумии зерини хос мебошад:

а) коллективи муташаккили одамон аст;

б) қисми мустақил ва таркибии дастгоҳи давлатӣ мебошад;

в) вазифа ва функсияҳои давлатиро амалӣ месозад;

г) баёнгар (ифодакунанда)-и манфиатҳои сиёсию давлатӣ мебошад;

д) аз номи давлат, инчунин аз номи худ баромад мекунад;

е) дорои салоҳияти (ваколати) хос аст;

ж) аз рӯи фаъолияти худ дар назди давлат масъул мебошад;

з) аз ҷониби давлат таъсис дода мешавад;

к) вазъи ҳуқуқӣ, сохтор ва шакли фаъолияти он тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад.

Ин аломатҳо ба ҳамаи мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ба мақомоти ҳокимияти иҷроия дар ин ё он дараҷа хос мебошанд. Вале мақомоти ҳокимияти иҷроия аломатҳои хосеро доро мебошанд, ки аз вазифаю таъиноти онҳо бармеоянд ва онҳо аз худи таҷзияи ҳокимият бармеоянд. Маълум аст, ки вазифаҳои ҳар як шохаи ҳокимияти давлатиро дастгоҳи махсуси давлатӣ - мақомоти давлатӣ амалӣ менамояд: ҳокимияти қонунгузор - тавассути мақоми қонунгузорӣ (Маҷлиси Олии ҶТ); ҳокимияти иҷроия - тавассути мақомоти ҳокимияти иҷроия; ҳокимияти судӣ - тавассути мақомоти судӣ.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия бо вазифаҳои иҷрокунандагии худ дар доираи фаъолияти идоракунии давлатӣ амалӣ гашта, аз шохаҳои дигари ҳокимият фарқ мекунад. Набояд фаромӯш кард, ки ҳамаи он мақомоте, ки дар ин ё он андоза фаъолият ва функсияи идоракуниро берун аз фаъолияти идоракунии давлатӣ ба иҷро мерасонанд, метавон бо мафҳуми ҷамъбасткунандаи мақомоти иҷроия ифода намуд. Масалан, идоракуниро низоми мақомоти худидораи маҳаллӣ, идоракунии дохилии корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ ё ҷамъятиро гирем, мақомоти мувофиқ чунин вазифаро ба сомон мерасонанд.

Боиси тазаккур аст, ки аввалин маротиба дар сатҳи қонун мафҳуми мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар моддаи дуюми Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 апрели соли 2012, чунин ифода ёфтааст: «мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ - шакли ташкилии амалисозии идоракунии давлатиест, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда, фаъолият менамояд». [1]

Ба назари баъзе олимони ватани ин мафҳум на чандон ба мафҳуми воқеии мақомоти ҳокимияти иҷроия мувофиқат мекунад. Зеро идоракунии давлатӣ ин шакли амалисозии хокимияти иҷроия мебошад, на баръакс, ки дар қонун ифода шудааст. Мақомоти ҳокимияти иҷроия ин баёнгар ё худ ифодаи субъективии ҳокимияти иҷроия мебошад. [4]

Мақомоти ҳокимияти иҷроия гуфта, танҳо он ҷузъи дастгоҳи давлатиро меноманд, ки аз рӯи таъиноти конституцсиониашон дар таҷзияи ҳокимият бо мақомоти қонунгузор ва судӣ ҳамрайъӣ менамоянд ва дар ин низом ҷойи ҷудогонаро ишғол менамоянд. Бинобар ҳамин ҳам дар Конституцсия бобҳои махсус ба Президент (боби 4) ва ба Ҳукумат (боби 5) бахшида шудааст. Тибқи моддаи 64 Конституцсия Президенти ҶТ сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст. Вале, дар Конституцсия низоми ҳокимияти иҷроия номгӯ нашудаасг. Танҳо сохтор ва вазифаҳои Ҳукумат мушаххас карда шудаасту халос. Конституцсия ин масъаларо ба қонунҳои конституцсионӣ ҳавола кардааст.

Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 май соли 2001 муқаррар намудааст, ки Ҳукумат мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ мебошад. Чунин айнят нисбат ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ ҷой дорад. Инак, Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004 муқаррар кардааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, идораҳо, кумитаҳо, шуъбаҳо ва дигар сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия иборат мебошанд. Таъминоти иттилоотию таҳлилӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва модию техникии фаъолияти онҳо аз тарафи дастгоҳи раис амалӣ карда мешавад, ки он аз тарафи раис ташкил ва тағйир дода мешавад. Ин иқтибосҳои овардашуда, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия чун ҷузъи дасггоҳи давлатӣ, чӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва чӣ дар сатҳи маҳалҳои дахлдор бо сохтори ба худ хос мавҷуданд.

Мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳамчун қисми таркибии дасггоҳи давлатӣ ба худ сарбории хос дорад, ки он аз амалисозии вазифаҳо ва функсияҳои ҳокимияти иҷроия иборат мебошад, ки мазмуни он аз водоркунӣ ва танзимсозии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, соҳаҳои иктисодиёт, иҷтимоиёт маъмурию сиёсӣ иборат мебошад. Маҳз тавассути хусусияти иҷрокунандагӣ доштанашон ин мақомот фаъолияти бефосилаи (бетанаффуси) дорои характери иҷрокунандагӣ ва амрдиҳиро пеш мебаранд.

Мақомоти ҳокимияти иҷроия то ба ҳадди муайян дорои ваколати давлатӣ (ваколати ҳуқуқӣ) мебошанд. Ин ваколат ба онҳо имконият медиҳад, ки онҳо дар доираи салоҳияташон санадҳои ҳуқуқӣ қабул намоянд, ки онҳо воситаи ҳуқуқии амалисозии ваколати ин мақомот дар соҳаи идоракунӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои ташкилию ҳуқуқӣ, инчунин воситаи маҷбурсозии маъмурӣ (ғайрисудӣ) маҳсуб мешаванд. Инак, Президенти ҶТ дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад, амр медиҳад (м. 70 Конституцсия), Ҳукумати ҶТ қарорҳо ва фармоишҳо қабул мекунад, Раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар доираи ваколати худ қарор ва амр қабул мекунад ва ғайра.

Хусусияти ваколати мақомоти ҳокимияти иҷроия дар он ифода меёбад, ки онҳо тавассути санадҳои ҳуқуқии худ санадҳои ҳуқуқии мақомоти қонунгузор ва судиро иваз ё тағйир намедиҳанд, аз тарафи дигар, амали санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия аз доираи ин мақомот берун мебарояд.

Санадҳои ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроия санади зерқонунӣ аст, ки доир ба амалисозӣ ва иҷроиши қонунҳо қабул карда мешаванд, яъне аз талаботҳои худи қонун бармеоянд. Инчунин, санадҳои баррасишаванда, нисбат ба санадҳои дигари татбиқи ҳуқуқ (масалан, нисбат ба санадҳои судӣ, ки оид ба масъалаҳои негативӣ ё худ ҳуқуқвайронкунӣ қабул карда мешаванд) характери созандагӣ дошта, бе назардошт ё мавҷудияти ҳалли масъалаҳои негативӣ (ба истиснои ҳолатҳое, ки ҷазои маъмурӣ татбиқ карда мешаванд) қабул мегарданд.

Зеро ҳадафи вазифаҳои ин мақомот фаъолияти созандагӣ - водоркунии давлатӣ аст, на ба амалбарории адолати судӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон мебошад.

АДАБИЁТ

1. Констиутусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба тариқи райпурсӣ 6.11.1994.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». АМОҶТ с. 2012, №4, мод. 278
3. Қонуни Конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12.05.2001//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2001.-№4.-М.215
4. Раззоқов Б. Ҳ. Ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе., 2006. С.-120
5. Ойев Х. Ҳокимияти иҷроия: тамоили инкишоф ва вазифаҳо// Давлат ва Ҳуқуқ.2003.№3.С.12;
6. Государственное управление и государственная служба за рубежом. Спб. 1998. С.56
7. Имомов А. И. Ҳуқуқи констиутусиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
8. Қодиров Ҷ. Ш. Сохтор ва салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. //Давлат ва ҳуқуқ. №3. 2009.
9. Диноршоев А.М. Марифхонов Р.Н. Кодиров Дж.Ш. Административ- ное право Республики Таджикистан. Учебное пособие. Душанбе. 2016.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаи муҳими падидаи ҳуқуқи конституционӣ- мафҳум ва моҳияти мақомоти ҳокимияти иҷроия мавриди таҳқиқ қарор гирифта , дар он пеш аз ҳама муаллиф ба мафҳум ва моҳияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, табиати ҳуқуқӣ, низом ва вазъи ҳуқуқӣ он истодагарӣ намуда, мафҳуми мақомоти ҳокимияти иҷроияро пешниҳод менамояд.
Калидвожаҳо: мақомоти ҳокимияти иҷроия, ҳукумат, президент, тақсимоти ҳокимият.

ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ОРГАНА ИСПОЛНИТЕЛЬНОЙ ВЛАСТИ

В данной статье исследуется один из важнейших явлений конституционного права - понятие и сущность орган исполнительной власти в котором автор прежде всего настаивает на понятии и сущности исполнительных органов, их правовой природе, системе и правовом статусе, а также предлагает понятие органа исполнительной власти.
Ключевые слова: орган исполнительной власти, правительство, президент, распределение власти.

THE CONCEPT AND ESSENCE OF THE EXECUTIVE AUTHORITY

This article examines one of the most important phenomena of constitutional law - the concept and essence of an executive authority in which the author first insists on the concept and essence of executive authorities, their legal nature, system and legal status, and proposes the concept of an executive authority.
Keywords: executive authority, government, president, distribution of power.

Сведения об авторе: Раджабализода Ёкуб – Таджикский национальный университет магистрант второго курса,
Адрес: 734025, Республика Таджикистанг, город Душанбе, проспект Рудаки,17

Information about the author: Rajabalizoda Yoqub –Tajik National University. econd-year master`s student,
Adress:73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17s

ТАЪСИРИ ҲАМГИРОЙ ВА ТАФРИҚАСОЗИИ ИЛМҲО ДАР УСУЛҲОИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ

Рачабов Э.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Методологияи муосири тадқиқоти экспертӣ, табақабандии сатҳҳои донишҳои методолгии экспертиро ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор додааст. Роҳҳои бартараф намудани мушкилиҳои методологии экспертизаи судӣ, ки ба бениҳоят гуногуншакл будани онҳо алоқаманд аст пешниҳод карда шудаанд, ҳар як намуди экспертиза қисмати илми мутаносиб мебошад. Вобаста ба ин таснифи синфҳои экспертизаи судӣ амали карда мешавад. Дар мақола сатҳҳои методологияи тадқиқотӣ тасниф карда шудаанд: фалсафӣ принсипҳои умумии даркнамои ва тартиби категориявӣ, принсипҳои умумиилмӣ ва шаклҳои тадқиқот, коркардҳои расми ва назарияҳо оид ба ҳал намудани доираи васеи вазифаҳои методологи, ҳамчунин методологияи мушаххаси илми ҳамчун маҷмуи усулҳо, восита ва ҷараёнҳои тадқиқотӣ, ки дар криминалистика истифода мешаванд. Сатҳи охирини методология бошад худи методика ва техникаи тадқиқот, ки дарбаргирандаи маҷмуи ҷараёнҳои таъминкунандаи эътимоднокии маводҳои эмпирики коркард ва бақайдгирии ин донишҳо мебошад. [4 саҳ 1]

Агар ба таърихи инкишофи экспертизаи судӣ назар афканем маълум мегардад, ки дар рушд ва инкишофи экспертизаи судӣ нақши илмҳои амалӣ аз қабили криминалистика, тибби судӣ ва илмҳои заминавӣ физика, химия, математика ва ғ. хело калон мебошад.

Алоқамандии байниҳамдигарии экспертизаи судӣ бо илмҳои табии, техникӣ ва гуманитарӣ натиҷаи инкишофи табии дарки илмӣ дар назария ва амалияи тадқиқоти экспертӣ мебошад. Бо инкишоф ёфтани усул ва воситаҳои техникии тадқиқоти илмҳои гуногун усул, восита ва методикаи экспертизаи судӣ низ рушд мекунад. Дастовардҳои илмҳои дигар дар шакли тағйирёфта ва мутобиқгардонидашуда ба экспертизаи судӣ ворид мегарданд. Чунин мутобиқгардӣ аз се ҳолат вобаста аст: якум аз мақсади тадқиқот, дуюм аз вазифаҳои мушаххаси экспертӣ ва сеюм аз шароитҳое, ки ҳангоми татбиқ намудани он усул ё истифодаи воситаи техникӣ ҷой доранд. Маълум аст, ки инкишофи илмҳои химия, физика боиси инкишофи экспертизаи судӣ низ мегарданд. Аммо чунин ҳисобидан, ки илмҳои физика, химия ва биология ба назарияи экспертизаи судӣ таъсири бевосита мерасонанд, хато мебошад. Бо вуҷуди ин истифодабарии усулҳои ин соҳаҳои илм дар тадқиқотҳои илмӣ ва амалии экспертизаи судӣ боиси ҷамъшавии як базаи эмпирикие гардиданд, ки барои натанҳо инкишоф, балки асоснокнамоии назарияи умумии экспертизаи судӣ замина гузоштаанд. Маълум аст, ки экспертизаи судӣ тибқи қонуниятҳои муайян инкишоф меёбад, аммо нақши ҳалкунанда дар ин самт бевосита ба вазифаҳои экспертии пайдошаванда тааллуқ дорад. Маҳаки асосие, ки хусусияти ҳадафнокии экспертизаи судиро муайян менамояд ин самти амалии истифодабарӣ, алоқа бо фаъолияти амалии инсонӣ ва бо талаботҳои мақомоти судию тафтишотӣ мебошад. Ҳал намудани ин вазифаҳо танҳо дар сурати истифодабарии усулҳои тадқиқоти химиявӣ, физикӣ ва ғ. ва дарки назариявии табиати ин ё он усулҳо, зуҳуротҳо мебошад. Ҳадафи асосии экспертизаи судӣ ин муайян намудани маълумотҳои воқеие мебошанд, ки ба ҳодисаи ҷиноят алоқамандӣ доранд. Муайян намудани чунин маълумотҳо аз як қатор омилҳо иборат мебошад, аз ҷумла истифодабарии усулҳои дигар илмҳо дар экспертизаи судӣ. Чуноне, ки баъзе муаллифон қайд менамоянд истифодабарии дилхоҳ усул, ки боиси бадастоварии ҳадафи гузошташуда мегардад, ба таҷрибаи амалии то ин вақт андӯхташуда такя менамояд. [1 саҳ 59]

Ҳам ҳадаф ва ҳам вазифаҳои экспертизаи судӣ барои интихоб ва истифодабарии усулҳои дигар илмҳо дар амалияи экспертизаи судӣ таъсир мерасонанд. Мазмуни вазифаи экспертӣ то як андоза муайянкунандаи усули интихобшаванда барои ҳалли он мебошад. Чунин усул метавонад ягона ва ё ин ки як усул аз доираи маҳдуди усулҳо бошад. Ҳатто агар чунин усулҳо якчандто бошад ҳам, эксперт ҳамон усулеро интихоб мекунад, ки барои ҳалли ҳарчӣ зудтар, эътимоднок ва илман асоснокии вазифаи гузошташуда оварда мерасонад. [8 саҳ 269] Бо инкишоф ёфтани химия, физика ва биология коркарди усулҳои нав дар ин соҳаҳои илм, усулҳои то ин дам дар экспертизаи судӣ ҷойдошта низ мукаммал мегарданд. Мисоли гуфтаҳои мазкур инҳо мебошанд: ба ҷои усули нейтронно активатсионӣ усули мукаммал ва эътимодноктари атомӣ адсорбсионӣ пайдо гардид ва ба ҷои усули таҳлили микрохимиявӣ таҳлили рентгенофазовӣ ба вуҷуд омад. [4 саҳ 1]

Ҳамчунин, интихоби усули тадқиқот аз шароите, ки дар он усул истифода мегардад вобаста аст. Чунки вобаст аз объекти экспертизаи судӣ ва роҳҳои минбаъдаи истифодабарӣ дар тадқиқоти судӣ интихоби усул метавонад вобаста ба хусусияти таъсиррасонӣ ба объект амалӣ карда шавад. Яъне то кадом андоза объект баъд аз истифодабарии усули мазкури тадқиқот дар шакли пешина боқӣ мемонад, дар назар дошта шудааст. Аз ин ҷиҳат талаб карда мешавад ки танҳо усулҳои вайроннакунандаи объект мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин метавонад ба усул дигар талаботҳо низ пешбарӣ карда шаванд. Аз ҷумла, возеҳии натиҷаҳои тавассути ин усул бадастовардашуда барои иштирокчиёни мурофиа, ҷоизият ва имконияти санҷидан дар шароитҳои гуногунро медиҳанд. Вобаста ба возеҳии натиҷаҳои экспертизаи судӣ барои иштирокчиёни мурофиа ҳаминро бояд қайд намуд, ки ин талабот на ҳама вақт риоя шуда метавонад. Масалан, ҳангоми тадқиқоти спектралӣ, ки имкон медиҳад, тадқиқи металҳо, хулаҳо, моддаҳои органикӣ, объектҳои табиати биологӣ ва воситаҳои нашъадор гузаронида шаванд ба доираи чунин усулҳо дохиланд. Натиҷаҳои тавассути онҳо ба даст овардашуда дар спектрограммаҳо қайд карда мешаванд. Тарзҳои қайднамоӣ метавонанд вобаста аз усули истифодашаванда гуногун бошанд. Илова намудан зарур аст, ки ҳангоми коркарди усулҳои нав ва ҳангоми гузаронидани тадқиқоти илмӣ бо истифодабарии усулҳои нави дигар соҳаҳо таваҷҷуҳ

натанҳо ба натиҷаҳои бадастовардашавандаи барои ҳалли вазифаҳои экспертӣ аҳамиятдошта, инчунин ба тарзҳои қайднамоии ин натиҷаҳо низ равона карда мешавад. Тарзҳои қайднамоии натиҷаҳо гуногунанд, аз ҷумла бо ёрии аксҳо, спектограммаҳо, диаграммаҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо ва ғ. Мо танҳо истифодабарии усулҳои физикӣ ва физикию химиявиро дар экспертизаи судӣ мавриди баррасӣ қарор додем. Аммо ин ифодакунандаи он нест, ки танҳо ҳамин усулҳо ҳангоми тадқиқоти экспертӣ истифода мегарданд. Тибқи ақидаи мо физика, кашфиётҳои дар он бавуҷудоянда, усулҳо ва воситаҳои дар он коркардшаванда дар ҷараёни амалии даркнамоии экспертӣ нақши калидӣ доранд. [8 саҳ 271]

Дар ҳамин ҳол нақши усулҳои химиявӣ ва биологии тадқиқот низ дар рушду инкишофи назария ва амалияи экспертизаи судӣ кам нест. Худи объекти тадқиқоти экспертизаи судӣ предметҳои табиати химиявӣ ва биологидошта объектҳои аз ҳайвонот ва растаниҳо пайдошуда (пашми ҳайвонот, барг, тухми растанӣ ва ғ.), пайвастагиҳои химиявӣ (воситаҳои доруворӣ, маҳсулотҳои нафтӣ, моеъҳои гуногун) мебошанд. Ҳамаи инҳо аз аҳамияти калони усулҳои ин илмҳо дар тадқиқоти экспертӣ судӣ оид ба ҳал намудани масъалаҳои барои парванда аҳамиятдошта шаҳодат медиҳанд. Инкишофи усулҳои химия ва биология ва ба амалияи тадқиқоти экспертӣ ворид гардидани онҳо дар шакли мутобиқшуда имкон дод, ки як қатор масъалаҳои амалии экспертизаи судӣ ҳал гарданд. Мисоли ҳал гардидани масъалаи муайян намудани баҳамтаъсиррасонии воситаи расонидани ҷароҳат ба либос ва бадани инсон, инчунин муайян намудани масофаи мушаххаси тирпаронӣ аз рӯи пайҳои дар монеа гузошташуда, бо истифодабарии миқдорӣ ва ҳам усулҳои тадқиқи таркиби маводи тирпаронӣ ва матоъҳои сухта шуда метавонад.

Яке аз натиҷаҳои ҷараёни ҳамгироӣ дар биология ин пайдоиши соҳаи генетикаи молекулярӣ ба ҳисоб меравад. Инкишофи муосири генетикаи молекулярӣ баъд аз ихтороъ гардидани “коди генетикӣ”, ки барои тамоми мавҷудоти дар рӯи замин зиндагикунанда ва ё ин ки ягон вақт зиндагикарда универсалӣ мебошад, имконпазир гардид. Асоснокгардии универсалияти коди генетикӣ ҳам барои биология ва ҳам барои экспертизаи судӣ, криминалистика аҳамиятнок буд. Агар то ин дам айниятнамоии шахсият танҳо тавассути хатҳои папилярии ангуштони даст гузаронида мешуд, пас бо ин кашфиёти биологӣ исбот гардид, ки айниятнамоии шахсият тавассути кислотаи дезоксорибинуклеинӣ ки дар ҳуҷайра ҷойгир, аст имконпазир аст. Мисоли овардашуда далолат ба он мекунад, ки генетикаи молекулярӣ натиҷаи ҳамгироии ҷараёнҳои дар биология ба вуҷудомада, ки усулҳои кибернетика, физикӣ, химиявӣ ва биологиро алоқаманд намуда, минбаъд асоси инкишофи криминалистика ва экспертизаи судӣ гардиданд, мебошад. Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки тамоми усулҳо ҷараёни ҳамгироиро аз сар гузаронидаанд. Ҳатто агар дар методика усулҳои як илм мавҷуд бошад, имконияти истифодагардии воситаҳои илмӣ техникии дар дигар илм коркардкардашуда истисно нест. Аз сабаби оне ки мо ҳадафи низомнокнамоии илмҳоро пайгирӣ намудем, сохторе ки пешниҳод карда шудааст, хусуситяи нисбӣ дорад. Дар ҳақиқат ҳамаи онҳо дар маҷмӯъ истифода мегарданд ва ҳамгироӣ низ хусусияти чандсатҳа дорад. Бисёрсатҳагӣ хусусияти усулҳои хоси экспертизаи судӣ мебошанд. Асоси инкишофи экспертизаи судиро усулҳои илмҳои табиӣ ташкил медиҳанд, ки зери таъсири объект ва ҳадафҳои хоси экспертизаи судӣ хусусиятҳои усулҳои хоси экспертизаи судиро касб менамоянд. [5 саҳ 77]

Чуноне ки пештар қайд карда шуд, дар истифодабарии усулҳои дигар илмҳо дар экспертизаи судӣ пайдоиши вазифаҳои экспертӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Аз дигар тараф бошад инкишофи илмӣ техникӣ ва дастовардҳои он низ аз аҳамият орӣ нестанд. Дастовардҳои илмӣ техникӣ дар криминалистика ва экспертизаи судӣ нақши дутарафа доранд. Аз як тараф онҳо муфаттиш ва экспертро бо имкониятҳои нави техникӣ барои тадқиқи далелҳо мусаллаҳ менамоянд. Аз дигар тараф бошад дастовардҳои илмӣ техникӣ аз ҷониби ҷиноятқорон ба таври фаъолона ҳангоми содир намудани ҷиноят истифода мегарданд. Ин дар навбати худ боиси ба вуҷуд омадани намудҳои нави ҷиноят ва хусусиятҳои нав касб намудани тарзи содирнамоӣ ва рӯйпушнамоии ҷиноятҳои ҷойдошта мегардад. Барои мисол метавон пайдо гардидани намудҳои нави ҷиноят аз ҷумла

ҷиноятҳои компютерӣ ва аз ҷониби гуруҳҳои ҷиноятӣ истифода гардидани силоҳҳои нави оташфишон ва воситаҳои алоқаро эътироф намуд. Мутаассифона, ин усулҳо дар экспертизаи судӣ танҳо дар ҳолати ба миён омадани зарурияти ҷиддӣ истифода мегарданд. Айни ҳол як ҳолати аҷиби инкишофи криминалистика ва экспертизаи судӣ ба назар мерасад. Экспертизаи судӣ дар баробари донишҳои ҳуқуқӣ инчунин дорои донишҳои илмҳои табии низ мебошад. Вале онҳоро танҳо дар ҳолатҳои ба миён омадани вазъиятҳои мушкил истифода мебарад. Аз нуқтаи назари мо айни замон зарурияти коркарди усулҳо ва воситаҳои криминалистии нав натанҳо бо мақсади ҳарчӣ зудтар ва пурра ошкор намудани ҷиноят, балки барои кам намудани имконияти истифодабарии ин дастовардҳо аз ҷониби ҷинояткорон муҳим аст. Дар ин ҷо сухан оид ба пешгӯии истифодабарии ин дастовардҳо аз ҷониби ҷинояткорон меравад. Дар навбати худ чунин пешгӯиҳо ба инкишофи экспертизаи судие боис мегарданд, ки дорои тарзи тафаккури худ мебошад.

Амалияи тадқиқотӣ нишон медиҳад, ки усулҳои дигар илмҳо ҳангоми истифодагардӣ дар экспертизаи судӣ мавриди тағйирёбии ҷиддӣ қарор мегиранд. Дар навбати худ ин усулҳо ба усулҳои хоси криминалистика низ таъсир мерасонанд ва усулҳо нав пайдо мегарданд, ки ба дастовардҳои нави илмӣ техникӣ ва инкишофи амалия асос меёбанд. М.Г. Чепиков оид ба ин масъала чунин қайд намудааст. “Баҳамтаъсиррасонии зичӣ илмҳо дар ҷараёни тадқиқоти объектҳои гуногун аз табиат ва ҷомеаи сатҳи гуногун аз амалияи ҷамъиятӣ бармеоянд, вазифаҳои мураккабтарро пешниҳод менамоянд, ки ҳал намудани онҳо якҷоянамоии қувва ва воситаҳои илмҳои гуногунро талаб менамояд”. [2 саҳ 137]

Илмҳои дигар натанҳо ба амалияи тадқиқоти экспертӣ таъсир мерасонанд. Ҳамрадифии имконият ва усулҳои илмҳои гуногун ҳамеша ва дар ҳама соҳаҳои дониш самаранок буд. Дар амалияи тадқиқоти экспертӣ судӣ ин ҳолат тавассути истифодабарии усулу воситаҳои экспертӣ дар асоси илмҳои энтегратсионӣ амалӣ карда мешавад. Вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намуда амалия имконият пайдо менамояд, ки монанди ва фарқияти объект ва ҳолатҳои гуногунро муайян намояд. Дар навбати худ маводҳои ҷамъшуда ва банизомдаровардашудаи амалӣ қувваи ҳаракатдиҳандаи коркади назарияҳои экспертизаи судӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳамин тариқ назария ва амалия натиҷаи ҷараёнҳои интегратсионӣ ва тафриқагузорӣ мебошанд, чунки амалия дар ҳар як ҷиҳати мушаххаси худ асосҳо барои тафриқасозии донишҳо дорад ва амалинамоии бомувафақияти коркардҳои алоҳидаи назариявӣ дар амалия имконият ва зарурияти ҳамгироии донишҳоро ба вуҷуд меорад. (10, с. 67)

АДАБИЁТ

1. Цыпкин Д. О. Несколько предварительных замечаний о единстве экспертной науки и о проблемах современного источниковедения// Фотография. Изображение. Документ. 2012. №3 (3).
2. Винберг А.И.. Шляхов А.Р. Общая характеристика методов экспертного исследования // Общее учение о методах судебной экспертизы.
3. Российская Е.Р. Судебная экспертиза в гражданском, арбитражном, административном и уголовном процессе. М., 2009.
4. Шаров В. И. Система методов судебной экспертизы// Вестник ННГУ. 2014. №3-2.
5. Энциклопедия судебной экспертизы. М., 1999.
6. Алиев И.А., Аверьянова Т.В. Концептуальные основы общей теории судебной экспертизы. Баку: Гянджлик, 1992..
7. Чепиков М.Г. Интерация науки. М. С.
8. Винберг А.И., Шляхов А.Р. Общая характеристика методов экспертного исследования// Общее учение о методах судебной экспертизы. Сборник научных трудов. М.: Изд-во ВНИИСЭ, 1977.№ 28.

ТАЪСИРИ ҲАМГИРОйӢВА ТАФРИҚАСОЗИИ ИЛМҲО ДАР УСУЛҲОИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ

Ба сифати объект дар мақолаи мазкур таъсири ҳамгирой ва тафриқасозӣ ва инкишофи илмҳои гуногун ба экспертизаи судӣ мебошад. Предмет коркардшаванда бошад таъсири рушд ва инкишофи илмҳои гуногуни ҳамҷавор ба назарияи экспертизаи судӣ ва фаъолияти амалии он (тадқиқоти экспертӣ вобаста ба объекти мушаххас) ба ҳисоб меравад. Чуноне ки маълум аст дилхоҳ илм ва фаъолияти амалӣ дар алоқамандӣ бо ҳамдигар ва соҳаҳои дигари илм арзӣ ҳастӣ доранд ва инкишоф меёбанд. Экспертизаи судӣ низ аз ин доира берун нест. Бинобар ин дар ин мақола чи гуна ба раванди инкишофи экспертизаи судӣ таъсир расонидани кашфиётхои дар дигар соҳаҳо аз қабили химия, биология, физика, микробиология ва ғ. баррасӣ мегардад. Зеро ки, маҳз кашфиётхои дар дигар соҳаҳои ҳамҷавор ба вуҷуд омада, аксарияти тадқиқотҳои экспертиро, ки айни замон вуҷуд доранд, имконпазир гардониданд.

Калидвожаҳо: экспертизаи судӣ, тадқиқоти экспертӣ, назарияи экспертизаи судӣ, ҳамгирой, илмҳои ҳамҷавор.

ВЛИЯНИЕ ИНТЕГРАЦИИ И ДИФФЕРЕНЦИАЦИИ В МЕТОДАХ СУДЕБНОЙ ЭКСПЕРТИЗЫ

В качестве объекта данной статьи рассматривается влияние интеграции, дифференциации и развития различных наук на судебную медицину. Предмет исследования - влияние развития и продвижения различных смежных наук на теорию судебной экспертизы и ее практическую деятельность (экспертное исследование конкретного объекта). Как известно, любая наука и практическая деятельность существует и развивается во взаимосвязи друг с другом и с другими отраслями науки. Судебная экспертиза тоже не выходит за рамки этого. Поэтому в этой статье обсуждается, как повлиять на развитие судебной медицины с помощью открытий в других областях, таких как химия, биология, физика, микробиология и другие. Потому что именно открытия, сделанные в других смежных областях, сделали возможными большинство текущих экспертных исследований.

Ключевые слова: судебная экспертиза, экспертного исследования, теория судебная экспертиза, интеграция, смежных наук.

INFLUENCE OF INTEGRATION AND DIFFERENTIATION OF SCIENCES IN FORENSIC METHODS

The objects of this article, the influence of integration, differentiation and development of various sciences on forensic medicine. The subject of the research is the influence of the development and promotion of various related sciences on the theory of forensic examination and its practical activities (expert research of a specific object). As you know, any science and practical activity exists and develops in interconnection with each other and with other branches of science. Forensic examination also does not go beyond this. Therefore, this article discusses how to influence the development of forensic medicine through discoveries in other fields such as chemistry, biology, physics, microbiology, and others. Because it was the discoveries made in other related areas that made most of the current expert research possible.

Keywords: forensic, expert research, theory of forensic examination, integration, related sciences.

Сведения об авторе: ***Раджабов Эрадж Толибович*** – магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **93 597 51 55**

Information about the author: Rajabov Eraj Tolibovich – graduate student of Faculty of Law, Tajik National University

ВОЗМЕЩЕНИЕ ВРЕДА В МЕЖДУНАРОДНОМ ПРАВЕ

Рустами Рисолатбону
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Возмещение вреда является одним из основных вопросов ответственности в международном праве. В то время как судебные преследования и, в известной степени, аттестация работников системы правосудия в конечном счете являются борьбой против лиц, виновных в нарушениях, а установление истины и институциональная реформа нацелены непосредственно на общество в целом, меры по возмещению ущерба и в основном целенаправленно осуществляются в интересах жертв нарушений. То есть, в смысле потенциального прямого воздействия, по меньшей мере, на жертвы, эти меры занимают особое место среди мер по восстановлению справедливости. Возмещение вреда входит в содержание международно-правовой ответственности. То есть государство, совершившее международно-противоправное деяние, обязан, прекратит данное деяние и предоставить заверения и гарантии неповторения, устранить все его последствия и обеспечить полное возмещение вреда. Принцип полного возмещения вреда приводится в ст. 31 Проекта статей об ответственности государств за международно-противоправные деяния [6], также в часто цитируемом решении Международного Суда по делу о предприятии в Харджуне: «Принципом международного права является то, что нарушение какого-либо обязательства влечет за собой обязанность возмещения нанесенного ущерба в адекватной форме». [1, С.29]

Под вредом понимается любой ущерб – материальный или моральный, который причинен международно-противоправным деянием. Под материальным ущербом понимается ущерб, причиненный имуществу или другим интересам государства и его граждан, который можно определить в денежном выражении. Под моральным ущербом понимается такой ущерб, который связан с причинением боли и страданий людям или их оскорбление. Под причинением ущерба понимается само нарушение права другого государства. Государство, право которого нарушено, является потерпевшим государством и не должно доказывать наличие какого-либо иного ущерба. Б. Грефрат пишет: "Будучи

основанным исключительно на нарушении обязательств и прав, нормативный аспект ответственности государств существенно усилен". [3, С.115]

Возмещение ущерба должно, насколько это возможно, ликвидировать последствия противоправного деяния и восстановить ситуацию, которая существовала бы, если противоправное деяние не было бы совершено. Возмещения ущерба также направлено на поддержание верховенства права в интересах международного сообщества в целом. Возмещение это обязанность государства-правонарушителя, а не право потерпевшей стороны, и это обязанность, которая возникает автоматически при совершении противоправного деяния. Одним из дискуссионных вопросов при возмещении вреда является возмещение при нарушении прав человека. Наибольшая актуальность статей КМП и его влияния на ответственность государств, это то, что они касаются возмещений именно в области прав человека. Нарушение этих обязанностей вряд ли нанесут прямой ущерб другому государству или приведут к возникновению межгосударственного иска о возмещении ущерба. Отчасти по этой причине в статьях КМП подчеркивается необходимость прекращения нарушения и соблюдение обязательств. Обязательства, которые государство берет на себя в соответствии с международным правом прав человека и гуманитарным правом, влекут за собой правовые последствия не только по отношению к другим государствам, но и по отношению к отдельным лицам и группам лиц, которые находятся под юрисдикцией данного государства. Включение прав человека в понятие об ответственности государства привело к появлению базовой предпосылки о том, что в случаях нарушений международных обязательств средства правовой защиты и возмещение ущерба должны предоставляться не только государству, но и отдельным лицам и группам, которым нанесен этот ущерб. Формами возмещения вреда являются реституция, компенсация и сатисфакция. Данные формы могут быть использованы как отдельно, так и в сочетании с другими формами. Это зависит от характера нарушенного обязательства, вида и размеров причинённого вреда, также от обоснованного желания пострадавшей стороны. В Статьях КМП ст. 31-34 посвящены формам возмещения вреда. Принятие Статей КМП внесла ясную позицию в отношении форм возмещения. В литературе же существуют разные взгляды на определения форм возмещения вреда. Например, большинство авторов разделяют материальные и политические (нематериальные) формы возмещения. К первым они соотносятся реституцию, субституцию и репарацию, а ко второму ресторацию, сатисфакцию и санкции. [8 С.198] Так, В.А. Василенко выделяет следующие формы возмещения, как военные реституции и военные репарации. [9, С.210]

Реституция это восстановление положения, которое существовало до совершения международно-противоправного деяния (восстановление status quo ante). В доктрине различают такие формы реституции: материальную или реституцию в натуре (restitutio in integrum) – восстановление прежнего материального положения (возврат имущества, объектов природной среды, освобождение оккупированной территории, освобождение задержанных дипломатов и т.д.); юридические реституция (restitutio in pritinum) – восстановление нематериальных благ (аннулирование законодательных, исполнительных, административных и законодательных актов и др.). Статьи КМП определили реституцию как приоритетным средством возмещения среди других форм возмещения. Но если её применить невозможно (нарушение права на жизнь или уничтожение имущества) или она является непропорциональной, то она может быть заменена на иную меру.

Постоянная палата международного правосудия также в деле о фабрике в Хожуве определила последовательность применения форм возмещения вреда: "Реституция в натуре или, если она невозможна, уплата денежной суммы, которая соответствовала бы той стоимости, которую составляла бы реституция в натуре; присуждение, если необходимо, возмещения ущерба за понесенные убытки, которые не могут быть покрыты реституцией в натуре или заменяющей ее уплатой, - таковы принципы, которые должны служить для определения размера компенсации, причитающейся за деяние, противоречащее международному праву". [2, С.48]

Компенсация (emenda –то, что передаётся потерпевшему в результате правонарушения) – это возмещение любого ущерба, исчисляемого в финансовом выражении, включая упущенную выгоду. [11, С.211]

Выделяют три вида упущенной выгоды - первый вид - упущенная выгода в случае временной утраты возможности пользования имуществом и получения соответствующих доходов, при сохранении права собственности. Второй вид упущенной выгоды - упущенная выгода от приносящего доход имущества с момента лишения права собственности и до даты вынесения решения о компенсации. Третий вид упущенной выгоды - упущенная будущая выгода, выгода, ожидавшаяся после принятия решения. Вопрос о такой выгоде обычно возникает в связи с концессиями и иными интересами, защищенными договорами.

Право на компенсацию закреплено общепризнанной нормой международного права. Она предусматривалась в арбитражном решении 1923 г. По делу о судне «Лузитания» [5, С.39], в деле о проекте «Габчиково-Надьмароши» в др. [4, С.81] Компенсация может дополнять реституцию или может быть применена самостоятельно. В случае, если реституция невозможно или она не обеспечивает полное возмещение или пострадавшее государство предпочла реституции компенсацию, то в данных случаях компенсация может применяться самостоятельно. Компенсация направлена на возмещение материального вреда и должна в максимальной возможной мере соответствовать причиненному ущербу. Именно этим признаком он отличается от сатисфакции, в котором возмещение морального вреда осуществляется денежными выплатами и имеет относительный характер. Ущерб может быть понесен самим государством (ущерб его собственности или персоналу) или его физическими и юридическими лицами. Во втором случае, государство выступает от их имени в порядке дипломатической защиты. Одним из сложных вопросов при компенсации это установление его размеров и правил его оценки. На решение этого вопроса влияет много факторов (такие как характер разрушенных обязательств, оценка поведения сторон и т.д.).

Исходя из практики, случаи применения ущерба государству, в основном, происходит в результате уничтожение его самолёта или подтопления его корабля, нападение на помещение или персонал дипломатических правительств и т.п. В международном праве можно много случаев решения вопроса компенсации путём взаимного соглашения. Например, вопроса об уплате Кубой компенсации Содружеству Багамских Островов за потопление кубинским самолетом в открытом море багамского судна, соглашение 1996 г. между Ираном и США о «полном и окончательном урегулировании» спора по поводу уничтожения иранского самолета и гибели 290 пассажиров и членов экипажа.

Практике также известны выплаты «ex gratio» -по доброй воле. Например, в делах по нападению на помещения дипломатических представительств. Возмещения ущерба физическим и юридическим лицам включает возмещение материальных убытков и возмещение нематериального ущерба. В арбитражном решении по делу «Лузитания» предусмотрено возмещение нематериального ущерба, его содержание, правила оценки потерь и т.д. [5, С.35] Одним из спорных вопросов компенсации материального ущерба это компенсация в связи с национализацией и конфискацией имущества иностранных граждан. При решении данного вопроса одним из критериев оценки являлось законность и незаконности национализации и конфискации. При определении размера компенсации оценивались в первую очередь активы национализированного предприятия, а также доходность и гудвил (goodwill) этой компании. При определении размера компенсации основным критерием является понесённые истцом убытки, которые определяются в зависимости от конкретных видов ущерба (компенсация имущества, упущенной выгоды, дополнительных расходов).

Сатисфакция это другой вид возмещения вреда, который применяется, если ущерб не возмещена ни реституцией, ни компенсацией. Сатисфакция определяется как форма возмещения морального вреда, причинённого международно-противоправным деянием. [10, С.227; 9, С.213] В доктрине предлагаются два вида сатисфакция - ординарный и чрезвычайный. Первая это общее понимание сатисфакция, а второе это «выходящие за рамки простого удовлетворения различного рода временные ограничения суверенитета и международно-правовой субъектности государства, совершившего международное преступление». [8, С.227; 12 С.74] Также И.И. Лукашук определил ещё два вида сатисфакции: сатисфакция как самостоятельная форма возмещения; сатисфакция как сопутствующая другим формам возмещения. Первое это когда ущерб носит лишь моральный или юридический характер и когда ущерб не был полностью возмещен другими

формами. К первому случаю относят оскорбление государственной символики или должностных лиц государства, нарушение дипломатического иммунитета. Второй вид сатисфакция он относит сатисфакцию, которая сопутствует любой форме возмещения. [11, С.211] Сатисфакция может осуществляться в самих разнообразных формах: признание нарушения, выражение сожаления, принесения извинений. Извинения могут иметь устную или письменную форму, исходить от должностных лиц государства. Также формами сатисфакции могут быть обещание провести расследование и наказать виновных, заверения и гарантии не повторения, выплата символической суммы, констатация противоправного деяния международными судебными органами и т.д. Выбор формы сатисфакции зависит от конкретных обстоятельств. Но при осуществлении сатисфакции существуют ограничения. Во-первых, сатисфакция должна быть пропорциональна причиненному вреда и во-вторых, она не должна носить унизительный характер для несущего ответственность государства.

Таким образом, возмещение ущерба представляет собой реализацию прав и обязанностей, вытекающих из правоотношения ответственности за международно-противоправное деяние. Статья КМП установила три вида возмещения вреда. Содержание и виды данных форм возмещения вреда уточняются и выражаются на практике международных судов. С принятием Статей КМП, некоторые вопросы возмещения вреда были решены на международном уровне. Но в доктрине также можно встретить предложения по изменения и улучшению данных вопросов. [11 С.211]

ЛИТЕРАТУРА

1. Permanent Court of International Justice, Factory at Chorzow (Claim for
2. Indemnity) case, (Germany v. Poland), (Merits), PCIJ (ser. A) No. 17, 1928, p. 29.
3. PCIJ. 1928. Ser. A. No. 17. P. 48.
4. Graefrath B. Responsibility of States. Thessaloniki, 1993. P. 115.
5. ICJ Reports. 1997. P. 81
6. RIAA. Vol. VII (1923). P. 39
7. UN Doc. A/CN.4 /L.602/Rev.1 от 26 июля 2001 г.
8. Бекяшев К.А. Международное право: учебник для бакалавров. – Москва: Проспект, 2014. С. 110
9. Василенко В.А., Давид В. Механизм охраны международного правопорядка. Брно, 1986. С. 198
10. Василенко В.А. Ответственность государства за международные правонарушения. Киев, 1976. С. 210
11. Левин Д.Б. Ответственность государств в современном международном праве. М., 1966. С. 214-215
12. Лукашук И.И Право международной ответственности. – М. – Волтерс Клувер, 2004. С. 211
13. Манийчук Ю.В. Последствия международного правонарушения. Киев, 1987. С. 74

ҶУБРОНИ ЗАРАР ДАР ҲУҚУҚИ АЙНАЛМИЛЛАЛӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои асосии ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи байналмиллалӣ - ҷуброни зарар бахшида шудааст. Муайян намудани мафҳум, мазмун ва шаклҳои ҷуброни зарар хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалиро доро мебошад. Дар мақолаи мазкур шаклҳои ҷуброни зарар – реституцсия, компенсатсия, сатисфаксия дида баромадад шуда, хусусиятҳои асосӣ ва намудҳои онҳо муайян карда шудаанд.

Калидвожаҳо: ҷуброни зарар; ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи байналмиллалӣ; зарари моддӣ; зарари маънавӣ; принсипи ҷуброни пурраи зарар; реституцсия; компенсатсия; сатисфаксия.

ВОЗМЕЩЕНИЕ ВРЕДА В МЕЖДУНАРОДНОМ ПРАВЕ

Данная статья посвящена одному из важнейших вопросов международно-правовой ответственности – возмещению вреда. Определение понятия, содержания и форм возмещения вреда имеет как теоретический, так и практический характер. В данной статье изучаются формы возмещения вреда - реституция, компенсация, сатисфакция. Определены основные черты и виды данных форм возмещения вреда.

Ключевые слова: возмещение вреда; международно-правовая ответственность; материальный вред; принцип полного возмещения вреда; моральный вред; реституция; компенсация; сатисфакция.

REPARATION IN INTERNATIONAL LAW

This article is devoted to one of the most important issues of international responsibility - reparation. The definition of the concept, content and forms of reparation has both theoretical and practical character. This article considers the forms of reparation - restitution, compensation, satisfaction. Also the main features and types of these forms are determined.

Магистранти курси 2, шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Буни-Хисорак, e-mail: rustami1997@mail.ru Тел.: 92 756 34 29

Keywords: reparation; international responsibility; pecuniary and non-pecuniary damage; principle of full reparation; restitution; compensation; satisfaction.

Сведения об авторе: ***Рустами Рисолатбону*** - магистрант 2-го курса очного отделения юридического факультета Таджикского национального университета, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Буни-Хисорак, электронная почта: rustami1997@mail.ru Тел.: 927563429

Information about the author: ***Rustami Risolatbonu*** - second-year full-time master of the faculty of law of the Tajik National University, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Buny-Hisorak, E-mail: rustami1997@mail.ru Tel.: 927563429

ТАЪҚИБОТИ ҶИНОЯТӢ ҲАМЧУН ФУНКСИЯИ МУРОФИАВИИ ПРОКУРОР

Рустамов А.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ ба сифати аз функсияҳои муҳими мақомоти прокуратура ба ҳисоб рафта дар қонунгузории аксарияти кишварҳои узви ИДМ он мустаҳкам шудааст.

Таъқиботи ҷиноятӣ – дар маҷмуъ фаъолияти мурофиавии мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, аниқтараш прокурор буда, мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ибтидо мегирад, ки таъиноти иҷтимоии он ба мақсади фош намудани гумонбаршуда ва айбдоршаванда дар содир кардани ҷиноят равона карда шудааст. Танҳо баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва қабули аввалин қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд, ки мафҳуми таъқиботи ҷиноятӣ дар қонунгузорӣ истифода гардад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки асосҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1958 ва Кодексҳои мурофиавии ҷиноятии кишварҳои узви он соли 1961 мафҳуми таъқиботи ҷиноятиро аз байн бурда буданд.

Дар моддаи 6–уми қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мафҳуми таъқиботи ҷиноятиро муқаррар намудааст: «**таъқиби ҷиноятӣ** – фаъолияти мурофиавиест, ки прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо мақсади муайян кардани кирдори бо қонуни ҷиноятӣ манъшуда ва шахсе, ки онро содир кардааст, ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардани ӯ, ҳамчунин барои таъмин намудани татбиқи ҷазо ва ё дигар чораҳои маҷбурӣ нисбат ба чунин шахс анҷом медиҳад».

Мувофиқи моддаи 36 – и КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурор шахси мансабдори давлатие ба ҳисоб меравад, ки дар доираи салоҳияти худ айбдоркуниро аз номи давлат ба амал бароварда, дар ҳамаи давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъқиботи онро таъмин намуда, зимнан чун тарафи манфиатдори муҳокима метавонад нисбати ҳукм ва қарорҳои судӣ, ки аз назари ӯ хилофи қонун мебошанд, эътироз меоварад.

Ҳамзамон дар моддаи 279–и КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки дар мурофиаи судӣ иштироки айбдоркунандаи давлатӣ ҳатмист, ба истиснои парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, ки дар онҳо айбдоркуниро ҷабрдида дастгирӣ мекунад. Прокурор ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ дар суд бо парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии умумӣ ва хусусӣ – умумӣ айбдоркунии давлатиро дастгирӣ мекунад. [1] Бояд қайд намуд, ки дар Қонуни конституцсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Тоҷикистон» ягон муқаррароти меъёри муайян дар хусуси «таъқиботи ҷиноятӣ» дарҷ нагардидааст. Мувофиқ ба муқаррароти меъёри моддаи 5 – уми қонуни мазкур яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура тафтиши ҷиноятҳо номгузорӣ шуда, боби 4 – уми қонуни мазкур бошад, пешбурди тафтиши парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура анҷом дода мешавад. Натиҷаи омӯзиш ва таҳлили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки аз КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад, прокурорро ба сифати шахси мансабдори мақомоте, ки дар ҳама давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъқиботи онро таъмин менамояд, эътироф намудааст. Бояд хотирнишон сохт, ки аввалин маротиба мафҳуми «таъқиботи ҷиноятӣ» дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нимаи дуюми асри XIX дар натиҷаи гузаронидани ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ соли 1864 дар Устави мурофиаи судии ҷиноятии Россияи подшоҳӣ истифода шуда буд. Аз ҳамин лиҳоз, давоми беш аз 150 сол аст, ки аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ, асосҳои назариявии фаъолияти айбдоркунӣ ҷиҳати муайян намудани доктринаҳои илмии таъқиботи ҷиноятӣ ва инкишофи қонунгузорӣ мавриди омӯзишу коркард қарор гирифта шудааст.

Дар замони Шӯравӣ ва пасошӯравӣ масоили марбут ба фаъолияти айбдоркунӣ ва таъқиботи ҷиноятӣ дар асарҳои олимони шинохтаи соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ба мисли Л.Б. Алексеева, В.П. Божьев, А.Д. Бойков, В.П. Верин, С.Е. Вицин, Л.А. Воскобитова, К.Ф. Гуценко, В.Г. Даев, И.Ф. Демидов, З.З. Зинатуллин, Н.П. Кузнецов, Э.Ф. Куцева, А.М. Ларин, П.А. Лупинская, И.Л. Петрухин, В.М. Савицкий, А.Б. Соловьев, М.С. Строгович, А.Я. Сухарев, М.Е. Токарева, А.Г. Халиулин, М.А. Чельцов, А.А. Чувилев, С.А. Шейфер, П.С. Элькинд, Н.А. Якубович ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки аввалин кори илмие, ки дар он масъалаи таъқиботи ҷиноятӣ ҳамчун фаъолияти мурофиавӣ мавриди таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шудааст, ин асари М.С. Строгович бо номи «Таъқиботи ҷиноятӣ дар мурофиаи ҷиноятии советӣ» мебошад, ки соли 1951 нашр шудааст. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар асарҳои илмии замони пасо Шӯравӣ масъалаи нақши прокурор дар ба амал баровардани тақиботи ҷиноятӣ то андозае яктарафа баҳогузорӣ шудаанд. Аз аввалинҳо шуда, асари илмии арзишмандеро А.Г. Халиулин дар ин ҷода соли 1997 нашр намудааст. Бояд қайд намуд, ки дар қонунгузории Федератсияи Россия низ ин падида соли 2001 баъди қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ аз нав ҷорӣ гардид.

Аз нуқтаи назари аксари олимони соҳа таъқиботи ҷиноятӣ ҳамчун функсия ва институти мустақили мурофиаи судии ҷиноятӣ баҳогузорӣ мегардад. Аз суханони олими бузург А.Ф. Кони: «**Таъқиботи ҷиноятӣ** – ин фаъолияти бисёр ҷиддӣ ба ҳисоб рафта, масъулияти баландро тақозо менамояд. Бо назардошти ин ҳолат, хеҷ гуна кушиши сафед кардани айбдоршаванда дар суд, қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ дар давраҳои тосудӣ дар аксарияти маврид наметавонанд зарари моддӣ ва маънавии инсонро, ки дар натиҷаи амалҳои саросемавор ва бармаҳали ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда расидааст, аз байн баранд» .[2;171]

Таҳлилҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки адабиёти илмӣ ва қонунгузории мурофиавӣ дар як маврид се мафҳуми ба якдигар наздикро, аз қабили айбдоркунӣ, айби давлатӣ ва таъқиботи ҷиноятиро муқаррар ва истифода мекунад. Агар таносуби мафҳумҳои айбдоркунӣ ва айби давлатӣ баҳсро ба вуҷуд наоранд, пас муайян намудани таносуби айбдоркунӣ ва таъқиботи ҷиноятӣ кори мураккаб ва басо мушкил ба ҳисоб меравад. Бояд хотирнишон сохт, ки дар маҷмуъ дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи мазкур аз ду нуқтаи назар, аз қабили таъқиботи ҷиноятӣ ҳамрадифи айбдоркунӣ буда, ҳамзамон дар байни онҳо фарқият мушоҳида мегардад, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода мешавад.

Дар адабиётҳои тоинқилобии русӣ оид ба мурофиаи ҷиноятӣ ибораи «таъқиботи ҷиноятӣ» ҳамчун синоними мафҳуми «таъқиботи судӣ», «айбдоркунӣ», «даъвои ҷиноятӣ» истифода шуда мазмуни он ваколатҳои давлатро оид ба тартиби судии оғози парвандаи ҷиноятӣ ва таъини ҷазо дар бар мегирифт. Дар қонунгузории мурофавии судии ҷиноятии он замон мафҳуми «таъқиботи судӣ» истифода карда мешуд. Дар Кодекси аввалини мурофиавии ҷиноятии РСФСР аз соли 1923 мафҳуми «таъқиботи ҷиноятӣ» низ истифода мешуд, ки солҳои 40–ум ва 50–уми асри XX масоили мазкур мавриди тавҷӯҳи илмии олимон қарор гирифт.

Ба андешаи М.С. Строгович худи мафҳуми таъқиботи ҷиноятӣ аллакай хусусияти айбдоркунӣ доштани ин фаъолиятро ошкор менамояд.

Таъқиботи ҷиноятӣ – ин айбдоркунӣ ҳамчун фаъолияти мурофиавӣ, яъне фаъолияти айбдоркунист. [3;194]

Дар ҳамин радиф, Х.С.Таджиев мафҳумҳои «таъқиботи ҷиноятӣ» ва «айбдоркунӣ» - ро ҳамчун синоним баррасӣ намуда, бар он андешааст, ки мафҳумҳои мазкурро бо назардошти ягонагии мавзӯъ ва предмети танзимнамоӣ ҷудо намудан имконнопазир мебошад. [4;27]

Ҳамзамон олимон А.Б.Соловьев ва Н.А. Якубович бар он андешаанд, ки дар байни мафҳумҳои мазкур фарқият вуҷуд дорад. Аз нуқтаи назари онҳо фаъолияти мақомот ва шахсони мансабдоре, ки таъқиботи ҷиноятиро ба амал мебароранд аз доираи айбдоркунӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ берун аст. Аз ҳамин лиҳоз, агар ин мақомотҳо ҳанӯз дар давраи тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ба тарафи айбдоркунӣ табдил ёбанд, амали мазкур ба яктарафӣ ва фаъолияти ғайришаффофи онҳо оварда мерасонад, ки маҷудияти ҳолати

мазкур ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиа зарари манфӣ мерасонад. [5;25]Ба андешаи М.П. Кан дар байни мафҳумҳои мазкур мавҷудияти тафовут ба назар расида, айбдоркунӣ яке аз шаклҳои ифодаёбии таъқиботи ҷиноятист. [6;99]

Мувофиқи нуқтаи назари А.Г. Халиулин таъқиботи ҷиноятӣ функсияи на танҳо мақомоти махсуси давлатист, балки он вазифаи он шаҳрвандоне, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, яъне ҷабрдидагон низ ба ҳисоб меравад. [7;37] Субъектони мурофиаи ҷиноятӣ бо дарназардошти мавқеи мурофиавии худ амалҳои мурофиавиеро анҷом медиҳанд, ки аз руи функсия ва самти фаъолияташон ба ҳам наздикӣ доранд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ фикру ақидаҳои гуногун оиди миқдори функсияҳои мурофиаи ҷиноятӣ вуҷуд доранд. Асосан функсияҳои мурофиаи ҷиноятиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

1. функсияҳои асосӣ – ба монанди тафтиши ҷиноятҳо, айбдоркунӣ, ҳимоя моҳиятан баррасӣ ва ҳал намудани парвандаи ҷиноятӣ.

2. функсияҳои иловагӣ – ба монанди пешгирии ҷиноятҳо, дастгирии даъвои граждани ва ҳифз аз даъвои граждани.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки аз КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад, иҷрои функсияи таъқиботи ҷиноятиро ба зиммаи прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вогузор намудааст.

Мавриди зикр аст, ки ҳангоми ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ бо тартиби муқаррар намудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муфаттишон муаззафанд, ки доираи муайяни амалҳои тафтиширо ба монанди азназаргузаронӣ, дастгиркунӣ, пурсиш, рӯбарӯкунӣ, кофтуков ва ёфта гирифтан, шаҳодаткунонӣ, нишондиҳӣ барои шинохтан, эксперименти (озмоиши) тафтишӣ, гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ, эксгуматсияи ҷасад, таъини экспертиза, гуш ва сабти гуфтугӯ, ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, азназаргузаронӣ ва дарёфт карда гирифтани онҳо, ҳабси молу мулкро гузаронанд. Бояд хотирнишон сохт, ки баъзе аз амалҳои тафтишӣ ба монанди дастгир кардани шахс, кофтуков ва ёфта гирифтан, гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ, шаҳодаткунонӣ, эксгуматсияи ҷасад, гуш кардан ва сабти гуфтугӯ ва ҳабси молу мулк хусусияти маҷбуркунӣ доранд.

Хусусияти маҷбуркунӣ доштани амалҳои тафтишии мазкур дар он зоҳир мегарданд, ки ҳангоми амалӣ намудани онҳо, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ба монанди дахлнопазирии шахсӣ ва дахлнопазирии манзил маҳдуд мегарданд. Аз ҳамин лиҳоз, ба мақсади пурзур намудани кафолати таъмини қонуният ва асоснокии интихоби чораҳои ҳуқуқмаҳдудкунӣ қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ гирифтани ризоияти пешакии прокурор ва минбаъд иҷозати судяро ҳангоми гузаронидани ин амалҳои тафтишӣ пешбинӣ менамояд. Мавриди зикр аст, ки дар маҷмуъ мазмуну моҳияти таъқиботи ҷиноятӣ ба мақсади ба ҷавогарӣ кашидани шахси гунаҳгор барои содир кардани ҷиноят равона гардидааст. Аз нигоҳи аксарияти олимон бояд шахси муайяни содиркунандаи ҷиноят мавриди таъқиб қарор дода шавад, на шахси гумонбар. Шахс метавонад дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ ва беасоси прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда низ таъқиб карда шавад. Дар чунин ҳолат шахс набояд ки таъқиб карда шавад, балки ӯро бояд аз чунин ҳолат ҳимоя кард. [8;51 – 52]

Ин талабот аз доираи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бар меояд, ки он дар Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон мустаҳкам шудааст.

Бо назардошти ҳолатҳои ҷойдошта чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки **таъқиботи ҷиноятӣ** – ин самти фаъолияти мурофиавиест, ки онро тарафи айбдоркунанда бо мақсади ба ҷавогарӣ кашидани шахси гунаҳгор барои содир кардани ҷиноят, амалӣ мекунад. Мавриди зикр аст, ки баъзан айбдоркунӣ ҳамчун қисми таркибии функсияи таъқиби ҷиноятӣ эътироф карда мешавад. Бояд хотирнишон сохт, ки функсияи таъқиби ҷиноятӣ ва айбдоркунӣ аслан аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва прокурор ба амал бароварда мешавад. Лекин қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба ҷабрдида,

айбдоркунандкаи хусусӣ, даъвогари граждани ва намояндагони онҳо низ ҳуқуқи амалӣ намудани функсияи таъқиби ҷиноятиро додааст.

Моҳият ва мазмуни таъқиботи ҷиноятӣ аз оғози парвандаи ҷиноятӣ, таҳқиқу тафтиши пешакии минбаъдаи он ва ҳангоми мавҷуд будани далелҳои кофӣ барои ба баррасии судӣ пешниҳод намудани он иборат мебошад, ки онро дар ягон ҳолат ҷабрдида, даъвогари граждани, айбдоркунандаи хусусӣ ва намояндагони онҳо амалӣ карда наметавонанд. Аз ҳамин лиҳоз дар мурофиаи ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ба сифати шахсоне, ки амали намудани функсияи мазкур ба зиммаи онҳо вогузор гардидааст, баромад мекунанд.

Ҳолати ҳуқуқӣ ва салоҳиятҳои прокурорро дар ин самт Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷмуҳурии Тоҷикистон» танзим менамояд. Ваколатҳои прокурорро дар ҳама давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ, яъне ҳангоми пешбурди тосудӣ ва ё баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ тақсим намудан мумкин аст, ки дар ҳама ҳолат таъиноти иҷтимоии он ба таъмин намудани таъқиботи ҷиноятӣ равона гардидааст. Яъне ҳангоми пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ прокурор назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ амалӣ намуда, дар баррасии судии парванда бошад, прокурор салоҳиятҳои ҳокимияти надорад. Вай дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ иштирок намуда, танҳо айбдоркуниро аз номи давлат дастгирӣ мекунад. Ҳангоми тақвияти айбдоркунии давлатӣ прокурор мавқеи худро оид ба масъалаҳои татбиқи қонуни ҷиноятӣ ва таъин намудани ҷазо нисбат ба судшаванда, тибқи талаботи қонун ва эътимоди ботинии хеш, ки бо натиҷаҳои таҳқиқи ҳамаи ҳолатҳои парванда асоснок шудааст, изҳор намуда, зимнан чун тарафи манфиатдори муҳокима метавонад нисбати ҳукм, ва қарорҳои судӣ, ки аз назари ӯ хилофи қонун мебошанд эътироз оварад. Бо назардошти гуфтаҳои боло чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки фаъолияти прокурор ҷиҳати ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ аз фаъолияти ӯ оид ба амал баровардани назорати прокурорӣ оид ба фаъолияти мурофиавии мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ то он ҳадде ки назорат барои ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ мусоидат менамояд, ҷудонопазир аст. [9;93] Бо вуҷуди ҳолатҳои дар боло дарҷ гардида дар байни ин ду мафҳум фарқият дида мешавад.

Бояд зикр намуд, ки таъқиби ҷиноятӣ ва фаъолияти мурофиавии мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ аз лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ибтидо мегирад. Аммо назорати прокурорӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳанӯз аз лаҳзаи қабули ариза ва иттилоот дар бораи ҷиноят, яъне то лаҳзаи оғози ҷиноятӣ сар мешавад. Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад. Суд барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо шароит муҳайё месозад.

Аз ҳамин лиҳоз, П.А. Лупинская бар он андешааст, ки тамоми фаъолиятро оид ба таъқиботи ҷиноятӣ дар маҷмуъ прокурор роҳбарӣ менамояд, зеро ки маҳз ба зиммаи ӯ ӯҳдадории оғози парвандаи ҷиноятӣ, дар мавридҳои зарурӣ шахсан гузаронидани амалҳои ҷудогонаи тафтишӣ, додани розигӣ оид ба пешниҳоди дархост ба суд дар хусуси интихоб, тағйир ва бекор кардани чораҳои пешгирӣ ё ин ки гузаронидани амалҳои тафтишие, ки бо иҷозати судя сурат мегиранд, вогузор карда шудаанд. Прокурор ба мақомоти таҳқиқ дар бораи анҷом додани амали тафтишӣ супориш медиҳад ва дар бораи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷуӣ дастур медиҳад. [10;92] Бояд хотирнишон сохт, ки дар аксарияти кодексҳои мурофиавии ҷиноятии кишварҳои аъзои ИДМ мафҳуми таъқиботи ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, ки вобаста ба қонунгузории ин кишварҳо дар баробари прокурор ҳамзамон муфаттиш ва таҳқиқбаранда низ ҳуқуқи амали намудани функсияи таъқиботи ҷиноятиро доранд.

Олимони қазоқ бар он андешаанд, ки вожаи «таъқиботи ҷиноятӣ» бояд ба таври васеъ маънидод карда шавад. Яъне ба мазмуни он тамоми шаклу воситаҳои фаъолияти мурофиавии тарафи айбдоркунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ оид ба ҳалли вазифаҳои дар назди онҳо гузошташуда дохил мешавад. [11;12 – 13] Мельников Н.В. бар он андешааст, ки дар баробари назорати прокурорӣ, таъқиботи ҷиноятӣ шакли дигари амалӣ гардонидани

ҳокимияти прокурорӣ ба шумор меравад. Аз нигоҳи ӯ дар маҷмуъ таъқиботи ҷиноятӣ шакли фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба иҷрои вазифаҳои мушаххаси мурофиаи судии ҷиноятӣ нисбати шахсони мушаххас мебошад. [12;181]

Аз нуқтаи назари профессор Искандаров З.Ҳ. таъқиботи ҷиноятӣ ин усул ва воситаи амалишавии функсияи назорати прокурорӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон чунин қайд менамояд, ки нақши ин функсияи назоратӣ дар ҷодаи таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ки баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидааст, беназир мебошад. [13;76 – 85] Бояд хотирнишон сохт, ки баҳри рушди минбаъда ва такмили функсияи таъқиботи ҷиноятии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон баъзе таклифу пешниҳодҳо аз ҷониби кормандони амалӣ низ ба миён гузошта шудаанд. Масалан, ба андешаи Н.В. Буланова дар ҷараёни пешбурди судӣ прокурор баҳри таъмин намудани функсияи мурофиавии мазкур дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ширкат меварзад. [14;167]

Бояд тазаккур дод, ки мақомоти прокуратура функсияи таъқиби ҷиноятиро дар ҳама давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ, яъне дар марҳилаи тосудӣ ва ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд таъмин менамояд. Ҳолати ҳуқуқӣ ва салоҳиятҳои прокурорро дар ин самт Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷмуҳурии Тоҷикистон» танзим менамояд. Яъне, ҳангоми пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ прокурор назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ амалӣ намуда, дар баррасии судии парванда бошад, прокурор салоҳиятҳои ҳокимияти надорад. Вай дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ иштирок намуда, танҳо айбдоркуниро аз номи давлат дастгирӣ мекунад. Ҳангоми таҳвияти айбдоркунии давлатӣ прокурор мавқеи худро оид ба масъалаҳои татбиқи қонуни ҷиноятӣ ва таъин намудани ҷазо нисбат ба судшаванда, тибқи талаботи қонун ва эътимоди ботинии хеш, ки бо натиҷаҳои таҳқиқи ҳамаи ҳолатҳои парванда асоснок шудааст, изҳор намуда, зимнан чун тарафи манфиатдори муҳокима метавонад нисбати ҳукм, ва қарорҳои судӣ, ки аз назари ӯ хилофи қонун мебошанд, эътироз оварад.

Ваколатҳои прокурорро дар ҳама давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ, яъне ҳангоми пешбурди тосудӣ ва ё баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ тақсим намудан мумкин аст, ки дар ҳама ҳолат таъиноти иҷтимоии он ба таъмин намудани таъқиботи ҷиноятӣ равона гардидааст.Аз ҷумла, прокурор ҳангоми ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ ба мақсади тафтиши ҳаматарафа, пурра ва фаврии паврандаи ҷиноятӣ як қатор амалҳои ташкилию амрдиҳиро ба монанди супоридани парванда аз як муфаттиш ба муфаттиши дигар, талаб карда гирфтани правандаро бо мақсади аз як мақомоти тафтишотӣ ба мақомоти дигар, ҳамзамон созмон додани гурӯҳи тафтишотӣ бо мақсади тафтиши ҷиноятҳои мураккабро анҷом медиҳад.

Функсияи таъқиби ҷиноятӣ ва айбдоркунӣ аслан аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва прокурор ба амал бароварда мешавад. Лекин қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар баробари прокурор ҳамчунин ба ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари граждани ва намояндагони онҳо низ ҳуқуқ ба амали намудани функсияи таъқиби ҷиноятиро додааст, ки баъзан аз элементҳои таъқиботи ҷиноятӣ барои дигар субъектони мурофиаи ҷиноятӣ низ хос аст. Зикр намудан ба маврид аст, ки моҳият ва мазмуни таъқиботи ҷиноятӣ аз оғози парвандаи ҷиноятӣ, таҳқиқу тафтиши пешакии минбаъдаи он ва ҳангоми мавҷуд будани далелҳои кофӣ барои ба баррасии судӣ пешниҳод намудани он иборат мебошад, ки онро дар ягон ҳолат ҷабрдида, даъвогари граждани, айбдоркунандаи хусусӣ ва намояндагони онҳо амалӣ карда наметавонанд. Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар менамояд, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд, дар ҳолати аз айбдоркунӣ даст кашидани айбдоркунандаи давлатӣ бо роҳи додани ариза айбдоркуниро дастгирӣ менамоянду халос. Аз ҳамин лиҳоз дар мурофиаи ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ба сифати шахсоне, ки амалӣ намудани функсияи мазкур ба зиммаи онҳо вогузор гардидааст, баромад мекунанд, ки дар аксарияти маврид маҳз ташаббусгари ин функсия прокурор мебошад. Бояд хотирнишон сохт, ки ягон муқаррароти меъёрии Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

мақомоти прокуратураи Тоҷикистон» мазмуну моҳият ва таъиноти таъқиботи ҷиноятиро шарҳ надодааст.

Аз ҳамин лиҳоз ба мақсад мувофиқ аст, ки ба мисли қонунгузории дигар кишварҳои узви ИДМ дар Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Тоҷикистон» яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура ба таъқиботи ҷиноятӣ бахшида шуда, дар он мазмуну моҳият ва таъиноти таъқиботи ҷиноятӣ шарҳ дода шавад.

АДАБИЁТ

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. – 2010.
2. Кони А.Ф. Приемы и задачи прокуратуры // Собр. Соч.: в 8 т. М., 1967. Т.4.С.171.
3. Строгович М.С. Курс советского уголовного процесса. М., 1968. Т.1.С.194.
4. Таджиев Х.С. Прокурорский надзор и ведомственный контроль за расследованием преступлений. Ташкент, 1985, С.27.
5. Соловьев А.Б., Якубович Н.А. К вопросу о концепции правового обеспечения функции уголовного преследования // Современные проблемы уголовного права, процесса и криминалистики. М.: Кемерово, 1996. С.80. См. также: Якубович Н.А. Процессуальные функции следователя // Проблемы предварительного следствия в уголовном судопроизводстве. М., 1980. С.25.
6. Кан М.П. Процессуальные функции прокурора в досудебных стадиях уголовного судопоизводства: дис. … канд.юрид.наук. Ташкент, 1988. С.99.
7. Халиулин А.Г. Уголовное преследование как функция прокуратуры Российской Федерации (проблемы осуществления правовой реформы): дис. … д – раюрид. наук. М. 1997. С. 37.
8. Комментарий к Уголовно – процессуальному кодексу Российской Федерации / Под. общ. ред. В.П. Верина, В.В. Мозякова. М.: Экзамен, 2004. С.51 – 52.
9. Уголовно – процессуальное право Российской Федерации: Учебник / Отв. ред. П.А. Лупинская. М., 2003. С.93.
10. Уголовно – процессуальное право Российской Федерации: Учебник / Отв. Ред. П.А. Лупинская. М., 2003. С.92.
11. Ахпанов А.Н., Кусаинов Ш.К. Привлечение в качестве обвиняемого в уголовном судопроизводстве Республики Казахстан: Монография. Караганда, 2005. С.12 – 13.
12. Мельников Н.В. Прокурорская личность и власть: Правовые средства обеспечения конституционных прав и свобод граждан России. – М.: Изд – во «Юристъ», 2003. С.181.
13. Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении защиты прав и свобод человека и гражданина в уголовном процессе: теоритическо – правовые проблемы // Законность (теоретический и научно – практический журнал Гереальной прокуратуры Республики Таджикистан). Душанбе, 2005. № 2. С. 76 – 85.
14. Буланова Н.В. Участие прокурора в рассмотрение уголовных дел судами: монография / Н.В.Буланова; Академия Генеральной прокуратуры Российской Федерации. – Москва: Проспект – 2016, С.167.

ТАЪҚИБОТИ ҶИНОЯТӢ ҲАМЧУН ФУНКСИЯИ МУРОФИАВИИ ПРОКУРОР

Бо дарназардошти муҳимияти мавзуъ муаллиф кӯшишдааст, ки дар мақолаи мазкур моҳияти баҳсҳои мавҷударо ҳангоми ба амал баровардани функсияи таъқиботи ҷиноятӣ дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи прокуратура, истифодаи адабиёти ҳуқуқӣ ва нуқтаи назари олимони соҳаи ҳуқуқ, сиёсатшиносон ва коршиносони ватанию хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода, мавқеи мурофиавии прокурорро дар ҳама давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ муайян намояд.

Калидвожаҳо: функсия; кодекси мурофиавии ҷиноятӣ; таъқиботи ҷиноятӣ; айбдоркунӣ; парвандаи ҷиноятӣ; тафтишоти пешакӣ; айбдоршаванда; прокурор; назорати прокурорӣ.

УГОЛОВНОЕ ПРЕСЛЕДОВАНИЕ КАК ПРОЦЕССУАЛЬНАЯ ФУНКЦИЯ ПРОКУРОРА

Учитывая важность темы, автор стремится разобраться по существу противоречия в реализации функции уголовного преследования на основе анализа действующего законодательства Республики Таджикистан о прокуратуре, использования юридической литературы и мнения ученых – правоведов, политологов, отечественных и зарубежных экспертов для определения процессуальной позиции прокурора на всех стадиях уголовного судопроизводства.

Ключевые слова: функция; уголовно – процессуальный кодекс; уголовное преследование; обвинение; уголовное дело; предварительное расследование; обвиняемый; прокурор; прокурорский надзор.

CRIMINAL PROSECUTION AS A PROCEDURAL FUNCTION OF THE PROSECUTOR

Given the importance of the topic, the author seeks to understand the essence of the contradiction in the implementation of the function of criminal prosecution based on an analysis of the current legislation of the Republic of Tajikistan on the prosecutor's office, the use of legal literature and the opinion of legal scholars, political scientists, domestic and foreign experts to determine the procedural position of the prosecutor at all stages of criminal proceedings .

Keywords: function; authority; criminal procedure code; criminal prosecution; accusation; criminal case; preliminary investigation; prosecutor; prosecutorial supervision.

Сведения об авторе: ***Рустамов Абдулло Хайруллоевич*** – Таджикский национальный Университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе. **Тел:** 907 30 72 72.

Information about the author: ***Rustamov Abdullo*** – Tajik national University, graduate student of Law Faculty. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city. **Phone:** 907 30 72 72.

ДАР БОРАИ ТАРТИБИ ТАЪМИНИ ДАЪВО ДАР МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ

Саидов Ҳ.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таъмини даъво фаъолияти суд бо ширкати шахсони иштирокчии парвандаи граждани оид ба андешидани чораҳо ҷиҳати пешгирӣ намудани ғайриимкон ё мушкил гардидани иҷрои ҳалноми ояндаи судӣ маҳсуб меёбад [1, с. 83]. Боби 13 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] падидаи таъмини даъворо дар мурофиаи граждани танзим намудааст. Танзими падидаи мазкур дар КМГ ҶТ нав нест, вале дар қонунгузории амалкунанда баъзе тағйироти ҷиддиро дар он ворид сохтааст.

Мувофиқи моддаи 142 КМГ ҶТ судя ҳуқуқ дорад тибқи аризаи шахсони иштирокчии парванда барои таъмини даъво тадбирҳо андешад. Яъне, андешида шудани чораҳои таъмини даъво бо ташаббуси дилхоҳ шахси иштирокии парванда сурат мегирад, на бо ташаббуси суд. Дар қисми 1 моддаи 143 КМГ ҶТ панҷ тадбири мушаххаси таъмини даъво пешбинӣ шудааст, вале номгӯйи онҳо бо ҳамин ҷамъбаст намегардад. Тадбирҳо оид ба таъмини даъво инҳо мебошанд:

- ҳабси молу мулке, ки ба ҷавобгар мансуб аст. Тартиби ба ҳабс гузоштанро Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» [3] муайян мекунад;
- манъ намудани анҷом додани амалҳои муайяни ҷавобгар. Дар таъинот анҷом додани ин ё он амали мушаххас манъ карда мешавад (манъи сохтмон, фурӯш, намоиш ва ғайра);
- манъ намудани анҷом додани амали муайяни дигар шахсон вобаста ба мавзӯи баҳс, аз ҷумла ба ҷавобгар додани молу мулк ё нисбат ба ӯ анҷом додани дигар ӯҳдадориҳо;
- боздоштани фурӯши молу мулк ҳангоми пешниҳоди даъво барои аз ҳабс озод кардани молу мулк (хориҷ намудан аз рӯйхат).

Мувофиқи қисми 2 моддаи 143 КМГ ҶТ судя ҳангоми зарурат метавонад оид ба таъмини даъво тадбирҳои дигарро андешад. Тадбирҳои дигар дар сурате ҷоиз дониста мешаванд, ки ҷавобгӯйи талаботи моддаи 142 КМГ ҶТ бошад. Судя метавонад якчанд навъи таъмини даъворо иҷозат диҳад.

Қисми 3 моддаи 143 КМГ ҶТ тартиби таъмини даъвро дар шакли ҳабси молу мулк пешбинӣ намудааст. Қоидаи мазкур нисбат ба ташкилот ва соҳибкори инфиродӣ дахл дорад. Дар он чор навбат пешбинӣ шудааст. Навбатҳо тарзе муайян шудаанд, ки ба фаъолияти муътадили истеҳсолот ва манфиатҳои дигар шахсон ҳадди камтар таъсир расонад. Аз ин рӯ, дар навбати якуму дуюм он молу мулке ба ҳабс гирифта мешаванд, ки бевосита дар истеҳсолот истифода намешаванд. Агар молу мулк ба дигар шахсон дода шуда бошад, (ба иҷора, гарав ва ғайра) танҳо дар навбати чорум ба он ҳабс гузошта мешавад.

Мувофиқи қисми 4 моддаи 143 КМГ ҶТ ҳангоми вайрон кардани қоидаҳои манъ намудани анҷом додани амалҳои муайяни ҷавобгар ва манъ намудани анҷом додани амали муайяни дигар шахсон вобаста ба мавзӯи баҳс, аз ҷумла ба ҷавобгар додани молу мулк ё нисбат ба ӯ анҷом додани дигар ӯҳдадориҳо шахси гунаҳгор ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Дар ин маврид ҷавобгарӣ дар шакли ҷарима ва ба андозаи то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо сурат мегирад. Бо дарназардошти ҳолатҳои кор андозаи мазкурро кам кардан мумкин аст, вале зиёд намудани он мумкин нест. Ҷарима дар асоси таъинот баста мешавад. Гузашта аз ин, даъвогар ҳуқуқ дорад тибқи тартиби судӣ аз ин шахсон товони зиёнеро, ки вобаста ба иҷро накардани таъинот ҷиҳати таъмини даъво расонида шудааст, талаб намояд. Барои рӯёнидани товони зиён бо аризаи даъвогӣ муроҷиат кардан лозим аст.

Қисми 5 моддаи 143 КМГ ҶТ қоидаеро пешбинӣ мекунад, ки мувофиқи он таносуб бояд байни манфиатҳо риоя гардад. Ин қоида аз принсипи умумии адолат бармеояд. Аз ин рӯ, тадбирҳо оид ба таъмини даъво бояд ба талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар мутаносиб бошанд. Ҳангоми номутаносибӣ судя чунин тадбирро набояд андешад [4, с. 432].

Дар сурати андешида шудани тадбири таъмини даъво ҷиҳати таъмини иҷрои дахлдори он судя ё суд мақоми дахлдори давлатиро, ки молу мулк ё ҳуқуқ ба онро ба қайд мегиранд, огоҳ месозад. Бақайдгирӣ, асосан, нисбат ба молу мулки ғайриманқул пешбинӣ шудааст, вале қонунгузорӣ метавонад бақайдгирии молу мулки манқулро низ пешбинӣ намояд.

Баррасии ариза оид ба таъмини даъво. Моддаи 144 КМГ ҶТ қоидаеро пешбинӣ кардааст, ки баррасии ариза оид ба таъмини даъво бе огоҳ намудани ҷавобгар ва дигар шахсони иштирокчии парванда сурат мегирад, яъне бе гузаронидани маҷлиси судӣ. Зимнан, ариза бояд дар рӯзи ворид шудани он баррасӣ гардад, ин аз табияти худи падидаи таъмини даъво, ки фавриятро талаб мекунад, бармеояд. Хислати мазкур иҷрои фаврии тадбири андешидашударо низ талаб менамояд (моддаи 145 КМГ ҶТ).

Муқаррарот оид ба баррасии ариза оид ба таъмини даъво дар рӯзи воридшавиаш дар амал мушкилот ба вуҷуд оварда метавонад. Масалан, вақте ариза оид ба таъмини даъво ҳамзамон бо аризаи даъвогӣ (ва ё дар худи аризаи даъвогӣ) пешниҳод карда мешавад. Вобаста ба ин дар сарчашмаҳо ақидаи гуногун ҷой дорад. Гурӯҳи мутахассисон бар он ақидаанд, ки дар чунин ҳолат ариза оид ба таъмини даъво дар рӯзи воридшавӣ, вале аризаи даъвогӣ алоҳида дар муҳлати серӯзаи муқарраркардаи қонун (нигаред ба моддаи 136 КМГ ҶТ) баррасӣ карда мешавад (агар талаби таъмини даъво дар худи аризаи даъвогӣ бошад, пас ин қисми аризаи даъвогӣ алоҳида баррасӣ мегардад) [5, с. 318-319].

Гурӯҳи дигар ба ин ақида созгор набуда, чунин мешуморанд, ки азбаски қонунгузор баррасии ариза оид ба таъмини даъворо дар иртибот бо парвандаи граждании мавҷуда пешбинӣ кардааст, дар чунин ҳолат бояд ҳам аризаи мазкур баррасӣ шавад ва ҳам масъалаи қабули аризаи даъвогӣ ҳал гардад [6, с. 222].

Ба андешаи мо ҳар ду ақида низ роҳи ҳалли масъала нест. Камбудии ақидаи якум дар он аст, ки байни таъминоти даъво ва таъминоти пешакии даъво тафовут намегузорад. Таъминоти даъво танҳо дар сурати ҷой доштани парвандаи граждани имконпазир аст.

Аз ин рӯ, ақидаи дуюм дурусттар аст. Вале камбудии ақидаи дуюм дар он аст, ки масъалаи қабули аризаи даъвогиро (моддаи 136 КМГ ҶТ) бо таъмини даъво алоқаманд месозад. Фаврияти андешидани чораи таъмини даъво ҳаргиз маънои фавран қабул намудани аризаи даъвогиро надорад.

Бинобар ин, чунин шарҳ низ ба мазмуни қонунгузории амалкунанда мувофиқ нест. Ба андешаи мо дар чунин ҳолат ягона роҳи ҳалли масъала ин ба моддаи 143 КМГ ҶТ ворид намудани тағйироти дахлдор мебошад. Агар мазмуни ақидаи якум дар он ҷойгир карда шавад, беҳтар менамояд, яъне иловаи ҷумлаи зерин ба моддаи 144 КМГ ҶТ қобили қабул аст: «Дар сурати пешниҳод гардидани ариза оид ба таъмини даъво ҳамзамон бо аризаи даъвогӣ ё дар худи матни аризаи даъвогӣ масъалаи таъмини даъво дар алоҳидагӣ баррасӣ шуда, нисбат ба он қоидаҳои дахлдори таъмини пешакии даъво (моддаи 149 Кодекси мазкур) татбиқ карда мешавад».

Агар ариза оид ба таъмини даъво дар рафти маҷлиси судӣ пешниҳод карда шавад, суд масъалаи мазкурро метавонад бо иштирокчиёни парванда муҳокима намуда, дар асосҳои умумӣ дар рафти маҷлиси судӣ баррасӣ намояд. Шунидани фикри иштирокчиёни мурофиа дар чунин ҳолат ҳатмӣ нест, ҳарчанд ақидаи дигар дар ин масъала ҷой дорад [5, с. 319].

Шакли мурофиавии барасмиятдарории тадбирҳои андешидашудаи таъмини даъво таъиноти судӣ мебошад.

Иҷрои таъиноти судӣ дар бораи таъмини даъво. Қисми 1 моддаи 145 КМГ ҶТ иҷрои фаврии таъинот дар бораи таъмини даъворо пешбинӣ кардааст. Фаврияти иҷрои онро табиати худи падидаи таъмини даъво тақозо менамояд.

Аз рӯйи қоидаи умумӣ, мувофиқи моддаи 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» амалҳои иҷро ва талаботе, ки дар ҳуҷҷати иҷро дарҷ шудаанд, бояд аз тарафи иҷрочии суд дар муддати ду моҳ баъд аз ворид шудани ҳуҷҷати иҷро бо тартиби навбатии воридшавии онҳо мавриди иҷро қарор дода шаванд. Вале номгӯйи талаботе аз рӯйи ҳуҷҷатҳои иҷро пешбинӣ шудааст, ки бояд фавран иҷро карда шаванд. Яке аз чунин ҳолатҳо иҷрои фаврии таъинот дар бораи таъмини даъво мебошад, ки онро қонун пешбинӣ кардааст.

Тибқи қоидаи умумӣ мувофиқи моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ҳуҷҷати иҷро аз ҷониби суд ситонанда баъд аз эътибори қонунӣ пайдо намудани санади судӣ супорида мешавад, ба истисноии мавридҳое, ки ҳуҷҷати иҷро фавран баъд аз қабули

санади судӣ дода мешавад. Ба сифати чунин истисно қисми 2 моддаи 145 КМГ ҶТ номбар кардан мумкин аст. Мувофиқи қисми 2 моддаи 145 КМГ ҶТ суд дар асоси таъиноти судӣ оид ба таъмини даъво варақаи иҷро медиҳад. Азбаски таъинот бояд фавран иҷро карда шавад, тадбири дар он пешбинишуда оид ба таъмини даъво то ба эътибор даромадани он низ (моддаи 361 КМГ ҶТ) иҷро карда мешавад.

КМГ ҶТ ирсол намудани таъиноти судии мазкурро ба шахсони иштирокчи парванда пешбинӣ накардааст. Аз ин рӯ, агар таъиноти судӣ оид ба таъмини даъво бе огоҳонии шахси шикоятнамуда қабул карда шуда бошад, муҳлат барои пешниҳоди ариза аз рӯзе ба ҳисоб гирифта мешавад, ки ӯ дар хусуси ин таъиноти судӣ огоҳ гардидааст.

Пешниҳоди шикояти хусусӣ нисбат ба таъиноти судӣ ҷиҳати таъмини даъво иҷрои ин таъинотро боз намедорад (нигаред ба моддаи 148 КМГ ҶТ).

Иваз кардани як навъи таъмини даъво ба навъи дигар. Дар рафти баррасии парванда мумкин аст зарурат ба иваз намудани тадбири таъмини даъво ба вуҷуд ояд. Масалан, агар даъвогар талаби даъвоии худро зиёд намояд, мувофиқан метавонад доираи молу мулкеро, ки бояд ба ҳисоб гирифта шавад, васеъ намояд. Барои ин ӯ бояд бо дархост оид ба иваз намудани як навъи таъмини даъво ба навъи дигар муроҷиат намояд. Бо дархости мазкур шахси иштирокчии парванда ҳуқуқи муроҷиат кардан дорад.

Судя масъалаи иваз кардани як навъи таъмини даъво ба навъи дигарро тибқи талаботи моддаи 144 КМГ ҶТ ҳал менамояд. Яъне, дархост бояд дар худи ҳамон рӯзи воридшавӣ ба суд баррасӣ гардида, оид ба натиҷаи он таъиноти дахлдор қабул карда шавад [7, с. 131].

Қисми 3 моддаи 146 КМГ ҶТ ҳолати алоҳидаи (ҷузъии) иваз намудани як навъи таъмини даъво ба дигар навъро пешбинӣ кардааст. Мувофиқи он ҳангоми таъмини даъво оид ба ситонидани маблағҳои пулӣ ҷавобгар ҳақ дорад бар ивази тадбирҳои андешидаи судя барои таъмини даъво ба депозити суд маблаги талабнамудаи даъвогарро гузаронад. Масалан, бо аризаи даъвогар ба молу мулки ҷавобгар аз рӯйиуҳдадории қарзӣ ҳабс гузошта шудааст. То ҳал шудани масъала ба ҷавобгар зарурат пеш меояд, ки молу мулкро истифода намояд. Ӯ ба суд барои иваз намудани навъи таъмини даъво бо дархост муроҷиат менамояд. Барои ин бояд ба депозити суд маблаги дахлдори талабнамудаи даъвогарро гузаронад.

Агар мавзӯи даъво ситонидани маблағҳои пулӣ набошад, чунин ба намуди ивазнамоӣ роҳ дода намешавад. Масалан, агар дар мисоли болоӣ мавзӯи талаботи даъвоӣ талаб карда гирифтани молу мулки ба ҳабс гузошташуда бошад, ба иваз намудани ин тадбир роҳ дода намешавад.

АДАБИЁТ

1) 1)Авзалов А.Х., Мирзоев С.Б., Фозилов Н.Н. Ҳуқуқи мурофиавии граждани. Душанбе, 2016.
2) Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008, № 1, қ.1, м.6, м.7; 2010, № 1, м.6; 2012.
3) 3)Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008, № 3, мод.192; 2010, №7, мод. 543; 2012, № 867.
4) Гражданский процесс / Под ред. д. ю. н., профессора В.В. Яркова. М.: Юристъ, 2014.
5) 5)Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу Российской Федерации (постатейный) / Под ред. д. ю. н., профессора Г.А.Жилина. М.: Городец, 2011.
6) 6)Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу Республики Таджикистан / Под ред. д. ю. н. профессора М.З. Рахимова. Душанбе. Эр-граф, 2012.
7) Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Эр-граф, 2013.

ДАР БОРАИ ТАРТИБИ ТАЪМИНИ ДАЪВО ДАР МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ

Дар ин мақола тартиби таъмини даъво дар мурофиаи граждани мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Мавзӯи тартиби таъмини даъво дар мурофиаи граждани аз ҷониби муаллиф дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи мурофиавии граждани, адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзӯи зикршуда, баррасӣ шудааст. Таҳлили анҷомдодашуда ба муаллиф имконият додааст, ба хулоса ояд, ки агар ариза оид ба таъмини даъво дар рафти маҷлиси судӣ пешниҳод карда шавад, суд масъалаи мазкурро метавонад бо шахсони иштирокчии парванда муҳокима намуда, дар асосҳои умумӣ дар рафти маҷлиси судӣ баррасӣ намояд.

Калидвожаҳо: ҳуқуқи мурофиавии граждани, таъмини даъво дар мурофиаи граждани, чораҳои таъмини даъво дар мурофиаи граждани, шахсони иштирокчии парвандаи граждани, иҷрои таъиноти судӣ дар бораи таъмини даъво, иваз кардани як навъи таъмини даъво ба навъи дигар.

К ВОПРОСУ О ПОРЯДКЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИСКА В ГРАЖДАНСКОМ ПРОЦЕССЕ

В данной статье анализируется порядок обеспечения иска в гражданском процессе. Вопрос о порядке обеспечения иска в гражданском процессе автором рассмотрен на базе нормативных правовых актов в сфере

гражданского процессуального права, отечественной и зарубежной литературе относительно данной темы. Проведенный анализ дал возможность автору сделать вывод о том, что в случаях когда заявление об обеспечении иска подается в ходе судебного заседания, то суд может рассмотреть этот вопрос с участием лиц, участвующих в деле и разрешить его на общих основаниях в ходе судебного заседания.

Ключевые слова: гражданское процессуальное право, обепечение иска в гражданском процессе, меры обепечения иска в гражданском процессе, лица, участвующие в деле, исполнение судебного определения об обеспечении иска, замена одной меры обеспечения иска на другую

ON THE ISSUE OF THE PROCEDURE FOR SECURING A CLAIM IN CIVIL PROCEEDINGS

This article analyzes the procedure for securing a claim in civil proceedings. The question of the procedure for securing a claim in civil proceedings is considered by the author on the basis of normative legal acts in the field of civil procedure law, domestic and foreign literature on this topic. The analysis made it possible for the author to conclude that in cases where an application for securing a claim is filed during a court session, the court can consider this issue with the participation of persons participating in the case and resolve it during the court session on general grounds.

Keywords: civil procedure law, enforcement of a claim in a civil proceeding, measures of enforcement of a claim in a civil proceeding, persons participating in the case, execution of a court ruling on securing a claim, replacement of one measure of securing a claim with another.

Сведения об авторе: ***Саидов Хайдар Шамсуллоевич*** – магистр юридического факультета Таджкиского национального университета.

Information about the author: ***Saidov Haydar Shamsulloevich*** – Tajik national University, graduate student of Law Faculty. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city. Phone: 917777761.

ГЕНОТСИД ЧУН ҶИНОЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Сайдалиев О. И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикикстон

Аслан генотсид яке аз намудҳои қадимии ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад. Таърихи он аз замонҳои ибтидоӣ сарчашма мегирад, вақте ки аз ҷониби гурӯҳи дигар ба таври оммавӣ ба ҳалокат расидани як гурӯҳи одамон на танҳо як ҳодисаи маъмулӣ, балки роҳи наҷот буд.

Аммо, таърихи башар миқдори зиёди амалҳоеро медонад, ки нишонаҳои наслкушӣ доранд. Чунин чизҳо аллакай дар ҷаҳони қадим ба вуқӯъ пайвастаанд. Нест кардани гурӯҳи этникӣ, ки қаламрави муайянро ишғол кардаанд, дар мисоли Бобилиён ва Ашшуриён амалӣ мешавад. Ин амалҳо, чун қоида, бо ҳадафи азхуд кардани заминҳои ҳосилхез аз намояндагони гурӯҳҳои бегона анҷом дода мешуданд. [2;5] Мисоли дигар аз ҷониби Рими Қадим хароб шудани Финикияҳо-Карфагиниён дар натиҷаи Ҷанги сеюми Пуник мебошад. Барои абадӣ пароканда кардани аҳолии душман тақрибан сеяки сокинони Карфагенро ғулом карда, ба Рим бурданд ва худи шаҳр хароб шуд ва замине, ки дар он зиндагӣ мекарданд, намак пошида шуд. [5;85] Аломатҳои маъмултарини наслкушӣ дар давраи ислоҳот дар асри 16 - ибтидои асри 17 ба назар мерасанд. Дар ҷараёни ин чорабиниҳо, аз рӯи бадбинии динӣ, кӯшиши нест кардани гурӯҳҳои динӣ карда шуд. Ҷангҳои динӣ дар Фаронса байни католикҳо ва протестантҳо мисоли равшани ин рӯйдодҳо мебошанд. Машҳуртарин эпизоди ин муноқиша Шаби Сент-Бартоломей мебошад, ки шаби 24 августи соли 1572 дар Фаронса тақрибан 30 ҳазор гугенотҳо нест карда шуданд. Несту нобуд кардани гурӯҳҳои этно-динӣ аз ҷониби аврупоиҳо берун аз давлатҳои худ, дар ҷараёни кашф ва азхудкунии қаламравҳои нав ба амал оварда шудааст. Теъдоди қурбониёни сиёсати мустамликавӣ дар Амрикоро олимон гуногун шарҳ медиҳанд. Аммо баъзе муҳаққиқон онро то 15 миллион мурда дар охири асри XV то соли 1910 мисол меоранд. [4;46]

Ҳамин гуна сарнавишт ба аборигенҳои австралиягӣ бо ҳиндуҳои амрикоӣ низ дучор омад. Бояд қайд кард, ки дар таърихи Амрико ва Австралия усулҳои тақрибан якхелаи нест кардани аҳолии маҳаллӣ хосанд. Шумораи қурбониёни мустамликаи Австралия дар байни сокинони таҳҷоӣ аз соли 1788 то 1911 аз ҷониби муҳаққиқон 700 ҳазор нафар тахмин зада мешавад. [3] То аввали асри XX қариб ҳамаи қаламравҳои қаблан номаълуми сайёра кашф карда шуда буданд. Аммо, амалияи гузаронидани амалҳои дорои нишонаҳои генотсид боқӣ монд, гарчанде ки он акнун бо равандҳои мустамлика алоқаманд набуд. Бо мақсади пурра

аз байн бурдани мардуми яҳудӣ, дар давраи аз соли 1933 то 1945 тақрибан 6 миллион яҳудиён дар саросари Аврупо аз ҷониби фашистон нест карда шуданд. [1;20] Ё ин ки дар ҷараёни Ҷанги дуюми Ҷаҳонӣ тақрибан 3 миллион нафар асирони ҳарбии шӯравӣ кушта шуданд. Аҳолии мулкӣ низ нобуд карда шуда, ба кори маҷбурӣ фиристода шуд.

Бояд қайд кард, ки нобуд кардани халқҳои Аврупои Шарқӣ аз ҷониби роҳбарияти Германияи Сотсиалистии на танҳо дар бартарафсозии ҷисмонии онҳо дида мешуд, инчунин дар хароб кардани ёдгориҳои фарҳанги моддӣ, ки дар нақшаҳо ва амалҳои харобкорона ва ғоратгаронаи намояндагони ин режим нисбат ба моликияти халқҳои истилошуда инъикос ёфтаанд. [10;28-34]

Аммо баъзе олимон мафҳуми "наслкушӣ", ки амалҳоеро, ки ба нобуд кардани гурӯҳҳои миллӣ, этникӣ, нажодӣ ва динӣ равона шудааанд, ифода мекунанд, бори аввали соли 1933 нисбат медиҳанд. Дар он замон бисёр кишварҳои Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дучори бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ шуданд, ки ба тавлид ва рушди назарияҳо, ғояҳо ва ҳаракатҳои сиёсии ғайриинсонӣ ва мисантропӣ мусоидат карданд. Бояд қайд кард, ки дар натиҷаи Ҷанги Дуюми Ҷаҳон падидаи “натсизм” боиси ба шикасти шадид дучор омадан ва амалан аз саҳнаи расмии сиёсӣ нопадид шудани як давлат гардид. Новобаста аз ин баръакс наслкушӣ хусусияти оммавӣ гирифта, алалхусус дар кишварҳои рӯ ба тараққии Осиё, Африка ва Амрикои Лотинӣ .

Инро ҳисоботи солонаи Шӯрои Амнияти СММ дар бораи натиҷаҳои таъқиби шахсони масъули геносид ва дигар вайронкориҳои ҷиддии ҳуқуқи байналмилалӣ тасдиқ мекунад. Инак, имрӯз мурофиаи додгоҳии ҷиноятторони ҳаводиси хунин, ки солҳои 90-уми асри гузашта дар қаламравҳои Югославияи собиқ ва Руанда ба вуқӯъ омада буданд, ҳанӯз ба итмом нарасидааст. Ғайр аз он, прокурори Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ дар Дарфур (Судан), Уганда, Ҷумҳурии Демократии Конго, Ҷумҳурии Африқои Марказӣ тафтишоти ҷиноятҳои байналмилалиро, ки қисми зиёди онҳо ба наслкушӣ марбут аст, анҷом медиҳад. Ҳамин тариқ, имрӯз наслкушӣ ба сулҳу амнияти ва некӯаҳволии ҷаҳон таҳдиди ҷиддӣ мекунад.

Лекин фикри дигар ҳам аст, ки истилоҳи наслкуширо бори нахуст соли 1944 ҳуқуқшиноси яҳудитабори лаҳистонӣ Рафаэл Лемкин (1900–59) барои ифодаи сиёсати нобудсозии яҳудиёни аврупоӣ пешниҳод намуд. Соли 1945 Трибунали ҳарбии байналмилалӣ дар шаҳри Нюрнберг (Олмон) сарварони олмони натсистиро дар «ҷиноятҳо алайҳи инсоният» айбдор намуд. Бо ибтикор ва кӯшишҳои пайвастаи Р. Лемкин 9 декабри 1948 СММ «Конвенсия дар бораи пешгирии ҷинояти генотсид ва ҷазо барои он»-ро ба тасвиб расонд, ки дар он наслкушӣ ҷинояти вазнин ва халалдоркунандаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ арзёбӣ гардид. Давлатҳои муоҳидаи мазкурро баимзорасонида уҳдадор шуданд, ки ҷиҳати пешгирии наслкушӣ ва ҷазодиҳӣ барои содир кардани он тадбирҳо андешанд.

Бар хилофи ҷанг, ки дар он сарбозони мусаллаҳи муташаккил бо ҳамдигар меҷанганд, маҳви нажод куштори якҷонибае мебошад, ки дар он давлат ё неруҳои дигар ба мақсади муайян қисми зиёди ҷамъият ё гурӯҳҳои миллӣ, халқият ё мазҳаберо нобуд месозад. Мафҳуми наслкушӣ қатли омми одамонро бар асари бомбаборонкунии аҳолии мулкӣ аз тарафи душман фаро намегирад. Наслкушӣ ҳамчунин баъзан дар мавридҳое истифода мешавад, ки шомили унсурҳои қатли ом ё қавмкушӣ (этносит) мебошанд, яъне ҳарчанд мақсад нобудсозии як гурӯҳ нест, вале аз байн рафтани ин гурӯҳ ҳамчун умумияти дорои вижагиҳои фарҳангӣ барои истилогар матлуб аст. Дар ин мавридҳо як қисми гурӯҳ маҳв карда мешавад, то қисми боқимонда мансубияти худро ба он фаромӯш кунад ё ба муқовимат хотима диҳад ва ё ба ҳар ду амал водошта мешавад. Агар мақсад берун рондани аҳолӣ аз сарзамини он бошад, истилоҳи «поксозии нажодӣ» истифода мешавад, вале агар таъқиби аҳолӣ ангезаи сиёсӣ дошта бошад, мафҳуми «куштори сиёсӣ» (политисид) ба кор бурда мешавад. Куштори 10 ҳазор нафар ё 10 дарсади аҳолӣ (ҳадди камтарин) меъёри ҷудосозии мафҳумҳои наслкушӣ аз «политисид» шинохта шудааст. Намунаи равшани наслкушӣ дар Руанда соли 1994 анҷом дода шуд, яъне намояндагони қабилаи хуту 800 ҳазор намояндаи қабилаи тутсиро дар ҷанги дохилӣ ба қатл расониданд.

Дар Саммити ҷаҳонии СММ соли 2005 давлату ҳукуматҳо вазифадор карда шуданд, ки аҳолии худро аз наслкушӣ, ҷиноятҳои низомӣ, поксозии нажодӣ ва ҷиноятҳои зидди инсоният ҳифз намоянд. Таъкид гардид, ки агар ин ва ё он давлат воқеан имкони ҳифзи аҳолии худро аз ҷиноятҳои номбурда надошта бошад, ҷомеаи байналмилалӣ ба воситаи Шӯрои Амният ва мутобиқи Оинномаи СММ тадбирҳои дастаҷамъӣ андешида метавонад.

Зарурати мубориза бо генотсид дар тамаддуни муосири ҷаҳонӣ ба дараҷае афзудааст, ки дар соли 2004 дабири кулли СММ вазифаи сохтори мушовири махсус оид ба пешгирии генотсидро ташкил кард.

Мушовири вижа барои пешгирии наслкушӣ вазифаҳои зеринро ба уҳда дорад:

- ҷамъоварии иттилоот дар бораи ба таври оммавӣ ва ҷиддӣ риоя нагардидани ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи башардӯстонаи байналмилалии дорои моҳияти қавмӣ ва нажодӣ, ки пешгирӣ нашудани он боиси ба вуқӯъ пайвастани наслкушӣ гашта метавонад;
- саривақт огоҳ сохтани Муншии умумӣ ва ба воситаи ӯ Шӯрои Амнияти СММ аз вазъиятҳое, ки боиси сар задани наслкушӣ мегарданд;
- пешниҳоди тавсияҳо аз тариқи Муншии умумӣ ба Шӯрои Амният доир ба андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати пешгирӣ ва ё қатъ намудани наслкушӣ;
- иртибот бо сохторҳои СММ дар мавриди тадбирҳои пешгирии наслкушӣ ва мусоидат ба таҳкими фаъолияти СММ дар самти таҳлилу идораи иттилооти марбут ба наслкушӣ ва ҷиноятҳои вобаста ба он.

Бо ҳамин мақсад, дар бисёр давлатҳо муассисаҳои махсуси илмӣ таъсис доданд:

а) дар Канада дар соли 1994 Иттиҳодияи байналмилалии донишмандоне, ки бо масоили генотсид сарукор доранд, таъсис дода шуд, ки дар якҷоягӣ бо Пажӯҳишгоҳи байналмилалии наслкушӣ ва таҳқиқоти ҳуқуқи инсон маҷаллаи академиро нашр мекунад;

б) маркази байналмилалии омӯзиши илмии наслкушӣ (Aegis), ки соли 2000 дар Британияи Кабир кушода шуд;

в) дар соли 2007 собиқ котиби давлатии ИМА М. Албрайт ва собиқ вазири мудофиаи ИМА В. Коэн дар назди клуби миллии матбуотии ИМА як гурӯҳи фаврии пешгирии генотсидро таъсис доданд.

Инчунин, бояд қайд кард, ки сарфи назар аз таърихи чандинасраи наслкушӣ ҳамчун падида, он мақоми ҳуқуқии ҷиноятро дар миёнаи асри 20-дар «Конвенсия дар бораи пешгирии ҷинояти генотсид ва ҷазо барои он» гирифт. Аз ин сабаб, мушкилоти генотсид дар илм ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

Бо назардошти он, ки наслкушӣ ҳамчун падида воқеан аз замонҳои қадим вуҷуд дошт ва муборизаи мақсаднок бар зидди он нисбатан наздиктар оғоз ёфт, тааҷҷубовар нест, ки омӯзиши криминологӣ, қонуни ҷиноятӣ, иҷтимоӣ-равонӣ ва дигар ҷанбаҳои наслкушӣ, инчунин шаклҳо ва усулҳо ҳанӯз дар адабиёти илмӣ мавҷуданд, ба муборизаи самаранок бар зидди зуҳуроти он диққати зарурӣ дода намешавад.

Таърихи илмии наслкушӣ аз нимаи дуюми асри гузашта бо асарҳои Лемкин Р., Пелл В. ва Доннеде де Вабра Р. оғоз меёбад. Асоси назариявиии онро олимони минбаъда ба монанди В.В. Амелина, Ю.Г. Барсегова, Ҷ. Бауэр, Л Д. Гаухман, Т.Р. Гурр, Г. Гуттенбах, В.Дадриан, К. Ҷонассон, А. Ҷонс, М.Н. Добковский, П.Дроста, С.В. Дякова, В.Н. Земскова, Н.А. Ивницкий, СТ. Катз, Г.А. Кветс, А.Г. Кибальник, Б. Киернан, СМ. Кочои, В.Н. Кудрявцева, В.М. Лебедев, F. Мартенс, M.G. Маршалл, СП. Мелгунова, Г.И. Мухин, А.Найер, В.Носов, В.Н. Орлова, А.Паляна, Н.Ю. Плавинская, П.М. Поляна, Ҷ.Н. Портер, Р.Ҷ. Раммел, Н. Робинсон, А.К. Соколова, Ю.П. Соломатин, Д. Станнард, И. Тернон, Б. Тобес, Ҷ. Л. Томпсон, А.Н. Тринина, А.И. Трусова, Б. Тяжельникова, Х. Файн, И.В. Фисенко, Б. Харф, И.Л. Хоровитс, Чарни, Ю.В. Черновцы, В.Черчилл, Ф.Чок, М.Шоу, В.Ф. Чененников таҳлил карда истодаанд.

Бори аввал мафҳуми "генотсид" соли 1948 дар Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид «Конвенсия дар бораи пешгирии ҷинояти генотсид ва ҷазо барои он» (минбаъд Конвенсияи 1948 номида мешавад) дар шакли расмӣ муқаррар карда шуд. [7]

Пайдоиши ин санади ҳуқуқии байналмилалӣ бо рӯйдодҳои гуногуни таърихии қабл аз он вобаста буд. Ин ҷинояти нав, ки барои қонун номаълум буд (то қабули Конвенсияи 1948) ва ҳатто худи истилоҳи онро ифодакунандаи он, бешубҳа бо амалҳои сершуморе, ки барои

ҷинояткории генотсид асос мебошанд, зинда карда шуданд. Мо охирин шарти пешгӯиҳо, сабабҳои иҷтимоии пайдоиш ё тағирёбии меъёри ҳуқуқи ҷиноятиро дар назар дорем. [9;206] Аксар вақт дар адабиёти муосир истилоҳи "генотсид" барои тавсиф кардани рӯйдодҳои пеш аз соли 1948 истифода шудааст.

Ғалаба бар Германияи фашистӣ, маҳкумкунии тамоми олами ҷиноятҳои содиркардаи роҳбарияти он мебоист муддати тӯлонӣ имкони генотсидро пешгирӣ мекард. Аммо, ин тавр нашуд. Гарчанде ки баъдан миқёси чунин амалҳо нисбатан коҳиш ёфт, шиддатнокии онҳо ва ҷуғрофияи қаламравҳо, ки дар он ҷой доштанд, афзоиш ёфт. Яъне, наслкушӣ дар доираи як кишвар сурат гирифтааст. Фасли охирони қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва амнияти инсоният бахшида шудааст, ки метавонад ифодакунандаи “ҷиноятҳои байналмилалӣ” бошад.

Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният – кирдорҳои ба ҷамъият хавфноке мебошанд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо дар фасли 15, боби 34, моддаҳои 395-405 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳури Тоҷикистон пешбинӣ шуда бевосита ба муносибатҳои таъминкунандаи сулҳу амнияти инсоният, инчунин қоидаҳои бо қонун ва одат муқарраршудаи бурдани ҷанг таҷовуз меоваранд ва аз ҷониби шахсони воқеӣ содир карда мешаванд. Ҷинояти генотсид бошад дар моддаи 398-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки мутобиқи ин объекти бевоситаи ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳифзи ҳаёт ва саломатии гурӯҳи муайяни миллӣ, этникӣ, нажодӣ ё диниро таъмин мекунанд.

Тарафи объективии генотсид аз кирдорҳое, ки ба пурра ё қисман маҳв сохтани гурӯҳи миллӣ, этникӣ, нажодӣ ё динӣ бо роҳи пурра ё қисман қир кардани онҳо, зӯроварона монеъ шудан ба таваллуди кӯдак равона гардидаанд, ё аз як гурӯҳи одамон ба дигаре додани кӯдакон, расонидани зарари вазнин ба саломатии онҳо ё фароҳам овардани чунин шароити зиндагие, ки ба нобудкунии ҷисмонии аъзои ин гурӯҳ нигаронида шудаанд, иборат мебошад.

Дар зери мафҳуми гурӯҳи миллӣ одамон, мансубияти гурӯҳи одамон ба миллати муайянро мефаҳманд. Дар зери мафҳуми гурӯҳи этникӣ - гурӯҳи одамоне, ки мансубияти аъзоёни онҳо ба ягон халқ алоқа (таалуқ) дошта фаҳмида мешавад. Дар зери мафҳуми гурӯҳи нажодӣ, гурӯҳи одамоне, ки бо маҷмӯи баъзе нишонаҳо (ранги пӯст, мӯйсар, чашм, қад ва ғайраҳо) ва дигар хусусиятёои таърихӣ ба вуҷуд омадаанд, фаҳмида мешавад. Дар зери мафҳуми гурӯҳи динӣ умумияти муайяни одамоне фаҳмида мешавад, ки дини ба худ мувофиқро эътиқод мекунанд, ки аз дини дар ҷомеа бартарӣ дошта, фарқ мекунад. Генотсид ҷинояти ба охиррасида аз лаҳзаи дар қонун оқибатҳои нишондода ба ҳисоб меравад. Субъекти ҷинояти мазкур шахсоне шуда метавонанд, ки вазифаи давлатиро дар хизмати давлатии ҶТ ишғол менамоянд ва инчунин шахсони воқеии ба синни шонздаҳ расида. Тарафи субъективии генотсидро қасди бевосита ташкил мекунад.

Дар илми ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ масъалаи "генотсид", баҳсбарангез боқӣ мемонад. Ҳамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷараёни ташаккули институти ҷинояти генотсид дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ дар илм ҳанӯз ба анҷом нарасидааст. Таҳлили минбаъдаи илмии хдро талаб менамояд.

АДАБИЁТ

1. Аванесян В.В. Нюрнбергский трибунал и геноцид // Общество и право. – 2011. – № 3. – С. 20.
2. Арутюнов Л.С., Касьяненко М.А. Криминальная политика государства в области национальных отношений // Безопасность бизнеса. – 2007. – № 3. – С.
3. Вартесян К., Палян А. Акты геноцида в истории человечества.
4. Гарипов Р.Ш. Эволюция прав коренных народов в международном праве: от геноцида до Декларации ООН // История государства и права. – 2013. – № 7. – С. 46.
5. Кароян Г.Р. Проблема геноцида в современном обществе // Сборники конференций НИЦ Социосфера. – 2012. – № 4. – С. 85.
6. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998. [Манбаи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон. mmk.tj (санаи истифодабарӣ 15.03.2021).
7. Конвенция Организации Объединенных Наций «О предупреждении преступления геноцида и наказании за него» от 09.12.1948 (Принята резолюцией 260 (III) Генеральной Ассамблеи ООН) // UN.ORG: официальный сайт Организации Объединённых Наций. URL: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/genocide.shtml (дата обращения: 10.11.2013).

8. Матни лексияҳо аз фанни ҳуқуқи байналхалқӣ. 2016. (Тартибдиҳанда Қодиров Н.А.).
9. Основания уголовно-правового запрета. Криминализация и декриминализация / Дагель П. С. [и др.]; Отв. ред.: Кудрявцев В.Н., Яковлев А.М. - М.: Наука, 1982. С. 206.
10. Подробнее об этом см.: Клебанов Л.Р. Уголовно-правовая охрана культурного суверенитета России // Уголовное право. – 2008. – № 5. – С. 28-34.
11. Тафсир ба Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. "Глобус". Душанбе-2006.

ГЕНОТСИД ЧУН ҶИНОЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар мақолаи мазкур генотсид чун ҷиноятҳои байналмилалӣ, фикру ақидаҳои олимони соҳа мавриди таҳлил қарор дода шуда, вобаста ба он праблемаҳои мавҷуда ошкор карда ва моҳияти мавзӯи таҳлилшаванда бо як қатор мисолҳо фаҳмонида мешавад.

Калидвожаҳо: Генотсид чун ҷиноятҳои байналмилалӣ, конвенсия, гурӯҳҳои миллӣ-этникӣ, ҷанги таҷовузкорона, ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният.

ГЕНОЦИД КАК МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРЕСТУПЛЕНИЕ

В этой статье будет рассматриваться геноцид как международное преступления, мнения ученых этой области будут анализированы и связи с этим будут раскрыты существующие проблемы и сущность анализируемой темы будет разъяснении путем привидение ряд примеров.

Ключевое слова: Геноцид как международные преступления, конвенции, национально-этнические группы, агрессивная война, преступления против мира и безопасности человечества.

GENOCIDE AS AN INTERNATIONAL CRIME

This article will examine genocide as an international crime and the opinions of scientists in this field will be analyzed, and in connection with this, existing problems will be revealed and it will be clarified by a number of examples.

Keyword: Genocide as an international crimes, conventions, national-ethnic groups, war of aggression, crimes against the peace and security of mankind.

Сведения об авторе: ***Сайдалиев Орзуджон Илхомович*** **-** магистрант 2-го курса очного отделения юридического факультета Таджикский государственный университет 735000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, тел:. 907-56-77-77, e-mail: orzu-saidaliev97@mail.ru

Information about the author: ***Saidaliev Orzujon Ilhomovich***-second - year master's degree full time education of Law faculty of the TNU 735000 c. Dushanbe, st. Buni Khisorac тel.: 907-56-77-77, e-mail: orzu-saidaliev97@mail.ru

ОИДИ БАЪЗЕ МАСОИЛИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ БА МОЛУ МУЛКИ УМУМӢ ДАР БИНОҲОИ БИСЁРХОНАГӢ

Сайфуллоев М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бинои бисёрхонагӣ объекти мураккаб буда, унсурҳои таркибии он дорои реҷаҳои гуногуни ҳуқуқӣ мебошанд. Ба ҳамагуна молумулки дар ин бино мавҷудбуда наметавонад ҳуқуқи моликияти умумӣ пайдо шавад, зеро ҳар як қисми ин бино соҳибмулки худро дорад. Бинои бисёрхонагӣ дар умум бояд чун объекти техникӣ ё чун объекти идоракунӣ шинохта шавад. Аз рӯи табиати ҳуқуқии худ ва қобилияти дар муомилоти умумӣ иштирок намудан дар маҷмӯъ молу мулки умумии бинои истиқоматӣ бояд ҳамчун объекти дорои реҷаи ҳуқуқии алоҳида аз манзилҳои истиқоматӣ (квартираҳо) ҳисобида шавад. Ин нуктаро меъёрҳои Кодекси манзил ва дигар қонунҳо низ тасдиқ мекунанд, ки тибқи онҳо соҳибмулки манзили истиқоматӣ уҳдадории нигоҳдории ҳам квартира ва ҳам молу мулки умумиро ба зимма дорад. [1] Баҳри дуруст дарк намудани табиати ҳуқуқии молумулки умумии бинои бисёрхонагӣ ва чигунагии амалигардонии ин молу мулк аз ҷониби истиқоматкунандагон зарур аст мафҳуми моликияти умумӣ, намудҳои он ва хусусиятҳои тарзи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории ҳар кадоме аз намудҳои он таҳлил карда шаванд.

Тибқи муқаррароти қ. 1 м. 292 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон молу мулки таҳти моликияти ду ё якчанд шахс қарордошта, бо ҳуқуқи моликияти умумӣ ба онҳо тааллуқ дорад. [2] Чи хеле аз ин муқаррароти қонун бармеояд, барои ҳуқуқи моликияти умумӣ, дар фарқият аз ҳуқуқи моликият, ки ҳуқуқҳои субъективӣ танҳо ба як шахс тааллуқ доранд, мавҷудияти ду ё зиёда соҳибмулк дар нисбати як молумулк хос аст.

Ҳуқуқи моликияти умумӣ, чӣ гунае Г.Ф. Шершеневич менависад, мавҷудияти ду шартро дар назар дорад: а) як ашё ҳамчун объекти ҳуқуқ; б) якчанд субъектҳо ба ҳамон як ҳуқуқ. [3] Ягонагии объекти моликияти умумӣ маънои онро надорад, ки он аз як ашё иборат бошад. Дар ҳуқуқи моликияти умумӣ метавонад молумулке низ мавҷуд бошад, ки аз як ё якчанд ашёҳо (объектҳо) иборат бошад. Оиди табиати ҳуқуқии моликияти умумӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ нуктаҳои назари гуногун вуҷуд дорад. Аз ҷумла, Ю.К. Толстой қайд менамояд, ки ба моликияти умумӣ печдарпечии муносибати соҳибмулкон бо шахсони сеюм, аз як тараф, ва аз тарафи дигар, байни худи соҳибмулкон, хос аст. Бинобар ин, муносибатҳои гурӯҳи аввал аз нуқтаи назари табиати ҳуқуқӣ мутлақ ва аз гурӯҳи дигар нисбӣ мебошанд. [4] Вале оиди ин масъала мавқеи дигари илмӣ низ вуҷуд дорад. Чунончи, Н.Н. Пахомова ин масъаларо таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки барои шахсони сеюм фарқ надорад чанд нафар субъект ба ин объект ҳуқуқи моликиятӣ дорад; барои шахсони сеюм муҳимаш он аст, ки ин объект барои онҳо бегона аст. Аз ин мавқеъ метавон гуфт, ки муносибати моликияти умумӣ умдатан ҳамчун муносибати дохилӣ таркиб меёбад. [5]

Моҳияти ин мавқеъ, яъне умдатан аз муносибати дохилӣ иборат будани муносибатҳои моликияти умумӣ аз он иборат аст, ки он таъиноти функсионалӣ дошта, салоҳиятҳои соҳибмулкӣ байни ҳаммоликон тақсим шуда, ин салоҳиятҳо барои ҳамоҳангсозии рафтори онҳо баҳри амалигардонии ҳокимияти ҳар як соҳибмулк дар нисбати ашёи умумӣ равона шудаанд. Аз ин бармеояд, ки, ҳамчуноне муаллиф дар давоми андешаҳояш менависад, муносибатҳои ҳуқуқии моликияти умумӣ хусусияти ашёӣ доранд. Агарчи таркиби иштирокчиён муайян аст, вале онҳо ҳамчун кредитор ва қарздор ба маънои қабулшудаи ин истилоҳот набояд қабул шаванд. Аз ҳамин хотир, муносибатҳои ҳуқуқии моликияти умумӣ на ҳамчун муносибатҳои нисбӣ, балки чун муносибатҳои хусусияти мутлақдошта бояд эътироф шаванд. [6]

Молу мулк метавонад бо муайян намудани саҳми ҳар яке аз молик ба ҳуқуқи моликият (моликияти ҳиссагӣ) ё бидуни муайян намудани чунин саҳм (моликияти якҷоя) таҳти моликияти умумӣ қарор гирад. Дар моддаҳои 294 – 297 Кодекси граждани оиди соҳибӣ, истифода, ихтиёрдорӣ, хароҷоти нигоҳдошти молумулки таҳти ҳуқуқи моликияти ҳиссагӣ қарордошта сухан меравад. Молу мулке, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад, тибқи созиши ҳамаи иштирокчиён ва дар сурати муяссар нагардидани созиш бо тартиби муайяннамудаи суд соҳибӣ ва истифода карда мешавад. Иштирокчии моликияти ҳиссагӣ ҳақ дорад, аз қисми молумулки умумӣ ба андозаи ҳиссааш барои соҳибӣ ва истифода ба ихтиёраш вогузошта шудан ва дар ҳолати имконнопазирии он аз дигар иштирокчиён, ки ҳиссаи марбутаашро соҳибӣ ва истифода мебаранд, ҷубронпулии дахлдорро талаб намояд (м. 295 КГ ҶТ). Ихтиёрдории молу мулки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарордошта мутобиқи шартномаи байни ҳамаи иштирокчиёни он ба амал бароварда мешавад. Иштирокчии моликияти ҳиссагӣ ҳақ дорад, мутобиқи салоҳдиди худ ҳиссаи худро фурӯшад, тӯҳфа намояд, васият кунад, ҳиссаи худро ба гарав монад ё бо риояи коидаҳои муздноки, ки муқаррароти қонунгузории граждани пешбинӣ кардаанд, бегона кунад, ё бо тарзи дигар муносибат намояд. Ҳар як иштирокчии моликияти ҳиссагӣ уҳдадор аст ба андозаи ҳиссаи худ дар пардохти андоз, боҷу хироҷ ва дигар пардохтҳо оид ба амволи умумӣ, инчунин оид ба хароҷоти нигаҳдошт ва муҳофизати онҳо, агар дар қонун ё шартномаҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, иштирок намояд. Хароҷоте, ки зарурӣ намебошанд ва аз ҷониби яке аз иштирокчиён бидуни ризоияти дигарон масраф шудааст, ба ҳисоби худи ӯ вогузошта мешавад. Баҳсҳое, ки вобаста ба ин масъала ба миён меоянд, бо тартиби судӣ ҳал карда мешаванд (м. 297 КГ ҶТ). Азбаски молу мулки умумии соҳибмулкони манзил дар бинои бисёрхонагӣ барои хизматрасонии зиёда аз як манзили истиқоматӣ пешбинӣ шудааст, бинобар ин қонунгузорӣ дар нисбати он реҷаи моликияти ҳиссагиро муқаррар намудааст.

Муносибати моликиятӣ дар биноҳои бисёрхонагиро метавон аз якчанд мавқеъ баҳогузорӣ намуд. Як квартира (манзили истиқоматӣ) метавонад ба ду ва зиёда шахсон бо ҳуқуқи моликияти умумӣ тааллуқ дошта бошад. Дар нисбати манзили истиқоматӣ мумкин аст ё моликияти ҳиссагӣ, ё ин ки моликияти якҷоя вуҷуд дошта бошад. Чуноне ки П.В. Крашенинников навиштааст, ин муносибатҳоро метавон муносибатҳои дохилӣ номид, зеро

онҳо байни соҳибмулкони як объект, яъне квартираҳо ё ҳуҷраҳои ҷудогона пайдо мешаванд. [7] Тибқи м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкатҳои соҳибмулкони манзил” ба сифати молу мулки умумӣ дар бинои бисёрхонагӣ қисматҳои маҷмааи бинои бисёрхонагӣ, ки барои хизматрасонӣ, истифода ва даромад ба манзил, ҳамчунин ба таъйиноти онҳо зич алоқаманд, яъне иншоотҳои истифодабарии умум, ки барои хизмат расонидан ба бештар аз як манзил пешбинӣ шудаанд, аз он ҷумла конструксияҳои синҷ ва қисматкунанда, майдончаҳои зинапоявии байнихонагӣ, зинапояҳо, лифтҳо, чоҳи лифт, даҳлезҳо, ошёнаҳои техникӣ, таҳхона, болохонаҳо, бому болопӯшҳо, таҷҳизоти механикӣ, баркӣ, санитарию техникӣ ва таҷҳизоти дигар, ки дар берун ва ё дохили хона ҷойгиранд, қисматҳои кабудизоркунию ободонӣ, роҳҳо, ҳавзҳо, дарахтони бисёрсола, майдончаҳо, гаражҳо ва иншоотҳои дигари хона, ки бо ҳам дар як қитъаи замини умумӣ муттаҳид шудаанд, эътироф шудаанд.

Савол ба миён меояд, ки бо кадом нишонаҳо ҳар як аз ин объектҳои номбаршуда ва молумулки умумиро метавон тавсиф намуд. Дар умум, метавон чунин нишонаҳоро ба сифати аломатҳои тавсифдиҳандаи ин объектҳо ва молу мулки умумӣ дар биноҳои бисёрхонагӣ ном бурд:

1. Молу мулки умумии бинои бисёрхонагӣ ин молумулки ғайриманқул аст.

2. Молу мулки умумии бинои бисёрхонагӣ қисми квартира (манзили истиқоматӣ) эътироф намешавад.

3. Таъиноти мақсадноки молумулки умумии бинои бисёрхонагӣ.

4. Молу мулки умумии бинои бисёрхонагӣ танҳо ба як соҳибмулки манзили истиқоматӣ мансуб набуда, ҳар як соҳибмулк дорои ҳиссаҳои муайян ба ин молумулк мебошад.

Бо дарназардошти нишонаҳои номбаршуда метавон гуфт, ки молумулки умумии бинои бисёрхонагӣ объекти ғайриманқулест, ки дар намуди маҷмуи молумулкӣ вуҷуд дошта, аз таркиботи гуногун шакл гирифтааст, ки бо нишонаи ягона - таъиноти умумии истифодабарӣ, яъне хизмат расонидан ба манфиатҳои зиёда аз як соҳибмулк, муттаҳид карда мешаванд. Ҳуқуқи моликияти ҳиссагӣ ба молу мулки умумӣ аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликияти на камтар аз ду соҳибмулк ба манзили истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ дар бинои бисёрхонагӣ пайдо мешавад. Дар ин масъала мо ба ақидаи П.В. Крашенинников розӣ шуда метавонем, ки тибқи он барои муайян кардани молу мулки умумии биноҳои бисёрхонагӣ аз рӯи принсипи зерин бояд кор гирифт: молу мулк ба категорияи молу мулки умумӣ фақат дар он ҳолате метавонад гузаронда шавад, ки агар таъиноти он барои хизматрасонии зиёда аз як манзили истиқоматӣ нигаронида шуда бошад. [9] Ҳуқуқи моликияти ҳиссагӣ ба молу мулки умумӣ дар баробари бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликият ба манзил ба қайд гирифта мешавад. Андозаи ҳиссаи соҳибмулк дар ҳуқуқи моликияти умумии ҳиссагӣ дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда бо нишон додани масоҳати умумии манзили истиқоматӣ муайян карда мешавад. Соҳибмулк ҳуқуқ надорад, ки пардохти арзиши ҳиссаи ба ӯ тааллуқдоштаро аз дигар иштирокчиёни моликияти ҳиссагӣ талаб намояд. Молу мулки умумӣ, ба истиснои ҳолатҳои розигии ҳамаи соҳибмулкони манзилҳо, дар шакли асл (натура) тақсим карда намешавад.

АДАБИЁТ:

1. Хисматуллин О.Ю., Кудина С.А. Правовое регулирование отношений собственности на общее имущество многоквартирного дома // Вестник Уфимского юридического института МВД России. 2014. № 3. С. 59.
2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1999. № 6, мод. 153.
3. Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права (по изданию 1907 г.): учебник. М.: Спарк, 1995. С. 213.
4. Гражданское право: учебник. В 3 т. // отв. ред. А. П. Сергеев, Ю. К. Толстой. М.: ТК Велби, Изд.-во Проспект, 2006. С. 522.
5. Пахомова Н. Н. Теория отношений и права общей собственности: возможные подходы к дальнейшему исследованию // Российский юридический журнал. 1998. № 4. С. 104.
6. Пахомова Н.Н. Асари зикршуда. С. 104.
7. Крашенинников П.В. Право собственности на жилые помещения. М.: Статут, 2001. С. 23.
8. Хисматулин О.Ю., Кудина С.А. Асари зикршуда. С. 59.
9. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009, №7-8, мод. 497.
10. Крашенинников П.В. Жилищное право. М.: Статут, 2003. С. 208.

ОИДИ БАЪЗЕ МАСОИЛИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ БА МОЛУ МУЛКИ УМУМӢ ДАР БИНОҲОИ БИСЁРХОНАГӢ

Дар мақолаи мазкур баъзе аз масоили вобаста ба ҳуқуқи моликият ба молу мулки умумӣ дар бинои бисёрхонагӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар замони муосир масъалаи ҳуқуқ ба манзил ва амалигардонии ин ҳуқуқ аз масъалаи мубрами рӯз аст. Бинои бисёрхонагӣ объекти мураккаб буда, унсурҳои таркибии он дорои реҷаҳои гуногуни ҳуқуқӣ мебошанд. Молумулки умумӣ ба ҳар як истиқоматкунандаи бинои бисёрхонагӣ бо ҳуқуқи моликияти умумии ҳиссагӣ тааллуқ дорад, ки ҳар як истиқоматкунанда дар он ҳиссаи худро дорад. Ҳиссаи соҳибмулк дар ҳуқуқи моликияти умумӣ дар бинои бисёрхонагӣ ба молу мулки умумӣ ба андозаи майдони умумии манзили истиқоматии ӯ мутаносибан баробар аст.

Калидвожаҳо: бинои бисёрхонагӣ, манзили истиқоматӣ, моликият, моликияти умумӣ.

О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ПРАВА СОБСТВЕННОСТИ НА ОБЩЕЕ ИМУЩЕСТВО В МНОГОКВАРТИРНЫХ ДОМАХ

В статье рассмотрены некоторые вопросы право собственности на общее имущество собственников помещений в многоквартирном доме. В современном мире актуальным является вопрос о праве на жилище и реализации этого права. Многоквартирный дом представляет собой сложный объект, и его составные части имеют разные правовые режимы. Общая собственность принадлежит каждому жителю многоквартирного дома на праве долевой собственности, в которой каждый житель имеет свою долю. Доля собственника в праве общей собственности на общее имущество в многоквартирном доме пропорциональна размеру общей площади занимаемого им помещения.

Ключевые слова: многоквартирный дом, жилое помещение, собственность, общая собственность.

ON CERTAIN ISSUES OWNERSHIP OF COMMON PROPERTY IN APARTMENT BUILDINGS

The article discusses some issues of ownership of the common property of owners of premises in an apartment building. In the modern world, the issue of the right to housing and the implementation of this right is relevant. An apartment building is a complex object, and its constituent parts have different legal regimes. Common property belongs to each resident of an apartment building on the basis of shared ownership, in which each resident has his share. The share of the owner in the right of common ownership of common property in an apartment building is proportional to the size of the total area of the premises he occupies.

Keywords: apartment building, dwelling, property, common property.

Сведения об авторе: ***Сайфуллоев Мехроб Абдусатторович*** – магистрант кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета. Тел: 985030903

Information about the author: ***Sayfulloev Mekhrob Abdusattorovich*** - master's degree student of the Department of Civil Law of the Faculty of Law of Tajik National University. Tel.: 985030903

СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ВЛИЯТЕЛЬНЫМИ РЕГИОНАЛЬНЫМИ И ГЛОБАЛЬНЫМИ ОРГАНИЗАЦИЯМИ

Сафаров Ф.П.

Институт философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана

Сотрудничество и интеграция - одна из конкретных особенностей современных времен. Таким образом, Республика Таджикистан в своей внешней политике будет пытаться следовать, политики открытой дверей, а также развивать и расширить их.

Как отмечает Президент страны, Основоположник мира и единства, Лидер нации Эмомали Рахмон «Мы признаем поддержку коммуникации Организации Объединенных Наций в XXI веке как единую регулирующую и компетенцию международной системы».[1]

Организация Объединенных Наций - это влиятельная международная организация, которая была создана в 1945 году с целью укрепления мира и стабильности в мире и развитии сотрудничества между странами. Название «Организации Объединенных Наций» впервые было заинтересовано в Декларации Организации Объединенных Наций, что ратифицировано до 1 января 1942 года. Следует отметить, что ежегодно 2-го марта в Республике Таджикистан день присоединения к ООН празднуют с великолепием. Заседание Совета Безопасности ООН 29 января 2012 года Сектор Республики Таджикистан был принят как независимый и полный член верховенства закона. Наконец, 2 марта 1992 года Республика Таджикистан создала сильные статьи и условия развития сотрудничества с организациями, учреждениями и их квалификацией. Сегодня Республика Таджикистан с Организацией Объединенных Наций, включая борьбу с современными угрозами и

проблемами, обеспечивая использование водных ресурсов, защиту окружающей среды, обеспечения и стабильность во всем мире и налаживает организованное сотрудничество.

В небольшие исторические периоды Организация Объединенных Наций заключается в том, чтобы выдержать определенные партнерские отношения с Организацией Объединенных Наций. Как известно, в результате внутренней ситуации в Республике Таджикистан партнеры были направлены на мир и стабильность в стране. Первая делегация ООН и офис ООН в Таджикистане (ОООНТ) с 1 февраля 1993г в Душанбе начал свое действие. В связи с исполнением общего соглашения «Инициатива мира и национального согласия в Таджикистане, офис ООН в Таджикистане по инициативе Генеральный секретарь Организации Объединенных Наций К.Наннан был создан Управление Организацией Объединенных Наций в Таджикистане.

В августе 2007 года офис для мира в Таджикистане успешно завершил свою работу. Десятки работников этого офиса были награждены высокими наградами Республики Таджикистан. Приобретение национального примирения в Таджикистане может столкнуться с поддержкой Организации Объединенных Наций и гарантий в качестве образца сдерживающей дипломатии для стран с внутренними конфликтами.

Республика Таджикистан была заключена в организацию исламского сотрудничества после получения государственной независимости. Организация исламского сотрудничества (ОИС) имеет значительную роль в процессах сотрудничества между исламскими странами и интеграцией между ними. Республика Таджикистан рассматривалась в 2007 году как члены парламентского союза ОИС. 8 апреля 2009 года ОИС был одобренМаджлисиОлӣ Республики Таджикистан.

В соответствии с государствами-членами Республика Таджикистан со своими государствами-членами укрепляет необходимые мероприятия по развитию международного сотрудничества и связи страны для укрепления различных операций. И защита святых мест и регионов, помогает установить права и свободыПалестина, поддержка поздравительных и порочении мусульманских людей и защита благоприятных условий для укрепления сотрудничества и взаимных стран в государствах-членах и других странах. В рамках Республики Таджикистан следующие инциденты и действия были оценкой и действиями:

Международный уровень и исламский научный научный, такой как Мир сказал Али Хамадони, НосириХусравиДастил, Имама Бухари, Имама. Возрождение исторических памятников Хульбука, Кароби и Старавшана, Панджакента и Хиссара, Рушана и Муминобода; Перевод и публикация Корана в Таджикском языке в подарок каждому домохозяйству, произведениях благодати исламского мира ислама; Молодой натарайсяхеромонского–Абуханифа Нуъмон Ибн Собит; перевод в государственное положение Таджикистана и создание Центра Центра при президенте Республики Таджикистан; 37-е заседание Совета министров иностранных дел (ОР 18-20 мая 2010 года). [2]

Шанхайская организация сотрудничества (ШОС) - международная организация, основанная на деятельности «Шанхайской пятерки» на основе Соглашений между Республикой Таджикистан, Республикой Казахстан, Китайской Народной Республикой, Кыргызской Республикой и Российской Федерацией. военная база в приграничной зоне создается с 1996 года, а совместное сокращение вооруженных сил в приграничной зоне - с 1997 года[3]. Республика Таджикистан заинтересована в усилении вклада этой организации в решение текущих региональных и международных вопросов и приложит усилия для установления взаимовыгодного сотрудничества между странами-членами.

«Мы поддерживаем более укрепление более чем до роли Шанхайского сотрудничества в расширении и расширении области инфраструктуры, а также развития культурного диалога в пользу региональной интеграции».[4] По состоянию на 15 июня 2001 года народные лидеры народа государства были проведены в Шанхайском народе народа Республики Узбекистан, а ежегодная Панджая была получена на «Панажуа Шанхае» и была подписана на создание ШОС. В Душанбе в сентябре 2014 года государства-члены ШОС были сделаны на заседании государств-членов ШОС, которые могут присоединиться к организации. На основании июня 2017 года на встрече ШОС в Душанбе, Индия и Пакистан были сделаны как полноправного члена Соединения. Секретариат ШОС и

Исполнительным комитетом региональной контртеррористической структуры (NFS) инициировал постоянные органы власти с 2004 года. Центр Секретариата ШОС прошел в Пекине и Исполнительный комитет МСФ в Ташкенте.

В настоящее время Организация вышла из восьми государств-членов (Китай Республики, Китайская Республики, Исламская Республика Таджикистан и Республика Узбекистан, Республика Таджикистан и Республика Узбекистан и Монголия) и шесть из опрошенных (Республика Азербайджан, Азербайджанской Республики, Федеральная федеральная Республика Непал и Демократическая Республика Шри-Ланки.[5]

Основными целями ШОС являются: укрепление взаимовыгодного сотрудничества в политической, экономической, научном, техническом, транспортном, технической и культурной защите, туризму, транспортировке, туризму и т. д. укрепление взаимно заинтересованного доверия и отношения брата между государствами-членами; Общая деятельность для обеспечения мира, безопасности и стабильности в этой области; Достижение целей в формировании демократической, справедливой, справедливой, звуковой и рациональной договоренности в политической и экономической сфере.

Одной из необходимых целей ШОС считается борьбой с экстремистскими действиями, такими как терроризм, сегаторы, экстремизм и любые негативные явления. Это SCO IFRS для достижения этих целей. Под ШОС продолжался постоянно проводиться военно-террористическими товарными знаками. Следует отметить, что в апреле 17-19 апреля 2009 года на территории Республики Таджикистан один из этих командующих командиров был проведен Нурек. В рамках военного сотрудничества совместные военные учения против государств-членов ШОС - 2012 «8 - 2012» на Станциях СКО, 2012 года, Станции ЧСС с участием военных подразделений государств-членов ШОС. Республика Таджикистан, один из учредителей и активных участников ШОС, председательствовала в Совете глав государств-членов (2008 и 2014 гг.) И был ответственным Совете глав правительств государств-членов ШОС (2006, 2010, 2018 гг.). В соответствии с положениями ШОС, в 2020 году, руководство Совета директоров прошло в ШОС из Российской Федерации в ШОС. Взаимное заседание руководителей государств-членов ШОС состоится в 2021 году в Душанбе. В 2021 году 20 летие отмечает юбилейный год. Наша страна начнет подготовку к председательству в ШОС в 2020-2021 годах и намерена внести весомый вклад в дальнейшее развитие организации.

В связи с этим Правительством Республики Таджикистан создан Организационный комитет по подготовке и проведению саммита Шанхайской организации сотрудничества в Душанбе под руководством Премьер-министра, который в настоящее время активно работает. В рамках его сервиса Республика Таджикистан пытается внести необходимые меры для обеспечения безопасности и устойчивости и укрепления торговли и культурных связей в рамках ШОС. Под председательством Республика Таджикистан стремится принимать необходимые меры по обеспечению безопасности и стабильности, укреплению торгово-экономических, культурных и гуманитарных связей в рамках ШОС.

Несмотря на то, что она была создана заново, в соответствии с международными стандартами, ШОС за время своего существования и деятельности зарекомендовала себя как эффективная площадка для обмена мнениями, выработки общих позиций и согласования различных точек зрения и совершенствования своих целей и задач.

Республика Таджикистан знает Евросоюз и попытается иметь самый уважаемый и долгосрочный контакт для обеих сторон. В 2015 году Республика Таджикистан и Европейский Союз отметили одиннадцать годовщину соглашения ЕС Союза ЕС и Республики Таджикистан. В этот период две стороны пытались организовать устойчивые основы для всеобъемлющих и долгосрочных отношений. Диапазон отношений между Таджикистаном и Европейским союзом очень широки и в развитии и здравоохранении, расширении демократических реформ, развития и здравоохранения, расширение демократических реформ, развитие верховенства права и защиты прав и свобод человека покрыты. Следует отметить, что объем ЕС помогает Таджикистану с 1992 года, и общий объем помощи от одной национальности возрастает от одного национального. Важным направлением в сотрудничестве между Таджикистаном является борьба с Европейским союзом и распространением препарата. Исходя из этого, Европейский союз в партнерстве с Организацией Объединенных Наций был запущен в Центральной Азии. Еще одна важная

область которого сотрудничество между Таджикистаном и Европейским союзом - расширение. В связи с этим Европа в той степени находится в его ряде в нашей стране, чтобы построить ряд гидроэнергетических растений в нашей стране. На сегодняшний день Европейский Союз внес свой вклад в проект CASA-1000 с Барки Тоджик. Таджикистан и Европейский союз в частном секторе также является осуществлением желаемого процесса. Европейский Союз можно оценить надежным партнером по финансовой помощи в сельском хозяйстве и развитии сельского хозяйства, для создания новых рабочих мест и сокращения бедности в Республике Таджикистан. Сотрудничество в области науки и образования является одним из приоритетов отношений между Республикой Таджикистан и Европейским союзом. Европейский союз планирует внести свой вклад в основу помощи тренировку таджикского персонала для подготовки таджиков. Пробеги Республики Таджикистан и Европейский Союз развиваются больше, чем когда-либо[6]. Межпарламентское сотрудничество между Республикой Таджикистан и Европейским Союзом развивается как никогда. Для развития повседневного сотрудничества и контактов создан Комитет по межпарламентскому сотрудничеству между Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан и Европейским парламентом. Ежегодно в европейских странах по инициативе и по инициативе посольств Республики Таджикистан, представителей культуры нашей страны и при поддержке местных властей Международный день Навруз отмечается с большой помпой и торжественностью.

В феврале 1992 года Республика Таджикистан подписала заключение окончательного документа Хельсинки. Сотрудничество Республики Таджикистан началось с Организации по безопасности и сотрудничеству в Европе (ОБСЕ) с 1994 года. 17 февраля 1994 года в Республике Таджикистан был создан офис ОБСЕ. Как и в 19 декабря 1993 года во время заседания Совета ОБСЕ министра иностранных дел ОБСЕ в Риме Миссия ОБСЕ была принята в Республике Таджикистан. 19 июня 2008 года в рамках решения Постоянного совета ОБСЕ Центр ОБСЕ был переименован в Офис ОБСЕ в Республике Таджикистан.

Офис ОБСЕ реализует различные проекты в рамках Меморандума о взаимопонимании с Республикой Таджикистан на основе трех установленных измерений: военно-политического, экономико-экологического и гуманитарного. Международные наблюдатели приглашаются на парламентские выборы в Таджикистане с 2000 года.

3 апреля 2003 г. на заседании Постоянного совета ОБСЕ по инициативе Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона было принято решение о предоставлении Исламской Республике Афганистана статус партнера.

В рамках нового проекта сотрудничества, Платформы партнерства между Республикой Таджикистан и ОБСЕ, первая встреча была проведена 11 апреля 2018 года для выработки «концептуальных подходов к развитию существующих программ на период до 2019 года и после». С мая по август 2019 года Республика Таджикистан будет председательствовать на Форуме сотрудничества ОБСЕ. 8 мая 2019 года в Вене Республика Таджикистан представила свою лидерскую программу на этом форуме.

В настоящее время сотрудничество с ОБСЕ учитывает перспективы сотрудничества Республики Таджикистан с международными организациями и приоритеты страны в военно-политическом, экономико-экологическом и гуманитарном измерениях, особенно в сферах реформирования полиции, предотвращения коррупции, борьба с терроризмом, экстремизмом и насилием в семье. гендерные вопросы, права человека, пограничные вопросы, гуманитарное разминирование, а также экономические и экологические вопросы находятся на необходимом уровне.[7]

Основатель мира и национального единства, лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон заявил об ОБСЕ следующее: Мы будем использовать демократизацию общества, защиту основных прав и свобод человека, безопасность и стабильность, а также решение экономических и экологических проблем ». С 11 мая 2019 года посол Валериу Кивер будет исполнять обязанности главы офиса ОБСЕ в Душанбе.

Республика Таджикистан подписала соглашение о сотрудничестве с Советом Североатлантического сотрудничества в 1992 году, а 10 лет спустя, в 2002 году, присоединилась к Партнерству ради мира. Республика Таджикистан желает более активно и плодотворно участвовать в Организации Договора о коллективной безопасности.

Организация Договора о коллективной безопасности - военно-политическая организация, созданная республиками бывшего Советского Союза на основании Договора о коллективной безопасности, подписанного 15 мая 1992 года. 14 мая 2002 года Организация Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) была преобразована из групповой в международную. В настоящее время членами Организации Договора о коллективной безопасности являются Республика Армения, Беларусь, Казахстан, Кыргызстан, Таджикистан и Российская Федерация. Деятельность организации основана на уважении политической независимости стран-членов, добровольном участии, равенстве прав и обязанностей членов и невмешательстве в интересы друг друга. Основными целями и методами ОДКБ являются укрепление мира, укрепление регионального и глобального мира и стабильности, коллективная защита независимости, территориальной целостности и суверенитета государств-членов. ОДКБ может сотрудничать с государствами, не являющимися членами, а также с международными межправительственными организациями, занимающимися вопросами безопасности. Республика Таджикистан придает большое значение активному участию в практике Организации Договора о коллективной безопасности. Деятельность Республики Таджикистан в рамках этой международной организации направлена наналаживаниеэффективногосотрудничествавборьбеснегативнымидействиямисовременно гомира. Сотрудничествоврамкахэтой организации отвечает национальным интересам Республики Таджикистан, и это сотрудничество позволит нашей стране более активно бороться с международным терроризмом, религиозным экстремизмом, торговлей наркотиками, оружием, транснациональной организованной преступностью и нелегальной миграцией. Евразийский регион, а также для обеспечения территориальной целостности и независимости государств-членов. Республика Таджикистан поддерживает превращение Организации Договора о коллективной безопасности в главный институт по обеспечению безопасности и стабильности в регионе и мире.

Республика Таджикистан поддерживает налаживание еще более взаимовыгодного сотрудничества с Организацией экономического сотрудничества. Организация экономического сотрудничества - это региональная экономическая организация, впервые созданная Ираном, Пакистаном и Турцией в 1977 году. После Исламской революции в Иране деятельность организации была приостановлена нанекотороевремя, покаонаневозобновиласвоюдеятельностьв 1985 году под названием ЭКО. Азербайджан, Афганистан, Кыргызстан, Туркменистан, Узбекистан, Казахстан и Таджикистан присоединились к ЭКО в 1992 году. В настоящее время организация насчитывает десять членов с населением около 330 миллионов человек, огромным нефтегазовым потенциалом и процветающей промышленностью. и эффективность торговли сохранится. Республика Таджикистан заинтересована в централизованном сотрудничестве со странами Центральной и Западной Азии в рамках ЭКО. Об этом заявил Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон на восьмом заседании высокого уровня этой влиятельной региональной организации, которое состоялось в сентябре 2004 года в Душанбе. Важнейшим документом для развития бизнеса является Торговое соглашение ЭКО (ЭКОТА), подписанное Таджикистаном в 2003 году, а наиболее важной областью регионального сотрудничества организации является постепенное снижение тарифов. Одной из особенностей ведения развития торговли является создание свободных экономических зон, которые могут быть созданы в любом государстве-члене организации. Страны-члены ЭКО, имеющие большой опыт экономического сотрудничества, могут рассматриваться как лучший пример развития Таджикистана.

Республика Таджикистан поддерживает формирование однозначного сотрудничества с организацией экономического сотрудничества. Организация сотрудничества Организации является первой экономической организацией, которую Иран, Пакистан и Турция были спроектированы в 1977 году. После исламской независимости в Иране мероприятия Организации была создана определенный период времени, так что он начнется в 1985 году по имени «ЕПО». Штаты Азербайджана, Афганистана, Кыргызстана, Туркменистана, Узбекистана, Казахстана и Таджикистана в 1992 году и в возрасте до 330 миллионов человек, особенно в минимальном диапазоне нефти и отраслей, образованной промышленности. Его эффективная экономическая и торговля и торговля. Республика

Таджикистан предоставляет инвестиции в сотрудничество между странами Центральной и Западной Центральной Азии в рамках эго.

Еще один аспект сотрудничества стран-членов ОЭС - транспортные отношения. Социально-экономическое развитие любой страны во многом зависит от состояния ее транспортных институтов. Исходя из этого, сотрудничество Республики Таджикистан со странами-членами ОЭС направлено на соединение их существующих транзитных маршрутов, чтобы получить больше преимуществ от их транспортных преимуществ. Сотрудничество с ОЭС также выгодно для Республики Таджикистан и в других отношениях. В связи с тем, что наша страна не имеет прямого выхода к морским портам, она может использовать географическое положение государств-членов для налаживания взаимовыгодного сотрудничества в этой области для перевозки грузов по морю. В то же время между нашей страной и этой организацией налажено сотрудничество в области культуры и образования. Республика Таджикистан придает большое значение дальнейшему развитию сотрудничества в области культуры со своими партнерами по организации. Республика Таджикистан является первым государством-членом Организации экономического сотрудничества, подписавшим и ратифицировавшим Культурную хартию ОЭС и Научный фонд ОЭС.

За последние годы Республика Таджикистан наладила взаимовыгодное сотрудничество с международными финансовыми организациями, получая льготные гранты и инвестиции Международного валютного фонда, Азиатского банка развития, Всемирного банка, Европейского банка реконструкции и развития, Исламского банка развития. Банк развития и другие финансовые институты эффективно использовали общественную жизнь страны. В 1993 году Республика Таджикистан стала членом Всемирного банка. Сотрудничество нашей страны с этим финансовым учреждением в первую очередь направлено на сокращение бедности. На сегодняшний день Всемирный банк профинансировал 18 проектов на сумму 345,8 миллиона долларов в сферах здравоохранения, сельского хозяйства, образования, транспорта, ирригации, предотвращения чрезвычайных ситуаций, улучшения питьевого водоснабжения, защиты окружающей среды, энергетики и развития частного сектора. Налог и другие реформы реализуются. Международный валютный фонд принял Республику Таджикистан в члены 27 апреля 1993 года. Сотрудничество в различных сферах между Республикой Таджикистан и Международным валютным фондом началось в 1995 году, когда организация открыла свое представительство. В частности, МВФ оказал помощь в разработке Программы экономического развития на 1998-2002 годы и совершенствовании Налогового кодекса. В то же время решением своего Исполнительного совета 24 июня 1998 года МВФ утвердил эффективную программу инвестиционной реформы для структурных реформ на трехлетний период на общую сумму 128 миллионов долларов. В декабре 1998 года эта сумма была увеличена до 134 миллионов долларов США. По итогам переговоров между Республикой Таджикистан и Международным валютным фондом в первые месяцы 2016 года МВФ предоставит нашей стране новые гранты. Республика Таджикистан также получила от МВФ заем в размере 145 миллионов долларов в 2009 году. Начало сотрудничества между Республикой Таджикистан и Европейским банком реконструкции и развития относится к 4 июня 1993 года, когда организация стала членом Республики Таджикистан. За прошедшие годы регулярные контакты показали особенности сотрудничества сторон. Использование капитала Европейского банка реконструкции и развития, в частности, основано на развитии частного сектора, укреплении финансовых институтов, реконструкции и создании инфраструктуры для энергоснабжения и так далее. В настоящее время Европейский банк реконструкции и развития (ЕБРР) реализует 15 проектов в Республике Таджикистан на общую сумму 710,4 млн долларов США в сферах водоснабжения, энергетики, транспортировки и утилизации сточных вод и др. В 1996 году Республика Таджикистан стала членом Исламского банка развития. За годы сотрудничества между Республикой Таджикистан и Исламским банком развития на основе инвестиций в различные проекты в области энергетики, здравоохранения, сельского хозяйства, образования в определенной степени получило развитие. За счет финансирования Исламского банка развития в ходе своей деятельности в нашей стране реализуется 50 проектов по указанным направлениям. В 2015 году Таджикистан и Исламский банк развития подписали кредитное соглашение для

финансирования проекта CASA-1000. Кредит, предоставленный Исламским банком развития для реализации проекта CASA-1000, составит 70 миллионов долларов США. Одним из кредитных финансовых институтов, действующих в рамках Организации исламского сотрудничества, является Саудовский фонд развития. С 1997 года Республика Таджикистан сотрудничает с Саудовским фондом развития, в рамках которого в нашей стране реализуются 5 проектов в области образования, транспорта и здравоохранения на общую сумму 29,7 миллиона долларов США. Следует отметить, что все инвестиции Саудовского фонда развития являются грантовыми кредитами, которые реализуются в рамках основных программ развития страны - Национальной стратегии развития и среднесрочного социально-экономического развития Республики Таджикистан.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Эмомалӣ Раҳмон.Уфуқҳои Истиқлол.-Душанбе: “Ганҷ-нашриёт”,2018.С. 405.
2. Эмомалӣ Раҳмон. ИстиқлолиятиТоҷикистон ваэҳёи миллат. //. Т. 1-12. Душанбе, 2002-2014. С.56
3. Саидзода З.Ш.Тоҷикистонимуосир: масъалаҳоимубрамиистиқлолимиллӣ.-Душанбе 2016. С. 608.
4. www.kompozitor.tj
5. http://www.mfa.tj/tg/main/view/192/tojikiston-vasozmoni-hamkorihoi-islomi
6. http://www.mfa.tj/tg/main/view/116/tojikiston-va-sozmoni-hamkorii-shankhai
7. http://www.mfa.tj/tg/main/view/193/tojikiston-va-sozmoni-amniyat-va-hamkori-dar-avrupo

ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНҲОИ БОНУФУЗИ МИНТАҚАВӢ ВА ГЛОБАЛӢ

Дар ҷаласаи Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид (СММ) 29 январи 1992 қатънома “Оид ба тавсияи дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СММ” ба сифати узви мустақилу комилҳуқуқ қабул карда шудааст. Ниҳоят, 2 марти соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви СММ гардида, барои рушду инкишоф додани ҳамкорӣ бо ташкилотҳо, муассисаҳо ва ниҳодҳои тахассусии он заминаҳои мустаҳкам ва шароити мусоид фароҳам овард. Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ дар самту соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла мубориза бо таҳдиду хатарҳои муосир дар соҳаи амният, таъмини сулҳу суботи ҷаҳонӣ, таъмини рушду инкишофи устувори ҷомеа, ҳифзи муҳити зист, ҳифзу дуруст ба роҳ мондани истифодаи захираҳои обӣ ҳамкориҳои муташакилро ба роҳ монда истодааст.

Калидвожа: СММ, иҷлосия, бахш, муассисаҳо, тахассус, қонун.

СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ВЛИЯТЕЛЬНЫМИ РЕГИОНАЛЬНЫМИ И ГЛОБАЛЬНЫМИ ОРГАНИЗАЦИЯМИ

Заседание Совета Безопасности ООН 29 января 2012 года Сектор Республики Таджикистан был принят как независимый и полный член верховенства закона. Наконец, 2 марта 1992 года Республика Таджикистан создала сильные статьи и условия развития сотрудничества с организациями, учреждениями и их квалификацией. Сегодня Республика Таджикистан с Организацией Объединенных Наций, включая борьбу с современными угрозами и проблемами, обеспечивая использование водных ресурсов, защиту окружающей среды, обеспечения и стабильность во всем мире и налаживает организованное сотрудничество.

COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH INFLUENTIAL REGIONAL AND GLOBAL ORGANIZATIONS

UN Security Council meeting on January 29, 2012 The Sector of the Republic of Tajikistan was adopted as an independent and full member of the rule of law. Finally, on March 2, 1992, the Republic of Tajikistan created strong articles and conditions for the development of cooperation with organizations, institutions and their qualifications. Today, the Republic of Tajikistan and United Nations establishing organized cooperation in a various areas including the fight against modern threats and problems, ensuring the use of water resources, protecting the environment, ensuring and stability throughout the world.

Keywords:UN, Session, Sector, Institutions, Qualifications, Law**.**

Сведения об авторах: ***Сафаров Фируз Парвизович*** – Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, магистр отдела политологии. **Тел.:** +992882222077. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33.

Information about the authors: ***Safarov Firuz Parvizovich*** **-** Institute of Philosophy, Political Science and Law. A. Bakhovaddinova of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, master of the department of political science. **Tel .:** +992882222077. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33.

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ИСТИФОДАИ ДОНИШҲОИ МАХСУС ДАР ҶАРАЁНИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ САВДОИ ОДАМОН

Сафарзода О. Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Барои ноил шудан ба мақсадҳои умумӣ ва махсуси тадқиқоти экспертӣ дар амалия як қатор масъалаҳои муттасили экспертиро ҳал намудан зарур аст. Навъҳои зерини вазифаҳои экспертиро ҷудо мекунанд, ки дар тафтиши ҳама намудҳои ҷиноятҳо аҳамият доранд:

- умумӣ – вазифаҳои ин навъи экспертиза, масалан, дар экспертизаи пайшиносӣ тадқиқоти пайҳои гуногуни объектҳо бо мақсади мушаххаскунӣ ва ташхиси хосиятҳо ва механизми пайдоиши онҳо мебошад;
- маъмулӣ – вазифаҳои ин навъи экспертиза, масалан, ба вазифаҳои маъмулии экспертизаи пайшиносии пайи пойафзол дохил мешаванд: муайян кардани навъи пойафзоле, ки пайи он боқӣ мондааст ва ё мушаххас кардани пойафзол аз рӯйи пайҳо;
- мушаххас-вазифаҳои ин навъи экспертиза, масалан, оё пайҳои пойафзоли одами аниқ дар ҷойи ҳодиса мондаанд ё не.

Инчунин вазифаҳои марҳилаҳои алоҳидаи тадқиқот (даврахо), ки вазифаҳои ҷузъӣ ё зервазифа номида мешаванд, фарқ карда мешаванд. Вазифаҳои экспертӣ метавонанд аз рӯйи асосҳои гуногун гурӯҳбандӣ карда шаванд. Вобаста аз мақсади ниҳоии тадқиқот онҳоро ба вазифаҳои ҳаммонандкунанда ва ташхисӣ ҷудо мекунанд.

Вазифаҳои ташхисӣ метавонанд самти таснифотӣ дошта бошанд ё мутобиқи таҳлили вазъи амалиёт ё муносибатҳои одамон, ҳолатҳои бо мақсади ҷиноятӣ истифода намудани воситаҳои техникӣ ва ғайра ҳал карда шаванд. Вазифаҳои ҳаммонандкунӣ мақсади муайян кардани далели айнияти инфиродӣ-мушаххас ё мансубияти умумии гурӯҳии объектҳои моддие, ки дар рафти тафтиш дарёфт гардидаанд. Роҳи ҳалли маъмулии вазифаҳои мазкур дар доираи экспертизаҳои криминалистикӣ ва тиббӣ мебошад. Масалан, дар мавриди амалҳои ҷиноятии зери назар чунин вазифаҳо инҳоянд:

- муайянкунии ҳуввияти истихдомгар (сутенёр), интиқолдиҳанда, пинҳонкунанда, сутенёр, диспетчер оид ба пайҳои даст дар ашёи бисоти биноҳо, ҳуҷҷатҳо, воситаҳои нақлиёт ва инчунин пайи гузошташудаи пойҳо дар биноҳое, ки ба сифати паноҳгоҳҳои дуздон истифода шудаанд, аз ҷумла, дар бораи мутобиқати қабати хок дар пойафзоли аз ҷиноятқорон дарёфтгардида ва пайи пойафзол дар биноҳои номбурда;
- муайянкунии шахсияти иштирокчиёни амали ҷиноятӣ аз рӯйи овоз дар фонограмма, ки дар ҷараёни гузаронидани гӯш кардани суҳбатҳои телефонӣ, дар рафти назорат аз болои ҷиноятқорон, дар ҷараёни хариди санҷишӣ ё таҷрибаи оперативӣ сабт шудаанд;
- муайянкунии шахсият аз рӯйи намуди зоҳирии шахсоне, ки меҳнати ғуломонаи онҳоро ҷиноятқорон дар истеҳсоли маводҳои хусусияти порнографидошта истифода намудаанд;
- муайянкунии шахсият тавассути техникаҳои компютерӣ ва нусхабардорӣ бо ёрии онҳо ҳуҷҷатҳои расмии қалбакӣ тайёр карда шудаанд, аз ҷумла, иқтибосҳои қалбакӣ аз таърихи инкишофи кӯдаконе, ки онҳоро бо истифодаи амалиёти фарзандхонӣ ва ғайра фурӯхтаанд.

Дар доираи ҳалли вазифаҳои ташхисӣ на танҳо тадқиқоти хусусиятҳо, балки тадқиқоти ҳолати объектҳо низ гузаронида мешавад. Мақсад- муайян намудани тағйироти рӯйдода ва муқаррар кардани сабабҳои воқеии ин тағйирот бо ҷиноятӣ содиршуда мебошад. Мисол, муайян намудани вазнинии осебҳои ҷисмонӣ, ки дар рафти истисмор расонида шудаанд, ё ошкор намудани сохтакорӣ дар ҳуҷҷат – дар шиноснома часпондани сурати танфурӯше, ки ҳанӯз ба синни балоғат нарасидааст .

Ба вазифаҳои ташхисӣ инчунин вазифаҳои «вазъиятӣ» (ҳамгирой) дохил мешаванд, ҳангоме ки дар асоси тадқиқоти чунин объекти душвор, мисли ҷойи ҳодиса, талаб карда мешавад, то механизм ва динамикаи ҳодисаи ҷиноятӣ муайян карда шавад, масалан:

- дар кӯҷо ва чӣ гуна ба танфурӯше, ки мехост аз фасодхона пинҳон шавад, осеби ҷисмонӣ расонида шуд;

- кадом амалҳоро ва дар кадом пайдарпай ташкилотчии истихдом, интиқол, пинҳонкунӣ ва истисмор ё масалан, сутенёр, ки дар бораaш қурбонии истисмори шаҳвонӣ шоҳидӣ медиҳад ва пайҳое, ки аз ҳуҷҷатҳо, ашёҳои дарёфтшуда ё маҳалли ҳодиса дарёфт шудаанд, анҷом додааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки пеш аз он ки ин ва ё он объектро ба ягон гурӯҳи муайян дохил кунем, бояд хосияти ин объект муайян карда шавад. Хосиятҳои муайян бошанд-ин аллакай вазифаи ташхис мебошад.

Вазифаҳои умумии экспертиза мақсади онро дар шакли умумӣ муайян мекунанд ва дар бораи ин навъи экспертиза маълумот медиҳанд. Ашёи экспертизаро маълумоти воқеии (сурати кор) дар ҷараёни тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ таҳқиқ ва муқарраршуда, ки аз рӯйи аломатҳои ҷиноятҳои вобаста бо савдои одам, истифодаи меҳнати ғуломона ва дигар ҷиноятҳои ба онҳо монанд, дар асоси донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника ва санъат ташкил медиҳанд. Объектҳои экспертиза ин ҳомилони моддии иттилоот дар бораи маълумоти воқеии марбут бо ҳодисаи тафтишшаванда мебошанд. Ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятии вобаста бо савдои одам, истифодаи меҳнати ғуломона, объектҳои экспертиза ин ҳуҷҷатҳои расмӣ, сиёҳнависҳои гуногун, шахсони зинда, ҷасади дуздидашудагон, шахсони фурӯхташуда ва қаблан истисморшуда, ашёҳо бо пайи панҷаҳои дастон ва объектҳои биологӣ, сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ, аксҳо, асбоб ва ашёҳое, ки тавассути онҳо зарба расонида шудааст, намунаҳои гуногуннавъ барои тадқиқоти муқоисавӣ мебошанд. Вобаста аз хусусияти механизми амали ҷиноятӣ доираи объектҳои тадқиқшаванда метавонад як миқдор васеътар шавад. Бояд қайд кард, ки амалҳои ҷиноятии ташкилотчии гурӯҳи ҷиноятӣ, истихдомгар, интиқолдиҳанда, фурӯшанда ба объектҳои савдо ва истифодаи меҳнати ғуломона нигаронида шудаанд, ки ба ҳайси онҳо занон, мардон ва кӯдакон тааллуқ доранд. Мақсадҳое, ки аъзоёни гурӯҳҳои ҷиноятӣ дар муносибат бо қурбониён аз пайи он ҳастанд, метавонанд мувофиқат кунанд, аммо фарқиятҳое низ мавҷуданд, ки вобаста бо синну сол, имконоти ҷинсӣ ва қобилиятҳо мебошанд.

Таҷрибаи пешрафтаи тадқиқоти чунин навъи парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки таҳқиқи худи ҷиноятқорон аҳамияти калон дорад. Яъне, бо мақсади муайян ва тасдиқ намудани табақабандии тақсимоти вазифаҳо дар байни аъзоёни гурӯҳи ҷиноятии вобаста бо савдои одам ва истифодаи меҳнати ғуломона, дарёфти тавсифоти рафтории онҳо дар дохили гурӯҳ ва ҷамъият, экспертизаи маҷмӯии равоншиносӣ-психиатрии ҷиноятқоронро гузаронидан мумкин аст.

Дар ҷараёни таъсири тамосии субъектҳои фаъолияти ҷиноятӣ ба объектҳои савдои одам ва истифодаи меҳнати ғуломона, тасвири ҷустуҷӯӣ метавонад дар зеҳни қурбонӣ дар намуди тасвирҳои зеҳнӣ, тасаввурӣ, намоишӣ ва ҷисмҳои мантиқӣ инъикос ёбад, дар ин сурат зарур аст, ки тасвири субъективии ҷиноятқор тартиб дода шавад, инчунин дар шакли пайҳои ҷисмӣ дар бадан ва либоси ҷабрдида ва ҷиноятқор дар намуди доғҳои хун, осори нутфа, арақ, мӯй, пайҳои бӯйдор, муҳтавои зери нохун, пайҳо аз газидан, объектҳои хурд ва қабатҳои хок. Тарзҳои анҷом додани амалҳои субъектҳои фаъолияти ҷиноятӣ ба таври хариду фурӯши одамон ва истифодаи меҳнати ғуломона инъикос меёбанд, ки истихдом, интиқол, таҳвил, пинҳонкунӣ ва қабул карданро дар бар мегиранд, бо мақсади истисмори қурбонӣ. Дар ҷараёни тиҷорати одамон фурӯшанда ё миёнарави ӯ оид ба таҳвил шарт мебандад ва ё бевосита одамро ба харидор ё миёнарави ӯ таҳвил медиҳад.

Мафҳуми «истихдом» вохӯриҳои боташаббус ва тасодуфии истихдомгар бо қурбонии минбаъдаро дар назар дорад. Дар вақти ин вохӯриҳо истихдомгар фаъолона корфармои мушаххас ё самти шуғли қурбонии минбаъдаро тарғиб мекунад. Ҷустуҷӯи фаъолона ва ташвиқи номзадҳо ба «кор» ин ҳанӯз марҳилаи аввали истихдом мебошад. Истихдом бо бастани шартномаи даҳонӣ ва хаттии байни истихдомгар ё намояндаи ташкилот оиди бо кор таъмин намудан ва қурбонии минбаъда поён меёбад. Пас аз анҷомёбии истихдом қурбонии минбаъда танҳо ва ё дар ҳайати гурӯҳ ба ҷойи «кор» (истисмор)-и эҳтимолӣ равон карда мешавад. Робитаҳои алоҳидаи механизми ин намуди фаъолияти ҷиноятиро бо нақшаҳои тактикӣ-методии тафтишот, аз ҷумла, бо истифода аз донишҳои махсус дида мебароем.

Истихдоми қурбониҳо бо мақсади фурӯш ва истифода аз меҳнати ғуломона метавонад ба якчанд самт равона шавад. Яке аз тариқҳои ҳодиса метавонад ба он вобаста бошад, ки қурбонӣ мехоҳад вазъи моддии худро беҳтар созад ва аз тариқи эълонҳои ғайрирасмии кӯчагӣ, аз рӯзномаю маҷаллаҳо бо рекломи «Тафреҳ» ва «Кор дар хориҷа», сатрҳои равони телевизион, кортҳои тарғиботӣ, буклетҳо, манобеи иттилоотии интернет ё аз шиносҳояш бобати имкони кор кардан, аз ҷумла ҳамчун танфурӯш дарак меёбад. Дар ин ҳол, вай ҳанӯз аз мақсади ҷиноятқорон огоҳӣ надорад ва бо хоҳиши худ ба кор машғул шудан мехоҳад, бо истифода аз рақамҳои телефони додашуда. Қурбонӣ дарк намекунад, ки ӯро метавонанд ҳамчун узвҳо фурӯшанд ё дар фасодхона ба сифати танфурӯш истифода кунанд, бидуни пардохти дастмузд, лату кӯб кунанд, таҷовуз кунанд, «шанбегӣ» ташкил кунанд ва озодиашро маҳдуд созанд. Ба саломатии қурбонӣ дар марҳилаи аввали истихдом осеб намерасонанд, чунки вай худаш хоҳиши кор карданро намудааст.

Вобаста ба ҳолати мазкур тасвири ҷустуҷӯӣ, ки даст доштани шахсонро дар истихдом тасдиқ мекунад, бо эълони тарғиботӣ, ки метавонад дар шакли макет дар дастнавиштҳои дафтари ёддошт, дар китобҳои бурдани муҳосибот ё зангҳои телефонӣ, ё дар хотираҳои ҳомилони электронӣ дарёфт шавад. Вай метавонад дар архиви компютер ё телефони мобилии ташкилотчии гурӯҳи ҷиноятӣ, сутенёр, диспетчер ва дар наздашон дар фасодхона ё манзили иштирокчии гурӯҳи ҷиноятӣ бошад. Маълумоти мазкур метавонад бо ёрии экспертизаи компютерӣ-техникӣ санҷида шавад. Дар кортҳои касбу кор ва буклетҳое, ки хидматрасонии «тафреҳ»-ро тарғиб мекунанд, метавон осори дастон ва пайҳои бӯйдори ҷиноятқоронеро дарёфт намуд, ки бевосита ин маводро паҳн кардаанд.

Маводҳои дарёфтшуда метавонанд бо истифодаи усулҳои экспертизаҳои дактилоскопӣ ва одорологӣ санҷида шаванд. Бо ёрии тадқиқоти техникӣ – криминалистии кортҳои касбу кор ва буклетҳои тарғиботӣ, метавон дастгоҳе, ки ба воситаи он маводҳои мазкур истеҳсол шудаанд ва дар баъзе ҳолатҳо макони истеҳсоли онҳоро муайян намуд.

Дар ҷараёни гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ телефони дар эълони тарғиботиомада гӯш карда мешавад. Минбаъд бо ёрии тадқиқоти фоноскопӣ аз рӯйи маводҳои сабти тамосҳои телефонӣ, метавон шахсияти диспетчерро муайян намуд, ки ба ҳайси он метавонанд ташкилотчии гурӯҳи ҷиноятӣ, сутенёр, ронанда ё танфурӯш, ки қабули фармоишотро дар нишонии мушаххас анҷом медиҳад. Дар ҳолате, ки қурбонӣ ба агентии моделӣ, агентии кортаъминкунӣ меравад, ба хидматрасонии агентии хадамоти шиносоие муроҷиат мекунад, ки ҷиноятқорон истифода мекунанд, вай бо майли худ маълумоти шахсиашро ба пойгоҳи иттилоотии ҷиноятқорон пешниҳод мекунад. Дар ин ҳолатҳо ба компютер аксҳои қурбонӣ, тавсифномаи вай, суроға ва рақами телефонҳои вай ва хешовандонаш ворид карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, эҳтимоли бастани шартномаи меҳнатӣ вуҷуд дорад.

Дар ин ҳолат, ҷойи ҷиноят ин ҷойи истихдоми қурбониён ва истифодаи онҳо, масалан, ба сифати порно – моделҳо мебошад. Ин бинои корхона дар умум мебошад, осори ҷиноят ва ҷиноятқорон бошад – маълумоти воқеӣ (аксҳо ва тасвирҳои видеоии қурбониён, аз ҷумла, тасвирҳои хусусияти шаҳвонидошта), ки дар компютер ва шабакаи ҷаҳонии интернет инъикос шудаанд, аз ҷумла, дар почтаи электронӣ, дар ҳомилони рақамӣ – видеокамера, аксбардори рақамӣ, дискҳои CD ва DVD, ки дар якҷоягӣ бо дигар далелҳо имкон медиҳанд оид ба механизм ва дигар ҳолатҳои ҳодисаи ҷиноятии тафтишшаванда хулоса бароварда шавад. Инчунин нишонаҳои тасдиққунандаи дар як бино ҳузур доштани ҷиноятқор-истихдомгар ва қурбонӣ инҳо мебошанд:

- ёддоштҳои дастнавис, ки истихдомгар ҳангоми бурдани ҳуҷҷатгузорӣ, муҳосибот, инчунин навиштаҳои қурбонӣ ҳангоми пур кардани саволнома ва бастани шартнома «оид ба кортаъминкунӣ» анҷом додааст;
- нишонаҳои биологӣ – пайҳои бӯйдор, пайҳои арақ дар либосе, ки дар корхона мондааст, пайи луобҳо дар пасмондаҳои сигор ва зарфҳо, мӯйҳо;
- пайи дастон дар ашёи муҳити бинои корхона;
- ҷисмҳои хурд дар мизу курсиҳо.

Вобаста аз ҳолати тафтишот объектҳои дар боло қайдшуда метавонанд дар

ҳамроҳӣ бо намунаҳои гирифташуда ба тадқиқоти махсус фаро гирифта шаванд ва аз рӯйи натиҷаҳои экспертизаҳои гузаронидашуда далелҳои шайъии амалҳо оид ба истихдом ва омодагӣ ба интиқоли қурбонӣ ба ҷойи эҳтимолии фурӯш ва истисмор ба ҳисоб раванд.

Вақте ки қурбонии муносиб аз рӯйи синну сол, намуди зоҳирӣ, қобилиятҳои ҷисмонӣ ва физиологиро пайгирӣ мекунанд ва бо истифодаи зӯроварӣ, аз ҷумла хатарнок барои саломатӣ ва ҳаёти вай, медузданд- онҳо метавонанд ҳам шахсони ба қурбонӣ шинос ва ҳам ҷиноятқорони ба вай ношинос бошанд. Дуздидан ва нигоҳдории иҷбории қурбонӣ бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдиди истифода рӯй медиҳад. Зӯроварии ҷисмонӣ, ки ҷиноятқор нисбати қурбонӣ анҷом медиҳад, ба пайдошавии маҷмӯи нишонаҳо дар ҷойи ҷиноят меоварад, аз ҷумла:

- нишонаҳои биологӣ – осори хун ва мӯйҳои кандашуда, пайи луобҳо дар пасмондаҳои сигор, вақте ки ҷиноятқор бо мақсади тарсонидан ва тамоюл кунондан ба рафтори дархостшуда бадани қурбониро сӯзондааст;
- ҷисмҳои хурд дар шакли порчаҳои либос ё нахҳои алоҳидаи он дар маҳалли ҳодиса;
- пайи пойафзоли ҷиноятқор ва қурбонӣ;
- қабатҳои хок дар пойафзол ва либоси ҷиноятқор ва қурбонӣ;
- ҷисмҳое, ки бо ёрии онҳо дуздӣ амалӣ гардидааст.

Ба зумраи гурӯҳи охирини нишонаҳо метавонанд шишаҳо бо боқимондаи маводҳо, рӯймолча ё порчаҳои докае, ки бо маводи хобоваранда намнок шудаанд, сӯзандоруҳои истифодашуда бо боқимондаи маводҳои психотропӣ ва мадҳушкунанда, инчунин асбоб-олотҳо ва (ё) воситаҳое, ки бо ёрии онҳо осебҳои ҷисмонӣ расонида шудаанд (асоҳо, калтакҳо, хишт) ва порчаҳои маводи банданда (докаҳо, ресмонҳо, симҳо, завлонаҳо) дохил шаванд.

Интиқоли қурбониҳои савдои одам ба ҷойи дигар бурдани як ва ё якчанд нафар тавассути сарҳади давлатӣ ё ба дигар минтақаи Федератсияи Россия бурданро дар назар дорад. Аз нуқтаи аввал то ба нуқтаи охирин интиқол метавонад ҳадди ақал ду марҳиларо дар бар гирад. Дар марҳилаи якум, қурбонӣ бо хоҳиши худ меравад ва аз ҳамчун ғулом истифода бурдани худ пай намебарад. Дар марҳилаи дуюм, интиқол бо роҳи иҷборӣ, бо истифодаи хушунати ҷисмонӣ ва равонӣ, бо роҳи бастани дасту пойи қурбонӣ ё завлонабандии вай сурат мегирад.

Бо ёрии экспертизаи техникӣ-криминалистикии ҳуҷҷатҳо метавон тасдиқ кард, ки чӣ гуна сохтакорӣ ва дигаргункунии шиноснома анҷом дода шудааст, ба воситаи кадом асбобҳо ва кадом мӯҳрҳо ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда шудаанд. Экспертизаи услубшиносӣ барои муайян кардани шахсияте, ки навиштаҳо ва имзоҳоро дар шиносномаҳо, даъватномаҳо ва раводидҳо гузоштааст, кӯмак мерасонад. Корбурди экспертизаи компютерӣ-техникӣ барои тасдиқи он ки дар кадом файл, аз ҷумла файли ниҳонӣ намунаҳои осори мӯҳрҳо, макети ҳуҷҷатҳо, тасвири аксҳои қурбониҳо, ки дар ташкил додани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои сафар ба хориҷа заруранд, кадом барномаҳо дар компютер мавҷуданд, ки барои тақаллуби ҳуҷҷатҳо мусоидат мекунанд. Имкониятҳои экспертизаи дактилоскопӣ барои муайян кардани шахсияте, ки дар сохтани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои сафари хориҷии қурбонӣ заруранд, иштирок намудааст, имкон медиҳад. Барои таъмин намудани убури ғайрирасмии сарҳад, интиқолдиҳандаро зарур аст, ки аз навъҳои гуногуни найрангҳо ва усулҳои хусусияти ҷиноятии интиқолро рӯйпӯшкунанда истифода барад, масалан, интиқоли қурбонӣ дар пинҳонгоҳ, истифодаи усулҳое, ки қиёфаи қурбониро тағйир медиҳанд, ба қурбонӣ додани доруҳои хобовар. Маълумоти осорӣ, ки аз амали ҷиноятӣ мазкур гувоҳӣ медиҳанд, инҳо мебошанд: мавҷудияти маводҳои психотропӣ ва наркотикӣ дар хуни қурбонӣ, пайҳои хусусияти биологидошта – пайҳои бӯйдор, пайҳои хун, арақ, луоб, пешоб, торҳои мӯй, ҷисмҳои хурд аз либоси қурбонӣ, масалан, дар боғоҷи мошин, ки барои интиқол истифода шудааст. Бо донистани он ки интиқоли қурбониён тавассути сарҳад муқобили хоҳишашон хатарнок аст, бо дарки он ки қурбонӣ метавонад муқобилият нишон диҳад, ба ёрӣ даъват кунад ва гурезад истихдомгар ва интиқолдиҳанда аксар вақт аз хушунат кор намегиранд ва қурбониеро дарёфт мекунанд, ки мувофиқи мақсади худ омода аст ихтиёран ба берун аз марз биравад. Рабудан ва интиқоли иҷборӣ метавонад дар ҳудуди

давлати дигар, аз ҷумла, бо истифодаи хушунат сурат гирад.

Маъмулан, дар чунин мавридҳо истихдомгар, одатан вай танҳо намебошад, қурбониро дар байни издиҳом аз шумораи одамони ба фурӯдгоҳ, вокзали роҳи оҳан ё автовокзали давлати дигар омада интихоб мекунад, вайро таъқиб мекунад ва медуздад. Дар ин ҳолат, ҳомилони иттилоот, ки далели убур кардани қурбонӣ аз сарҳади давлати ҷойи зисташ, далели сафар кардан (ё иҷборан ба ҷойи дигар бурдан) ба минтақаи истифодабарӣ ба ҳайси ғуломи меҳнатӣ ё ҷинсӣ, инчунин далели вохӯрии қурбонӣ бо истихдомгар ва интиқолдиҳандаро тасдиқ мекунанд, буда метавонанд:

- сабтҳои видеоӣ, ки тариқи камераҳои назоратии дар автовокзалҳо, вокзалҳои роҳи оҳан ё дар фурӯдгоҳҳо ва инчунин дар ҳудудҳои мансуби онҳо насбгардида ба навор гирифта шудааст;
- аксҳои тасвирӣ дар телефонҳо ё аксбардори рақамии ҳам қурбонӣ (пас аз дарёфти вай), ҳам истихдомгар ва интиқолдиҳанда;
- осори хун, арақ, мӯйҳо, пайҳои бӯйдор, порчаҳои либоси қурбонӣ ва ғайра дар ҷойи дуздида шудани вай, ки бо истифодаи зӯроварӣ алоқаманданд.

Пинҳонкунии қурбонии савдои одам ва истифода аз меҳнати ғуломона хусусияти чандҷониба дорад. Дар ин маврид набояд пинҳонкуниро комилан маҳдуд ва рӯякӣ дарк намуд, яъне ҳамчун пинҳон кардани ҷабрдида ҳангоми фаъолияти савдои одам. Пинҳонкунӣ метавонад пас аз истихдом ҷойгир шавад, алалхусус дар ҳолатҳое, ки истихдом танҳо барои пӯшонидани овардани қурбонӣ ба маконе, ки вайро мерабоянд, будааст. Пинҳонкунӣ метавонад пеш аз убури сарҳади давлатӣ ё сафар ба дигар минтақа ба вуқӯъ ояд. Дар мавриди охир пинҳон кардани қурбонӣ метавонад бо зарурати сафари ҷамъу ҷӯр ва бехатар ба дигар ҷой асоснок карда шавад. Дар бисёр ҳолатҳо, пинҳонкунии қурбонӣ дар маҳалли хариду фурӯши эҳтимолӣ ё истифодаи меҳнати ғуломона сурат мегирад. Дар ин марҳила, одатан, дар байни қурбонӣ ва «корфармо» низоъ рух медиҳад. Дар вазъияти ба амаломада ҷиноятkор тасмим мегирад, ки зарурати пинҳон кардани қурбонӣ аз тамосҳои беруна ва муҳофизати вай дар сурати қасди фирор намудан, ба вуҷуд омадааст.

Таҳлили маводҳои таҷрибаи тафтишоти парвандаҳои ҷиноятии мазкур нишон медиҳад, ки маконҳои эҳтимолии истихдом, интиқол, пинҳонкунӣ, фурӯш ва истифодаи меҳнати ғуломона, ки онҳоро бояд бо истифодаи донишҳои махсус дар мавзӯи дарёфти маълумоти нишонаҳо оид ба далелҳои қарор доштани қурбонӣ ва ҷиноятkор таҳқиқ намуд, инҳо мебошанд:

- манзилҳо ва хонаҳои шахсие, ки дар онҳо имкон дорад, қурбониҳо нигоҳ дошта шаванд, масалан, духтарони танфурӯш, алалхусус, агар маълумот вобаста дар ин ҷой истиқомат кардани ташкилотчии гурӯҳи ҷиноятӣ ё шахсони алоқаманд бо вай мавҷуд бошад;
- минтақаҳои маҳал ва ҷойгиршавии заминканҳо, козаҳо, саройҳо бо биноҳои зеризаминӣ, ки дар онҳо қурбониёни савдои одам ва истифодаи меҳнати ғуломона нигоҳ дошта шудаанд;
- биноҳои агентиҳои моделӣ ва сайёҳӣ, агентиҳо оид ба кортаъминкунӣ, хадамоти шиносоӣ, ки бо ёрии онҳо қурбониёнро ба ғуломӣ фурӯхтаанд ва ё ба ҷойҳое фиристода шудаанд, ки меҳнати онҳоро ҷиноятkорон ба мақсадҳои худ истифода намудаанд;
- биноҳои «марказҳои тафреҳӣ», ҳаммомҳои хусусӣ, саунаҳо, бошгоҳҳои шабона, тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳое, ки дар он ҷо, масалан, танфурӯшони аз ҷониби ҷиноятkорон истисморшуда дарёфт гардидаанд;
- утоқҳои кормандони иҷтимоии мактаб-интернатҳо, ки дар онҳо компютерҳо бо маълумоти хусусии зарурӣ барои ҳалли масъалаҳои фарзандхонӣ нигоҳ дошта мешаванд, масалан, бонки маълумоти кӯдаконе, ки бе парастории волидон мондаанд ва ҳуҷҷатгузории кӯдакон;
- студияҳои аксбардорӣ ва наворбардорӣ, ки дар он ҷо ҷиноятkорон суратгирӣ ва истеҳсоли маводи порнографиро анҷом додаанд, пахши онҳо дар шабакаи интернет ба таври мустақим, аз ҷумла, дар наворгирӣ истифода кардани кӯдакони синнашон ба 14-солагӣ норасида;
- интернет-кафеҳо, алалхусус, ҷойи компютере, ки тавассути он мукотиба, фиристодан ва паҳнкунии маводҳои порнографӣ, гузаронидани пардохтҳои электронӣ амалӣ шудаанд;
- автомашинаҳо, контейнерҳо барои интиқоли борҳои азим, вагонҳои қаторҳои боркаш, катерҳои хусусӣ бо онҳо қурбониёнро интиқол додаанд;
- утоқҳои ҷарроҳии клиникаҳои хусусӣ (ҷиноятӣ), ки дар он ҷо гирифтани узвҳо ва (ё)

бофтаҳои қурбониён анҷом ёфтаанд, ҳуҷраҳое, ки қурбонӣ қабл ва баъди ҷарроҳӣ нигоҳдорӣ шудааст.

АДАБИЁТ

1. Аверьянова Т.В. Криминалистика: учебник / Т.В. Аверьянова, Р.С. Белкин, Ю.Г. Корухов, Е.Р. Россинская. - 3-е изд., перераб. и доп. - М.: "НОРМА", 2008.
2. Криминалистика / Под ред. Р.С. Белкина.- М., 1999 - С.278.
3. Чупрова АЛО. Вербовка как способ торговли людьми // «Черные дыры» в Российском Законодательстве. Юридический журнал. - № 2. - Москва: «1К-Пресс», 2007. - С. 182-184.
4. Россинский Е.Р. Судебная экспертиза в гражданском, арбитражном, административном и уголовном процессе. - М.: Норма, 2006. - С. 29.
5. Расследование торговли людьми: методика, тактика, специальные познания: учеб. Пособие / Под ред. канд. юрид. наук С.Ю. Журавлева. - М.: Юрлитин-форм,2010.-С. 5.

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ИСТИФОДАИ ДОНИШҲОИ МАХСУС ДАР ҶАРАЁНИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ САВДОИ ОДАМОН

Пинҳонкунии қурбонии савдои одам ва истифода аз меҳнати ғуломона хусусияти чандҷониба дорад. Дар ин маврид набояд пинҳонкуниро комилан маҳдуд ва рӯякӣ дарк намуд. Пинҳонкунӣ метавонад пас аз истихдом ҷойгир шавад, алалхусус дар ҳолатҳое, ки истихдом танҳо барои пӯшонидани овардани қурбонӣ ба маконе, ки вайро мерабоянд, будааст. Пинҳонкунӣ метавонад пеш аз убури сарҳади давлатӣ ё сафар ба дигар минтақа ба вуқӯъ ояд. Дар мавриди охир пинҳон кардани қурбонӣ метавонад бо зарурати сафари ҷамъу ҷӯр ва бехатар ба дигар ҷой асоснок карда шавад. Дар бисёр ҳолатҳо, пинҳонкунии қурбонӣ дар маҳалли хариду фурӯши эҳтимолӣ ё истифодаи меҳнати ғуломона сурат мегирад. Дар ин марҳила, одатан, дар байни қурбонӣ ва «корфармо» низоъ рух медиҳад. Дар вазъияти ба амаломада ҷиноятkор тасмим мегирад, ки зарурати пинҳон кардани қурбонӣ аз тамосҳои беруна ва муҳофизати вай дар сурати қасди фирор намудан, ба вуҷуд омадааст.

Калидвожаҳо: тафтиши ҷиноятхо, савдои одамон, пинхонкуни, ҷиноятkор.

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРИМЕНЕНИЯ СПЕЦИАЛЬНЫХ ЗНАНИЙ ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ ПРОТИВ ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ

Сокрытие жертв торговли людьми и использование работорговли многогранны. В то же время она не должна восприниматься как полностью ограничивающее и поверхностное сокрытие. Сокрытие может быть помещен после извлечения, особенно в тех случаях, когда резерв был сделан только для того, чтобы привести жертву к месту, где она была выставлена. Сокрытие может произойти перед пересечением государственной границы или поездкой в другой регион. Во многих случаях сокрытие жертв происходит по месту потенциальной покупки или использования рабского труда. На этой стадии обычно возникает конфликт между жертвой и "работодателем". В этой ситуации преступник принимает решение о необходимости скрыть потерпевших от их внешних контактов и защитить их в случае принятия решения.

Ключевые слова: расследование преступлений, торговля людьми, уголовное преследование, преступник.

METHODOLOGICAL BASIS FOR THE APPLICATION OF SPECIAL KNOWLEDGE IN THE INVESTIGATION OF CRIMES AGAINST HUMAN TRAFFICKING

The concealment of victims of human trafficking and the exploitation of the slave trade are multifaceted. At the same time, it should not be perceived as a completely restrictive and superficial cover-up. Concealment may be placed after extraction, especially in cases where a reserve was made only to bring the victim to the place where it was exposed. A cover-up may occur before crossing a state border or traveling to another region. In many cases, the victims are hidden at the place of potential purchase or use of slave labor. At this stage, there is usually a conflict between the victim and the "employer". In this situation, the criminal decides that it is necessary to hide the victims from their external contacts and protect them in the event of a decision.

Keywords: crime investigation, human trafficking, criminal prosecution, criminal.

Сведения об авторе: ***Сафарзода Одил Хомид*** **–** магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **880 880 681**

Information about the author: ***Safarzoda Odil Homid*** – a second-year master's student at the Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: **880 880 681**

ИШТИРОКИ ПРОКУРОР ДАР БАРРАСИИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

Сафаров З.Ш.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мурофиаи судӣ маҷмӯи мураккаби амалҳои судиро дарбар мегирад. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари муқаррар кардани қоидаҳое, ки тартиботи мурофиавии иҷрои чунин амалҳоро танзим менамоянд, дар баъзе аз меъёрҳо

қоидаҳои умумиро пешбинӣ кардааст, ки мувофиқан ба тамоми амалҳои муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи муҳими мурофиаи ҷиноятӣ дахл доранд. Онҳо дар ҷараёни мурофиаи судӣ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд, моҳиятан ба анҷом дода шудани ҳамаи амалҳои мурофиавӣ таъсир мерасонанд, хусусияти муҳим ва нишонаҳои марҳилаи мазкурро нисбат ба марҳилаҳои дигари мурофиа муайян менамоянд. [1, с.339]

Тибқи муқаррароти м.279 КМҶ ҶТ дар мурофиаи судӣ иштироки айбдоркунандаи давлатӣ ҳатмист, ба истиснои парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, ки дар онҳо айбдоркуниро ҷабрдида дастгирӣ мекунад. Прокурор ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ дар суд бо парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии умумӣ ва хусусӣ-умумӣ айбдоркунии давлатиро дастгирӣ мекунад. Оид ба парвандаҳои мураккаб ва бисёрлаҳза айбдоркуниро якчанд айбдоркунандаи давлатӣ дастгирӣ карда метавонад. Дар сурати ғайриимкон будани иштироки айбдоркунандаи давлатӣ дар ҷараёни тамоми муҳокимаи судӣ ӯро иваз кардан мумкин аст. Ворид шудани айбдоркунандаи давлатӣ ба баррасии парванда боиси такрори амалҳое намегардад, ки то ин лаҳза дар суд анҷом дода шуда буданд, вале бо дархости ӯ барои шиносоӣ бо маводи парванда ва далелҳои дар тафтиши суд баррасишуда суд ба ӯ вақт ҷудо мекунад. Айбдоркунандаи давлатӣ, ки айбдоркуниро дастгирӣ мекунад, аз рӯи талаботи қонун ва эътиқоди ботинии худ амал мекунад. Айбдоркунандаи давлатӣ дар тафтиши далел иштирок намуда, ба суд ақидаи худро дар бораи моҳияти айбдоркунӣ ва дигар масъалҳое, ки ҳангоми муҳокимаи судӣ ба миён омадаанд, баён мекунад, инчунин ба суд дар бораи татбиқи қонуни ҷиноятӣ ва ба судшаванда таъин намудани ҷазо фикри худро изҳор менамояд. Айбдоркунандаи давлатӣ мутобиқи талаботи КМҶ ҶТ даъвои граждании ҷабрдидаро пешниҳод ё дастгирӣ мекунад, ба шарте, ки онро ҳифзи манфиати давлат ё ҷамъият ё ҳуқуқи шаҳрвандон талаб намояд. Айбдоркунандаи давлатӣ ҳуқуқ дорад дар бораи сабук кардани айбдоркунӣ таклиф пешниҳод намояд, пурра ё қисман аз айбдоркунӣ даст кашад. Аз айбдоркунӣ даст кашидани айбдоркунандаи давлатӣ, ба шарте, ки ҷабрдида ҳам аз айбдоркунӣ даст кашида бошад, барои аз ҷониби суд қабул кардани таъинот (қарор)-и қатъ намудани парванда асос шуда метавонад. Агар ҷабрдида аз айбдоркунӣ даст накашида бошад, суд муҳокимаи парвандаро идома дода, масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшавандаро бо тартиби умумӣ ҳал мекунад. [2]

Ҳамин тариқ, қонун салоҳияти прокурорро ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳо муайян мекунад. Ҳангоми баррасии парванда аз ҷониби суд прокурор иштирок намуда, дар доираи салоҳияти худ амалҳои зайлро анҷом медиҳад:

5. дар тафтиши судӣ фаъолона, ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ баромад мекунад;
6. оиди масъалаҳои дар давоми тафтишоти судӣ пайдошуда, хулоса медиҳад;
7. агар ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ онро талаб кунад, даъво пешниҳод мекунад;
8. нисбати қарори ғайриқонунӣ ва беасоси судҳо барои аз нав дида баромадан эътироз баён мекунад;
9. дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ баромад карда мутобиқан ба ҳама масъалаҳо, аз ҷумла ба шикояту дархостҳо хулосаи ҳуқуқӣ медиҳад;
10. саривақт иҷро гаштани қарорҳои судро назорат мекунад;
11. ҳангоми ҳолатҳои дар қонун муқарраршуда, оиди аз нав дида баромадани қарорҳои судҳо бо сабаби ҳолатҳои нави ба миён омада, чораҳо меандешанд.

Талаботи бевоситагии маҷлиси судӣ дар он ифода меёбад, ки суд бояд далелҳоӣ ҷамъкардаи мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакиро санҷида таҳлил намояд, яъне судшавандагон, ҷабрдидагон, шоҳидонро пурсад, хулосаи коршиносонро шунавад, далелҳои шайъиро аз назар гузаронад, протоколҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро санҷида барояд.

Дар маҷлиси судӣ бевосита мазмуни ҳуҷҷатҳо, хулосаи коршиносон, протоколҳои ҳаракати тафтишотӣ таҳқиқ карда мешаванд, дар мавридҳои зарурӣ инчунин дигар харакатҳои тафтишотӣ гузаронида мешавад. Дар ин маврид ҳамаи далелҳо бояд даҳонӣ маънидод гарданд.

Нишондоди судшаванда, шоҳид, ҷабрдида, маълумоти тафтишоти пешакӣ ҳал карда мешавад, танҳо дар мавридҳои истисноӣ ва маҳз вақте, ки муқаррар кардани мухолифати байни нишондодҳои ин ё он шахс дар суд зарур мешавад ё дар ҳолатҳои ҳозир нашудани шоҳид ё ҷабрдида дар маҷлиси судӣ бо сабабҳои узрнок, амалиёти лозима ба амал бароварда мешаванд.

Бо мақсади таъмини адолати судӣ дар маҷлиси судӣ талаб карда мешавад, ки ҳайати суд бояд қонунӣ бошад, яъне барои он ки дар он фақат шахсоне иштирок намоянд, ки бо тартиби муайян интихоб ва таъин шудаанд ва байни ҳам муносибати хешутаборӣ надошта, дар доираи парвандаи мушаххас манфиатдор намебошанд, таъмин гардад. [3, с.42]

Вазифаҳои ҳуқуқии худро иҷро намуда, прокурор ӯҳдадориашро айнан дар доираи мукарраркардаи қонун иҷро менамояд. Мақомоти прокуратура, салоҳияти худро новобаста аз мақомоти маҳаллӣ иҷро мекунанд. Ба ғайр аз вазифаҳои дар боло қайд кардашуда, дар назди прокурор боз ӯҳдадориҳои зерин меистанд: Ошкор намудан ва аз байн бурдани вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ; аз байн бурдани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат мекунанд; беҳтар кардан ва ҳамоҳангсозии муборизаи бо ҷиноятҳорӣ.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани қонунҳои амалкунанда, мукаммалгардонӣ ва баландбардории нақши назорати прокурорӣ дар мустаҳкам кардани қонуният аз болои иҷрои қонунҳо дар мавриди аз ҷониби судҳо баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ минбаъд низ чораҳо андешида мешаванд, ки онҳо ба татбиқи меъёрҳои қонун ва таъмини адолати судӣ мусоидат мекунанд.

Қисматҳои асосии ин соҳаи назорати прокурорӣ шуморида мешаванд:

★ дастгирӣ кардани айбдоркунии давлатӣ;

★ дар мӯҳлатҳои муайянкардаи қонун овардани эътироз нисбати ҳукм, таъинот ва қарорҳои ғайриқонунии судҳо;

★ назорат аз рӯи риояи қонунҳо дар мавриди иҷрои ҳукмҳо.

Назорати прокурорӣ дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад, лекин роҳу услуб ва шаклҳои ҳуқуқии назорати прокурорӣ вобаста аз мавзӯи назорат, фарқ мекунанд. Мувофиқи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» прокурор вазифадор аст, ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд иштирок намояд.

Ҳамин тавр, дар мурофиаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ иштироки айбдоркунандаи давлатӣ ҳатмист, ба истиснои парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, ки дар онҳо айбдоркуниро ҷабрдида дастгири мекунад. Прокурор ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ дар суд бо парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии умумӣ ва хусусӣ-умумӣ айбдоркунии давлатиро дастгирӣ мекунад.

Чуноне таҷрибаи судии солҳои охир нишон медиҳад, фаъолияти прокурор, ҳама вақт кафолати таҳкими қонуният, ҳимояи боэътимоди манфиатҳои давлат ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон буда, ба талабот ҷавобгӯй мебошад. Амалӣ гаштани меъёрҳои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни мурофиавӣ - ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули минбаъдаи адолати судӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ аҳамияти муҳим доранд. Дар ин санадҳои меъёрӣ ба амалигардии принсипҳои адолати иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷомеа дида мешаванд. Ҳар як парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд бояд айнан мувофиқи талаботҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва бо тартиби муқарраркардаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҳал карда шаванд. Мақом ва нақши назорати прокурорӣ дар таъмини волоияти қонун пас аз қабули Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратура» ба таври назаррас афзуданд. Иштироки прокурор дар судҳо ба таъмину иҷрои бечунучарои талаботҳои қонун равона карда шудааст, яъне баррасии пурра, ҳамачониба ва объективонаи (холисонаи) парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд, таъмини ҳуқуқҳо ва имкониятҳои қонунии шаҳрвандон, риояи баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва суд, аз рӯи ҳар як парвандаи ҷиноятӣ бароварданн қарори қонунӣ, асоснок ва адолатнок аз ҷониби судҳо.

Прокуроре, ки дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳо иштирок мекунад, моҳияти ҳуқуқӣ ва мавқеъи иҷтимоии иштироки худро дар суд ҳамчун кафили асосии волоияти қонун дар амалӣ гардонидани адолат аз рӯи ин парванда бояд дарк намояд ва

иҷроиши сифатноки вазифаҳои худро таъмин намояд. Тартиби санҷиши қарорҳои судӣ, ки дар қонун муқаррар гардидааст, имконият медиҳад, ки хатогиҳои судҳо то кувваи қонуни гирифтани ҳукм ва иҷроиши он, ба тариқи кассатсионӣ ё назоратӣ ислоҳ карда шавад. Ба зиммаи прокурор вазифаи саривақт муайян намудани ҳар як қарори ғайриқонунӣ ё беасос гузошта шудааст, фаъолияти прокуророн дар марҳилаи баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки хатогиву қонунвайронкуниҳо аз байн бурда шаванд. Инчунин иштироки прокуророн дар мурофиаи судии ҷиноятӣ яке аз шартҳое мебошад, ки такмили минбаъдаи принсипҳои демократияро таъмин месозад, ки ин яке аз самтҳои иҷроиши ислоҳоти судӣ мебошад.

Агар дар натиҷаи тафтишот прокурор ба хулоса ояд, ки маълумотҳои баррасии судӣ айби пешниҳодшударо тасдиқ намекунанд, ӯ вазифадор аст, ки аз айбдоркунӣ даст кашида ба суд сабаби онро изҳор кунад. Ин ақидаи шахсии ӯ набуда, балки ӯҳдадории мақомоти давлатӣ оид ба бартараф кардани қонуншиканӣ мебошад. Чунин ҳолат, ки дар қонун муқаррар шудааст, ба прокурор кафолати мустақилӣ ва беғаразиро дар суд таъмин менамояд. Дастгирӣ кардани айбдоркунии давлатӣ вазифаи ҳар як прокурор шуморида мешавад, ки дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ иштирок мекунад. Ба ҳайси иштирокчии мурофиаи судӣ прокурор вазифадор аст аз ваколатҳои ба ӯ вогузоршуда дар амри таҳкими қонуният, мурофиаи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, муборизаи алайҳи ҷиноятқорӣ самаранок истифода бурда, айбдоркунии давлатиро дар дараҷаи олии касбӣ ҷонибдорӣ намояд.

Прокурорҳое, ки дар мурофиаи судӣ иштирок меварзанд, бояд қатъиян принсипи мустақилияти судҳо ва тобеъ будани онҳо ба қонун риоя намуда, тартиботи дар мурофиаи судӣ муқарраршударо ба инобат гирифта, дар маҷлисҳои судӣ нисбати суд ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ эҳтиром зоҳир намоянд.

Прокурор ҳангоми дастгирии айбдоркунии давлатӣ талаботҳои зеринро бояд таъмин намоянд:

★ иштироки фаъолона дар таҳлили далелҳо;

★ баланд бардоштани ҳисси масъулияти шахсӣ нисбати салоҳият, мавқеи пешгирифта ва мутобиқи он ба тафтиши судӣ, асоснокии хулосаҳо аз рӯи тамоми масъалаҳо ҳангоми дида баромадани парвандаҳо, овардани эътироз ба тариқи кассатсионӣ аз болои ҳар як ҳукм ва таъиноти ғайриқонунӣ;

★ пайваста кӯмак намудан ба таъмини ошкорбаёнӣ ҳангоми таъмин кардани адолати судӣ, истифода намудани минбари судӣ барои таблиғи қонунҳо, ташаббус зоҳир намудан дар ташкили мурофиаҳои судҳои тайёр бо истисно намудани муносибати расмиятӣ дар ин соҳа.

Айбдоркунандагони давлатӣ бояд мувофиқи тахассус ва таҷрибаашон пешакӣ таъин гарданд, то имкон дошта бошанд, ки ба мурофиаи судӣ тайёр шаванд.

Дар ҳолатҳои зарурӣ дастгирии айбдоркунии давлатӣ ба кормандони пуртаҷрибаи прокуратура супорида мешавад. Дар мавриди интихоби айбдоркунандагони давлатӣ хусусият ва мураккабии парвандаи ҷиноятӣ, дараҷаи тахассус ва таҷрибаи кории прокуророн ба назар гирифта мешавад.

Асосҳои аз нав сар кардани пешбурд аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ бо сабаби ҳолатҳои нав ошкоршуда иборатанд аз:

★ дидаю дониста нишондоди бардурӯғ додани ҷабрдида ё шоҳид, хулосаи коршинос, ҳамчунин қалбакӣ будани далелҳои шайъӣ, протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва суд ва дигар ҳуҷҷатҳо ё дидаю дониста бардурӯғ тарҷума кардан, ки боиси қабули ҳукм, таъинот ё қарори ғайриқонунӣ ё беасос шудаанд ва бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар шудаанд;

★ аъмоли ҷиноятқоронаи таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор, ки боиси қабули ҳукм, таъинот ё қарори ғайриқонунӣ ва беасос шудаанд ва бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар шудаанд;

★ аъмоли ҷиноятқоронаи судяҳо, ки ҳангоми баррасии парвандаи мазкур содир кардаанд ва бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар шудаанд;

★ аз ҷониби Суди конституцсионӣ хилофи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудани қонуне, ки суд зимни баррасии парвандаи ҷиноятии мушаххас татбиқ намудааст;

★ ҳолатҳои дигаре, ки ба суд ҳангоми баровардани ҳукм, таъинот, ки худ ба худ ё якҷоя бо ҳолатҳои қаблан муқарраршуда дар бораи бегуноҳии маҳкумшуда ё дар хусуси аз тарафи ӯ содир шудани ҷинояти дигари дорои дараҷаи вазнин нисбат ба ҷинояте, ки барои он маҳкум шудааст ва ё оид ба гунаҳгор будани шахси сафедшуда ё шахсе, ки нисбат ба ӯ пешбурди парванда қатъ карда шудааст, шаҳодат медиҳанд ва онҳо дар натиҷаи санҷиш ва тафтиши бо тартиби пешбиникардаи моддаи 419 КМҶ ҶТ муқаррар ва дар хулосаи прокурор баён гардидаанд.

Ҳуқуқи аз нав сар кардани пешбурд бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав ба прокурор тааллуқ дорад, ба истиснои ҳолати аз нав дида баромадани ҳукм, таъинот ё қарори суд бинобар ҳолатҳои ошкор гардида, яъне пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё хулосаи прокурор доир ба зарурати аз нав сар кардани пешбурд аз рӯи парванда бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда бо тартиби зайл баррасӣ мегардад: дар бораи ҳукм, таъинот ва қарори суди ноҳия (шаҳр) аз ҷониби раёсати суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе; дар бораи ҳукм, таъинот ва қарори суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе, судҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷониби Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар бораи ҳукм, таъинот ва қарори судҳои ҳарбии гарнизонҳо аз ҷониби Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар бораи ҳукм, таъиноти дар марҳилаи аввал баровардашуда ва қарорҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати на дертар аз як моҳ аз лаҳзаи ворид шудани пешниҳод баррасӣ мегардад.

Қонун қоидаи хело муҳимро муқаррар мекунад. Гузаронидани тафтишоти парвандаро аз рӯи ҳолатҳои нав метавонад ҳам прокурор ва ҳам муфаттиш амалӣ гардонад.

Агар прокурор дар натиҷаи тафтишот асосҳоро барои бекор кардани ҳукми суд набинад ӯ истеҳсолоти парвандаи ҷиноятиро қатъ намуда, қарори асоснок мебарорад. Оиди қарори худ бояд ба шахсону ташкилотҳои ҳавасманд хабар диҳад ва фаҳмонад, ки онҳо метавонанд нисбати ин қарор ба прокурори болоӣ шикоят кунанд. Пас аз хотима додани тафтишоти ҳолатҳои аз нав ошкор шуда, ҳангоми мавҷудияти асосҳо барои аз нав баррасӣ кардани парванда, прокурор парвандаи худро ҳамроҳи хулоса ба мақомоти судии мувофиқ ирсол менамояд. Дар хулоса баҳодиҳии натиҷаҳои тафтиши парванда ва таҳлили ҳамаҷонибаи ҳолатҳои омӯхта шаванда оварда мешавад.

Пас аз муҳокимаи маводҳое, ки барои аз нав баррасӣ намудани парванда асос гардиданд, прокурор оиди асоснокии оғози парванда аз рӯи ҳолатҳои нави ошкоршуда хулоса иброз менамояд ва ба суд пешниҳод менамояд, ки суд аз рӯи парванда қарори мувофиқ барорад. Ҳангоми мавҷуд будани асосҳо суд дар марҳилаи назоратӣ ҳақ дорад, ки ҳангоми дида баромадани эътирози прокурор яке аз қарори дар қонун муқарраршударо барорад, аз ҷумла сабуккунии ҷазо, татбиқи қонун оиди ҷинояти сабуктар, аз байн бурдани қисмҳои алоҳидаи айбдоркунӣ, паст кардани андозаи даъвои граждани ва ҳамчунин дар ҳолатҳои муайян суд метавонад баррасии парвандаро аз ягон марҳилаи зарурӣ оғоз намояд. Яъне агар далелии муқарраршуда онро нишон диҳад, ки қарори суди инстансияи кассатсионӣ беасос аст, он гоҳ парванда барои баррасӣ аз марҳилаи кассатсиони ё барои аз нав дида баромадан ба суди инстансияи якум фиристода мешавад.

АДАБИЁТ:

1. Раҳматуллоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. –Хуҷанд: Хуросон, 2016.
2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №564 бо тағйироту иловаҳо то соли 2017. Сомонаи расмии www.mmk.tj.
3. Гуценко К.Ф. Уголовный процесс. -М., 2000.

ИШТИРОКИ ПРОКУРОР ДАР БАРРАСИИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

Дар мақолаи мазкур яке аз самтҳои муҳими назорати прокурорӣ, яъне иштироки прокурор дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Иштироки фаъолона ва касбии прокурорҳо дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ кафолати муҳими таъмини қонуният ва самаранокии истеҳсолоти

судӣ мебошад. Прокуроре, ки дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳо иштирок мекунад, моҳияти ҳуқуқӣ ва мавқеи иҷтимоии иштироки худро дар суд ҳамчун кафили асосии волоияти қонун дар амали гардонидани адолат аз руи парванда бояд дарк намояд ва иҷроиши сифатноки вазифаҳои худро таъмин намояд. Муаллиф дар асоси омӯзиши ва таҳлили адабиёти илмӣ муайян намуд, ки прокурор ҳамчун кафили волоияти қонун дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ ба сифати айбдоркунандаи давлатӣ иштирок намуда, дар доираи салоҳиятҳои худ айбдоркуниро аз номи давлат ба амал мебарорад.

Калидвожаҳо: прокурор; айбдоркунандаи давлатӣ; суд; баррасии судӣ; парвандаи ҷиноятӣ; маҷлиси судӣ; вазифаҳои прокурор.

УЧАСТИЕ ПРОКУРОРА В СУДЕБНОМ РАССМОТРЕНИИ УГОЛОВНЫХ ДЕЛ

В данной статье исследуется одно из важнейших направлений прокурорского надзора, а именно участие прокуроров в уголовном процессе. Активное и профессиональное участие прокуроров в рассмотрении уголовных дел является важной гарантией верховенства закона и эффективности судебного разбирательства. Прокурор, участвующий в рассмотрении уголовных дел в судах, должен понимать правовую природу и социальный статус своего участия в суде как главного гаранта законности при отправлении правосудия по делу и обеспечивать качество своих обязанностей. На основе изучения и анализа научной литературы автор определил, что прокурор, как гарант законности, участвует в судебном рассмотрение уголовного дела в качестве государственного обвинителя и осуществляет судебное преследование от имени государства.

Ключевые слова: прокурор; государственный обвинитель; суд; судебное рассмотрение; уголовное дело; судебное заседание; задачи прокурора.

PARTICIPATION OF THE PROSECUTOR IN THE COURT CONSIDERATION OF CRIMINAL CASES

This article examines one of the most important areas of prosecutorial supervision, namely the participation of prosecutors in criminal proceedings. The active and professional participation of prosecutors in criminal proceedings is an important guarantee of the rule of law and the effectiveness of judicial proceedings. A prosecutor participating in the consideration of criminal cases in courts must understand the legal nature and social status of his participation in the court as the main guarantor of legality in the administration of justice in the case and ensure the quality of his duties. Based on the study and analysis of scientific literature, the author determined that the prosecutor, as the guarantor of legality, participates in the judicial examination of a criminal case as a public prosecutor and carries out prosecution on behalf of the state.

Keywords: prosecutor; public prosecutor; court; judicial review; criminal case; judicial sitting; tasks of the prosecutor.

Сведения об авторе: ***Сафаров Зеваршо Сафарович***-Таджикский национальный Университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе. **Тел:** 937 36 96 96.

Information about the author: ***Safarov Zevarsho Safarovich***-Tajik national University, graduate student of Law Faculty. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city. **Phone:** 937 36 96 96.

ТАЪРИХИ ТАШАККУЛЁБИИ ГӮШ ВА САБТ КАРДАНИ ГУФТУГӮҲОИ ТЕЛЕФОНӢ

Тагоймуродов Б.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Гӯш ва сабт намудани гуфтугӯҳои телефонии шаҳрвандон дар шароити муҳити ҷиноятӣ, дар ҳама ҳолат воситаи самараноки ошкор намудани ҷиноят ба ҳисоб меравад. Дар давраи ҳокимияти Шӯравӣ гӯш ва сабт намудани гуфтугӯҳои телефонӣ ба таври васеъ татбиқ мегардид, бо мақсади «ошкор намудани душманони халқ», ҳарчанд, ки қонун пешбинӣ накарда бошад ҳам. Замоне, ки масъала оиди қонунигардонии гӯш ва сабт намудани гуфтугӯҳои телефонӣ ба миён омад, якқатор ҳуқуқшиносони машҳур аз манъи қатъи он ҷонибдорӣ намуданд, чунки дар шароити ҷомеаи демократӣ ин ғайри имкон мебошад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, соли 1990 дар Россия гӯш ва сабт намудани гуфтугӯҳои телефонӣ мақоми қонунӣ пайдо намуд, вале на ҳамчун ҳаракати тафтишотӣ. Дар аввал гӯш кардани маълумотҳои шифоҳӣ бо тариқи мустақим амалӣ карда мешуд, инчунин тавассути истифодаи дастгоҳҳои шунавоии инсон гузаронида мешуд. Норасоии ин амал дар он зоҳир мегардид, ки овози инсон дар масофаи на он қадар дур шунида мешуд.

Марҳилаи муҳим дар рушди гӯш ва сабт намудани гуфтугӯҳои телефонӣ ин коркарди дастгоҳе, ки ба инсонҳо имконият медод дар масофаи дур бо ҳам гуфтугӯ намоянд, ба ҳисоб меравад, ки бо пайдоиши телефон дар асри XIX алоқаманд мебошад. Аввалин бор дар таърих гуфтугӯи телефонӣ 10 марти соли 1876 ба қайд гирифта шудааст. Алоқаи байналмилалӣ соли 1883 байни Ню-Йорк ва Бостон кушода шудааст. Яъне, ин аввалин

қадамҳо дар роҳи ба вуҷуд омадани як ҳуқуқи шахс ба маҳрамияти гуфтугӯҳои телефонӣ ва минбаъд бо пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди технология, ин соҳа хело ҳам тараққӣ карда, имрӯзҳо ба ҳаводорони худ майдони беҳудуди техналогияи иттилоотиро пешниҳод намудааст. Дар баъзе ҳолатҳо аз мушоҳидаҳо бар меояд, ки ин техналогияҳои иттилоотрасон зидди худи инсоният ҳамчун восита хизмат менамояд. Бо вуҷуди гуфтаҳои боло зарурати дар доираи қонун маҳудуд намудани ҳуқуқи мазкур ва ба вуҷуд омадани як ҳаракати тафтишотии нав дар мурофиаи ҷиноятӣ гардид.

Дар робита ба пайдоши алоқаи телефонӣ, ғояи пинҳонӣ гӯш кардани он барои расидани ба мақсадҳои сиёсӣ, дипломатӣ, ҳарбӣ ба миён омад. Дар ибтидо барои ин ҳаракати тафтишотӣ воситаҳои техникӣ зарур набуданд. Масалан, дар Россияи подшоҳӣ онро бо таври оддӣ ҳал карда буданд, дар ҳар як истгоҳи телефонӣ шахсе таъин гардида буд, ки ҳар замон гуширо бардошта гуфтугӯҳоро мешунид. [8;11] Азбаски рушди илму техника ба пеш ҳаракат менамуд, дар натиҷаи он воситаҳои техникии гӯшкунии пинҳонии гуфтугӯҳои телефонӣ ба вуҷуд омад. Ибтидои истифодаи дастгоҳҳои гӯшкуниро директории департаменти полиси шоҳӣ С.П. Белецким амалӣ намуд, ки аз хориҷа якчанд дастгоҳи гушкуниро оварда буд. Бо фармони ӯ дастгоҳҳои овардашударо дар бинои Фраксияи болшевикӣ гузошта шуд.

Ибтидои ин ҳаракати тафтишотӣ дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо низ ба асри XIX рост меояд, ки худи аввалин телефони мобилӣ ва техникаҳо барои гӯш намудани он дар ин давлатҳо пайдо шудааст. Бори аввал истифодаи гӯш намудани телефон дар Англия ва Британияи Кабир ба соли 1886 рост меояд, бо мақсади ҳифзи шоҳ ва сарони давлатҳои онҳо ва муқаррар намудани мухолифони норозӣ аз ҳокимиятдории онҳо ва нест намудани онҳо истифода мешуд. Пас аз инқилоби октябр дар Россияи подшоҳӣ назорат ба алоқаи телефонӣ пурзур гардид. Моҳи декабри соли 1918 муқаррарот дар бораи сензураи ҳарбӣ тасдиқ карда шуд, ки назорати сахтро ба тамоми маҳсулоти чопӣ, радио, телеграф ва телефон, махсусан нисбати гуфтугӯҳо ба шаҳрҳои дигар пешбинӣ менамуд. [9;337]

Таърихи ин марҳила бо муборизаи тезу тунд барои ҳокимият махсусиятнок мебошад, ки дар шароити дасисаву фитнаҳои пинҳонӣ бурда мешуд. Ҳокимияти болшевикӣ аз суиқасди муқобилони инқилоб меҳаросид, аз ин рӯ нисбати онҳо чораҳои шадидро истифода мебурд. Дар ҳамин баробар гӯшкунии гуфтугӯҳои телефониро тақвият мебахшид. Ҳамин тавр моҳи майи соли 1921 шуъбаи махсуси техникӣ ташкил дода шуд ва салоҳияти дар қатори ҳифзи махфият ва сири давлатӣ, гӯш кардани гуфтугӯҳои сафоратхонаҳо ва дигар муассисаҳои муҳим низ ворид мегардид. Барои ҳалли вазифаи гӯшкуни шуъбаи зикршуда бинои махсусро доро буд.

Дар минбаъда низоми умумии ҷамъоварии маълумоти сиёсӣ бо роҳи гӯш намудани гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо фаррох гардид. Дар робита бо ин дар фармони Комисари Халқии корҳои дохилии ИҶШС аз 29 декабри соли 1939 чунин қайд гардида буд: «Гуфтугӯҳои телефонии ҳамаро бе истисно намудан, чи кормандони сафоратхонаи байналмилалӣ ва чи мухбирони хориҷӣ зери назорат гиред, бо роҳи сабти гуфтугӯҳо ва стенографӣ». Дар инкишофи фармони мазкур моҳи декабри соли 1940 муовини комисари халқии корҳои дохилии ИҶШС дастурамалро оиди гӯш ва сабти гуфтугӯҳо дар тамоми ҳудуди ИҶШС тасдиқ намуд. Назорат ва гӯшкунии мазкур дар минбаъда таҳти мафҳуми шартии-литер «Н» номгузорӣ гардид. [1;5]

Ташаккули минбаъдаи низоми гӯш ва сабти гуфтугӯҳои телефонӣ дар тамоми ҳудуди ИҶШС аз соли 1973 ба салоҳияти истисноии КГБ (Кумитаи Давлатии Амнияти Миллӣ) додани чорабинии мазкур мебошад. Масъала оиди иҷозатдиҳӣ барои гӯш намудани гуфтгӯҳои шаҳрвандонро (ба истиснои дараҷаи муайяни мансабдорон) шахсан роҳбарони мақомоти амниятӣ давлатӣ ҳал менамуданд. Зиёда аз ин солҳои 60-70 асри XX Прокурори Генералии ИҶШС якчанд маротиба фармонҳо баровард, ки дахолати пркурорҳо ва муфаттишонро ба фаъолияти мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ манъ менамуд.

Аз соли 1971 оғоз намуда муассисаҳои экспертӣ аввалин маротиба экспертизаи фоноскопиро вобаста ба натиҷаҳои сабти гуфтугӯҳои телефонӣ мегузаронидand. То соли 1991 онҳо танҳо дар муссисаи экспертии ВКД ИҶШС ва Вазорати Адлияи ИҶШС мегузаронидand. Баъдан дар тамоми ҳудуди ИҶШС дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҳамаги 40 муссисаи экспертии фоноскопӣ ташкил карда шуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муассисаи экспертӣ аввалин маротиба дар аввалҳои соли 1991 дар назди Вазорати Адлия

амал намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то соли 1991 аъзои иттифоқии ИҶШС буд, дар ҳудуди давлати мо низ қонунҳо, фармонҳо, дастурамалҳои қабулнамудаи ИҶШС амал менамуд ва то соли 1991 бо вуҷуди қонунҳои миллии қабулнамудаи ҳудудии ҶТ афзалият ҳангоми татбиқи меъёри қонун, ба меъёрҳои қонуни иттифоқӣ, ки аз ҷониби ИҶШС қабул мегардид, дода мешуд. Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ аз 9-сетябри соли 1991 ва соҳибихтиёр гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми фазои ҳуқуқӣ ва қонунии кишвар аз сари нав бо меъёрҳои ҷомеаи демократӣ рӯ ба рушд ниҳода тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бо қонунҳои миллӣ, бо манфиат ва ҳадафҳои миллӣ мавриди танзим қарор гирифт.

Аз ҷумла, дар ҶТ гӯш ва саб намудани гуфтугӯҳои телефонӣ бори аввал дар Қонуни ҶТ «дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 28-декабри соли 1993 №922 мавриди танзими қонунӣ қарор гирифт. Мувофиқи қонуни мазкур гӯш ва сабт намудани гуфтугӯҳои телефонӣ на ҳамчун ҳаракати тафтишотӣ балки ҳамчун ЧОҶ мавриди танзим қарор гирифта буд. Мувофиқи моддаи 6, қ.2, б.11 қонуни мазкур бори аввал «назорат намудани гуфтугӯҳои телефонӣ ва ғ.» муқаррар шуда буду бо иҷозати прокурор анҷом дода мешуд. Бояд қайд кард, ки ин тамоми муқаррароте буд, ки қонун дар худ муқаррар намуда буд. Баъд аз 5 соли амали қонун бори дигар 23 майи соли 1998 №651 Қонуни ҶТ «дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» дар таҳрири нав қабул гардид. Қонуни мазкур як қатор муқаррароттҳои меъёрии навро дар хусуси гӯш ва сабт намудани гуфтугӯҳои телефонӣ муқаррар намуда буд, аз қабили дар моддаи 1 қонун муқаррар шудани мафҳуми гӯш ва сабт намудани гуфтугӯҳои телефонӣ, мувофиқи м.6, қ.1, б.11 дар муқаррароти нав «гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар гуфтушунидҳо» муқаррар шуд, инчунин асосҳои татбиқи чорабинии мазкурро низ мвофиқи м. 7 муқаррар гардид.

Қонунҳои қабулгардида асоси қонунии татбиқи амали тафтишотии мазкурро то қабули КМҶ ҶТ дар таҳрири нав, танзим менамуд. Билохира, КМҶ ҶТ дар таҳрири нав 3 декабри соли 2009 қабул гардида, аз 1 апрели соли 2010 мавриди амал қарор гирифт, ки амали тафтишотии мазкур танзими мурофиавӣ ҳаракати тафтишотии худро ёфт. КМҶ ҳаракати тафтишотии гӯш ва сабт намудани гуфтугӯҳои телефонро бевосита дар боби 22 моддаи 196 муқаррар намуд, ки тамоми паҳлуҳои мурофиавии он дар моддаи мазкур танзими худро ёфтааст. Бояд қайд карда, ки то қабули КМҶ ҶТ дар таҳрири нав ҳаракати тафтишотии мазкур бо супориши муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва суд оид ба парвандаҳои ҷиноятии дар пешбурдашон қарордошта аз ҷониби воҳидҳои оперативӣ анҷом дода мешуд.

АДАБИЁТ

1. Гаврилин Ю.В., Дубоносов Е.С. Использование контроля и записи телефонных и иных переговоров в раскрытии и расследовании преступлений: Учебное пособие. ЮИ МВД РФ, Книжный Мир. М., 2003.
2. Дастурамали Прокуратураи Генералии ҶТ “Дар бораи назорати прокурорӣ ба риояи қонунгузорӣ оид ба гӯш ва сабт намудани гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо дар ҷараёни баамалбарории фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ”- Душанбе, 2012;
3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ, 1-апрели соли 2010.
4. Комментарий УПК РФ (постатейный) (под общей ред. В.И. Радченко) - М.: Юстицинформ, 2004. Справочная правовая система «Гарант».
5. Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, 16-декабри соли 1966.
6. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6-ноябри соли1994.
7. Қонуни ҶТ «дар бораи алоқаи барқӣ», 23-апрели соли 2002.
8. Панченко М.В., Кояпакиди Л.А. Уши Лубянки // Версия. М. 2001.
9. Рууд Ч А., Степашин С.А. Фонтанка: Политический сыск при царях. М., 1993.
10. Тафсири илмиву омавии Конституцсияи ҶТ- Душанбе, 2009;
11. Фармони якҷояи Вазорати корҳои дохилии ҶТ ва Хадамоти алоқи назди Ҳукумати ҶТ «Дар бораи ҳамкории Вазорати корҳои дохолии ҶТ ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ ҷиҳати дохил намудани тартиби воситаҳои техники оид ба таъмини ЧОҶ дар шабакаҳои алоқаи барқӣ» 8-ноябри соли 2011;

ТАЪРИХИ ТАШАККУЛЁБИИ ГӮШ ВА САБТ КАРДАНИ ГУФТУГӮҲОИ ТЕЛЕФОНӢ

Дар мақола пайдоиш ва рушди гӯш ва сабт намудани гуфтугӯҳои телефонӣ ҳамчун ҳаракати тафтишотӣ дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Таҳлили моддаи 196 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ" ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии "Гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ" анҷом дода шуда, хусусиятҳои умумии онҳо муайян гардидаанд. Дар интиҳо гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун амали тафтишотӣ муайян карда шудааст, ки байни онҳо тафовути ҷиддӣ аз нигоҳи мантиқи ташкил ва ҳам мавзӯи татбиқи он (воҳидҳои оперативӣ) ва усули татбиқи он (паси парда) вуҷуд надорад. Барои инкишофи

қонунгузории мурофиавӣ се вариант пешниҳод карда мешавад, ки имконоти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро оид ба исботи парвандаҳои ҷиноятӣ васеътар мегардонад.
Калидвожаҳо: мурофиаи ҷиноятӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, назорат ва сабти сӯҳбатҳо, гӯш кардани суҳбатҳои телефонӣ

ИСТОРИЯ РАЗВИТИЯ ПРОСЛУШИВАНИЯ И ЗАПИСИ ТЕЛЕФОННЫХ РАЗГОВОРОВ

В статье анализируется возникновение и развитие контроль и запись переговоров как следственное действие в УПК Республики Таджикистан. Проводится анализ статьи 196 Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан «Контроль и запись переговоров» и оперативно-разыскного мероприятия «Прослушивание телефонных переговоров», выделяются их общие черты. Делается вывод, что между ними нет существенных различий и идет перенос оперативно-разыскного мероприятия в уголовный процесс в качестве следственного действия как по логике построения, так и по субъекту его осуществления (оперативные подразделения) и методу проведения (негласно). Предлагается три варианта развития процессуального законодательства, шире использующего возможности оперативно-разыскной деятельности в доказывании по уголовным делам.
Ключевые слова: уголовный процесс, оперативно-разыскная деятельность, контроль и запись переговоров, прослушивание телефонных переговоров.

THE HISTORY OF THE DEVELOPMENT OF WIRETAPPING AND RECORDING OF TELEPHONE CONVERSATIONS

The article analyzes the emergence and development of control and recording of negotiations as an investigative action in the Code of Criminal Procedure of the Republic of Tajikistan. Analysis of article 196 of the Code of Criminal Procedure of Tajikistan: “Monitoring and recording of conversations” and operational search event “Listening to telephone conversations” are their common features. It is concluded that there are no significant differences between them and there is a transfer of operational search event in the criminal process as an investigative action, as the logic of construction, so the subject of its implementation (operational units) and the method of (behind the scenes). Three options for the development of procedural legislation, wider use of operational and search activities of proof in criminal cases.
Keywords: criminal procedure, operational and search activities, monitoring and recording of conversations, wiretapping.

Сведения об авторе: ***Тагоймуродов Бехруз Рустамович*** – Таджикский национальный университет. магистрант второго курса юридического факультета **Адрес:** 734025, Республика Таджикистанг, город Душанбе, проспект Рудаки,17

Information about the author: ***Taghoymurodov Behruz Rustamovich*** – Tajik National University second-yeasr master`s studentof department of Law **Adress:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17

ТАШРИФОТ ДАР МАВРИДИ ОҒОЗИ МАЪМУРИЯТИ ДИПЛОМАТӢ

Умархел М., Шерзод Ё.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дипломатия ва ташрифот ё протокол чунон ба ҳам омехтаанд, ки наметавон онҳоро аз ҳам ҷудо кард. Ташрифот ҷузъе аз дипломатия аст ва дар батни он ҷой дорад. Аз назари таърихӣ эҳтимолан ташрифот бо дипломатия шакл гирифта, нахустин бор, ки намоянда ё паёмоваре аз сӯйи як султон ба ҳузури султони дигар пазируфта шуда, бо ташрифот ҳамроҳ будааст. Хусусияти ташрифот ин аст, ки кори дипломатҳоро осон мекунад. Амалу шуғли дипломатия ниёз ба муҳити расмӣ ва ором дорад. Ташрифот ба мулоқотҳо, музокирот, зиёфатҳо, мусофиратҳо ва диду боздидҳо ҷанбаи расмӣ медиҳад ва тааҳҳудот эҷод мекунад. Ташрифот ҳифзкунанда ва муҷрии масуниятҳо ва мазоёии дипломатҳо мебошад ва ташрифот бо дипломатия ҳамроҳ аст. Монанди наҳваи нишасту бархост, диду боздид, ширкат дар ҷашнҳо ва азодориҳо, инъиқоди қарордодҳо, тақдими устуворномаҳо ва ғайра. Хулоса, дар зиндагии шуғлӣ ва хусусии дипломатҳо ташрифот дахолат дорад, таклифро равшан мекунад ва дастур медиҳад.

Ташрифот фанне мебошад, ки бояд ҳамаи дипломатҳо биомӯзанд. Аксари қавоиду русуми ташрифот байналмилалӣ ва урфӣ аст ва аз қабл таъйин шудаанд. Ҳеҷ давлате набояд ба майли худ дар он дахл ва тасарруф кунад, магар дар ҳадде, ки муҷоз аст ва урфи ташрифотӣ ҳудуди онро дар салоҳияти давлатҳо медонад. Лозим ба ёдоварист, ки ҳамеша давлатҳои инқилобӣ дар оғоз бо ташрифот ба муборизa бархестаанд, аммо ба мурури замон ба лузуми он пай бурда, аз он пайравӣ кардаанд. Ба унвони мисол, ҳукумати Чин пас аз

инқилоб ба муддати бист сол кӯшид, то ташрифотро дар он кишвар канор гузорад. Вале, билохира онро муҷаддадан пазируфт ва дар ташрифот ба дигар кишварҳо пайваст. Яъне, метавон гуфт, ки дипломатия бидуни ташрифот мутасаввир нест. Қавоиди ташрифотӣ ҳатто дар равобити давлатҳои душман ва дар ҳоли ҷанг низ бояд риоя карда шавад. Гарчи хилофи он низ дар солҳои охир дида шудааст. Масалан, ишғоли сафоратхонаҳои хориҷӣ дар Қувайт тавассути сарбозони давлати Ироқ, нақзи қавоиди байналмилалӣ ва мусавваботи Конвенсияҳои Вена буд.

Мароҳили оғози маъмурияти дипломатӣ. Оғози маъмурияти сафирону вазирони мухтор ва касоне, ки ҳаммақоми онон ҳастанд ва ба маъмурияти доимӣ эъзом мегарданд, мусталзами ташрифот ва мароҳили хосе мебошад. Чунин мароҳилу ташрифот, ки ба таърихи оғози хизмати сафирону вазирони мухтор марбут мешавад ва он ҳам иртибот ба таърихи таслими устуворномаҳо дорад. Бинобар ин, назар ба аҳамияти масоили марбут ба устуворномаҳо, мо дар дунболи ин мабҳас мавзӯи зерро чанд унвон – пазириш; устуворномаҳо; таслими устуворномаҳо ва таърихи оғози маъмурияти сафирон ва вазири мухтор мавриди баррасӣ қарор медиҳем [4;177]. Дар гузашта ташрифоти дипломатӣ бисёр зиёду печидатар аз имрӯз буд, зеро то авоили қарни ҳозир бештари кишварҳо салтанатӣ буданд ва ташрифот ҳам аз мулзамоти дастгоҳи салтанат буд. Вале бо мурури замон ва бо табдили шакли ҳукуматҳои салтанатӣ ба ҷумҳурӣ ва шӯроӣ дар саросари ҷаҳон, батадриҷ аз ташрифот низ коста шуд ва маросим содатар гардид. Давлатҳои коммунистӣ ва инқилобӣ то муддатҳо бо ташрифот мухолифат мекарданд. Солҳои баъд ҳамин кишварҳои инқилобӣ ва коммунистӣ дубора ба қавоиду муқаррароти ташрифотӣ рӯ оварданд ва ҳатто дар ин маворид эҳтироми онон ба усули ташрифот ва назокати дипломатӣ беш аз бисёр аз кишварҳои ғарбӣ буд.

Дар авоили инқилоби Эрон низ мавҷе дар мухолифат бо ташрифот бархест ва ҳатто яке аз мақомҳои консулии Эрон дар хориҷ тайи номае ба Вазорати умури хориҷӣ чунин пешниҳод карда буд: «Идораи ташрифот» мунҳал ва ба ҷойи он «Идораи зидди ташрифот» таъсис гардад. Табиист, ки ин аксуламал ба хотири истинботи ғалате аст, ки оммаи мардум аз ташрифот доранд.

Мавриди зикр аст, ки давлати Чин, ки пас аз инқилоб муддати наздик ба сӣ сол саъй дошт ташрифотро канор гузорад, билохира муқаррароти ташрифотиро дар сатҳи байналмилалӣ пазируфт ва инъикоси он дар тарзи либос пӯшидан ва рафтори намояндагони он кишвар дар хориҷ зоҳир гардид. Ташрифотгар мумкин аст шакли зоҳирияш тағйир кунад, вале моҳияти он ҳамчун ташрифот боқӣ мемонад [5;17-18].

Душвориҳои ташрифоти дипломатӣ. Аз хусусиёти ташрифот он аст, ки агар хуб баргузор шавад, вуҷудаш маҳсус нест, вале агар кӯчактарин саҳв ё хатоӣ дар ҷараёни он рӯй диҳад, тамоми тадобири ташрифотиро хадишадор мекунад, ки маъмулан ҳам қобили ҷуброн нест. Ба ҳамин далел, пардохт ба умури ташрифотиро бояд яке аз душвортарин ҷанбаҳои амалии дипломатия ба шумор овард.

Ҳар гоҳ маросим тибқи қоида анҷом гирад, ё зиёфате бидуни эрод баргузор шавад, ҷалби таввaҷуҳи касеро намекунад. Вале, агар сангин будани трафики шаҳрӣ муҷиби таъхири ҳузури шахсияте дар маросим бошад ва барномаи маросим дучори ихлол гардад ва ё агар дар зиёфати расмӣ бар асари иштибоҳи ошпазе ғизо шӯр шавад ва ё пешхидмате ҳангоми омодда кардани ғизо чанд қатра бар сару либоси меҳмоне бирезад, ҳамаи изҳону интиқодот мутаваҷҷеҳи дастгоҳи ташрифот мешавад. Дар гузашта ҳам шуғли ташрифот масъулияти сангине буд ва маъмурони ташрифот дар маърази муҷозоти тақсири дигарон будаанд [5;23].

Сафирон бартарин намояндагони кишвари матбуашон дар як кишвари дигар ҳастанд ва ин қудратро доранд, ки ба унвони намояндаи аслии кишварашон амал кунанд ва аз мавзеи қудрат аз сӯйи кишварашон сухан бигӯянд. Ба унвони нахустин гом ва оғози масъулиятҳояшан бояд тавассути вазири умури хориҷӣ ё раиси ҷумҳур, ки ба он муаррифӣ шудаанд, мавриди пазириш ва таъйиди устуворнома қарор гиранд. Онҳо аз ин иқбол бархӯрдоранд, ки бо болотарин мақомоти тасмимгирандаи кишвари мизбон дидор дошта бошанд. Дипломатҳои дорои сутӯҳи поинтар ба сутӯҳи поинтаре аз давлатмардони кишвари мизбон дастрасӣ доранд ва метавонанд бо онҳо музокира кунанд.

Бозгардондани як сафир ба кишвари матбӯаш нишонаи он аст, ки давлати бозгардондаи сафир тасмим гирифтааст, то дигар ба шакли мустақим бо мақомоти болоии

тасмимгирандаи кишвари мавриди назар робитае вуҷуд надошта бошад. Аммо, метавон аз дигар васоил барои мутаассир кардани онҳо низ баҳра бурд. Кишваре, ки ба хориҷ кардани сафири худ аз як кишвари дигар тасмим гирифтааст ва мехоҳад сатҳи равобити дипломатии худро бо он кишвар поин оварад, бояд васоили дигари дастрасии худро барои зери таъсир қарор додани тасмимҳои ҳукумати давлати дигар мавриди истифода қарор диҳад ва бояд ба ин мавзӯъ низ таввaҷуҳ кунад, ки оё ин васоил ба ҳамон мизон ки иртиботи мустақим бо тавоноияш доранд, муассиранд ва метавонанд сутӯҳи болоии тасмимгирӣ дар кишвари муқобилро таҳти таъсир қарор диҳанд ё не? Ҳамчунин, ин мавзӯъ низ бояд дар назар гирифта шавад, ки чӣ гуна метавон равобити қатъшударо дар сурати тамоюлу зарурати дубора барқарор кард? Дар набудани як сафир, сафоратхона ба ҷонишини сафир ё кордор (дар сурате ки набудани сафир муваққатӣ аст, кордор ҳам муваққатӣ аст) супурда мешавад.

Кордорон низ намояндагони сиёсӣ мебошанд, вале аз ҳайси дараҷа поинтаранд ва дар ҳукми вузарои умумӣ ҳастанд. Зеро ҳамвора ба ниёбат аз руасои ҳайатҳои сиёсӣ ҳангоми бурузи ихтилофоти ногаҳонӣ ё низоъ байни ду кишвар ба анҷоми вазифа мепардозанд ва ин амр аз он рӯ аст, ки бозгашти сафири кабир ва вазири мухтор дар он шароит сахт ва душвор буда ва ё ба маслиҳати кишвари эъзомкунанда намояндаи сиёсӣ набошад [2;163-164].

А) **Пазириш.** Муқаррароти марбут ба интихоб ва номзад кардани шахс ба унвони сафир ё вазири мухтор аз қаламрави ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дипломатӣ хориҷ аст.

Ҳар давлат бинобар қавонин ва муқаррароти дохилӣ метавонад ҳар касеро, ки бихоҳад ба яке аз ин мақомот баргузинад. Вале шахсеро, ки баргузида аст, наметавонад ба унвони намояндаи худ ба кишвари дигар маҷбурӣ мавриди пазириш қарор дод. Аз ин замон ҳуқуқи дипломатӣ вориди амал мешавад. Давлати фиристанда, яъне давлате, ки мехоҳад намояндаи худро дар сатҳи табақаи аввал ва дувуми руасо намояндагӣ (мундариҷ дар моддаи 14 Конвенсия) ба кишвари дигар эъзом дорад, бояд барои касе, ки номзади сафорат ё вазири мухтор аст, аз давлати ин кишвар (давлати пазиранда) пазириш бихоҳад.

Нуктаи бисёр муҳиме, ки дар заминаи пазириш бояд ёдоварӣ кунем, ин аст, ки аз марҳалаи муаррифии номзадии шахс барои раёсати намояндагии дипломатӣ то расидани посухи мувофиқ (додани пазириш) ин иттилоот бояд аз тарафи давлати номзадкунанда ва давлати пазиришдиҳанда ба куллӣ маҳрамона боқӣ бимонад. Далел ин аст, ки дар сурати ифшои ном рад кардани тақозои пазириш, аз як тараф, муҷиби латма бар ҳайсияти шахси намоянда аст ва аз тарафи дигар, интишори хабар қабл аз мавқеъ давлати пазирандаро дар додани посух дар маҳзур қарор медиҳад ва ин барои ҳеҷ давлат матлуб нест ва ба ҳамин ҷиҳат давлатҳо дар махфӣ мондани хабар дар ин фосилаи замонӣ таассуб ба харҷ медиҳанд ва ҳатто интишори бемавқеи хабар мумкин аст далел барои адами пазириш гардад. Посухи мувофиқи давлати пазирандаро доир ба пазируфта шудани намояндаи дипломатӣ, ки аз тарафи давлати фиристанда пешниҳод шудааст, истилоҳан пазириш ё эгримент (Agreement) мегӯянд. Хосатан, назари мувофиқи давлати пазиранда дар мавриди пазируфтани раиси намояндагии дипломатӣ дар сатҳи сафорату вазири мухтор то гузаштаи наздик аз қоидаи урфии байналмилалӣ ва мубтанӣ бар назокат буд, вале имрӯз бо ғунҷонида шудан ва тасреҳи он дар Конвенсияи Вена (1961) ба сурати қоидаи ҳуқуқии мудавван даромадааст.

Дар банди аввали моддаи чаҳоруми Конвенсияи Вена (соли 1961) чунин омадааст: «Давлати фиристанда бояд итминон ҳосил кунад, ки барои шахси номзад шуда ба унвони раиси намояндагӣ аз тарафи давлати пазиранда пазириш дода шудааст». Барои хостани пазириш тариқи хосе нест, мумкин аст аз тариқи кордори муваққат дар кишвари пазиранда ё худ раиси намояндагӣ, ки маъмурияташ ба поён расида истодааст ё тавассути намояндагии кишвари пазиранда дар кишвари фиристанда ва ё аз тариқи дигар пазириш хоста шавад. Ҳамроҳ бо тақозои пазириш тарҷумаи ҳоли шахси номзад, ки дарбаргирандаи фаъолиятҳо ва машоғили қаблӣ ва феълии ӯ бошад, бояд ҳамроҳ карда мешавад. То вусули пазириш, гузиниш ва номзадии намоянда расмият нахоҳад дошт. Аслан, пазириш барои он аст, ки қаблан итминон ҳосил шавад, ки шахси мавриди назар дар кишваре, ки фиристода мешавад, назари мақомоти маҳаллӣ нисбати ӯ мувофиқ аст ва метавонад дар муҳити мусоид вазоифи худро анҷом диҳад ва ин дар ҳақиқат барои ҷилавгирӣ аз авоқиби як интисоб номатлуб аст. Ҳар давлат ҳақ дорад шахсеро, ки ба унвони намояндаи кишвари дигар пешниҳод мешавад, напазирад ва ин инъикосе аз ҳаққи истиқлоли давлатҳо мебошад.

Тавре маълум мегардад, дар ин матн зикре аз пазириш ё пазируфтан нашуда, балки адами мухолифат ба таври сареҳ ба ҷойи он омадааст. Ба ҳар ҳол, адами мухолифат ба таври сареҳро бояд ба унвони пазириш талаққӣ кард ва он ҳам бояд мутобиқ бо пешниҳоди қаблӣ бошад, ки давлати фиристанда шахсеро ба унвони намояндаи худ муаррифӣ намояд ва иттилооти лозимро (тарҷумаи ҳол) дар бораи ӯ бидиҳад. Бо вуҷуди қайди пазириш, давлатҳо бояд дар гузиниши намояндагони дипломатии худ дар сатҳи сафиру вазири мухтор диққати лозим зоҳир намоянд ва бо таввақуҳ ба мақоми волое, ки намояндагони давлат дар кишварҳои дигар доранд ва бо таввақуҳ ба масъулиятҳо онҳо ҳангоми интихобу пешниҳоди онон мақом, шахсият, тарбият, маълумот, таҷриба, қобилияти эътимод ва бисёре аз нукоти дигарро мавриди таввақуҳ қарор диҳанд [4;18-178].

Ба муҷиби моддаи 6 Конвенсияи Вена, давлати фиристанда дар интихоби кормандон ё ҳайати намояндагӣ озод аст ва давлати пазиранда метавонад ному насаби вобастаҳои низомӣ, дарёӣ ё ҳавоиро қаблан барои тасвиб бихоҳад. Имрӯз қоидаи ҳуқуқие, ки бар асоси он ҳайатҳои дипломатӣ мубодила мешаванд, мувофиқати дуҷонибаи кишвари фиристанда ва кишвари мизбон аст. Ағлаб шароитеро, ки бар фаъолиятҳои ҳайати дипломатӣ назорат мекунад, муайян хоҳад кард. Албатта, ин шароит набояд аз ҳудуди муқаррарот ва усули урфии ҷории байналмилалӣ хориҷ шавад [1;100-101].

Устуворнома: Letter of credence or credential. Устуворнома санади расмии дипломатӣ мебошад, ки бо имзои раиси давлати фиристанда ба раиси давлати пазиранда содир мегардад. Устуворнома ба далели анъанаҳои таърихӣ ва дипломатия маҳфуз монда, ҳеҷ гуна тағйир ё таҷдиди назаре дар он аъмол нашудааст, аммо баъзан равиши таҳрири он мутафовит аст. Устуворномаҳоро бо даст рӯйи варақи муқаввои захиме, ки нишони расмии кишвар бар он нақш бастааст менигоранд. Ин санадро ба забони расмии кишвари фиристанда менависанд ва маъмулан бо тарҷумаи фаронсавӣ ё англисӣ ё арабӣ низ ҳамроҳ аст. Матни устуворнома шомили ин маворид аст: ному насаби сафир ё вазири мухтор ва мақому рутбаи сиёсии вай; сабаби интихоби вай; маъмурияти вай; дархости таъйид ва ҳамкорӣ ва тасҳили анҷом додани маъмурияти вай; имзои раиси давлати фиристанда; имзои вазири умури хориҷа. Омода кардани устуворнома ба зиммаи идораи ташрифоти раёсати ҷумҳур ва Вазорати умури хориҷа мебошад. Бинобар ин, дар устуворнома шахси ба унвони намояндаи доимӣ, сафир ё вазири мухтор фиристодашаванда бо зикри ном, алқоб ва мақом ба раиси кишвари пазиранда муаррифӣ мешавад. Дар ин навишта ихтиёроте, ки ба намоянда дода шудаанд, зикр мегарданд. Зимнан, дар матни устуворнома раиси кишвари фиристанда алоқаи худро ба ҳифзу густариши равобити ҳасана бо раиси давлати пазиранда иброз медорад.

Устуворнома, ки ба забони англисӣ Letter of credence or credential ва дар забони фаронсавӣ letters of creance ба кор меравад ва дар гузашта ба он истилоҳан эътиборнома ё эътимоднома мегуфтанд, дар мавриди руасои намояндагиҳои табақаи аввалу дувуми моддаи 14 Конвенсияи Вена ба кор меояд. Устуворнома дар ду нусха (асл ва рӯнавишт) таҳия мешавад ва нусхаи рӯнавиштро шахси намоянда пас аз вуруд ба сарзамини кишвари пазиранда дар аввалин мулоқоти худ бо вазири умури хориҷа ба ӯ медиҳад ва нусхаи аслӣ дар лифофа мамҳур аст, ки намоянда тайи ташрифоти хос, ҳангоми шарафёбӣ ба ҳузури раиси кишвари пазиранда ба вай таслим мекунад ва раиси давлат лифофаро мекушояд [3;36-39]. Устуворнома ба раиси маъмурият дода мешавад, ки маъмурияти ӯро назди раиси давлати пазиранда исбот менамояд. Устуворномаро эътиборнома ё номаи муаррифӣ низ мехонанд ва шеваи нигориши онҳо то андозае маснӯъ ва музайян аст.

Таслими устуворнома. Таслими устуворнома шароит ва ташрифоти хос дорад. Сафири тозаворид бояд худро ба вазири умури хориҷаи кишвари пазиранда муаррифӣ кунад ва рӯнавишти устуворномаи худро ба ӯ бидиҳад. Баъди таърихи таслими асли устуворнома аз тарафи Вазорати умури хориҷӣ ба ӯ иттилоъ дода мешавад ва дар он таърих бо ташрифоти хос назди раиси кишвари пазиранда пазируфта мешавад ва асли устуворномаи худро ба ӯ таслим менамояд. Ташрифоте, ки барои таслими устуворнома ба раиси кишвари пазиранда маъмул аст, дар ҳамаи кишварҳо мушобеҳ ва якнавохт нест ва ҳар давлат дар тартиб додани ин ташрифот озод аст. Вале барои он ки табъизе байни сафирони кишварҳои мухталиф нашавад ва нисбат ба яке ташрифоти бештару беҳтар аз дигарон иҷро нагардад, ки муҷиби адами ризоияти дигарон шавад, Аҳдномаи Вена дар моддаи 13 ва 18 муқаррар доштааст, ки кулли ташрифоти марбут ба таслими рӯнавишти устуворнома ба вазири умури хориҷӣ ва

асли он ба раиси кишвари пазиранда, бояд барои кулли руасои маъмурияти дипломатӣ (сафир, вазири мухтор) яксон бошад. Ба ин тартиб, ташрифоте, ки дар як кишвар барои таслими устуворномаи сафир муқаррар аст, барои ҳамаи сафирон дар он кишвар комилан мушобеҳ бояд бошад, бидуни таввақуҳ ба аҳамият ё кӯчакии кишваре, ки сафирро эъзом намудааст. Агарчи кишварҳо дар таъйини ин ташрифот машрут ба ин ки дар бораи ҳамаи руасои маъмурияти дипломатӣ бар ҳасби дараҷаи онҳо мушобеҳ бошад озоданд, вале ба муҷиби русум ва қоидаҳои аслӣ ва куллӣ ин ташрифот дар ҳамаи кишварҳо яксон шудааст.

Мумкин аст як давлат як шахси муайянро дар чанд кишвар ба унвони раис ё узви маъмурияти дипломатии худ маъмур кунад ва ё чанд давлат як нафарро ба унвони раиси маъмурияти дипломатии худ ба як кишвар бифиристанд. Иллати интихоби ҳар як аз ин ду равия ғолибан мушкилоти молии давлатҳои фиристанда ё адами равобит дар ҳадди кофӣ ё аҳёнан камбудии ашхоси салоҳиятдор барои самти раёсати дипломатӣ аст. Равияи аввал бар хилофи равияи дувуми бисёр маъмул аст. Сафире, ки маъмур дар чанд кишвар аст, дар яке аз онҳо муқим ва бар ҳасби зарурат ва тақозо дар мавоқеи лозим ба кишварҳои дигари маҳалли маъмурияти худ барои чанд муддате, ки лозим бидонад, сафар мекунад. Табиист, ки кишварҳои пазиранда на фақат нисбат ба шахси муайяншуда ҳар як ҷудогона бояд пазириш дода бошанд, балки усулан нисбат ба ин тартиб низ қаблан ба мувофиқа оянд, зеро мумкин аст ҳассосияти баъзе кишварҳои пазиранда нисбат ба ҳам монеи қабул ва бархӯрди муносиб бо ин тартиб бошад [6;48-49].

Ташрифоти марбут ба вуруди раиси маъмурият. Ҳангоми вуруд ба маҳалли маъмурият ҷиҳати тасаддии вазоифи хеш раиси ташрифот (ё муовини ӯ) аз вай истиқбол хоҳанд кард. Бо ин ҳол, дар сурати тақоруни вуруди ӯ бо як таътили миллӣ ё мазҳабӣ (дар шумори фазояндае аз кишварҳо) ё тайи таътилоти охири ҳафта ё дар соатҳои аввали субҳ ё охири шаб, ташрифоти мазбур сурат нахоҳад гирифт. Вай билофосила пас аз вуруди хеш матлаъ хоҳад сохт ва аз вазири хориҷаи кишвари маҳалли маъмурият тақозои мулоқот хоҳанд намуд, то бо вай дидор намуда, тибқи расми бисёре аз кишварҳо нусхае аз устуворномаи худро ба ӯ таслим намояд. Чунончи, раиси маъмурият назди вазири умури хориҷаи кишвари маҳалли маъмурият эътибор хоҳад дошт ва фармони интисоби худро ба ӯ таслим хоҳад намуд, аммо фарз бар он ки мутобиқи вазъи имрӯз ва ё дорои самти сафирӣ бошад, мулоқоти баъдии вай (пас аз мулоқот бо вазири хориҷаи маҳал) бозديди ташрифотӣ бо раиси кишвар хоҳад буд (барои таслими устуворнома), ки тартиби он маъмулан ба василаи раиси идораи ташрифот сурат мегирад.Чунончи, эроди нутқи расмӣ дар чунин маворидe марсум бошад, раиси маъмурият бояд тазмин кунад, ки қаблан нусхае аз нутқи мазбур ба рӯяти вазири умури хориҷаи маҳал расида бошад.

Тарзи амали марсуми кишварҳо барои истиқбол ва пазируфтани ҳар табақа, бахусус аз руасои маъмурият (барои мисол, сафирон, вузарои мухтор ё кордорон) бояд дар тамоми маворид яксон ва ба дур аз табъиз бошад. Пас аз он ки раиси маъмурият расман тасаддии вазоифи худро бар уҳда гирифт, мавзӯъро ба шайхулсуфарои ҳайати дипломатӣ ва соир руасои маъмуриятҳои муқим иттилоъ дода, бар ҳасби ташрифоти дипломатӣ ба мулоқоти якояки онҳо меравад. Дар шаҳре бо фаъолиятҳои фаровони дипломатӣ, монанди Лондон, ки шумораи маъмуриятҳои дипломатӣ дар он тайи сӣ соли гузашта се баробар афзоиш ёфтааст, расми суннатӣ барои руасои тозавориди маъмурият бо авзоъ ва аҳволи имрӯз созгорӣ дода шудааст.

Руасои маъмуриятҳо пас аз мулоқотҳои ташрифотӣ бо вазирону мақомоти аршади вазорати хориҷа (маъмулан дар зарфи як ҳафта ё даҳ рӯзи аввали вуруд) аз шайхулсуфаро шумори мунтахаб аз руасои маъмуриятҳои муқим (ки бар ҳасби аршадият, алоиқи сиёсӣ ва мавқеияти ҷуғрофиёии кишвари сафир ё раиси маъмурияти ҷадидулвуруд интихоб мешавад) ва баъзе аз шахсиятҳои Британиё ба интихоби худи сафирон бозديد менамояд. Аз он ҷо ки як раиси маъмурияти ҷадид дар асари таслими нусхаи сонии устуворномаи худ ба маҳзи вуруд ба Вазорати хориҷа кору вазоифи худро ба таври комил оғоз намудааст, мулоқоти вай бо малика ҷиҳати таслими асли устуворнома дар моҳияти як амали намодин ва охирин марҳала аз ташрифоти вуруд буда, як иқдоми зарурии аввалия (монанди бисёре кишварҳои дигар) ба шумор намеравад. Баъзе вақт ба лиҳози адами ҳузури маликаи Лондон як моҳ ё бештар тӯл мекашад, то он ки ба раиси маъмурияти ҷадид битавонад устуворномаи худро таслим намояд. Аммо дар айни ҳол вай метавонад бидуни дағдаға ёддоштеро барои соир маъмуриятҳо ирсол ва вуруду тасаддии вазоифи худро иттилоъ диҳад. Чунончи, раиси

маъмурияте ҷойгузини яке аз ҳамкорони худ мешавад (бар хилофи ифтитоҳ ва оғоз ба кори як сафоратхонаҳои ҷадид) вай тазмин мекунад, ки тарзи амалу ташрифоти муносиб дар хусуси эҳзори номаи салафи ӯ анҷом гирифта бошад [7, с.51-489].

АДАБИЁТ

1. Абулвафо, Аҳмад. Ҳуқуқи дипломатӣ (раҳёфти исломӣ). Тарҷума ва таҳқиқи Саидмустафо Мирмуҳаммадӣ. – Теҳрон: Созмони мутолиа ва тадвини кутуби улуми инсонии пуҳунтунҳо (Самт): Маркази таҳқиқу тавсеаи улуми инсонӣ, 1393.
2. Оқоӣ, Саидди Довуд. Одоби дипломатия ва фунуни музокира. Чопи дувум. – Теҳрон, 1393.
3. Ҳақшинос Комёб, Сайидалӣ. Мабонии дипломатия ва одоби дипломатӣ. – Теҳрон: Сано, 1390.
4. Холзода Саид. Ҳуқуқи дипломатӣ ва консулӣ. Чопи дувум. – Теҳрон: Созмони мутолиа ва тадвини кутуби улуми инсонии Донишгоҳи Самт, 1393.
5. Зулъайн, Парвиз. Ҳуқуқи дипломатӣ. Чопи дувум. – Теҳрон: Маркази чопу интишороти Вазорати умури хориҷӣ, 1379.
6. Саҷҷодӣ, Саид Абдулқайюм. Дипломатия ва рафтори сиёсӣ дар ислом. Чопи дувум. – Қум: Муассисаи «Бӯстони китоб», 1388.
7. Амид, Ҳасан. Фарҳанги Амид. Ҷилди аввал. Чопи ҳаштум. – Теҳрон: Амири Кабир, 1381.

ТАШРИФОТ ДАР МАВРИДИ ОҒОЗИ МАЪМУРИЯТИ ДИПЛОМАТӢ

Аз хусусиёти ташрифот он аст, ки агар хуб баргузор шавад, вуҷудаш махсус нест, вале агар кӯчактарин саҳв ё хатоӣ дар ҷараёни он рӯй диҳад, тамоми тадобири ташрифотиро хадишадор мекунад, ки маъмулан ҳам қобили ҷуброн нест. Ба ҳамин далел, пардохт ба умури ташрифотиро бояд яке аз душвортарин ҷанбаҳои амалии дипломатия ба шумор овард. Ҳар гоҳ маросим тибқи қоида анҷом гирад, ё зиёфате бидуни эрод баргузор шавад, ҷалби таввaҷуҳи касеро намекунад. Вале, агар сангин будани трафики шаҳрӣ муҷиби таъхири ҳузури шахсияте дар маросим бошад ва барномаи маросим дучори ихлол гардад ва ё агар дар зиёфати расмӣ бар асари иштибоҳи ошпазе ғизо шӯр шавад ва ё пешхидмате ҳангоми омода кардани ғизо чанд қатра бар сару либоси меҳмоне бирезад, ҳамаи изҳону интиқодот мутаваҷҷеҳи дастгоҳи ташрифот мешавад. Дар гузашта ҳам шуғли ташрифот масъулияти сангине буд ва маъмурони ташрифот дар маърази муҷозоти тақсири дигарон будаанд.

Калидвожаҳо: ташрифоти дипломатӣ, равобити дипломатӣ, оғози маъмурияти дипломатӣ, поёни маъмурияти дипломатӣ, давлат, сафир, раиси маъмурияти дипломатӣ, маъмурони дипломатӣ, қавонин.

ДИПЛОМАТИЧЕСКИЙ ВИЗИТ: ПРИЕМЫ И ПРОВЕДЕНИЕ

Одной из особенностей дипломатического визита является то, что если все хорошо пройдет, то это хорошо, но если в его процессе произойдет какой-нибудь промах или упущение, то испортит весь процесс церемонии и обычно даже не компенсируется. Поэтому уплата за действия дипломатических визитов должна быть одним из самых сложных аспектов дипломатии. Каждый раз, если церемония пройдет в соответствии с правилами и ни без каких критических замечаний, не будет привлекать чье-то внимание. Если при проведении церемонии дипломатического визита произойдет какое-нибудь упущение или промах, как например, если из-за автомобильных пробок придет поздно официальное лицо, или во время ужина еда пересолена, или официант допускает какую-нибудь ошибку во время обслуживания гостей, несмотря на того, кто допускает ошибку, всегда должна нести ответственность администрация или ответственные лица за церемонию. В прошлом также ответственность за дипломатические визиты была очень трудной работой, и администрация всегда несла ответственность за все поступки работников.

Ключевые слова: дипломатические визиты, дипломатические отношения, начало дипломатической администрации, конец дипломатической администрации, государственное управление, посол, руководитель дипломатической администрации, уполномоченный, закон.

DIPLOMATIC VISIT: RECEPTIONS AND CONDUCTING

One of the features of a diplomatic visit is that if everything goes well, it is good, but if there is any mistake or omission in the process, it will spoil the whole process of the ceremony and usually not even compensated. Therefore, paying for the actions of diplomatic visits should be one of the most difficult aspects of diplomacy. Each time, if the ceremony is held in accordance with the rules and without any criticism, it will not attract anyone's attention. If any omission or blunder occurs during the ceremony of a diplomatic visit, such as if an official arrives late due to traffic jams, or the food is too salty during dinner, or the waiter makes some mistake during the service of guests, regardless of who makes the mistake, the administration or responsible persons for the ceremony should always be responsible. In the past, responsibility for diplomatic visits was a very difficult job, and the administration was always responsible for all the actions of employees, too.

Keywords: diplomatic visits, diplomatic relations, beginning of diplomatic administration, end of diplomatic administration, state administration, ambassador, head of diplomatic administration, commissioner, law.

Сведения об авторах: ***Умархел Муҳаммаднавоб*** – магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: 000555581

Шерзод Ёриддин **–** магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: 000025625

Information about the authors: ***Umarkhel Muammadnavob*** – second-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University.
Sherzod Yoriddin - second-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: 000025625

ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ САВДОИ ОДАМОН

Ҳомидова Ш. Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳангоми бандубасти ҳама гуна ҷиноят тарафи объективӣ шарти асосӣ барои ҷавобгарии ҷиноятӣ инчунин фарқгузории таркиби ҷиноят мебошад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ тарафи объективии ҷиноят ба асосӣ ва факултативӣ тақсим мешавад. Ҳаракат ё беҳаракатӣ аломати ҳатмии тарафи объективии ҳама гуна ҷиноят мебошад. Оқибат ва робитаи сабабӣ дар ҷиноятҳое, ки таркиби моддӣ доранд, аломати асосӣ ба ҳисоб меравад.

Тарафи объективии ҷинояти пешбининамудаи моддаи 130.1 КҶ ҶТ хусусияти мураккабро доро мебошад, ки аз якчанд ҳаракат ва тарзҳои алтернативии содирнамоии ин ҷиноят таркиб ёфтааст: пешниҳод, ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ, гирифтан, бо истифодаи маҷбуркунӣ, рабудан, фиреб, сӯиистифода намудани гунаҳгор аз вазъи хизматии худ, сӯиистифода аз боварӣ ё ҳолати оҷизии қурбонии савдои одамон ва ё ришвадиҳӣ ба шахсе, ки қурбонӣ таҳти вобастагии ӯ қарор дорад.

Тарафи объективии ҷинояти савдои одамон хусусияти мураккабро доро буда, содир намудани яке аз амалҳои дар диспозитсияи моддаи 130.1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, яъне хариду фурӯши одамон дигар амалиёт нисбати шахс пешниҳод, ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ таркиби ин ҷиноятро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, амалҳои охирон дар ҳолате ҷинояти савдои одамон эътироф карда мешаванд, ки онҳо мақсади истисмори ҷабрдидаро дошта бошанд, лекин хариду фуруш ва дигар амалҳо нисбати шахс новобаста аз вуҷуд доштани чунин мақсад ҷиноят ҳисобида мешавад. Тарафи объективии хариду фурӯш одамон аз содир намудани ҳаракатҳои фаъол иборат аст, яъне пешниҳод, ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ ё гирифтани одамон бо мақсади минбаъд истисмор намудани онҳо. Чӣ тавре, ки аз муқаррароти моддаи 130.1 бармеояд, қонунгузор дар байни мафҳумҳои “пешниҳод”, “ҷалбкунӣ”, “интиқол”, “супоридан”, “пинҳонкунӣ” ва “гирифтан” аломати баробариро гузоштааст. Яъне чӣ дар якҷоягӣ ё чӣ дар алоҳидагӣ онҳо таркиби ҷинояти хариду фурӯши одамонро ташкил медиҳанд.

Ҷиноятҳои хариду фурӯши одамон аз 3 қисмат иборат аст: ҳаракат, тарз ва мақсад.

I. Ҳаракат: пешниҳод, ҷалб, интиқол, супоридан, пинҳон намудан, гирифтан;

II. Тарз**:** истифодаи маҷбуркунӣ, рабудан, фиреб, сӯиистифода намудани гунаҳгор аз вазъи хизматии худ, сӯиистифода аз боварӣ ё ҳолати оҷизии қурбонии савдои одамон ва ё ришвадиҳӣ ба шахсе, ки қурбонӣ таҳти вобастагии ӯ қарор дорад.

III. Мақсад: суиистифода.

Ду қисмати аввали он ба тарафи объективӣ, мақсад бошад ба тарафи субъективӣ тааллуқ доранд.

Ҳаракат – ҷанбаи зоҳирии рафтори инсон мебошад. Ҳаракати ҷиноятиро қонунгузор метавонад чун маҷмӯи ҳаракатҳо, яъне намуди фаъолият баён намояд. [7;22-24,38-40].

Таҳлили парвандаҳои ҷиноятии марбут ба хариду фурӯши одамон аз он шаҳодат медиҳанд, ки баъзан амали хариду фурӯш ҳам бо пешниҳод, ҳам бо ҷалб намудан, ҳам бо интиқол, ҳам бо супоридан, ҳам бо пинҳон кардан, ҳам бо гирифтан алоқаманданд. Аммо хариду фурӯши одамон бояд ба он тарзе сурат гирад, ки нафаре ҷалб кунад, нафари дигар интиқол диҳад, сеюмин супорад, чорум пинҳон кунад ва ғайра, маъмулан ҳамаи нафарони чунин ҳаракатҳоро содиркунанда иҷрочиёни хариду фурӯши одамон ҳисобида мешаванд. Зеро онҳо тарафи объективии ҷинояти мазкурро иҷро мекунанд.

Ҳамин тариқ, тарафи объективии ҷинояти хариду фурӯши одамон дар худ чунин ҳаракатҳоро инъикос менамояд: 1) пешниҳоди одам 2) ҷалбкунии одам; 3) интиқоли одам; 4) супоридани одам; 5) пинҳонкунии одам; 6) гирифтани одамон.

Чӣ хеле ки қаблан зикр гардид, тарафи объективии ин ҷиноят, яъне хариду фурӯши одамон аз якчанд ҳаракатҳои алтернативӣ иборат мебошад: пешниҳод, ҷалбкунӣ; интиқол; супоридан, пинҳонкунӣ ё гирифтани одамон. Таркиби ин ҷиноят аз рӯи конструксия (сохт)-аш таркиби расмӣ мебошад ва аз вақти содир намудани кирдор, яъне харидани ҷабрдида ё фурӯхтани ӯ хотимаёфта ҳисобида мешавад. [2;274] Гурӯҳи дигари муаллифон бар он ақидаанд, ки ҷинояти хариду фурӯш аз лаҳзаи бастани созиш, новобаста аз иҷро намудани ин созиш, хотимаёфта ҳисобида мешавад. [8;130]

Созиш метавонад ҳам дар шакли хаттӣ ва ҳам дар шакли шифоҳӣ баста шавад. Аммо Н.Г. Кулакова ба ин фикр розӣ нашуда, ин ҳолатро ҳамчун сӯиқасд баҳо медиҳад ва чунин мисол меорад: бо зани ҳомиладор шартнома баста мешавад, ки зан баъд аз таваллуд тифли навзоди худро ба дигар шахс медиҳад ва бар ивазаш маблағи пулӣ мегирад. Бастани шартнома дар бораи дар оянда хариду фурӯш намудани инсон то ҳолати (факт)-и супоридани ӯ ин давраи тайёрӣ ба ҷиноят мебошад. Яъне дар оянда барои содир намудани ин ҷиноят шароит фароҳам оварда мешавад. С.В. Бородин бар он ақида аст, ки ҷинояти таҳлилшаванда аз лаҳзаи супоридани инсон ва гирифтани маблаг хотимаёфта ҳисобида мешавад. [3; 340]. Азбаски хариду фурӯш аҳди дутарафа мебошад, ба ҷавобгарӣ ҳам фурӯшанда ва ҳам харидор кашида мешаванд. Ҷиноят дар шакли аҳди яктарафа аз лаҳзаи ба шахси сеюм супоридани шахс хотимаёфта дониста мешавад.

Ҷиноят дар шакли аҳди дутарафа дар ҳолате анҷомёфта ҳисоб карда мешавад, ки ҳарду тараф ҳама ҳаракатҳои зарурии дар аҳд пешбинишударо иҷро намудаанд, яъне вақте ки фурӯшанда одамро медиҳад ва харидор пул ё чизи дигари арзишмандро, илова бар ин додугирифт метавонад, ки аз рӯйи вақт мувофиқат кунад ё накунад, предмети ҷиноят мумкин аст шахсан ба харидор дода шавад ё ба намояндаи ӯ. Дар ҳоле амали додугирифт ба анҷомрасида дониста мешавад, ки харидор шахсро ба соҳибияти худ мегирад ва фурӯшанда мувофиқи ин амал мукофот мегирад.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ зери мафҳуми ҳаракат нияти дарккардашудаи рафтори шахс фаҳмида мешавад. Шахс дар ҳоле ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҳаракати ба ҷамъият хавфнок қобилияти дарк намудани ба ҷамъият хавфнокии ҳаракати худро дошт ва метавонист ҳаракати худро идора кунад. Савдои одамон ғайр аз хариду фурӯш ва дигар аҳдҳо нисбати шахс, инчунин, пешниҳод, ҷалбкунӣ, интиқол, пинҳонкунӣ ва гирифтани шахсро дар бар мегирад. Дар баён намудани тарафи объективӣ дар моддаи 130.1 КҶ ҶТ мафҳуми «ҷалбкунӣ» мақоми махсусро ишғол мекунад, зеро аз рӯи зухури воқеии худ вай ба амалҳои омодагӣ ҷиҳати содир намудани хариду фурӯши минбаъда монанд мебошад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ҷалбкунӣ ҳамчун як намуди фаъолият барои ҷалб намудани одамон ва дар оянда истисмор намудани онҳо фаҳмида мешавад. Ҷалбкунӣ дар худ чунин намуди кирдорҳоро инъикос менамояд: ҷустуҷӯи номзадҳо, ташвиқот бурдан, номнавис намудани хоҳишмандон, равон кардани онҳо ба ҷои истисмор ва монанди инҳо. [4;97-103]

Ҷалб намудан - ин чунин ҳаракатҳои шахс мебошанд, ки барои моил намудани ҷабрдида ба ин ё он амалҳо равона карда шудааст (ҷустуҷӯи қурбонӣ, интихоб кардани қурбонӣ, киро кардан, қабул намудан барои иҷрои ягон кор ва ё хизматрасонӣ, моил сохтан ба ягон фаъолият, аз он ҷумла, ба фаъолияти ғайриқонунӣ, ҳамроҳ намудан ба ҳайати ягон ташкилот, аз ҷумла, ташкилоте, ки фаъолияташро қонун манъ кардааст ва ғайра.) Ҷалбкунӣ ҳамчун ҳаракат ба ду маъно фаҳмида мешавад: вақте ки дар вай танҳо ду шахс иштирок мекунанд (ҷалбкунанда ва шахсе, ки ҷалб карда мешавад) ё вақте ки миқдори зиёди одамон, миёнарав вуҷуд дорад, ки бо фармоиши ҷалбкунанда одамонро ҷалб мекунад. Дигар вариантҳои ҷалбкуниро дида бароем агар метавон қайд намуд, ки шахс худаш розӣ мешавад барои иҷро намудани кор ё хизматрасонӣ. Барои ба даст овардани чунин розигӣ воситаҳои гуногуни таъсиррасонӣ истифода бурда мешавад: пешниҳоди ошкоро барои объекти истисмор шудан (хеле кам), таҳдид ва тарсонидани қурбониҳо, фиреби фаъол (дидаю дониста таҳриф намудани маълумоти аслӣ), ё фиреби ғайрифаъол (ҳақиқатро пинҳон кардан). Ҳамин тавр, ҷабрдидаро рӯирост маҷбур мекунанд ки розӣ шавад, ё ин ки худаш ҳақиқатан бо хоҳиши худ зери таъсири фиреб розӣ мешавад. Самти фаъолияте,ки шахс ба он ҷалб (моил) карда мешавад, мумкин аст чӣ қонунӣ (мисол, ба сифати пешхизмат,

барои меҳнати ҷисмонӣ ва ғайра) ва чӣ ғайриқонунӣ (мисол, барои истисмори шаҳвонӣ, гадоӣ, дуздӣ ва ғайра) бошад.

Ҷалбкунӣ – киро кардан, қабул намудан барои ягон кор, моил сохтан ба ягон фаъолият, аз он ҷумла ба фаъолияти ғайриқонунӣ, ҳамроҳ намудан ба ҳайати ягон ташкилот, аз ҷумла ташкилоте, ки фаъолияташро қонун манъ кардааст. Ҳамин тариқ, ҷалбкунӣ ин аҳди байни тарафҳо мебошад, ки дар он як тараф ваъдаи бо «кор» таъмин намудан, маоши баланд ва фоидаҳои дигарро медиҳад, тарафи дигар розӣ мешавад, ки худ ё наздикони худро фурӯшад. Шакли аҳд, созишнома гуногун (шифоҳӣ, хаттӣ) буда метавонад ва он барои бандубаст аҳамият надорад.

Шарти асосии ҷавобгарӣ барои ҷалбкунӣ муйян намудани мақсади истисмори ҷалбшудагон мебошад. Ҷалбкунандагон худ ҷабрдидаро истисмор наменамоянд, балки барои бо ӯ содир намудани амалҳои минбаъдаи ҷиноятӣ – истисмори бевосита ё минбаъд ба каси дигар барои истисмори минбаъдаи меҳнатӣ ё шаҳвонӣ фурӯхтан, пешниҳод мекунанд. Ҷалбкунӣ бо тарзҳои гуногун амалӣ карда мешавад: ваъда; фиреб; бовар кунонидан; иҷроб ва ғайра. Ҳангоми бандубаст тарзҳои ҷалбкунӣ аҳамият надорад.

Ҷалбкунандагон шахсонеанд, ки бо роҳи фиреб ва суиистифодаи боварӣ бо мақсади маҷбурсозӣ ва истисмор одамонро барои иҷрои кор ва ё амале ҷалб месозанд. Баъзан шахсоне, ки худ замоне ҷабрдидаи хариду фурӯши одамон шуда буданд ва баҳри раҳоӣ аз дасти одамҷаллобон худ ба ҷалбкунӣ даст задаанд, ба ин гурӯҳ шомил мегарданд. Одатан ҷалбкунандагон симои ҷиноятқоронро надоранд ва ҳамчун шахсони муқаррарӣ амал ва ё рафтор менамоянд. Онҳо метавонанд шиносон, дӯстон, хешу таборон, одамони ношинос ва умуман ҳама гуна шахсон бошанд.

Якчанд роҳу воситаҳои маъмули ҷалбкунӣ мавҷуд аст:

1. Эълонҳо ва реклама дар кӯчаву хиёбонҳо, нақлиёт, матбуоти даврӣ, телевизион ва интернет;
2. Ҷалби одамон бо истифода аз чорабиниҳои оммавӣ, ба монанди шабнишиниҳо, клубҳо, озмунҳои зебоӣ ва ё озмунҳои суратҳо;
3. Ҷалби одамон тавассути корхонаҳое, ки бо кортаъминкунӣ ва сафарбар намудани одамон барои кор дар хориҷа машғуланд;
4. Ҷалби одамон бо роҳи иҷроб (шантаж);
5. Ҷалби одамон бо истифода аз оҷонсиҳои никоҳ ва ё тавассути издивоҷ бо шаҳрвандони хориҷӣ;
6. Ҷалби одамон бо истифода аз барномаҳои байналмилалии омӯзишӣ ва мубодилаи донишҷӯён, барномаҳои таълимӣ.

Аммо, савдогарони одамон баъд аз он ки ҷабрдидагон ба хориҷа бурда мешаванд, бар ивази ҷои кори ваъдадодашуда, онҳоро барои машғул шудан ба фоҳишагарӣ ё ба фаъолият ба ин монанд маҷбур месозанд. Дар аввал ба онҳо кори фурӯшандаро дар маҳоза, пешхизмат ё хизматгорзанро пешниҳод мекунанд. Аммо, ин корҳои пешниҳодшударо онҳо дар муддати ҳафтаю моҳҳо интизор мешаванд, ки дар натиҷа ба асорати қарзии хӯҷаинашон меафтанд. Хӯҷаини онҳо дар ин муддат тамоми хароҷотҳои онҳоро пардохт менамояд, ба мисли хӯрока, сару либос, ҷои зист ва ғайра. Сипас, онҳоро барои баргардонидани қарзашон ба фоҳишагарӣ маҷбур месозад. Ҳолате мешавад, ки занҳо ва мардҳоро ба ягон кор дар саҳро даъват менамоянд. Аммо, бар ивази кори ваъдадодашудаи на он қадар душвор онҳо то 18-20 соат дар як рӯз кор мекунанд, ки ин ҳам як намуди истисмор, яъне истисмори меҳнатӣ ба шумор меравад.

Ҷиноят дар шакли ҷалбкунӣ аз лаҳзаи гирифтани розигии ҷабрдида барои сафар ба хориҷа ва машғул шудан ба фаъолияти пешниҳоднамудаи ҷалбкунанда хотимаёфта ҳисобида мешавад. Масалан, додани розигӣ аз ҷониби ҷабрдида ва пардохти як маблағи муайян барои тайёр намудани ҳуҷҷатҳои ӯ барои сафар ба хориҷа аз хотима ёфтани ҷиноят гувоҳӣ медиҳад.

Мардонро бошад, одатан дар корҳои сохтмонӣ истифода мебаранд. Вақте ки онҳо ба давлати хориҷӣ мерасанд, шиноснома ва дигар ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсияти онҳоро аз дасташон мегиранд, то ин ки онҳо нагурезанд ва ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат накунанд. Ин қувваи кории мазкурро бештар дар заводу фабрикаҳое, ки ба истеҳсолоти маҳсулоти ғайриқонунӣ машғуланд, истифода мебаранд.

Интиқол –ҳаракати аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронидани ҷабрдида, аз ҷумла дар қаламрави як кишвар ё худи ҳамон як нуқтаи аҳолинишин, ки бо истифодабарии воситаҳои гуногуни нақлиёт содир карда шудааст, фаҳмида мешавад. Интиқоли инсон бо мақсади истисмор инчунин тарафи объективии савдои одамонро ташкил медиҳад. Интиқоли шахс маънои аз як ҷой ба ҷои дигар ба ягон воситаи нақлиёт интиқол додани шахсро дорад. Интиқол ин яке аз даврахои муҳими савдои одамон ба шумор меравад. Интиқол новобаста аз намуди воситаҳои нақлиёт (воситаи нақлиёти обӣ, ҳавоӣ, заминӣ, зеризаминӣ) амалӣ карда мешавад. Интиқол метавонад ошкоро ё махфӣ бошад. Интиқол то ҷои истисмор ҳатмӣ нест, зеро метавонад якчанд интиқолдиҳанда бошад. Интиқол аз лаҳзаи амалӣ намудани он хотимаёфта ҳисобида мешавад. Бинобар ин мӯҳлат ва масофа дар ҳолати интиқол аҳамияти ҳуқуқиро надоранд. Интиқоли одамон бо гузаштан аз сарҳади давлатӣ метавонад ҳам ба тариқи қонунӣ ва ҳам ғайриқонунӣ амалӣ карда шавад. Ба тариқи қонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ маънои онро дорад, ки одамонро бо шиносномаҳои ҳақиқӣ ва тамоми ҳуҷҷатгузории қонунӣ интиқол медиҳанд. Аммо дар бисёр ҳолатҳо одамонро бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, ё тамоман бе ягон ҳуҷҷатҳои дахлдор аз сарҳади давлатӣ интиқол медиҳанд (ба тариқи пиёда, ба воситаи нақлиёт ва ғайра). Вақте ки одамон ба давлати хориҷӣ ғайриқонунӣ сафар мекунанд тарсу ҳароси онҳо зиёдтар мешавад. Чунки онҳо ба давлати хориҷӣ ғайриқонунӣ ворид шудаанд ва аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳаросанд. Аз ин лиҳоз, онҳо, ҳатто дар ҳолатҳое, ки гирифтори истисмор шаванд ҳам, ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд. [10;80-81]

• Ҷинояти мазкур одатан аз ҷониби гурӯҳҳои ҷинояткор содир мегардад. Аммо ҳолатҳои зиёде мавҷуданд, ки як шахс якчанд кирдорҳои пешбининамудаи моддаи 1301 КҶ ҶТ- ро содир мекунад. Мисол, як шахс ҷабрдидаро ҳам ҷалб мекунад ва ҳам интиқол медиҳад. Дар содир гардидани ин ҷиноят чӣ тавре, ки амалия нишон медиҳад се давлат иштирок менамояд:

I. Давлати зуҳур (тавлидкунанда). Давлате, ки ҷабрдидаро дар он ҷалб мекунанд ва барои интиқол тайёр мекунанд.

II. Давлати транзитӣ. Давлатест, ки тавасути он ҷабрдида интиқол дода мешавад.

III. Давлати таъинотӣ. Давлате, ки дар он ҷо ҷабрдидаро месупоранд ва ӯ гирифтори истисмор мегардад.

• Супоридани шахс - дар ҳаракати миёнарав ҳангоми содир намудани амалиётҳои савдои одамон, ҳамчунин минбаъд супоридани ҷабрдида ба шахсони дигар пас аз савдои ӯ аз ҷониби харидор, масалан барои ҷой кардан ва барои истиқомат ҷой додан, истифода ва ғайра ифода меёбад. Супоридани шахс бо подош ва ё ройгон буда, ҷабрдида чӣ бо асосҳои қонунӣ ва чӣ ғайриқонунӣ метавонад дар ихтиёри гунаҳгор нигоҳ дошта шавад. Супоридан ба мӯҳлатҳои гуногун ё доимӣ мумкин аст амалӣ шуда бошад. Шарти асосии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани миёнарав ин огоҳ будани ӯ оиди ин ҷиноят аст. Яъне, шахс бояд огоҳ бошад, ё донад, ки дар савдои одам иштирок намуда истодааст. Агар шахс барои интиқол додани ҷабрдидагон воситаи нақлиёти худро, ё барои пинҳон намудани онҳо ягон бинои дигари худро пешниҳод намояд, аммо худи ӯ интиқол ё пинҳонкуниро содир накардааст, пас кирдорҳои содирнамудаи ӯро ҳамчун шарикӣ (ёрдамчӣ) дар пинҳонкунӣ ё интиқоли ҷабрдидагон бояд бандубаст намуд. [10;81-82]

Агар шахс бо илтимоси харидор ба фурӯшанда маблағи пулиро интиқол диҳад, ё ин ки ба фурӯшанда бурда диҳад, чунин кирдорҳои ӯ низ ҳамчун шарикӣ (ёрдамчии ҷиноят) дар ҷинояти савдои одамон бандубаст карда мешавад. Вақте, ки шахс ба сифати миёнарав баромад намуда, аз харидор маблағи пулиро мегирад ва гӯё ба фурӯшанда оварда медиҳад, аммо дар асл бошад, маблағи пулиро аз худ менамояд, пас кирдорҳои ӯ ҳамчун қаллобӣ бо моддаи 247-и КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд.Пинҳонкунӣ–ҳаракатест, ки ба пинҳон кардани ақаллан як ҷабрдида ҳангоми мавҷуд будани мақсад барои истисмори ӯ равона гардидааст. Пинҳонкунӣ дар таъмин кардани ҷои зист ё дигар ҷой барои ҷабрдида, нигоҳ доштани шахс дар таҳхона ва дигар ҷойҳо пас аз гирифтани ӯ ва ғайра ифода меёбад. Дар ин ҳолат сухан на танҳо дар бораи пинҳонкунии ҷисмонӣ (нигоҳдорӣ дар биноҳои махсус ва ғайра) меравад, балки дигар кирдорҳое, ки барои ёфтан ва озодкунии ҷабрдида монеъ мешаванд, дар назар дошта мешавад (истифодаи маводҳои мадҳушкунанда барои фурӯнишонии иродаи ҷабрдида, гирифтани ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсияти ҷабрдида, дигаргун сохтани симои ҷабрдида). Кирдорҳои номбаршуда ҳамчун ҷинояти

хотимаёфта ҳисобида мешавад, новобаста аз он ки ҷинояткор ба мақсади ҷиноятии худ расидааст ё не, аниқтараш ҷабрдида истисмор шудааст ё не. [6;4] Ба ақидаи С.В. Громов пинҳонкунӣ – ин ҳама гуна кирдорҳое мебошанд, ки барои аз мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҳама гуна шахсони манфиатдор (хешу таборони ҷабрдида) ниҳон доштани бошишгоҳи ҷабрдида равона карда шудааст. [5;127] Пинҳонкунӣ дар қалбакӣ намудани ҳуҷҷатҳо, пешниҳод намудани хона ё бино барои зисти ҷабрдида ва ғайраҳо зоҳир шуданаш мумкин аст. Ҳангоми бандубасти ҷинояти пешбининамудаи моддаи 130.1 КҶ ҶТ розигии ҷабрдида аҳамият надорад. Масалан, бо розигии худи фоҳиша фурӯхтани ӯ аз як далла ба даллаи дигар.

Гирифтани одам, ҳаракати муқобили супурдан аст. Гирифтани ҷабрдида – ин ба даст овардани ҷабрдида дар натиҷаи супурдан, тӯҳфа, ивазкунӣ, қарз додан ва ғайра мебошад. Гирифтан метавонад бо подош ё ройгон, ба мӯҳлатҳои гуногун ё доимӣ бошад.

АДАБИЁТ

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998. [Манбаи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон. mmk.tj (санаи истифодабарӣ 21.01.2020).
2. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. Душанбе. Глобус. 2006. С.274..
3. Комментарий к Уголовному кодексу РФ// Под редакции Н.Ф.Кузнецовой- Москва. 1998.-С.340.
4. Ахмедова С.Ш. Уголовная ответственность за торговлю людьми// Уголовно – правовые пенитенциарные принципы и их реализация: Всероссийская научно-практическая конференсия (28-29 марта 2005г, г. Саратов) // Под. ред. Б.Т.Разгильдиева, - Саратов, 2005- С.97-103.
5. Громов С.В. Некоторые вопросы квалификации преступлений - торговля людьми и использование рабского труда// Российский следователь. 2005. № 3. С. 127.
6. Кадников Ф.Н. К вопросуоб объективных признаках состава преступления, предусмотренного ст. 1271 УК РФ (Торговля людьми) //Международное публичное и частное право. 2006.№5. С.4
7. Малинина В.Б., Парфенов А.Ф., Объективная сторона преступления. СПб. 2004. С.22-24,38-40
8. Российское уголовное право. Особенная часть// Под.Ред. В.Н.Кудрявцева, А.В. Наумова – Москва. 1997.-С.130.
9. Шарипов Т.Ш., Рауфов Ф.Х.,Сафаров А.И., Раҳматҷонов Б.Н., Муқовимат ба савдои одамон. Воситаи илмӣ амалӣ. Душанбе 2015. С.80-82

ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ САВДОИ ОДАМОН

Дар мақолаи мазкур тарафи объективии ҷинояти савдои одамон аз рӯйи моддаи 1-и Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон" ва моддаи 130.1 Кодекси ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон "савдои одамон" таҳлил карда шудаааст. Дар мақолаи мазкур мафҳумҳои "пешниҳод", "ҷалбкунӣ", "интиқол", "супоридан", "пинҳонкунӣ" ва "гирифтан", ки дар диспозитсияи моддаи 130.1 нишон дода шудааст, бо истифода аз адабиётҳои илмӣ ва ақидаҳои олимони соҳа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Зимнан муаллиф кӯшидааст, фикру ақидаи олимони хориҷиву ватаниро роҷеъ ба аломатҳои тарафи объективии ҷинояти мазкур, хусусан ҳаракат ва тарзи содиркунии чиноят, инчунин таркиби ҷинояти мазкур мавриди таҳлил қарор дода, вобаста ба он проблемаҳои мавҷударо ошкор созад. Моҳияти мавзӯи таҳлилшаванда бо истифода аз адабиётҳо ва маколаҳои илмӣ, бо як қатор мисолҳо фаҳмонида шудааст.

Калидвожаҳо: савдои одамон, ҷалбкунӣ, интиқол, пинҳонкунӣ, истисмор, ғуломӣ, асорати қарзӣ, корҳои маҷбурӣ.

ОБЪЕКТИВНАЯ СТОРОНА ПРЕСТУПЛЕНИЯ ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ

В данной статье анализируются объективная сторона преступления торговли людьми, по ст. 1 Закон Республики Таджикитсан «О противодействии торговля людей и оказании помощи жертвим от торговля людьми и ст. 130.1 Уголовного кодекса Республики Таджикистан «Торговля людьми». В данной статьи термины “предложение”, "вербовка", "перевозка", "сдавать", "сокрытие" и "получение" которые в диспозиции ст. 130.1 показано с использованием анализируется научная литература и мнение учёных этой области. В тоже время автор пытается анализировать мнения иностранных и внутренных учённых касательно к признаком объективной стороны данной преступления, особенно движение и способы совершение преступления, а также состав преступление в зависимости от этого раскрыть существующие проблемы. Суть анализируемой темы разъясняется с использованием научных статей и научной литературы.

Ключевые слова: торговля людьми, вербовка, перевозка, сокрытие, эксплуатация, рабство, долговая кабала, принудительный труд.

OBJECTIVE SIDE OF THE CRIME OF HUMAN TRAFFICKING

This article analyzes objective side of the crime of human trafficking, provided for an article 1 of law of the Republic of Tajikistan «About countering human trafficking and assistance to victims of human trafficking» and aticle 1301 Criminal code of the Republic of Tajikistan «Human trafficking». In this article, the terms "recruitment", "transportation", "surrander",

"concealment" and "receipt" which are in the disposition of Art. 1301 is shown using analyzed scientific literature and the opinions of scientists. At the same time, the author tries to analyze the opinions of foreign and national scientists regarding the sign of the objective side of this crime, especially the movement and methods of committing the crime, as well as the corpus delicti, depending on this, to reveal the existing problems. He explained the essence of the analyzed topic using literature, scientific articles and a number of examples.

Keywords: human trafficking, recruitment, transportation, hiding, exploitation, slavery, debt bondage, forced labor.

Сведения об авторе: ***Хомидова Шахноза Хакимбоевна*** - магистрант 2-го курса очного отделения юридического факультета Таджикского государственного университета 735000, Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак тел: 937-72-65-02

Information about the author: ***Homidova Shahnoza Hakimboevna*** - 2nd year master's degree full time education of Law faculty of the TNU 735000 c. Dushanbe, st. Buni Khisorac тel.: 937-72-65-02

МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА МАФҲУМ ВА АҲАМИЯТИ ФУНКСИЯҲОИ ОН

Ҷамолов Икромидин
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мафҳуми функсия дар қонун пешбинӣ нашудааст. Мафҳуми «функсия» дар таълимоти ҳуқуқшиносӣ, алалхусус ҳангоми омӯхтани фанҳое, ки хислати амалӣ доранд, махсусан дар курси назорати прокурорӣ васеъ истифода карда мешавад. Мафҳуми «функсия» аз калимаи лотинии “funktio” бармеояд ва маъноҳои зеринро дорад: «Иҷро кардани фаъолият», «амалӣ кардани фаъолият», «таъин кардани фаъолият» ё худ «самти асосии фаъолият». Ба маънои лингвистӣ функсия – ин вазифа, доираи фаъолият мебошад. [1;858] Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ дар зери мафҳуми функсияи мақомоти давлатӣ самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ фаҳмида мешавад, ки бо мақсади иҷро ва амали намудани вазифаҳои дар назди онҳо гузошташуда роҳандозӣ мешавад. [2;204-205]

Дар адабиёт ва санадҳои ҳуқуқӣ намудҳои гуногуни функсияҳо мавҷуд аст. Масалан, функсияҳои ҳуқуқ, функсияҳои давлат функсияҳои мақомоти давлатӣ ва монанди инҳо. Аммо ҳамаи онҳо як чиз нестанд. Е.И. Козлова ва О.Е. Кутафин нишон медиҳанд, ки ҳамаи мақомоти давлатӣ низоми ягонаро ташкил медиҳанд, ки дар байни онҳо мақомоти прокуратура ҷои махсусро ишғол мекунад. Зеро мақомоти прокуратура дорои функсияҳои махсус аст. [3;269]

В.Г.Мелкумов функсияи мақомоти прокуратураро ҳамчун таъиноти иҷтимоии он баррасӣ менамояд. М.С.Шалумов дар зери мафҳуми функсияи мақомоти прокуратура таъинот ва ҷои онро дар низоми ҳуқуқмуҳофизавии давлат мефаҳмад. [4;65] Ю.И.Скуратов бошад, функсияи прокуратураро ҳамчун фаъолияти таъиноти иҷтимоии муайяншуда меҳисобад, ки дар вазифаҳои мақомоти прокуратура ифода шуда, бурдани предмети муайяншударо тавсиф медиҳад ва барои ҳал кардани ин вазифаҳо салоҳият ва воситаҳои ҳуқуқиро истифода мебарад. Чунин нуқтаи назарро В.П. Рябцев низ ҷонибдорӣ мекунад. Ю.Е.Вынокуров дар зери мафҳуми функсияи прокуратура намуди махсусгардонидашудаи фаъолияти давлатиро мефаҳмад. [5;11] Устод Искандаров З.Ҳ. Дар зери мафҳуми функсияи мақомоти прокуратура самтҳои фаъолияти мақомоти прокуратураро мефаҳмад. [6;70 - 72]

Функсияҳои прокуратура низ бо функсияҳои давлат, махсусан бо функсияҳои таъмини волоияти қонун, қонуният ва тартиботи ҳуқуқии давлат робитаи дутарафа доранд. Бинобар ин, ба воситаи категорияи ҳуқуқии «функсия» сохтор, мазмун, ҳудуд ва дигар хусусиятҳои фаъолияти мақомоти прокуратура ошкор карда мешавад.

Категорияи асосии ҳуқуқие, ки имконият медиҳад, мазмун, сохтор, инчунин ҳудуди ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратура ва мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шавад, функсияҳои мақомоти прокуратура мебошад. Аз ин рӯ, донистану муайян намудани мазмуни дақиқи функсия муҳим буда, зери ин истилоҳ самти асосии фаъолиятро мефаҳманд, ки маҳз таъиноти асосии прокуратура ба он равона карда шудааст.

Аммо на ҳамаи ин олимон мафҳуми онро ошкор менамоянд. Яке аз олимони соҳаи назорати прокурорӣ В.С.Тадевосян дар замони худ дар бораи функсияҳои прокуратура навишта буд. Ӯ дар зери функсияҳои прокуратура назорати умумӣ, назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки таҳқиқу тафтиши пешакиро ба амал мебароранд, назорати судӣ ва назорат аз болои ҷойҳои маҳрумӣ аз озодиро мефаҳмид. [7;93-95] А.Маленов ва В. Г. Лебединский дар бораи ҳафт функсияи мақомоти прокуратура навишта буданд, аз ҷумла дар бораи функсияи назорати конституцсионии прокуратура, ки дар амалия ҳеҷ гоҳ мақомоти прокуратура дорои чунин функсия набуд. [8;47-49]

Китоби С.Н. Назаров бо номи «Прокурорский надзор» («Назорати прокурорӣ») аз ду қисм иборат аст: «Функсияҳои назорати прокуратура» ва «Дигар самтҳои фаъолияти прокуратура», аммо дар он мафҳуму моҳияти функсияҳои мақомоти прокуратура оварда нашудаанд ва муаллиф ду мафҳумро ба як маъно мефаҳмад. [9]

Ҳангоми омӯзиши курси назорати прокурорӣ, ба ҷуз аз функсияву самтҳои асосии фаъолияти прокуратура, мафҳумҳои дигар ба мисли соҳаҳо ва зерсоҳаҳои назорати прокурорӣ, инчунин соҳаҳои кори мақомоти прокуратура мавриди истифода қарор мегиранд. Пеш аз оне, ки дар бораи функсияҳои мақомоти прокуратура гуфта гузарем, ба мо зарур аст, ки фарқияти функсияҳои прокуратураро аз соҳаҳои назорати прокурорӣ ва самтҳои назорати прокурорӣ дида бароем. Зеро дар аксар мавридҳо функсияҳои мақомоти прокуратура аз соҳаҳою самтҳои назорати прокурорӣ фарқ карда нашуда, онҳо ба як маъно истифода бурда мешаванд. Ҷудо кардани назорати прокурорӣ ба соҳаҳо ва самтҳо ба таври назариявӣ аз ҷониби С.Г. Даев, М.Н. Маршунов, М.П. Маляров асоснок карда шуда буданд ва ҳеҷ асосе ҷой надорад, ки аз он даст кашида шавад. [10;73-79] Дар назарияи назорати прокурорӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, мафҳуми самтҳои асосии марбут ба назорати прокурорӣ, ҳамчун фаъолияти мустақили давлатӣ ба шумор рафта, бештар ба соҳаҳои назорати прокурорӣ алоқамандӣ дорад. Самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура, аз маҷмӯи қоидаҳои рафторе иборат мебошанд, ки тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба расмият даровардашуда, предмети батанзимдарорӣ, субъекту объекти он мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ, салоҳият ва санадҳои эътиноии худро доранд, ки чун соҳаи назорати прокурорӣ фаҳмида мешаванд.

Вобаста ба самтҳои алоҳида ва соҳаи назорати прокурорӣ Прокурори генералии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон чунин ибрози ақида менамоянд: Самтҳои алоҳидаи назорати прокурорӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошанд, ки муносибатҳои сифатан якхелаи назорати прокурориро ба танзим даровардаа, аз лиҳози предмет, субъект ва объект, мазмуну маҳаки ҳуқуқӣ, санадҳои таъсиррасонии прокурорӣ фарқ мекунанд. Вақте, ки соҳаи назорати прокурорӣ мегӯянд, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро мефаҳманд, ки як самти фаъолияти прокурориро пурра ва ҳаматарафа ба танзим даровардааст. [11;80-81]

Самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура қисми таркибии функсияҳо, доираи муайяни фаъолияти мақомоти прокуратура мебошад, ки бо предмет, метод вазифаҳо , ваколатҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ тавсиф дода мешавад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 самти фаъолияти мақомоти прокуратураро дар моддаи 5 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишон додааст, ки аз инҳо иборатанд:

-назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, комитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқ будани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд;

-назорат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардидаанд, аз тарафи ҳамаи сохторҳо ва шахсони мансабдоре, ки дар сархати якуми моддаи мазкур зикр шудаанд;

-назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, инчунин мақомоте, ки бо фаъолияти оперативию ҷустуҷӯй, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ машғул мебошанд;

-ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиати давлат, шаклҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мурофиаи судӣ;

-назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад;

-назорат ба риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни суд ва дигар мақомоти ваколатдор;

-тафтишоти ҷиноятҳо;

-таҳияи чораҳои пешгирии ҷиноятҳо, мубориза бар зидди коррупсия, терроризм, экстремизм (ифротгарой) ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо якҷоя бо дигар мақомоти давлатӣ, иштирок дар кори такмилу тавзеҳи қонунҳо;

-ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва пешгирии он ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо;

-иштирок дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо;

-эътироз, шикоят ва ариза овардан нисбати фармон, ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо, ки хилофи қонун мебошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз рӯйи моҳияти худ назорати прокурорӣ, яке аз функсияҳои мақомоти прокуратура ба ҳисоб рафта, ҳамчун намуди махсуси фаъолияти давлатӣ характери умумӣ дорад. Аммо новобаста аз ин, дар ҷараёни баамалбарории назорати прокурорӣ, функсияҳои мақомоти мазкур аз якдигар фарқ мекунанд.

Вобаста ба соҳаҳои назорати прокурорӣ лозим ба ёдоварист, ки маҳакҳои асосии ҷудо намудани назорати прокурорӣ ба соҳаҳо - объект ва предмети назорат, вазифаҳо ва ваколатҳои прокурор ба шумор мераванд, ки бобҳои алоҳидаи Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба соҳаҳои алоҳидаи назорати прокурорӣ бахшида шуда, дар бар гирандаи муқаррароҳои зерин мебошанд:

1. Боби 3 - назорати умумӣ, моддаҳои 23-29;

2. Боби 4 - назорат ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯй ва таҳқиқу тафтишоти пешакиро ба амал мебароранд, моддаҳои 30-33;

3. Боби 5 - иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳо, моддаҳои 34-43;

4. Боби 6 - назорати прокурорӣ оид ба риояи иҷрои қонунҳо аз тарафи маъмурияти ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, маҳбусон, муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазои ҷиноятӣ, чораҳои маҷбурии таъинкардаи суд, моддаҳои 44-46;

5. Боби 7 - ҳамкории байналмилалии ҳуқуқии прокуратура оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мубориза бо ҷиноятқорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, моддаҳои 47-52;

Акнун бармегардем ба мафҳуми функсияҳои мақомоти прокуратура. Функсияҳои мақомоти прокуратура яке аз истилоҳҳои асосии назарияи назорати прокурорӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби олимони зиёди соҳаи мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ гирифтааст ва оиди он дар байни олимон нуқтаҳои назари гуногун вуҷуд дорад. Пас саволе ба вуҷуд меояд, ки дар зери мафҳуми функсияи прокуратура чӣ бояд фаҳмида шавад?.

В.Н. Григорев; А.В. Победин; В.Н. Яшин; В.Н. Калинин; функсияи прокуратураро чунин таъриф медиҳанд: функсияи прокуратура – ин самтҳои бо қонун пешбинишудаи фаъолияти мақомоти прокуратура мебошад, ки таъиноти иҷтимоӣ - таърихии онро муайян намуда ва мавҷудияти бурдани мавзуи муайянро тавсиф медиҳад ва барои ҳал кардани вазифаҳои дар назди ин мақомот гузошташуда равона карда шудааст. [12;19-23]

Мафҳуми функсияҳои прокуратура дар адабиёти ҳуқуқӣ, хусусан дар курси назорати прокурорӣ истифода бурда мешавад. Ин мафҳум аз ҷониби олимони зиёди соҳаи мазкур мавриди таҳлилу тадқиқи илмӣ қарор гирифтааст ва оиди онҳо дар байни олимон

гуногунандешӣ вуҷуд дорад. Ба ақидаи мо, функсияҳои мақомоти прокуратура - ин самтҳои асосии фаъолияти прокуратура мебошанд, ки тавассути онҳо моҳият ва таъинот, мақсад, вазифаҳо, самтҳои афзалиятноки назорати прокурорӣ, ки барои таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ равона шуда, дар асоси назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди муайян таъмин мешаванд.

Низоми функсияҳои мақомоти прокуратура дар Конституцсия, Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дар Кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, граждани ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Ҳамзамон, тибқи муқаррароти меъёрии моддаи 93-и Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияи асосии мақомоти прокуратура - назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон мебошад ва дар асоси моддаи 5-и Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ин назорат дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

-назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, комитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқ будани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд;

-назорат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардидаанд, аз тарафи ҳамаи сохторҳо ва шахсони мансабдоре, ки дар сархати якуми моддаи мазкур зикр шудаанд;

-назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар муборизa мебаранд, инчунин мақомоте, ки бо фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ машғул мебошанд;

-назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад;

-назорат ба риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни суд ва дигар мақомоти ваколатдор. [13]

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки аз Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад, функсияи риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунро ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ, таъқиботи ҷиноятӣ, инчунин тақвияти айбдоркунии давлатиро ҳангоми баррасии парванда дар суд пешбинӣ намудааст.

Бо дар назардошти мафҳуми дар боло зикршуда ва таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории соҳаи мазкур оиди функсияҳои мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ метавон чунин ибрози андеша намуд, ки функсияи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура мебошанд, ки бо Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба расмият дароварда шуда, тавассути онҳо моҳият ва таъинот, мақсад, вазифаҳо, самтҳои афзалиятноки назорати прокурорӣ, ки барои таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ равона шуда, дар асоси назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон таъмин карда мешаванд.

АДАБИЁТ:

1. Ожечев С.И., Шведова Ю.Ю. Толковый словарь русского языка. – М.: Наука, 2004.- С. 858.
2. Сотиволдиев Р. Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе: Эр-граф, 2018.
3. Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. –М.: Эксмо, 1996. - С.269.
4. Комментарий к Федеральному закону «О прокуратуре Российской Федерации». – М., 1996. С.6. Мелкумов В.Г. Функции советской прокуратуры; Прокурорский надзор в Российской Федерации //Под ред. А.А. Чувилева. – М. 1999. С.65.

5. Прокурорский надзор. /Под.ред. проф. Ю.Е. Вынокуров. –М., 2005. С. 11.
6. Искандаров З. Х. Прокуратура и государственная защита прав и свобод человека и гражданина // Государство и право. Душанбе. 2005.№3 .
7. Тадевосян В.С. Прокурорский надзор в СССР. – М.: Юриздат, 1956. –С. 93-95.
8. Лебединский В.Г. Каленов Ю.А. Прокурорский надзор в СССР. Очерки по курсу. – М. Юриздат., 1957. –С, 47-49.
9. Назаров С.Н. Прокурорский надзор. – М.: Спектр, 1998.
10. Даев В.Г. , Маршунов М.Н. Основы теории прокурорского надзора. С. 73-79.
11. Рахмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. - Душанбе: Ирфон, 2019. - с, 80-81.
12. Прокурорский надзор: Учебник /В.Н. Григорьев, А.В. Победкин, В.Н. Яшин, А.Н. Калинин. –М.: Спарк, 2006. - С.19-23.
13. Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар боари мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Душанбе: Қонуният, 2005.

МАФҲУМ ВА АҲАМИЯТИ ФУНКСИЯҲОИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА.

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва аҳмияти фунсияҳои мақомоти прокуратура таҳлил карда шудааст. Бо дарназардошти муҳимияти мавзуъ муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо дастрасии қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи назорати прокурорӣ, истифодаи адабиёти ҳуқуқии олимони ватанию хоричӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мафҳум ва аҳамияти функсияи асосии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон – назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва тадқиқ қарор диҳад.

Калидвожаҳо: функсия; функсияи мақомоти прокуратура; мафҳум ва аҳамияти функсияи мақомоти прокуратура; ҳуқуқ; қонун; назорати прокурорӣ.

СУЩНОСТЬ И ЗНАЧЕНИЯ ФУНКЦИИ ОРГАНОВ ПРОКУРАТУРЫ.

Настоящая статья анализирует сущность и значение функции органов прокуратуры. Учитывая, важность предмета автор старался рассмотреть и анализировать сущность и значение основных функции органов прокуратуры Таджикистана, соблюдения надзора и исполнения законов на территории Республики Таджикистана, руководствуясь действующим законодательством Республики Таджикистана в сфере прокурорского надзора с использованием правовой литературы отечественных и зарубежных ученых, практики право приемлемости.

Ключевые слова: функция; функции органов прокуратуры; понятия и значение функции органов прокуратуры; право; закон; прокурорский надзор.

ESSENCE AND MEANING OF THE FUNCTIONS OF THE PROSECUTION AUTHORITIES

This article analyzes the essence and meaning of the function of the prosecution authorities. Taking into account the importance of the topic, the author made efforts to ensure that the legislation of the Republic of Tajikistan regulates the observance and implementation of laws, in accordance with the existing legislation of the Republic of Tajikistan in the field of Public prosecutor's oversight, and legal practice.

Keywords: function; functions of the prosecution authorities; the essence and meaning of the function of the prosecution authorities; right; law; prosecutor supervision.

Сведения об авторе: ***Джамолов Икромиддин*** **–** магистр второго курса кафедры судебнего права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: 002 02 63 33

Information about the author: ***Jamolov Ikromiddin*** – second-year, master`s student, Department of Judicial Law and Procuratorial supervision, Faculty of Law, TNU. Phone: **002 02 63 33**

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ПРИНСИПИ ДИСПОЗИТИВӢ ДАР ҲУҚУҚИ МУРОФИАВИИ ГРАЖДАНӢ

Ҷаъфаров У. М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Принсипи диспозитивӣ яке аз принсипҳои муҳим ва махсуси ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ мебошад. Мафҳуми диспозитивӣ аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маъноояш “дар ихтиёр дорам” ва ё “ихтиёрдорӣ мекунам” мебошад. Моҳияти принсипи диспозитивии ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ ин озодии субъектҳо барои ихтиёрдории ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавӣ мебошад. Дар асоси принсипи диспозитивӣ принсипи баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, принсипи мубоҳисавӣ, ҳақиқати расмӣ ва дигар принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ такя мекунанд.

Мазмуни принсипи диспозитивӣ, ҳамчун принсипи мурофиаи граждани, мавҷудияти ҳуқуқҳои васеъ ва озодии ихтиёрдории онҳоро пешбинӣ мекунад. Як қатор олимон принсипи мазкурро муҳаррики мурофиаи граждани меноманд, ки дар асоси он мурофиа оғоз мегардад. Аз ҷумла оғоз намудани парвандаи граждани дар асоси аризаи даъвогии даъвогар.

Оиди мафҳум ва моҳияти принсипи диспозитивӣ аз даврони Шуравӣ назарияҳои гуногун мавҷуд буд, чунки дар Кодексҳои мурофиаи граждании ҶШСТ ва кодекси нави замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон меъйёре мушаххас, ки дарбаргирандаи мафҳум ва моҳияти принсипи диспозитивӣ бошад, мавҷуд нест. Танҳо меъйёрҳое ҳастанд ки ба муҳтавои ин принсип равона шудааст. Власов А.А. ба он назар аст, ки принсипи диспозитивӣ як сохтори ҳуқуқие мебошад, ки озодии иштирокчиёни мурофиаро оид ба ихтиёрдории ҳуқуқҳои моддӣ ва воситаҳои ҳимояи онҳо, дар заминаи татбиқи ҳокимияти судӣ таъмин менамояд. [3;42]

А.А. Мелников қайд мекунад, ки принсипи диспозитивӣ ин муқаррароте мебошад, ки дар меъёрҳои қонунгузории мурофиавии граждани сабт шуда, дарбаргирандаи озодии ашхоси иштирокчии парванда дар ихтиёрдории маводи худ, инчунин ҳуқуқҳои мурофиавӣ, ки ба пайдоиш, инкишоф ва ба поён расидани мурофиа фаъолона таъсир мерасонанд, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи худ мебошад. [4;161] Бо назари М.С. Шакарян, принсипи диспозитивӣ ҳамчун меъёри роҳбарикунанда ва роҳнамои мурофиаи судии граждани, оғози пешбарандаи мурофиа ва ташабускори амалҳои шахсони манфиатдор ба натиҷаи парванда мебошад. [5;48] В.М. Семенов бошад, чунин қайд мекунад, ки принсипи диспозитивии мурофиаи граждани, ин имконияти иштирокчиёни парвандаи граждани дар ихтиёрдорӣ ва истифодабарии ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавии худ мебошад. [6;49] Устод Фозилов Н.Н., қайд мекунанд, ки принсипи диспозитивӣ муқаррароте мебошад, ки мутобиқи он ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ё қатъ гаштани мурофиа оид ба парвандаи граждани аз ташаббуси тарафҳо ва дигар шахсони манфиатдор, зери назорати суд дар чорчубаи қонун вобастагӣ дорад. [7;43]

С.И. Иброҳимов бошад, диспозитивӣ - ин яке аз принсипҳои асосии демократии мурофиаи граждани буда, имконияти ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои мурофиавии ҳимояро медиҳад. [8;100] Дар асоси муқарраротҳои дар боло овардашуда, мо мафҳуми принсипи диспозитивиро чунин тартиб додем:

Принсипи диспозитивии мурофиаи граждани, ин муқаррароте мебошад, ки дарбаргирандаи озодии иштирокчиёни парванда барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ва ё қатъ гардидани мурофиаи граждани дар доираи муқаррароти қонун мебошад.

Ҳудуди принсипи диспозитивӣ дар мурофиаи граждани бағоят зиёд аст. Дар асоси он иштирокчиёни парвандаи граждани, алалхусус тарафҳо ҳуқуқи худро оид ба ҳифзи судӣ таъмин мекунанд, инчунин мавзӯъ, асос ва нархи даъворо муайян мекунанд. Онҳо метавонанд асос ё предмети даъворо иваз намоянд, (мавзӯъ, асос ва нархи даъво) дар раванди парвандаи граждани. Даъвогар ҳуқуқ дорад аз даъво даст кашад, ҷавобгар бошад онро эътироф намояд. Инчунин, тарафҳо метавонанд, парвандаро бо роҳи оштӣ шудан қатъ намоянд. Иштирокчиёни парванда ки ба ҳалномаи суд розӣ нестанд, метавонанд шикояти касатсионӣ ва назоратӣ намоянд. [9;25]

Давраҳои амалигардонии принсипи диспозитивӣ инҳо мебошанд:

1. Оғоз намудани парвандаи граждани дар суди марҳилаи моҳиятан баррасӣ намудани парванда, кассатсионӣ ва назоратӣ, аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ аз рӯи ҳолатҳои нав ошкоршуда;
2. Муайян намудани ҷавобгар, мавзӯъ ва нархи даъво;
3. Интихоби баррасии парванда дар шакли танҳо ва ё дастаҷамъона(дар марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ) аз тарафи суд;
4. Дар ихтиёр доштани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ(оилавӣ, меҳнатӣ ва ғ.) ва мурофиавии ҳифзи ин ҳуқуқҳо.

Устод Фозилов Н.Н. қайд менамояд, ки принсипи диспозитивӣ мавҷудияти чунин ҳолатҳоро меқаррар менамояд. [7;43]

1. Тартиби оғоз намудани парвандаи граждани дар суд (ба вуҷуд омадани муносибатҳои мурофиавии граждани). Мутобиқи талаботи қонунгузории амалкунанда баррасии парванда аз ҷониби суд пас аз пешниҳоди ариза шуруъ мегардад.

2. Тартиби тағйир ё инкишоф ёфтани мурофиаро вобаста ба парвандаи граждании мушаххас муайян менамояд. Тағйир ёфтани мурофиа мумкин аст дар заминаи тағйир ёфтани мавзӯъ, асос ё тарафҳои даъво бошад ва ё мурофиаи кассатсиони бо шикояти кассатсионии шахсони иштирокчии парванда оғоз карда мешавад.

3. Тартиби қатъ гаштани мурофиаи гражданиро доир ба парвандаи мушаххас муқаррар менамояд. Ҳамчун қоида, мурофиа ба ташаббуси шахсони манфиатдор оғоз шуда, бо қабули санади ниҳоии суди ба охир мерасад.

Паҳлуҳои алоҳидаи принсипи диспозитиви дар моддаҳои 4, 5, 37, 43, 60, 67, 134 ва дигар меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ёфтааст, аммо меъёри ягонае, ки мафҳум ва моҳияти принсипи мазкурро дар бар гирад, ҳоло қонунгузор пешбини накардааст.

Мазмуни принсипи диспозитиви дар бисёр меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини шудааст. Аз ҷумла, мутобиқ ба талаботи м. 4 КМГ ҶТ “Ҳар шахси манфиатдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии судии граждани барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи худ ҳуқуқ ба ҳифзи суди дорад”.

Усули танзими ҳуқуқӣ, аз ҷумла шаҳрвандон - усули ҳуқуқӣ, категорияи муҳимтаринест, ки хусусиятҳои ҳуқуқиро ифода мекунад, алалхусус соҳаи ҳуқуқ, бо вуҷуди ин, ягона категорияе нест, ки соҳаи ҳуқуқро тавсиф мекунад. Усул мундариҷаи соҳаи ҳуқуқро дар як ҷанбаи махсус - аз ҷиҳати шакл, тарзи таъсири меъёрҳои соҳаи ҳуқуқ ба муносибатҳои танзимшаванда тавсиф мекунад. Усул одатан ҳамчун техника, системаи техника ва тарзи амал фаҳмида мешавад. Усули соҳаи ҳуқуқ, пеш аз ҳама, маҷмӯи усулҳое мебошад, ки роҳи таъсири онро ба рафтори одамон ташкил медиҳанд, хусусиятҳоеро тавсиф мекунанд, ки хусусиятҳои таъсири ҳуқуқиро тавсиф мекунанд. Зарур аст, ки номбар кардани меъёрият, муайянии расмии қоидаҳои ҳуқуқӣ, универсалии онҳо, таъмини иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомот ва дар ҳолати зарурӣ бо қувваи маҷбуркунии давлат номбар карда шавад.

Қонуни шаҳрвандӣ, тавре ки шумо медонед, муносибатҳои моликият, муносибатҳои амволи дар он қисми онҳоро, ки хусусияти молӣ-пулӣ доранд, танзим мекунад. Қонуни шаҳрвандӣ муносибатҳои ҳаёти ҳаррӯзаи иқтисоди ҷомеаро танзим мекунад, ки дар гуногунии худ ба дурандешии ҳамаҷониба ва танзими ҳуқуқӣ қарз намедиҳанд. Чизи асосӣ он аст, ки табиати муносибатҳо дар соҳаи ҳуқуқи шаҳрвандӣ чунин маҷмӯи пурраи танзимро талаб намекунад. Аз тарафи дигар, табиати муносибатҳои амволӣ, муносибатҳои молӣ-пулӣ барои иштирокчиёни худ озодии муайяни салоҳдиди худ ва амалро тарк карданро водор месозанд. [1] Азбаски усул моҳияти ҳуқуқии соҳаи ҳуқуқро инъикос мекунад, усули як соҳаи ҳуқуқ наметавонад ҳам усул бошад ва ҳам усули дигар. Усули танзими ҳуқуқӣ категорияе мебошад, ки фарқияти воқеии байни соҳаҳои ҳуқуқро ифода мекунад. Ҳамчун воситаи омӯзиши танҳо системаи воқеан мавҷуда, аммо сохтани системае, ки ҷузъҳои он аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аз ҳам фарқ намекунанд.

Муқоисаи усули ҳуқуқи шаҳрвандӣ бо усулҳои соҳаҳои дигари ҳуқуқ шабоҳати хеле бештари онро бо усулҳои меҳнат, то андозае, ҳуқуқи оилавӣ нисбат ба усулҳои ҳуқуқи

маъмурӣ, молиявӣ ва ҷиноятӣ нишон медиҳад. Ин наздикӣ на танҳо дар умумияти шакли ҳимояи ҳуқуқ, ки худ аз худ муҳим аст, балки дар шабоҳати баъзе усулҳои дигари таъсири ҳуқуқӣ, масалан, дар сохтори ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчиён зоҳир дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, алоқаи байни усулҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, аммо на танҳо дар умумияти муайяни унсурҳои инфиродии онҳо зоҳир мешавад. Он инчунин ифодаи худро дар ҳамкории усулҳо дар раванди танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ пайдо мекунад. Муносибатҳои иҷтимоӣ, ки мавзӯи як соҳаи ҳуқуқ мебошанд, бо муносибатҳои танзими соҳаи дигари ҳуқуқ алоқамандии зич доранд. Масалан, муносибатҳои иқтисодӣ дар ташкилоти давлатӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, шаҳрвандӣ, замин танзим карда мешаванд. Муносибатҳо бо иштироки шаҳрвандон инчунин маҷмӯи тамоми соҳаҳои ҳуқуқ: маъмурӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, шаҳрвандӣ, оила танзим карда мешаванд.

Ҳамкории соҳаҳои ҳуқуқ дар як қатор ҳолатҳо ба амали такроршавандаи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ оварда мерасонад. Масалан, муносибатҳои моликият таҳти таъсири шохаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла қонунҳои давлатӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ, меҳнатӣ, шаҳрвандӣ, замин ташаккул ва инкишоф меёбанд. Аммо, ҳар як соҳаи ҳуқуқ ба муносибатҳои моликият ба тарзи худ таъсир мерасонад ва шаклҳои гуногуни таъсири ҳуқуқӣ бо гуногунии паҳлӯҳои муносибатҳои моликият муайян карда мешаванд. Аз ин ҷост, ки зарурати дидани тафовути усулҳои ба ҳам мутақобилаи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ.

Тавре ки ягонагии қонун фарқияти шаклҳои таъсири ҳуқуқиро дар шохаҳои алоҳидаи он истисно намекунад, ягонагии усули соҳавӣ маънои набудани тафриқаи онро нисбат ба муассисаҳои алоҳида ё гурӯҳҳои институтҳои соҳаи ҳуқуқро надорад. Хусусиятҳои асосии усули ҳуқуқии шаҳрвандӣ дар институтҳои асосии ҳуқуқи шаҳрвандӣ раддияҳои мухталиф ба даст меоранд, ба монанди ҳуқуқи моликият, қонуни масъулият, ҳуқуқи муаллифӣ ва ихтироъкорӣ, қонуни мерос. Ҳадди аққал ва на бештар аз он, фарқияти усули ҳуқуқии шаҳрвандӣ дар танзими муносибатҳои моликияти байни шаҳрвандон, байни ташкилотҳо, байни шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба назар мерасад. Ба ин маъно, соҳаи муносибатҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо мавқеи миёнаро ишғол мекунад. Тафовути возеҳи усул ҳангоми муқоисаи усулҳои танзим, аз як тараф, байни шаҳрвандон ва аз тарафи дигар, байни ташкилотҳо эҳсос мешавад.

Агар усули танзими ҳуқуқи шаҳрвандӣ на танҳо дар вазъи умумии ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои молумулкӣ, балки дар далелҳои ҳуқуқӣ, дар роҳҳои ташаккули мундариҷаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо ва чораҳои ҳуқуқӣ ифодаи худро пайдо кунад Пас, ба назар чунин мерасад, ки ҳар як муносибати ҳуқуқии шаҳрвандӣ бояд ба хусусиятҳои зикршудаи усул мувофиқат кунад. Аммо, ин хулоса дуруст мебуд, агар ин ё он соҳаи ҳуқуқ маҷмӯи меъёрҳо ва институтҳои комилан якхела мебуд. Дар ҳамин ҳол, институтҳои ҳуқуқие, ки дар маҷмӯъ соҳаи муайяни ҳуқуқро ташкил медиҳанд, аз якдигар на танҳо бо мазмуни воқеии худ, балки бо як қатор хусусиятҳои ҳуқуқие фарқ мекунанд, ки фарқияти дараҷаи ифодаи онҳоро дар усули танзими хоси ин соҳа. Ин, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки институтҳои соҳаи муайян бо омилҳое, ки хусусиятҳои хоси гурӯҳи дахлдори муносибатҳои иҷтимоиро муайян мекунанд, нобаробар алоқаманданд: он муассисаҳое, ки робитаашон бо ин омилҳо дуртар, ғайримустақим мебошанд, чунин хусусиятҳои возеҳи аслӣ надоранд, ки бо институтҳои ҳуқуқие, ки мундариҷаи асосии соҳаи мазкурро фарқ мекунанд, фарқ кунанд. [2]

Мулоҳизаҳои дар боло овардашуда чунин хулосаро исбот мекунанд, ки таҳлили хусусиятҳои усули танзими ҳуқуқи шаҳрвандӣ муносибати тафриқашударо тақозо мекунад: тақсим кардани "ядрои асосӣ" -и институтҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ ва пас аз омӯзиши сабабҳое, ки асолати ҳама чизро пешакӣ муайян мекунанд дигар муассисаҳои ҳуқуқӣ. Омӯзиши намудҳои муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ нишон медиҳад, ки хусусиятҳои хоси усули танзими ҳуқуқи шаҳрвандӣ дар соҳаи институтҳои ҳатмӣ мутамарказ шудаанд. Маҳз дар ин ҷо вижагии вазъи умумии ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои молумулкӣ худро ба таври возеҳ ва возеҳ эҳсос мекунад. Маҳз дар ин ҷо хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ бо қувваи махсус зоҳир мешаванд, аз ҷумла дар доираи далелҳои ҳуқуқӣ, мӯҳтавои ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо ва чораҳои дастгирии ҳуқуқии онҳо. Ин мавқеи

институтҳои ҳуқуқӣ дар системаи ҳуқуқии шаҳрвандӣ комилан табиӣ аст. Дар муаррифии қаблӣ аллакай таъкид шуда буд, ки хусусиятҳои хоси истеҳсолоти молӣ, маҳз ба сифати истеҳсоли мол, дар соҳаи муомилоти мол, мубодилаи эквивалентӣ мутамарказонида шудаанд.

Дар маърӯзаи мазкур масъалаҳои асосии методҳои асосии танзимии соҳавии ҳуқуқ, мазмуни методҳои танзимнамоии ҳуқуқ, методҳои ҳуқуқи граждани, хусусиятҳои методҳои ҳуқуқи граждани, моҳияти методҳои императивӣ ва диспазитивӣ, ҳамчунин баробарии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи граждани, изҳори ирода, мустақилияти молумулкии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи граждани мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

АДАБИЁТ

1) Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №3, мод.170; соли 2008, №10, мод.812; соли 2009, № 5, мод.318; №7-8, мод.496; соли 2010, №1.
2) Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №356, соли 2010

УСУЛҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

Дар маърӯзаи мазкур масъалаҳои асосии методҳои асосии танзимии соҳавии ҳуқуқ, мазмуни методҳои танзимнамоии ҳуқуқ, методҳои ҳуқуқи граждани, хусусиятҳои методҳои ҳуқуқи граждани, моҳияти методҳои императивӣ ва диспазитивӣ, ҳамчунин баробарии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи граждани, изҳори ирода, мустақилияти молумулкии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи граждани мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Калидвожаҳо: методҳои асосии танзимии соҳавии ҳуқуқ, мазмуни методҳои танзимнамоии ҳуқуқ, методҳои ҳуқуқи граждани, хусусиятҳои методҳои ҳуқуқи граждани, моҳияти методҳои императивӣ ва диспазитивӣ.

МЕТОДЫ ГРАЖДАНСКО-ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ

В данной статье рассматривается отраслевые методы правового регулирования, содержание метода правового регулирования, гражданско-правовые методы, специфика граждански правовых методов, раскроется сущность диспозитивный и императивный метод, воплощается равенство участников гражданских правоотношений, автономия воли и имущественная самостоятельность участников гражданских правоотношений.

Ключевые слова: отраслевые методы правового регулирования, содержание метода правового регулирования, гражданско-правовые методы, специфика граждански правовых методов, диспозитивный и императивный метод.

METHODS OF CIVIL LEGAL REGULATION

This article discusses the sectoral methods of legal regulation, the content of the method of legal regulation, civil legal methods, the specifics of civil legal methods, the essence of the dispassion and operational method will be revealed, equality of participants in civil legal relations, autonomy of will and property independence of participants in civil legal relations is embodied.

Keywords: the sectoral methods of legal regulation, the content of the method of legal regulation, civil legal methods, the specifics of civil legal methods, the essence of the dispassion and operational method will be revealed.

Сведения об авторе: ***Эмомалиев Дустмурод*** **-** магистрант 2-го курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: 909091405, email: demomaliev@mail.ru

Information about the author: ***Emomaliev Dustmurod*** – second-year master`s studentof Department of Law, Tajik National University. Phone: 909091405, email: demomaliev@mail.ru

МАВЗУЪ ВА МУНДАРИҶАИ БАРНОМАҲОИ КРИМИНАЛӢ

Эшонова Миҷгона

Донишгҳи миллии Тоҷикистон

Ягона ҳадафи рӯзноманигорӣ бояд хидмат бошад. Чопхонаи рӯзнома қудрату неруи бузургест. Агар пеши селро нагиранд, ба соҳилҳо меравад, хонаро хароб мекунад ва ғалатро аз байн мебарад. Қалам ҳам мумкин аст ба ҳамин тариқ ба ҷойи хидмат ба ҷомеа ба он зарарҳое бузург ва ғайриқобили ҷуброн занад. Инсоният ҳамеша дар дар ҷустуҷӯи ҳақиқат

аст. Вале, ҳақиқат кам аст, ки ба зудӣ роҳи ҳали худро дарёбад. Дар ин нигоштаи худ доир ба барномаи ҳуқуқи ва криминалӣ **“Набз”, “Ахбори ВКД”, “Роҳнамо”, “Инсон ва Қонун”, “Соярӯшан” ва “Дидбон”** ки аз маркази матбуотии Вазорати корҳои дохилӣ ва шабакаҳои кишвар омода карда шуда, тариқи телевизиони “Тоҷикистон”, “Сафина”, “Ҷаҳоннамо” ва “Душанбе” пахш мегарданд, сухан хоҳем гуфт. Воқен барномаи “Набз” бо фарогирии гузоришҳои ҷиноӣ, ҳаводорони зиёде пайдо намудааст, ки шоистаи таҳқиқу баррасӣ ҳама ҷониба ва мавриди омӯзиш қарор додан мебошад. М.В. Ломоносов таъкид менамояд, ки самти эҷодӣ ба хотири дарёфти ҳақиқат буда, журналистика навъимахсуси фаъолият аст ва журналист бояд соҳибмаълумот, ҷиддӣ ва мустақил бошд. Покӣ ва гуноҳ чорае ҷуз иқрори воқеи сареҳ надорад. Вақте, ки иқрори ҳақиқӣ бо ваъдаи манбаӣ бар одами иртиботи муҷаддади гуноҳ дар ҳузури касе ба амал ояд, ки ҳаққи шунидани иқрорро дорад, поктарин навъи тавба ба шумор меравад. Барномаи “Набз” бо фарогири тамоми мавзӯъҳои ҷиноӣ, ки дар ҳафта як маротиба ба эфир меравад, аудиторияи бешуморе пайдо намудааст. Бо ҳамин мақсад журналисти иҷтимоиро ҳамчун як ниҳоди соҳа муаррифи намудааст . Устод М. Муродӣ дар китоби худ “Сотсиологияи журналистика” чунин гуфтааст: “Журналистика ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва соҳаи махсуси фаъолияти эҷодӣ натанҳо дар таъмини ҷомеа бо иттилооти муҳиму зарурӣ, балки дар инкишофи тамаддуни инсонӣ нақши муҳим мебозад”.

Бо ҳамин мақсад дар як ҳафтаи сипари гардида барномаҳои омода намудаи ВКД “Набз” аз 8 гузориш иборат буда мавзуъҳои гуногунро дарбар мегиранд, аз ҷумла:

Мавзӯъ: Аз барномаи **“Набз”**

1.“Расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт.”

2.“Чорводуздон ба сокинони ноҳияи Мастчоҳ 30000 сомонӣ зарар расонидаанд.”

3.“Амалиёти элегант 2016 қонуншиканиҳои хориҷиёнро ошкор намуд.”

4.“Ҳифзи муҳити зист” буридани дарахтон дар вилояти Суғд.”

5.“Ҷаласа оид ба ҷамбаст ва таҳлили фаъолияти кории кормандони ин ниҳод дар нуҳ моҳи охир.”

6.“Гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ҷавонону ноболиғон.”

7.“Дар Раёсати ВКД ба мунисибати 22- солагии конституцсияи ҶТ вохӯрии собиқадорон бо ҳайати шахси доир гардид.”

8.“Афзоиши чорвои калони шохдор ва майда дар фермаҳо.”

Бо ҳамин мазмун барномаи дигари криминалӣ “Ахбори ВКД” мебошад, ки ин барнома низ гузоришҳо бо мавзуъҳои пуртаъсир ва сертамошобини худро дар тӯлӣ як ҳафтаи сипаригардида ба эфир гузоштааст. Бояд қайд кард, ки устод М. Муродӣ дар китоби худ “Сотсиологияи журналистика” чунин менависад: “Маҳз шавқу рағбат ва кӯшиши дарёфти ҳақиқат дар таҳқиқи иҷтимоъ муносибати гуногунро ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа омилҳои айнӣ ва зеҳнӣ ташаккул меёбанд, донишҳои нав ҳосил мешавад ва оянда тахмин мегардад. Умри чунин донишҳо низ баробар нест. Баъзе умри адабӣ, баъзе тӯлонӣ ва қисми дигар умри зудгузаранда доранд.

Мавзӯъ: **Аз барномаи “Ахбори ВКД”**

1. “Дар шаҳри Турсунзода милитсия нашъаҷаллобонро дастгир кард.”

2. “Вазъи бади санитари дар коргоҳи забҳи мурғ.”

3.“Дар шаҳри Истаравшан 3 нафарро барои дӯздӣ дастгир карданд.”

4.“Як ҷинояти ғоратгарӣ аз ҷониби кормандони милитсия ошкор карда шуд.”

5.“Ғоратгари дар шаҳри Ваҳдат аз ҷониби раёсати ВКД.”

6.“Ҷиноятӣ чорводуздӣ аз ҷониби 2 нафар шаҳрванд дар шаҳри Ваҳдат аз ҷониби кормандони милитсия дастгир шуданд.”

7.“Риоя накардани қоидаҳои зидди сухтор дар ноҳияи Рашт ошкор карда шудаанд.”

8. “Шомил шудани баъзе ҷавонони фиребхӯрда ба гурӯҳҳои терористию экстремистӣ.”

9.“Гузаронидани чорабиниҳои зиддисухторӣ аз ҷониби кормандони милитсия.”

Дар дунё одамони зиёде ба дунё меоянд, аммо сабаби омаданашонро худашон ҳам намедонанд. Омаданд, хомӯшона ба ягон коре онро тарк намуданд. [5.с.47]

Барномаи **“Дидбон”**

Ин барнома низ ба мисли барномаи “Набз” “Милитсия ҳомии Ҷомеа” ва “Сипар” “Ахбори ВКД” мебошад ва аз онҳо тафовуте надорад: мегӯяд муаллиф. Барнома солҳои 2010 ташкил карда шуда аз ҳамон замон номи “Дидбон”-ро гирифтааст ва то ба имрӯз бо ҳамон ном аввалин бор рӯи экранҳои мову шумо омадааст. Аввалин сухангӯи ин барнома Равшан Мирзозода буд. Ин шахс тӯли 2 сол барномаро роҳнамоӣ намуд. Баъдан то соли 2014 барнома бе ровӣ буд, яъне ба эфир намерафт. Баъдан солҳои 2014 то аввали солҳои 2019 журналист ва ровии он Қурбонзода Қурбон буд, ҳоло бошад барнома ба эфир намеравад. Сабаби ба эфир нарафтани барномаро муаллиф чизе нагуфт.

Мавзӯъ: Аз барномаи **“Дидбон”**

1.“Ҷиноятми дӯздӣ дар ноҳияи Шаҳринав.”

2. “Дуздони содир намудаи молу ашёи мардум ошкор гардид.”

3.“Садамаи ҷонӣ дар шоҳроҳи Қурғонтеппа – Душанбе.”

Барномаи **“Инсон ва Қонун”**

Барномаи дигаре, ки мо имрӯз мавриди таҳлилу барраси қарор медиҳем, ин барномаи “Инсон ва қонун” мебошад. Чунин барномаҳо дар тамоми минтақаҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳури зиёд буда ба марази тамошобинон гузошта мешавад. Барномаи “Инсон ва қонун” аввалин бор соли 1995 ба экрани телевизион баромадааст. Муаллифи аввалини он Ҳамроҳ Салимов мебошад. Бинобар сабаби ба кори дигар гузаштанаш масъулият ва таҳияи барнома дар солҳои 2008-2013 ба души журналист Холмурод Ниёзӣ будааст. Аз соли 2013 то ин ҷониб барнома дар таҳияи Саидҷаъфар Сафарзода вогузор карда шуда, пешакаши тамошобинон гардонида мешавад. Барономаи мазкур дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилояти Хатлон таҳия шуда, дар он вазъи ҷиноятқорӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва фаъолияти кориву корҳои фаҳмондадиҳии мақомот оид ба пешгирӣ аз ҷиноятқорӣ инъикос мегардад. Дар барнома ҳамчунин вобаста ба ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи экология, омор, барқ, амнияти санитариву эпидемиологӣ ва ғайра: гузоршиҳои телевизиони омода мекунанд. Маъмулан, дар қисмати аввали барнома аз ҷараёни мурофиаҳои судӣ гузориш пахш мекунанд. Мақсади барнома эҷоди рӯҳияи оштинопазир нисбат ба амалҳои ҷиноятӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мебошад. Барнома ҳар ҳафта рузҳои чоршанбе соати 9:00 ба муддати 20 дақиқа аз телевизиони “Хатлон” пахш мегардад. Дар барнома ҳамзамон муроҷиати сокинон вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо пайгири карда мешавад. Кормандони барнома дар солҳои қабли ба маркази матбуоти ВКД ҳамкори доштаанд, аммо ҳоло бошад бо баъзе мушкилиҳо ҳомкории худро бо маркази матбуоти ВКД қат кардааст. Мегӯяд ровии барнома. Дар хусуси журналист ва ровии барнома сухан гӯем: Саидҷаъфар Сафарзода хатмкардаи ДМТ буда факултети ҳуқуқшиносиро ба итмом расонидааст. Аз сабаби набудани кадр дар телевизиони “Хатлон” барномаи “Инсон ва Қонун” ба дӯшӣ ӯ гузошта шудааст. Ва аз ҳуқуқҳои шаҳрвандон огоҳ буда барномаро бо тамоми нозукиҳояш мебаранд, аммо ҷои журналисти ҳақиқиро гирифта наметавонад, чунки ӯ аз фаъолияти кории журналист ба хуби огоҳ нест. Чӣ будани касбияти журналистиро намедонад. Н.И. Новинков журналистро паҳнкунандаи дониш, балки, пеш аз ҳама, инсони соҳиби тафаккури интиқодиемедонад, ки ба муқобили бадиҳои иҷтимоӣ мубориза мебарад.[2.с.11]

Мавзӯъ: Аз барномаи **“Инсон ва қонун”**

1.“Қонуни ҶТ дар бораи маҳдуд кардани тамоку ба имзо расид.”

2.“Муроҷиати шахосони воҷеӣ ва ҳуқуқӣ ба суди вилояти Хатлон.” 3.“Муроҷиатҳо дар суди ноҳияи Шаҳритус қатъ мегарданд.”

4.“Гузаронидани редҳо дар ноҳияи Қубодиён оид ба вазъи санитарию гигиенӣ.”

5.“Роиоя нашудан ё нагирифтани музд оид ба рухсатӣ баромадани занони коргар дар муддати ҳомиладори.”

Фидоии роҳи ҳақиқат набояд коре хилофи ростию дурустӣ анҷом диҳад. Бояд худро ҳамеша нисбат ба дурустии умур равшан нигоҳ дорад ва ҳар вақт ҳам мушоҳида кард роҳи ғалат мепаймояд, боистӣ ба ҳар қиммате, ки бошад, ба гуноҳи худ иқрор кунад ва дар садади чора барояд. [7.с.42]

Барномаи **“Самт” қаблан “Роҳнамо”**

Барномаи дигаре, ки мо то имрӯз ҷустуҷӯй намудему онро мавриди омӯзиш қорор додем ин барномаи “Роҳнамо” мебошад, ки пеш аз ин ном бо номи дигар дар рӯзҳои аввали фаъолияташ “Одам автомобил роҳ” номгузорӣ карда шуда буд, барандаи аввали он Мирзобек Каримов корманди Бозррасии Давлатии Автомабили шаҳри Душанбе буд. Баъдан бо номи дигар яъне “Роҳнамо” гузашт. Минбаъд барномаро сардори шӯъбаи БДА Ҳабиб Сангинов ва дигарон пеш мебурданд. Барнома тахминан солҳои 1984 ташкил карда шуд. Солҳои 1986 номи “Роҳнамо”-ро гирифта, бо ин ном то соли 2014 дар эфир мерафт. Пешбурди барнома ба дӯшӣ кормандони сиёсии шабакаи якуми телевизиони “Тоҷикистон” вогузор карда шуд. Аз соли 1990-1996 барандагии ин барнома журналист Ҷоми Каримов бар дӯши худ гирифта буд. Баъдтар, яъне баъди солҳои 2000-ум тӯли беш аз 15 сол муаллиф ва барандаи барнома Абдулло Муҳаммадиев буд. Тӯли чанд муддат барнома бе барранда ба эфир таввасути навор мерафт. Ин барнома тӯли 35 сол аст, ки аз тариқи телевизиони “Тоҷикистон” ба эфир меравад. Имрӯз бошад бо номи “Самт” таҳия карда мешавад. Мақсади асосии таҳияи ин барнома пеш аз ҳама пешгирии садамаи роҳу нақлиёт аз тарафи соҳибони нақлиёт ва иштирокчиёни дигари ҳаракат дар роҳ мебошад. Ҳоло бошад барномаро журналист ва таҳқиқотгари ҷавон Завқибек Саидамин пеш мебарад. Барнома аз соли 2016 бо номи “Самт” гузашт.

Ҳамеша ба талошат идома бидеҳ ва ҳеҷ вақт аз масират берун нашав. Билохира сахткӯшиҳоят ба натиҷа мерасад.

Барномаи **“Соярӯшан”**

Ин барнома аз дигар барномаҳои зикршуда тафоввуте надорад. Ин барнома аз соли 1993 то ин ҷониб аз тариқи телевизиони “Душанбе” қаблан “Пойтахт” ба эфир меравад. Барнома криминалӣ буда шаҳрвандони дохили кишварро аз ҳодисаҳое, ки дар ҳафтаи сипаришуда ба амал омадаанд ошно месозад. Барномаро журналисти шинохта, номдор ва хатмнамудаи чандин донишгоҳои кишварҳои хориҷ, ки эҷодиёти худро дар тамоми мамлакатҳои берун аз Тоҷикистон муррифӣ кардааст, Зулфиддин Муминҷонов мебошад. Ӯ дар тӯлӣ ҳаёт ва фаъолияти кориааш, ки дар телевизиони “Душанбе” кор мекунад, чандин барномаҳоро рӯи экранҳои мову шумо овардааст. Барнома бо ҳамкорӣ бо Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе буда маводҳои худро ба тариқи сомонаҳо ва кормандони ин ниҳод ба даст меорад, ва бо тамоми нозукиҳояш омода намуда, манзури тамошобинони худ мегардонад. Касе, ки зиндагиро вақфи хидмати мардум карда, ҳаргиз набояд бидуни таваҷҷуҳ ва диққати шахсӣ комиле баён дорад. Он кас, ки дар ҷустуҷӯи ростист, бояд аз ҳар ҳайс эҳтиёткор ва муроқиби ҳама паҳлуҳои кор бошад. Агар инсон тарафро водор ба қабули нуктае мекунад, ки худ дар дурустии он диққат накарда, амалан аз арзиши ҳақиқат костааст. Бояд қайд кард, ки ҳар таҳқиқ ва таҳлиле, ки мо анҷом медиҳем аз мазмуни сухан ва воқеъият иборат бошад, чун он ба ҷомеаи мустақил алоқаманд аст. Бо ҳамин мақсад тӯли чанд муддат бо таҳқиқ ба хулосае омадем, ки барномаҳои криминалӣ ягона барномаҳое мебошанд, ки бо гузоришҳои худ аудиторияи бешумореро пайдо намудаанд. Журналист сухане ба аудитория бигӯяд, ки масъалаи ҳалшаванда бо хислати омма ва фаврияти ахбор бояд мувофиқ кунанда бошад. Барномаҳо дар телевизион бо ҳадафҳои махсус таҳия ва пахш мегарданд. Вале кам иттифоқ меафтад, ки ҳадафи аслии онҳо ба хости аудитория мувофиқат кунад. Аммо боз ҳам кам вомехӯрем барномаҳои телевизионие, ки маҳз бо таҳқиқи мавзуъи имрӯза доғи ҷомеаро фарогир бошанд. Барномаҳои ҳуқуқи ва криминалӣ **“Набз”, “Ахбори ВКД”, “Роҳнамо”, “Инсон ва Қонун”, “Соярӯшан” ва “Дидбон”** аз зумраи он барномаҳе мебошанд, ки ҳар як пахши онро ба мавзӯъи алоҳидаи ҷиноятӣ алоқаманд мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Азимов А. Маҳорати журналисти таҳлилгари телевизион // А. Азимов. -Душанбе: Шарқи озод, 2013. - 84 с.
2. Маҳатма Ганди Адаб “Инсон ва озодӣ” Андешаҳои заррини// М. Ганди №3 (51), с. 2019
3. Усмонов И.К. Журналистика, ҷ.4. // И. К. Усмонов. - Душанбе, 2011. - 474 с.
4. Ҳошим Г. “Самак” // Г. Ҳошим.- №9 (486) 24 феврали соли 2021
5. Муродов М. Сотсиологияи журналистика//М. Муродов.-Душанде:
6. Истеъдод, 2016. 208.с
7. Барномаи криминалии “Набз” “Милитсияи ҳомии ҷомеа”(соли -2020-2021).

8. . Барномаи криминалии “Набз” (солҳои – 2016 – 2017 - 2018).
9. Барномаи “Ахбори ВКД” (соли – 2020-2021).
10. Барномаи “Соярӯшан” (соли - 2018).
11. Барномаи “Самт” (соли - 2019)
12. Барномаи “Инсон ва қонун” (соли - 2018)
13. Барномаи “Дидбон” (соли – 2018-2019)
14. www.vkd.tj

МАВЗУЪ ВА МУНДАРИҶАИ БАРНОМАҲОИ КРИМИНАЛӢ.

Мақолаи мазкур бештар хусусияти назарияви дошта, ҷиҳати ҳуқуқии барномаи набзро мавриди таҳлилиу бараси ҳамаҷонибаи илми қарор додааст. Бояд қайд кард, ки ҳар таҳқиқ ва таҳлиле, ки мо анҷом медиҳем аз мазмун сухан ва вақеъият иборат мебошад, чун он ба ҷомеа мустақил алоқаманд аст. Бо ҳамин мақсад тӯли чанд муддат бо таҳқиқ ба хулосае омадем, ки барномаҳои криминалӣ ягона барномаҳое мебошанд, ки бо гузоришҳои худ аудиторияи бешумореро пайдо намудаанд. Журналист сухане ба аудитория, бигуяд, ки масъалаи ҳалшаванда бо хислати омма ва фаврияти ахбор бояд мувофиқ кунанда бошад.

Калидвожаҳо: “Набз”, “Ахбори ВКД”, “Роҳнамо”, “Инсон ва Қонун”, “Соярӯшан” ва “Дидбон” журналист, криминалӣ, барнома, аудитория, ниҳоди иҷтимоӣ

ПРЕДМЕТ И СОДЕРЖАНИЕ КРИМИНАЛЬНЫХ ПРОГРАММ.

Эта статья носит более теоретический характер и предоставляет всесторонний научный анализ юридических аспектов программы “Набз”. Следует отметить, что каждое проводимое нами исследование и анализ состоит из содержания речи и реальности, поскольку они относятся к независимому обществу. С этой целью мы потратили некоторое время на исследования и пришли к выводу, что криминальные программы - единственные программы, которые своими отчетами привлекли бесчисленное количество зрителей. Журналист должен обратиться к аудитории и сказать, что решаемый вопрос должен соответствовать характеру публики и срочности новостей.

Ключевые слова: «Набз», «Новости МВД», «Путеводитель», «Человек и закон», «Тень» и «Сторож», журналист, преступник, программа, аудитория, социальный институт.

THE SUBJECT AND CONTENT OF CRIMINAL PROGRAMS.

This article is more theoretical in nature and provides a comprehensive scientific analysis of the legal aspects of the «Nabz». It should be noted that every research and analysis we conduct consists of the content of speech and reality, as it relates to an independent society. To this end, we have spent some time researching and concluded, that criminal programs are the only programs that have gained countless audiences with their reports. The journalist should address the audience, saying that the issue to be resolved should be consistent with the nature of the public and the urgency of the news.

Keywords: “Nabz”, “MIA News”, “Guide”, “Man and Law”, “Shadow” and “Watchman” journalist, criminal, program, audience, social institution

Сведения об авторе: Эшонова Миджгона - магистрант 2 курса факультета журналистики Таджикского национального университета. Адрес: 734025 Республика Таджикистан. Душанбе, проспект Рудаки 17. Тел: +992 939983961

Information about the author: Eshonova Mijgona - 2nd year master's student at the Faculty of Journalism, Tajik National University Address: 734025 Republic of Tajikistan. Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Tel: +992 939983961

ВОБАСТАГИИ БАЙНИ МУОДИЛАИ ИНТЕГРАЛИИ ВОЛТЕРА ВА МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛИИ ТАНАЗЗУЛЁБАНДАИ ТАРТИБИ ДУ

Рачабов Н. Гадоев Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бигзор $\Gamma = \{x: a < x < b\}$ маҷмуи нуқтаҳои дар тири ҳақиқӣ бошад. Дар Г муодилаи интегралии зеринро муоина мекунем.

$\varphi(x) + \int_a^x \left[p + qln\left(\frac{x-a}{t-a}\right)\right]\frac{\varphi(t)}{t-a}dt = f(x)$ (1)

ки дар инҷо p ва q ададҳои додашуда мебошанд, $f(x)$ функсияи маълуми додашуда ва $\varphi(x)$ функсияи номаълум мебошад.

Ҳалли ин муодилаи интегралиро дар синфи функсияҳое мекобем, ки барои вай $\varphi(x) = C[a, b]$, $\varphi(a) = 0$ бо рафтори асимптотикии зерин $\varphi(x) = c[(x-a)^\epsilon\ \epsilon > 0$ ҳангоми $x \to a$ (2)

Барои ёфтани ҳалли муодилаи интегралии (1) фарз мекунем, ки ҳалли муодилаи (1) мавҷуд бошад ва ин ҳал дорои ҳосилаҳои бефосилаи тартиби ду бошад. Ба ғайр аз ин тарафи рости муодилаи (1) функсияи $f(x)$ инчунин дорои ҳосилаи бефосилаи тартиби ду бошад, он гоҳ ҳар ду тарафи ифодаи (1)- ро дифференсиронида ба $(x-a)$ зарб намуда ҳосил мекунем.

$D_x^a(\varphi) + p\varphi(x) + q\int_a^x \frac{\varphi(t)}{t-a}dt = D_x^a(f)$ (3)

ки дар инҷо $D_x^a = (x-a)\frac{d}{dt}$ мебошад.

Ифодаи охиронро боз нисбатан ба x дифференсиронида ва ба $(x-a)$ зарб намуда ҳосил мекунем.

$(D_x^a)^2(\varphi) + pD_x^a(\varphi) + q\varphi(x) = (D_x^a)^2(f)$ (4)

Ба ҳамин тариқ дар ин ҳолат масъалаи ёфтани ҳалли муодилаи интеграли (1) ба масъалаи ёфтани ҳалли муодилаи дифференсиалии тартиби дуи таназулёбандаи (4) оварда шуд.

Ёфтани ҳалли муодилаи дифференсиалӣ дар ҳолате, ки решаҳои муодилаи характеристикӣ, комплексӣ ва байни худ ҳамроҳшуда мебошанд

Дар навбати аввал ҳалли муодилаи дифференсиалии якҷинсаи (4)-ро меёбем,яъне ҳалии муодилаи дифференсиалии зеринро

$(D_x^a)^2(\varphi) + pD_x^a(\varphi) + q\varphi(x) = 0$ (5)

Ҳалли муодилаи (5)-ро ба намуди $\varphi(x) = (x-a)^\lambda$ мекобем. Ба ҳамин тариқ ҳосилаҳоро ёфта дар муодилаи (5) мегузорем.

$$D_x^a(\varphi) = \lambda(x-a)^\lambda = \lambda\varphi(x)$$
$$(D_x^a)^2(\varphi) = \lambda^2(x-a)^\lambda = \lambda^2\varphi(x)$$

Ҳосилаҳои ёфташударо ба муодилаи (5) гузошта баъд аз он ба $\varphi(x) \neq 0$ ихтисор намуда ҳосил менамоем.

$\lambda^2 + p\lambda + q = 0$ (6)

Ба ҳамин тариқ муодилаи квадратиро бо осони ҳал намуда решаҳои онро дар шакли зерин навиштан мумкин аст.

$$\lambda_{1,2} = -\frac{p \pm \sqrt{p^2 - 4q}}{2}$$

Чи тавре ки дар боло қайд карда будем, ҳалли муодилаи интегралиро дар ҳолате ҷустуҷу мекунем, ки решаҳои муодилаи характеристикӣ комплексӣ бошанд, яъне дар баробарии охирон табдилдиҳии алгебравиро анҷом медиҳем:

Бигзор $p^2 - 4q < 0$ пас

$$\lambda_{1,2} = \frac{-p \pm \sqrt{p^2 - 4q}}{2} = -\frac{p}{2} \pm \frac{\sqrt{4q - p^2}}{2}i$$

Ишораҳои зеринро дохил менамоем

$A = -\frac{p}{2}, B = \frac{\sqrt{4q-p^2}}{2}$ ҳамин тавр $\lambda_{1,2} = A \pm Bi$

Ба ҳамин тариқ, ҳалли умумии муодилаи якҷинсаи (5)-ро ба намуди зерин навиштан мумкин аст:

$\varphi(x) = (x-a)^{\lambda_1}C_1 + (x-a)^{\lambda_2}C_2$ (7)

ки дар инҷо C_1 ва C_2 доимиҳои ихтиёрӣ буда, λ_1, λ_2 решаҳои муодилаи характериситикӣ. Азбаски ки λ_1, λ_2 ададҳои компелксӣ мебошанд онҳро дар шакли зерин навиштан мумкин аст. Ҳамин тавр баробарии (7) намуди зеринро мегирад.

$\varphi(x) = (x-a)^{\lambda_1}C_1 + (x-a)^{\lambda_2}C_2 = (x-a)^A(C_1\cos[Bln(x-a)] + C_2\sin[Bln(x-a)]$ (8)

Барои ёфтани ҳалли муодилаи ғайриякҷинсаи дифференсиалии (4) методи вариатсияи доимиҳои ихтиёриро истифода мебарем, ки протсеси он чунин аст. Ҳалли муодилаи ғайриякҷинсаи (4)-ро ба намуди

$\varphi(x) = (x-a)^A(C_1(x)\cos[Bln(x-a)] + C_2(x)\sin[Bln(x-a)])$ (9)

ки дар ин ҷо $C_1(x)$ ва $C_2(x)$ функсияҳои бефосилаи ихтиёрӣ мебошанд. Ба ҳамин тариқ аз ифодаи (9) ҳосила гирифта ҳарду тарафи онро ба $(x-a)$ зарб намуда, ҳосил мекунем.

$D_x^a\varphi(x) = (x-a)^A[\{A\cos[Bln(x-a)] - B\sin[Bln(x-a)]\}C_1(x) + \{A\sin[Bln(x-a)] + B\cos[Bln(x-a)]\}C_2(x)] + (x-a)^A(D_x^aC_1(x)\cos[Bln(x-a)] + D_x^aC_2(x)\sin[Bln(x-a)])$ (10)

Аз сабабе, ки дар тасвири (9) $C_1(x)$ ва $C_2(x)$ функсияҳои ихтиёрӣ мебошанд, онҳоро чунин қабул мекунем, ки баробарии зерин иҷро шавад.

$$(x-a)^A(D_x^aC_1(x)\cos[Bln(x-a)] + D_x^aC_2(x)\sin[Bln(x-a)]) = 0$$

Он гоҳ баробарии (10) намуди зеринро мегирад.

$D_x^a\varphi(x) = (x-a)^A[\{A\cos[Bln(x-a)] - B\sin[Bln(x-a)]\}C_1(x) + \{A\sin[Bln(x-a)] + B\cos[Bln(x-a)]\}C_2(x)]$ (11)

Як маротибаи дигар аз ифодаи охирон (11) нисбатан ба **x** ҳосила гирифта ҳар ду тарафро ба $(x-a)$ зарб намуда, пайдо мекунем.

$(D_x^a)^2\varphi(x) = (x-a)^A[\{A^2\cos[Bln(x-a)] - 2AB\sin[Bln(x-a)] - B^2\cos[Bln(x-a)]\}C_1(x) + \{A^2\sin[Bln(x-a)] + 2AB\cos[Bln(x-a)] - B^2\sin[Bln(x-a)]\}C_2(x)] + (x-a)^A\{(A\cos[Bln(x-a)] - B\sin[Bln(x-a)])D_x^aC_1 + (A\sin[Bln(x-a)] + B\cos[Bln(x-a)])D_x^aC_2(x)\}$ (12)

Акнун қиматҳои ёфташудаи $\varphi(x)$, $D_x^a(\varphi)$ ва $(D_x^a)^2(\varphi)$ –ро аз баробариҳои (9), (11) ва (12) ба муодилаи (4) гузошта ҳосил мекунем.

$$\begin{aligned}(x-a)^A[&\{A^2\cos[Bln(x-a)] - 2AB\sin[Bln(x-a)] - B^2\cos[Bln(x-a)]\}C_1(x)\\ &+ \{A^2\sin[Bln(x-a)] + 2AB\cos[Bln(x-a)] - B^2\sin[Bln(x-a)]\}C_2(x)]\\ &+ (x-a)^A\{(A\cos[Bln(x-a)] - B\sin[Bln(x-a)])D_x^aC_1\\ &+ (A\sin[Bln(x-a)] + B\cos[Bln(x-a)])D_x^aC_2(x)\}\\ &+ p(x-a)^A[\{A\cos[Bln(x-a)] - B\sin[Bln(x-a)]\}C_1(x)\\ &+ \{A\sin[Bln(x-a)] + B\cos[Bln(x-a)]\}C_2(x)]\\ &+ q(x-a)^A(C_1(x)\cos[Bln(x-a)] + C_2(x)\sin[Bln(x-a)]) = (D_x^a)^2f(x)\end{aligned}$$

$(x-a)^A[\{(A^2 - B^2 + pA + q)\cos[Bln(x-a)] - (2AB + pB)\sin[Bln(x-a)]\}C_1(x) + \{(A^2 - B^2 + pA + q)\sin[Bln(x-a)] + (2AB + pB)\cos[Bln(x-a)]\}C_2(x)] + (x-a)^A\{(A\cos[Bln(x-a)] - B\sin[Bln(x-a)])D_x^aC_1 + (A\sin[Bln(x-a)] + B\cos[Bln(x-a)])D_x^aC_2(x)\} = (D_x^a)^2f(x)$ (13)

ифодаҳои $A^2 - B^2 + pA + q$ ва $2AB + pB$ ба нул баробар мешаванд, яъне ба ҷои A ва B қиматҳояшро мегузорем ва содда карда мебинем ки қиммати он ба нул баробар мешавад.

$$A^2 - B^2 + pA + q = \left(-\frac{p}{2}\right)^2 - \left(\frac{\sqrt{4q-p^2}}{2}\right)^2 + p\left(-\frac{p}{2}\right) + q = \frac{p^2}{4} - \frac{4q-p^2}{2} - \frac{p^2}{2} + q$$

$$= \frac{p^2 - 4q + p^2 - 2p^2 + 4q}{4} = 0$$

$$2AB + pB = 2\left(-\frac{p}{2}\right)B + pB = -pB + pB = 0$$

баробарии (13) баназардошти ифодаҳои охирон намуди зеринро мегирад.

$(x-a)^A\{(A\cos[Bln(x-a)] - B\sin[Bln(x-a)])D_x^aC_1 + (A\sin[Bln(x-a)] + B\cos[Bln(x-a)])D_x^aC_2(x)\} = (D_x^a)^2f(x)$

Ба ҳамин тариқ, барои ёфтани функсияи номаълуми $C_1(x)$ ва $C_2(x)$ системаи зеринро ҳосил кардем.

$$\begin{cases} D_x^a C_1(x)\cos[Bln(x-a)] + D_x^a C_2(x)\sin[Bln(x-a)] = 0 \\ (A\cos[Bln(x-a)] - B\sin[Bln(x-a)])D_x^a C_1 + \\ (A\sin[Bln(x-a)] + B\cos[Bln(x-a)])D_x^a C_2(x) = \dfrac{(D_x^a)^2 f(x)}{(x-a)^A} \end{cases}$$

$$\Delta x = \begin{vmatrix} \cos[Bln(x-a)] & \sin[Bln(x-a)] \\ A\cos[Bln(x-a)] - B\sin[Bln(x-a)] & A\sin[Bln(x-a)] + B\cos[Bln(x-a)] \end{vmatrix}$$
$$= A\sin[Bln(x-a)]\cos[Bln(x-a)] + B\cos^2[Bln(x-a)]$$
$$- A\sin[Bln(x-a)]\cos[Bln(x-a)] + B\sin^2[Bln(x-a)]$$
$$= B(\cos^2[Bln(x-a)] + \sin^2[Bln(x-a)]) = B$$

$$\Delta C_1 = \begin{vmatrix} 0 & \sin[Bln(x-a)] \\ \dfrac{(D_x^a)^2 f(x)}{(x-a)^A} & A\sin[Bln(x-a)] + B\cos[Bln(x-a)] \end{vmatrix} = -\sin[Bln(x-a)]\frac{(D_x^a)^2 f(x)}{(x-a)^A}$$

$$\Delta C_2 = \begin{vmatrix} \cos[Bln(x-a)] & 0 \\ A\cos[Bln(x-a)] - B\sin[Bln(x-a)] & \dfrac{(D_x^a)^2 f(x)}{(x-a)^A} \end{vmatrix} = \cos[Bln(x-a)]\frac{(D_x^a)^2 f(x)}{(x-a)^A}$$

$$D_x^a C_1(x) = \frac{\Delta C_1}{\Delta x} = -\frac{\sin[Bln(x-a)](D_x^a)^2 f(x)}{B(x-a)^A}$$

$$(x-a)\frac{dC_1}{dx} = -\frac{\sin[Bln(x-a)](x-a)\frac{d}{dx}\left(D_x^a f(x)\right)}{B(x-a)^A}$$

$$\frac{dC_1}{dx} = -\frac{\sin[Bln(x-a)]\frac{d}{dx}\left(D_x^a f(x)\right)}{B(x-a)^A}$$

$C_1(x) = C_1^0 - \frac{1}{B}\int_x^a (\mathrm{t}-\mathrm{a})^{-\mathrm{A}}\sin[Bln(t-a)]\frac{d}{dt}\left(D_t^a f(t)\right)dt = C_1^0 - \frac{1}{B}\int_x^a \left\{\frac{d}{dt}[(t-a)^{-A}\sin[Bln(t-a)]D_t^a f(t)] - D_t^a f(t)[-A(t-a)^{-A-1}\sin[Bln(t-a)] + (t-a)^{-A-1}B\cos[Bln(x-a)]]\right\}dt = C_1^0 - \frac{1}{B}(x-a)^{-A}\sin[Bln(x-a)]D_x^a f(x) + \frac{1}{B}\int_x^a D_t^a f(t)(t-a)^{-A-1}(B\cos[Bln(t-a)] - \mathrm{A}\sin[Bln(t-a)])dt = C_1^0 - \frac{1}{B}(t-a)^{-A}\sin[Bln(x-a)]D_x^a f(x) + \frac{1}{B}\int_x^a (t-a)^{-A}\frac{df}{dt}(B\cos[Bln(t-a)] - \mathrm{A}\sin[Bln(t-a)])dt = C_1^0 - \frac{1}{B}(t-a)^{-A}\sin[Bln(x-a)]D_x^a f(x) + \frac{1}{B}\int_x^a \left\{\frac{d}{dt}\left[(t-a)^{-A}(B\cos[Bln(t-a)] - \mathrm{A}\sin[Bln(t-a)])f(t) - f(t)\left(-A(t-a)^{-A-1}(B\cos[Bln(t-a)] - \mathrm{A}\sin[Bln(t-a)]) + (t-a)^{-A}\left(-\frac{B^2\sin[Bln(t-a)]}{t-a} - \frac{AB\cos[Bln(x-a)]}{t-a}\right)\right)\right]\right\}dt = C_1^0 - \frac{1}{B}(t-a)^{-A}\sin[Bln(x-a)]D_x^a f(x) + \frac{1}{B}(x-a)^{-A}(B\cos[Bln(x-a)] - \mathrm{A}\sin[Bln(x-a)])f(x) + \frac{1}{B}\int_x^a f(t)(t-a)^{-A-1}\{2AB\cos[Bln(t-a)] + (A^2 + B^2)\sin[Bln(t-a)]\}dt$

$$D_x^a C_2(x) = \frac{\Delta C_2}{\Delta x} = \frac{\cos[Bln(x-a)]\,(D_x^a)^2 f(x)}{B(x-a)^A}$$

$$(x-a)\frac{dC_2}{dx} = \frac{\cos[Bln(x-a)]\,(x-a)\frac{d}{dx}\left(D_x^a f(x)\right)}{B(x-a)^A}$$

$$\frac{dC_2}{dx} = \frac{\cos[Bln(x-a)]\frac{d}{dx}\left(D_x^a f(x)\right)}{B(x-a)^A}$$

$C_2(x) = C_2^0 + \int_x^a \frac{\cos[Bln(t-a)]\frac{d}{dt}\left(D_t^a f(t)\right)}{B(t-a)^A}dt = C_2^0 + \frac{1}{B}\int_x^a (t-a)^{-A}\cos[Bln(t-a)]\frac{d}{dt}\left(D_t^a f(t)\right)dt = C_2^0 + \frac{1}{B}\int_x^a \left\{\frac{d}{dt}[D_t^a f(t)\cos[Bln(t-a)]\,(t-a)^{-A}] - D_t^a f(t)\left[-A(t-\right.\right.$

$a)^{-A-1}\cos[Bln(t-a)]-(t-a)^{-A}\frac{B\sin[Bln(t-a)]}{t-a}\Big]\Big\}dt=C_2^0+\frac{1}{B}(x-a)^{-A}D_x^a f(x)\cos[Bln(x-a)]-\frac{1}{B}\int_x^a(t-a)^{-A-1}\big[-A\cos[Bln(t-a)]-B\sin[Bln(t-a)]\big]D_t^a f(t)dt=C_2^0+\frac{1}{B}(x-a)^{-A}D_x^a f(x)\cos[Bln(x-a)]-\frac{1}{B}\int_x^a(t-a)^{-A-1}\big[-A\cos[Bln(t-a)]-B\sin[Bln(t-a)]\big]\frac{d}{dt}f(t)dt=C_2^0+\frac{1}{B}(x-a)^{-A}D_x^a f(x)\cos[Bln(x-a)]+\frac{1}{B}\int_x^a\{\frac{d}{dt}[(t-a)^{-A}[A\cos[Bln(t-a)]+B\sin[Bln(t-a)]f(t)]-f(t)[-A(t-a)^{-A-1}(A\cos[Bln(t-a)]+B\sin[Bln(t-a)])]+(t-a)^{-A}\left(-\frac{AB\sin[Bln(t-a)]}{t-a}+\frac{B^2\cos[Bln(t-a)]}{t-a}\right)\}dt$

$$C_2(x)=C_2^0+\frac{1}{B}(x-a)^{-A}\big(D_x^a f(x)\cos[Bln(x-a)]+(A\cos[Bln(x-a)]+B\sin[Bln(t-a)])f(x)\big)-\frac{1}{B}\int_a^x(t-a)^{-A-1}\big[(-A^2+B)\cos[Bln(x-a)]-2AB\sin[Bln(t-a)]\big]dt \quad (15)$$

Қиматҳои ёфташудаи $C_1(x)$ ва $C_2(x)$-ро дар ҳолате ҳосил карда шудаанд, ки функсияи шартҳои зеринро қаноат мекунад.

$$\{(x-a)^{-A}\sin[Bln(t-a)]D_x^a f(x)\}=0, x\to a$$
$$\{(x-a)^{-A}\cos[Bln(x-a)]\,D_x^a f(x)\}=0\ x\to a$$
$$\{(x-a)^{-A}(A\cos[Bln(x-a)]\pm B\sin[Bln(t-a)])f(x)\}=0$$

$x\to a$

Қиматҳои ёфташудаи $C_1(x)$ ва $C_2(x)$-ро аз баробариҳо (14) ва (15) ба бароббарии (9) гузошта баъд аз он баъзе оператсияҳои интегралиро иҷро намуда, ба натиҷаҳои зерин меоем.

Теорема 1. Бигзор дар муодилаи интегралии (1) решаҳои муодилаи характеристикии (6) λ_1,λ_2 комплексӣ ва байни худ ҳамроҳшуда бошанд. Яъне $p<0, p^2-4q<0$ функсияи $f(x)\in C[a,b], f(a)=0$ мебошад бо рафтори асимптотики $f(x)=o\big[(x-a)^{\delta}\big], \delta>\frac{|p|}{2}$ ҳангоми $x\to a$

Онгоҳ муодилаи интегралии (1) дар синфи функсияҳои $\varphi(x)\in C[a,b]$, ки дар нуқтаи $x=a$ ба нул баробар мешавад ҳамавақт ҳал доранд ва ҳалли умумии он дуто доимии ихтиёриро дар бар мегирад ва аз руи формулаи (16) ёфта мешавад,

$$\varphi(x)=(x-a)^{\frac{|p|}{2}}\left\{\cos\left[\frac{\sqrt{4q-p^2}}{2}\ln(x-a)\right]C_1+\sin\left[\frac{\sqrt{4q-p^2}}{2}\ln(x-a)\right]C_2\right\}+f(x)+\frac{1}{\sqrt{4q-p^2}}\int_a^x\left(\frac{x-a}{t-a}\right)^{\frac{|p|}{2}}\left[(p^2-4q)\sin\left[\frac{\sqrt{4q-p^2}}{2}\ln\left(\frac{x-a}{t-a}\right)\right]-p\sqrt{4q-p^2}\cos\left[\frac{\sqrt{4q-p^2}}{2}\ln\left(\frac{x-a}{t-a}\right)\right]\right]\frac{f(t)}{t-a}\,dt\equiv K_1^-[C_1,C_2,f(x)] \quad (16)$$

ки дар инҷо C_1, C_2 –доимиҳои ихтиёрӣ мебошанд.

Дар ҳолати $p>0$ будан чунин теорема ҷой дорад.

Теоремаи 2. Бигузор дар муодилаи интегралии (1) $p>0\ p^2-4q<0$ бошад функсияи $\varphi(x)\in C[a,b], f(a)=0$ бо рафтори асимптотикии $f(x)=o[(x-a)^{\varepsilon}]\ \varepsilon>0\ x\to a$ он гоҳ муодилаи интегралии (1) дар синфи $\varphi(x)\in C[a,b]$дар нуқтаи $x\to a$ ба нул мубадал мешавад. Ҳалли ягона дорад ва ин ҳал аз формулаи (17) ёфта мешавад.

$$\varphi(x)=\frac{1}{\sqrt{4q-p^2}}\int_a^x\left(\frac{t-a}{x-a}\right)^{\frac{p}{2}}\left[(p^2-4q)\sin\left[\frac{\sqrt{4q-p^2}}{2}\ln\left(\frac{x-a}{t-a}\right)\right]-p\sqrt{4q-p^2}\cos\left[\frac{\sqrt{4q-p^2}}{2}\ln\left(\frac{x-a}{t-a}\right)\right]\right]\frac{f(t)}{t-a}dt\equiv K_2^-[f(x)] \quad (17)$$

АДАБИЁТҲО

1. Раджабов Н. Интегральные уравнении типов Вольтера с фиксированными граничными и внутренними сингулярными и сверхсингулярными ядрами и их приложения. - Душанбе. «Деваштич». 2007. -222стр.
2. Раджабов Н. Об одном классе модельного сингулярного интегрального уравнения, обобщающего одномерное интегральное уравнение Вольтера с левой граничной сингулярной точкой в ядре. Вестник Таджикского Национального Университета. Душанбе. 2012 №1/1(77),Серия естественнҷх наук, 21-32стр.
3. Александров А. Я., Соловьев Ю.И. Пространственные задачи теории упругости. М.: Наука, 1978, 462с.
4. Раджабов Н. Общие интегральные уравнения типов Вольтера с левой и правой неподвижной сингулярной точкой в ядре // Известия Академия Наук республики Таджикистан, Отд. Физ., -мат., хим., и геологических наук, №1.2001, с.30-46.

5. Раджабов Н. Об одном интегральном уравнении Вольтерровского типа. //ДАН России, 2002, том 383, №3, с. 314-317.
6. Rajabov N. Ronto M., Rajabova L. On some two dimensional Volterra type linear integral equations with super-singularity. // Mathematical Notes, Miskolc. Vol.4, №1 (2003), pp. 65-76.
7. Rajabov N. Volterra type Integral Equations with Boundary and Interior Fixed Singularity and Supersingularity Kernels and Their Application, Dushanbe, "Irfon", 2010, 303 p. Printin Press Tajik National University.

ДАР БОРАИ МУОДИЛАИ ИНТЕГРЛАИИ ВОЛТЕРРА БО МАХСУСИЯТИ ЛОГАРИФМӢ ДАР ҲОЛАТЕ, КИ РЕШАҲОИ МУОДИЛАИ ХАРАКТЕРИСТИКӢ КОМПЛЕКСӢ ВА ҲАМРОҲШУДА МЕБОШАНД

Дар мақола барои муодилаи интеграли (1), дар ҳолате, ки решаҳои муодилаи характеристики (3), шарти (4) –ро қаноат мекунонанд, ҳалли он ба намуди ошно ёфта шудааст.

Калидвожаҳо: махсусияти логарифмӣ, тасвири интегралӣ.

ИНТЕГРАЛЬНОЕ УРАВНЕНИЕ ВОЛТЕРА С ЛОГАРИФМИЧЕСКОЕ ОСОБЕНОСТИ В СЛУЧАЕ, КОГДА КОРНИ ХАРАКТЕРИСТИЧЕСКОЕ УРАВНЕНИЕ ЯВЛЯЕТСЯ КОМПЛЕКНОГО СОПРЯЖННО

В статье для интегрального уравнения (1) в случае, когда корни характеристического уравнения (3) удовлетворяют условиям (4) решении находится в явном виде.

Ключевые слова: логарифмическая особеность, интегральное представление.

VOLTERRA TYPE INTEGRAL EQUATION WITH LOGARITHMICAL SINGULARITY WHEN THE ROOTS OF THE CHARACTERISTIC EQUATION COMPLEX AND CONJUGATE

In this work for integral Equation (1) in the case, when the roots of characteristic Equation (3) complex and conjugant, found integral representation many fold solution.

Keywords: logarithmical singularity, integral representation.

Сведения об авторах: ***Гадоев Н.О.*** – магистр второго курса кафедры математического анализа и теории функций Таджикского национального университета
Раджабов Н. - профессор кафедры математического анализа и теории функций Таджикского национального университета

Information about the authors : ***Gadoev N.O.*** – second year master, Department of Mathematical Analysis and Theory of Functions, Tajik National University
Rajabov N. - professor of Department of Mathematical Analysis and Theory of Functions, Tajik National University

УДК 523.6

БАРХӮРДИ ПОРАҲОИ ҲАСТАИ КОМЕТАИ КӮТОҲДАВРИ ШУМЕЙКЕРҲО-ЛЕВӢ – 9 БА САТҲИ САЙЁРАИ МУШТАРӢ

Гадоев С.П, Шарипова Н.Т, Сироҷиддинов И.Ш
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бархӯрд (англ. impact — «бархӯрд, зарба, садама») — зарбаи метеорити калон, астероид, комета ё ҷирми дигари осмонӣ бо Замин ё сайёраи дигар, ки дар ҷойи он танӯра боқӣ мемонад. Дар натиҷа ҳодисаи вайроншавӣ, сӯхтор, заминҷунбӣ ё сунами рух медиҳад. Дар асоси баъзе аз назарияҳо он сабаби муриши умумии олами зинда мегардад. Он сабаби ҳосилшавии конҳои филизӣ шуда метавонад. Конҳои мис ва никел дар танӯраи Содбери ва ҷинсҳои зарафшони кӯҳи Витватсранд мисоли он буда метавонанд [1-2]. Бархӯрди ҷисмҳои андозаашон зиёда аз 3 км сабаби барҳамхӯрии тамаддун шуда метавонад. Омилҳои асосии зарар инҳо буда метавонанд:

- мавҷи зарбавӣ ҳангоми таркиши объект дар қабатҳои поёнии атмосфера шабеҳи мавҷҳои зарбатии таркиши ядроӣ аст;

- пайдоиши мавҷи зарбатӣ дар пӯстлохи Замин – ҳангоми афтиши астероиди калон атмосфера имкони паст намудани суръати баланди онро надорад. Масалан, суръати астероиди Апофис ба 30,728 км/с баробар аст. Ҳангоми масса ба $2{,}7\times10^{10}$ кг баробар будан, энергияи кинетикии он ба $2{,}4\times10^{19}$ Ҷ ё 100 ҳазор бомбаи ба Хиросима партофташуда баробар мебошад. Он сабаби заминҷунбии қувваи азимдошта мегардад. Ҳангоми ба уқёнус афтидан сабаби ҳосил шудани сунама мегардад. Бархӯрди ҷирмҳои калони кайҳонӣ сабаби

ба фазои атрофи Замин бардошта шудани миқдори зиёди чангу хок ва монеъ ба афтиши энергияи Офтоб мегардад [3-4].

Ҷадвали 1. Вобастагии ҷирми ба сатҳи сайёра афтанда аз минтақаи харобиовар.

Қутри метеорит	Қувваи таркиш (Мт)	Радиуси минтақаи харобшуда
7 м	0.025	1 км
64 м	20	10 км
110 м	100	35 км
1000 м	75 090	континент
13200 м	173 000 000	Метеорити олами вайроншуда

Кометаи Шумейкерҳо-Левӣ-9 (D/1993 F2) кометаи кӯтоҳдавр буда, аввалин ҷирми Кайҳоние буд, ки астрономҳо тавонистанд афтиши ӯро ба сатҳи сайёраи Муштарӣ ба қайд гиранд [4].

Кометаро 18 марти соли 1993 аз Расадхонаи астрономии кӯҳии Паломар (ШМА) бо телескопи 0,46 м ситемаи Шмидт аз тарафи ҳамсарон Королина ва Юдчин Шумейкерҳо ва Девид Левӣ кашф шуд. Дар вақти кашф комета дар яке аз минтақаҳои бурҷи Сунбула бо қадри ситоравияш 14^m ва андозаи кома, ки тақрибан 1′ ташкил медод, ҷойгир буд. Аксҳои сифатан беҳтари комета 31 марти соли 1993 бо ёрии қабулкунаки афканиши оптикӣ аз Расадхонаи Паломари (ШМА), ба телескоп- рефлектори 1,5 м гирифта шуданд. Тасвирҳои боз ҳам ҷолибтари комета ҳангоми заволи он 31 марти соли 1993 аз расадхонаи Гавая бо телескопи 2,2 м ба даст оварда шуд. Аз рӯи тасвирҳои гирифташуда, маълум буд ки ҳастаи комета аллакай ба 21 қисм ҷудо шудааст [5].

Ҷадвали 2. Пораҳои ҳастаи кометаи Шумейкерҳо-Левӣ – 9

Пораҳои ҳаста	**A**	**B**	**C**	**D**	**E**	**F**	**C_1**	**C_2**	**H**	**K**	**L**
Қутр (км)	1,4	1,7	2,1	1,4	2,8	2,1	4	0,8	3	3,8	3,5
Пораҳои ҳаста	**N**	**P_1**	**P_2**	**Q_1**	**Q_2**	**R**	**S**	**T**	**U**	**V**	**W**
Қутр (км)	1,4	3	0,8	4	3	2,5	2,9	0,6	0,9	1,3	2,4

Расми 1. Пораҳои ҳастаи кометаи Шумейкерҳо-Левӣ – 9, акс бо телескопи кайҳонии Ҳаббл гирифта шудааст [5].

Ҳисобкуниҳо нишон доданд, ки мадори комета эллипси наздик ба давра буда, дар наздикии мадори Муштарӣ ҷойгир аст. Комета ҳангоми наздикшавияш ба Муштарӣ зери ҷозибаи сайёра қарор гирифта, даври гардишаш дар атрофи Муштарӣ ба 2 сол баробар шуд. Комета дар зери ҷозибаи Муштарӣ 7 июли соли 1992 аз қабати берунии атмосфераи худ баромада, дар масофаи камтар аз 50 ҳазор км аз абрҳои Муштарӣ ҳаракат намуд. Астрономҳо ба он ақидаанд, ки комета ба нуқтаи Рош ворид гардида, дар натиҷаи таъсири қувваи кашиши он ҳастаи аввалини комета тоб наоварда то радиуси 10 км пора-пора шуд. Дар ҳар як пораҳои ҳастаи комета кома ва дум ташаккул ёфт [5-6]. Тадқиқотҳои баъдина ошкор намуд, ки комета дар ҳудуди 16 то 22-июли 1994 ба сатҳи сайёраи Муштарӣ бархӯрд менамояд. Ин рӯйдоди беназир олимони ҷаҳонро ба ҳаяҷон овард. Дар солҳои 1993-94 барои мушоҳидаи кометаи Шумейкерҳо-Леви-9 аз Замин, телескопи кайҳонии Ҳаббл, IUE-барои нурҳои ултробунафш ва истгоҳи байнисайёравиро иҷро карда шуд. Тасвирҳои зиёди пораҳои ҳастаи кометаи Шумейкерҳо-Левӣ-9 гирифта шуданд. Маълум гашт, ки дар аввалин таркиш ҳастаи комета ба 21 қисм ҷудо шуда буд. Дар бисёр расадхонаҳои ҷаҳон телескопҳои пурқудрате, ки қутрашон на камтар аз 100 см буданд пораҳои ҳастаи кометаро мушоҳида намуданд.

Расми 2. Афтиши ҳастаҳои кометаи Шумейкерҳо-Левӣ – 9, ба сатҳи сайёраи Муштарӣ акс бо телескопи кайҳонии Ҳаббл гирифта шудааст [6].

Дар аввали соли 1994 элементҳои мадори комета чунин қиматҳоро доштанд: нуқтаи перигелийи мадор 5,38 в.а., моилии мадори комета нисбат ба ҳамвории эклиптика 6°, эксентриситети мадор 0,2, аргументи перигелий 354°,53, тӯли гиреҳи фароз 220^0,32, аномалияи миёна 242^0,7; даври сидерӣ 18 сол ва қадри ситорагии комета ба 6^m [3].

Ҳангоми наздик шудан ба сайёра моҳи июли соли 1994 пораҳои комета, ки андозаашон аз рӯи ҳисобкуниҳо 1 то 4 км бо суръати 60 км/с ба Муштарӣ бархӯрданд [6, 7]. Афтиши пораҳои кометта аз 16 то 22 июл ба амал омада, пораҳои ядрои комета то бархӯрд дар масофаи беш аз 4900000 км тӯл кашида буд. Ҳангоми бархӯрд, энергияи кинетикӣ пораҳои ҳастаи комета ба энергияи ҳароратӣ мубаддал гардиданд. Бархӯрди кометро аз сатҳи Замин мушоҳида намудан имкон надошт, чунки ин бархӯрд дар канори сайёраи Муштарӣ ба амал меомад. Аз ин рӯ бархӯрди пораҳои ҳастаи кометаро телескопи кайҳонии Ҳаббл ва радифи сунъии Муштарӣ-Галилей аксбардорӣ намудаанд. Гардиши босуръати Муштарӣ имконият дод, ки бархӯрд дар атмосфера муддати тӯлонӣ мушоҳида шавад. Лаҳзаҳои бархӯрдро бо таври визуалӣ Галилей дар масофаи 1,6 в.а аз Муштарӣ мушоҳида намуд [5].

Афтиши пораҳои ядрои кометаи Шумейкерҳо-Левӣ-9 ба сатҳи Муштарӣ аз рӯйи тартиби муайян ба амал омад. Аввалин пораи комета (A) бегоҳи 16-июл ба сатҳи сайёра бархӯрд. Пас аз он дар санаи 17-июл боз 4 – ҳастаи талафёфтаи комета B, C, D, ва E бархӯрданд. 18 июл дар атмосфераи сайёра ҳастаҳои F, G ва H ба таркиш дучор гардиданд. 19 июл 3 - ҳастаи дигари комета J (аз абри газучангӣ), K ва L ба сатҳи сайёра бархӯрданд. 20 июл 6-пораи дигар M (абри газучангӣ) N, P_2, P_1 (абри чангӣ), Q_1, ва Q_2 дар сатҳи сайёра таркишҳоро ба вуҷуд оварданд. 21 июл боз 4-то ҳастаи комета R, S, T ва U ба сайёра бархӯрд намуданд. Ҳамин тавр, ду ҳастаи охирини комета V ва W санаи 22 июл бо сайёра бархӯрд. Шоми 17 июл астрономҳо дар нимкураи ҷанубии Муштарӣ изи доғҳои сиёҳеро ошкор сохтанд, ки дар натиҷаи зарбаҳои пораҳои комета пайдо шуда буданд.

Гузориши масъала. Барои дар амал татбиқ намудани функсияҳои риёзии истеҳсолӣ аз барномаҳои татбиқии компютер ва ё забонҳои барномарезӣ истифода намудан мумкин аст. Ҳамчун намуна мо ҳалли функсияи классикии Кобб-Дугласро бо ёрии ҷадвали электронии MS EXCEL меёбем.

Маълумотҳои ибтидоии амсила инҳоянд:

Y - истеҳсолот;

K - бузургии сармоя-капитал;

L - қувваи корӣ.

Функсияи Кобб-Дуглас намуди зеринро дорад:

$$Y = a_o \times K^a \times L^a. \quad (1)$$

Барои ҳалли регрессионии чандкарата дар ҷадвали электронии EXCEL мо ин функсияро дар шакли хаттӣ менависем:

$$\ln Y = \ln a_o + a_1 \times \ln K + a_2 \times \ln L. \quad (2)$$

Барои ин, маълумотҳои ибтидоиро логарифмонида, бо истифода аз таҳлили коррелятсия ва регрессия ҳисобкуниҳо гузаронида мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки таҳлилҳои коррелятсионӣ мушкилотҳои зеринро ҳал мекунанд:

1. Мавҷудияти робита ва ё муносибатҳои байни бузургиҳо муайян карда мешавад.
2. Шакли хаттии регрессия муайян карда мешавад.
3. Параметрҳои хаттии регрессия муайян карда мешаванд.
4. Боэътимодӣ ва вобастагиҳои параметрҳо муқаррар шуда, эътимоднокии ин параметрҳои дар алоҳидагӣ муайян карда мешавад.

Барои ҳолати ҷойдошта, дақиқият ва иртибот бо коэффитсиенти коррелятсияи r тавсиф карда мешавад. Коэффитсиенти коррелятсия дар доираи $-1<r<1$ ҷойгир мебошад. Агар $r=0$ бошад, онгоҳ пайвасти хаттӣ вуҷуд надорад. Агар $r=1$ бошад, дар байни ин ду бузургӣ робитаи функсионалӣ мавҷуд аст. Барои r-ҳои мусбат, муносибати мустақим мушоҳида мешавад, яъне бо зиёд шудани тағйирёбандаи мустақил x, тағйирёбӣ ва вобастагиҳо аз у меафзояд. Барои коэффитсиенти манфӣ алоқамандии баръакс ҷой дорад. Маълумотҳои ибтидоӣ дар ҷадвали 1. дода шудаанд.

Ҷадвали 1.

Барои муайян намудани саҳеҳии нишондиҳандаҳои таҳқиқшуда аз функсияи "Коррелятсия(корреляция)", менюи "Асбобҳо (сервис)" ва банди "Таҳлили маълумот(Анализ данных)" истифода мебарем.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили коррелятсия метавон хулоса баровард, ки байни ҳаҷми истеҳсолот ва омилҳои ба он алоқаманд муносибати наздик вуҷуд дорад ва робитаи байни ин омилҳо мустақим аст.

Равзанаи маълумоти ибтидоии таҳлили коррелятсия дар расми 1 оварда шудааст.

Манбаи таҳлили

Расми 1. маълумотҳои коррелятсия

Y	K	L	In Y	In K	In L
100	100	100	4,60517	4,60517	4,60517
101	107	104.8	4,615121	4,672829	4,652054
112	114	110	4,718499	4,736198	4,70048
122	122	117.2	4,804021	4,804021	4,763882
124	131	121.9	4,820282	4,875197	4,803201
122	138	115.6	4,804021	4,927554	4,750136
143	149	125	4,962845	5,003946	4,828314
152	163	134.2	5,023881	5,09375	4,899331
151	176	139.9	5,01728	5,170484	4,940928
126	185	123.2	4,836282	5,220356	4,813809
155	198	142.7	5,043425	5,288267	4,960745
159	208	147	5,068904	5,337538	4,990433
153	216	148.1	5,030438	5,375278	4,997888
177	226	155	5,17615	5,420535	5,043425
184	236	156.2	5,214936	5,463832	5,051137
169	244	152.2	5,129899	5,497168	5,02195
189	266	155.8	5,241747	5,583496	5,048573
225	298	183	5,4161	5,697093	5,209486
227	335	197.5	5,42495	5,814131	5,285739
223	366	201.1	5,407172	5,902633	5,303802
218	387	195.9	5,384495	5,958425	5,277604
231	407	194.4	5,442418	6,008813	5,269918
179	417	146.4	5,187386	6,033086	4,986343
240	431	160.5	5,480639	6,066108	5,078294

Натиҷаҳои коркарди маълумотҳои ибтидоӣ дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

Ҷадвали 2.

	A	B	C	D
1	*Тағйирёбандаҳо*	*Y*	*K*	*L*
2	Y	1		
3	K	0,916240161	1	
4	L	0,94553263	0,847596297	1

Таҳлили робитаи байни омилҳо бо истифода аз функсияи "Регрессия» - и банди менюи "Сервис" ва "Анализ данных" гузаронида мешавад.

Агар ҳангоми таҳлили маълумотҳо дар менюи ҷадвали электронӣ, дар панели асбобҳо банди “Анализ данных” ҷойгир набошад, онгоҳ барои ҷойгир кардани он чунин амалиёт мегузаронем.

1. Ба менюи файл воридшуда фармони “Параметры”-ро интихоб мекунем(Расми 2).

Расми 2. Равзанаи ҷуркунӣ

2. Аз равзанаи пешниҳодшуда банди “Надстройки”-ро интихоб мекунем.

3. Дар қисми поёни равзанаи навбатӣ дар бахши "Надстройка Excel", мо гузаришро ба мавқеи "Перейти" мегузорем ва тугмаи "OK" -ро пахш мекунем.

4. Аз равзанаи навбатӣ, банди " Пакет анализа " -ро интихоб намуда, тугмаи "OK" -ро пахш менамоем(Расми 3).

Расми 3. Иловакунии банди “Пакет анализа”

5. Баъд аз ҳамаи ин амалиётҳо дар панели таҷҳизотҳо, банди “Анализ данных” пайдо мешавад(Расми 5).

Расми 4. Равзанаи интихоби банди “Анализ данных”

Амалиётҳои дар боло гузаронидашударо иҷро намуда, барои гирифтани натиҷа ва коркарди маълумоти манбаъҳо аз масъалаи болои истифода намуда, натиҷаро дар намуди зерин ба даст меорем.

Хулоса ва натиҷаҳо

Омори регрессия	
Барзиёдии R	0,977293344
R-дараҷа	0,955102279
Дараҷаи нормиронии R	0,950826306
Хатогии стандартӣ	0,059703074
Мушоҳидаҳо	24

Таҳлил

	df	SS	MS	F	Таъсироти F
Регрессия	2	1,592349043	0,79617452	223,3648791	7,05269E-15
Боқимонда	21	0,074853598	0,00356446		
Ҳамагӣ	23	1,667202641			

	Коэффитсиентҳо	Хатоҳои стандартӣ	t-омор	P-арзиш	Поёнӣ 95%	Болои95%
Y-фосила	-0,043018979	0,429729409	-0,10010713	0,921208825	-0,936690208	0,8506523
LnK	0,24509873	0,064207822	3,81727212	0,001004788	0,111571254	0,3786262
LnL	0,766056233	0,144063071	5,31750593	2,84314E-05	0,466460676	1,0656518

Расми 5. Натиҷаи таҳлили регрессионӣ

Пас аз ин функсияи истеҳсолӣ намуди зеринро мегирад:

$$Y = 0{,}96 \times K^{0.25} \times L^{0.77}. \quad (3)$$

Аз натиҷаи санҷишҳои болоӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст:

- ✓ *афзоиши 1% -и сармоя ба зиёдшавии афзоиши 0,25%-и истеҳсолот баробар аст;*
- ✓ *афзоиши 1% -и қувваи корӣ, 0.77%-и афзоиши истеҳсолро таъмин менамояд.*

Бо афзоиши якҷояи 1%, дар сармояи асосӣ ва қувваи корӣ, истеҳсолот дар чунин намуд дида мешавад.

$$a_1 + a_2 = 0{,}245 + 0{,}766 = 1{,}011. \quad (4)$$

Натиҷаи бадастомада самараи мусбати истеҳсолотро нишон медиҳад.

$$a_1 + a_2 > 1. \quad (5)$$

АДАБИЁТ

1. Бережная Е.В., Бережной В.И. Математические методы моделирования экономических систем: Учеб. пособие. - М.: Финансы и статистика, 2001.– 368 с.
2. Блехман И. И. Прикладная математика: предмет, логика, особенности подходов, с примерами из механики: учебное пособие / И. И. Блехман, А. Д. Мышкис, Н. Г. Пановко. — Москва, 2006. — 376 с.
3. Боголюбов А. Н. Основы математического моделирования: конспект лекций / А. Н. Боголюбов. — Москва: Физический факультет МГУ им. Ломоносова, 2001. — 180 с.
4. Верченко А.И. Математика в школе. Издательство «Школа – Пресс», Москва, 2014 год.
5. Гасилов В.В. Экономико-математические методы и модели Учебное пособие для студентов, обучающихся / Гасилов В.В.,Околелова Э.Ю. — Воронеж. — 152 с.
6. Гмурман В. Е. Теория вероятностей и математическая статистика: учеб. пособие для втузов / В. Е. Гмурман. — Москва: «Высш. школа», 1977.
7. Комилов Ф.С. Информатика ва технологияи иттилоотӣ. – Душанбе, 2016. – 480с.
8. Пономарев В. Б. Математическое моделирование технологических процессов: курс лекций / В. Б. Пономарев, А. Б. Лошкарев. — Екатеринбург: ГОУ ВПО УГТУУПИ, 2006. — 129 с.
9. Саидов И.М. Муқоисаи алгоритмҳои ёфтани масофаи байни хатҳои суфта / Саидов И.М. Идиев Ғ.// Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. №4., ISSN 2413-452X., Душанбе, 2019. -С. 45-49.
10. Саидов И.М. Асосҳои амсиласозии риёзӣ. Китоби дарсӣ, Душанбе, 2020.-152с
11. Саидов И.М. Нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ / Саидов И.М. // Паёми пажуишгоҳи рушди маориф. №1,(29). ISSN 2617-5620., Душанбе, 2020. -С. 161-166.

ТАДҚИҚИ КОМПЮТЕРИИ ФУНКСИЯИ ИСТЕҲСОЛИИ КОББ-ДУГЛАС ТАВАССУТИ ҶАДВАЛИ ЭЛЕКТРОНИИ MS EXCEL

Мақолаи мазкур ба тадқиқи компютерии функсияи Кобб-Дуглас бахшида шудааст. Барои дар амал татбиқ намудани функсияҳои риёзии истеҳсолӣ аз барномаҳои татбиқии компютер ва ё забонҳои барномарезӣ

истифода намудан мумкин аст. Ҳамчун намуна мо ҳалли функсияи классикии Кобб-Дугласро бо ёрии ҷадвали электронии MS EXCEL ёфта онро тадқиқ менамоем. Аз натиҷаи санҷишҳои дар мақола гузаронидашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст:

- ✓ *афзоиши 1% -и сармоя ба зиёдшавии афзоиши 0,25%-и истеҳсолот баробар аст;*
- ✓ *афзоиши 1% -и қувваи корӣ, 0.77%-и афзоиши истеҳсолро таъмин менамояд.*

Бо афзоиши якҷояи 1%, дар сармояи асосӣ ва қувваи корӣ, истеҳсолот дар чунин намуд дида мешавад.

$$a_1 + a_2 = 0{,}245 + 0{,}766 = 1{,}011.$$

Натиҷаи бадастомада самараи мусбати истеҳсолотро нишон медиҳад.

$$a_1 + a_2 > 1.$$

Калидвожаҳо: амсила, истеҳсолот, сармоя, компютер, қувваи корӣ, ҷадвал, барнома.

КОМПЬЮТЕРНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ПРОИЗВОДСТВЕННОЙ ФУНКЦИИ КОББА-ДУГЛАСА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ЭЛЕКТРОНОЙ ТАБЛИЦЫ MS EXCEL

Данная статья посвящена компьютерному исследованию функции Кобба-Дугласа. Компьютерные приложения или языки программирования могут использоваться для практического применения математических производственных функций. В качестве примера, мы находим решение классической функции Кобба-Дугласа с помощью электронной таблицы MS EXCEL и изучаем её.

По результатам проведенных в статье тестов, можно сделать следующие выводы: увеличение капитала на 1% соответствует увеличению производства на 0,25%; обеспечивает увеличение рабочей силы на 1%, увеличение производства на 0,77%. При совместном росте основного капитала и рабочей силы на 1% производственная функция имеет вид:

$$a_1 + a_2 = 0{,}245 + 0{,}766 = 1{,}011$$

Полученный результат показывает положительный производственный эффект.

$$a_1 + a_2 > 1.$$

Ключевые слова: модель, производство, капитал, компьютер, рабочая сила, таблица, программа.

COMPUTER STUDY OF COBB-DOUGLAS PRODUCTION FUNCTION USING MS EXCEL SPREADSHEET

This article is devoted to a computer study of the Cobb-Douglas function. Computer applications or programming languages can be used to practice mathematical production functions. As an example, we find the solution of the classic Cobb-Douglas function using MS EXCEL spreadsheet and study it. Based on the results of the tests carried out in the article, the following conclusions can be drawn: a 1% increase in capital corresponds to a 0.25% increase in production; provides an increase in the workforce by 1%, an increase in production by 0.77%. With an aggregate growth of fixed capital and labor force by 1%, production belongs to this type.

$$a_1 + a_2 = 0{,}245 + 0{,}766 = 1{,}011$$

The result obtained shows the positive effect of production.

$$a_1 + a_2 > 1.$$

Keywords: model, production, capital, computer, labor, table, program.

Сведения об авторах: ***Саидзода Исроил Махмад(Саидов Исроил Маҳмадович)*** – к.т.н., доцент кафедры информатики ТНУ. 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17,ТГНУ, Тел:904485555, **E-mail:** isroil-84@list.ru.
Гиёев Бахоуддин Курбонович –магистр кафедры информатики ТНУ. 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17,ТНУ, Тел.: (+992) (+992) 900050040, E-mail: Bahovaddin.3297@gmail.com

Information about authors: ***Saidzoda Isroil Mahmad (Saidov Isroil Maumadovich*** - Ph.D., assistant professor of the Department of Informatics, TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, TSNU, Tel: 904485555, E-mail: isroil-84@list.ru.
Giyoev Bakhouddin Kurbonovich - Magister of the Department of Informatics of TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, Phone: (+992) 900050040, E-mail: Bahovaddin.3297@gmail.com

УДК 519.87

АМСИЛАСОЗИИ МАСЪАЛАҲОИ БЕҲТАРНАМОӢ ДАР ҶАДВАЛИ ЭЛЕКТРОНӢ

Ҷалилов Х.М. Сайфов И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омӯзиши мавзӯи дарси информатика “Иттилоот ва ҷамъият” ба ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯён, муҳассилони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона карда шудааст ва дар умқи он маҳорату малакаи мақсадноки кор бо иттилоот бо истифодаи

имкониятҳои компютер фаҳмида мешавад. Барои дуруст дарк кардани иттилоот, ба мақсад мувофиқ аст, ки мисолҳои гуногуни масъалаҳои мушаххас ба мисли масъалаҳои беҳтарнамоии фанни “Методҳои оптимизатсионӣ”, аз қабили кашонидани борро дида мебароем. Донишҷӯёну муҳассилон дар мисолҳои мушаххас малакаи амсиласозӣ ва гузаронидани тадқиқотҳоро дар мувофиқа бо масъалаи гузошташуда меомӯзанд. Донишҷӯёну муҳассилон малакаю маҳорати барасмиятдарории ҳолатҳои тиҷоратиро дар намуди амсилаҳои математикии беҳтарнамоӣ касб менамоянд, алгоритмҳои нисбатан самараноки ҳалли масъалаҳои беҳтарнамоиро интихоб менамоянд ва дар раванди ҳалҳо истифодаи воситаҳои стандартии таъминоти барномавиро, махсусан ҷадвали электронии EXCEL –ро таъмин месозанд. Инчунин, усулҳои омӯзиши рафтори системавиро ҷиҳати таҳлил ва тадқиқи сохторӣ ва алоқамандии объектҳои иттилоотиро дар намуди амсилаҳои мушахасси объектҳо ва равандҳо амалӣ месозанд.

Миллионҳо одамон дар курраи замин ба сохтан, коркард, мубаддалсозӣ, интиқоли ахбор ва дар ҳар як ҷои корӣ амалиётҳои махсуси ба онҳо дахл дошта иҷро карда мешавад. Ин амалҳо барои идоракунии равандҳои маишӣ, иқтисодӣ, саноатӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ба иҷро мерасанд. Рӯйхати пурраи амалҳои имконпазирро тартиб додан номумкин аст ва лозим ҳам нест. Мақсади мо дигар аст, яъне донишҷӯён ва муҳассилони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд дарк намоянд, ки кор бо иттилоот ниҳоят душвор аст ва онро бояд ба реҷаи худкорсозӣ оварем.

Акнун масъалаи беҳтарнамоии кашонидани борро дида мебароем.

[1,2,3,4]

Дар замони муосир ҳаёти инсониятро бе кашонидани бор тассавур кардан имконнопазир аст. Боркашонон барои мо ба маҳозаҳо хӯрока, молу маҳсулот ва ҳатто дастранҷу хизматрасониҳои гуногунро меоваранд. Ин равандро илми махсус – “логистика” зери назорат дорад.

“Логистика” илмест ҷиҳати ташкили оқилонаи равандҳои ҳаракати молу маҳсулот ва хизматрасониҳо аз таъминкунандагон ба истифодабарандагон ва мавҷудияти фазои муносибатҳо ба молу маҳсулот ва хизматрасонӣ.

Барои он, ки самаранокии боркашониро таъмин намоем ва онро саривақт иҷро намоем, талаб карда мешавад, ки миқдори нақлиёти барои кашонидани миқдори додашудаи бор зарурро таъмин созем ва самти беҳтарини ҳаракатро интихоб намоем.

Бо мақсади сарфаи вақт ё сӯзишворӣ саволҳои зерин ба миён меояд:

- То кадом андоза хатсайрҳо беҳтаранд?
- Мумкин нест, ки роҳҳои нисбатан кӯтоҳи боркашониро ёбем?
- Дар ҳолате, ки танзимгар ё шахси ӯро ивазкунанда нест, чӣ кор мекунем?
- Агар амалӣ сохтани ҳаракат аз рӯи хатсайри интихобшуда, номумкин бошад?

Дар замони муосир, барои ҳалли масъалаи беҳтарнамоии боркашонӣ барномаҳои махсуси компютерӣ, таҷҳизоти самараноки GPS ва таҷҳизотҳои гуногуни санҷанда (масалан, барои санҷиши ҳарорат ва сӯзишворӣ) лозим мешаванд.

Таҷҳизотҳои мазкур имконият медиҳанд, банақшагирӣ, амалисозӣ ва назорати кашонидани молу маҳсулот беҳтарин бошанд. Дар дилхоҳ вақт ҷои ҷойгиршавии автомобили боркашро муайян месозем, суръати ҳаракати онро зери назорат мегирем, мутобиқати ҳаракат дар хатсайр ва графики иҷроиши фармоишро метавонем муайян созем. Дар натиҷа боркашонон афзалияти беҳтаринро соҳиб мешаванд. Сифати боркашонӣ баланд ва арзиши кашонидани бор бетағйир мемонад. Ба рӯйхати фоидаҳои ба даст меомада, мо метавонем дар баробари натиҷаҳои дар боло номбаршуда, натиҷаҳои дигарро низ илова намоем:

- Сарфаи сӯзишворӣ;
- Нисбатан беҳтаршавии сифати кори ба ҳисобгирӣ;
- Баланд гаштани бехатарӣ ҳангоми кашонидани одамон ва молу маҳсулот аз ҳисоби назорати фаврии доимии суръати ҳаракат, мақоми ҷойгиршавӣ, ҳолати таҷҳизотҳои санҷандаи автомобилҳои алоҳида ва ғайраҳо;
- Баланд гаштани самаранокӣ ва беҳтар шудани ахлоқу рафтори ронандагон;

Дилхоҳ масъала ҳал дорад ва ҳамаи ҳалҳоро ба шарофати дониши чуқур ва муносибатҳои ҷиддӣ ба кор, беҳтар кардан мумкин

аст.

Барои ҳалли масъалаҳои оптимизатсионӣ дар Excel воситаи махсус, таҷҳизоти стандартии «**Поиск решения» (**Ҷустуҷӯи ҳал) махсус гардонида шудааст.

Таҷҳизоти стандартии “Ҷустуҷӯи ҳал”-и Microsoft Excel алгоритми ғайрихаттии беҳтарнамоӣ - Generalized Reduced Gradient (GRG2)-ро ки, аз ҷониби олимони машҳур - Леон Ласдон, университети Техас ва Алан Уорен, университети штати Клевеланд кор карда баромада шудааст, истифода менамояд.

“Ҷустуҷӯи ҳал” як қисми дастаи масъалаҳое мебошад, ки онро баъзан таҳлили масъалаҳои **“чӣ-агар”** меноманд. Тартиби ҷустуҷӯи ҳал имкон медиҳад, ки қимати беҳтарини формулаи дар катакчаи мақсад ҷой кардашуда ёфта шавад. Ин тартиб бо дастаи катакчаҳо, бевосита ё бавосита бо формулаи дар катакчаи мақсад ҷой кардашуда алоқаманд мебошад.

Барои он, ки натиҷаи лозимаи формулаи дар катакчаи мақсад ҷойгирбударо ба даст оварем, раванди кор қиматҳоро дар катакчаҳои таъсиррасон иваз менамояд. Барои маҳдуд сохтани маҷмӯи қиматҳои дар амсила истифодашаванда, маҳдудиятҳо истифода карда мешаванд. Ин маҳдудиятҳо метавонанд, ба дигар катакҳои таъсиррасон ишорат намоянд.

Барои ҳалли масъалаи умумии беҳтарнамоӣ дар ҷадвали электронии **Excel** бо истифодаи механизми “Ҷустуҷӯи ҳал” бояд амалҳои зеринро иҷро кард[1,2,3,4]:

1. Формулаи функсияи мақсадро ворид месозем;
2. Формулаҳоро барои маҳдудсозии масъалаи беҳтарнамоӣ ворид месозем;
3. Дар ҷадвали электронии **Excel** зербанди менюи “Сервис/Поиск решения” –ро интихоб менамоем;
4. Дар равзанаи “Поиск решения” катакчаи мақсаднок, катакҳои тағйирёбандаро интихоб мекунем ва маҳдудият-

ҳоро ворид месозем;

5. Тугмачаи “Выполнить” –ро пахш мекунем, баъди он ҳалли масъалаи беҳтарнамоӣ ба даст оварда мешавад.

Таърифи зеринро ворид месозем: Масъалаи беҳтарнамоӣ (ё оптимизатсионӣ) гуфта, масъалаи иқтисодӣ - математикиеро меноманд, ки мақсадаи он аз ёфтани тақсимоти беҳтарин (аз нуқтаи назари ягон критерия)- и воситаҳои мавҷуда иборат мебошад.

Ин масъала, бо ёрии модели оптималии усулҳои барномасозии математикӣ ҳал карда мешавад, яъне бо роҳи ҷустуҷӯи максимум ё минимуми баъзе функсияҳо ё функсионалҳо , ҳангоми дода шудани маҳдудиятҳо (беҳтарнамоии шартӣ) ва бе маҳдудият (беҳтарнамоии бешарт).

Масъалаҳои беҳтарнамоиро мумкин аст, ба ду синф ҷудо намоем:

- Масъалаи беҳтарнамоии бешарт (ё бемаҳдудият);
- Масъалаи беҳтарнамоии бошарт (ё бомаҳдудият);

Акнун масъалаи мушахаси беҳтарнамоии шартӣ (бо маҳду-диятҳо)-ро дида мебароем. Барои ин масъалаи беҳтарнамоии боркашониро дар мисоли масъалаи логистикии “Анборҳо ва бозорҳои шаҳр” –ро дида мебароем.

ГУЗОРИШИ МАСЪАЛА: Фарз мекунем ширкате, ки Шумо дар он кор мекунед, ду анбори борнигоҳдорӣ дорад. Аз анборҳо молу маҳсулот ба панҷ бозор- Меҳргон, Фаровон, Саховат, Балх ва Деҳқон-бозор, ки дар гӯшаҳои гуногуни шаҳр ҷой гирифтаанд, интиқол дода мешавад.

Ҳар як бозор миқдори ба мо маълуми молу маҳсулотро дар як рӯз мефурӯшад. Анборҳо бошад, маҳдуданд, яъне ғунҷоиши маҳдуд доранд. Масъала аз он иборат аст, ки чунон графики тақсимотиеро созем, ки аз кадом анбор ба кадом бозор молу маҳсулотро интиқол диҳем, ки хароҷотҳои умумии нақлиётӣ камтарин (минимум) бошад.

ҲАЛ: Дар фанни таълимии “Методҳои оптимизатсионӣ” ё “Тадқиқоти амалиёт” чунин масъалаҳои интихоби хатсамти беҳтарини боркашонӣ ба якчанд нуқтаҳоро ба синфи “масъалаҳои нақлиётӣ” шомил месозанд. Қайд менамоем, ки усулҳои ҳалли онҳо муайян карда шудаанд.

Ҷадвали электронии Excel ба истифодабар, яке аз механизмҳои пурмаҳсули корро дар ин самт – яъне, “Ҷустуҷӯи ҳал” **[Поиск решения (Solver)]** –ро дар менюи “Данные” [Data] пешниҳод менамояд.

Пеш аз беҳтарнамоии ҳал, зарур аст ҷадвалеро дар яке аз варақаҳои Excel (масалан, “Лист 1”) интихоб менамоем, модели риёзии масъаларо, ки ҳолати мазкурро ифода месозад, менависем:

E17 -с. =СУММПРОИЗВ(C4:G5; C10:G11)

	A	B	C	D	E	F	G	H	I	J
1										
2		**Арзиши кашонидани молу махсулот ба бозорхо (сомони)**								
3			Мехргон	Саховат	Корвон	Фаровон	Балх			
4		Анбори1	50	40	30	10	15			
5		Анбори2	40	50	8	32	30			
6										
7										
8		**Самтхои боркашони**								
9			Мехргон	Саховат	Корвон	Фаровон	Балх	Чамъан		Гунчоиш
10		Анбори1	0	0	0	0	0	0		800
11		Анбори2	0	0	0	0	0	0		700
12		Чамъан	0	0	0	0	0	0		
13										
14		Талабот	300	230	150	320	400			
15										
16										
17		Арзиши умумии боркашони (сом.)			-с. =СУММПРОИЗВ(C4:G5; C10:G11)					

Расми1. Тарзи барасмиятдарории модели риёзии масъала дар Excel

Дар ин ҷо фаҳмида мешавад, ки

- дар ҷадвали хокистарранги (B3:G5) арзиши расонидани як воҳиди мол ё маҳсулот ба ҳар як бозор нишон дода шудааст;
- катакҳои арғувонии (C14:G14) миқдори маҳсулотҳои барои фурӯш заруриро дар ҳар як бозор муайян мекунад;
- катакчаҳои сурхи (J10:J11) ғунҷоиши ҳар як амбор, миқдори ҳудудии молу маҳсулотро нишон медиҳад;
- катакчаҳои зарди (C12:G12) ва катакчаҳои кабуди (H10:H11) мувофиқан суммаи сатрҳо ва сутунҳои катакчаҳои сабзро ифода мекунанд;
- Арзиши умумии боркашонӣ (E17) ҳамчун суммаи ҳосили зарби миқдори молу маҳсулот мувофиқан, ба арзиши кашонидани онҳо ҳисоб карда мешавад.

Ҳамин хел, масъалаи мо ба интихоби қиматҳои беҳтари катакчаҳои сабз оварда мешавад ва ҳамин тавр суммаи умумии сатрҳо (катакчаҳои кабуд) бояд аз ғунҷоиши анборҳо (катакчаҳои сурх) зиёд набошад. Дар баробари он, ҳар як бозор миқдори лозимаи молу маҳсулотро барои фурӯш гирифтанд. Суммаи фурӯш дар ҳар як бозор (катакчаҳои зард) бояд ба талаботҳои катакчаҳои арғувонӣ наздик бошад.

Барои он, ки чунин беҳтарнамоиро ба иҷро расонем, дар намунаҳои аз соли 2007 болои Microsoft Excel дар банди «Данные (Data)» воситаи «Поиск решения (Solver)»-ро фаъол мегардонем (Расми 2).

Расми 2. Равзанаи «Поиск решения»

Дар ин равзана ҷуркуниҳои зеринро гузаронидан мумкин аст:

Катакчаи мақсад – дар ин ҷо зарур аст мақсади асосии беҳтарнамоиамонро нишон диҳем, яъне катакчаи гулобиро бо арзиши умумии боркашонӣ (E17) пур намоем. Катакчаи мақсадро ба ҳолати минимум ё максимум овардан мумкин аст. Ё кӯшиш намудан лозим аст, ки онро ба доимии додашуда оварем.

Катакчаҳои тағйирёбанда – дар ин ҷо катакчаҳои сабз (C10:G11), қиматҳои онҳоро тағйир дода, мо мехоҳем натиҷаи лозимаро, яъне хароҷоти камтарини боркашониро ба даст оварем.

Маҳдудиятҳо – руйхати маҳдудиятҳое, ки ҳангоми беҳтарнамоӣ онҳоро ба эътибор мегирем. Дар ҳолати мо ин маҳдудиятҳо ғунҷоиши анборҳо ва талаботи бозорҳоро танзим мекунанд. Барои илова намудани маҳдудиятҳо ба руйхат зарур аст, тугмачаи «Добавить» -ро пахш кунем ва дар равзанаи пайдошуда шартҳоро ворид мекунем:

Расми 3. Равзанаи тағйирдиҳии маҳдудиятҳо

Ба ғайр аз маҳдудиятҳои айёнии бо факторҳои физикӣ алоқаманд (ғунҷоиши анборҳо ва воситаҳои интиқол, маҳдудияти бӯҷа ва мӯҳлатҳо, ва ғайра), баъзан маҳдудиятҳои махсуси Excel –ро илова кардан лозим меояд. Дар ҳолати мо, масалан, лозим меояд чунин маҳдудиятро ворид созем:

Расми 4. Равзанаи тағйирдиҳии маҳдудиятҳо

Ин маҳдудият иловатан дақиқ менамояд, ки ҳаҷми молу маҳсулоти интиқолшаванда (катакчаҳои сабз) на бояд манфӣ бошад. Нишондоди мазкур барои инсоният фаҳмост, аммо барои компютер онро навиштан лозим меояд. Баъди ҷуркӯнии ҳамаи параметрҳои зарурӣ, равзана бояд чунин намуд дошта бошад:

Расми 5. Равзанаи «Ҷустуҷӯи ҳал» бо ҷуркуниҳои додашуда.

Ҳал ёфта шуд. Ҳамаи маҳдудиятҳо ва шартҳои беҳтарнамоӣ иҷро шуданд.

Расми 6. Равзанаи охирини кории «Ҷустуҷӯи ҳал»

Мо натиҷаҳои зеринро ба даст меорем:

Самтхои боркашони

	Мехргон	Саховат	Корвон	Фаровон	Балх	Чамъан		Гунчоиш
Анбори1	0	80	0	320	400	800		800
Анбори2	300	150	150	0	0	600		700
Чамъан	300	230	150	320	400			
Талабот	300	230	150	320	400			
Арзиши умумии боркашони (сом.)			33100.00с					

Расми 7. Натиҷаи «Ҷустуҷӯи ҳал». Модели математикӣ ва компьютерӣ.

Ба он эътибор додан лозим аст, ки чӣ гуна миқдори борҳо ба бозорҳо хуб тақсим карда шудааст. Ғунҷоиши анборҳоро зиёд накарда, талаботи ҳар як бозорро ба молу маҳсулот қонеъ сохтем.

Агар ҳалли ёфташуда, моро қаноатбахш созад, метавонем онро сабт намоем, дар ҳолати барҳакс ба қиматҳои аввала баргашта, параметрҳои дигарро месанҷем.

Дар фаъолияти рӯзмарраи инсоният масъалаҳои ҷустуҷӯии ёфтани ҳалли беҳтарин ҳангоми мавҷудияти критерияҳои гуногун кам вомехуранд. Чунин масъаларо ҳал карда истода, донишҷуёну муҳассилон дарк менамоянд, ки моҳияти моделсозии математикӣ дар раванд ва назарияи фанни «Методҳои оптимизатсионӣ» то кадом андоза калон мебошад.

АМСИЛАСОЗИИ МАСЪАЛАҲОИ БЕҲТАРНАМОӢ ДАР ҶАДВАЛИ ЭЛЕКТРОНӢ

Дар мақолаи мазкур амсиласозӣ дар ҷадвали электронии EXCEL дида баромада шуда, махсусиятҳои қазияи беҳтарнамоии боркашонӣ дар масъалаи логистикии «**Анборҳо ва бозорҳои шаҳр**» таҳлил карда шудааст. Масъала бо истифодаи механизми “Ҷустуҷӯи ҳал”-и воситаҳои ҷадвали электронӣ ҳал карда шудааст.Фарз мекунем ширкате, ки Шумо дар он кор мекунед, ду анбори борнигоҳдорӣ дорад. Аз анборҳо молу маҳсулот ба панҷ бозор- Мехргон, Фаровон, Саховат, Балх ва Деҳқон-бозор, ки дар гӯшаҳои гуногуни шаҳри Душанбе ҷой гирифтаанд, интиқол дода мешавад. Ҳар як бозор миқдори ба мо маълуми молу маҳсулотро дар як рӯз мефурӯшад. Анборҳо бошад, маҳдуданд, яъне ғунҷоиши маҳдуд доранд. Масъала аз он иборат аст, ки чунон графики тақсимотиеро созем, ки аз кадом анбор ба кадом бозор молу маҳсулотро интиқол диҳем, ки хароҷотҳои умумии нақлиётӣ камтарин (минимум) бошад.

Калидвожаҳо: амсила, амсиласозӣ, ҷадвали электронӣ, EXCEL, қазия, усули оптимизатсионӣ, логистика, ҷустуҷӯи ҳал, анбор, бозор, графики тақсимотӣ, молу маҳсулот, хароҷот, нақлиёт, камтарин.

МОДЕЛИРОВАНИЕ ОПТИМИЗАТСИОННЫХ ЗАДАЧ В ЭЛЕКТРОННОЙ ТАБЛИЦЕ EXCEL

В данной статье рассматривается моделирование электронной таблицы EXCEL и анализируется специфика кейса по совершенствованию логистики «Склады и рынки города». Проблема была решена с помощью механизма электронной таблицы «Поиск решения». Предположим, у компании, в которой вы работаете, два склада. Со складов товары и продукты доставляются на пять рынков - Мехргон, Фаровон, Саховат, Балх и Дехкон- базар, расположенные в разных частях Душанбе. Каждый рынок продает известное количество товаров и продуктов в день. Склады ограничены, т. е. имеют ограниченную вместимость. Задача состоит в том, чтобы создать график распределения, согласно которому товары и продукты транспортируются, с складов на рынки, чтобы общие транспортные расходы были минимальными.

Ключевые слова: модель, моделирование, электронная таблица, EXCEL, кейс, метод оптимизации, логистика, поиск решения, склад, рынок, график распределения, продукт, стоимость, транспорт, минимум.

MODELING OF OPTIMIZATION PROBLEMS IN THE EXCEL ELECTRONIC TABLE

This article examines the modeling of the EXCEL spreadsheet and analyzes the specifics of the case for improving logistics "Warehouses and city markets". The issue was resolved using the Search for a Solution spreadsheet engine. Let's say the company you work for has two warehouses. From warehouses, goods and products are delivered to five markets - Mehrgon, Farovon, Sakhovat, Balkh and Dehkonbazar, located in different parts of Dushanbe. Each market sells a certain amount of goods and products per day. Warehouses are limited, that is, they have limited capacity. The challenge is to create a distribution schedule whereby goods and products are transported from warehouses to markets so that overall transport costs are minimal.

Keywords: model, modeling, spreadsheet, EXCEL, case, optimization method, logistics, solution search, warehouse, market, distribution schedule, product, cost, transport, minimum.

Сведения об авторе: ***Джалилов Хуршед Максудович*** – Таджикский национальный университет кандидат физико-математических наук, доцент кафедры информатики. Телефон: 907-96-55-69. E-mail: Sharshara68@mail.ru

Сайфов Исмоил - Таджикский национальный университет, магистр кафедры информатики. Телефон: 777-10-05-67.

Information about the author: ***Jalilov Khurshed Maqsudovich*** – Tajik National University candidate in Physical and Mathematical Sciences, Assistant Professor of Computer Science, , Phone: 907-96-55-69. E-mail: Sharshara68@mail.ru

Sayfov Ismoil –Tajik National University graduate student of Department of Computer Science, Phone: 777-10-05-67.

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН
Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Муҳаққиқи ҷавон» пешниҳод мегарданд
Телефон: (992-37)227-74-41

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи «Муҳаққиқи ҷавон» пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microҳoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Timeҳ New Roman барои матн бо забони русию англисӣ ва бо ҳуруфи Timeҳ New Roman Tj барои матн бо забони тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 8 то 10 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб, дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола таҳсил мекунад;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25;

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар **аз 3 номгӯ** ва на бештар аз 10 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– баъди рӯйхати адабиёти истифодашуда маълумоти зерин бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) омода карда шавад: номи мақола; насаб, ном ва номи падар; номи муассиса; аннотатсия ва калидвожаҳо (аннотатсия на камтар аз **18 сатр** ва калидвожаҳо **то 10** номгӯ);

– дар охири мақола бо ду забон (**русӣ ва англисӣ**) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), номи муассисае, ки дар он муаллиф мехонад, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кор в ё таҳсили муаллиф.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ
Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Молодой исследователь»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microньoft Word, шрифтом Timeнь New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой учится автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 3 и не более 10 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы оформляется следующая информация на трех языках (на таджикском, русском и английском языках): название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 18 строк, ключевые слова до 7 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, название организации, в которой учится (авторы), телефон, e-mail, а также почтовый адрес место учебы автора).

INFORMATION FOR THE AUTHORS
Requirements for scientific articles submitted to the scientific journal "Young researcher»

All submitted scientific journal articles must meet the following requirements: a) the article must be written in compliance with the established requirements; b) the article must be the result of scientific research; c) the article must conform to one of directions (sections) of the journal.

Requirements for registration of scientific articles:

The article should be prepared in Microsoft Word format, Times New Roman font, size 14, margins 2.5 cm on all sides, interval 1.5.

The volume of the article (including the abstract and the list of references) should be within the range of 8 to 10 pages of A4 format.

The article should have the following structure:

- UDC index (the index can be obtained in any scientific library);
- article title;
- surname and initials of the author (for example, D. M. Sharipov);
- name of the organization where the author of the article studies;
- main text of the article;
- when quoting specific material, the references are indicated in square brackets [ ]. Sample: [4, p. 25]. That is, literature #4 and page 25;
- tables, diagrams, diagrams, and drawings should be grouped and numbered. Tables, diagrams, diagrams, and drawings must have a name;
- list of references (no less than 3 and no more than 10 titles of scientific literature). The list of references is made according to the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;
- after the list of references, the following information is made out in three languages (Tajik, Russian and English): the title of the article, the author's full name, the name of the organization, the abstract and keywords (abstract of at least 18 lines, keywords to 7 words or phrases);
- Information about the author in Russian and English (full name of the author, the name of the organization where the author studies, phone number, e-mail, and postal address of the place of study or work of the author are indicated here).

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

Абдуҷалилов С.С. Масоили “ анклав”-ҳо дар равандҳои минтақавии водии Фарғона..... *5*

Иброҳимов А. Нақш ва мақоми созмони ҳамкории исломӣ дар муборизa бар зидди падидаҳои номатлуби замони муосир..... *7*

Исроилова Н.З. Роль исламского фактора в политической деятельности арабского мира…….. *12*

Камолов Р. Ҳадафҳои геополитикии кишварҳои абарқудрат дар Осиёи Марказӣ..... *16*

Каримов П.М. Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) сохтор ва вазифаҳои он..... *22*

Лутфуллоев Х. Информационное пространство и защита государственных интересов Республики Таджикистан…….. *25*

Малика Н. Ташаббуси “Як камарбанд ва як роҳ”-и Ҷумҳурии мардумии Чин..... *30*

Миралиева М.Р. Дипломатияи фарҳангӣ дар паёми солонаи Пешвои миллат..... *33*

Мирзоев Ҷ. Аҳдномаи 23 - юми августи соли 1939…… *37*

Мустафои Т, Нуриддинов Р.Ш. Пешвои миллат – эҳёгари ҳувият ва меъмори ҷомеаи навини Тоҷикистон..... *41*

ФАЛСАФА - ФИЛОСОФИЯ

Назаралиев А. Ҷойгоҳи маърифати интуитивӣ дар таълимоти фалсафии мутафаккирони тоҷику форс..... *47*

Амирхон Ш.Т. Назаршоев Р. Бегонашавии фарҳангӣ ҳамчун мушкилоти ҷомеаи муосир..... *50*

Олимшоев Н.К. Кибертерроризм ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ..... *54*

Раҳмоналиев Б. Маводҳои бадномкунанда дар расонаҳо ҳамчун воситаи муборизa барои ҳокимияти сиёсӣ..... *59*

Ш. Обидёр Дар шароити шаҳр ва деҳот инкишофёбии тафаккури хонандагон..... *63*

ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА - ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА

Холов Ф. Ҳ. Мавқеи ахбори хориҷӣ дар «телевизиони Тоҷикистон»…… *66*

Бегонова С. Шеърҳои сиёсии Жола Бадеъ дар маҷаллаи “Садои Шарқ”..... *69*

Ганҷинаи В. Хабарҳои фразеологӣ дар осори Ҷалол Икромӣ..... *74*

Зуҳурова Д. Ифодаи маънои баҳодиҳии мусбати воҳидҳои фразеологӣ дар эҷодиёти Ӯ. Кӯҳзод.. *78*

Исмоилова С.А. Инъикоси муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкории тоҷикистон бо кишварҳои араб дар сомонаи арабии **“БИ-БИ-СИ”**..... *82*

Калемуллоева М. Зебоишиносии авзони ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ..... *87*

Қурбонова Р. У. Муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Шоҳигарии Баҳрайн. *94*

Лалзад А. Нигоҳе ба адабиёти муқовимат..... *97*

Одилов Ф. Своеобразие поэтики героического в пословицах и поговорках периода великой отечественной войны……. *101*

ИҚТИСОД-ЭКОНОМИКА

Азизмамадова А.А. Омилҳои ташкиливу иқтисодии танзими инфрасохтори босамари фаъолиятбарии минтақаҳои озоди иқтисодии Кӯлоб..... *105*

Сайфуллоев Н.Н., Бобоева А. Дестинатсия ҳамчун омили муҳими ташаккули сайёҳӣ..... *108*

Ғаюров Ғ.Ҳ., Бодуров И.Д. Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва нақши онҳо дар муносибатҳои хоҷагидории муосир..... *112*

Ҷалолов М.Ш. Имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти содирот ва воридотивазкунӣ..... *117*

Зикиров Б. Баҳогузории вазъи муосири тақсимнамоӣ ва истифодабарии хароҷотҳои буҷети давлатӣ..... *122*

Сайфуллоев Н.Н., Исоев А.К. Нақши иқтидорҳои табиӣ – захиравӣ дар ташкили сайёҳӣ..... *127*

Қурбоналиев С.Э. Ҳуҷҷатноккунии ҳаракати дороиҳои ғайримоддӣ..... *131*

Маликзода А. Самтҳои асосии танзими бархурди сабки идоракунии мардона ва занона. Ташаккули фаъолияти сарварӣ байни занон…… *135*

Мирзоева М.Х. Сарчашмаҳои ахбороти баҳисобгирии идоракунии стратегӣ..... *139*

ҲУҚУҚ ВА СИЁСАТ – ПРАВО И ПОЛИТИКА

Қурбонов С.С. Мақоми Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ..... ***142***
Мирзоев Ф. Т. Монеаҳо ва ҳифзи ҳуқуқи маъюбон..... ***148***
Муродалиев М.Э. Мазмуни қобили қабул будани меъёрҳои тактикӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо ***153***
Мухиддинов А.С. Понятие объекта недвижимости..... ***157***
Муҳиддинов Д.А. Истиқлолият рамзи давлатдорӣ ва ватандорист..... ***159***
Наимов С.Р. Танзими давлатӣ дар соҳаи тиб..... ***165***
Неъматова Ҷ.Ҳ. Тамоюли инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон..... ***170***
Мамадзамирова Н.Д. Таҳлили таркиби ҷинояти сохтакории пул ва қоғазҳои қиматноки қалбакӣ..... ***175***
Одинаев И. Марҳалаҳои рушди ташаккули бюрократия дар системаи сиёсии ҷомеа..... ***182***
Пахлавонова Ш. Европейский суд по правам человека..... ***187***
Раҷабов Н. Ҳ. Аҳамияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар миёни принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ..... ***194***
Расулуглу Ҳ. Принсипи салоҳияти шахсӣ..... ***197***
Рахимов Ф.М. Омилҳои асосии болоравии сатҳи коррупсия дар Тоҷикистон ва паёмадҳои манфии он..... ***203***
Раҷабализода Ё. Мафҳум ва моҳияти мақомоти ҳокимияти иҷроия..... ***208***
Раҷабов Э.Т. Таъсири ҳамгирой ва тафриқасозии илмҳо дар усулҳои экспертизаи судӣ..... ***210***
Рустами Р. Возмещение вреда в международном праве..... ***214***
Рустамов А.Х. Таъқиботи ҷиноятӣ ҳамчун функсияи мурофиавии прокурор..... ***218***
Саидов Ҳ.Ш. Дар бораи тартиби таъмини даъво дар мурофиаи граждани..... ***224***
Сайдалиев О.И. Генотсид чун ҷинояти байналмилалӣ..... ***227***
Сайфуллоев М.А. Оиди баъзе масоили ҳуқуқи моликият ба молу мулки умумӣ дар биноҳои бисёрхонагӣ..... ***231***
Сафаров Ф.П. Сотрудничество Республики Таджикистан с влиятельными региональными и глобальными организациями..... ***234***
Сафарзода О.Ҳ. Асосҳои методологии истифодаи донишҳои махсус дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо ба муқобили савдои одамон..... ***241***
Сафаров З.Ш. Иштироки прокурор дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ..... ***246***
Тагоймуродов Б.Р. Таърихи ташаккулёбии гӯш ва сабт кардани гуфтугӯҳои телефонӣ..... ***251***
Умархел М., Шерзод Ё. Ташрифот дар мавриди оғози маъмурияти дипломатӣ..... ***254***
Ҳомидова Ш. Ҳ. Тарафи объективии ҷинояти савдои одамон..... ***260***
Ҷамолов И. Мақомоти прокуратура мафҳум ва аҳамияти функсияҳои он..... ***265***
Ҷаъфаров У.М. Мафҳум ва моҳияти принсипи диспозитивӣ дар ҳуқуқи мурофиавии граждани..... ***269***
Шарипов А. Мафҳуми мақоми хизматчии ҳарбӣ..... ***273***
Шодиева Ш.И. Перспективы внешней дипломатии республики Таджикистан в рамках деятельности в совещание по взаимодействию и мерам доверия в Азии..... ***277***
Эмомалиев Д. Усулҳои танзими ҳуқуқи граждани..... ***282***
Эшонова М. Мавзуъ ва мундариҷаи барномаҳои криминалӣ..... ***284***

ФИЗИКА ВА МАТЕМАТИКА – ФИЗИКА И МАТЕМАТИКА

Раҷабов Н. Гадоев Н. Вобастагии байни муодилаи интегралии Волтера ва муодилаҳои дифференсиалии таназзулёбандаи тартиби ду..... ***289***
Гадоев С.П, Шарипова Н.Т, Сироҷиддинов И.Ш. Барҳӯрди пораҳои ҳастаи кометаи кӯтоҳдаври шумейкерҳо-левӣ – 9 ба сатҳи сайёраи муштарӣ..... ***293***
Гуломов А.М. Физический смысл колебательных координат в теории колебаний многоатомных молекул..... ***297***
Л.Н.Раджабова, Исматов Ф. О некоторых случаях решения интегрального уравнения типа вольтерра с сильно-особой точкой..... ***301***
Ҷалилов Х.М. Мухторов С. Истифодаи пакети матлаб ҷиҳати сохтани амсилаи компютерии муодилаи гармигузаронӣ..... ***303***
Очмас Н., Н.У. Муллоев Усулҳои чен кардани нишондоди шикасти шиша..... ***310***
Сатторов С.А. Рузиев Дж. Р. Наимов Н.А. Сафиев А.Х. Разработка технологии совместной переработки золы углей и углеродфторсодержащих отходов производства алюминия..... ***314***

Хомидов Ф. О., Девонакулов Ш.А., Ниёзов Б.О., Гуломов А. М. Исследование пространственные солитоны в конденсированных сред…… ***324***

ИНФОРМАТИКА-ИНФОРМАТИКА

Саидзода И.М. Гиёев Б.Қ. Тадқиқи компютерии функсияи истеҳсолии Кобб-Дуглас тавассути ҷадвали электронии MS EXCEL..... ***328***
Ҷалилов Х.М. Сайфов И. Амсиласозии масъалаҳои беҳтарнамоӣ дар ҷадвали электронӣ…. ***332***

НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»

2021. №4

Ответственный редактор: **Хакимова С.**

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**